طاجيكي

# Тафсири се пораи охири Қурони карим

(Қад самиъ, Таборак, Ъамма)

Ва бо ҳамроҳияш Аҳкомҳое ки барой ҳар мусулмон муҳим аст

www.tafseer.info

# МУҚАДДИМА

بسم الله الرحمن الرحيم

**Алҳамду лиллоҳи вассалоту вассалому ало саййинидно ва набиййино расулуллоҳ … Аммо баъд**

Бародар ва хоҳари мусалмон, дуруди Худованд бар шумо бод. Бидон, ки ёдгирии чаҳор чиз бар мо воҷиб аст:

❶ **Илм.** Шинохти Худованд субҳонаҳу ва таъоло, Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) ва дини Ислом аст. Зеро бояд Худоро бо илму дониш шинохту парастиш намуд на бо ҷаҳлу нодонӣ. Касе ки чунин амал нанамояд, сарнавишти ӯ ба сӯйи гумроҳӣ ва дар ин амр ҳаммонанди масиҳиён хоҳад буд.

❷ **Амал.** Касе (чизеро) бидонад, аммо (ба он) амал накунад, ҳаммонанди яҳуд хоҳад буд. Зеро онҳо илм доштанд, аммо ба он амал намекарданд. Яке аз ҳиллаҳои шайтон он аст, ки инсонро аз илм дур мекунад, то инсон дар пешгоҳи Худованд ба василаи ҷаҳлу нодониаш узру баҳона биёварад. Инсон намедонист, ки ҳар касе тавоноии ёдгирӣ дошта бошад, аммо онро анҷом надиҳад, дар ҳақиқат ҳуҷҷат бар ӯ тамом шудааст. Қавми Нӯҳ (алайҳиссаллом) ин ҳилларо дар пеш гирифтанд - ангуштҳояшонро дар гӯшашон фурӯ бурданд ва либосҳояшонро поён оварданд (сарашонро комилан пӯшониданд), то ҳуҷҷат бар онҳо иқома нашавад.

❸ **Даъват ба сӯйи Худованд.** Зеро донишмандон ва даъватгарон ворисони паёмбарон ҳастанд. Худованд субҳонаҳу ва таъоло Бани Исроилро лаъну нафрин кард, зеро онҳо ҳамдигарро аз кори хилоф наҳй намекарданд ва ҳатто ҷамъе аз некони онҳо бо сукуту созишкорӣ афроди гуноҳкорро амалан тавшиқ мекарданд. Ба ин тартиб барномаи аъмоли онҳо бисёр зишт ва нописанд буд.

Даъват кардани мардум ба сӯйи Худованд ва омӯзиш додан фарзи кифоя аст. Агар гурӯҳе аз мардум онро анҷом доданд, ҳеч кас гунохкор нахоҳад буд. Аммо агар ҳамаи

мардум аз анҷоми он сар боз бизанад, ҳамагӣ гуноҳкоранд.

**❹Доштани сабру бурдборӣ дар мушкилот ва озорҳо.** Дар ҳамаи мароҳил ёдгирӣ (омӯзиш), амал кардан ба он таълолим ва даъват кардан ба сӯи он (воҷиб аст).

Мо бо ҳадафи мушорикат дар аз байн бурдани ҷаҳлу тасҳили касби илми воҷиб дар ин китоби мухтасар ҳаддалақал (ба таври) кофӣ ва лозим аз улуми шаръиро бо ҳамроҳи се ҷузъи охири Қуръони карим ва тафсири он гирд овардаем. Иллати интихоби ин аҷзо касрати такрори сураҳои он буд. Зеро: ***Оби дарёро агар натвон кашид, ҳам ба қадри ташнагӣ бояд чашид…***

Дар ин кор ҳамаи таъкиду талоши мо бар риояти ихтисор ва аҳодиси саҳиҳи Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) будааст. Мо иддаъо намекунем, ки дар ин кор ба сурати комил амал намудаем, ки (он) камоли яке аз сифоте аст, ки фақат ба Худованд ихтисос дорад. Аммо ин кор талоши ниҳоии инсони камкор аст. Агар ба роҳи савоб рафта бошад, ки ин кор лутфи Худованд аст, вале агар иштибоҳ бошад, ин кор аз худамону шайтон аст ва Худованду Паёмбараш аз он мубарро ҳастанд. Худованд он касро раҳмат кунад, ки айбҳои инсонро бо накди ҳадафманду созанда ба мо ҳадя намояд.

Аз Худованд мехоҳем, ки ба ҳамаи касоне, ки дар таҳия, чоп ва нашри он мушорикат доштанд, беҳтарин подошро иноят фармояд, ин амали ононро бипазирад ва ҷазову подоши ононро музоъаф бигардонад.

Валлоҳу аълам ва саллаллоҳу ва салламу ало саййидино ва набиййино Муҳаммад ва олиҳи ва саҳбиҳи аҷмаъин.

www.tafseer.info Email : tjk@tafseer.info

| № | Мундарича | Сафҳа |
|---|---|---|
| 1. | Муқаддима | 0 |
| 2. | Фазли қироати Қуръон | 3 |
| 3. | Қуръони карим, тафсири мухтасаре аз се чузъи охири Қуръони карим | 6 |
| 4. | Ақида: Суолоти муҳим дар зиндагии инсони мусалмон | 83 |
| 5. | Амалҳои қалб | 114 |
| 6. | Гуфтугӯи ором байни Абдуллоҳ ва Абдуннабӣ! | 135 |
| 7. | Шаҳодатайн - шартҳои ҳафтгонаи шаҳодат - ло илоҳа иллаллоҳ ва шартҳои чаҳоргонаи Муҳаммадур расулуллоҳ | 160 |
| 8. | Таҳорат, қазои ҳочат, шартҳои вузӯ. | 166 |
| 9. | АҲКОМИ ХУНҲОЕ КИ БА ТАВРИ ТАБИӢ АЗ ЗАН ХОРИЧ МЕГАРДАНД | 174 |
| 10. | Зан дар ислом | 179 |
| 11. | Намоз. | 185 |
| 12. | Закот. | 199 |
| 13. | Рӯза. | 205 |
| 14. | ҲАЧ ВА УМРА. | 211 |
| 15. | Фавоид, масоили гуногун. | 222 |
| 16. | Руқия (азоимхонии шаръӣ). | 234 |
| 17. | Дуо ва аҳамияти он. | 245 |
| 18. | Азкор, аҳамияти зикр. | 255 |
| 19. | АВРОДИ РӮЗОНА ДАР ҲАР БОМДОД ВА ШОМ | 257 |
| 20. | Маъмуроти 82 фазоили бо далели ақволу аъмол | 260 |
| 21. | Манҳиёти 64 гуфтору аъмоли бо далели наҳйшуда | 272 |
| 22. | Роҳи оянда, роҳҳои расидани мӯъмин ба биҳишт ва низ. | 279 |
| 23. | Чигунагии вузӯ гирифтан, авсофи вузӯи шомил, қасди вузӯ. | 286 |
| 24. | Чигунагии намоз хондан, авсофи намози комил хондан. | 287 |
| 25. | Зарурати илм ба он амал кардан аст | 289 |

# ФАЗЛИ ТИЛОВАТИ ҚУРЪОН

**Алҳамду лиллоҳи ва-с-салоту ва-с-салому ало саййидино расулуллоҳ, ва ало олиҳи ва саҳбиҳи. Аммо баъд:**

Қуръон каломи Худованд аст ва фазилати он бар соири калом ҳаммонанди фазилати Худованд бар офаридаҳояш аст. Ва қироати он бартарин каломе аст, ки забон барои он ба таҳрик дармеояд.

**Таълим ва таъаллуми Қуръону қироати он дорои фазоили зиёде аст.** Аз ҷумла:

**Подоши таълими Қуръон.** Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: ***“Беҳтарини шумо касе аст, ки Қуръонро ёд мегирад ва онро ёд медиҳад”.***(Бухорӣ).

**Подоши қироати Қуръон**. Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: ***“Ҳар кас аз китоби Худованд ҳарферо бихонад, барои ӯ ҳасанае аст ва дар ивази ҳар ҳасана даҳ баробари он дода мешавад”.***(Тирмизӣ).

**Фазилати ҳофизи Қуръон ва касе, ки дар хондани он моҳир аст.**Паёмбари акрам (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: ***“Мисоли касе, ки Қуръонро мехонад ва ҳофизи он аст, ҷойгоҳи ӯ дар биҳишт бо малоикаи баландмартаба ва нек аст. Ва мисоли касе, ки Қуръон мехонад ва ба он таваҷҷӯҳи вофир дорад ва бар хондани он машаққат мекашад, дорои ду аҷр мебошад”.***(Бухорӣ ва Муслим).

Ва ҳамчунин Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: ***“Ба ҳамнишин ва ёри Қуръон (дар рӯзи қиёмат) гуфта мешавад: Бихон ва боло бирав, Қуръонро бо тартил бихон, ҳамон гуна ки дар дунё тиловат менамудӣ, ҷаро ки ҷойгоҳи ту дар «биҳишт» бо хондани охирин оят мебошад”.***(Тирмизӣ).

Хаттобӣ мегӯяд: «Дар асар (ҳадис) омадааст, ки теъдоди ояҳои Қуръон ба мизони теъдоди дараҷаҳои биҳишт аст. Ба қории Қуръон гуфта мешавад: Аз палаҳои «пушт» боло бирав ба мизоне, ки аз ояҳои Қуръон тиловат кардаӣ. Пас ҳар кас, ки тамоми Қуръонро тиловат намуда, дар охират дар болотарин дараҷаи биҳишт қарор мегирад ва ҳар кас қисмате аз онро хонда, пешрафти ӯ бад-он мизон хоҳад буд. Пас ниҳояти подош ба мувозанаи интиҳои қироат аст”.

**Подоши касе, ки фарзандаш Қуръонро ҳифз мекунад.**

***“Ҳар кас Қуръон бихонад ва онро таълим диҳаду  бад-он амал намояд, бар падару модараш дар рӯзи қиёмат тоҷе аз нур қарор медиҳанд, ки нураш ҳаммонади нури Офтоб аст ва ҷомае бар тани онҳо хоҳанд кард, ки дар дунё «ба хотири гаронбаҳо буданашон» қиматгузорӣ намешаванд. Ва онҳо мегӯянд: Ба хотири чӣ чизе моро ба инҳо пӯшондаед? Гуфта мешавад: Ба хотири Қуръонро ҳифз кардани фарзандат*** ”. (Ҳоким).

**Шафоати Қуръон дар охират барои пайравонаш.** Паёмбари акрам (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: ***“Ҳамоно Қуръон дар рӯзи қиёмат шафиъи пайравонаш аст”.*** (Муслим).

Ва ҳамчунин он ҳазрат (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: ***“Рӯза ва Қуръон барои банда дар рӯзи қиёмат шафоат мекунанд”.*** (Аҳмад ва Ҳоким).

**Подоши касоне, ки барои тиловату мутолиа ва баррасии Қуръон ҷамъ мешаванд.** Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: ***“Гурӯҳе нестанд, ки дар хонае аз хонаҳои Худованди мутаъол ҷамъ мешаванд ва китоби Худоро тиловат мекунанд ва ба мутолиа ва баррасии он машғуланд, магар ин ки оромиш бар онҳо нозил мешавад ва раҳмат онҳоро дар бар мегирад ва малоик ба гирдионон ҳалқа мезананд ва Худованд онҳоро дар назди касе, ки пеши Ӯст, зикр ва ёд мекунад”.***

**Одоби қироати Қуръон**

Ибни Касир бархе аз ин одобро баён мекунад. Аз ҷумла: Қуръон, ба даст гирифта ва хонда нашавад, магар шахс тоҳиру пок бошад ва қабл аз тиловат  (бояд) мисвок бикунад, беҳтарин либосашро бипӯшад, рӯ ба қибла намояд, дар сурати хамёза кашидан аз қироат худдорӣ кунад, қироати худро ба хотири суҳбат намудан ҷуз дар сурати зарурат қатъ нанамояд, ҳузури зеҳн дошта бошад ва дар оятҳои ваъд ва неъмат вақф намояд. Ва аз Худованд хоҳони онҳо бошад ва дар оятҳои ваъид ва хатар низ ба Худованд паноҳ бибарад, Қуръонро ба сурати пароканда бар рӯйи Замин қарор надиҳад, болои он чизе нагузорад, баъзе аз оётро аз баъзеи дигар дар вақти қироат бо садои баландтар нахонад ва дар бозору дигар маконҳои

серодам қироат накунад.

## Чигунагии хондани Қуръон

Аз Анас (разияллоҳу анҳу) дар бораи қироати Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) суол шуд, ӯ гуфт: ***“Эшон дар ҳолати мад, мад медоданд, замоне, ки “Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим”-ро мехонд, “бисмиллоҳ”-ро мад медоданд «ар-раҳмони-р-раҳим»-ро мад медоданд”***. (Бухорӣ).

Музоаф шудани аҷри қироат. Ҳар кас холисона Қуръонро тиловат намояд, маъҷур аст, валекин ин подош дар ҳангоми ҳузури қалб ва тадбиру фаҳми он чи ки тиловат мешавад, чандин баробар ва зиёд мегардад. Ва як ҳарф аз даҳ ҳасана то ҳафтсад баробар бештар мешавад.

## Миқдори қироати Қуръон дар шабу рӯз

Асҳоби Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) ҳар рӯз миқдоре аз Қуръонро барои тиловат кардан таъйин намуда буданд ва ҳаргиз онро камтар аз ҳафт рӯз хатм намекарданд ва ҳатто дар хатми Қуръон дар камтар аз се рӯз наҳй шудааст.

Пас эй бародари бузургвор, бар ғанимат шумурдани вақтат барои қироъати Қуръон ҳарис бош ва барои ҳар рӯз миқдоре аз Қуръонро барои тиловат ихтисос бидеҳ ва дар ҳар сурат онро тарк накун. Ва раҳрав он аст, ки оҳиста ва пайваста равад, на гаҳ тунду гаҳе хаста равад. Ва агар ғофил шудӣ ё дар хоб мондӣ, онро фардо қазо дор, чаро ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: ***“Ҳар кас аз саҳми ҳизбаш дар қироати Қуръон ё аз қисмате аз он дар хоб монд ва натвонист онро ба таври комил қироат намояд, дар байни намози субҳ ва намози зуҳр онро бихонад ва дар аҷри он дар он мавқеъ барои ӯ муъодил дар аҷри қироаташ дар шаб навишта мешавад”.*** (Муслим).

Ва аз касоне мабош, ки Қуръонро тарк намудаанд ва ба ҳар сурате онро фаромӯш кардаанд, монанди тарки қироаташ ё тадаббураш ё амал бадон ё талаби мудово намудан аз он.

# 1. СУРАИ «ФОТИҲА»

Худованд дар ибтидои Қуръон фармуда: «Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим», ки уламо дар бораи он ақволе (гуногун) доранд, вале раъйи саҳеҳ ва қавли садид ин аст, ки ин як оят буда, ки дар ибтидои ҳар сура барои фосила андохтан (дар) байни сураҳо хонда мешавад. Бинобар ин, ояте аз Қуръон аст, вале ояте аз ҳар сура нест, магар (дар) мавриде, ки дар ояи 30-юми сураи «Намл» омадааст.

Ва дар ибтидои сураи «Бароат» хонда намешавад ва оят нест.

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ١ ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٢ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ٣
مَٰلِكِ يَوۡمِ ٱلدِّينِ ٤ إِيَّاكَ نَعۡبُدُ وَإِيَّاكَ نَسۡتَعِينُ ٥ ٱهۡدِنَا ٱلصِّرَٰطَ ٱلۡمُسۡتَقِيمَ
٦ صِرَٰطَ ٱلَّذِينَ أَنۡعَمۡتَ عَلَيۡهِمۡ غَيۡرِ ٱلۡمَغۡضُوبِ عَلَيۡهِمۡ وَلَا ٱلضَّآلِّينَ ٧

1 Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубону бахшоишгар.

2 Ҳамду ситоиш махсуси Худованде аст, ки Парвардгори ҷаҳониён аст.

3 Худованде, ки бахшанда ва бахшоишгар аст ва раҳмати ому хосаш ҳамаро расидааст.

4 Худованде, ки молики рӯзи ҷазо (аст).

5 Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷӯем.

6 Моро ба роҳи рост ҳидоят фармо.

7 Роҳи касоне ҳидоят фармо, ки ононро машмули анвои неъматҳои Худ қарор додӣ (неъмати ҳидоят, неъмати тавфиқ, неъмати илму амал ва ҷиҳоду шаҳодат) на (роҳи) онҳое, ки бар асари аъмоли зишт ва инҳирофи ақида ғазаби Ту домангирашон шуд (яъне яҳуд) ва на онҳо, ки ҷодаи ҳақро раҳо карда, дар бероҳаҳо гумроҳу саргардон шудаанд (яъне насоро).

# 58-СУРАИ «МУҶОДАЛА»

قَدۡ سَمِعَ ٱللَّهُ قَوۡلَ ٱلَّتِي تُجَٰدِلُكَ فِي زَوۡجِهَا وَتَشۡتَكِيٓ إِلَى ٱللَّهِ وَٱللَّهُ يَسۡمَعُ
تَحَاوُرَكُمَآۚ إِنَّ ٱللَّهَ سَمِيعُۢ بَصِيرٌ ١

1 Худованд сухани занеро, ки дар бораи шавҳараш ба ту (Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)) муроҷиат карда буд, шунид. Он зан ба Худованд шикоят мекард. Ин дар ҳоле буд, ки Худованд гуфтугӯйи шумо (ва исрори он зан)-ро (дар ҳалли мушкилаш) мешунид.

ٱلَّذِينَ يُظَٰهِرُونَ مِنكُم مِّن نِّسَآئِهِم مَّا هُنَّ أُمَّهَٰتِهِمۡۖ إِنۡ أُمَّهَٰتُهُمۡ إِلَّا ٱلَّٰٓـِٔي
وَلَدۡنَهُمۡۚ وَإِنَّهُمۡ لَيَقُولُونَ مُنكَرٗا مِّنَ ٱلۡقَوۡلِ وَزُورٗاۚ وَإِنَّ ٱللَّهَ لَعَفُوٌّ غَفُورٞ ٢ وَٱلَّذِينَ
يُظَٰهِرُونَ مِن نِّسَآئِهِمۡ ثُمَّ يَعُودُونَ لِمَا قَالُواْ فَتَحۡرِيرُ رَقَبَةٖ مِّن قَبۡلِ أَن يَتَمَآسَّاۚ
ذَٰلِكُمۡ تُوعَظُونَ بِهِۦۚ وَٱللَّهُ بِمَا تَعۡمَلُونَ خَبِيرٞ ٣ فَمَن لَّمۡ يَجِدۡ فَصِيَامُ شَهۡرَيۡنِ
مُتَتَابِعَيۡنِ مِن قَبۡلِ أَن يَتَمَآسَّاۖ فَمَن لَّمۡ يَسۡتَطِعۡ فَإِطۡعَامُ سِتِّينَ مِسۡكِينٗاۚ ذَٰلِكَ
لِتُؤۡمِنُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦۚ وَتِلۡكَ حُدُودُ ٱللَّهِۗ وَلِلۡكَٰفِرِينَ عَذَابٌ أَلِيمٌ ٤

2 Касоне аз шумо, ки нисбат ба ҳамсаронашон зиҳор мекунанд (яъне занро бар худ ҳаром гардонида вайро ба манзалаи модар баробар меҳисобанд), онон ҳаргиз модаронашон нестанд, модаронашон танҳо касоне ҳастанд, ки онҳоро ба дунё овардаанд. Онҳо сухани зишту ботил мегӯянд ва Худованд бахшанда ва омӯрзанда аст.

3 Касоне ки ҳамсарони худро зиҳор мекунанд, сипас аз гуфтаи худ боз мегарданд, бояд пеш аз омезиши ҷинсӣ онҳо ғуломеро озод кунанд. Ин дастуре аст, ки ба он андарз дода мешавед, Худованд ба он чи анҷом медиҳед огоҳ аст.

4 Ва касе ки қудрати (озод кардани ғуломеро) надошта бошад, ду моҳ паёпай қабл аз омезиш рӯза бигирад. Ва касе, ки инро ҳам натавонад шаст мискинро таъом диҳад. Ин барои он аст, ки ба Худо ва расулаш имон биёваред, инҳо марзҳои илоҳӣ ҳастанд. Ва барои кофирон азоби дардовар аст!

إِنَّ ٱلَّذِينَ يُحَآدُّونَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ كُبِتُواْ كَمَا كُبِتَ ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡۚ وَقَدۡ أَنزَلۡنَآ
ءَايَٰتِۭ بَيِّنَٰتٖۚ وَلِلۡكَٰفِرِينَ عَذَابٞ مُّهِينٞ ٥ يَوۡمَ يَبۡعَثُهُمُ ٱللَّهُ جَمِيعٗا فَيُنَبِّئُهُم بِمَا
عَمِلُوٓاْۚ أَحۡصَىٰهُ ٱللَّهُ وَنَسُوهُۚ وَٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ شَهِيدٌ ٦ أَلَمۡ تَرَ أَنَّ ٱللَّهَ يَعۡلَمُ مَا
فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۖ مَا يَكُونُ مِن نَّجۡوَىٰ ثَلَٰثَةٍ إِلَّا هُوَ رَابِعُهُمۡ وَلَا
خَمۡسَةٍ إِلَّا هُوَ سَادِسُهُمۡ وَلَآ أَدۡنَىٰ مِن ذَٰلِكَ وَلَآ أَكۡثَرَ إِلَّا هُوَ مَعَهُمۡ أَيۡنَ مَا كَانُواْۖ
ثُمَّ يُنَبِّئُهُم بِمَا عَمِلُواْ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِۚ إِنَّ ٱللَّهَ بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمٌ ٧

5 Ҳароина касоне, ки бо Худо ва расулаш душманӣ мекунанд, хору залил шуданд, он гуна ки пешиниёни онҳо хору залил шуданд. Мо оёти рӯшане нозил кардем, барои кофирон азоби хоркунандае (дар қиёмат) аст.

6 Дар он рӯз, ки Худованд ҳамаи онҳоро аз нав зинда мегардонад ва аз аъмоле, ки анҷом додаанд, онҳоро бохабар месозад. Аллоҳ аъмоли онҳоро ҳисоб кардааст, ҳарчанд худ аз ёд бурдаанд ва Аллоҳ бар ҳар чизе шоҳиду нозир аст!

7 Оё надонистаӣ, ки Аллоҳ ҳар чиро ки дар осмонҳову замин аст, медонад? Се кас бо ҳам наҷво (роз, сухани махфӣ) кунанд, Худованд чаҳорумини онҳост ва панҷ кас бошанд, Худованд шашумини онҳост. Ва камтар аз ин,  ҳар ҷо ки бошанд ва бештар аз ин, Аллоҳ бо онҳост. Сипас ҳамаро дар рӯзи қиёмат ба корҳое, ки кардаанд, огоҳ мекунад. ҳароина, Аллоҳ бар ҳама чиз огоҳ аст!

أَلَمۡ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ نُهُواْ عَنِ ٱلنَّجۡوَىٰ ثُمَّ يَعُودُونَ لِمَا نُهُواْ عَنۡهُ وَيَتَنَٰجَوۡنَ
بِٱلۡإِثۡمِ وَٱلۡعُدۡوَٰنِ وَمَعۡصِيَتِ ٱلرَّسُولِۖ وَإِذَا جَآءُوكَ حَيَّوۡكَ بِمَا لَمۡ يُحَيِّكَ بِهِ ٱللَّهُ
وَيَقُولُونَ فِيٓ أَنفُسِهِمۡ لَوۡلَا يُعَذِّبُنَا ٱللَّهُ بِمَا نَقُولُۚ حَسۡبُهُمۡ جَهَنَّمُ يَصۡلَوۡنَهَاۖ
فَبِئۡسَ ٱلۡمَصِيرُ ٨ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا تَنَٰجَيۡتُمۡ فَلَا تَتَنَٰجَوۡاْ بِٱلۡإِثۡمِ
وَٱلۡعُدۡوَٰنِ وَمَعۡصِيَتِ ٱلرَّسُولِ وَتَنَٰجَوۡاْ بِٱلۡبِرِّ وَٱلتَّقۡوَىٰۖ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ ٱلَّذِيٓ إِلَيۡهِ
تُحۡشَرُونَ ٩ إِنَّمَا ٱلنَّجۡوَىٰ مِنَ ٱلشَّيۡطَٰنِ لِيَحۡزُنَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَلَيۡسَ بِضَآرِّهِمۡ
شَيۡـًٔا إِلَّا بِإِذۡنِ ٱللَّهِۚ وَعَلَى ٱللَّهِ فَلۡيَتَوَكَّلِ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ ١٠

8 Оё онҳоро, ки аз наҷво манъ шуда буданд, надидӣ, ки кореро, ки аз он манъ шуда буданд, аз сар гирифтанд ва боз ҳам барои гуноҳу душманӣ ва нофармонӣ аз паёмбар бо ҳам наҷво мекунанд? Ва чун назди ту меоянд, ба гунае туро салом мегӯянд, ки Аллоҳ туро ба он гуна салом нагуфтааст ва дар  дилҳо мегӯянд: «Чаро Аллоҳ моро ба он чӣ мегӯем, азоб намекунад?» Ҷаҳаннам барояшон кофист. Ба он дохил мешаванд ва ин бад саранҷомест!

9 Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме ки наҷво (роз, сухани махфӣ) мекунед ба гуноҳ ва нофармонии Расули Аллоҳ наҷво накунед, балки ба кори нек ва тақво наҷво кунед ва аз Худое, ки ҳамагӣ назди Ӯ ҷамъ мешавед, бипарҳезед.

10 Наҷво танҳо аз сӯйи шайтон аст, мехоҳад бо он мӯъминонро ғамгин созад, вале (бояд бидонанд, ки шайтон) наметавонад ҳеҷ гуна зараре ба онҳо бирасонад, магар ба фармони Худо, пас мӯъминон бояд танҳо бар Худо таваккал кунанд.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا قِيلَ لَكُمۡ تَفَسَّحُواْ فِي ٱلۡمَجَٰلِسِ فَٱفۡسَحُواْ يَفۡسَحِ ٱللَّهُ
لَكُمۡۖ وَإِذَا قِيلَ ٱنشُزُواْ فَٱنشُزُواْ يَرۡفَعِ ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مِنكُمۡ وَٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡعِلۡمَ

دَرَجَٰتٖۚ وَٱللَّهُ بِمَا تَعۡمَلُونَ خَبِيرٞ ١١

11 Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме ки ба шумо гуфта шавад: дар маҷлисҳо ҷой боз кунед, ҷой боз кунед, то Аллоҳ дар кори шумо кушоиш диҳад ва чун гӯянд, ки бархезед, бархезед. Худованд касонеро, ки имон овардаанд ва касонеро, ки илм ба онҳо дода шуда (аст), дараҷоти азиме мебахшад ва Худованд ба он чи анҷом медиҳад, огоҳ аст.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا نَٰجَيۡتُمُ ٱلرَّسُولَ فَقَدِّمُواْ بَيۡنَ يَدَيۡ نَجۡوَىٰكُمۡ صَدَقَةٗۚ ذَٰلِكَ
خَيۡرٞ لَّكُمۡ وَأَطۡهَرُۚ فَإِن لَّمۡ تَجِدُواْ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٌ ١٢ ءَأَشۡفَقۡتُمۡ أَن تُقَدِّمُواْ
بَيۡنَ يَدَيۡ نَجۡوَىٰكُمۡ صَدَقَٰتٖۚ فَإِذۡ لَمۡ تَفۡعَلُواْ وَتَابَ ٱللَّهُ عَلَيۡكُمۡ فَأَقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَ
وَءَاتُواْ ٱلزَّكَوٰةَ وَأَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥۚ وَٱللَّهُ خَبِيرُۢ بِمَا تَعۡمَلُونَ ١٣

12 Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме ки мехоҳед бо Расули Худо наҷво кунед, пеш аз наҷвоятон садақае дар роҳи Худо бидиҳед, ин барои шумо беҳтар ва покизатар аст. Ва агар тавоноӣ надошта бошед, Худованд омӯрзанда ва меҳрубон аст.

13 Оё тарсидед, ки аз додани садақот қабл аз наҷво худдорӣ кунед, камбағал мешавед? Акнун, ки ин корро накардед (ва худ ба тақсири хештан пай бурдед) ва Худованд тавбаи шуморо пазируфт, намозро барпо доред ва закотро адо кунед ва Худо ва Паёмбарашро итоат намоед ва (бидонед) Худованд аз он чи анҷом медиҳед, бохабар аст.

أَلَمۡ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ تَوَلَّوۡاْ قَوۡمًا غَضِبَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِم مَّا هُم مِّنكُمۡ وَلَا مِنۡهُمۡ
وَيَحۡلِفُونَ عَلَى ٱلۡكَذِبِ وَهُمۡ يَعۡلَمُونَ ١٤ أَعَدَّ ٱللَّهُ لَهُمۡ عَذَابٗا شَدِيدًاۖ إِنَّهُمۡ
سَآءَ مَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ١٥ ٱتَّخَذُوٓاْ أَيۡمَٰنَهُمۡ جُنَّةٗ فَصَدُّواْ عَن سَبِيلِ ٱللَّهِ فَلَهُمۡ
عَذَابٞ مُّهِينٞ ١٦ لَّن تُغۡنِيَ عَنۡهُمۡ أَمۡوَٰلُهُمۡ وَلَآ أَوۡلَٰدُهُم مِّنَ ٱللَّهِ شَيۡـًٔاۚ أُوْلَٰٓئِكَ
أَصۡحَٰبُ ٱلنَّارِۖ هُمۡ فِيهَا خَٰلِدُونَ ١٧ يَوۡمَ يَبۡعَثُهُمُ ٱللَّهُ جَمِيعٗا فَيَحۡلِفُونَ لَهُۥ
كَمَا يَحۡلِفُونَ لَكُمۡ وَيَحۡسَبُونَ أَنَّهُمۡ عَلَىٰ شَيۡءٍۚ أَلَآ إِنَّهُمۡ هُمُ ٱلۡكَٰذِبُونَ ١٨
ٱسۡتَحۡوَذَ عَلَيۡهِمُ ٱلشَّيۡطَٰنُ فَأَنسَىٰهُمۡ ذِكۡرَ ٱللَّهِۚ أُوْلَٰٓئِكَ حِزۡبُ ٱلشَّيۡطَٰنِۚ أَلَآ إِنَّ
حِزۡبَ ٱلشَّيۡطَٰنِ هُمُ ٱلۡخَٰسِرُونَ ١٩

14 Оё надидаӣ он касонро (мунофиқонро), ки бо мардуме, ки Аллоҳ бар онҳо хашм гирифта буд, (яҳудиён) дӯстӣ карданд? Инҳо (мунофиқон) на аз шумоянд ва на аз онҳо (яҳудиён). Ва худ медонанд, ки бар дурӯғ савганд мехӯранд.

15 Худованд азоби шадиде барои онҳо (мунофиқон) фароҳам сохтааст, чаро ки онҳо аъмоли баде анҷом медоданд.

16 Онҳо савгандҳои худро сипаре қарор доданд ва мардумро аз

роҳи Худо боздоштанд, аз ин рӯ барои онон (дар дузах) азоби хоркунандае аст.
17 Ҳаргиз амвол ва авлодашон онҳоро аз азоби илоҳӣ ҳифз намекунад, онҳо аҳли оташанд ва ҷовидона дар он мемонанд.
18 Рӯзеро, ки Худованд ҳамаи мунофиқонро бармеангезад (ва аъмолашонро бар онҳо арза медорад ва дар додгоҳи адлаш аз онҳо суол мекунад), вале онон барои Худо низ савганд (ба дурӯғ) ёд мекунанд, ҳамон гуна, ки (имрӯз) барои шумо савганд ёд мекунанд ва гумон мекунанд, ки кореро метавонанд, анҷом диҳанд. Бидонед, ки онҳо дурӯғгӯёнанд.
19 Шайтон бар онҳо мусаллат шуда ва ёди Худоро аз хотири онҳо бурдааст, онон ҳизби шайтонанд, бидонед ҳизби шайтон зиёнкоронанд.

إِنَّ ٱلَّذِينَ يُحَآدُّونَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥٓ أُوْلَٰٓئِكَ فِي ٱلۡأَذَلِّينَ ٢٠ كَتَبَ ٱللَّهُ لَأَغۡلِبَنَّ أَنَا۠
وَرُسُلِيٓۚ إِنَّ ٱللَّهَ قَوِيٌّ عَزِيزٞ ٢١ لَّا تَجِدُ قَوۡمٗا يُؤۡمِنُونَ بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِ
يُوَآدُّونَ مَنۡ حَآدَّ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ وَلَوۡ كَانُوٓاْ ءَابَآءَهُمۡ أَوۡ أَبۡنَآءَهُمۡ أَوۡ إِخۡوَٰنَهُمۡ أَوۡ
عَشِيرَتَهُمۡۚ أُوْلَٰٓئِكَ كَتَبَ فِي قُلُوبِهِمُ ٱلۡإِيمَٰنَ وَأَيَّدَهُم بِرُوحٖ مِّنۡهُۖ وَيُدۡخِلُهُمۡ
جَنَّٰتٖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَاۚ رَضِيَ ٱللَّهُ عَنۡهُمۡ وَرَضُواْ عَنۡهُۚ
أُوْلَٰٓئِكَ حِزۡبُ ٱللَّهِۚ أَلَآ إِنَّ حِزۡبَ ٱللَّهِ هُمُ ٱلۡمُفۡلِحُونَ ٢٢

20 Ҳароина касоне, ки бо Худо ва расулаш душманӣ мекунанд онҳо дар зумраи хоршудагонанд..
21 Аллоҳ чунин муқаррар дошта, ки ман ва расулонам пирӯз мешавем, чаро, ки Худованд қавӣ ва шикастнопазир аст.
22 Ҳеҷ гурӯҳеро, ки имон ба Худо ва рӯзи қиёмат доранд, намеёбӣ ки бо душманони Худо ва расулаш дӯстӣ кунанд. Ҳарчанд падарон ё фарзандон ё бародарон ё хешовандонашон бошанд, онҳо касоне ҳастанд, ки Аллоҳ бар дилашон рақами имон зада ва ба рӯҳе аз худ ёриашон кардааст, Худованд онҳоро дар боғҳое аз биҳишт дохил мекунад, ки наҳрҳо аз зери (дарахтонаш) ҷорӣ аст, ҷовидона дар он мемонанд. Худованд аз онҳо хушнуд аст ва онҳо низ аз Худованд хушнуданд, Инҳо ҳизби Худоянд, огоҳ бош, ки ҳизби Аллоҳ, ҳароина, ноҷотёфтагонанд!

## 59-СУРАИ «ҲАШР»

سَبَّحَ لِلَّهِ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۖ وَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ ١ هُوَ ٱلَّذِيٓ
أَخۡرَجَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِنۡ أَهۡلِ ٱلۡكِتَٰبِ مِن دِيَٰرِهِمۡ لِأَوَّلِ ٱلۡحَشۡرِۚ مَا ظَنَنتُمۡ
أَن يَخۡرُجُواْۖ وَظَنُّوٓاْ أَنَّهُم مَّانِعَتُهُمۡ حُصُونُهُم مِّنَ ٱللَّهِ فَأَتَىٰهُمُ ٱللَّهُ مِنۡ حَيۡثُ لَمۡ
يَحۡتَسِبُواْۖ وَقَذَفَ فِي قُلُوبِهِمُ ٱلرُّعۡبَۚ يُخۡرِبُونَ بُيُوتَهُم بِأَيۡدِيهِمۡ وَأَيۡدِي ٱلۡمُؤۡمِنِينَ

فَٱعۡتَبِرُواْ يَٰٓأُوْلِي ٱلۡأَبۡصَٰرِ ٢ وَلَوۡلَآ أَن كَتَبَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِمُ ٱلۡجَلَآءَ لَعَذَّبَهُمۡ فِي
ٱلدُّنۡيَاۖ وَلَهُمۡ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ عَذَابُ ٱلنَّارِ ٣ ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمۡ شَآقُّواْ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥۖ وَمَن
يُشَآقِّ ٱللَّهَ فَإِنَّ ٱللَّهَ شَدِيدُ ٱلۡعِقَابِ ٤ مَا قَطَعۡتُم مِّن لِّينَةٍ أَوۡ تَرَكۡتُمُوهَا قَآئِمَةً
عَلَىٰٓ أُصُولِهَا فَبِإِذۡنِ ٱللَّهِ وَلِيُخۡزِيَ ٱلۡفَٰسِقِينَ ٥

1 Он чи дар осмонҳо ва замин аст, барои Худо тасбеҳ мегӯянд ва Ӯст пирузманд мағлуб намешавад ва дар офариниши халқаш ҳаким аст.

2 Ӯ (Худованд) касе аст, ки кофирони аҳли китобро дар нахустин бархӯрд (бо мусулмнон) аз хонаҳояшон берун ронд. Шумо ҳаргиз гумон намекардед, ки онҳо (аз ин диёр) хориҷ шаванд ва худашон низ гумон мекарданд, ки қалъаҳои маҳкамашон ононро аз азоби илоҳӣ боз медорад. Аммо Худованд аз он ҷо, ки гумонашро намекарданд бар онҳо азоб овард ва дар дилҳояшон тарсу ваҳшат афканд. Ба гунае, ки хонаҳои худро бо дасти хеш ва бо дасти мӯъминон вайрон мекарданд, пас ибрат бигиред, эй соҳибхирадмандон.

3 Ва агар на ин буд, ки Худованд тарки ватанро бар онон муқаррар дошта буд, онҳоро дар ҳамин дунё муҷозот мекард ва барои онҳо дар охират низ азоби оташ аст.

4 Ин ҷазо (дар дунё ва охират) аз он ҷиҳат домангирашон шуд, ки бо Худо ва расулаш ба душманӣ бархостанд ва ҳар кас ба душманӣ бо Худо бархезад, (Худованд ҷазояш медиҳад, зеро) Худо ҷазои шадиде дорад.

5 Ҳар дарахти боарзиши нахлро қатъ ё онро ба ҳоли худ во гузоштед ҳама ба фармони Худо буд ва ҳадаф ин буд, ки фосиқонро хору расво кунанд.

وَمَآ أَفَآءَ ٱللَّهُ عَلَىٰ رَسُولِهِۦ مِنۡهُمۡ فَمَآ أَوۡجَفۡتُمۡ عَلَيۡهِ مِنۡ خَيۡلٖ وَلَا رِكَابٖ وَلَٰكِنَّ
ٱللَّهَ يُسَلِّطُ رُسُلَهُۥ عَلَىٰ مَن يَشَآءُۚ وَٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٞ ٦ مَّآ أَفَآءَ ٱللَّهُ عَلَىٰ
رَسُولِهِۦ مِنۡ أَهۡلِ ٱلۡقُرَىٰ فَلِلَّهِ وَلِلرَّسُولِ وَلِذِي ٱلۡقُرۡبَىٰ وَٱلۡيَتَٰمَىٰ وَٱلۡمَسَٰكِينِ وَٱبۡنِ
ٱلسَّبِيلِ كَيۡ لَا يَكُونَ دُولَةَۢ بَيۡنَ ٱلۡأَغۡنِيَآءِ مِنكُمۡۚ وَمَآ ءَاتَىٰكُمُ ٱلرَّسُولُ فَخُذُوهُ
وَمَا نَهَىٰكُمۡ عَنۡهُ فَٱنتَهُواْۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۖ إِنَّ ٱللَّهَ شَدِيدُ ٱلۡعِقَابِ ٧

6 Ва он чиро Худо аз онон (яҳуд) ба расулаш бозгардонад, чизе аст, ки шумо барои ба даст овардани он (заҳмате накашидед), на асп тохтеду на шутуре, вале Худованд расулони худро бар ҳар кас бихоҳад, мусаллат месозад ва Худо бар ҳамаи чиз тавоност.

7 Он чиро Худованд аз аҳли ин ободиҳо ба расулаш боз гардонд, аз они Худо ва расул ва хешовандони ӯ ва ятимон ва мустамандон ва дарроҳмондагон аст, то (ин амволи азим) дар миёни сарватмандони шумо даст ба даст нагардад, он чиро

Расули Худо барои шумо оварда, бигиред (ва иҷро кунед) ва он чи наҳй карда, худдорӣ намоед ва аз мухолифати Худо бипарҳезед, ки Худованд азобаш шадид аст.

لِلْفُقَرَآءِ ٱلْمُهَٰجِرِينَ ٱلَّذِينَ أُخْرِجُوا۟ مِن دِيَٰرِهِمْ وَأَمْوَٰلِهِمْ يَبْتَغُونَ فَضْلًا مِّنَ ٱللَّهِ
وَرِضْوَٰنًا وَيَنصُرُونَ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥٓ ۚ أُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلصَّٰدِقُونَ ﴿٨﴾

8 Ин амвол барои фақирони муҳоҷироне аст, ки аз хона ва кошона ва амволи худ берун ронда шуданд. Онҳо фазли Худованд ва ризои Ӯро металабанд ва Худо ва расулашро ёрӣ мекунанд, онҳо ростгӯёнанд.

وَٱلَّذِينَ تَبَوَّءُو ٱلدَّارَ وَٱلْإِيمَٰنَ مِن قَبْلِهِمْ يُحِبُّونَ مَنْ هَاجَرَ إِلَيْهِمْ وَلَا يَجِدُونَ
فِى صُدُورِهِمْ حَاجَةً مِّمَّآ أُوتُوا۟ وَيُؤْثِرُونَ عَلَىٰٓ أَنفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ خَصَاصَةٌ ۚ
وَمَن يُوقَ شُحَّ نَفْسِهِۦ فَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُفْلِحُونَ ﴿٩﴾ وَٱلَّذِينَ جَآءُو مِنۢ بَعْدِهِمْ
يَقُولُونَ رَبَّنَا ٱغْفِرْ لَنَا وَلِإِخْوَٰنِنَا ٱلَّذِينَ سَبَقُونَا بِٱلْإِيمَٰنِ وَلَا تَجْعَلْ فِى قُلُوبِنَا
غِلًّا لِّلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ رَبَّنَآ إِنَّكَ رَءُوفٌ رَّحِيمٌ ﴿١٠﴾

9 Ва барои касоне аст, ки дар ин саро (сарзамини Мадина) ва дар сарои имон пеш аз омадани муҳоҷирон дар диёри худ будаанд, ҳар мусулмонеро ба сӯяшон ҳиҷрат кунад, дӯст доранд ва дар дили худ ниёзе ба он чӣ ба муҳоҷирон дода шуда, эҳсос намекунанд ва онҳоро бар худ муқаддам медоранд, ҳарчанд худашон бисёр ниёзманд бошанд. Ва касоне, ки аз бухлу ҳирси нафси хеш боздошта шудаанд, растагоронанд.

10 (Ҳамчунин) касоне, ки баъд аз онҳо (муҳоҷирон ва ансор) омаданду мегӯянд: Парвардгоро! Мо ва бародаронамонро, ки дар имон бар мо пешӣ гирифтанд, биёмӯрз ва дар дилҳоямон ҳис ва кинае нисбат ба мӯъминон қарор мадеҳ. Парвардгоро, Ту меҳрубон ва бениҳоят бо раҳм ҳастӣ.

أَلَمْ تَرَ إِلَى ٱلَّذِينَ نَافَقُوا۟ يَقُولُونَ لِإِخْوَٰنِهِمُ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ مِنْ أَهْلِ ٱلْكِتَٰبِ لَئِنْ
أُخْرِجْتُمْ لَنَخْرُجَنَّ مَعَكُمْ وَلَا نُطِيعُ فِيكُمْ أَحَدًا أَبَدًا وَإِن قُوتِلْتُمْ
لَنَنصُرَنَّكُمْ وَٱللَّهُ يَشْهَدُ إِنَّهُمْ لَكَٰذِبُونَ ﴿١١﴾ لَئِنْ أُخْرِجُوا۟ لَا يَخْرُجُونَ مَعَهُمْ
وَلَئِن قُوتِلُوا۟ لَا يَنصُرُونَهُمْ وَلَئِن نَّصَرُوهُمْ لَيُوَلُّنَّ ٱلْأَدْبَٰرَ ثُمَّ لَا يُنصَرُونَ ﴿١٢﴾
لَأَنتُمْ أَشَدُّ رَهْبَةً فِى صُدُورِهِم مِّنَ ٱللَّهِ ۚ ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ قَوْمٌ لَّا يَفْقَهُونَ ﴿١٣﴾ لَا
يُقَٰتِلُونَكُمْ جَمِيعًا إِلَّا فِى قُرًى مُّحَصَّنَةٍ أَوْ مِن وَرَآءِ جُدُرٍۭ ۚ بَأْسُهُم بَيْنَهُمْ شَدِيدٌ ۚ
تَحْسَبُهُمْ جَمِيعًا وَقُلُوبُهُمْ شَتَّىٰ ۚ ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمْ قَوْمٌ لَّا يَعْقِلُونَ ﴿١٤﴾ كَمَثَلِ ٱلَّذِينَ مِن
قَبْلِهِمْ قَرِيبًا ۖ ذَاقُوا۟ وَبَالَ أَمْرِهِمْ وَلَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴿١٥﴾ كَمَثَلِ ٱلشَّيْطَٰنِ إِذْ قَالَ

لِلۡإِنسَٰنِ ٱكۡفُرۡ فَلَمَّا كَفَرَ قَالَ إِنِّي بَرِيٓءٞ مِّنكَ إِنِّيٓ أَخَافُ ٱللَّهَ رَبَّ ٱلۡعَٰلَمِينَ
﴿١٦﴾ فَكَانَ عَٰقِبَتَهُمَآ أَنَّهُمَا فِي ٱلنَّارِ خَٰلِدَيۡنِ فِيهَاۚ وَذَٰلِكَ جَزَٰٓؤُاْ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿١٧﴾

11 Оё мунофиқонро надидӣ, ки пайваста ба бародарони кофирашон аз аҳли китоб мегуфтанд: Ҳар гоҳ шуморо (аз Ватан) берун кунанд, мо ҳам бо шумо берун хоҳем рафт ва ҳаргиз сухани ҳеҷ касро дар бораи шумо итоат нахоҳем кард. Ва агар бо шумо ҷангиданд, ҳатман ёриятон хоҳем намуд, Худованд шаҳодат медиҳад, ки онҳо дурӯғгӯёнанд.

12 Агар онҳоро берун кунанд, бо онон берун намераванд ва агар (ба гуфтаи худ амал кунанд ва) ёрияшон кунанд, пушт ба майдон карда фирор мекунанд, сипас касе ононро ёрӣ намекунад.

13 Ваҳшат аз шумо дар дилҳои онҳо беш аз тарс аз Худост, ин ба хотири он аст, ки онҳо гурӯҳе нодонанд.

14 Онҳо ҳаргиз бо шумо ба сурати гурӯҳе намеҷанганд, ҷуз дар қалъаҳои маҳкам ё аз пушти деворҳо. адоваташон дар миёни худашон сахт аст. Онҳоро муттаҳид мепиндорӣ, дар ҳоле ки дилҳояшон пароканда аст, ин ба хотири он аст, ки онҳо мардуме бихирад ва беандешаанд.

15 Монанди онҳое ҳастанд, ки чанде пеш вуболи гуноҳи хешро чашиданд ва ба азоби дардовар низ гирифтор хоҳанд шуд.

16 Монанди шайтон аст, ки ба инсон гуфт: Кофир шав, аммо ҳангоме ки кофир шуд, гуфт: Ман аз ту безорам, ман аз Худованде, ки Парвардгори оламиён аст, бим дорам.

17 Саранҷом корашон ин шуд, ки ҳар ду дар оташи дӯзах хоҳанд буд ҷовидона дар он мемонанд ва ин аст ҷазои ситамкорон.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَلۡتَنظُرۡ نَفۡسٞ مَّا قَدَّمَتۡ لِغَدٖۖ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۚ إِنَّ ٱللَّهَ
خَبِيرُۢ بِمَا تَعۡمَلُونَ ﴿١٨﴾ وَلَا تَكُونُواْ كَٱلَّذِينَ نَسُواْ ٱللَّهَ فَأَنسَىٰهُمۡ أَنفُسَهُمۡۚ أُوْلَٰٓئِكَ
هُمُ ٱلۡفَٰسِقُونَ ﴿١٩﴾ لَا يَسۡتَوِيٓ أَصۡحَٰبُ ٱلنَّارِ وَأَصۡحَٰبُ ٱلۡجَنَّةِۚ أَصۡحَٰبُ ٱلۡجَنَّةِ
هُمُ ٱلۡفَآئِزُونَ ﴿٢٠﴾

18 Эй касоне, ки имон овардаед, аз (мухолифати) Худо бипарҳезед ва ҳар кас бояд бингарад, то барои фардояш чӣ чиз аз пеш фиристодааст? Аз Аллоҳ битарсед, ки Аллоҳ аз он чӣ анҷом медиҳед, огоҳ аст.

19 Ва ҳамчун касоне набошед, ки Худоро фаромӯш карданд ва Худо низ онҳоро ба худфаромӯшӣ гирифтор кард (ба сабаби ин ки Худоро дар осудаҳолӣ ва неъмат фаромӯш карданд, Ӯ низ ононро дар сахтиҳо дучори худфаромӯшӣ гардонид) онҳо фосиқонанд.

20 Ҳаргиз дӯзахиён ва биҳиштиён баробар нестанд, асҳоби биҳишт растагоранд ва пирӯзанд.

لَوْ أَنزَلْنَا هَٰذَا ٱلْقُرْءَانَ عَلَىٰ جَبَلٍ لَّرَأَيْتَهُۥ خَٰشِعًا مُّتَصَدِّعًا مِّنْ خَشْيَةِ ٱللَّهِ ۚ وَتِلْكَ
ٱلْأَمْثَٰلُ نَضْرِبُهَا لِلنَّاسِ لَعَلَّهُمْ يَتَفَكَّرُونَ ﴿٢١﴾ هُوَ ٱللَّهُ ٱلَّذِى لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ۖ عَٰلِمُ
ٱلْغَيْبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ ۖ هُوَ ٱلرَّحْمَٰنُ ٱلرَّحِيمُ ﴿٢٢﴾ هُوَ ٱللَّهُ ٱلَّذِى لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلْمَلِكُ
ٱلْقُدُّوسُ ٱلسَّلَٰمُ ٱلْمُؤْمِنُ ٱلْمُهَيْمِنُ ٱلْعَزِيزُ ٱلْجَبَّارُ ٱلْمُتَكَبِّرُ ۚ سُبْحَٰنَ ٱللَّهِ عَمَّا
يُشْرِكُونَ ﴿٢٣﴾ هُوَ ٱللَّهُ ٱلْخَٰلِقُ ٱلْبَارِئُ ٱلْمُصَوِّرُ ۖ لَهُ ٱلْأَسْمَآءُ ٱلْحُسْنَىٰ ۚ يُسَبِّحُ لَهُۥ مَا
فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۖ وَهُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ ﴿٢٤﴾

21 Агар ин Қуръонро бар кӯҳе нозил мекардем, медидӣ дар баробари он хошиъ мешавад ва аз хавфи Ҳудо мешикофад ва инҳо мисолҳое аст, ки барои мардум мезанем, шояд дар он бияндешед.

22 Ӯ Худое аст, ки маъбуде барҳақ ҷуз Ӯ нест, донои ошкору ниҳон аст ва Ӯ раҳмону раҳим аст.

23 Ӯ Худое аст, ки маъбуде ҷуз Ӯ нест, ҳоким ва молики аслӣ Ӯст, аз ҳар айб муназзаҳ аст, ба касе ситам намекунад, амниятбахш аст ва муроқиби (ҳамаи чиз) аст. Ӯ қудратманди шикастнопазир аст, ки бо иродаи нофизи худ ҳар амреро ислоҳ мекунад ва шоистаи азамат аст. Худованд муназзаҳ аст аз он чӣ шарик барои Ӯ қарор медиҳанд.

24 Ӯ Худованде аст холиқ, офаринандае бесобиқа ва суратгаре беназир, барои Ӯ номҳои нек аст ва он чӣ дар осмонҳо ва замин аст тасбеҳи Ӯ мегӯянд ва Ӯ азизу ҳаким аст.

# 60-СУРАИ «МУМТАҲИНА»

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ لَا تَتَّخِذُوا۟ عَدُوِّى وَعَدُوَّكُمْ أَوْلِيَآءَ تُلْقُونَ إِلَيْهِم بِٱلْمَوَدَّةِ
وَقَدْ كَفَرُوا۟ بِمَا جَآءَكُم مِّنَ ٱلْحَقِّ يُخْرِجُونَ ٱلرَّسُولَ وَإِيَّاكُمْ ۙ أَن تُؤْمِنُوا۟
بِٱللَّهِ رَبِّكُمْ إِن كُنتُمْ خَرَجْتُمْ جِهَٰدًا فِى سَبِيلِى وَٱبْتِغَآءَ مَرْضَاتِى ۚ تُسِرُّونَ إِلَيْهِم
بِٱلْمَوَدَّةِ وَأَنَا۠ أَعْلَمُ بِمَآ أَخْفَيْتُمْ وَمَآ أَعْلَنتُمْ ۚ وَمَن يَفْعَلْهُ مِنكُمْ فَقَدْ ضَلَّ سَوَآءَ
ٱلسَّبِيلِ ﴿١﴾ إِن يَثْقَفُوكُمْ يَكُونُوا۟ لَكُمْ أَعْدَآءً وَيَبْسُطُوٓا۟ إِلَيْكُمْ أَيْدِيَهُمْ
وَأَلْسِنَتَهُم بِٱلسُّوٓءِ وَوَدُّوا۟ لَوْ تَكْفُرُونَ ﴿٢﴾ لَن تَنفَعَكُمْ أَرْحَامُكُمْ وَلَآ
أَوْلَٰدُكُمْ ۚ يَوْمَ ٱلْقِيَٰمَةِ يَفْصِلُ بَيْنَكُمْ ۚ وَٱللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ بَصِيرٌ ﴿٣﴾

1 Эй касоне, ки имон овардаед, душмани Ман ва душмани худатонро дӯст нагиред, шумо нисбат ба онҳо изҳори муҳаббат мекунед, дар ҳоле ки онҳо ба он чӣ аз ҳақ барои шумо омада (Ислом ва Қуръон) кофир шудаанд. Ва расули Худо ва шуморо ба хотири имон ба Худованде, ки Парвардгори ҳамаи шумост, аз шаҳру диёратон берун меронанд. Агар барои ҷиҳод дар роҳи Ман ва талаби ризои Ман берун омадаед, дар ниҳон бо онҳо

дӯстӣ макунед ва Ман  ба ҳар чӣ пинҳон медоред ё ошкор месозед огоҳтарам. Ва ҳар кӣ  чунин мекунад, аз роҳи рост гумроҳ гаштааст.
(2) Агар бар шумо зафар ёбанд, бароятон душман бошанд ва барои озор доданатон дасту забон мекушоянд, (яъне, бо латукӯб, қатл ва дашном ва монанди он) ва низ дӯст доранд, ки шумо кофир гардед.
(3) Ҳаргиз хешовандон ва фарзандони шумо ба шумо дар рӯзи қиёмат чизеро фоида намерасонанд, Аллоҳ миёни шумо ҷудоӣ меафканад. Аллоҳ, ба он чи анҷом медиҳед биност.

قَدْ كَانَتْ لَكُمْ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ فِيٓ إِبْرَٰهِيمَ وَٱلَّذِينَ مَعَهُۥٓ إِذْ قَالُواْ لِقَوْمِهِمْ إِنَّا بُرَءَٰٓؤُاْ
مِنكُمْ وَمِمَّا تَعْبُدُونَ مِن دُونِ ٱللَّهِ كَفَرْنَا بِكُمْ وَبَدَا بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمُ ٱلْعَدَٰوَةُ
وَٱلْبَغْضَآءُ أَبَدًا حَتَّىٰ تُؤْمِنُواْ بِٱللَّهِ وَحْدَهُۥٓ إِلَّا قَوْلَ إِبْرَٰهِيمَ لِأَبِيهِ لَأَسْتَغْفِرَنَّ لَكَ
وَمَآ أَمْلِكُ لَكَ مِنَ ٱللَّهِ مِن شَيْءٖۖ رَّبَّنَا عَلَيْكَ تَوَكَّلْنَا وَإِلَيْكَ أَنَبْنَا وَإِلَيْكَ ٱلْمَصِيرُ
٤ رَبَّنَا لَا تَجْعَلْنَا فِتْنَةٗ لِّلَّذِينَ كَفَرُواْ وَٱغْفِرْ لَنَا رَبَّنَآۖ إِنَّكَ أَنتَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ
٥ لَقَدْ كَانَ لَكُمْ فِيهِمْ أُسْوَةٌ حَسَنَةٞ لِّمَن كَانَ يَرْجُواْ ٱللَّهَ وَٱلْيَوْمَ ٱلْأٓخِرَۚ وَمَن
يَتَوَلَّ فَإِنَّ ٱللَّهَ هُوَ ٱلْغَنِيُّ ٱلْحَمِيدُ ٦

(4) Барои шумо сармашқи хӯбе дар зиндагии Иброҳим ва касоне, ки бо ӯ буданд вуҷуд дошт, дар он ҳангоме ки ба қавми (мушрики) худ гуфтанд: Мо аз шумо ва он чӣ ғайр аз Худо мепарастед безорем, мо ба шумо кофир ва мункир шудаем ва миёни мову шумо адоват ва душмании ҳамешагӣ падид омад, то ба вақте ки фақат ба Аллоҳ имон оваред," магар дар ин сухани Иброҳим ба падараш, (Озар гуфт,) ки ҳатман барои ту омӯрзиш талаб мекунам зеро наметавонам азоби Аллоҳро аз ту дафъ кунам. Парвардигоро! Бар Ту таваккал кардаем ва ба Ту рӯй овардаем ва бозгашти ҳама рӯзи қиёмат ба сӯи Туст.
(5) Эй Парвардигори мо, моро  зердасти кофирон магардон. Ва (гуноҳони) моро  биёмӯрз, ки ҳароина, Ту пирӯзманду ҳакимӣ!
(6) Барои шумо (эй мусулмонон) дар зиндагии онҳо (Иброҳим ва пайравонаш) сармашқи некӯе ҳаст, барои касоне, ки умед ба Худо ва рӯзи қиёмат доранд ва ҳар кӣ рӯй гардонад пас албатта, Аллоҳ аз бандагонаш бениёз аст ва  дар зоту сифоти худ сутуда аст!

عَسَى ٱللَّهُ أَن يَجْعَلَ بَيْنَكُمْ وَبَيْنَ ٱلَّذِينَ عَادَيْتُم مِّنْهُم مَّوَدَّةٗۚ وَٱللَّهُ قَدِيرٞۚ وَٱللَّهُ
غَفُورٞ رَّحِيمٞ ٧ لَّا يَنْهَىٰكُمُ ٱللَّهُ عَنِ ٱلَّذِينَ لَمْ يُقَٰتِلُوكُمْ فِي ٱلدِّينِ وَلَمْ
يُخْرِجُوكُم مِّن دِيَٰرِكُمْ أَن تَبَرُّوهُمْ وَتُقْسِطُوٓاْ إِلَيْهِمْۚ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلْمُقْسِطِينَ ٨
إِنَّمَا يَنْهَىٰكُمُ ٱللَّهُ عَنِ ٱلَّذِينَ قَٰتَلُوكُمْ فِي ٱلدِّينِ وَأَخْرَجُوكُم مِّن دِيَٰرِكُمْ

وَظَٰهَرُواْ عَلَىٰٓ إِخۡرَاجِكُمۡ أَن تَوَلَّوۡهُمۡۚ وَمَن يَتَوَلَّهُمۡ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلظَّٰلِمُونَ ٩

7 Умед аст, ки Худо миёни шумо ва касоне аз мушрикон, ки бо шумо душманӣ карданд (тавфиқ ба Ислом додa), пайванди муҳаббат барқарор кунад ва Худованд тавоност ва омӯрзандаву меҳрубон аст.

8 Худо шуморо аз некӣ кардан ва риояти адолат нисбат ба касоне, ки бо шумо дар амри дин ҷанг накарданд ва шуморо аз хона ва диёратон берун наронанд, наҳй намекунад, чаро ки Худованд адолатпешагонро дӯст дорад.

9 Танҳо шуморо аз дӯстӣ ва робита бо касоне наҳй мекунад, ки дар амри дин бо шумо ҷанг карданд ва шуморо аз хонаҳоятон берун ронданд, ё ба берун рондани шумо кӯмак карданд ва ҳар кас бо онон робитаи дӯстӣ дошта бошад, золим ва ситамгар аст.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا جَآءَكُمُ ٱلۡمُؤۡمِنَٰتُ مُهَٰجِرَٰتٖ فَٱمۡتَحِنُوهُنَّۖ ٱللَّهُ
أَعۡلَمُ بِإِيمَٰنِهِنَّۖ فَإِنۡ عَلِمۡتُمُوهُنَّ مُؤۡمِنَٰتٖ فَلَا تَرۡجِعُوهُنَّ إِلَى ٱلۡكُفَّارِۖ لَا هُنَّ
حِلّٞ لَّهُمۡ وَلَا هُمۡ يَحِلُّونَ لَهُنَّۖ وَءَاتُوهُم مَّآ أَنفَقُواْۚ وَلَا جُنَاحَ عَلَيۡكُمۡ أَن
تَنكِحُوهُنَّ إِذَآ ءَاتَيۡتُمُوهُنَّ أُجُورَهُنَّۚ وَلَا تُمۡسِكُواْ بِعِصَمِ ٱلۡكَوَافِرِ وَسۡـَٔلُواْ مَآ
أَنفَقۡتُمۡ وَلۡيَسۡـَٔلُواْ مَآ أَنفَقُواْۚ ذَٰلِكُمۡ حُكۡمُ ٱللَّهِ يَحۡكُمُ بَيۡنَكُمۡۖ وَٱللَّهُ عَلِيمٌ
حَكِيمٞ ١٠ وَإِن فَاتَكُمۡ شَيۡءٞ مِّنۡ أَزۡوَٰجِكُمۡ إِلَى ٱلۡكُفَّارِ فَعَاقَبۡتُمۡ فَـَٔاتُواْ
ٱلَّذِينَ ذَهَبَتۡ أَزۡوَٰجُهُم مِّثۡلَ مَآ أَنفَقُواْۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ ٱلَّذِيٓ أَنتُم بِهِۦ مُؤۡمِنُونَ ١١

10 Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме ки занони боимон ба унвони ҳиҷрат назди шумо оянд, онҳоро (аз худ наронед, балки) озмоиш кунед, Худованд ба имонашон огоҳтар аст. Ҳар гоҳ онҳоро мӯъмин ёфтед. онҳоро ба сӯйи куффор боз нагардонед, на онҳо бар куффор ҳалоланд ва на куффор барои онҳо ҳалол ва онҷиро ҳамсарони онҳо (барои издивоҷ бо ин занон) пардохтаанд ба онон бипардозед ва гуноҳе бар шумо нест, ки бо онҳо издивоҷ кунед, ҳар гоҳ маҳрашонро ба онон бидиҳед ва ҳаргиз занони кофирро дар ҳамсарии худ нигаҳ надоред. Ҳақ доред маҳреро, ки пардохтаед, талаб кунед, ҳамон гуна ки онҳо ҳақ доранд маҳри (занонашонро, ки аз онон ҷудо шудаанд) аз шумо талаб кунанд, ин ҳукми Худованд аст, ки дар миёни шумо ҳукм мекунад ва Худованд донову ҳаким аст.

11 Ва агар баъзе аз ҳамсарони шумо аз дастатон бираванд (исломро раҳо карда ба куффор пайвананд) ва шумо дар ҷанге бар онҳо пирӯз шудед ва ғаноиме ба даст гирифтед, ба касоне, ки ҳамсаронашон рафтаанд, ҳаммонанди маҳреро, ки пардохтаанд, (аз ғаноим) бидиҳед ва аз (мухолифати) Худованд, ки ҳама ба Ӯ имон доред, бипарҳезед.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِيُّ إِذَا جَآءَكَ ٱلۡمُؤۡمِنَٰتُ يُبَايِعۡنَكَ عَلَىٰٓ أَن لَّا يُشۡرِكۡنَ بِٱللَّهِ شَيۡـٔٗا
وَلَا يَسۡرِقۡنَ وَلَا يَزۡنِينَ وَلَا يَقۡتُلۡنَ أَوۡلَٰدَهُنَّ وَلَا يَأۡتِينَ بِبُهۡتَٰنٖ يَفۡتَرِينَهُۥ بَيۡنَ
أَيۡدِيهِنَّ وَأَرۡجُلِهِنَّ وَلَا يَعۡصِينَكَ فِي مَعۡرُوفٖ فَبَايِعۡهُنَّ وَٱسۡتَغۡفِرۡ لَهُنَّ ٱللَّهَۚ إِنَّ
ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ﴿١٢﴾ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تَتَوَلَّوۡاْ قَوۡمًا غَضِبَ ٱللَّهُ عَلَيۡهِمۡ
قَدۡ يَئِسُواْ مِنَ ٱلۡأٓخِرَةِ كَمَا يَئِسَ ٱلۡكُفَّارُ مِنۡ أَصۡحَٰبِ ٱلۡقُبُورِ ﴿١٣﴾

12 Эй паёмбар, ҳангоме ки занони мӯъмин назди ту оянд ва бо ту байъат кунанд, ки чизеро шарики Худо қарор надиҳанд, дуздӣ ва зино накунанд, фарзандони худро накушанд, тӯҳмат ва ифтирое пеши дасту пойи худ наёваранд ва дар ҳеҷ кори шоистае мухолифат ва нофармонии ту накунанд, бо онҳо байъат кун ва барои онҳо аз даргоҳи Худованд омӯрзиш биталаб, ки Худованд омӯрзанда ва меҳрубон аст.

13 Эй касоне, ки имон овардаед, бо қавме, ки Худованд ононро мавриди ғазаб қарор дода, дӯстӣ накунед. Инон аз (наҷот дар) охират маъюсанд, ҳамон гуна, ки кофирони мадфун дар қабрҳо маъюс мебошанд.

# 61-СУРАИ «САФ»

سَبَّحَ لِلَّهِ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۖ وَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ ﴿١﴾ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ
ءَامَنُواْ لِمَ تَقُولُونَ مَا لَا تَفۡعَلُونَ ﴿٢﴾ كَبُرَ مَقۡتًا عِندَ ٱللَّهِ أَن تَقُولُواْ مَا لَا تَفۡعَلُونَ
﴿٣﴾ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلَّذِينَ يُقَٰتِلُونَ فِي سَبِيلِهِۦ صَفّٗا كَأَنَّهُم بُنۡيَٰنٞ مَّرۡصُوصٞ ﴿٤﴾

1 Он чи дар осмонҳо ва он чи дар Замин аст, ҳама тасбеҳи Худо мегӯянд, Ӯ шикастнопазир ва ҳаким аст.

2 Эй касоне, ки имон овардаед, чаро сухане мегӯед, ки (ба он) амал намекунед?

3 Назди Худо бисёр муҷиби хашм аст, ки сухане бигӯед, ки (ба он) амал намекунед.

4 Худованд касонеро дӯст медорад, ки дар роҳи Ӯ меҷанганд гӯё сохтмони маҳкам ва устуворанд.

وَإِذۡ قَالَ مُوسَىٰ لِقَوۡمِهِۦ يَٰقَوۡمِ لِمَ تُؤۡذُونَنِي وَقَد تَّعۡلَمُونَ أَنِّي رَسُولُ ٱللَّهِ إِلَيۡكُمۡۖ فَلَمَّا
زَاغُوٓاْ أَزَاغَ ٱللَّهُ قُلُوبَهُمۡۚ وَٱللَّهُ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلۡفَٰسِقِينَ ﴿٥﴾ وَإِذۡ قَالَ عِيسَى ٱبۡنُ مَرۡيَمَ
يَٰبَنِيٓ إِسۡرَٰٓءِيلَ إِنِّي رَسُولُ ٱللَّهِ إِلَيۡكُم مُّصَدِّقٗا لِّمَا بَيۡنَ يَدَيَّ مِنَ ٱلتَّوۡرَىٰةِ وَمُبَشِّرَۢا
بِرَسُولٖ يَأۡتِي مِنۢ بَعۡدِي ٱسۡمُهُۥٓ أَحۡمَدُۖ فَلَمَّا جَآءَهُم بِٱلۡبَيِّنَٰتِ قَالُواْ هَٰذَا سِحۡرٞ مُّبِينٞ ﴿٦﴾

5 Ба ёд ор, (эй Паёмбар) чун Мӯсо ба қавмаш гуфт: Эй қавми ман, чаро маро озор медиҳед бо ин, ки медонед ман фиристодаи Худо ба сӯйи шумо ҳастам? Ҳангоме ки онҳо аз ҳақ рӯй гардониданд, Аллоҳ низ дилҳояшонро аз қабули ҳақ бигардонид.

ва Аллоҳ фосиқонро ҳидоят намекунад.

6 Ва (ба ёд ор эй Паёмбар), чун Исо писари Марям гуфт: Эй Бани Исроил, ҳароина, ман фиристодаи Худо ба сӯи шумо ҳастам, Тавротеро, ки пеш аз ман будааст, тасдиқ мекунам ва ба паёмбаре, ки баъд аз ман меояд ва номаш Аҳмад аст, хушхабаратон медиҳам». Чун он Муҳаммад (саллаллоху алайҳи ва саллам) бо оёти равшани худ омад, гуфтанд: «Ин чизе, ки овардаӣ ба мо, ҷодуи ошкорест!»

وَمَنْ أَظْلَمُ مِمَّنِ ٱفْتَرَىٰ عَلَى ٱللَّهِ ٱلْكَذِبَ وَهُوَ يُدْعَىٰٓ إِلَى ٱلْإِسْلَٰمِ ۚ وَٱللَّهُ لَا
يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلظَّٰلِمِينَ ﴿٧﴾ يُرِيدُونَ لِيُطْفِـُٔوا۟ نُورَ ٱللَّهِ بِأَفْوَٰهِهِمْ وَٱللَّهُ مُتِمُّ
نُورِهِۦ وَلَوْ كَرِهَ ٱلْكَٰفِرُونَ ﴿٨﴾ هُوَ ٱلَّذِىٓ أَرْسَلَ رَسُولَهُۥ بِٱلْهُدَىٰ وَدِينِ ٱلْحَقِّ
لِيُظْهِرَهُۥ عَلَى ٱلدِّينِ كُلِّهِۦ وَلَوْ كَرِهَ ٱلْمُشْرِكُونَ ﴿٩﴾

7 Чӣ касе золимтар аст аз он касе, ки бар Худо дурӯғ баста, дар ҳоле ки ӯро даъват ба Ислом мекунанд, ва Худованд гурӯҳи ситамкоронро ҳидоят намекунад.

8 Онон мехоҳанд нури Худоро бо даҳони худ хомӯш созанд, вале Худованд нури худро комил мекунад, агарчи кофиронро нохуш ояд.

9 Ӯ касе аст, ки расули худро бо ҳидоят ва дини ҳақ фиристод, то ӯро бар ҳамаи адён ғолиб созад, ҳарчанд мушриконро нохуш ояд.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ هَلْ أَدُلُّكُمْ عَلَىٰ تِجَٰرَةٍ تُنجِيكُم مِّنْ عَذَابٍ أَلِيمٍ ﴿١٠﴾
تُؤْمِنُونَ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَتُجَٰهِدُونَ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ بِأَمْوَٰلِكُمْ وَأَنفُسِكُمْ
ذَٰلِكُمْ خَيْرٌ لَّكُمْ إِن كُنتُمْ تَعْلَمُونَ ﴿١١﴾ يَغْفِرْ لَكُمْ ذُنُوبَكُمْ وَيُدْخِلْكُمْ
جَنَّٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ وَمَسَٰكِنَ طَيِّبَةً فِى جَنَّٰتِ عَدْنٍ ۚ ذَٰلِكَ ٱلْفَوْزُ
ٱلْعَظِيمُ ﴿١٢﴾ وَأُخْرَىٰ تُحِبُّونَهَا ۖ نَصْرٌ مِّنَ ٱللَّهِ وَفَتْحٌ قَرِيبٌ ۗ وَبَشِّرِ ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴿١٣﴾

10 Эй касоне, ки имон овардаед, оё шуморо ба тиҷорате роҳнамоӣ кунам, ки шуморо аз азоби дарднок раҳоӣ мебахшад?

11 Ва он ин ки ба Худо ва расулаш имон биёваред ва бо амволу ҷонҳоятон дар роҳи Худо ҷиҳод кунед, ин барои шумо (аз ҳар чиз) беҳтар аст, агар бидонед.

12 Гуноҳонатонро мебахшад ва шуморо дар боғҳое аз биҳишт дохил мекунад, ки наҳрҳо аз зери дарахтонаш ҷорӣ аст ва дар масканҳои покиза дар биҳишти ҷовидон ҷой медиҳад ва ин пирӯзии азим аст.

13 Ва (неъмати) дигаре, ки онро дӯст доред, ба шумо мебахшад ва он ёрии Худованд ва пирӯзӣ наздик аст ва мӯъминонро башорат деҳ.

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ كُونُوٓا۟ أَنصَارَ ٱللَّهِ كَمَا قَالَ عِيسَى ٱبْنُ مَرْيَمَ
لِلْحَوَارِيِّـۧنَ مَنْ أَنصَارِىٓ إِلَى ٱللَّهِ ۖ قَالَ ٱلْحَوَارِيُّونَ نَحْنُ أَنصَارُ ٱللَّهِ ۖ فَـَٔامَنَت
طَّآئِفَةٌ مِّنۢ بَنِىٓ إِسْرَٰٓءِيلَ وَكَفَرَت طَّآئِفَةٌ ۖ فَأَيَّدْنَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ عَلَىٰ عَدُوِّهِمْ
فَأَصْبَحُوا۟ ظَـٰهِرِينَ ﴿١٤﴾

14 Эй касоне, ки имон овардаед, нусратдиҳандагони дини Худо бошед, ҳамон гуна, ки Исо писари Марям ба ёрони хоси худ гуфт: Чӣ касоне дар роҳи Худо нусратдиҳандагони ман ҳастед? Ва он ёрони хос (дар посух бо ниҳояти ифтихор) гуфтанд: Мо нусратдиҳандагони Худоем, дар ин ҳангом гурӯҳе аз Бани Исроил имон оварданд ва гурӯҳе кофир шуданд, Мо касонеро, ки имон оварда буданд бар душманони худ қувват додем, пас бар онҳо ғолиб шуданд.

## 62-СУРАИ «ҶУМЪА»

يُسَبِّحُ لِلَّهِ مَا فِى ٱلسَّمَـٰوَٰتِ وَمَا فِى ٱلْأَرْضِ ٱلْمَلِكِ ٱلْقُدُّوسِ ٱلْعَزِيزِ ٱلْحَكِيمِ
﴿١﴾ هُوَ ٱلَّذِى بَعَثَ فِى ٱلْأُمِّيِّـۧنَ رَسُولًا مِّنْهُمْ يَتْلُوا۟ عَلَيْهِمْ ءَايَـٰتِهِۦ وَيُزَكِّيهِمْ
وَيُعَلِّمُهُمُ ٱلْكِتَـٰبَ وَٱلْحِكْمَةَ وَإِن كَانُوا۟ مِن قَبْلُ لَفِى ضَلَـٰلٍ مُّبِينٍ ﴿٢﴾
وَءَاخَرِينَ مِنْهُمْ لَمَّا يَلْحَقُوا۟ بِهِمْ ۚ وَهُوَ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ ﴿٣﴾ ذَٰلِكَ فَضْلُ ٱللَّهِ
يُؤْتِيهِ مَن يَشَآءُ ۚ وَٱللَّهُ ذُو ٱلْفَضْلِ ٱلْعَظِيمِ ﴿٤﴾

1 Он чи дар осмонҳо ва он чи дар Замин аст, барои Худо тасбеҳ мегӯянд, Худованде, ки молику ҳоким аст ва аз ҳар айб ва нуқсе мубаррост ва азизу ҳаким аст.

2 Ӯ касе аст, ки дар миёни ҷамъияти дарснахонда расуле аз худашон барангехт, ки оёташро бар онҳо мехонад, онҳоро тазкия мекунад ва ба онҳо китоб (Қуръон) ва ҳикмат меомӯзад, ҳарчанд пеш аз он дар гумроҳии ошкоре буданд.

3 Ва низ ин паёмбар фиристода шудааст бар гурӯҳи дигаре, (аз араб ва ғайри араб) ки ҳанӯз бо онҳо напайвастаанд (ва ба дунё наомадаанд) ва Ӯ пирӯзманду ҳаким аст.

4 Ин фазли Худост, ки ба ҳар кас бихоҳад (ва шоиста бидонад) мебахшад ва Худованд соҳиби фазли азим аст.

مَثَلُ ٱلَّذِينَ حُمِّلُوا۟ ٱلتَّوْرَىٰةَ ثُمَّ لَمْ يَحْمِلُوهَا كَمَثَلِ ٱلْحِمَارِ يَحْمِلُ أَسْفَارًۢا ۚ بِئْسَ
مَثَلُ ٱلْقَوْمِ ٱلَّذِينَ كَذَّبُوا۟ بِـَٔايَـٰتِ ٱللَّهِ ۚ وَٱللَّهُ لَا يَهْدِى ٱلْقَوْمَ ٱلظَّـٰلِمِينَ ﴿٥﴾ قُلْ
يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ هَادُوٓا۟ إِن زَعَمْتُمْ أَنَّكُمْ أَوْلِيَآءُ لِلَّهِ مِن دُونِ ٱلنَّاسِ فَتَمَنَّوُا۟ ٱلْمَوْتَ
إِن كُنتُمْ صَـٰدِقِينَ ﴿٦﴾ وَلَا يَتَمَنَّوْنَهُۥٓ أَبَدًۢا بِمَا قَدَّمَتْ أَيْدِيهِمْ ۚ وَٱللَّهُ عَلِيمٌۢ
بِٱلظَّـٰلِمِينَ ﴿٧﴾ قُلْ إِنَّ ٱلْمَوْتَ ٱلَّذِى تَفِرُّونَ مِنْهُ فَإِنَّهُۥ مُلَـٰقِيكُمْ ۖ ثُمَّ تُرَدُّونَ إِلَىٰ

عَٰلِمِ ٱلۡغَيۡبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ فَيُنَبِّئُكُم بِمَا كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَ ٨

5 Касоне, ки мукаллаф ба Таврот шуданд, вале ҳаққи онро адо накарданд, монанди харе ҳастанд, ки китобҳоеро бар пушт бор мекунад (ва намедонад дар он чист). Гурӯҳе, ки оёти Худоро инкор карданд, мисоли баде доранд ва Худованд қавми ситамгарро ҳидоят намекунад.

6 Бигӯ: Эй яҳудиён, агар гумон мекунед, ки (фақат) шумо дӯстони Худоед на соири мардум, пас орзуи марг кунед, агар рост мегӯед.

7 Вале онон ҳаргиз таманнои марг намекунанд, ба хотири аъмоле, ки аз пеш фиристодаанд, Аллоҳ аз ҳоли ситамкорон доност.

8 Бигӯ: Ин марге, ки аз он фирор мекунед, ҳатман бо шумо мулоқот хоҳад кард, сипас ба сӯйи касе, ки донои пинҳон ва ошкор аст бозгардонанда мешавед, он гоҳ шуморо аз он чи анҷом медодед, хабар медиҳад.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِذَا نُودِيَ لِلصَّلَوٰةِ مِن يَوۡمِ ٱلۡجُمُعَةِ فَٱسۡعَوۡاْ إِلَىٰ ذِكۡرِ ٱللَّهِ وَذَرُواْ
ٱلۡبَيۡعَۚ ذَٰلِكُمۡ خَيۡرٞ لَّكُمۡ إِن كُنتُمۡ تَعۡلَمُونَ ٩ فَإِذَا قُضِيَتِ ٱلصَّلَوٰةُ فَٱنتَشِرُواْ فِي
ٱلۡأَرۡضِ وَٱبۡتَغُواْ مِن فَضۡلِ ٱللَّهِ وَٱذۡكُرُواْ ٱللَّهَ كَثِيرٗا لَّعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ١٠

9 Эй касоне, ки имон овардаед, ҳангоме ки барои намози ҷумъа азон гуфта мешавад, ба сӯйи зикри Худо (хутба ва намоз) биштобед ва хариду фурӯшро раҳо кунед, ин барои шумо беҳтар аст, агар медонистед.

10 Ва ҳангоме ки намоз поён гирифт, дар Замин пароканда шавед ва аз фазли Худо биталабед ва Худоро бисёр ёд кунед, шояд растагор шавед.

وَإِذَا رَأَوۡاْ تِجَٰرَةً أَوۡ لَهۡوًا ٱنفَضُّوٓاْ إِلَيۡهَا وَتَرَكُوكَ قَآئِمٗاۚ قُلۡ مَا عِندَ ٱللَّهِ خَيۡرٞ مِّنَ
ٱللَّهۡوِ وَمِنَ ٱلتِّجَٰرَةِۚ وَٱللَّهُ خَيۡرُ ٱلرَّٰزِقِينَ ١١

11 Ҳангоме ки онҳо тиҷорат ё саргармӣ ва лаҳверо бубинанд, пароканда мешаванд ва ба сӯйи он меравaнд ва туро истода (дар ҳоле ки хутбаи намози ҷумъа мехонӣ) ба ҳоли худ раҳо мекунанд. Бигӯ: Назди Худо беҳтар аз лаҳву тиҷорат аст ва Худованд беҳтарин рӯзидиҳандагон аст.

## 63-СУРАИ «МУНОФИҚУН»

إِذَا جَآءَكَ ٱلۡمُنَٰفِقُونَ قَالُواْ نَشۡهَدُ إِنَّكَ لَرَسُولُ ٱللَّهِۗ وَٱللَّهُ يَعۡلَمُ إِنَّكَ لَرَسُولُهُۥ
وَٱللَّهُ يَشۡهَدُ إِنَّ ٱلۡمُنَٰفِقِينَ لَكَٰذِبُونَ ١ ٱتَّخَذُوٓاْ أَيۡمَٰنَهُمۡ جُنَّةٗ فَصَدُّواْ عَن
سَبِيلِ ٱللَّهِۚ إِنَّهُمۡ سَآءَ مَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ٢ ذَٰلِكَ بِأَنَّهُمۡ ءَامَنُواْ ثُمَّ كَفَرُواْ

فَطُبِعَ عَلَىٰ قُلُوبِهِمۡ فَهُمۡ لَا يَفۡقَهُونَ ٣ وَإِذَا رَأَيۡتَهُمۡ تُعۡجِبُكَ أَجۡسَامُهُمۡۖ وَإِن
يَقُولُواْ تَسۡمَعۡ لِقَوۡلِهِمۡۖ كَأَنَّهُمۡ خُشُبٞ مُّسَنَّدَةٞۖ يَحۡسَبُونَ كُلَّ صَيۡحَةٍ عَلَيۡهِمۡۚ هُمُ
ٱلۡعَدُوُّ فَٱحۡذَرۡهُمۡۚ قَٰتَلَهُمُ ٱللَّهُۖ أَنَّىٰ يُؤۡفَكُونَ ٤

1 Ҳангоме ки мунофиқон назди ту оянд, мегӯянд: Мо шаҳодат медиҳем, ки ҳатман ту расули Худоӣ, Худованд медонад, ки фиристодаи Ӯ ҳастӣ, вале Худованд шаҳодат медиҳад, ки мунофиқон дурӯғгӯ ҳастанд.

2 Онҳо савгандҳояшонро сипар сохтаанд, то мардумро аз роҳи Худо боз доранд, онҳо корҳои бисёр баде анҷом медиҳанд.

3 Ин ба хотири он аст, ки онҳо нахуст имон оварданд, сипас кофир шуданд ва лизо бар дилҳои онҳо мӯҳр ниҳода шуда, ва ҳақиқатро дарк намекунанд.

4 Ҳангоме ки онҳоро мебинӣ, туро аз (тану ҳайъати) бадани онҳо хуш меояд. Ва агар сухан бигӯянд, ба суханонашон гӯш фаро медиҳӣ, гӯё чӯбҳои хушке ҳастанд, ки ба девор такя дода шудаанд. Ҳар овозе аз ҳар ҷо баланд шавад, онро бар зидди худ мепиндоранд, инҳо душманони воқеии ту ҳастанд, пас аз онҳо барҳазар бош. Худованд онҳоро бикушад, чӣ гуна аз ҳақ каҷрав мешаванд (ба сӯи куфру нифоқ)?

وَإِذَا قِيلَ لَهُمۡ تَعَالَوۡاْ يَسۡتَغۡفِرۡ لَكُمۡ رَسُولُ ٱللَّهِ لَوَّوۡاْ رُءُوسَهُمۡ وَرَأَيۡتَهُمۡ يَصُدُّونَ وَهُم
مُّسۡتَكۡبِرُونَ ٥ سَوَآءٌ عَلَيۡهِمۡ أَسۡتَغۡفَرۡتَ لَهُمۡ أَمۡ لَمۡ تَسۡتَغۡفِرۡ لَهُمۡ لَن يَغۡفِرَ ٱللَّهُ لَهُمۡۚ
إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَهۡدِي ٱلۡقَوۡمَ ٱلۡفَٰسِقِينَ ٦ هُمُ ٱلَّذِينَ يَقُولُونَ لَا تُنفِقُواْ عَلَىٰ مَنۡ عِندَ
رَسُولِ ٱللَّهِ حَتَّىٰ يَنفَضُّواْۗ وَلِلَّهِ خَزَآئِنُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَلَٰكِنَّ ٱلۡمُنَٰفِقِينَ لَا
يَفۡقَهُونَ ٧ يَقُولُونَ لَئِن رَّجَعۡنَآ إِلَى ٱلۡمَدِينَةِ لَيُخۡرِجَنَّ ٱلۡأَعَزُّ مِنۡهَا ٱلۡأَذَلَّۚ وَلِلَّهِ ٱلۡعِزَّةُ
وَلِرَسُولِهِۦ وَلِلۡمُؤۡمِنِينَ وَلَٰكِنَّ ٱلۡمُنَٰفِقِينَ لَا يَعۡلَمُونَ ٨

5 Ҳангоме ки ба онҳо гуфта шавад: Биёед то расули Худо барои шумо истиғфор кунад, сарҳои худро (аз рӯйи истеҳзо ва кибру ғурур) такон медиҳанд ва онҳоро мебинӣ, ки аз суханони ту эъроз карда ва такаббур меварзанд.

6 Барои онҳо баробар аст, ки хоҳ истиғфор кунӣ ё накунӣ, ҳаргиз Худованд ононро намебахшад, Худованд қавми фосиқро (ба сӯи имон) ҳидоят намекунад.

7 Онҳо касоне ҳастанд, ки мегӯянд: Ба афроде, ки назди расули Худо ҳастанд, инфоқ накунед, то пароканда шаванд, ва ҳол он ки хазинаҳои осмонҳо ва Замин аз они Худост, вале мунофиқон намефаҳманд.

8 Онҳо мегӯянд: Агар ба Мадина бозгардем, азизон залилонро берун мекунанд, иззат махсуси Худо ва расули Ӯ ва мӯъминон аст, вале мунофиқон (ҳақиқати равшанро) намедонанд.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ لَا تُلۡهِكُمۡ أَمۡوَٰلُكُمۡ وَلَآ أَوۡلَٰدُكُمۡ عَن ذِكۡرِ ٱللَّهِۚ وَمَن
يَفۡعَلۡ ذَٰلِكَ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡخَٰسِرُونَ ٩ وَأَنفِقُواْ مِن مَّا رَزَقۡنَٰكُم مِّن قَبۡلِ أَن
يَأۡتِيَ أَحَدَكُمُ ٱلۡمَوۡتُ فَيَقُولَ رَبِّ لَوۡلَآ أَخَّرۡتَنِيٓ إِلَىٰٓ أَجَلٖ قَرِيبٖ فَأَصَّدَّقَ وَأَكُن
مِّنَ ٱلصَّٰلِحِينَ ١٠ وَلَن يُؤَخِّرَ ٱللَّهُ نَفۡسًا إِذَا جَآءَ أَجَلُهَاۚ وَٱللَّهُ خَبِيرُۢ بِمَا تَعۡمَلُونَ ١١

9 Эй касоне, ки имон овардаед, амвол ва фарзандонатон шуморо аз ёди Худо ғофил накунад. Ва ҳар кӣ чунин кунад, пас он гурӯҳ худ зиёнкоронанд.

10 Ва аз он чӣ ба шумо (эй мӯъминон) рӯзӣ додаем, дар роҳи Аллоҳ садақа кунед, пеш аз он ки марги яке аз шумо фаро расад ва бигӯяд: Парвардигоро, чаро (марги) маро муддати каме ба таъхир наяндохтӣ, то (дар роҳи Худо) садақа диҳам ва аз солиҳон бошам?

11 Ва Худованд ҳаргиз (марги) касеро, ҳангоме ки аҷалаш фаро расад, ба таъхир намеандозад ва Худованд ба он чи анҷом медиҳед, огоҳ аст.

## 64-СУРАИ «ТАҒОБУН»

يُسَبِّحُ لِلَّهِ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۖ لَهُ ٱلۡمُلۡكُ وَلَهُ ٱلۡحَمۡدُۖ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ
شَيۡءٖ قَدِيرٌ ١ هُوَ ٱلَّذِي خَلَقَكُمۡ فَمِنكُمۡ كَافِرٞ وَمِنكُم مُّؤۡمِنٞۚ وَٱللَّهُ بِمَا
تَعۡمَلُونَ بَصِيرٌ ٢ خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَ بِٱلۡحَقِّ وَصَوَّرَكُمۡ فَأَحۡسَنَ
صُوَرَكُمۡۖ وَإِلَيۡهِ ٱلۡمَصِيرُ ٣ يَعۡلَمُ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ وَيَعۡلَمُ مَا تُسِرُّونَ
وَمَا تُعۡلِنُونَۚ وَٱللَّهُ عَلِيمُۢ بِذَاتِ ٱلصُّدُورِ ٤

1 Он чӣ дар осмонҳо ва он чӣ дар Замин аст барои Худо тасбеҳ мегӯянд, моликият ва ҳукумат аз они Ӯст, сипос ва ситоиши некӯ сазовори Ӯст ва Ӯ бар ҳама чиз тавоност.

2 Ӯ касе аст, ки шуморо офарид, гурӯҳе аз шумо кофиред ва гурӯҳе мӯъмин ва Худованд нисбат ба он чи анҷом медиҳед, биност.

3 Осмонҳо ва заминро ба ҳақ офарид ва шуморо (дар олами ҷанин) тасвир кард, тасвири зебо ва дилпазир ва бозгашти ҳама ба сӯйи Ӯст.

4 Он чиро дар осмонҳо ва Замин аст, медонад ва аз он чи пинҳон ё ошкор мекунед, бохабар аст ва Худованд аз он чи дар даруни синаҳост, огоҳ аст.

أَلَمۡ يَأۡتِكُمۡ نَبَؤُاْ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِن قَبۡلُ فَذَاقُواْ وَبَالَ أَمۡرِهِمۡ وَلَهُمۡ عَذَابٌ أَلِيمٞ
٥ ذَٰلِكَ بِأَنَّهُۥ كَانَت تَّأۡتِيهِمۡ رُسُلُهُم بِٱلۡبَيِّنَٰتِ فَقَالُوٓاْ أَبَشَرٞ يَهۡدُونَنَا فَكَفَرُواْ
وَتَوَلَّواْۚ وَّٱسۡتَغۡنَى ٱللَّهُۚ وَٱللَّهُ غَنِيٌّ حَمِيدٞ ٦

5 Оё хабари касоне, ки пеш аз ин кофир шуданд, ба шумо нарасидааст? (Оре) онҳо таъми кайфари гуноҳони бузурги худро чашиданд ва (дар охират низ) азоби дардноке барои онҳост.
6 Ин ба хотири он буд, ки расулони онҳо (пайваста) бо далоили равшан ба суроғашон меомаданд, вале онҳо (аз рӯйи кибру ғурур) гуфтанд: Оё башарҳое (мисли мо) мехоҳанд моро ҳидоят кунанд? Магар чунин чизе мумкин аст? Пас кофир шуданд ва рӯй баргардонданд, дар ҳоле ки Худованд (аз имону тоаташон) бениёз буд, Худованд бениёз ва шоистаи ситоиш аст.

زَعَمَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ أَن لَّن يُبۡعَثُواْۚ قُلۡ بَلَىٰ وَرَبِّي لَتُبۡعَثُنَّ ثُمَّ لَتُنَبَّؤُنَّ بِمَا عَمِلۡتُمۡۚ
وَذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ يَسِيرٞ ٧ فَـَٔامِنُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَٱلنُّورِ ٱلَّذِيٓ أَنزَلۡنَاۚ وَٱللَّهُ بِمَا
تَعۡمَلُونَ خَبِيرٞ ٨ يَوۡمَ يَجۡمَعُكُمۡ لِيَوۡمِ ٱلۡجَمۡعِۖ ذَٰلِكَ يَوۡمُ ٱلتَّغَابُنِۗ وَمَن يُؤۡمِنۢ بِٱللَّهِ
وَيَعۡمَلۡ صَٰلِحٗا يُكَفِّرۡ عَنۡهُ سَيِّـَٔاتِهِۦ وَيُدۡخِلۡهُ جَنَّٰتٖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ
خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدٗاۚ ذَٰلِكَ ٱلۡفَوۡزُ ٱلۡعَظِيمُ ٩ وَٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَكَذَّبُواْ بِـَٔايَٰتِنَآ أُوْلَٰٓئِكَ
أَصۡحَٰبُ ٱلنَّارِ خَٰلِدِينَ فِيهَاۖ وَبِئۡسَ ٱلۡمَصِيرُ ١٠

7 Кофирон пиндоштанд, ки ҳаргиз барангехта нахоҳанд шуд, бигӯ: Оре, ба Парвардигорам савганд, ҳамаи шумо (дар қиёмат) барангехта хоҳед шуд, сипас он чиро амал мекардед, ба шумо хабар дода мешавад ва ин барои Худованд осон аст.
8 **8** Ба Худо ва расули Ӯ ва нуре, ки нозил кардаем, имон биёваред, Худованд ба он чӣ анҷом медиҳед, огоҳ аст.
9 Ин (бозофаринӣ, гирдоварӣ ва ҳисобу ҷазо) дар замоне хоҳад буд, ки ҳамаи шуморо дар он рӯзи ҷамъ гирдоварӣ мекунад, он рӯз, рӯзи тағобун аст. Ва ҳар кас ба Худо имон биёварад ва амали солеҳ анҷом диҳад, гуноҳони ӯро мебахшад ва ӯро дар боғҳое аз биҳишт, ки наҳрҳо аз зери дарахтонаш ҷорӣ аст, ворид мекунад. Ҷовидона дар он мемонанд ва ин пирӯзии бузурге аст.
10 Аммо касоне, ки кофир шуданд ва оёти моро таксиб карданд, асҳоби дӯзаханд, ҷовидона дар он мемонанд ва ҷаҳаннам чи бад бозгаштест.

مَآ أَصَابَ مِن مُّصِيبَةٍ إِلَّا بِإِذۡنِ ٱللَّهِۗ وَمَن يُؤۡمِنۢ بِٱللَّهِ يَهۡدِ قَلۡبَهُۥۚ وَٱللَّهُ
بِكُلِّ شَيۡءٍ عَلِيمٞ ١١ وَأَطِيعُواْ ٱللَّهَ وَأَطِيعُواْ ٱلرَّسُولَۚ فَإِن تَوَلَّيۡتُمۡ فَإِنَّمَا عَلَىٰ
رَسُولِنَا ٱلۡبَلَٰغُ ٱلۡمُبِينُ ١٢ ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَۚ وَعَلَى ٱللَّهِ فَلۡيَتَوَكَّلِ ٱلۡمُؤۡمِنُونَ ١٣

11 Ҳеҷ мусибате рух намедиҳад, магар ба изни Худо ва ҳар кас ба Худо имон оварад, Худо қалбашро ҳидоят мекунад ва Худованд ба ҳар чиз доност.
12 Ва итоат кунед Худоро ва итоат кунед Паёмбарро, агар шумо рӯйгардон шавед (ва итоат накунед, ӯ ҳаргиз маъмур ба иҷбори шумо нест) расули Мо ҷуз иблоғи ошкор вазифае надорад.

13 Худованд (касе аст, ки) ҳеҷ маъбуде ба ҳақ ҷуз Ӯ нест. Мӯъминон бояд фақат бар Ӯ таваккал кунанд.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِنَّ مِنْ أَزْوَٰجِكُمْ وَأَوْلَٰدِكُمْ عَدُوًّا لَّكُمْ فَٱحْذَرُوهُمْ وَإِن تَعْفُواْ وَتَصْفَحُواْ وَتَغْفِرُواْ فَإِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٌ رَّحِيمٌ ١٤ إِنَّمَآ أَمْوَٰلُكُمْ وَأَوْلَٰدُكُمْ فِتْنَةٌ وَٱللَّهُ عِندَهُۥٓ أَجْرٌ عَظِيمٌ ١٥ فَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ مَا ٱسْتَطَعْتُمْ وَٱسْمَعُواْ وَأَطِيعُواْ وَأَنفِقُواْ خَيْرًا لِّأَنفُسِكُمْ وَمَن يُوقَ شُحَّ نَفْسِهِۦ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْمُفْلِحُونَ ١٦ إِن تُقْرِضُواْ ٱللَّهَ قَرْضًا حَسَنًا يُضَٰعِفْهُ لَكُمْ وَيَغْفِرْ لَكُمْ وَٱللَّهُ شَكُورٌ حَلِيمٌ ١٧ عَٰلِمُ ٱلْغَيْبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ ٱلْعَزِيزُ ٱلْحَكِيمُ ١٨

14 Эй касоне, ки имон овардаед, баъзе аз ҳамсарону фарзандонатон душманони шумо ҳастанд, аз онҳо барҳазар бошед. Ва агар афв кунеду чашм бипӯшед ва бибахшед (Худованд шуморо машмули афв ва раҳматаш қарор медиҳад), чаро ки Худованд бахшанда ва меҳрубон аст.

15 Амволу фарзандонатон фақат василаи озмоиши шумо ҳастанд, аҷру подоши азим назди Худованд (аз они шумо) хоҳад буд.

16 Пас то метавонед тақвои илоҳӣ пеша кунед ва гӯш диҳед ва итоъат намоед ва инфоқ (хайру саховат) кунед, ки барои шумо беҳтар аст. Ва касоне, ки аз бухлу ҳирси хештан маҳфуз бимонанд, растагоронанд.

17 Агар ба Худо қарзи ҳасана диҳед, онро барои шумо дучанд месозад ва шуморо мебахшад. Ва Худованд шукркунанда ва бурдбор аст.

18 Ӯ донои пинҳон ва ошкор аст ва Ӯ пирӯзманду ҳаким аст.

## 65-СУРАИ «ТАЛОҚ»

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِيُّ إِذَا طَلَّقْتُمُ ٱلنِّسَآءَ فَطَلِّقُوهُنَّ لِعِدَّتِهِنَّ وَأَحْصُواْ ٱلْعِدَّةَ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ رَبَّكُمْ لَا تُخْرِجُوهُنَّ مِنۢ بُيُوتِهِنَّ وَلَا يَخْرُجْنَ إِلَّآ أَن يَأْتِينَ بِفَٰحِشَةٍ مُّبَيِّنَةٍ وَتِلْكَ حُدُودُ ٱللَّهِ وَمَن يَتَعَدَّ حُدُودَ ٱللَّهِ فَقَدْ ظَلَمَ نَفْسَهُۥ لَا تَدْرِى لَعَلَّ ٱللَّهَ يُحْدِثُ بَعْدَ ذَٰلِكَ أَمْرًا ١

1 Эй паёмбар! Ҳар замон хостед занонро талоқ диҳед, дар замони идда онҳоро талоқ гӯед ва ҳисоби иддаро нигаҳ доред ва аз Худое, ки Парвардгори шумост, бипарҳезед. На шумо онҳоро аз хонаҳояшон берун кунед ва на онҳо (дар даврони идда) берун раванд, магар ин ки кори зишти ошкоре (яъне, зино) анҷом диҳанд, инҳо ҳудуд ва марзҳои илоҳӣ аст. Ва ҳар кас аз ҳудуди илоҳӣ таҷовуз кунад, ба худ ситам кардааст. Ту чӣ донӣ (эй талоқшуда), шояд Аллоҳ аз ин пас амре тоза падид оварад.

فَإِذَا بَلَغْنَ أَجَلَهُنَّ فَأَمْسِكُوهُنَّ بِمَعْرُوفٍ أَوْ فَارِقُوهُنَّ بِمَعْرُوفٍ وَأَشْهِدُوا۟ ذَوَىْ
عَدْلٍ مِّنكُمْ وَأَقِيمُوا۟ ٱلشَّهَٰدَةَ لِلَّهِ ذَٰلِكُمْ يُوعَظُ بِهِۦ مَن كَانَ يُؤْمِنُ بِٱللَّهِ وَٱلْيَوْمِ
ٱلْءَاخِرِ وَمَن يَتَّقِ ٱللَّهَ يَجْعَل لَّهُۥ مَخْرَجًا ﴿٢﴾ وَيَرْزُقْهُ مِنْ حَيْثُ لَا يَحْتَسِبُ وَمَن
يَتَوَكَّلْ عَلَى ٱللَّهِ فَهُوَ حَسْبُهُۥٓ إِنَّ ٱللَّهَ بَٰلِغُ أَمْرِهِۦ قَدْ جَعَلَ ٱللَّهُ لِكُلِّ شَىْءٍ قَدْرًا ﴿٣﴾
وَٱلَّٰٓـِٔى يَئِسْنَ مِنَ ٱلْمَحِيضِ مِن نِّسَآئِكُمْ إِنِ ٱرْتَبْتُمْ فَعِدَّتُهُنَّ ثَلَٰثَةُ أَشْهُرٍ وَٱلَّٰٓـِٔى
لَمْ يَحِضْنَ وَأُو۟لَٰتُ ٱلْأَحْمَالِ أَجَلُهُنَّ أَن يَضَعْنَ حَمْلَهُنَّ وَمَن يَتَّقِ ٱللَّهَ يَجْعَل لَّهُۥ مِنْ
أَمْرِهِۦ يُسْرًا ﴿٤﴾ ذَٰلِكَ أَمْرُ ٱللَّهِ أَنزَلَهُۥٓ إِلَيْكُمْ وَمَن يَتَّقِ ٱللَّهَ يُكَفِّرْ عَنْهُ سَيِّـَٔاتِهِۦ
وَيُعْظِمْ لَهُۥٓ أَجْرًا ﴿٥﴾

2 Ва чун иддаи онҳо ба поён расид, онҳоро ба тарзи шоистае нигаҳ доред, ё ба тарзи шоистае аз онон ҷудо шавед ва (ҳангоми талоқ ва ҷудоӣ ва ҳамчунин руҷуъ аз талоқ) ду марди одил аз худатонро гувоҳ гиред. Ва шаҳодатро барои Худо барпо доред, ин чизе аст, ки мӯъминон ба Худо ва рӯзи қиёмат ба он андарз дода мешаванд. Ва ҳар кас аз Худо битарсад ва тарки гуноҳ кунад, Худованд барои ӯ роҳи наҷоте қарор медиҳад.

3 Ва ӯро аз ҷое, ки гумон надорад, рӯзӣ медиҳад ва ҳар кас бар Худованд таваккал кунад (ва кори худро ба Ӯ во гузорад), кифояти амрашро мекунад.

Худованд фармони худро ба анҷом мерасонад ва Худо барои ҳар чизе андозае қарор додааст.

4 Ва аз занонатон онон, ки аз одати моҳона маъюсанд, агар дар вазъи онҳо (аз назари бордорӣ) шак кунед, иддаи онон 3 моҳ аст ва ҳамчунин онҳое, ки одати моҳона надидаанд ва (аммо) иддаи занони бордор ин аст, ки бори худро бар замин бигзоранд. Ва ҳар кас тақвои илоҳӣ пеша кунад, Худованд корро бар ӯ осон месозад.

5 Ин фармони Худост, ки бар шумо нозил кардааст ва ҳар кас тақвои илоҳӣ пеша кунад (ва аз мухолифати фармони Ӯ бипарҳезад), Худованд гуноҳонашро мебахшад ва подоши ӯро бузург медорад.

أَسْكِنُوهُنَّ مِنْ حَيْثُ سَكَنتُم مِّن وُجْدِكُمْ وَلَا تُضَآرُّوهُنَّ لِتُضَيِّقُوا۟ عَلَيْهِنَّ وَإِن
كُنَّ أُو۟لَٰتِ حَمْلٍ فَأَنفِقُوا۟ عَلَيْهِنَّ حَتَّىٰ يَضَعْنَ حَمْلَهُنَّ فَإِنْ أَرْضَعْنَ لَكُمْ
فَـَٔاتُوهُنَّ أُجُورَهُنَّ وَأْتَمِرُوا۟ بَيْنَكُم بِمَعْرُوفٍ وَإِن تَعَاسَرْتُمْ فَسَتُرْضِعُ لَهُۥٓ أُخْرَىٰ
﴿٦﴾ لِيُنفِقْ ذُو سَعَةٍ مِّن سَعَتِهِۦ وَمَن قُدِرَ عَلَيْهِ رِزْقُهُۥ فَلْيُنفِقْ مِمَّآ ءَاتَىٰهُ ٱللَّهُ لَا
يُكَلِّفُ ٱللَّهُ نَفْسًا إِلَّا مَآ ءَاتَىٰهَا سَيَجْعَلُ ٱللَّهُ بَعْدَ عُسْرٍ يُسْرًا ﴿٧﴾

6 Ҳар ҷо, ки худ сукунат ихтиёр кардед, онҳоро низ ба қадри тавоноии худ манзил диҳед. Ва ба онҳо зиён нарасонед, то дар

машаққат қарорашон диҳед. Ва агар ҳомила буданд, нафақаашонро бидиҳед,то ин ки таваллуд кунанд. Ва агар фарзанди шуморо шир медиҳанд, муздашонро бидиҳед ва бо тарзи некӯ бо якдигар тавофуқ кунед. Ва агар ба тавофуқ нарасидед, аз зани дигар бихоҳед, ки кӯдакро шир диҳад.

7 Ҳар молдоре аз моли худ нафақа диҳад ва касе, ки тангдаст бошад, аз ҳар чӣ Аллоҳ ба ӯ додааст, нафақа диҳад. Аллоҳ ҳеҷ касро ғайри он андоза, ки ба ӯ додааст, вазифадор намесозад ва ба зудӣ Аллоҳ пас аз сахтӣ осонӣ пеш орад.

وَكَأَيِّن مِّن قَرْيَةٍ عَتَتْ عَنْ أَمْرِ رَبِّهَا وَرُسُلِهِۦ فَحَاسَبْنَٰهَا حِسَابًا شَدِيدًا
وَعَذَّبْنَٰهَا عَذَابًا نُّكْرًا ﴿٨﴾ فَذَاقَتْ وَبَالَ أَمْرِهَا وَكَانَ عَٰقِبَةُ أَمْرِهَا خُسْرًا ﴿٩﴾
أَعَدَّ ٱللَّهُ لَهُمْ عَذَابًا شَدِيدًا ۖ فَٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ يَٰٓأُو۟لِى ٱلْأَلْبَٰبِ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ ۚ قَدْ
أَنزَلَ ٱللَّهُ إِلَيْكُمْ ذِكْرًا ﴿١٠﴾ رَّسُولًا يَتْلُوا۟ عَلَيْكُمْ ءَايَٰتِ ٱللَّهِ مُبَيِّنَٰتٍ
لِّيُخْرِجَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ مِنَ ٱلظُّلُمَٰتِ إِلَى ٱلنُّورِ ۚ وَمَن يُؤْمِنۢ
بِٱللَّهِ وَيَعْمَلْ صَٰلِحًا يُدْخِلْهُ جَنَّٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَآ
أَبَدًا ۖ قَدْ أَحْسَنَ ٱللَّهُ لَهُۥ رِزْقًا ﴿١١﴾

8 Чӣ бисёр шаҳру ободиҳо, ки аҳли он аз фармони Парвардигор ва расулонаш сарпечӣ карданд ва мо ба шиддат ба ҳисобашон расидем ва ба азобе вазнин азобашон кардем.

9 Онҳо осори бади кори худро чашиданд ва оқибати корашон хусрон буд.

10 Худованд барояшон азобе сахт омода кард. Пас, эй хирадмандоне, ки имон овардаед, аз (мухолифати амри) Аллоҳ битарсед. Аллоҳ бар шумо Қуръонро нозил кардааст.

11 Расуле ба сӯйи шумо фиристода, ки оёти равшани Худоро бар шумо тиловат мекунад, то касонеро, ки имон оварда ва корҳои шоиста анҷом додаанд, аз торикиҳо ба сӯйи нур хориҷ созад. Ва ҳар кас ба Худо имон оварда ва аъмоли солеҳ анҷом диҳад (ва дар ин роҳ бардавом бошад), ӯро дар боғҳое аз биҳишт ворид месозад, ки аз зери (дарахтонаш) наҳрҳо ҷорӣ аст.Ҷовидона дар он мемонад ва Худованд рӯзии некӯе барои ӯ қарор додааст.

ٱللَّهُ ٱلَّذِى خَلَقَ سَبْعَ سَمَٰوَٰتٍ وَمِنَ ٱلْأَرْضِ مِثْلَهُنَّ يَتَنَزَّلُ ٱلْأَمْرُ بَيْنَهُنَّ لِتَعْلَمُوٓا۟
أَنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَىْءٍ قَدِيرٌ وَأَنَّ ٱللَّهَ قَدْ أَحَاطَ بِكُلِّ شَىْءٍ عِلْمًۢا ﴿١٢﴾

12 Худованд ҳамон касе аст, ки ҳафт осмонро офарид ва аз Замин низ ҳаммонанди онҳоро, фармони Ӯ дар миёни онҳо пайваста фурӯд меояд, то бидонед Худованд бар ҳар чиз тавоност ва ин ки илми Худованд ба ҳамаи чиз иҳота дорад.

## 66-СУРАИ «ТАҲРИМ»

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِيُّ لِمَ تُحَرِّمُ مَآ أَحَلَّ ٱللَّهُ لَكَۖ تَبۡتَغِي مَرۡضَاتَ أَزۡوَٰجِكَۚ وَٱللَّهُ غَفُورٞ
رَّحِيمٞ ١ قَدۡ فَرَضَ ٱللَّهُ لَكُمۡ تَحِلَّةَ أَيۡمَٰنِكُمۡۚ وَٱللَّهُ مَوۡلَىٰكُمۡۖ وَهُوَ ٱلۡعَلِيمُ
ٱلۡحَكِيمُ ٢ وَإِذۡ أَسَرَّ ٱلنَّبِيُّ إِلَىٰ بَعۡضِ أَزۡوَٰجِهِۦ حَدِيثٗا فَلَمَّا نَبَّأَتۡ بِهِۦ وَأَظۡهَرَهُ
ٱللَّهُ عَلَيۡهِ عَرَّفَ بَعۡضَهُۥ وَأَعۡرَضَ عَنۢ بَعۡضٖۖ فَلَمَّا نَبَّأَهَا بِهِۦ قَالَتۡ مَنۡ أَنۢبَأَكَ
هَٰذَاۖ قَالَ نَبَّأَنِيَ ٱلۡعَلِيمُ ٱلۡخَبِيرُ ٣ إِن تَتُوبَآ إِلَى ٱللَّهِ فَقَدۡ صَغَتۡ قُلُوبُكُمَاۖ
وَإِن تَظَٰهَرَا عَلَيۡهِ فَإِنَّ ٱللَّهَ هُوَ مَوۡلَىٰهُ وَجِبۡرِيلُ وَصَٰلِحُ ٱلۡمُؤۡمِنِينَۖ وَٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ
بَعۡدَ ذَٰلِكَ ظَهِيرٌ ٤ عَسَىٰ رَبُّهُۥٓ إِن طَلَّقَكُنَّ أَن يُبۡدِلَهُۥٓ أَزۡوَٰجًا خَيۡرٗا مِّنكُنَّ
مُسۡلِمَٰتٖ مُّؤۡمِنَٰتٖ قَٰنِتَٰتٖ تَٰٓئِبَٰتٍ عَٰبِدَٰتٖ سَٰٓئِحَٰتٖ ثَيِّبَٰتٖ وَأَبۡكَارٗا ٥

1 Эй паёмбар, чаро чизеро, ки Худо бар ту ҳалол карда, ба хотири ҷалби ризояти ҳамсаронат бар худ ҳаром мекунӣ? Ва Худованд омӯрзандаву раҳим аст.

2 Худованд роҳи кушодани савгандҳоятонро (дар ин гуна мавориди) равшан сохта ва Худованд мавлои шумост ва Ӯ донову ҳаким аст.

3 Ба хотир биёваред, ҳангомеро ки Паёмбар яке аз розҳои худро ба баъзе аз ҳамсаронаш гуфт, вале он зан он роз бо дигаре боз гуфт ва Худованд паёмбарашро аз он огоҳ сохт, қисмати аз онро барои ӯ бозгӯ кард ва аз қисмати дигар худдорӣ намуд, ҳангоме ки Паёмбар ҳамсарашро аз он хабар дод, гуфт (ҳамсараш): Чӣ касе туро аз ин роз огоҳ сохт? Гуфт: «Он Аллоҳи донои огоҳ ба ман хабар додааст».

4 Агар шумо ду зан (Оишаву Ҳафса) ба даргоҳи Худованд тавба кунед, беҳтар аст, зеро дилҳоятон аз ҳақ (каме) бозгаштааст. Ва агар барои озораш ҳамдаст шавед, Аллоҳ пуштибони ӯст ва низ Ҷабраил ва мӯъминони шоиставу фариштагон аз он пас пуштибони он хоҳанд буд.

5 Умед аст агар ӯ шуморо талоқ гӯяд, Парвардгораш ба ҷойи шумо ҳамсарони беҳтар барои ӯ қарор диҳад, ҳамсарони мусулмон, мӯъмин, мутавозеъ, тавбакор, обид, ҳиҷраткунанда, заноне ғайри бокира ва бокира.

يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ قُوٓاْ أَنفُسَكُمۡ وَأَهۡلِيكُمۡ نَارٗا وَقُودُهَا ٱلنَّاسُ وَٱلۡحِجَارَةُ
عَلَيۡهَا مَلَٰٓئِكَةٌ غِلَاظٞ شِدَادٞ لَّا يَعۡصُونَ ٱللَّهَ مَآ أَمَرَهُمۡ وَيَفۡعَلُونَ مَا يُؤۡمَرُونَ ٦
يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لَا تَعۡتَذِرُواْ ٱلۡيَوۡمَۖ إِنَّمَا تُجۡزَوۡنَ مَا كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَ ٧ يَٰٓأَيُّهَا
ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ تُوبُوٓاْ إِلَى ٱللَّهِ تَوۡبَةٗ نَّصُوحًا عَسَىٰ رَبُّكُمۡ أَن يُكَفِّرَ عَنكُمۡ
سَيِّـَٔاتِكُمۡ وَيُدۡخِلَكُمۡ جَنَّٰتٖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ يَوۡمَ لَا يُخۡزِي ٱللَّهُ ٱلنَّبِيَّ
وَٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مَعَهُۥۖ نُورُهُمۡ يَسۡعَىٰ بَيۡنَ أَيۡدِيهِمۡ وَبِأَيۡمَٰنِهِمۡ يَقُولُونَ رَبَّنَآ أَتۡمِمۡ لَنَا

نُورَنَا وَٱغۡفِرۡ لَنَآۖ إِنَّكَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٞ ٨

6 Эй касоне, ки имон овардаед, худ ва хонаводаи хешро аз оташе, ки ҳезуми он инсонҳо ва сангҳост, нигоҳ доред, фариштагоне бар он оташ вобаста шуда, ки тунду сахтгиранд ва ҳаргиз фармони Худоро мухолифат намекунанд, ва ончи фармон дода шудаанд (ба таври комил) иҷро мекунанд.

7 Эй касоне, ки кофир шудаед, имрӯз узрхоҳӣ накунед, чаро ки танҳо ба аъмолатон ҷазо дода мешавед.

8 Эй касоне, ки имон овардаед, ба сӯйи Худо тавба кунед, тавбаи холис, умед аст (бо ин кор) Парвардигоратон гуноҳонатонро бубахшад ва шуморо дар боғҳое аз биҳишт, ки наҳрҳо аз зери дарахтонаш ҷорӣ аст, ворид кунад, (ин кор) дар рӯзе хоҳад буд, ки Худованд Паёмбар ва касонеро, ки бо ӯ имон оварданд, хор намекунад, ин дар ҳоле аст, ки нури ҳақиқии онҳо аз пешопеш ва аз сӯи рост дар ҳаракат аст ва мегӯянд: Парвардигоро, нури моро комил кун ва моро бубахш, ки Ту ба ҳар чиз тавоноӣ.

يَـٰٓأَيُّهَا ٱلنَّبِيُّ جَٰهِدِ ٱلۡكُفَّارَ وَٱلۡمُنَٰفِقِينَ وَٱغۡلُظۡ عَلَيۡهِمۡۚ وَمَأۡوَىٰهُمۡ جَهَنَّمُۖ وَبِئۡسَ ٱلۡمَصِيرُ ٩ ضَرَبَ ٱللَّهُ مَثَلٗا لِّلَّذِينَ كَفَرُواْ ٱمۡرَأَتَ نُوحٖ وَٱمۡرَأَتَ لُوطٖۖ كَانَتَا تَحۡتَ عَبۡدَيۡنِ مِنۡ عِبَادِنَا صَٰلِحَيۡنِ فَخَانَتَاهُمَا فَلَمۡ يُغۡنِيَا عَنۡهُمَا مِنَ ٱللَّهِ شَيۡـٔٗا وَقِيلَ ٱدۡخُلَا ٱلنَّارَ مَعَ ٱلدَّٰخِلِينَ ١٠

9 Эй Паёмбар, бо куффору мунофиқин ҷиҳод кун ва бар онон сахт бигир, ҷойгоҳашон ҷаҳаннам аст ва бадфарҷомӣ аст.

10 Аллоҳ барои кофирон мисоли зани Нӯҳу зани Лутро меоварад, ки ҳар ду дар никоҳи ду тан аз бандагони солеҳи Мо буданд ва ба он ду хиёнат карданд. Ва онҳо натавонистанд аз занони худ дафъи азоб кунанд ва гуфта шуд: Вориди оташ шавед ҳамроҳи касоне, ки ворид мешаванд.

وَضَرَبَ ٱللَّهُ مَثَلٗا لِّلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱمۡرَأَتَ فِرۡعَوۡنَ إِذۡ قَالَتۡ رَبِّ ٱبۡنِ لِي عِندَكَ بَيۡتٗا فِي ٱلۡجَنَّةِ وَنَجِّنِي مِن فِرۡعَوۡنَ وَعَمَلِهِۦ وَنَجِّنِي مِنَ ٱلۡقَوۡمِ ٱلظَّٰلِمِينَ ١١ وَمَرۡيَمَ ٱبۡنَتَ عِمۡرَٰنَ ٱلَّتِيٓ أَحۡصَنَتۡ فَرۡجَهَا فَنَفَخۡنَا فِيهِ مِن رُّوحِنَا وَصَدَّقَتۡ بِكَلِمَٰتِ رَبِّهَا وَكُتُبِهِۦ وَكَانَتۡ مِنَ ٱلۡقَٰنِتِينَ ١٢

11 Ва Худованд барои мӯъминон ба ҳамсари Фиръавн масал задаст дар он ҳангом, ки гуфт: Парвардгоро, хонае барои ман назди худат дар биҳишт бисоз ва маро аз Фиръавн ва кори ӯ наҷот деҳ ва маро аз гурӯҳи ситамгорон раҳоӣ бахш.

12 Ва Марям духтари Имронро, ки шармгоҳи хешро аз зино нигаҳ дошт ва Мо аз рӯҳи Худ дар он дамидем. Ва ӯ калимоти Парвардигори худ ва китобҳояшро тасдиқ кард. Ва ӯ аз фармонбардорон буд.

# 67-СУРАИ «МУЛК»

تَبَٰرَكَ ٱلَّذِي بِيَدِهِ ٱلۡمُلۡكُ وَهُوَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٌ ١ ٱلَّذِي خَلَقَ ٱلۡمَوۡتَ وَٱلۡحَيَوٰةَ
لِيَبۡلُوَكُمۡ أَيُّكُمۡ أَحۡسَنُ عَمَلٗاۚ وَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡغَفُورُ ٢ ٱلَّذِي خَلَقَ سَبۡعَ سَمَٰوَٰتٖ
طِبَاقٗاۖ مَّا تَرَىٰ فِي خَلۡقِ ٱلرَّحۡمَٰنِ مِن تَفَٰوُتٖۖ فَٱرۡجِعِ ٱلۡبَصَرَ هَلۡ تَرَىٰ مِن فُطُورٖ ٣ ثُمَّ
ٱرۡجِعِ ٱلۡبَصَرَ كَرَّتَيۡنِ يَنقَلِبۡ إِلَيۡكَ ٱلۡبَصَرُ خَاسِئٗا وَهُوَ حَسِيرٞ ٤ وَلَقَدۡ زَيَّنَّا ٱلسَّمَآءَ
ٱلدُّنۡيَا بِمَصَٰبِيحَ وَجَعَلۡنَٰهَا رُجُومٗا لِّلشَّيَٰطِينِۖ وَأَعۡتَدۡنَا لَهُمۡ عَذَابَ ٱلسَّعِيرِ ٥

1 Пурбаракат ва заволнопазир аст зоте, ки ба дасти Ӯст мулк ва подшоҳии дунёву охират ва Ӯ бар ҳар чиз тавоност.

2 Он касе, ки маргу ҳаётро офарид, то шуморо биёзмояд, ки кадом як аз шумо беҳтар амал мекунед ва Ӯ шикастнопазир ва бахшанда аст.

3 Ҳамон касе, ки ҳафт осмонро табақа-табақа (яъне, болои ҳам) офарид.

4 Бори дигар ба олами ҳастӣ бингар, саранҷом чашмонат ба сӯйи ту боз мегардад, дар ҳоле ки хаста ва нотавон шуда.

5 **5** Мо осмони пойинро бо чароғҳои фурӯзоне зиннат бахшидем ва онҳо (шаҳобҳо)-ро тирҳое барои шаётин қарор додем ва барои онон азоби оташи фурӯзон фароҳам сохтем.

وَلِلَّذِينَ كَفَرُواْ بِرَبِّهِمۡ عَذَابُ جَهَنَّمَۖ وَبِئۡسَ ٱلۡمَصِيرُ ٦ إِذَآ أُلۡقُواْ فِيهَا سَمِعُواْ
لَهَا شَهِيقٗا وَهِيَ تَفُورُ ٧ تَكَادُ تَمَيَّزُ مِنَ ٱلۡغَيۡظِۖ كُلَّمَآ أُلۡقِيَ فِيهَا فَوۡجٞ سَأَلَهُمۡ
خَزَنَتُهَآ أَلَمۡ يَأۡتِكُمۡ نَذِيرٞ ٨ قَالُواْ بَلَىٰ قَدۡ جَآءَنَا نَذِيرٞ فَكَذَّبۡنَا وَقُلۡنَا مَا نَزَّلَ ٱللَّهُ
مِن شَيۡءٍ إِنۡ أَنتُمۡ إِلَّا فِي ضَلَٰلٖ كَبِيرٖ ٩ وَقَالُواْ لَوۡ كُنَّا نَسۡمَعُ أَوۡ نَعۡقِلُ مَا كُنَّا فِيٓ
أَصۡحَٰبِ ٱلسَّعِيرِ ١٠ فَٱعۡتَرَفُواْ بِذَنۢبِهِمۡ فَسُحۡقٗا لِّأَصۡحَٰبِ ٱلسَّعِيرِ ١١

6 Барои касоне, ки ба Парвардгорашон кофир шуданд, азоби ҷаҳаннам аст ва ҷӣ  бад ҷойгаҳе аст.

7 Ҳангоме, ки (куффор) дар он афканда шаванд, садои ваҳшатноке аз он мешунаванд ва ин дар ҳоле аст, ки пайваста меҷӯшад.

8 Наздик аст аз шиддати ғазаб пора-пора шавад, ҳар замон ки гурӯҳе дар он афканда мешаванд, нигаҳбонони дӯзах (аз рӯи сарзаниш) аз онҳо мепурсанд: Магар бимдиҳандаи илоҳӣ ба суроғи шумо наёмад?

9 Мегӯянд: Оре, бимдиҳанда ба суроғи мо омад, вале мо ӯро дурӯғ шуморидем ва гуфтем: Худованд ҳаргиз чизе нозил накарда, шумо дар гумроҳии азиме ҳастед.

10 Ва мегӯянд: Агар мо гӯши шунаво доштем ва ё таъаққул мекардем, дар миёни дӯзахиён набудем.

11 Оре, инҷост, ки ба гуноҳи худ эътироф мекунанд, дур бошанд

дӯзахиён аз раҳмати Худо.

إِنَّ ٱلَّذِينَ يَخۡشَوۡنَ رَبَّهُم بِٱلۡغَيۡبِ لَهُم مَّغۡفِرَةٞ وَأَجۡرٞ كَبِيرٞ ١٢ وَأَسِرُّواْ قَوۡلَكُمۡ أَوِ
ٱجۡهَرُواْ بِهِۦٓۖ إِنَّهُۥ عَلِيمُۢ بِذَاتِ ٱلصُّدُورِ ١٣ أَلَا يَعۡلَمُ مَنۡ خَلَقَ وَهُوَ ٱللَّطِيفُ
ٱلۡخَبِيرُ ١٤ هُوَ ٱلَّذِي جَعَلَ لَكُمُ ٱلۡأَرۡضَ ذَلُولٗا فَٱمۡشُواْ فِي مَنَاكِبِهَا وَكُلُواْ مِن
رِّزۡقِهِۦۖ وَإِلَيۡهِ ٱلنُّشُورُ ١٥ ءَأَمِنتُم مَّن فِي ٱلسَّمَآءِ أَن يَخۡسِفَ بِكُمُ ٱلۡأَرۡضَ فَإِذَا هِيَ
تَمُورُ ١٦ أَمۡ أَمِنتُم مَّن فِي ٱلسَّمَآءِ أَن يُرۡسِلَ عَلَيۡكُمۡ حَاصِبٗاۖ فَسَتَعۡلَمُونَ كَيۡفَ
نَذِيرِ ١٧ وَلَقَدۡ كَذَّبَ ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِهِمۡ فَكَيۡفَ كَانَ نَكِيرِ ١٨

12 Касоне, ки аз Парвардигорашон дар ниҳон метарсанд, мусалламан омӯрзиш ва подоши бузурге доранд.

13 Гуфтори худро пинҳон кунед ё ошкор созед, Ӯ ба он чи дар синаҳост, огоҳ аст.

14 Оё он касе, ки мавҷудотро офарида аз ҳоли онҳо огоҳ нест? Дар ҳоле, ки Ӯ (аз асрори дақиқ) бохабар ва огоҳ аст.

15 Ӯ касе аст, ки заминро барои шумо ром кард, пас дар гӯшаву канори он роҳ биравед ва аз рӯзиҳои Парвардигор бихӯред ва (бидонед) бозгашт ва иҷтимоъи ҳама ба сӯи Ӯст.

16 Оё худро аз азоби касе, ки ҳоким бар Осмон аст дар амон медонед, ки дастур диҳад Замин бишкофад ва шуморо дар худ фурӯ барад ва доиман ба ларзиши худ идома диҳад?

17 Оё худро аз азоби Худованди Осмон дар амон медонед, ки тундбоде пур аз сангреза бар шумо фиристад ва ба зудӣ хоҳед донист таҳдидҳои Ман чи гуна аст.

18 Касоне, ки пеш аз онон буданд (оёти илоҳӣ ва расулони Ӯро) дурӯғ шумориданд, аммо (бубин) муҷозоти Ман чи гуна буд?!

أَوَلَمۡ يَرَوۡاْ إِلَى ٱلطَّيۡرِ فَوۡقَهُمۡ صَٰٓفَّٰتٖ وَيَقۡبِضۡنَۚ مَا يُمۡسِكُهُنَّ إِلَّا ٱلرَّحۡمَٰنُۚ إِنَّهُۥ
بِكُلِّ شَيۡءِۭ بَصِيرٌ ١٩ أَمَّنۡ هَٰذَا ٱلَّذِي هُوَ جُندٞ لَّكُمۡ يَنصُرُكُم مِّن دُونِ
ٱلرَّحۡمَٰنِۚ إِنِ ٱلۡكَٰفِرُونَ إِلَّا فِي غُرُورٍ ٢٠ أَمَّنۡ هَٰذَا ٱلَّذِي يَرۡزُقُكُمۡ إِنۡ أَمۡسَكَ رِزۡقَهُۥۚ
بَل لَّجُّواْ فِي عُتُوّٖ وَنُفُورٍ ٢١ أَفَمَن يَمۡشِي مُكِبًّا عَلَىٰ وَجۡهِهِۦٓ أَهۡدَىٰٓ أَمَّن يَمۡشِي
سَوِيًّا عَلَىٰ صِرَٰطٖ مُّسۡتَقِيمٖ ٢٢ قُلۡ هُوَ ٱلَّذِيٓ أَنشَأَكُمۡ وَجَعَلَ لَكُمُ ٱلسَّمۡعَ
وَٱلۡأَبۡصَٰرَ وَٱلۡأَفۡـِٔدَةَۚ قَلِيلٗا مَّا تَشۡكُرُونَ ٢٣ قُلۡ هُوَ ٱلَّذِي ذَرَأَكُمۡ فِي ٱلۡأَرۡضِ وَإِلَيۡهِ
تُحۡشَرُونَ ٢٤ وَيَقُولُونَ مَتَىٰ هَٰذَا ٱلۡوَعۡدُ إِن كُنتُمۡ صَٰدِقِينَ ٢٥ قُلۡ إِنَّمَا ٱلۡعِلۡمُ عِندَ
ٱللَّهِ وَإِنَّمَآ أَنَا۠ نَذِيرٞ مُّبِينٞ ٢٦ فَلَمَّا رَأَوۡهُ زُلۡفَةٗ سِيٓـَٔتۡ وُجُوهُ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ وَقِيلَ
هَٰذَا ٱلَّذِي كُنتُم بِهِۦ تَدَّعُونَ ٢٧

19 Оё ба паррандагоне, ки болои сарашон аст ва гоҳ болҳои худро густурда ва гоҳ ҷамъ мекунанд, нигоҳ накарданд?! Ҷуз

Худованди раҳмон касе онҳоро бар фарози Осмон нигаҳ намедорад, чаро (ки) Ӯ ба ҳар чиз биност.
20 Оё ин касе, ки лашкари шумост, метавонад шуморо дар баробари Худованди раҳмон ёрӣ диҳад, вале кофирон танҳо гирифтори фиребанд.
21 Ё он зот, ки шуморо рӯзӣ медиҳад, агар рӯзияшро боз дорад, (чӣ касе метавонад) ниёзи шуморо таъмин кунад? Балки онҳо дар саркашӣ ва фирор аз ҳақиқат мебошанд.
22 Оё касе, ки ба рӯ афтода ҳаракат мекунад, ба ҳидоят наздиктар аст, ё касе ки истода ба роҳи рост меравад, ки дар он ҳеҷ каҷӣ нест?
23 Бигӯ: Ӯ зоте аст, ки шуморо офарид ва барои шумо гӯшу чашму қалб қарор дод, аммо камтар сипосгузорӣ мекунед.
24 Бигӯ: Ӯ зоте аст, ки шуморо дар Замин офарид ва ба сӯйи Ӯ гирд оварда мешавед.
25 Онҳо (аз рӯйи истеҳзо) мегӯянд: Агар рост мегӯед, ин ваъдаи қиёмат чӣ замоне аст?!
26 Ба онҳо бигӯ: Илми он танҳо назди Худост ва ман танҳо бимдиҳандаи ошкоре ҳастам.
27 Ҳангоме ки он (ваъдаи илоҳӣ)-ро аз наздик мебинанд, сурати кофирон зишту сиёҳ мегардад ва ба онҳо гуфта мешавад: Ин ҳамон чизе аст, ки бо шитоб металабидед.

قُلْ أَرَءَيْتُمْ إِنْ أَهْلَكَنِىَ ٱللَّهُ وَمَن مَّعِىَ أَوْ رَحِمَنَا فَمَن يُجِيرُ ٱلْكَـٰفِرِينَ مِنْ عَذَابٍ
أَلِيمٍ ﴿٢٨﴾ قُلْ هُوَ ٱلرَّحْمَـٰنُ ءَامَنَّا بِهِۦ وَعَلَيْهِ تَوَكَّلْنَا فَسَتَعْلَمُونَ مَنْ هُوَ فِى ضَلَـٰلٍ
مُّبِينٍ ﴿٢٩﴾ قُلْ أَرَءَيْتُمْ إِنْ أَصْبَحَ مَآؤُكُمْ غَوْرًا فَمَن يَأْتِيكُم بِمَآءٍ مَّعِينٍ ﴿٣٠﴾

28 Бигӯ: Ба ман хабар диҳед агар Худованд маро ва тамоми касоне, ки бо ман ҳастанд, ҳалок кунад ё мавриди тараҳҳум қарор диҳад, чӣ касе кофиронро аз азоби дарднок паноҳ медиҳад?
29 Ба онҳо бигӯ: Ӯ Худованди раҳмон аст, мо ба Ӯ имон оварда ва бар Ӯ таваккал кардаем ва ба зудӣ медонед чи касе дар гумроҳии ошкор аст.
30 Ба онҳо бигӯ: Ба ман хабар диҳед, агар обҳои (сарзамини) шумо дар Замин фурӯ равад, чӣ касе метавонад оби ҷорӣ ва гуворо дар дастраси шумо қарор диҳад?!

## 68-СУРАИ «ҚАЛАМ»

نٓ وَٱلْقَلَمِ وَمَا يَسْطُرُونَ ﴿١﴾ مَآ أَنتَ بِنِعْمَةِ رَبِّكَ بِمَجْنُونٍ ﴿٢﴾ وَإِنَّ لَكَ لَأَجْرًا
غَيْرَ مَمْنُونٍ ﴿٣﴾ وَإِنَّكَ لَعَلَىٰ خُلُقٍ عَظِيمٍ ﴿٤﴾ فَسَتُبْصِرُ وَيُبْصِرُونَ ﴿٥﴾ بِأَييِّكُمُ
ٱلْمَفْتُونُ ﴿٦﴾ إِنَّ رَبَّكَ هُوَ أَعْلَمُ بِمَن ضَلَّ عَن سَبِيلِهِۦ وَهُوَ أَعْلَمُ بِٱلْمُهْتَدِينَ ﴿٧﴾

1 «Нун» ҳарфи муқаттаъ аст, ки аз муъҷиза будан ва калимоти асроромези Қуръон маҳсуб мешавад ва Худост, ки ба муроди он

доно мебошад, савганд ба қалам ва он чӣ менависанд.
2 Ба (баракати) неъмати Парвардигорат ту девона нестӣ.
3 Ва барои ту подоши азим ва ҳамешагӣ аст.
4 Ва ту ахлоқи азим ва барҷастае дорӣ.
5 Ба зудӣ ту мебинӣ ва онон низ мебинанд,
6 ки девонагӣ дар кадом яке аз шумост.
7 Албатта, Парвардигори ту беҳтар медонад чи касе аз роҳи Ӯ гумроҳ шудааст ва Ӯ ҳидоятёфтагонро низ беҳтар мешиносад.

فَلَا تُطِعِ ٱلۡمُكَذِّبِينَ ٨ وَدُّواْ لَوۡ تُدۡهِنُ فَيُدۡهِنُونَ ٩ وَلَا تُطِعۡ كُلَّ حَلَّافٖ
مَّهِينٍ ١٠ هَمَّازٖ مَّشَّآءِۭ بِنَمِيمٖ ١١ مَّنَّاعٖ لِّلۡخَيۡرِ مُعۡتَدٍ أَثِيمٍ ١٢ عُتُلِّۭ بَعۡدَ ذَٰلِكَ
زَنِيمٍ ١٣ أَن كَانَ ذَا مَالٖ وَبَنِينَ ١٤ إِذَا تُتۡلَىٰ عَلَيۡهِ ءَايَٰتُنَا قَالَ أَسَٰطِيرُ ٱلۡأَوَّلِينَ
١٥ سَنَسِمُهُۥ عَلَى ٱلۡخُرۡطُومِ ١٦

8 Пас, эй Расул бар дини худ устувор бош ва ба дурӯғшуморандагон итоъат макун.
9 Таманно ва дӯст доранд, ки бо онҳо нармӣ кунӣ, то барои ту нармӣ кунанд.
10 Ва аз ҳар касе, ки бисёр савганд ёд мекунад ва паст аст, итоъат макун.
11 Касе ки бисёр айбҷӯст ва ба суханчинӣ омадушуд мекунад.
12 (Касе ки) бисёр монеи кори хайр ва таҷовузгари гуноҳкор аст.
13 Илова бар инҳо дағалмарде, ки бадхулқ ва бадрафтор аст, зинозода, (ҳаромзодаи бепадар,)
14 Мабодо ба хотири ин, ки соҳиби мол ва фарзандони фаровон аст (аз ӯ пайравӣ кунӣ).
15 Ҳангоме ки оёти мо бар ӯ хонда мешавад, мегӯяд: Инҳо афсонаҳои хурофотии пешиниён аст.
16 Мо ба зудӣ бар бинии ӯ аломат ва доғи нанг мениҳем.

إِنَّا بَلَوۡنَٰهُمۡ كَمَا بَلَوۡنَآ أَصۡحَٰبَ ٱلۡجَنَّةِ إِذۡ أَقۡسَمُواْ لَيَصۡرِمُنَّهَا مُصۡبِحِينَ ١٧ وَلَا
يَسۡتَثۡنُونَ ١٨ فَطَافَ عَلَيۡهَا طَآئِفٞ مِّن رَّبِّكَ وَهُمۡ نَآئِمُونَ ١٩ فَأَصۡبَحَتۡ
كَٱلصَّرِيمِ ٢٠ فَتَنَادَوۡاْ مُصۡبِحِينَ ٢١ أَنِ ٱغۡدُواْ عَلَىٰ حَرۡثِكُمۡ إِن كُنتُمۡ صَٰرِمِينَ
٢٢ فَٱنطَلَقُواْ وَهُمۡ يَتَخَٰفَتُونَ ٢٣ أَن لَّا يَدۡخُلَنَّهَا ٱلۡيَوۡمَ عَلَيۡكُم مِّسۡكِينٞ ٢٤
وَغَدَوۡاْ عَلَىٰ حَرۡدٖ قَٰدِرِينَ ٢٥ فَلَمَّا رَأَوۡهَا قَالُوٓاْ إِنَّا لَضَآلُّونَ ٢٦ بَلۡ نَحۡنُ مَحۡرُومُونَ
٢٧ قَالَ أَوۡسَطُهُمۡ أَلَمۡ أَقُل لَّكُمۡ لَوۡلَا تُسَبِّحُونَ ٢٨ قَالُواْ سُبۡحَٰنَ رَبِّنَآ إِنَّا كُنَّا
ظَٰلِمِينَ ٢٩ فَأَقۡبَلَ بَعۡضُهُمۡ عَلَىٰ بَعۡضٖ يَتَلَٰوَمُونَ ٣٠ قَالُواْ يَٰوَيۡلَنَآ إِنَّا كُنَّا طَٰغِينَ
٣١ عَسَىٰ رَبُّنَآ أَن يُبۡدِلَنَا خَيۡرٗا مِّنۡهَآ إِنَّآ إِلَىٰ رَبِّنَا رَٰغِبُونَ ٣٢ كَذَٰلِكَ ٱلۡعَذَابُۖ
وَلَعَذَابُ ٱلۡأٓخِرَةِ أَكۡبَرُۚ لَوۡ كَانُواْ يَعۡلَمُونَ ٣٣

17 Мо онҳо (куффори Макка)-ро озмудем, ҳамон гуна ки
соҳибони боғро озмоиш кардем, ҳангоме ки савганд ёд карданд
меваҳои боғро субҳгоҳон (дур аз чашми мустамандон) бичинанд.
18 Ва ҳеч аз он истисно накунанд.
19 Аммо азоби фарогир (шабҳангом) бар (тамоми) боғи онҳо
фурӯд омад, дар ҳоле ки ҳама дар хоб буданд.
20 Он боғи сарсабз ҳамчун шаби сиёҳу зулмонӣ шуд.
21 Соҳибони боғ ба гумони ин ки дарахтҳои пурборашон омода
барои чидани мева аст, субҳгоҳон якдигарро садо заданд,
22 ки ба сӯйи киштзору боғи худ ҳаракат кунед, агар қасди
чидани меваҳоро доред.
23 Онҳо (ба сӯйи боғ) ҳаракат карданд, дар ҳоле ки оҳиста бо ҳам
мегуфтанд:
24 ки имрӯз набояд мискине ба боғи шумо дарояд.
25 Онҳо субҳгоҳон тасмим доштанд, ки метавонанд бенаворо
манъ кунанд, берун шуданд.
26 (Аммо) ҳангоме ки (вориди боғ шуданд ва) онро диданд,
гуфтанд: Ҳаққан, мо гумроҳем.
27 Балки мо маҳрумем.
28 Яке аз онҳо, ки аз ҳама оқилтар буд, гуфт: Оё ба шумо
нагуфтам чаро
тасбеҳи Худо намегӯед (ва "иншоаллоҳ"
нагуфтед)?
29 Гуфтанд: Муназзаҳ аст Парвардигори мо (аз ҳар гуна зулму
ситам), ҳароина, мо золим будем.
30 Сипас рӯ ба якдигар карда ба маломати ҳам пардохтанд.
31 Гуфтанд: Вой бар мо, ки туғёнгар будем.
32 Умедворем Парвардигорамон (гуноҳони моро бибахшад ва)
беҳтар аз он ба ҷойи он ба мо бидиҳад, чаро ки мо ба Ӯ
алоқамандем ва ба зоти покаш дил бастаем.
33 Ин гуна аст азоби (Худованд дар дунё) ва азоби охират аз он
ҳам бузургтар аст, агар медонистанд.

إِنَّ لِلْمُتَّقِينَ عِندَ رَبِّهِمْ جَنَّٰتِ ٱلنَّعِيمِ ٣٤ أَفَنَجْعَلُ ٱلْمُسْلِمِينَ كَٱلْمُجْرِمِينَ ٣٥ مَا
لَكُمْ كَيْفَ تَحْكُمُونَ ٣٦ أَمْ لَكُمْ كِتَٰبٌ فِيهِ تَدْرُسُونَ ٣٧ إِنَّ لَكُمْ فِيهِ لَمَا
تَخَيَّرُونَ ٣٨ أَمْ لَكُمْ أَيْمَٰنٌ عَلَيْنَا بَٰلِغَةٌ إِلَىٰ يَوْمِ ٱلْقِيَٰمَةِ إِنَّ لَكُمْ لَمَا تَحْكُمُونَ ٣٩
سَلْهُمْ أَيُّهُم بِذَٰلِكَ زَعِيمٌ ٤٠ أَمْ لَهُمْ شُرَكَآءُ فَلْيَأْتُوا۟ بِشُرَكَآئِهِمْ إِن كَانُوا۟ صَٰدِقِينَ ٤١

34 Барои парҳезгорон назди Парвардигорашон боғҳои
пурнеъмати биҳишт аст.
35 Оё мӯъминонро (ки дар баробари ҳақ ва адолат таслиманд)
ҳамчун мушрикон ва муҷримон қарор диҳем?
36 Шуморо чӣ мешавад? Чӣ гуна доварӣ мекунед?
37 Оё китобе доред, ки аз он дарс мехонед?

38 Ва ба таҳқиқ, ҳар чӣ ихтиёр кунед, дар он ҳаст?
39 Ё ин ки шумо бар ӯҳдаи Мо аҳду паймони устуворе доред, ки то рӯзи қиёмат ҳар чиро ҳукм кунед, ҳақ барои шумо бошад?!
40 Аз онҳо бипурс, кадом якеашон зомини чунин паймонест?
41 Ё ин ки маъбудоне доранд, ки онҳоро шарики Худо қарор додаанд, (ва барои онон шафоат мекунанд) агар рост мегӯянд, маъбудони худро биёваранд!

يَوْمَ يُكْشَفُ عَن سَاقٍ وَيُدْعَوْنَ إِلَى ٱلسُّجُودِ فَلَا يَسْتَطِيعُونَ ﴿٤٢﴾ خَٰشِعَةً
أَبْصَٰرُهُمْ تَرْهَقُهُمْ ذِلَّةٌ وَقَدْ كَانُوا۟ يُدْعَوْنَ إِلَى ٱلسُّجُودِ وَهُمْ سَٰلِمُونَ ﴿٤٣﴾
فَذَرْنِى وَمَن يُكَذِّبُ بِهَٰذَا ٱلْحَدِيثِ سَنَسْتَدْرِجُهُم مِّنْ حَيْثُ لَا يَعْلَمُونَ ﴿٤٤﴾
وَأُمْلِى لَهُمْ إِنَّ كَيْدِى مَتِينٌ ﴿٤٥﴾ أَمْ تَسْـَٔلُهُمْ أَجْرًا فَهُم مِّن مَّغْرَمٍ مُّثْقَلُونَ ﴿٤٦﴾
أَمْ عِندَهُمُ ٱلْغَيْبُ فَهُمْ يَكْتُبُونَ ﴿٤٧﴾ فَٱصْبِرْ لِحُكْمِ رَبِّكَ وَلَا تَكُن
كَصَاحِبِ ٱلْحُوتِ إِذْ نَادَىٰ وَهُوَ مَكْظُومٌ ﴿٤٨﴾

42 Рӯзеро, ки Худованд соқи худро бараҳна мекунад ва даъват ба суҷуд мешаванд, аммо наметавонанд суҷуд кунанд. (Соқе, ки ба ҷалолу камоли Ӯ лоиқ аст ва ба ҳеч чиз шабоҳате надорад).
43 Ин дар ҳоле аст, ки чашмҳояшон (аз шиддати шармсорӣ) ба зер афтода ва зиллату хории тамом вуҷудашонро фаро гирифта, онҳо пеш аз ин (дар дори дунё) даъват ба суҷуд мешуданд, дар ҳоле ки солим буданд.
44 Пас, эй Расул, Маро бо касе, ки ин сухан (Қуръон)-ро дурӯғ мебарорад, вогузор, мо ононро аз он ҷо, ки намедонанд, ба тадриҷ ба сӯйи азоб пеш мебарем.
45 Ва ба онҳо мӯҳлат медиҳам (ва дар азобашон аҷала нахоҳам кард), чаро ки нақшаҳои Ман маҳкаму дақиқ (ва азоби ман шадид) аст.
46 Ё ин ки ту аз онҳо музде металабӣ, ки пардохташ барои онҳо сангин аст?
47 Ё асрори ғайб назди онҳост ва онро менависанд?
48 Акнун, ки чунин аст, сабр кун ва мунтазири фармони Парвардигорат бош ва монанди соҳиби моҳӣ (Юнус) мабош, ки дар он замон бо ниҳояти андӯҳ Худоро (аз даруни шиками моҳӣ) хонд.

لَّوْلَآ أَن تَدَٰرَكَهُۥ نِعْمَةٌ مِّن رَّبِّهِۦ لَنُبِذَ بِٱلْعَرَآءِ وَهُوَ مَذْمُومٌ ﴿٤٩﴾ فَٱجْتَبَٰهُ رَبُّهُۥ
فَجَعَلَهُۥ مِنَ ٱلصَّٰلِحِينَ ﴿٥٠﴾ وَإِن يَكَادُ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ لَيُزْلِقُونَكَ بِأَبْصَٰرِهِمْ
لَمَّا سَمِعُوا۟ ٱلذِّكْرَ وَيَقُولُونَ إِنَّهُۥ لَمَجْنُونٌ ﴿٥١﴾ وَمَا هُوَ إِلَّا ذِكْرٌ لِّلْعَٰلَمِينَ ﴿٥٢﴾

49 Агар неъмате аз сӯи Парвардигораш ӯро дарнамеёфт, яқинан аз шиками моҳӣ ба саҳрои беобу гиёҳ партофта мешуд, дар ҳоле, ки ӯ бадҳол буд.

50 Вале Парвардигораш ӯро баргузид ва аз солиҳон қарор дод.
51 Наздик аст кофирон, ҳангоме ки оёти Қуръонро мешунаванд, бо чашми захми худ туро аз байн бибаранд ва мегӯянд: Ӯ девона аст.
52 Дар ҳоле ки ин (Қуръон) ҷуз панде барои ҷаҳониён нест.

## 69-СУРАИ «АЛ-ҲОҚҚА»

ٱلْحَآقَّةُ ١ مَا ٱلْحَآقَّةُ ٢ وَمَآ أَدْرَىٰكَ مَا ٱلْحَآقَّةُ ٣ كَذَّبَتْ ثَمُودُ وَعَادٌۢ بِٱلْقَارِعَةِ ٤
فَأَمَّا ثَمُودُ فَأُهْلِكُوا۟ بِٱلطَّاغِيَةِ ٥ وَأَمَّا عَادٌ فَأُهْلِكُوا۟ بِرِيحٍ صَرْصَرٍ عَاتِيَةٍ ٦ سَخَّرَهَا
عَلَيْهِمْ سَبْعَ لَيَالٍ وَثَمَٰنِيَةَ أَيَّامٍ حُسُومًا فَتَرَى ٱلْقَوْمَ فِيهَا صَرْعَىٰ كَأَنَّهُمْ أَعْجَازُ
نَخْلٍ خَاوِيَةٍ ٧ فَهَلْ تَرَىٰ لَهُم مِّنۢ بَاقِيَةٍ ٨ وَجَآءَ فِرْعَوْنُ وَمَن قَبْلَهُۥ وَٱلْمُؤْتَفِكَٰتُ
بِٱلْخَاطِئَةِ ٩ فَعَصَوْا۟ رَسُولَ رَبِّهِمْ فَأَخَذَهُمْ أَخْذَةً رَّابِيَةً ١٠ إِنَّا لَمَّا طَغَا ٱلْمَآءُ
حَمَلْنَٰكُمْ فِى ٱلْجَارِيَةِ ١١ لِنَجْعَلَهَا لَكُمْ تَذْكِرَةً وَتَعِيَهَآ أُذُنٌ وَٰعِيَةٌ ١٢

1 Қиёмат рӯзе аст, ки мусалламан воқеъ мешавад.
2 Чӣ рӯзи воқеъшуданӣ!
3 Ва ту чӣ медонӣ он рӯзи воқеъ шуданӣ чист?
4 Қавми Самуд ва Од азоби кӯбандаи илоҳиро инкор карданд.
5 Аммо қавми Самуд бо азоби саркаш ҳалок шуданд.
6 Ва аммо қавми Од бо тундбоди туғёнгар ва пурсарусадо ба ҳалокат расиданд.
7 (Худованд) ин тундбоди решаканро ҳафт шабу ҳашт рӯз пай дар пай бар онҳо мусаллат сохт. Ва агар медидӣ, ки он қавм ҳамчун танаҳои пӯсида ва дарунхолии дарахтони нахл дар миёни ин тундбод
рӯйи Замин афтода ва ҳалок шудаанд.
8 Оё касе аз онҳоро боқӣ мебинӣ?
9 Ва Фиръавн ва касоне, ки пеш аз ӯ буданд ва ҳамчунин аҳли шаҳрҳои зеру рӯшуда (қавми Лут) муртакиби гуноҳони бузург шуданд.
10 Ва бо фиристодаи Парвардигорашон мухолифат карданд ва Худованд онҳоро ба азоби шадиде гирифтор сохт.
11 Ва ҳангоме, ки об туғён кард мо шуморо бар киштӣ савор кардем.
12 То онро василаи пандгирӣ барои шумо қарор диҳем ва гӯшҳои шунаво онро дарёбад ва бифаҳмад.

فَإِذَا نُفِخَ فِى ٱلصُّورِ نَفْخَةٌ وَٰحِدَةٌ ١٣ وَحُمِلَتِ ٱلْأَرْضُ وَٱلْجِبَالُ فَدُكَّتَا دَكَّةً وَٰحِدَةً
١٤ فَيَوْمَئِذٍ وَقَعَتِ ٱلْوَاقِعَةُ ١٥ وَٱنشَقَّتِ ٱلسَّمَآءُ فَهِىَ يَوْمَئِذٍ وَاهِيَةٌ ١٦ وَٱلْمَلَكُ عَلَىٰٓ
أَرْجَآئِهَا وَيَحْمِلُ عَرْشَ رَبِّكَ فَوْقَهُمْ يَوْمَئِذٍ ثَمَٰنِيَةٌ ١٧ يَوْمَئِذٍ تُعْرَضُونَ لَا تَخْفَىٰ
مِنكُمْ خَافِيَةٌ ١٨

13 Ба маҳзи ин, ки як бор дар сур дамида шавад.
14 Ва (ҳангоме ки) замину кӯҳҳо аз ҷо бардошта шаванд ва якбора дар ҳам кубида пас шикаста шаванд.
15 Дар он рӯз воқеаи азим рӯй медиҳад ва қиёмат барпо мешавад.
16 Осмонҳо аз ҳам мешикофад ва суст мегардад ва фурӯ мерезад.
17 Фариштагон дар атрофи Осмон қарор мегиранд ва он рӯз Арши Парвардигоратро ҳашт фаришта бар болои сарашон мебардоранд.
18 Он рӯз шуморо, барои ҳисобу ҷазо назди Парвардигоратон пеш оваранд ва ҳеҷ чиз аз асрори шумо ниҳон намонад.

فَأَمَّا مَنْ أُوتِيَ كِتَٰبَهُۥ بِيَمِينِهِۦ فَيَقُولُ هَآؤُمُ ٱقْرَءُوا۟ كِتَٰبِيَهْ ﴿١٩﴾ إِنِّى ظَنَنتُ أَنِّى مُلَٰقٍ
حِسَابِيَهْ ﴿٢٠﴾ فَهُوَ فِى عِيشَةٍ رَّاضِيَةٍ ﴿٢١﴾ فِى جَنَّةٍ عَالِيَةٍ ﴿٢٢﴾ قُطُوفُهَا دَانِيَةٌ ﴿٢٣﴾ كُلُوا۟
وَٱشْرَبُوا۟ هَنِيٓـًٔا بِمَآ أَسْلَفْتُمْ فِى ٱلْأَيَّامِ ٱلْخَالِيَةِ ﴿٢٤﴾

19 Пас чун ҳар касро, ки номаи аъмолашро ба дасти росташ диҳанд, пас аз хурсандӣ мегӯяд: Номаи маро бигиреду бихонед.
20 Ман дар дунё яқин доштам, ки ҳисоби худро рӯзи қиёмат хоҳам дид.
21 Пас ӯ дар як зиндагии (комилан) ризоятбахш қарор хоҳад дошт.
22 Дар биҳишти олӣ,
23 ки меваҳояш дастрас бошад.
24 Бихӯред ва биёшомед гуворо дар баробари аъмоле, ки дар рӯзҳои гузашта анҷом додед.

وَأَمَّا مَنْ أُوتِيَ كِتَٰبَهُۥ بِشِمَالِهِۦ فَيَقُولُ يَٰلَيْتَنِى لَمْ أُوتَ كِتَٰبِيَهْ ﴿٢٥﴾ وَلَمْ أَدْرِ مَا حِسَابِيَهْ
﴿٢٦﴾ يَٰلَيْتَهَا كَانَتِ ٱلْقَاضِيَةَ ﴿٢٧﴾ مَآ أَغْنَىٰ عَنِّى مَالِيَهْ ۜ ﴿٢٨﴾ هَلَكَ عَنِّى سُلْطَٰنِيَهْ ﴿٢٩﴾ خُذُوهُ
فَغُلُّوهُ ﴿٣٠﴾ ثُمَّ ٱلْجَحِيمَ صَلُّوهُ ﴿٣١﴾ ثُمَّ فِى سِلْسِلَةٍ ذَرْعُهَا سَبْعُونَ ذِرَاعًا فَٱسْلُكُوهُ ﴿٣٢﴾
إِنَّهُۥ كَانَ لَا يُؤْمِنُ بِٱللَّهِ ٱلْعَظِيمِ ﴿٣٣﴾ وَلَا يَحُضُّ عَلَىٰ طَعَامِ ٱلْمِسْكِينِ ﴿٣٤﴾ فَلَيْسَ لَهُ
ٱلْيَوْمَ هَٰهُنَا حَمِيمٌ ﴿٣٥﴾ وَلَا طَعَامٌ إِلَّا مِنْ غِسْلِينٍ ﴿٣٦﴾ لَّا يَأْكُلُهُۥٓ إِلَّا ٱلْخَٰطِـُٔونَ ﴿٣٧﴾

25 Аммо касе, ки номаи аъмолашро ба дасти чапаш бидиҳанд, мегӯяд: Эй кош, ҳаргиз номаи аъмоламро ба ман намедоданд.
26 Ва намедонистам ҳисоби ман чист.
27 Эй кош, маргам фаро мерасид.
28 Молу сарватам ҳаргиз маро суд набахшид.
29 (Қудрат) ва ҳуҷҷатам низ аз даст рафт.
30 Ӯро бигиред ва дар банду занҷираш кунед.
31 Сипас (гуфта мешавад:) Ӯро дар дӯзах бияфканед.
32 Баъд ӯро ба занҷире, ки ҳафтод зироъ аст, бибандед.
33 Чаро ки ӯ ҳаргиз ба Худованди бузург имон намеоварад.
34 Ва ҳаргиз мардумро бар итъоми (таом додани) мустамандон

ташвиқ наменамуд.

35 Пас барои кофир имрӯз дар ин ҷо дар рӯзи қиёмат дӯсти самиме ва меҳрубоне надорад.

36 Ва на таоме ҷуз аз чирку хун.

37 Танҳо хатокорон, ки бар куфри худ пойдоранд аз он таъом мехӯранд.

فَلَآ أُقۡسِمُ بِمَا تُبۡصِرُونَ ٣٨ وَمَا لَا تُبۡصِرُونَ ٣٩ إِنَّهُۥ لَقَوۡلُ رَسُولٖ كَرِيمٖ ٤٠
وَمَا هُوَ بِقَوۡلِ شَاعِرٖۚ قَلِيلٗا مَّا تُؤۡمِنُونَ ٤١ وَلَا بِقَوۡلِ كَاهِنٖۚ قَلِيلٗا مَّا
تَذَكَّرُونَ ٤٢ تَنزِيلٞ مِّن رَّبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٤٣

38 Савганд ба он чӣ мебинед аз диданиҳо.

39 Ва он чи намебинед аз нодиданиҳо,

40 ки ин Қуръон сухани фиристодае бузургвор аст, ки расули бузургворе онро тиловат мекунад.

41 Ва гуфтаи шоире нест, аммо камтар имон меоваред.

42 Ва низ сухани коҳине (фолбин, ҷодугар) нест. Чӣ андак панд мегиред!

43 Каломе аст, ки аз сӯйи Парвардигори оламиён нозил шудааст.

وَلَوۡ تَقَوَّلَ عَلَيۡنَا بَعۡضَ ٱلۡأَقَاوِيلِ ٤٤ لَأَخَذۡنَا مِنۡهُ بِٱلۡيَمِينِ ٤٥ ثُمَّ لَقَطَعۡنَا مِنۡهُ ٱلۡوَتِينَ
٤٦ فَمَا مِنكُم مِّنۡ أَحَدٍ عَنۡهُ حَٰجِزِينَ ٤٧ وَإِنَّهُۥ لَتَذۡكِرَةٞ لِّلۡمُتَّقِينَ ٤٨ وَإِنَّا لَنَعۡلَمُ أَنَّ
مِنكُم مُّكَذِّبِينَ ٤٩ وَإِنَّهُۥ لَحَسۡرَةٌ عَلَى ٱلۡكَٰفِرِينَ ٥٠ وَإِنَّهُۥ لَحَقُّ ٱلۡيَقِينِ ٥١ فَسَبِّحۡ
بِٱسۡمِ رَبِّكَ ٱلۡعَظِيمِ ٥٢

44 Агар ӯ сухани дурӯғ бар мо мебаст.

45 Мо ӯро бо қудрат (ва дасти рост) мегирифтем.

46 Сипас раги қалбашро қатъ мекардем.

47 Ва ҳеч кас аз шумо наметавонист аз азоби Ӯ монеъ шавад.

48 Ва он (Қуръон) панде барои парҳезгорон аст.

49 Ва мо медонем, ки баъзе аз шумо (онро) дурӯғшуморандаед.

50 Ва он мояи ҳасрати кофирон аст.

51 Ва он (Қуръон) яқини холис аст.

52 Ҳол ки чунин аст, ба номи Парвардигори бузург тасбеҳ гӯй (ва Ӯро аз ҳар гуна айбу нуқс муназзаҳ гардон).

## 70-СУРАИ «МАЪОРИҶ»

سَأَلَ سَآئِلُۢ بِعَذَابٖ وَاقِعٖ ١ لِّلۡكَٰفِرِينَ لَيۡسَ لَهُۥ دَافِعٞ ٢ مِّنَ ٱللَّهِ ذِي
ٱلۡمَعَارِجِ ٣ تَعۡرُجُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ وَٱلرُّوحُ إِلَيۡهِ فِي يَوۡمٖ كَانَ مِقۡدَارُهُۥ خَمۡسِينَ
أَلۡفَ سَنَةٖ ٤ فَٱصۡبِرۡ صَبۡرٗا جَمِيلًا ٥ إِنَّهُمۡ يَرَوۡنَهُۥ بَعِيدٗا ٦ وَنَرَىٰهُ قَرِيبٗا ٧

1 Пурсандае аз азобе пурсид, ки

2 бар кофирон фурӯд хоҳад омад, ки ҳеч касе онро дафъ натавонад кард.

3 Аз ҷониби Аллоҳе, ки соҳиби мартабаҳои бузургу олист.
4 Фариштагон ва рӯҳ (Ҷибриил) ба сӯйи Ӯ боло мераванд дар он рӯзе, ки миқдораш панҷоҳ ҳазор сол аст.
5 Пас сабр ва шикебоии зебо пеша кун.
6 Зеро онҳо (азоби) он рӯзро дур мебинанд.
7 Ва мо онро наздик мебинем.

يَوْمَ تَكُونُ ٱلسَّمَآءُ كَٱلْمُهْلِ ﴿٨﴾ وَتَكُونُ ٱلْجِبَالُ كَٱلْعِهْنِ ﴿٩﴾ وَلَا يَسْـَٔلُ حَمِيمٌ
حَمِيمًا ﴿١٠﴾ يُبَصَّرُونَهُمْ يَوَدُّ ٱلْمُجْرِمُ لَوْ يَفْتَدِى مِنْ عَذَابِ يَوْمِئِذٍۭ بِبَنِيهِ ﴿١١﴾ وَصَٰحِبَتِهِۦ
وَأَخِيهِ ﴿١٢﴾ وَفَصِيلَتِهِ ٱلَّتِى تُـْٔوِيهِ ﴿١٣﴾ وَمَن فِى ٱلْأَرْضِ جَمِيعًا ثُمَّ يُنجِيهِ ﴿١٤﴾ كَلَّآ
إِنَّهَا لَظَىٰ ﴿١٥﴾ نَزَّاعَةً لِّلشَّوَىٰ ﴿١٦﴾ تَدْعُوا۟ مَنْ أَدْبَرَ وَتَوَلَّىٰ ﴿١٧﴾ وَجَمَعَ فَأَوْعَىٰٓ ﴿١٨﴾

8 Ҳамон рӯз, ки Осмон чун мис гудохта мешавад.
9 Ва кӯҳҳо монанди пашми рангин пошхӯрда хоҳад буд.
10 Ва ҳеч дӯсти самимие суроғи дӯсташро намегирад.
11 Онҳоро нишонашон медиҳанд, гунаҳкор дӯст медорад фарзандони худро дар баробари азоби он рӯз фидо кунад.
12 **12**Ҳамсару бародарашро.
13 **13** Ва қабилааашро, ки ҳамеша аз ӯ ҳимоят мекард.
14 (Балки) ҳамаи мардуми рӯйи заминро, то мояи наҷоташ шаванд.
15 Ҳаргиз чунин нест, шуълаҳои сӯзони оташ аст.
16 Дасту пой ва пӯсти сарро меканад ва бо худ мебарад.
17 Ва касонеро, ки ба фармони Худо пушт карданд (ва аз итоати Ӯ рӯйгардон шуданд), садо мезанад.
18 Амволро ҷамъ ва захира карданд (ва дар роҳи Худо инфоқ накарданд).

إِنَّ ٱلْإِنسَٰنَ خُلِقَ هَلُوعًا ﴿١٩﴾ إِذَا مَسَّهُ ٱلشَّرُّ جَزُوعًا ﴿٢٠﴾ وَإِذَا مَسَّهُ ٱلْخَيْرُ مَنُوعًا
﴿٢١﴾ إِلَّا ٱلْمُصَلِّينَ ﴿٢٢﴾ ٱلَّذِينَ هُمْ عَلَىٰ صَلَاتِهِمْ دَآئِمُونَ ﴿٢٣﴾ وَٱلَّذِينَ فِىٓ أَمْوَٰلِهِمْ
حَقٌّ مَّعْلُومٌ ﴿٢٤﴾ لِّلسَّآئِلِ وَٱلْمَحْرُومِ ﴿٢٥﴾ وَٱلَّذِينَ يُصَدِّقُونَ بِيَوْمِ ٱلدِّينِ ﴿٢٦﴾
وَٱلَّذِينَ هُم مِّنْ عَذَابِ رَبِّهِم مُّشْفِقُونَ ﴿٢٧﴾ إِنَّ عَذَابَ رَبِّهِمْ غَيْرُ مَأْمُونٍ ﴿٢٨﴾
وَٱلَّذِينَ هُمْ لِفُرُوجِهِمْ حَٰفِظُونَ ﴿٢٩﴾ إِلَّا عَلَىٰٓ أَزْوَٰجِهِمْ أَوْ مَا مَلَكَتْ أَيْمَٰنُهُمْ
فَإِنَّهُمْ غَيْرُ مَلُومِينَ ﴿٣٠﴾ فَمَنِ ٱبْتَغَىٰ وَرَآءَ ذَٰلِكَ فَأُو۟لَٰٓئِكَ هُمُ ٱلْعَادُونَ ﴿٣١﴾
وَٱلَّذِينَ هُمْ لِأَمَٰنَٰتِهِمْ وَعَهْدِهِمْ رَٰعُونَ ﴿٣٢﴾ وَٱلَّذِينَ هُم بِشَهَٰدَٰتِهِمْ قَآئِمُونَ ﴿٣٣﴾
وَٱلَّذِينَ هُمْ عَلَىٰ صَلَاتِهِمْ يُحَافِظُونَ ﴿٣٤﴾ أُو۟لَٰٓئِكَ فِى جَنَّٰتٍ مُّكْرَمُونَ ﴿٣٥﴾

19 Инсон ҳарис ва камтоқат офарида шудааст.
20 Ҳангоме ки бадӣ ба ӯ расад, бетобӣ мекунад.
21 Ва ҳангоме ки хубӣ ба ӯ расад, монеи дигарон мешавад (ва бухл меварзад).

22 Магар намозгузорон.
23 Онҳо, ки намозҳоро пайваста ба ҷо меоваранд.
24 Ва онҳо, ки дар амволашон ҳақи маълуме аст.
25 Барои гадо ва маҳрум.
26 Ва онҳо, ки ба рӯзи ҷазо имон доранд.
27 Ва онҳо, ки аз азоби Парвардигорашон бимноканд.
28 Чаро ки ҳеч кас аз азоби Парвардигораш дар амон нест.
29 Ва онҳо, ки домони хешро (аз бе иффатӣ) ҳифз мекунанд.
30 Ҷуз бо ҳамсарон ва канизонашон, чаро ки баҳрагирӣ аз инҳо мавриди сарзаниш нахоҳад буд.
31 Ва онон, ки ғайри инро биталабанд, аз ҳад гузаштагон ҳастанд.
32 Ва онҳо, ки амонатҳо ва ваъдаи худро риоят мекунанд.
33 Ва касоне, ки ба адои шаҳодаташон қиём менамоянд.
34 Ва касоне, ки бар намоз мувозиб доранд.
35 Онҳо дар боғҳои биҳиштӣ (пазирой ва) гиромӣ дошта мешаванд.

فَمَالِ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ قِبَلَكَ مُهۡطِعِينَ ٣٦ عَنِ ٱلۡيَمِينِ وَعَنِ ٱلشِّمَالِ عِزِينَ ٣٧
أَيَطۡمَعُ كُلُّ ٱمۡرِيٕٖ مِّنۡهُمۡ أَن يُدۡخَلَ جَنَّةَ نَعِيمٖ ٣٨ كَلَّآۖ إِنَّا خَلَقۡنَٰهُم مِّمَّا يَعۡلَمُونَ
٣٩ فَلَآ أُقۡسِمُ بِرَبِّ ٱلۡمَشَٰرِقِ وَٱلۡمَغَٰرِبِ إِنَّا لَقَٰدِرُونَ ٤٠ عَلَىٰٓ أَن نُّبَدِّلَ خَيۡرٗا
مِّنۡهُمۡ وَمَا نَحۡنُ بِمَسۡبُوقِينَ ٤١ فَذَرۡهُمۡ يَخُوضُواْ وَيَلۡعَبُواْ حَتَّىٰ يُلَٰقُواْ يَوۡمَهُمُ ٱلَّذِي
يُوعَدُونَ ٤٢ يَوۡمَ يَخۡرُجُونَ مِنَ ٱلۡأَجۡدَاثِ سِرَاعٗا كَأَنَّهُمۡ إِلَىٰ نُصُبٖ يُوفِضُونَ
٤٣ خَٰشِعَةً أَبۡصَٰرُهُمۡ تَرۡهَقُهُمۡ ذِلَّةٞۚ ذَٰلِكَ ٱلۡيَوۡمُ ٱلَّذِي كَانُواْ يُوعَدُونَ ٤٤

36 Ин кофиронро чӣ мешавад, ки бо суръат назди ту меоянд?
37 Аз росту чап гурӯҳ-гурӯҳ.
38 Оё ҳар як аз онҳо (бо ин аъмоли зишташ) тамаъдорад, ки ӯро дар биҳишти пурнеъмати илоҳӣ ворид кунанд?
39 Ҳаргиз чунин нест (ки вориди боғҳои пурнеъмати биҳишт шаванд), мо онҳоро аз он чи худашон медонанд, офаридаем.
40 Савганд ба Парвардгори машриқҳо ва мағрибҳо, ки мо қодирем.
41 Ки ҷойиононро ба касоне бидиҳем, ки аз онҳо беҳтаранд ва мо ҳаргиз мағлуб ва дармонда нахоҳем шуд.
42 Ононро ба ҳоли худ во гузор, то дар ботили худ фурӯ раванд ва бозӣ кунанд, то замоне, ки рӯзи мавъуди худро мулоқот кунанд.
43 Ҳамон рӯз, ки аз қабрҳо бо суръат хориҷ мешаванд, гӯё ба сӯйи бутҳо медаванд.
44 Дар ҳоле, ки чашмҳояшон аз шарму ваҳшат ба зер афтода ва пардае аз зиллат ва хорӣ онҳоро пӯшондааст, ин ҳамон рӯзе аст, ки ба онҳо ваъда дода мешавад.

# 71-СУРАИ «НӮҲ»

إِنَّآ أَرۡسَلۡنَا نُوحًا إِلَىٰ قَوۡمِهِۦٓ أَنۡ أَنذِرۡ قَوۡمَكَ مِن قَبۡلِ أَن يَأۡتِيَهُمۡ عَذَابٌ أَلِيمٞ ﴿١﴾
قَالَ يَٰقَوۡمِ إِنِّي لَكُمۡ نَذِيرٞ مُّبِينٌ ﴿٢﴾ أَنِ ٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَٱتَّقُوهُ وَأَطِيعُونِ ﴿٣﴾ يَغۡفِرۡ
لَكُم مِّن ذُنُوبِكُمۡ وَيُؤَخِّرۡكُمۡ إِلَىٰٓ أَجَلٖ مُّسَمًّىۚ إِنَّ أَجَلَ ٱللَّهِ إِذَا جَآءَ لَا يُؤَخَّرُ
لَوۡ كُنتُمۡ تَعۡلَمُونَ ﴿٤﴾

1 Мо Нӯҳро ба сӯйи қавмаш фиристодем ва гуфтем: Қавми худро инзор кун пеш аз он ки азоби дарднок ба суроғашон ояд.

2 Нӯҳ гуфт: Эй қавм, ман барои шумо бимдиҳандаи ошкоре ҳастам.

3 Ки Худоро парастиш кунед ва аз мухолифати Ӯ бипарҳезед ва маро итоат намоед.

4 Худованд гуноҳонатонро меомӯрзад ва шуморо то замони муайяне ба таъхир меандозад, зеро ҳангоме ки аҷали илоҳӣ фаро расад, таъхире нахоҳад дошт, агар медонистед.

قَالَ رَبِّ إِنِّي دَعَوۡتُ قَوۡمِي لَيۡلٗا وَنَهَارٗا ﴿٥﴾ فَلَمۡ يَزِدۡهُمۡ دُعَآءِيٓ إِلَّا فِرَارٗا ﴿٦﴾
وَإِنِّي كُلَّمَا دَعَوۡتُهُمۡ لِتَغۡفِرَ لَهُمۡ جَعَلُوٓاْ أَصَٰبِعَهُمۡ فِيٓ ءَاذَانِهِمۡ وَٱسۡتَغۡشَوۡاْ ثِيَابَهُمۡ
وَأَصَرُّواْ وَٱسۡتَكۡبَرُواْ ٱسۡتِكۡبَارٗا ﴿٧﴾ ثُمَّ إِنِّي دَعَوۡتُهُمۡ جِهَارٗا ﴿٨﴾ ثُمَّ إِنِّيٓ أَعۡلَنتُ
لَهُمۡ وَأَسۡرَرۡتُ لَهُمۡ إِسۡرَارٗا ﴿٩﴾ فَقُلۡتُ ٱسۡتَغۡفِرُواْ رَبَّكُمۡ إِنَّهُۥ كَانَ غَفَّارٗا ﴿١٠﴾
يُرۡسِلِ ٱلسَّمَآءَ عَلَيۡكُم مِّدۡرَارٗا ﴿١١﴾ وَيُمۡدِدۡكُم بِأَمۡوَٰلٖ وَبَنِينَ وَيَجۡعَل لَّكُمۡ
جَنَّٰتٖ وَيَجۡعَل لَّكُمۡ أَنۡهَٰرٗا ﴿١٢﴾ مَّا لَكُمۡ لَا تَرۡجُونَ لِلَّهِ وَقَارٗا ﴿١٣﴾ وَقَدۡ
خَلَقَكُمۡ أَطۡوَارًا ﴿١٤﴾ أَلَمۡ تَرَوۡاْ كَيۡفَ خَلَقَ ٱللَّهُ سَبۡعَ سَمَٰوَٰتٖ طِبَاقٗا ﴿١٥﴾ وَجَعَلَ
ٱلۡقَمَرَ فِيهِنَّ نُورٗا وَجَعَلَ ٱلشَّمۡسَ سِرَاجٗا ﴿١٦﴾ وَٱللَّهُ أَنۢبَتَكُم مِّنَ ٱلۡأَرۡضِ نَبَاتٗا
﴿١٧﴾ ثُمَّ يُعِيدُكُمۡ فِيهَا وَيُخۡرِجُكُمۡ إِخۡرَاجٗا ﴿١٨﴾ وَٱللَّهُ جَعَلَ لَكُمُ ٱلۡأَرۡضَ
بِسَاطٗا ﴿١٩﴾ لِّتَسۡلُكُواْ مِنۡهَا سُبُلٗا فِجَاجٗا ﴿٢٠﴾

5 Нӯҳ (алайҳиссалом) гуфт: Парвардгоро, ман қавми худро шабу рӯз ба сӯйи Ту даъват кардам.

6 Аммо даъвати ман чизе ҷуз фирор аз ҳақ бар онон наяфзуд.

7 Худовандо, ман ҳар замон онҳоро даъват кардам, ки Ту онҳоро биёмурзӣ, ангуштони худро дар гӯшҳояшон қарор дода ва ҷома дар сар кашиданд ва бар куфри худ давомат карданд ва такаббур карданд аз қабули имон, такаббур кардани сахт.

8 Сипас онҳоро бо садои баланд (ба итоъати фармони Ту) даъват кардам.

9 Ошкоро ва ниҳон (ҳақиқати
тавҳид ва имонро) барои онон баён доштам.

10 Ба онҳо гуфтам: Аз Парвардигори хеш омӯрзиш биталабед, ки Ӯ бисёр омӯрзанда аст.
11 То боронҳои пурбаракати осмонро пай дар пай бар шумо фурӯ фиристад.
12 Ва шуморо бо амволу фарзандони фаровон кӯмак мекунад ва боғҳои сарсабзу наҳрҳои оби ҷорӣ дар ихтиёратон қарор медиҳад.
13 Шуморо эй қавм чӣ шудааст, ки аз бузургӣ ва азамати Аллоҳ наметарсед.
14 Ва ҳамоно шуморо ба гунаҳои мухталиф биёфарид.
15 Оё намедонед чӣ гуна Худованд ҳафт осмонро яке болои дигар офаридааст?!
16 Ва моҳро дар ин осмонҳо равшанӣ ва хуршедро барои аҳли замин чароғашон гардонид.
17 Ва Аллоҳ асли шуморо аз замин бирӯёнид.
18 Боз шуморо баъд аз маргатон ба он бозмегардонад ва боз рӯзи баъс аз он берун меоварад..
19 Ва Худованд заминро барои шумо фарши густурдае қарор дод.
20 то бар роҳҳои паҳновари он биравед.

قَالَ نُوحٌ رَّبِّ إِنَّهُمْ عَصَوْنِى وَٱتَّبَعُوا۟ مَن لَّمْ يَزِدْهُ مَالُهُۥ وَوَلَدُهُۥٓ إِلَّا خَسَارًا ﴿٢١﴾
وَمَكَرُوا۟ مَكْرًا كُبَّارًا ﴿٢٢﴾ وَقَالُوا۟ لَا تَذَرُنَّ ءَالِهَتَكُمْ وَلَا تَذَرُنَّ وَدًّا وَلَا سُوَاعًا
وَلَا يَغُوثَ وَيَعُوقَ وَنَسْرًا ﴿٢٣﴾ وَقَدْ أَضَلُّوا۟ كَثِيرًا ۖ وَلَا تَزِدِ ٱلظَّٰلِمِينَ إِلَّا ضَلَٰلًا ﴿٢٤﴾
مِّمَّا خَطِيٓـَٰٔتِهِمْ أُغْرِقُوا۟ فَأُدْخِلُوا۟ نَارًا فَلَمْ يَجِدُوا۟ لَهُم مِّن دُونِ ٱللَّهِ أَنصَارًا ﴿٢٥﴾

21 Нӯҳ (алайҳиссалом) гуфт: Парвардгоро, онҳо нофармонии ман карданд ва аз касоне пайравӣ намуданд, ки амволу фарзандонашон чизе ҷуз зиёнкорӣ бар онҳо наяфзудааст.
22 Ва (ин раҳбарони гумроҳ) макри азиме ба кор бурданд.
23 Ва гуфтанд: «Парастиши маъбудони худро, ба ҷои Аллоҳи ягонае, ки Нӯҳ ба сӯи он даъват мекунад, тарк накунед. Ва парастиши Вадд ва Сувоъ ва Яғус ва Яъуқ ва Насрро тарк макунед!
24 Онҳо (раҳбарони гумроҳу худхоҳ) гурӯҳи бисёреро гумроҳ сохтанд, золимонро ҷуз залолат маяфзо.
25 Ба хотири гуноҳонашон ғарқ шуданд ва дар оташи дӯзах ворид гаштанд ва ҷуз Худо ёвароне наёфтанд.

وَقَالَ نُوحٌ رَّبِّ لَا تَذَرْ عَلَى ٱلْأَرْضِ مِنَ ٱلْكَٰفِرِينَ دَيَّارًا ﴿٢٦﴾ إِنَّكَ إِن تَذَرْهُمْ
يُضِلُّوا۟ عِبَادَكَ وَلَا يَلِدُوٓا۟ إِلَّا فَاجِرًا كَفَّارًا ﴿٢٧﴾ رَّبِّ ٱغْفِرْ لِى وَلِوَٰلِدَىَّ وَلِمَن
دَخَلَ بَيْتِىَ مُؤْمِنًا وَلِلْمُؤْمِنِينَ وَٱلْمُؤْمِنَٰتِ ۖ وَلَا تَزِدِ ٱلظَّٰلِمِينَ إِلَّا تَبَارًۢا ﴿٢٨﴾

26 Нӯҳ (алайҳиссалом) гуфт: Парвардгоро, ҳеч як аз кофиронро

рӯйи Замин боқӣ магзор.
27 Зеро агар онҳоро боқӣ бигзорӣ, бандагонатро гумроҳ мекунанд ва ҷуз насли фоҷиру кофир ба вуҷуд намеоваранд.
28 Парвардгоро, маро ва падару модарам ва тамоми касонеро, ки бо имон вориди хонаи ман шуданд ва ҷамиъи мардону занони боимонро биёмӯрз ва золимонро ҷуз ҳалок маяфзо!

## 72-СУРАИ «ҶИН»

قُلْ أُوحِىَ إِلَىَّ أَنَّهُ ٱسْتَمَعَ نَفَرٌ مِّنَ ٱلْجِنِّ فَقَالُوٓا۟ إِنَّا سَمِعْنَا قُرْءَانًا عَجَبًا ١ يَهْدِىٓ إِلَى
ٱلرُّشْدِ فَـَٔامَنَّا بِهِۦ ۖ وَلَن نُّشْرِكَ بِرَبِّنَآ أَحَدًا ٢ وَأَنَّهُۥ تَعَٰلَىٰ جَدُّ رَبِّنَا مَا ٱتَّخَذَ صَٰحِبَةً
وَلَا وَلَدًا ٣ وَأَنَّهُۥ كَانَ يَقُولُ سَفِيهُنَا عَلَى ٱللَّهِ شَطَطًا ٤ وَأَنَّا ظَنَنَّآ أَن لَّن تَقُولَ
ٱلْإِنسُ وَٱلْجِنُّ عَلَى ٱللَّهِ كَذِبًا ٥ وَأَنَّهُۥ كَانَ رِجَالٌ مِّنَ ٱلْإِنسِ يَعُوذُونَ بِرِجَالٍ مِّنَ
ٱلْجِنِّ فَزَادُوهُمْ رَهَقًا ٦ وَأَنَّهُمْ ظَنُّوا۟ كَمَا ظَنَنتُمْ أَن لَّن يَبْعَثَ ٱللَّهُ أَحَدًا ٧

1 Бигӯ: Ба ман ваҳй шуда, ки ҷамъе аз ҷин ба суханонам гӯш фаро доданд, сипас гуфтаанд: Мо Қуръони аҷибе шунидаем.
2 Ки (ин Қуръон ҳамагонро) ба роҳи рост ҳидоят мекунад ва лизо мо ба он имон овардаем ва ҳаргиз касеро шарики Парвардигорамон қарор намедиҳем.
3 Баланд аст мақоми боазамати Парвардигори мо ва Ӯ ҳаргиз барои худ ҳамсар ва фарзанде интихоб накардааст.
4 Ки бехиради мо (Иблис) дар бораи Худо суханони нораво мегуфт.
5 Ва мо гумон мекардем, ки инсу ҷин ҳаргиз бар Худо дурӯғ намебанданд.
6 Мардоне аз башар, ки ба мардоне аз ҷин паноҳ мебурданд ва онҳо (ҷинҳо) сабаби афзоиши гумроҳӣ ва туғёнашон мешуданд.
7 Ва ин ки онҳо гумон карданд, ҳамон гуна ки шумо гумон кардед, ки Худованд ҳаргиз касеро (ба нубувват) мабъус намекунад.

وَأَنَّا لَمَسْنَا ٱلسَّمَآءَ فَوَجَدْنَٰهَا مُلِئَتْ حَرَسًا شَدِيدًا وَشُهُبًا ٨ وَأَنَّا كُنَّا نَقْعُدُ مِنْهَا
مَقَٰعِدَ لِلسَّمْعِ ۖ فَمَن يَسْتَمِعِ ٱلْـَٔانَ يَجِدْ لَهُۥ شِهَابًا رَّصَدًا ٩ وَأَنَّا لَا نَدْرِىٓ أَشَرٌّ
أُرِيدَ بِمَن فِى ٱلْأَرْضِ أَمْ أَرَادَ بِهِمْ رَبُّهُمْ رَشَدًا ١٠ وَأَنَّا مِنَّا ٱلصَّٰلِحُونَ وَمِنَّا دُونَ
ذَٰلِكَ ۖ كُنَّا طَرَآئِقَ قِدَدًا ١١ وَأَنَّا ظَنَنَّآ أَن لَّن نُّعْجِزَ ٱللَّهَ فِى ٱلْأَرْضِ وَلَن نُّعْجِزَهُۥ
هَرَبًا ١٢ وَأَنَّا لَمَّا سَمِعْنَا ٱلْهُدَىٰٓ ءَامَنَّا بِهِۦ ۖ فَمَن يُؤْمِنۢ بِرَبِّهِۦ فَلَا يَخَافُ بَخْسًا وَلَا
رَهَقًا ١٣ وَأَنَّا مِنَّا ٱلْمُسْلِمُونَ وَمِنَّا ٱلْقَٰسِطُونَ ۖ فَمَنْ أَسْلَمَ فَأُو۟لَٰٓئِكَ تَحَرَّوْا۟ رَشَدًا
١٤ وَأَمَّا ٱلْقَٰسِطُونَ فَكَانُوا۟ لِجَهَنَّمَ حَطَبًا ١٥ وَأَلَّوِ ٱسْتَقَٰمُوا۟ عَلَى ٱلطَّرِيقَةِ لَأَسْقَيْنَٰهُم
مَّآءً غَدَقًا ١٦ لِّنَفْتِنَهُمْ فِيهِ ۚ وَمَن يُعْرِضْ عَن ذِكْرِ رَبِّهِۦ يَسْلُكْهُ عَذَابًا صَعَدًا ١٧

8 Мо осмонро ҷустуҷӯ кардем ва ҳамаро пур аз муҳофизони қавӣ ва тирҳои шиҳоб (ситорагон) ёфтем.
9 Ва мо, ҳароина менишастем пеш аз ин ба ҷойҳое аз осмон; то бишнавем ахборашро. Пас, ҳар кӣ акнун барои гӯш кардан нишинад, шиҳоберо (оташпораеро) дар камини худ ёбад, ки ӯро сӯзонда ҳалок мекунад.
10 Мо (ҷинҳо) намедонем оё иродаи шарре дар бораи аҳли Замин шуда ё Худованд мехоҳад аз ин тариқ онҳоро ҳидоят фармояд.
11 Ва дар миёни мо афроди солеҳ ва афроди ғайри солеҳанд ва мо гурӯҳҳое гуногун ҳастем.
12 Ва мо яқин дорем ҳаргиз наметавонем бар иродаи Худованд дар Замин ғолиб шавем ва наметавонем аз Ӯ бигрезем.
13 Мо, ҳангоме ки ҳидояти Қуръонро шунидем, ба он имон овардем, ҳар кас ба Парвардигораш имон биёварад, на аз нуқсон метарсад ва на аз зулм.
14 Гурӯҳе аз мо мусулмон ва гурӯҳе золиманд.
15 Ва аммо золимон оташгира ва ҳезуми дӯзаханд.
16 Агар онҳо (инсу ҷин) дар роҳи имон истиқомат варзанд, бо оби фаровон серобашон мекунем.
17 то онҳоро биёзмоем чи гуна неъматҳои Аллоҳро шукр мекунанд? Ва ҳар ки аз тоъати Парвардигораш ва гӯш кардани Қуръон ва амал кардан ба он рӯй гардонад, ӯро ба азобе сахт дарандозанд.

وَأَنَّ ٱلۡمَسَٰجِدَ لِلَّهِ فَلَا تَدۡعُواْ مَعَ ٱللَّهِ أَحَدٗا ١٨ وَأَنَّهُۥ لَمَّا قَامَ عَبۡدُ ٱللَّهِ
يَدۡعُوهُ كَادُواْ يَكُونُونَ عَلَيۡهِ لِبَدٗا ١٩ قُلۡ إِنَّمَآ أَدۡعُواْ رَبِّي وَلَآ أُشۡرِكُ بِهِۦٓ
أَحَدٗا ٢٠ قُلۡ إِنِّي لَآ أَمۡلِكُ لَكُمۡ ضَرّٗا وَلَا رَشَدٗا ٢١ قُلۡ إِنِّي لَن يُجِيرَنِي مِنَ
ٱللَّهِ أَحَدٞ وَلَنۡ أَجِدَ مِن دُونِهِۦ مُلۡتَحَدًا ٢٢ إِلَّا بَلَٰغٗا مِّنَ ٱللَّهِ وَرِسَٰلَٰتِهِۦۚ وَمَن
يَعۡصِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ فَإِنَّ لَهُۥ نَارَ جَهَنَّمَ خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدًا ٢٣ حَتَّىٰٓ إِذَا رَأَوۡاْ
مَا يُوعَدُونَ فَسَيَعۡلَمُونَ مَنۡ أَضۡعَفُ نَاصِرٗا وَأَقَلُّ عَدَدٗا ٢٤

18 Ва ҳароина, масҷидҳо барои ибодати Аллоҳи ягона ҳастанд. Пас ибодат накунед ҳамроҳи Ӯ касе дигарро.
19 Ва чун бандаи Аллоҳ Муҳаммад (саллаллоху алайҳи ва саллам) барои парастиши Парвардигораш бархост, наздик буд, ки ҷинҳо ӯро боло-болои ҳам гирд кунанд, то бишнаванд аз ӯ Қуръонро.
20 Бигӯ: Ман танҳо Парвардигорамро мехонам (ва фақат Ӯро ибодат мекунам) ва ҳеч касро шарики Ӯ қарор намедиҳам.
21 Бигӯ: Ман молики зиён ва ҳидояте барои шумо нестам.
22 Бигӯ: (Агар ман низ бар хилофи фармонаш рафтор кунам,) ҳеч кас маро дар баробари Ӯ ҳимоят намекунад ва паноҳгоҳе ҷуз Ӯ намеёбам.

23 Танҳо вазифаи ман иблоғ ба сӯйи Худо ва расондани рисолатҳои Ӯст. Ҳар кас нофармонии Худо ва расулаш кунад, оташи дӯзах аз они ӯст ва ҷовидона дар он мемонад.
24 То он чиро ба онҳо ваъда дода шуда, бибинанд, онгоҳ медонанд чӣ касе ёвараш заифтар ва ҷамъияташ камтар аст.

قُلۡ إِنۡ أَدۡرِيٓ أَقَرِيبٞ مَّا تُوعَدُونَ أَمۡ يَجۡعَلُ لَهُۥ رَبِّيٓ أَمَدًا ٢٥ عَٰلِمُ ٱلۡغَيۡبِ فَلَا يُظۡهِرُ
عَلَىٰ غَيۡبِهِۦٓ أَحَدًا ٢٦ إِلَّا مَنِ ٱرۡتَضَىٰ مِن رَّسُولٖ فَإِنَّهُۥ يَسۡلُكُ مِنۢ بَيۡنِ يَدَيۡهِ وَمِنۡ
خَلۡفِهِۦ رَصَدٗا ٢٧ لِّيَعۡلَمَ أَن قَدۡ أَبۡلَغُواْ رِسَٰلَٰتِ رَبِّهِمۡ وَأَحَاطَ بِمَا لَدَيۡهِمۡ وَأَحۡصَىٰ
كُلَّ شَيۡءٍ عَدَدَۢا ٢٨

25 Бигӯ: Ман намедонам он чи ба шумо ваъда дода шуда (аз азоби дунё) наздик аст ё Парвардигорам замоне барои он қарор медиҳад?
26 Донои ғайб Ӯст ва ҳеҷ касро барои исрори ғайбаш огоҳ намесозад.
27 Магар расулоне, ки ононро баргузида, сипас муроқибине аз пеши рӯ ва пушти сар барои онҳо қарор медиҳад.
28 То бидонад, ки паёмбаронаш рисолатҳои Парвардигорашонро (бе каму кост) иблоғ кардаанд ва Ӯ ба он чи назди онҳост, иҳота дорад ва ҳамаи чизро ҳисоб ва шумориш кардааст.

## 73-СУРАИ «МУЗЗАММИЛ»

يَٰٓأَيُّهَا ٱلۡمُزَّمِّلُ ١ قُمِ ٱلَّيۡلَ إِلَّا قَلِيلٗا ٢ نِّصۡفَهُۥٓ أَوِ ٱنقُصۡ مِنۡهُ قَلِيلًا ٣ أَوۡ زِدۡ
عَلَيۡهِ وَرَتِّلِ ٱلۡقُرۡءَانَ تَرۡتِيلًا ٤ إِنَّا سَنُلۡقِي عَلَيۡكَ قَوۡلٗا ثَقِيلًا ٥ إِنَّ نَاشِئَةَ ٱلَّيۡلِ
هِيَ أَشَدُّ وَطۡـٔٗا وَأَقۡوَمُ قِيلًا ٦ إِنَّ لَكَ فِي ٱلنَّهَارِ سَبۡحٗا طَوِيلٗا ٧ وَٱذۡكُرِ ٱسۡمَ رَبِّكَ
وَتَبَتَّلۡ إِلَيۡهِ تَبۡتِيلٗا ٨ رَّبُّ ٱلۡمَشۡرِقِ وَٱلۡمَغۡرِبِ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ فَٱتَّخِذۡهُ وَكِيلٗا ٩

1 Эй ҷома ба худ печида.
2 Шабро бо намоз зинда бидор, магар андакеро.
3 Ниме аз шабро ё каме аз он кам кун.
4 Ё бар нисфи он бияфзо ва Қуръонро бодиққат ва тааммул бихон.
5 Мо ба зудӣ сухани сангинро ба ту илқо хоҳем кард.
6 Мусалламан, намоз ва ибодати шабона побарҷотар ва бо истиқоматтар аст.
7 Албатта, корҳои ту дар рӯз бисёр аст. Пас, шабҳо Парвардигоратро ибодат кун.
8 Ва номи Парвардигоратро ёд кун, танҳо ба Ӯ дил бубанд.
9 Ҳамон Парвардигори Шарқу Ғарб, ки маъбуде ҷуз Ӯ нест, Ӯро нигоҳбон ва вакили худ интихоб кун.

وَٱصۡبِرۡ عَلَىٰ مَا يَقُولُونَ وَٱهۡجُرۡهُمۡ هَجۡرٗا جَمِيلٗا ١٠ وَذَرۡنِي وَٱلۡمُكَذِّبِينَ أُوْلِي ٱلنَّعۡمَةِ
وَمَهِّلۡهُمۡ قَلِيلًا ١١ إِنَّ لَدَيۡنَآ أَنكَالٗا وَجَحِيمٗا ١٢ وَطَعَامٗا ذَا غُصَّةٖ وَعَذَابًا أَلِيمٗا
١٣ يَوۡمَ تَرۡجُفُ ٱلۡأَرۡضُ وَٱلۡجِبَالُ وَكَانَتِ ٱلۡجِبَالُ كَثِيبٗا مَّهِيلًا ١٤ إِنَّآ أَرۡسَلۡنَآ
إِلَيۡكُمۡ رَسُولٗا شَٰهِدًا عَلَيۡكُمۡ كَمَآ أَرۡسَلۡنَآ إِلَىٰ فِرۡعَوۡنَ رَسُولٗا ١٥ فَعَصَىٰ فِرۡعَوۡنُ
ٱلرَّسُولَ فَأَخَذۡنَٰهُ أَخۡذٗا وَبِيلٗا ١٦ فَكَيۡفَ تَتَّقُونَ إِن كَفَرۡتُمۡ يَوۡمٗا يَجۡعَلُ ٱلۡوِلۡدَٰنَ
شِيبًا ١٧ ٱلسَّمَآءُ مُنفَطِرُۢ بِهِۦۚ كَانَ وَعۡدُهُۥ مَفۡعُولًا ١٨

10 Ва дар баробари он чи (душманон) мегӯянд, собиру шикебо бош. Ва ба тарзи шоиста аз онон дурӣ гузин.

11 Маро бо таксзибкунандагони соҳибнеъмат во гузор ва онҳоро каме мӯҳлат деҳ.

12 Назди мо ғуллу занҷирҳо ва (оташи) дӯзах аст.

13 Ва ғазои гулӯгир ва азоби дарднок.

14 Дар он рӯз, ки замину кӯҳҳо сахт ба ларза дармеоянд ва кӯҳҳо ба шакли тудаҳои реги нарм мубадал мегарданд.

15 Мо паёмбаре ба сӯйи шумо фиристодем, ки гувоҳ бар шумост, ҳамон гуна ки ба сӯйи Фиръавн расуле фиристодем.

16 Фиръавн ба мухолифат ва нофармонии он расул бархост ва Мо ӯро сахт муҷозот кардем.

17 Шумо (низ) агар кофир шавед, чӣ гуна худро (аз азоби илоҳӣ) бар канор медоред дар он рӯз, ки кӯдаконро пир мекунад.

18 Осмон аз ҳам шикофта мешавад ва ваъдаи Ӯ шуданӣ ва ҳатмӣ аст.

إِنَّ هَٰذِهِۦ تَذۡكِرَةٞۖ فَمَن شَآءَ ٱتَّخَذَ إِلَىٰ رَبِّهِۦ سَبِيلًا ١٩ ۞ إِنَّ رَبَّكَ يَعۡلَمُ أَنَّكَ
تَقُومُ أَدۡنَىٰ مِن ثُلُثَيِ ٱلَّيۡلِ وَنِصۡفَهُۥ وَثُلُثَهُۥ وَطَآئِفَةٞ مِّنَ ٱلَّذِينَ مَعَكَۚ وَٱللَّهُ
يُقَدِّرُ ٱلَّيۡلَ وَٱلنَّهَارَۚ عَلِمَ أَن لَّن تُحۡصُوهُ فَتَابَ عَلَيۡكُمۡۖ فَٱقۡرَءُواْ مَا تَيَسَّرَ مِنَ
ٱلۡقُرۡءَانِۚ عَلِمَ أَن سَيَكُونُ مِنكُم مَّرۡضَىٰ وَءَاخَرُونَ يَضۡرِبُونَ فِي ٱلۡأَرۡضِ
يَبۡتَغُونَ مِن فَضۡلِ ٱللَّهِ وَءَاخَرُونَ يُقَٰتِلُونَ فِي سَبِيلِ ٱللَّهِۖ فَٱقۡرَءُواْ مَا تَيَسَّرَ
مِنۡهُۚ وَأَقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَءَاتُواْ ٱلزَّكَوٰةَ وَأَقۡرِضُواْ ٱللَّهَ قَرۡضًا حَسَنٗاۚ وَمَا تُقَدِّمُواْ
لِأَنفُسِكُم مِّنۡ خَيۡرٖ تَجِدُوهُ عِندَ ٱللَّهِ هُوَ خَيۡرٗا وَأَعۡظَمَ أَجۡرٗاۚ وَٱسۡتَغۡفِرُواْ ٱللَّهَۖ
إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمُۢ ٢٠

19 Ин ҳушдор ва тазаккуре аст, пас ҳар кас бихоҳад (ҳидоят шавад ва талаби саодати абадӣ бошад) роҳе ба сӯйи Парвардигораш бармегузинад.

20 Парвардигорат медонад, ки ту ва гурӯҳе аз онҳо, ки бо ту ҳастанд, наздики ду севуми аз шаб ё нисф ё сулси онро ба по мехезед, Худованд шабу рӯзро андозагирӣ мекунад, Ӯ медонад,

ки шумо наметавонед тамоми шабро (барои ибодат кардан) ба по хезед, пас шуморо бахшад. Акнун он чи барои шумо муяссар аст, Қуръон бихонед. (Худованд) медонад ба зудӣ гурӯҳе аз шумо бемор мешаванд ва гурӯҳи дигар барои ба даст овардани фазли илоҳӣ (ва касби рӯзӣ) ба сафар меравtotal. Ва гурӯҳи дигар дар роҳи Худо ҷиҳод мекунанд, пас ба андозае, ки барои шумо мумкин аст, аз он тиловат кунед ва намозро барпо доред ва закотро бипардозед ва ба Худо қарзи ҳасана диҳед (дар роҳи Ӯ инфоқ намоед) ва бидонед он чиро аз корҳои нек барои худ аз пеш мефиристед назди Худованд ба беҳтарин ваҷҳ ва бузургтарин подош хоҳед ёфт. Ва аз Худованд омӯрзиш биталабед, ки Худованд омӯрзанда ва меҳрубон аст.

## 74-СУРАИ «МУДДАССИР»

يَٰٓأَيُّهَا ٱلۡمُدَّثِّرُ ١ قُمۡ فَأَنذِرۡ ٢ وَرَبَّكَ فَكَبِّرۡ ٣ وَثِيَابَكَ فَطَهِّرۡ ٤ وَٱلرُّجۡزَ فَٱهۡجُرۡ
٥ وَلَا تَمۡنُن تَسۡتَكۡثِرُ ٦ وَلِرَبِّكَ فَٱصۡبِرۡ ٧ فَإِذَا نُقِرَ فِي ٱلنَّاقُورِ ٨ فَذَٰلِكَ يَوۡمَئِذٖ يَوۡمٌ
عَسِيرٌ ٩ عَلَى ٱلۡكَٰفِرِينَ غَيۡرُ يَسِيرٖ ١٠

1 Эй ҷомаи хоб ба худ печида.
2 Бархез аз ҷои хобат , пас бим деҳ одамонро аз азоби Аллоҳ!
3 Ва Парвардигоратро бузург шумор.
4 Ва либосатро пок кун.
5 Ва аз палидӣ дурӣ кун.
6 Ва миннат магзор ва фузунӣ маталаб.
7 Ва ба хотири Парвардигорат шикебоӣ кун.
8 Ҳангоме ки дар сур дамида мешавад.
9 Он рӯз, рӯзи сахте аст.
10 Барои кофирон осон нест.

ذَرۡنِي وَمَنۡ خَلَقۡتُ وَحِيدٗا ١١ وَجَعَلۡتُ لَهُۥ مَالٗا مَّمۡدُودٗا ١٢ وَبَنِينَ شُهُودٗا ١٣
وَمَهَّدتُّ لَهُۥ تَمۡهِيدٗا ١٤ ثُمَّ يَطۡمَعُ أَنۡ أَزِيدَ ١٥ كَلَّآۖ إِنَّهُۥ كَانَ لِأٓيَٰتِنَا عَنِيدٗا ١٦
سَأُرۡهِقُهُۥ صَعُودًا ١٧ إِنَّهُۥ فَكَّرَ وَقَدَّرَ ١٨ فَقُتِلَ كَيۡفَ قَدَّرَ ١٩ ثُمَّ قُتِلَ كَيۡفَ
قَدَّرَ ٢٠ ثُمَّ نَظَرَ ٢١ ثُمَّ عَبَسَ وَبَسَرَ ٢٢ ثُمَّ أَدۡبَرَ وَٱسۡتَكۡبَرَ ٢٣ فَقَالَ إِنۡ هَٰذَآ إِلَّا
سِحۡرٞ يُؤۡثَرُ ٢٤ إِنۡ هَٰذَآ إِلَّا قَوۡلُ ٱلۡبَشَرِ ٢٥ سَأُصۡلِيهِ سَقَرَ ٢٦ وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا سَقَرُ
٢٧ لَا تُبۡقِي وَلَا تَذَرُ ٢٨ لَوَّاحَةٞ لِّلۡبَشَرِ ٢٩ عَلَيۡهَا تِسۡعَةَ عَشَرَ ٣٠

11 Маро бо касе, ки ӯро ба танҳоӣ офаридаам во гузор.
12 Ҳамон кас, ки барои ӯ моли густурда қарор додам.
13 Ва фарзандоне, ки ҳама назди ӯ ва дар хидмати ӯ ҳастанд.
14 Ва васоили зиндагиро аз ҳар назар барои вай фароҳам сохтам.
15 Боз ҳам тамаъ дорад, ки бар (неъматҳое) ӯ бияфзоям.
16 Ҳаргиз чунин нахоҳад шуд, чаро ки ӯ нисбат ба оёти мо

душманӣ меварзад.
17 Ва ба зудӣ ӯро даргири азоби сахт ва сангине мекунам, ки ҳеҷ роҳате дар он набошад (мавриди итоб Валид ибни Муғираи Махзумӣ аст).
18 Ӯ андеша кард (ки Паёмбар ва Қуръонро ба чи чизе муттаҳам кунад?) ва матлаброро омода сохт.
19 Марг бар ӯ бод, чӣ гуна (барои мубориза бо ҳақ) матлаброро омода кард?
20 Боз ҳам марг бар ӯ чӣ гуна матлаброро омода намуд?
21 Сипас нигоҳе афканд.
22 Сипас рӯй турш кард ва пешонӣ дарҳам кашид. Баъд аз он, ки чизе наёфт, ки ба он Қуръонро таъна занад.
23 Сипас пушт (ба ҳақ) карду такаббур варзид.
24 Ва саранҷом гуфт: Ин (Қуръон) чизе ҷуз афсун ва сеҳре ҳамчун сеҳрҳои пешиниён нест.
25 Ин фақат сухани инсон аст (ва ҳеҷ иртиботе бо ваҳйи осмонӣ надорад).
26 Ба зудӣ ӯро вориди сақар (дӯзах) мекунам.
27 Ва ту намедонӣ сақар чист?
28 На чизеро боқӣ мегузорад ва на чизеро раҳо месозад.
29 Пӯсти танро ба куллӣ дигаргун мекунад.
30 Нуздаҳ нафар (аз фариштагони азоб) бар он гуморида шудаанд.

وَمَا جَعَلۡنَآ أَصۡحَٰبَ ٱلنَّارِ إِلَّا مَلَٰٓئِكَةٗۙ وَمَا جَعَلۡنَا عِدَّتَهُمۡ إِلَّا فِتۡنَةٗ لِّلَّذِينَ
كَفَرُواْ لِيَسۡتَيۡقِنَ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡكِتَٰبَ وَيَزۡدَادَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِيمَٰنٗا وَلَا
يَرۡتَابَ ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡكِتَٰبَ وَٱلۡمُؤۡمِنُونَ وَلِيَقُولَ ٱلَّذِينَ فِي قُلُوبِهِم مَّرَضٞ
وَٱلۡكَٰفِرُونَ مَاذَآ أَرَادَ ٱللَّهُ بِهَٰذَا مَثَلٗاۚ كَذَٰلِكَ يُضِلُّ ٱللَّهُ مَن يَشَآءُ وَيَهۡدِي
مَن يَشَآءُۚ وَمَا يَعۡلَمُ جُنُودَ رَبِّكَ إِلَّا هُوَۚ وَمَا هِيَ إِلَّا ذِكۡرَىٰ لِلۡبَشَرِ ٣١ كَلَّا
وَٱلۡقَمَرِ ٣٢ وَٱلَّيۡلِ إِذۡ أَدۡبَرَ ٣٣ وَٱلصُّبۡحِ إِذَآ أَسۡفَرَ ٣٤

31 Маъмурони дӯзахро фақат фариштагони (азоб) қарор додем ва теъдоди онҳоро ҷуз барои озмоиши кофирон муайян накардем, то аҳли китоб (яҳуду насоро) яқин пайдо кунанд ва бар имони мӯъминон бияфзоянд. Ва мӯъминон (дар ҳақонияти Қуръон) тардид ба худ роҳ надиҳанд ва бемордилону кофирон бигӯянд: Худо аз ин тавсиф чӣ манзуре дорад, ин гуна Худованд ҳар касро бихоҳад гумроҳ месозад ва ҳар касро бихоҳад ҳидоят мекунад. Ва (ба ҳар ҳол) лашкариёни Парвардигоратро ҷуз Ӯ касе намедонад ва ин ҷуз ҳушдор ва тазаккуре барои инсонҳо нест.
32 Ин чунин нест, ки онҳо тасаввур мекунанд, савганд ба Моҳ.
33 Ва (савганд ба шаб, ҳангоме ки (доман барчинад ва) пушт кунад.

34 Ва ба субҳ, ҳангоме ки равшан шавад ва чеҳра бигшояд.

إِنَّهَا لَإِحۡدَى ٱلۡكُبَرِ ٣٥ نَذِيرٗا لِّلۡبَشَرِ ٣٦ لِمَن شَآءَ مِنكُمۡ أَن يَتَقَدَّمَ أَوۡ يَتَأَخَّرَ ٣٧
كُلُّ نَفۡسِۭ بِمَا كَسَبَتۡ رَهِينَةٌ ٣٨ إِلَّآ أَصۡحَٰبَ ٱلۡيَمِينِ ٣٩ فِي جَنَّٰتٖ يَتَسَآءَلُونَ ٤٠
عَنِ ٱلۡمُجۡرِمِينَ ٤١ مَا سَلَكَكُمۡ فِي سَقَرَ ٤٢ قَالُواْ لَمۡ نَكُ مِنَ ٱلۡمُصَلِّينَ ٤٣ وَلَمۡ
نَكُ نُطۡعِمُ ٱلۡمِسۡكِينَ ٤٤ وَكُنَّا نَخُوضُ مَعَ ٱلۡخَآئِضِينَ ٤٥ وَكُنَّا نُكَذِّبُ بِيَوۡمِ ٱلدِّينِ
٤٦ حَتَّىٰٓ أَتَىٰنَا ٱلۡيَقِينُ ٤٧ فَمَا تَنفَعُهُمۡ شَفَٰعَةُ ٱلشَّٰفِعِينَ ٤٨ فَمَا لَهُمۡ عَنِ ٱلتَّذۡكِرَةِ
مُعۡرِضِينَ ٤٩ كَأَنَّهُمۡ حُمُرٞ مُّسۡتَنفِرَةٞ ٥٠ فَرَّتۡ مِن قَسۡوَرَةِۭ ٥١ بَلۡ يُرِيدُ كُلُّ ٱمۡرِيٕٖ
مِّنۡهُمۡ أَن يُؤۡتَىٰ صُحُفٗا مُّنَشَّرَةٗ ٥٢ كَلَّاۖ بَل لَّا يَخَافُونَ ٱلۡأٓخِرَةَ ٥٣ كَلَّآ إِنَّهُۥ تَذۡكِرَةٞ ٥٤
فَمَن شَآءَ ذَكَرَهُۥ ٥٥ وَمَا يَذۡكُرُونَ إِلَّآ أَن يَشَآءَ ٱللَّهُۚ هُوَ أَهۡلُ ٱلتَّقۡوَىٰ وَأَهۡلُ ٱلۡمَغۡفِرَةِ ٥٦

35 Он (ҳаводиси ҳавлноки қиёмат ва оташи дӯзах) аз масоили муҳим аст.
36 Ҳушдор ва инзоре барои инсонҳо аст.
37 Барои ҳар кас аз шумо, ки хоҳад, пеш ояд (бо амали нек) ё бозпас монад (бо куфру нофармонӣ).
38 Ҳар кас дар ғарави аъмоли хеш аст.
39 Магар асҳоби ямин (онҳо, ки дорои имон ва амали солеҳанд).
40 Онҳо дар боғҳои биҳиштанд ва суол мекунанд,
41 аз гунаҳкорон.
42 Чӣ чиз шуморо ба дӯзах ворид сохт?!
43 Мегӯянд: Мо аз намозгузорон набудем.
44 Ва ба дарвешон таъом намедодем.
45 Ва бо онон, ки сухани ботил мегуфтанд, ҳамовоз мешудем.
46 Ва рӯзи қиёматро дӯруғ мешумоdoes,
47 то замоне ки марги мо фаро расид.
48 Аз ин рӯ шафоати шафоъаткунандагон ба ҳоли онҳо суде намебахшад.
49 Чаро онҳо аз пандгирӣ рӯй гардонанд?
50 Гӯё гурхароне рамидаанд.
51 Ки аз (тарси) шере фирор кардаанд.
52 Ҳар кадом аз онҳо интизор дорад (ки) номаи ҷудогонае (аз сӯйи Худованд) барои ӯ фиристода шавад.
53 Чунин нест, онҳо аз охират наметарсанд.
54 Чунин нест, он (Қуръон) як тазаккур ва ёдоварӣ аст.
55 Ҳар кас бихоҳад, аз он панд мегирад.
56 Ва онҳо панд намегиранд, магар
ин ки Худо бихоҳад, Ӯ аҳли тақво ва аҳли омӯрзиш аст.

## 75-СУРАИ «ҚИЁМАҲ»

لَآ أُقۡسِمُ بِيَوۡمِ ٱلۡقِيَٰمَةِ ١ وَلَآ أُقۡسِمُ بِٱلنَّفۡسِ ٱللَّوَّامَةِ ٢ أَيَحۡسَبُ ٱلۡإِنسَٰنُ أَلَّن

نَّجۡمَعَ عِظَامَهُۥ ٣ بَلَىٰ قَٰدِرِينَ عَلَىٰٓ أَن نُّسَوِّيَ بَنَانَهُۥ ٤ بَلۡ يُرِيدُ ٱلۡإِنسَٰنُ
لِيَفۡجُرَ أَمَامَهُۥ ٥ يَسۡـَٔلُ أَيَّانَ يَوۡمُ ٱلۡقِيَٰمَةِ ٦ فَإِذَا بَرِقَ ٱلۡبَصَرُ ٧ وَخَسَفَ
ٱلۡقَمَرُ ٨ وَجُمِعَ ٱلشَّمۡسُ وَٱلۡقَمَرُ ٩ يَقُولُ ٱلۡإِنسَٰنُ يَوۡمَئِذٍ أَيۡنَ ٱلۡمَفَرُّ ١٠ كَلَّا لَا
وَزَرَ ١١ إِلَىٰ رَبِّكَ يَوۡمَئِذٍ ٱلۡمُسۡتَقَرُّ ١٢ يُنَبَّؤُاْ ٱلۡإِنسَٰنُ يَوۡمَئِذِۭ بِمَا قَدَّمَ وَأَخَّرَ ١٣
بَلِ ٱلۡإِنسَٰنُ عَلَىٰ نَفۡسِهِۦ بَصِيرَةٞ ١٤ وَلَوۡ أَلۡقَىٰ مَعَاذِيرَهُۥ ١٥

1 Савганд ба рӯзи қиёмат.
2 Ва савганд ба (нафси лаввомаҳ) виҷдони бедор ва маломатгар (мӯъмине, ки худро бар аъмоли хайре, ки аз ӯ фавт шуда, маломат мекунад).
3 Оё инсон мепиндорад, ки ҳаргиз устухонҳои ӯро ҷамъ нахоҳем кард?
4 Оре, қодирем, ки (ҳатто хутути) ангуштони ӯро мавзун ва мураттаб
кунем.
5 Балки ӯ мехоҳад (озод бошад ва бидуни тарс аз додгоҳи қиёмат) дар
тамоми умр гуноҳ кунад.
6 Мепурсад: Қиёмат кай хоҳад буд?
7 Дар он ҳангом ки чашмҳо аз шиддати ваҳшат ба гирдаш дарояд.
8 Ва Моҳ бе нур гардад.
9 Ва Хуршеду Моҳ якҷо ҷамъ шаванд.
10 Он рӯз инсон мегӯяд: Роҳи фирор куҷост?
11 Ҳаргиз чунин нест, роҳи фирору паноҳгоҳе вуҷуд надорад.
12 Он рӯз қароргоҳи ниҳоӣ танҳо ба сӯйи Парвардигори ту аст.
13 Дар он рӯз инсонро аз тамоми корҳое, ки пеш ё пас фиристода, огоҳ
мекунанд.
14 Балки инсон худаш аз вазъи худ огоҳ аст.
15 Ҳарчанд (дар зоҳир) барои худ узрҳое битарошад.

لَا تُحَرِّكۡ بِهِۦ لِسَانَكَ لِتَعۡجَلَ بِهِۦٓ ١٦ إِنَّ عَلَيۡنَا جَمۡعَهُۥ وَقُرۡءَانَهُۥ ١٧ فَإِذَا قَرَأۡنَٰهُ
فَٱتَّبِعۡ قُرۡءَانَهُۥ ١٨ ثُمَّ إِنَّ عَلَيۡنَا بَيَانَهُۥ ١٩ كَلَّا بَلۡ تُحِبُّونَ ٱلۡعَاجِلَةَ ٢٠ وَتَذَرُونَ
ٱلۡأٓخِرَةَ ٢١ وُجُوهٞ يَوۡمَئِذٖ نَّاضِرَةٌ ٢٢ إِلَىٰ رَبِّهَا نَاظِرَةٞ ٢٣ وَوُجُوهٞ يَوۡمَئِذِۭ بَاسِرَةٞ ٢٤
تَظُنُّ أَن يُفۡعَلَ بِهَا فَاقِرَةٞ ٢٥

16 Забонатро ба хотири аҷала барои хондани он (Қуръон) ҳаракат мадеҳ.
17 Чаро ки ҷамъ кардан ва хондани он бар ӯҳдаи Мост.
18 Ҳар гоҳ онро хондем, аз хондани он пайравӣ кун.
19 Сипас баёни он низ бар ӯҳдаи Мост.

20 Чунин нест, ки шумо мепиндоред (эй мушрикон ва далоили маъодро кофӣ намедонед), балки шумо ин дунёи зудгузарро дӯст доред.
21 Ва охиратро раҳо мекунед.
22 Дар он рӯз чеҳраҳое ҳаст зебову дурахшон,
23 ки сӯи Парвардигорашон назар мекунанд.
24 Рӯйҳои (аҳли куфр) турш ва дарҳам кашида аст.
25 Зеро медонад, он азоби камаршикан бар ӯ фуруд ояд.

كَلَّآ إِذَا بَلَغَتِ ٱلتَّرَاقِيَ ﴿٢٦﴾ وَقِيلَ مَنۡۜ رَاقٖ ﴿٢٧﴾ وَظَنَّ أَنَّهُ ٱلۡفِرَاقُ ﴿٢٨﴾ وَٱلۡتَفَّتِ
ٱلسَّاقُ بِٱلسَّاقِ ﴿٢٩﴾ إِلَىٰ رَبِّكَ يَوۡمَئِذٍ ٱلۡمَسَاقُ ﴿٣٠﴾ فَلَا صَدَّقَ وَلَا صَلَّىٰ ﴿٣١﴾
وَلَٰكِن كَذَّبَ وَتَوَلَّىٰ ﴿٣٢﴾ ثُمَّ ذَهَبَ إِلَىٰٓ أَهۡلِهِۦ يَتَمَطَّىٰٓ ﴿٣٣﴾ أَوۡلَىٰ لَكَ فَأَوۡلَىٰ ﴿٣٤﴾
ثُمَّ أَوۡلَىٰ لَكَ فَأَوۡلَىٰٓ ﴿٣٥﴾ أَيَحۡسَبُ ٱلۡإِنسَٰنُ أَن يُتۡرَكَ سُدًى ﴿٣٦﴾ أَلَمۡ يَكُ نُطۡفَةٗ
مِّن مَّنِيّٖ يُمۡنَىٰ ﴿٣٧﴾ ثُمَّ كَانَ عَلَقَةٗ فَخَلَقَ فَسَوَّىٰ ﴿٣٨﴾ فَجَعَلَ مِنۡهُ ٱلزَّوۡجَيۡنِ
ٱلذَّكَرَ وَٱلۡأُنثَىٰٓ ﴿٣٩﴾ أَلَيۡسَ ذَٰلِكَ بِقَٰدِرٍ عَلَىٰٓ أَن يُحۡـِۧيَ ٱلۡمَوۡتَىٰ ﴿٤٠﴾

26 Чунин нест (ки инсон мепиндорад, ӯ имон намеоварад) то мавқеъе, ки ҷон ба гулӯгоҳаш бирасад.
27 Ва гуфта мешавад: Оё касе ҳаст, ки (ин беморро аз марг) наҷот диҳад ва бар ӯ даму дуо кунад?
28 Ва ба ҷудоии аз дунё яқин пайдо кунад.
29 Ва соқи поҳо (аз сахтии ҷон додан) ба ҳам бипечид.
30 Бозгашти (ҳамаи халоиқ) дар он рӯз ба сӯйи Парваридгори туст (ё ба сӯйи биҳишт ва ё ба сӯйи дӯзах).
31 (Дар он рӯз гуфта мешавад:) Ӯ ҳаргиз имон наёварад ва намоз нахонад.
32 Балки такзиб кард ва рӯйгардон шуд.
33 Сипас ба сӯйи хонаводаи худ бозгашт, дар ҳоле ки мутакаббирона қадам бармедошт.
34 Вой (ҳалок) бар ту, пас вой (ҳалок) бар ту!
35 Боз ҳам вой (ҳалок) бар ту, пас вой (ҳалок) бар ту!
36 Оё инсон мепиндорад, ки ӯро ба ҳоли худ вогузоштаанд?
37 Оё ӯ нутфае аз манӣ, ки дар раҳм рехта мешавад, набуд?
38 Сипас ба сурати хуни баста даромад ва Аллоҳ ӯро офарид ва дуруст ва устувор сохт.
39 Ва аз ӯ ду завҷ - марду зан офарид.
40 Оё чунин Офаридагор қодир нест, ки мурдагонро зинда кунад?

# 76-СУРАИ «ИНСОН»

هَلۡ أَتَىٰ عَلَى ٱلۡإِنسَٰنِ حِينٞ مِّنَ ٱلدَّهۡرِ لَمۡ يَكُن شَيۡـٔٗا مَّذۡكُورًا ﴿١﴾ إِنَّا خَلَقۡنَا
ٱلۡإِنسَٰنَ مِن نُّطۡفَةٍ أَمۡشَاجٖ نَّبۡتَلِيهِ فَجَعَلۡنَٰهُ سَمِيعَۢا بَصِيرًا ﴿٢﴾ إِنَّا هَدَيۡنَٰهُ

ٱلسَّبِيلَ إِمَّا شَاكِرٗا وَإِمَّا كَفُورًا ٣

1 Ба ростӣ, ки омадааст бар одамӣ муддате аз замон, ки чизе зикр карда шуда набуд.

2 Мо инсонро аз нутфаи омехта офаридем ва ӯро меозмоем. Ӯро шунаво ва бино қарор додем.

3 Мо роҳро ба ӯ нишон додем, хоҳ шокир бошад ё носипос.

إِنَّآ أَعۡتَدۡنَا لِلۡكَٰفِرِينَ سَلَٰسِلَاْ وَأَغۡلَٰلٗا وَسَعِيرًا ٤ إِنَّ ٱلۡأَبۡرَارَ يَشۡرَبُونَ مِن كَأۡسٖ
كَانَ مِزَاجُهَا كَافُورًا ٥ عَيۡنٗا يَشۡرَبُ بِهَا عِبَادُ ٱللَّهِ يُفَجِّرُونَهَا تَفۡجِيرٗا ٦ يُوفُونَ
بِٱلنَّذۡرِ وَيَخَافُونَ يَوۡمٗا كَانَ شَرُّهُۥ مُسۡتَطِيرٗا ٧ وَيُطۡعِمُونَ ٱلطَّعَامَ عَلَىٰ حُبِّهِۦ
مِسۡكِينٗا وَيَتِيمٗا وَأَسِيرًا ٨ إِنَّمَا نُطۡعِمُكُمۡ لِوَجۡهِ ٱللَّهِ لَا نُرِيدُ مِنكُمۡ جَزَآءٗ وَلَا
شُكُورًا ٩ إِنَّا نَخَافُ مِن رَّبِّنَا يَوۡمًا عَبُوسٗا قَمۡطَرِيرٗا ١٠ فَوَقَىٰهُمُ ٱللَّهُ شَرَّ ذَٰلِكَ ٱلۡيَوۡمِ
وَلَقَّىٰهُمۡ نَضۡرَةٗ وَسُرُورٗا ١١ وَجَزَىٰهُم بِمَا صَبَرُواْ جَنَّةٗ وَحَرِيرٗا ١٢

4 Мо барои кофирон занҷирҳо ва ғулҳо ва шуълаҳои сӯзони оташ омода кардаем.

5 Ба яқин аброр (ва некон) аз пиёлае менӯшанд, ки омехта ба кофур аст,

6 чашмае, ки бандагони Аллоҳ аз он менӯшанд ва онро бар ҳар ҷое, ки мехоҳанд, равон месозанд.

7 Онҳо ба назри худ вафо мекунанд ва аз рӯзе, ки шарру азобаш ҳама ҷоро гирифтааст, метарсанд.

8 Ва таъомеро дар ҳоле худ дӯсташ доранд, ба мискину ятим ва асир мехӯронанд.

9 Мо шуморо танҳо ба хотири Худо итъом мекунем ва ҳеч подош ва сипосе аз шумо намехоҳем.

10 Мо аз Парвардигорамон хоифем аз он рӯз, ки рӯйҳо турш мешаванд ва сахт аст.

11 Аллоҳ онҳоро аз шарри он рӯз нигаҳ дошт ва ононро таровату шодмонӣ бахшид.

12 Дар баробари сабрашон биҳишт ва либосҳои ҳарири биҳиштиро ба онҳо подош медиҳад.

مُّتَّكِـِٔينَ فِيهَا عَلَى ٱلۡأَرَآئِكِۖ لَا يَرَوۡنَ فِيهَا شَمۡسٗا وَلَا زَمۡهَرِيرٗا ١٣ وَدَانِيَةً
عَلَيۡهِمۡ ظِلَٰلُهَا وَذُلِّلَتۡ قُطُوفُهَا تَذۡلِيلٗا ١٤ وَيُطَافُ عَلَيۡهِم بِـَٔانِيَةٖ مِّن فِضَّةٖ
وَأَكۡوَابٖ كَانَتۡ قَوَارِيرَا۠ ١٥ قَوَارِيرَاْ مِن فِضَّةٖ قَدَّرُوهَا تَقۡدِيرٗا ١٦ وَيُسۡقَوۡنَ
فِيهَا كَأۡسٗا كَانَ مِزَاجُهَا زَنجَبِيلًا ١٧ عَيۡنٗا فِيهَا تُسَمَّىٰ سَلۡسَبِيلٗا ١٨ وَيَطُوفُ
عَلَيۡهِمۡ وِلۡدَٰنٞ مُّخَلَّدُونَ إِذَا رَأَيۡتَهُمۡ حَسِبۡتَهُمۡ لُؤۡلُؤٗا مَّنثُورٗا ١٩ وَإِذَا رَأَيۡتَ ثَمَّ
رَأَيۡتَ نَعِيمٗا وَمُلۡكٗا كَبِيرًا ٢٠ عَٰلِيَهُمۡ ثِيَابُ سُندُسٍ خُضۡرٞ وَإِسۡتَبۡرَقٞۖ وَحُلُّوٓاْ

أَسَاوِرَ مِن فِضَّةٍ وَسَقَىٰهُمْ رَبُّهُمْ شَرَابًا طَهُورًا ٢١ إِنَّ هَٰذَا كَانَ لَكُمْ جَزَآءً
وَكَانَ سَعْيُكُم مَّشْكُورًا ٢٢

13 Ин дар ҳоле аст, ки дар биҳишт бар тахтҳои зебо такя кардаанд на офтобро дар он ҷо мебинанд ва на сарморо.

14 Ва сояҳои дарахтонаш бар он фурӯ афтода ва чидани меваҳояш бисёр осон аст.

15 Ва дар гирдогирди онҳо зарфҳои нуқрагин ва қадаҳҳои булурин мегардонанд.

16 Зафҳои булурине аз нуқра, ки онҳоро ба андозаи муносиб омода кардаанд.

17 Ва дар он ҷо аз ҷомҳое сероб мешаванд, ки лабрез аз шароби туҳуре омехта бо занҷабил аст.

18 (Ин ҷомҳо) аз чашмае дар биҳишт, ки номаш Салсабил аст (пур мешавад).

19 Ва писароне ба гирдашон мечарханд, ки чун онҳоро бубинӣ, пиндорӣ марвориди парокандаанд.

20 Ва ҳангоме ки он ҷоро бинӣ, неъматҳо ва мулки азимеро мебинӣ.

21 Бар тани онҳо либосҳое аст аз ҳарири нозуки сабзранг ва аз дебои захим ва бо дастбандҳое аз нуқра оростаанд ва Парвардигорашон шароби таҳур ба онон менӯшонад.

22 Ин подоши шумост ва саъйю талоши шумо (дар тариқи итоати фармони ҳақ) мавриди қадрдонӣ аст.

إِنَّا نَحْنُ نَزَّلْنَا عَلَيْكَ ٱلْقُرْءَانَ تَنزِيلًا ٢٣ فَٱصْبِرْ لِحُكْمِ رَبِّكَ وَلَا تُطِعْ مِنْهُمْ
ءَاثِمًا أَوْ كَفُورًا ٢٤ وَٱذْكُرِ ٱسْمَ رَبِّكَ بُكْرَةً وَأَصِيلًا ٢٥ وَمِنَ ٱلَّيْلِ فَٱسْجُدْ
لَهُۥ وَسَبِّحْهُ لَيْلًا طَوِيلًا ٢٦ إِنَّ هَٰٓؤُلَآءِ يُحِبُّونَ ٱلْعَاجِلَةَ وَيَذَرُونَ وَرَآءَهُمْ يَوْمًا
ثَقِيلًا ٢٧ نَّحْنُ خَلَقْنَٰهُمْ وَشَدَدْنَآ أَسْرَهُمْ ۖ وَإِذَا شِئْنَا بَدَّلْنَآ أَمْثَٰلَهُمْ تَبْدِيلًا ٢٨
إِنَّ هَٰذِهِۦ تَذْكِرَةٌ ۖ فَمَن شَآءَ ٱتَّخَذَ إِلَىٰ رَبِّهِۦ سَبِيلًا ٢٩ وَمَا تَشَآءُونَ إِلَّآ أَن يَشَآءَ
ٱللَّهُ ۚ إِنَّ ٱللَّهَ كَانَ عَلِيمًا حَكِيمًا ٣٠ يُدْخِلُ مَن يَشَآءُ فِى رَحْمَتِهِۦ ۚ وَٱلظَّٰلِمِينَ
أَعَدَّ لَهُمْ عَذَابًا أَلِيمًۢا ٣١

23 Мусалламан, Мо Қуръонро бар ту нозил кардем.

24 Пас дар (таблиғ ва иҷрои) ҳукми Парвардигорат шикебо (ва бо истиқомат) бош ва аз ҳеҷ гунаҳкор ё кофире аз онон итоат макун.

25 Ва номи Парвардигоратро ҳар субҳу шом ба ёд овар.

26 Ва дар шабонгоҳ барои Ӯ саҷда кун ва миқдори тӯлонии аз шаб Ӯро тасбеҳ гӯй.

27 Онҳо (кофирон) зиндагии зудгузари дунёро дӯст доранд, дар ҳоле ки рӯзи сахтеро дар пушти сари худ раҳо мекунанд.

28 Мо онҳоро офаридаем ва аъзову пайвандҳояшонро мустаҳкам гардонидем ва ҳар замон бихоҳем ҷойи онҳоро ба гурӯҳи дигаре медиҳем.
29 Ин як тазкира ва ёдоварӣ аст ва ҳар кас бихоҳад ибрат бигирад ва роҳе ба сӯйи Парвардигораш интихоб кунад.
30 Ва шумо ҷуз он наметавонед бихоҳед, магар ин ки Аллоҳ хоста бошад, зеро Аллоҳ донову ҳаким ҳаст.
31 Ҳар касро бихоҳад (ва шоиста бидонад) дар раҳматаш ворид мекунад ва барои золимон азоби дардноке омода сохтааст.

## 77-СУРАИ «МУРСАЛОТ»

وَٱلْمُرْسَلَٰتِ عُرْفًا ﴿١﴾ فَٱلْعَٰصِفَٰتِ عَصْفًا ﴿٢﴾ وَٱلنَّٰشِرَٰتِ نَشْرًا ﴿٣﴾ فَٱلْفَٰرِقَٰتِ فَرْقًا
﴿٤﴾ فَٱلْمُلْقِيَٰتِ ذِكْرًا ﴿٥﴾ عُذْرًا أَوْ نُذْرًا ﴿٦﴾ إِنَّمَا تُوعَدُونَ لَوَٰقِعٌ ﴿٧﴾ فَإِذَا ٱلنُّجُومُ طُمِسَتْ
﴿٨﴾ وَإِذَا ٱلسَّمَآءُ فُرِجَتْ ﴿٩﴾ وَإِذَا ٱلْجِبَالُ نُسِفَتْ ﴿١٠﴾ وَإِذَا ٱلرُّسُلُ أُقِّتَتْ ﴿١١﴾ لِأَىِّ يَوْمٍ
أُجِّلَتْ ﴿١٢﴾ لِيَوْمِ ٱلْفَصْلِ ﴿١٣﴾ وَمَآ أَدْرَىٰكَ مَا يَوْمُ ٱلْفَصْلِ ﴿١٤﴾ وَيْلٌ يَوْمَئِذٍ لِّلْمُكَذِّبِينَ ﴿١٥﴾

1 Савганд ба бодҳое, ки пай дар пай фиристода мешаванд.
2 Ва онҳо, ки ҳамчун тундбод ҳаракат мекунанд.
3 Ва савганд ба фариштагоне, ки (абрҳоро) мегустаронанд.
4 Ва савганд ба онҳо, ки ҳақро аз ботил ҷудо мекунанд.
5 Ва савганд ба онҳо, ки ваҳйи Аллоҳро мефароранд.
6 Барои итмоми ҳуҷҷат ё барои инзор.
7 Он чӣ ба шумо (дар бораи қиёмат) ваъда дода мешавад, яқинан воқеъ шуданӣ аст.
8 Дар он ҳангом, ки ситорагон маҳв ва торик шаванд.
9 Ва онгоҳ Осмон аз ҳам бишкофад.
10 Ва дар он замон, ки кӯҳҳо аз ҷо канда шаванд.
11 Ва дар он ҳангом, ки барои паёмбарон (ба манзури адои шаҳодат) таъйини вақт шавад.
12 Барои чӣ рӯзе (шаҳодати ин расулон ва гувоҳии онҳо бар умматҳо) ба таъхир афтода?!
13 Барои рӯзи ҷудоӣ.
14 Ту чӣ медонӣ рӯзи ҷудоӣ чист?
15 Вой дар он рӯз бар дурӯғшумордагон.

أَلَمْ نُهْلِكِ ٱلْأَوَّلِينَ ﴿١٦﴾ ثُمَّ نُتْبِعُهُمُ ٱلْءَاخِرِينَ ﴿١٧﴾ كَذَٰلِكَ نَفْعَلُ بِٱلْمُجْرِمِينَ ﴿١٨﴾
وَيْلٌ يَوْمَئِذٍ لِّلْمُكَذِّبِينَ ﴿١٩﴾ أَلَمْ نَخْلُقكُّم مِّن مَّآءٍ مَّهِينٍ ﴿٢٠﴾ فَجَعَلْنَٰهُ فِى قَرَارٍ
مَّكِينٍ ﴿٢١﴾ إِلَىٰ قَدَرٍ مَّعْلُومٍ ﴿٢٢﴾ فَقَدَرْنَا فَنِعْمَ ٱلْقَٰدِرُونَ ﴿٢٣﴾ وَيْلٌ يَوْمَئِذٍ
لِّلْمُكَذِّبِينَ ﴿٢٤﴾ أَلَمْ نَجْعَلِ ٱلْأَرْضَ كِفَاتًا ﴿٢٥﴾ أَحْيَآءً وَأَمْوَٰتًا ﴿٢٦﴾ وَجَعَلْنَا فِيهَا
رَوَٰسِىَ شَٰمِخَٰتٍ وَأَسْقَيْنَٰكُم مَّآءً فُرَاتًا ﴿٢٧﴾ وَيْلٌ يَوْمَئِذٍ لِّلْمُكَذِّبِينَ ﴿٢٨﴾

16 Оё Мо қавмҳои нахустинро (ки роҳи куфр ва инкор пеш

гирифтанд) ҳалок накардаем.
17 Сипас дигар (муҷримон)-ро ба дунболи онҳо мефиристем.
18 Ин гуна Мо бо муҷримон рафтор мекунем.
19 Вой дар он рӯз бар дурӯғшумораандагон!
20 Оё Мо шуморо аз оби пасту ночиз наёфаридаем?
21 Сипас онро дар қароргоҳе маҳфуз ва омода қарор додаем,
22 то муддати муайян.
23 Мо қудрат бар ин кор доштем (ки аз нутфаи беарзиш ва ҳақиру ночиз инсони шариф ва комиле бисозем) пас Мо қудратманди хуб ҳастем.
24 Вой дар он рӯз бар дурӯғшумораандагон!
25 Оё мо заминро маркази иҷтимоъи инсонҳо қарор нададем?
26 Ҳам дар ҳоли ҳаёташон ва ҳам маргашон.
27 Ва дар он кӯҳҳои устувор ва баланде қарор додем ва оби гуворо ба шумо нӯшонидем.
28 Вой дар он рӯз бар дурӯғшумораандагон!

ٱنطَلِقُوٓاْ إِلَىٰ مَا كُنتُم بِهِۦ تُكَذِّبُونَ ٢٩ ٱنطَلِقُوٓاْ إِلَىٰ ظِلّٖ ذِي ثَلَٰثِ شُعَبٖ ٣٠ لَّا
ظَلِيلٖ وَلَا يُغۡنِي مِنَ ٱللَّهَبِ ٣١ إِنَّهَا تَرۡمِي بِشَرَرٖ كَٱلۡقَصۡرِ ٣٢ كَأَنَّهُۥ جِمَٰلَتٞ
صُفۡرٞ ٣٣ وَيۡلٞ يَوۡمَئِذٖ لِّلۡمُكَذِّبِينَ ٣٤ هَٰذَا يَوۡمُ لَا يَنطِقُونَ ٣٥ وَلَا يُؤۡذَنُ لَهُمۡ
فَيَعۡتَذِرُونَ ٣٦ وَيۡلٞ يَوۡمَئِذٖ لِّلۡمُكَذِّبِينَ ٣٧ هَٰذَا يَوۡمُ ٱلۡفَصۡلِۖ جَمَعۡنَٰكُمۡ
وَٱلۡأَوَّلِينَ ٣٨ فَإِن كَانَ لَكُمۡ كَيۡدٞ فَكِيدُونِ ٣٩ وَيۡلٞ يَوۡمَئِذٖ لِّلۡمُكَذِّبِينَ ٤٠

29 Ба сӯи он чӣ дурӯғаш мешумурдед, ба роҳ дароед.
30 Ба сӯи сояи дуди се шӯъба (се қисм) ба роҳ афтед.
31 Сояе, ки на оромбахш аст ва на аз шуълаҳои оташ ҷилавгирӣ мекунад.
32 Шарораҳое аз худ пуртоб мекунад монанди як қасри бузург.
33 Гӯё (дар суръату касрат) ҳамчун
шутурони зардранге ҳастанд.
34 Вой дар он рӯз бар дурӯғшумораандагон!
35 Имрӯз рӯзе аст, ки сухан намегӯянд.
36 Ва ба онҳо иҷоза дода намешавад, ки узрхоҳӣ кунанд.
37 Вой дар он рӯз бар дурӯғшумораандагон!
38 Имрӯз ҳамон рӯзи ҷудоӣ (ҳақ аз ботил) аст, ки ҳамаи шумо ва пешиниёнро дар он ҷамъ кардаем.
39 Акнун агар чорае дар баробари Ман (барои фирор аз чанголи маҷозот) доред, анҷом диҳед.
40 Вой дар он рӯз бар дурӯғшумораандагон!

إِنَّ ٱلۡمُتَّقِينَ فِي ظِلَٰلٖ وَعُيُونٖ ٤١ وَفَوَٰكِهَ مِمَّا يَشۡتَهُونَ ٤٢ كُلُواْ وَٱشۡرَبُواْ هَنِيٓـَٔۢا بِمَا
كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَ ٤٣ إِنَّا كَذَٰلِكَ نَجۡزِي ٱلۡمُحۡسِنِينَ ٤٤ وَيۡلٞ يَوۡمَئِذٖ لِّلۡمُكَذِّبِينَ ٤٥
كُلُواْ وَتَمَتَّعُواْ قَلِيلًا إِنَّكُم مُّجۡرِمُونَ ٤٦ وَيۡلٞ يَوۡمَئِذٖ لِّلۡمُكَذِّبِينَ ٤٧ وَإِذَا قِيلَ لَهُمُ

ٱرۡكَعُواْ لَا يَرۡكَعُونَ ﴿٤٨﴾ وَيۡلٞ يَوۡمَئِذٖ لِّلۡمُكَذِّبِينَ ﴿٤٩﴾ فَبِأَيِّ حَدِيثِۭ بَعۡدَهُۥ يُؤۡمِنُونَ ﴿٥٠﴾

41 Парҳезкорон дар сояҳои (дарахтони биҳишт) ва дар миёни чашмаҳо қарор доранд.

42 Ва (онҳо) дар миёни анвоъи меваҳо аз он чӣ моил бошанд (қарор доранд).

43 Бихӯред ва бинӯшед гуворо, инҳо дар баробари аъмоле аст, ки анҷом медодед.

44 Мо ин гуна некӯкоронро подош медиҳем.

45 Вой дар он рӯз бар дурӯғшумордагон!

46 Бихӯред ва баҳра гиред дар ин муддати кам (аз зиндагии дунё ва бидонед азоби илоҳӣ дар интизори шумост), чаро ки шумо муҷримед.

47 Вой дар он рӯз бар дурӯғшумордагон!

48 Ва ҳангоме ки ба онон (мушрикон) гуфта шавад (дар баробари Парвардигор): Рукӯъ кунед ва хушӯъ намоед, рукӯъ намекунанд ва хушӯъ наменамоянд, балки бар такаббури худ меафзоянд.

49 Вой дар он рӯз бар дурӯғшумордагон!

50 Пас ба кадом сухан баъд аз он (Қуръон) имон меоваранд?!

## 78-СУРАИ «НАБАЪ»

عَمَّ يَتَسَآءَلُونَ ﴿١﴾ عَنِ ٱلنَّبَإِ ٱلۡعَظِيمِ ﴿٢﴾ ٱلَّذِي هُمۡ فِيهِ مُخۡتَلِفُونَ ﴿٣﴾ كَلَّا
سَيَعۡلَمُونَ ﴿٤﴾ ثُمَّ كَلَّا سَيَعۡلَمُونَ ﴿٥﴾ أَلَمۡ نَجۡعَلِ ٱلۡأَرۡضَ مِهَٰدٗا ﴿٦﴾ وَٱلۡجِبَالَ أَوۡتَادٗا ﴿٧﴾
وَخَلَقۡنَٰكُمۡ أَزۡوَٰجٗا ﴿٨﴾ وَجَعَلۡنَا نَوۡمَكُمۡ سُبَاتٗا ﴿٩﴾ وَجَعَلۡنَا ٱلَّيۡلَ لِبَاسٗا ﴿١٠﴾ وَجَعَلۡنَا
ٱلنَّهَارَ مَعَاشٗا ﴿١١﴾ وَبَنَيۡنَا فَوۡقَكُمۡ سَبۡعٗا شِدَادٗا ﴿١٢﴾ وَجَعَلۡنَا سِرَاجٗا وَهَّاجٗا ﴿١٣﴾ وَأَنزَلۡنَا
مِنَ ٱلۡمُعۡصِرَٰتِ مَآءٗ ثَجَّاجٗا ﴿١٤﴾ لِّنُخۡرِجَ بِهِۦ حَبّٗا وَنَبَاتٗا ﴿١٥﴾ وَجَنَّٰتٍ أَلۡفَافًا ﴿١٦﴾

1 Онҳо аз чӣ чиз аз якдигар суол мекунанд?

2 Аз хабари бузург ва пураҳамият.

3 Ҳамон хабаре, ки пайваста дар он ихтилоф доранд.

4 Чунин нест, ки онҳо фикр мекунанд ва ба зудӣ мефаҳманд.

5 Боз ҳам чунин нест ва ба зудӣ мефаҳманд.

6 Оё заминро маҳалли оромиш (шумо) қарор надодем?

7 Ва кӯҳҳоро меххои Замин қарор надодем?

8 Ва шуморо ба сурати ҷуфтҳо офаридем.

9 Ва хоби шуморо оромишатон қарор додем.

10 Ва шабро пӯшише (барои шумо) қарор додем.

11 Ва рӯзро василае барои зиндагӣ ва маъош қарор додем.

12 Ва бар фарози шумо ҳафт осмони маҳкам бино кардем.

13 Ва чароғе равшан ва ҳароратбахш офаридем.

14 Ва аз абрҳо боронро фаровон нозил кардем.

15 То ба василаи он дона ва гиёҳи бисёр бирӯёнем.

16 Ва боғҳое пурдарахт.

إِنَّ يَوْمَ ٱلْفَصْلِ كَانَ مِيقَٰتًا ﴿١٧﴾ يَوْمَ يُنفَخُ فِى ٱلصُّورِ فَتَأْتُونَ أَفْوَاجًا ﴿١٨﴾ وَفُتِحَتِ
ٱلسَّمَآءُ فَكَانَتْ أَبْوَٰبًا ﴿١٩﴾ وَسُيِّرَتِ ٱلْجِبَالُ فَكَانَتْ سَرَابًا ﴿٢٠﴾ إِنَّ جَهَنَّمَ كَانَتْ مِرْصَادًا
﴿٢١﴾ لِّلطَّٰغِينَ مَـَٔابًا ﴿٢٢﴾ لَّٰبِثِينَ فِيهَآ أَحْقَابًا ﴿٢٣﴾ لَّا يَذُوقُونَ فِيهَا بَرْدًا وَلَا شَرَابًا ﴿٢٤﴾
إِلَّا حَمِيمًا وَغَسَّاقًا ﴿٢٥﴾ جَزَآءً وِفَاقًا ﴿٢٦﴾ إِنَّهُمْ كَانُوا۟ لَا يَرْجُونَ حِسَابًا ﴿٢٧﴾ وَكَذَّبُوا۟
بِـَٔايَٰتِنَا كِذَّابًا ﴿٢٨﴾ وَكُلَّ شَىْءٍ أَحْصَيْنَٰهُ كِتَٰبًا ﴿٢٩﴾ فَذُوقُوا۟ فَلَن نَّزِيدَكُمْ إِلَّا عَذَابًا ﴿٣٠﴾

17 Рӯзи ҷудоӣ (қиёмат) миъоди ҳамагон аст.
18 Рӯзе, ки дар сур дамида мешавад ва шумо гурӯҳ- гурӯҳ ба (маҳшар) меоед.
19 Ва осмон шикофта шавад ва барои нузули малоика ҳар шикоф даре бошад.
20 Ва кӯҳҳо ба ҳаракат дармеояд ва ба сурати саробе мешавад.
21 Мусалламан, (дар он рӯз) ҷаҳаннам камингоҳи бузург аст.
22 Ва маҳалли бозгашт барои туғёнгарон.
23 Муддатҳои тӯлонӣ дар он мемонанд.
24 Дар он ҷо на чизи хунуке мечашанд (ки гармои ваҳшатноки дӯзахро фурӯ нишонад) ва на нӯшидании гуворое (ки ташнагии шадиди онҳоро таскин бахшад).
25 Ҷуз оби сӯзону чирку хун.
26 Ин муҷозоте аст мувофиқу муносиб.
27 Чаро ки онҳо ҳеч умеде ба ҳисоб (ва тарсе аз иқоби Худованд) надоштанд.
28 Ва оёти моро ба куллӣ такзиб карданд.
29 Ва мо ҳамаи чизро шумориш ва сабт кардаем.
30 Пас бичашед, ки чизе ҷуз азоб бар шумо намеафзоем.

إِنَّ لِلْمُتَّقِينَ مَفَازًا ﴿٣١﴾ حَدَآئِقَ وَأَعْنَٰبًا ﴿٣٢﴾ وَكَوَاعِبَ أَتْرَابًا ﴿٣٣﴾ وَكَأْسًا دِهَاقًا ﴿٣٤﴾ لَّا
يَسْمَعُونَ فِيهَا لَغْوًا وَلَا كِذَّٰبًا ﴿٣٥﴾ جَزَآءً مِّن رَّبِّكَ عَطَآءً حِسَابًا ﴿٣٦﴾ رَّبِّ
ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَمَا بَيْنَهُمَا ٱلرَّحْمَٰنِ لَا يَمْلِكُونَ مِنْهُ خِطَابًا ﴿٣٧﴾ يَوْمَ يَقُومُ
ٱلرُّوحُ وَٱلْمَلَٰٓئِكَةُ صَفًّا لَّا يَتَكَلَّمُونَ إِلَّا مَنْ أَذِنَ لَهُ ٱلرَّحْمَٰنُ وَقَالَ صَوَابًا ﴿٣٨﴾ ذَٰلِكَ
ٱلْيَوْمُ ٱلْحَقُّ فَمَن شَآءَ ٱتَّخَذَ إِلَىٰ رَبِّهِۦ مَـَٔابًا ﴿٣٩﴾ إِنَّآ أَنذَرْنَٰكُمْ عَذَابًا قَرِيبًا يَوْمَ
يَنظُرُ ٱلْمَرْءُ مَا قَدَّمَتْ يَدَاهُ وَيَقُولُ ٱلْكَافِرُ يَٰلَيْتَنِى كُنتُ تُرَٰبًا ﴿٤٠﴾

31 Барои парҳезкорон наҷоту пирӯзии бузурге аст.
32 Боғҳое сарсабз ва (маҳфуз бо меваҳое аз) анвоъи ангурҳо.
33 Ва (барои онҳо) ҳуррҳои бисёр
ҷавон ва ҳамсинну сол аст.
34 Ва ҷомҳои лабрез ва паёпай (аз) шароби таҳур.
35 Дар он ҷо на сухани лағв ва беҳудае мешунаванд ва на дурӯғе.
36 Ин подоше аст аз сӯи Парвардигори ту ва атое аст кифояқунанда.

(37) Ҳамон Парвардигори осмонҳову Замин ва он чӣ дар миёни он ду аст, Парвардигори раҳмон ва (дар он рӯз) ҳеч кас ҳақ надорад бе иҷозаи Ӯ сухане бигӯяд.
(38) Рӯзе (аст), ки Рӯҳ ва малоика дар як саф меистанд ва ҳеч як ҷуз ба изни Худованди раҳмон сухан намегӯяд ва (он гоҳ, ки мегӯянд) дуруст мегӯянд.
(39) Он рӯз ҳақ аст, пас ҳар кас бихоҳад бо имон ва амали солеҳ ба сӯи Парвардигораш боз мегардад.
(40) Ва мо шуморо аз азоби наздике бим додем. Ин азоб дар рӯзе хоҳад буд, ки инсон он чиро аз қабл бо дастҳои худ фиристодааст, мебинад ва кофир мегӯяд: Эй кош хок будам ва гирифтори азоб намешудам.

## 79-СУРАИ «НОЗИЪОТ»

وَٱلنَّٰزِعَٰتِ غَرۡقٗا ﴿١﴾ وَٱلنَّٰشِطَٰتِ نَشۡطٗا ﴿٢﴾ وَٱلسَّٰبِحَٰتِ سَبۡحٗا ﴿٣﴾ فَٱلسَّٰبِقَٰتِ
سَبۡقٗا ﴿٤﴾ فَٱلۡمُدَبِّرَٰتِ أَمۡرٗا ﴿٥﴾ يَوۡمَ تَرۡجُفُ ٱلرَّاجِفَةُ ﴿٦﴾ تَتۡبَعُهَا ٱلرَّادِفَةُ ﴿٧﴾ قُلُوبٞ يَوۡمَئِذٖ
وَاجِفَةٌ ﴿٨﴾ أَبۡصَٰرُهَا خَٰشِعَةٞ ﴿٩﴾ يَقُولُونَ أَءِنَّا لَمَرۡدُودُونَ فِي ٱلۡحَافِرَةِ ﴿١٠﴾ أَءِذَا كُنَّا
عِظَٰمٗا نَّخِرَةٗ ﴿١١﴾ قَالُواْ تِلۡكَ إِذٗا كَرَّةٌ خَاسِرَةٞ ﴿١٢﴾ فَإِنَّمَا هِيَ زَجۡرَةٞ وَٰحِدَةٞ ﴿١٣﴾ فَإِذَا هُم
بِٱلسَّاهِرَةِ ﴿١٤﴾ هَلۡ أَتَىٰكَ حَدِيثُ مُوسَىٰٓ ﴿١٥﴾ إِذۡ نَادَىٰهُ رَبُّهُۥ بِٱلۡوَادِ ٱلۡمُقَدَّسِ طُوًى ﴿١٦﴾
ٱذۡهَبۡ إِلَىٰ فِرۡعَوۡنَ إِنَّهُۥ طَغَىٰ ﴿١٧﴾ فَقُلۡ هَل لَّكَ إِلَىٰٓ أَن تَزَكَّىٰ ﴿١٨﴾ وَأَهۡدِيَكَ إِلَىٰ رَبِّكَ
فَتَخۡشَىٰ ﴿١٩﴾ فَأَرَىٰهُ ٱلۡأٓيَةَ ٱلۡكُبۡرَىٰ ﴿٢٠﴾ فَكَذَّبَ وَعَصَىٰ ﴿٢١﴾ ثُمَّ أَدۡبَرَ يَسۡعَىٰ ﴿٢٢﴾ فَحَشَرَ
فَنَادَىٰ ﴿٢٣﴾ فَقَالَ أَنَا۠ رَبُّكُمُ ٱلۡأَعۡلَىٰ ﴿٢٤﴾ فَأَخَذَهُ ٱللَّهُ نَكَالَ ٱلۡأٓخِرَةِ وَٱلۡأُولَىٰٓ ﴿٢٥﴾ إِنَّ
فِي ذَٰلِكَ لَعِبۡرَةٗ لِّمَن يَخۡشَىٰٓ ﴿٢٦﴾

(1) Савганд ба фариштагоне, ки (ҷони муҷримонро ба шиддат аз баданҳояшон) бармекашанд.
(2) Ва фариштагоне, ки (рӯҳи мӯъминонро) бо мадоро ва нишот ҷудо месозанд.
(3) Ва савганд ба фариштагоне, ки (дар иҷрои фармони илоҳӣ) бо суръат ҳаракат мекунанд.
(4) Ва сипас бар якдигар сабқат мегиранд.
(5) Ва онҳо, ки умурро тадбир мекунанд.
(6) Дар он рӯз аст, ки зилзилаҳои ваҳшатнок ҳамаи чизро ба ларза дар меоварад.
(7) Ва ба дунболи он ҳодисаи дувумин
(сайҳаи азими маҳшар) рух медиҳад.
(8) Дилҳое дар он рӯз сахт музтариб аст.
(9) Ва чашмҳои онон аз шиддати тарс фурӯ афтодааст.
(10) Мегӯянд: Оё мо ба ҳолати нахустин боз мегардем?!
(11) Оё, ҳангоме ки устухонҳои пусидае шудем (мумкин аст зинда

шавем)?
12 Мегӯянд: Агар қиёмате дар кор бошад, бозгаште аст зиёнбор.
13 Ин бозгашт танҳо бо як сайҳаи азим аст.
14 Ногаҳон ҳамагӣ бар арсаи Замин зоҳир мегарданд.
15 Оё достони Мӯсо ба ту расидааст?
16 Он гоҳ ки, ки Парвардгораш ӯро
дар сарзамини муқаддаси Туво нидо дод.
17 Ба сӯйи Фиръавн бирав, ки туғён кардааст.
18 Ва ба ӯ бигӯ: Оё мехоҳӣ покиза шавӣ?
19 Ва ман туро ба сӯйи (тоъати) Парвардигорат ҳидоят кунам, то аз Ӯ битарсӣ ва гуноҳ накунӣ.
20 Ба дунболи ин сухан бузургтарин муъҷизаро ба ӯ нишон дод.
21 Ӯ (даъвои Мӯсоро) дурӯғ шуморид ва исён кард.
22 Сипас пушт кард ва пайваста (барои маҳви ойини ҳақ) талош намуд.
23 Ва соҳиронро ҷамъ карду мардумро даъват намуд.
24 Ва гуфт: Ман парваридгори бартари шумо ҳастам.
25 Аз ин рӯ Худованд ӯро ба азоби охират ва дунё гирифтор сохт.
26 Дар ин (достон Мӯсо ва Фиръавн ва оқибати онон дарси) ибрат аст барои касе, ки (аз Худо битарсад).

ءَأَنتُمْ أَشَدُّ خَلْقًا أَمِ ٱلسَّمَآءُ بَنَىٰهَا ﴿٢٧﴾ رَفَعَ سَمْكَهَا فَسَوَّىٰهَا ﴿٢٨﴾ وَأَغْطَشَ لَيْلَهَا
وَأَخْرَجَ ضُحَىٰهَا ﴿٢٩﴾ وَٱلْأَرْضَ بَعْدَ ذَٰلِكَ دَحَىٰهَآ ﴿٣٠﴾ أَخْرَجَ مِنْهَا مَآءَهَا وَمَرْعَىٰهَا
﴿٣١﴾ وَٱلْجِبَالَ أَرْسَىٰهَا ﴿٣٢﴾ مَتَٰعًا لَّكُمْ وَلِأَنْعَٰمِكُمْ ﴿٣٣﴾ فَإِذَا جَآءَتِ ٱلطَّآمَّةُ
ٱلْكُبْرَىٰ ﴿٣٤﴾ يَوْمَ يَتَذَكَّرُ ٱلْإِنسَٰنُ مَا سَعَىٰ ﴿٣٥﴾ وَبُرِّزَتِ ٱلْجَحِيمُ لِمَن يَرَىٰ ﴿٣٦﴾ فَأَمَّا
مَن طَغَىٰ ﴿٣٧﴾ وَءَاثَرَ ٱلْحَيَوٰةَ ٱلدُّنْيَا ﴿٣٨﴾ فَإِنَّ ٱلْجَحِيمَ هِىَ ٱلْمَأْوَىٰ ﴿٣٩﴾ وَأَمَّا مَنْ خَافَ
مَقَامَ رَبِّهِۦ وَنَهَى ٱلنَّفْسَ عَنِ ٱلْهَوَىٰ ﴿٤٠﴾ فَإِنَّ ٱلْجَنَّةَ هِىَ ٱلْمَأْوَىٰ ﴿٤١﴾ يَسْـَٔلُونَكَ
عَنِ ٱلسَّاعَةِ أَيَّانَ مُرْسَىٰهَا ﴿٤٢﴾ فِيمَ أَنتَ مِن ذِكْرَىٰهَآ ﴿٤٣﴾ إِلَىٰ رَبِّكَ مُنتَهَىٰهَآ ﴿٤٤﴾ إِنَّمَآ
أَنتَ مُنذِرُ مَن يَخْشَىٰهَا ﴿٤٥﴾ كَأَنَّهُمْ يَوْمَ يَرَوْنَهَا لَمْ يَلْبَثُوٓا۟ إِلَّا عَشِيَّةً أَوْ ضُحَىٰهَا ﴿٤٦﴾

27 Оё офариниш шумо (ва бозгашт ба зиндагии пас аз марг) мушкилтар аст ё офариниши Осмон, ки Худованд онро бино ниҳодааст?
28 Сақфи осмонро барафрошт ва онро муназзам сохт.
29 Ва шабашро торик ва рӯзашро ошкор намуд.
30 Ва заминро баъд аз он густариш дод.
31 Ва аз он об ва чарогоҳашро берун овард.
32 Ва кӯҳҳоро собит ва маҳкам намуд.
33 Ҳамаи инҳо барои баҳрагирии шумо ва чаҳорпоёнатон аст.
34 Ҳангоме ки он ҳодисаи бузург рух диҳад.
35 Дар он рӯз инсон ба ёди кӯшишҳояш меафтад.
36 Ва (дар он рӯз) ҷаҳаннам барои ҳар бинандае ошкор мегардад.

37 Аммо он касе, ки туғён карда.
38 Ва зиндагии дунёро (бар ҳама чиз) муқаддам дошта.
39 Мусалламан, дӯзах ҷойгоҳи ӯст.
40 Ва он касе, ки аз мақоми Парвардигораш тарсон бошад ва нафсро аз ҳаво боз дорад.
41 Қатъан, биҳишт ҷойгоҳи ӯст.
42 Ва аз ту дар бораи қиёмат мепурсанд, ки дар чӣ замоне воқеъ мешавад?
43 Туро бо ёдоварии ин сухан чӣ кор?
44 Ниҳояти он (қиёмат) ба сӯйи Парвардгори ту аст.
45 Кори ту фақат бим додани касоне аст, ки аз он метарсанд.
46 Онҳо дар он рӯз, ки қиёми қиёматро мебинанд, чунин эҳсос мекунанд, ки гӯё тавақуфашон (дар дунё ва барзах) ҷуз шомгоҳе ё субҳ бештар набудаст.

## 80-СУРАИ «АБАСА»

عَبَسَ وَتَوَلَّىٰٓ ١ أَن جَآءَهُ ٱلۡأَعۡمَىٰ ٢ وَمَا يُدۡرِيكَ لَعَلَّهُۥ يَزَّكَّىٰٓ ٣ أَوۡ يَذَّكَّرُ
فَتَنفَعَهُ ٱلذِّكۡرَىٰٓ ٤ أَمَّا مَنِ ٱسۡتَغۡنَىٰ ٥ فَأَنتَ لَهُۥ تَصَدَّىٰ ٦ وَمَا عَلَيۡكَ أَلَّا
يَزَّكَّىٰ ٧ وَأَمَّا مَن جَآءَكَ يَسۡعَىٰ ٨ وَهُوَ يَخۡشَىٰ ٩ فَأَنتَ عَنۡهُ تَلَهَّىٰ ١٠ كَلَّآ
إِنَّهَا تَذۡكِرَةٞ ١١ فَمَن شَآءَ ذَكَرَهُۥ ١٢ فِي صُحُفٖ مُّكَرَّمَةٖ ١٣ مَّرۡفُوعَةٖ مُّطَهَّرَةِۭ
١٤ بِأَيۡدِي سَفَرَةٖ ١٥ كِرَامِۭ بَرَرَةٖ ١٦

1 Рӯйро турш карда ва рӯй бартофт.
2 Аз ин, ки нобиное ба суроғи ӯ омада буд.
3 Ту чӣ медонӣ шояд ӯ покӣ ва тақво пеша кунад.
4 Ё (аз шунидани суханони ҳақ) мутазаккир гардад ва ин тазаккур ба ҳоли ӯ муфид бошад.
5 Аммо он кас, ки тавонгар аст.
6 Ту ба ӯ рӯй меоварӣ.
7 Дар ҳоле ки агар ӯ худро пок насозад, чизе бар ту нест.
8 Аммо касе, ки ба суроғи ту меояд ва (барои ҳидоят ва покӣ) кӯшиш мекунад.
9 Ва аз Худо тарсон аст.
10 Ту аз ӯ ғофил мешавӣ (ва ба дигаре мепардозӣ).
11 Ҳаргиз (чаро ки) ин (Қуръон) тазкир ва ёдоварӣ аст.
12 Ва ҳар кас бихоҳад аз он панд мегирад.
13 Дар алвоҳи пурарзише сабт аст.
14 Волоқадр ва покиза аст.
15 Ба дасти сафироне аст.
16 Ва мақом ва фармонбардор ва некӯкор.

قُتِلَ ٱلۡإِنسَٰنُ مَآ أَكۡفَرَهُۥ ١٧ مِنۡ أَيِّ شَيۡءٍ خَلَقَهُۥ ١٨ مِن نُّطۡفَةٍ خَلَقَهُۥ فَقَدَّرَهُۥ
١٩ ثُمَّ ٱلسَّبِيلَ يَسَّرَهُۥ ٢٠ ثُمَّ أَمَاتَهُۥ فَأَقۡبَرَهُۥ ٢١ ثُمَّ إِذَا شَآءَ أَنشَرَهُۥ ٢٢ كَلَّا لَمَّا

يَقۡضِ مَآ أَمَرَهُۥ ﴿٢٣﴾ فَلۡيَنظُرِ ٱلۡإِنسَٰنُ إِلَىٰ طَعَامِهِۦٓ ﴿٢٤﴾ أَنَّا صَبَبۡنَا ٱلۡمَآءَ صَبّٗا ﴿٢٥﴾ ثُمَّ
شَقَقۡنَا ٱلۡأَرۡضَ شَقّٗا ﴿٢٦﴾ فَأَنۢبَتۡنَا فِيهَا حَبّٗا ﴿٢٧﴾ وَعِنَبٗا وَقَضۡبٗا ﴿٢٨﴾ وَزَيۡتُونٗا وَنَخۡلٗا ﴿٢٩﴾
وَحَدَآئِقَ غُلۡبٗا ﴿٣٠﴾ وَفَٰكِهَةٗ وَأَبّٗا ﴿٣١﴾ مَّتَٰعٗا لَّكُمۡ وَلِأَنۡعَٰمِكُمۡ ﴿٣٢﴾

17 Марг бар ин инсон, кофир ва носипос аст.
18 (Худованд) ӯро аз чӣ чиз офарид?
19 Ӯро аз нутфаи ночизе офарид ва сипас андозагирӣ кард ва мавзун сохт.
20 Сипас роҳро барои ӯ осон кард.
21 Баъд ӯро миронд ва дар қабр пинҳон намуд.
22 Сипас ҳаргоҳ, ки бихоҳад ӯро зинда (ва барои ҳисобу ҷазо маҳшур) мекунад.
23 Чунин нест, ки ӯ мепиндорад, ӯ ҳанӯз он чиро (Худо) фармон дода, итоъат накардааст.
24 Инсон бояд ба ғизои хеш (ва офариниши он) бингарад.
25 Мо оби фаровон аз Осмон фурӯ рехтем.
26 Сипас заминро аз ҳам шикофтем.
27 Ва дар он донаҳои фаровоне рӯёнидем.
28 Ва (ҳамчун) ангур ва сабзавоти бисёр.
29 Ва зайтун ва хурмои фаровон.
30 Ва боғҳои пурдарахт.
31 Ва мева ва чарогоҳ.
32 То василае барои баҳрагирии шумо ва чорпоёнатон бошад.

فَإِذَا جَآءَتِ ٱلصَّآخَّةُ ﴿٣٣﴾ يَوۡمَ يَفِرُّ ٱلۡمَرۡءُ مِنۡ أَخِيهِ ﴿٣٤﴾ وَأُمِّهِۦ وَأَبِيهِ ﴿٣٥﴾
وَصَٰحِبَتِهِۦ وَبَنِيهِ ﴿٣٦﴾ لِكُلِّ ٱمۡرِيٕٖ مِّنۡهُمۡ يَوۡمَئِذٖ شَأۡنٞ يُغۡنِيهِ ﴿٣٧﴾ وُجُوهٞ يَوۡمَئِذٖ
مُّسۡفِرَةٞ ﴿٣٨﴾ ضَاحِكَةٞ مُّسۡتَبۡشِرَةٞ ﴿٣٩﴾ وَوُجُوهٞ يَوۡمَئِذٍ عَلَيۡهَا غَبَرَةٞ ﴿٤٠﴾ تَرۡهَقُهَا
قَتَرَةٌ ﴿٤١﴾ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡكَفَرَةُ ٱلۡفَجَرَةُ ﴿٤٢﴾

33 Ҳангоме ки он садои муҳиб (сайҳаи растохез) биёяд.
34 Дар он рӯз, ки инсон аз бародари худ мегурезад.
35 Ва (ҳамчунин) аз модару падараш.
36 Ва зану фарзандонаш.
37 Дар он рӯз ҳар кадоми аз онҳо вазъе дорад, ки ӯро комилан ба худ машғул месозад.
38 Чеҳраҳое дар он рӯз гушода ва нуронӣ аст.
39 Хандону масрур аст.
40 Ва суратҳое дар он рӯз ғуборолуд аст.
41 Ва дуди торикӣ онро пӯшонидааст.
42 Онон ҳамон кофирони фоҷиранд.

## 81-СУРАИ «ТАКВИР»

إِذَا ٱلشَّمۡسُ كُوِّرَتۡ ﴿١﴾ وَإِذَا ٱلنُّجُومُ ٱنكَدَرَتۡ ﴿٢﴾ وَإِذَا ٱلۡجِبَالُ سُيِّرَتۡ ﴿٣﴾ وَإِذَا ٱلۡعِشَارُ

عُطِّلَتْ ﴿٤﴾ وَإِذَا ٱلْوُحُوشُ حُشِرَتْ ﴿٥﴾ وَإِذَا ٱلْبِحَارُ سُجِّرَتْ ﴿٦﴾ وَإِذَا ٱلنُّفُوسُ زُوِّجَتْ
﴿٧﴾ وَإِذَا ٱلْمَوْءُۥدَةُ سُئِلَتْ ﴿٨﴾ بِأَىِّ ذَنۢبٍ قُتِلَتْ ﴿٩﴾ وَإِذَا ٱلصُّحُفُ نُشِرَتْ ﴿١٠﴾ وَإِذَا ٱلسَّمَآءُ
كُشِطَتْ ﴿١١﴾ وَإِذَا ٱلْجَحِيمُ سُعِّرَتْ ﴿١٢﴾ وَإِذَا ٱلْجَنَّةُ أُزْلِفَتْ ﴿١٣﴾ عَلِمَتْ نَفْسٌ مَّآ أَحْضَرَتْ ﴿١٤﴾

1 Дар он ҳангом, ки офтоб дарҳам печида шавад.
2 Ва дар он ҳангом, ки ситорагон фурӯ резанд.
3 Ва дар он ҳангом, ки кӯҳҳо ба ҳаракат дароянд.
4 Ва дар он ҳангом, ки шутурони ҳомила ба ҳоли худ раҳо шаванд
5 Ва дар он ҳангом, ки ҷонварони ваҳшӣ ҷамъ шаванд.
6 Ва дар он ҳангом, баҳрҳо оташ гиранд.
7 Ва дар он ҳангом, ки ҳар кас бо ҳамсони худ қарин гардад.
8 Ва дар он ҳангом, ки аз духтарони зинда ба гӯршуда суол шавад.
9 Ба кадомин гуноҳ кушта шуданд?
10 Ва дар он ҳангом, ки номаҳои аъмол боз карда шаванд.
11 Ва дар он ҳангом, ки парда аз рӯйи Осмон баргирифта шавад.
12 Ва дар он ҳангом, ки дӯзах шуълавар наздик шавад.
13 Ва дар он замон, ки биҳишт (ба парҳезкорон) наздик шавад.
14 Ҳар кас медонад, чӣ чизеро омода кардааст.

فَلَآ أُقْسِمُ بِٱلْخُنَّسِ ﴿١٥﴾ ٱلْجَوَارِ ٱلْكُنَّسِ ﴿١٦﴾ وَٱلَّيْلِ إِذَا عَسْعَسَ ﴿١٧﴾ وَٱلصُّبْحِ إِذَا تَنَفَّسَ ﴿١٨﴾ إِنَّهُۥ
لَقَوْلُ رَسُولٍ كَرِيمٍ ﴿١٩﴾ ذِى قُوَّةٍ عِندَ ذِى ٱلْعَرْشِ مَكِينٍ ﴿٢٠﴾ مُّطَاعٍ ثَمَّ أَمِينٍ ﴿٢١﴾ وَمَا صَاحِبُكُم
بِمَجْنُونٍ ﴿٢٢﴾ وَلَقَدْ رَءَاهُ بِٱلْأُفُقِ ٱلْمُبِينِ ﴿٢٣﴾ وَمَا هُوَ عَلَى ٱلْغَيْبِ بِضَنِينٍ ﴿٢٤﴾ وَمَا هُوَ بِقَوْلِ شَيْطَٰنٍ
رَّجِيمٍ ﴿٢٥﴾ فَأَيْنَ تَذْهَبُونَ ﴿٢٦﴾ إِنْ هُوَ إِلَّا ذِكْرٌ لِّلْعَٰلَمِينَ ﴿٢٧﴾ لِمَن شَآءَ مِنكُمْ أَن يَسْتَقِيمَ ﴿٢٨﴾ وَمَا
تَشَآءُونَ إِلَّآ أَن يَشَآءَ ٱللَّهُ رَبُّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴿٢٩﴾

15 Савганд ба ситорагоне, ки бозмегарданд.
16 Ҳаракат мекунанд ва аз дидаҳо пинҳон мешаванд.
17 ва савганд ба шаб, чун торик шавад
18 ва савганд ба субҳ, чун бидамад
19 Яқинан ин (Қуръон) калом (аз сӯйи Худо ва тавассути) фиристодаи бузургворе (Ҷибриили амин) аст (ки барои паёмбараш оварда).
20 Ӯ соҳиби қудрат аст ва назди соҳиби Арш мақоми бузурге дорад.
21 Дар осмонҳо мавриди итоат ва амин аст.
22 Ва соҳиби шумо (Паёмбар) девона нест.
23 Ӯ (Ҷибриил)-ро дар уфуқ равшан дидааст.
24 Ва ӯ нисбат ба онҷи аз тариқи ваҳй дарёфт дошта, бухл надорад.
25 **25** Ва ин (Қуръон) гуфтаи шайтони раҷим нест.
26 Пас ба куҷо меравед?

27 Ин (Қуръон) чизе ҷуз тазаккуре барои ҷаҳониён нест.
28 Барои касе аз шумо, ки бихоҳад роҳи мустақим пеш гирад.
29 Ва ҳол он ки наметавонед, бихоҳед, ҷуз чизҳеро, ки Парвардигори ҷаҳониён хоста бошад.

## 82-СУРАИ «ИНФИТОР»

إِذَا ٱلسَّمَآءُ ٱنفَطَرَتۡ ١ وَإِذَا ٱلۡكَوَاكِبُ ٱنتَثَرَتۡ ٢ وَإِذَا ٱلۡبِحَارُ فُجِّرَتۡ ٣
وَإِذَا ٱلۡقُبُورُ بُعۡثِرَتۡ ٤ عَلِمَتۡ نَفۡسٞ مَّا قَدَّمَتۡ وَأَخَّرَتۡ ٥ يَٰٓأَيُّهَا ٱلۡإِنسَٰنُ
مَا غَرَّكَ بِرَبِّكَ ٱلۡكَرِيمِ ٦ ٱلَّذِي خَلَقَكَ فَسَوَّىٰكَ فَعَدَلَكَ ٧ فِيٓ أَيِّ صُورَةٖ
مَّا شَآءَ رَكَّبَكَ ٨ كَلَّا بَلۡ تُكَذِّبُونَ بِٱلدِّينِ ٩ وَإِنَّ عَلَيۡكُمۡ لَحَٰفِظِينَ ١٠
كِرَامٗا كَٰتِبِينَ ١١ يَعۡلَمُونَ مَا تَفۡعَلُونَ ١٢

1 Дар он замон, ки Осмон аз ҳам шикофта шавад.
2 Дар он замон, ки ситорагон пароканда шаванд ва фурӯ резанд.
3 Ва он замон, ки дарёҳо ба ҳам пайваста шаванд.
4 Ва он замон, ки қабрҳо зерурӯ гардад.
5 Ҳар кас медонад он чиро, ки аз пеш фиристода ва он чиро барои баъд гузоштааст.
6 Эй инсон, чӣ чиз туро дар баробари Парвардигори каримат мағрур сохта?
7 Ҳамон Худое, ки туро офарид ва сомон дод ва муназзам сохт.
8 Ва дар ҳар сурате, ки мехост туро таркиб намуд.
9 Он гуна, ки шумо мепиндоред
нест, балки шумо рӯзи ҷазоро мункиред.
10 Ва бе шак нигоҳбононе (фариштагоне) бар шумо вобаста шудааст.
11 Воломақом ва нависанда (аъмоли нек ва бади шумо).
12 Ки медонад шумо чӣ мекунед?

إِنَّ ٱلۡأَبۡرَارَ لَفِي نَعِيمٖ ١٣ وَإِنَّ ٱلۡفُجَّارَ لَفِي جَحِيمٖ ١٤ يَصۡلَوۡنَهَا يَوۡمَ ٱلدِّينِ ١٥
وَمَا هُمۡ عَنۡهَا بِغَآئِبِينَ ١٦ وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا يَوۡمُ ٱلدِّينِ ١٧ ثُمَّ مَآ أَدۡرَىٰكَ مَا يَوۡمُ
ٱلدِّينِ ١٨ يَوۡمَ لَا تَمۡلِكُ نَفۡسٞ لِّنَفۡسٖ شَيۡـٔٗاۖ وَٱلۡأَمۡرُ يَوۡمَئِذٖ لِّلَّهِ ١٩

13 Ба яқин некон дар неъмате фаровонанд.
14 Ва бадкорон дар дӯзаханд.
15 Рӯзи ҷазо вориди он мешаванд ва месӯзонад.
16 Ва он ҳаргиз аз он ғоиб ва дур нестанд.
17 Ту чӣ медонӣ рӯзи ҷазо чист?
18 Боз чӣ медонӣ рӯзи ҷазо чист?
19 Рӯзе аст, ки ҳеч кас қодир ба анҷоми коре ба суди дигаре нест ва ҳама умур дар он рӯз аз они Худост.

# 83-СУРАИ «МУТАФФИФИН»

وَيۡلٞ لِّلۡمُطَفِّفِينَ ١ ٱلَّذِينَ إِذَا ٱكۡتَالُواْ عَلَى ٱلنَّاسِ يَسۡتَوۡفُونَ ٢ وَإِذَا كَالُوهُمۡ أَو
وَّزَنُوهُمۡ يُخۡسِرُونَ ٣ أَلَا يَظُنُّ أُوْلَٰٓئِكَ أَنَّهُم مَّبۡعُوثُونَ ٤ لِيَوۡمٍ عَظِيمٖ ٥ يَوۡمَ
يَقُومُ ٱلنَّاسُ لِرَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ ٦

1 Вой бар камфурӯшон.
2 Онон ки вақте барои худ паймона мекунанд.
3 Аммо, ҳангоме ки мехоҳанд барои дигарон паймона ё вазн кунанд, кам мегузоранд.
4 Оё онҳо гумон намекунанд, ки барангехта мешаванд.
5 Дар рӯзи бузург
6 Рӯзе, ки мардум дар пешгоҳи Парвардигори ҷаҳониён меистанд.

كَلَّآ إِنَّ كِتَٰبَ ٱلۡفُجَّارِ لَفِي سِجِّينٖ ٧ وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا سِجِّينٞ ٨ كِتَٰبٞ مَّرۡقُومٞ ٩
وَيۡلٞ يَوۡمَئِذٖ لِّلۡمُكَذِّبِينَ ١٠ ٱلَّذِينَ يُكَذِّبُونَ بِيَوۡمِ ٱلدِّينِ ١١ وَمَا يُكَذِّبُ بِهِۦٓ إِلَّا
كُلُّ مُعۡتَدٍ أَثِيمٍ ١٢ إِذَا تُتۡلَىٰ عَلَيۡهِ ءَايَٰتُنَا قَالَ أَسَٰطِيرُ ٱلۡأَوَّلِينَ ١٣ كَلَّاۖ بَلۡۜ رَانَ عَلَىٰ
قُلُوبِهِم مَّا كَانُواْ يَكۡسِبُونَ ١٤ كَلَّآ إِنَّهُمۡ عَن رَّبِّهِمۡ يَوۡمَئِذٖ لَّمَحۡجُوبُونَ ١٥ ثُمَّ
إِنَّهُمۡ لَصَالُواْ ٱلۡجَحِيمِ ١٦ ثُمَّ يُقَالُ هَٰذَا ٱلَّذِي كُنتُم بِهِۦ تُكَذِّبُونَ ١٧

7 Чунин нест, ки онҳо (дар бораи қиёмат) мепиндоранд ба яқин номаи аъмоли бадкорон дар сиҷҷин аст.
8 Ту чӣ медонӣ сиҷҷин чист?
9 Номае аст рақамзадашуда ва сарнавиште аст ҳатмӣ.
10 Вой дар он рӯз бар дурӯғшумурандагон.
11 Ҳамонҳо, ки рӯзи ҷазоро инкор мекунанд.
12 Ва он рӯзро фақат аз ҳад гузарандаи гунаҳкор дурӯғ меҳисобад.
13 (Ҳамон кас, ки) вақте оёти мо бар ӯ хонда мешавад, мегӯяд: Ин афсонаҳои пешиниён аст.
14 На чунин аст (ки мепиндоранд), балки ба сабаби корҳое, ки карда буданд, дилҳояшон занг бастааст.
15 Чунин нест, ки мепиндоранд, балки онҳо дар он рӯз аз Парвардигорашон маҳруманд.
16 Сипас онҳо ба яқин вориди дӯзах мешаванд (ва мулозими он ҳастанд).
17 Сипас ба онҳо гуфта мешавад: Ин ҳамон чизе аст, ки онро дурӯғаш мешумурдед.

كَلَّآ إِنَّ كِتَٰبَ ٱلۡأَبۡرَارِ لَفِي عِلِّيِّينَ ١٨ وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا عِلِّيُّونَ ١٩ كِتَٰبٞ مَّرۡقُومٞ ٢٠
يَشۡهَدُهُ ٱلۡمُقَرَّبُونَ ٢١ إِنَّ ٱلۡأَبۡرَارَ لَفِي نَعِيمٍ ٢٢ عَلَى ٱلۡأَرَآئِكِ يَنظُرُونَ ٢٣ تَعۡرِفُ فِي

وُجُوهِهِمۡ نَضۡرَةَ ٱلنَّعِيمِ ﴿٢٤﴾ يُسۡقَوۡنَ مِن رَّحِيقٖ مَّخۡتُومٍ ﴿٢٥﴾ خِتَٰمُهُۥ مِسۡكٞۚ وَفِي ذَٰلِكَ
فَلۡيَتَنَافَسِ ٱلۡمُتَنَٰفِسُونَ ﴿٢٦﴾ وَمِزَاجُهُۥ مِن تَسۡنِيمٍ ﴿٢٧﴾ عَيۡنٗا يَشۡرَبُ بِهَا ٱلۡمُقَرَّبُونَ ﴿٢٨﴾

18 Чунон нест, ки онҳо (дар бораи миъод) мепиндоранд, балки номаи аъмоли аброру некон дар иллиййин аст.
19 Ва ту чӣ медонӣ иллиййин чист?
20 Номае аст рақамхӯрда ва сарнавиште аст қатъӣ.
21 Муқаррабон шоҳиди онанд ё бар он гувоҳӣ медиҳанд.
22 Мусалламан, некон дар анвоъи неъматанд.
23 Бар тахтҳои зебои биҳиштӣ такия карда ва ба (зебоиҳои биҳишт) менигаранд.
24 Дар чеҳраҳояшон таровату нишот ва неъматро мебинӣ ва мешиносӣ.
25 Онҳо аз шароби (таҳур) зулол даст нахӯрда, сарбастаи сероб мешаванд.
26 Мӯҳре, ки бар он ниҳода шуда аз мушк аст.
27 Ин шароб (таҳур) омехта бо тасним аст.
28 Ҳамон чашмае, ки муқаррабон аз он менӯшанд.

إِنَّ ٱلَّذِينَ أَجۡرَمُواْ كَانُواْ مِنَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ يَضۡحَكُونَ ﴿٢٩﴾ وَإِذَا مَرُّواْ بِهِمۡ
يَتَغَامَزُونَ ﴿٣٠﴾ وَإِذَا ٱنقَلَبُوٓاْ إِلَىٰٓ أَهۡلِهِمُ ٱنقَلَبُواْ فَكِهِينَ ﴿٣١﴾ وَإِذَا رَأَوۡهُمۡ قَالُوٓاْ إِنَّ
هَٰٓؤُلَآءِ لَضَآلُّونَ ﴿٣٢﴾ وَمَآ أُرۡسِلُواْ عَلَيۡهِمۡ حَٰفِظِينَ ﴿٣٣﴾ فَٱلۡيَوۡمَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ مِنَ
ٱلۡكُفَّارِ يَضۡحَكُونَ ﴿٣٤﴾ عَلَى ٱلۡأَرَآئِكِ يَنظُرُونَ ﴿٣٥﴾ هَلۡ ثُوِّبَ ٱلۡكُفَّارُ مَا كَانُواْ
يَفۡعَلُونَ ﴿٣٦﴾

29 Бадкорон (дар дунё) пайваста ба мӯъминон механдиданд.
30 Ва ҳангоме ки аз канорашон мегузаштанд, онҳоро бо ишора тамасхур мекарданд.
31 Ва ҳангоме ки ба сӯйи хонаводаи худ боз мегаштанд, масруру хандон буданд.
32 Вақте ононро медиданд, мегуфтанд: Инҳо гумроҳонанд.
33 Ва ҳол он ки ононро ба нигаҳбониву муҳофизати аъмоли мӯъминон нафиристода буданд.
34 Вале имрӯз мӯъминон ба куффор механданд.
35 Дар ҳоле, ки бар тахтҳои оростаи биҳиштӣ нишаста ва (ба сарнавишти шуми онҳо) менигаранд.
36 Оё (бо ин ҳол) кофирон подоши аъмоли худро гирифтанд?!

## 84-СУРАИ «ИНШИҚОҚ»

إِذَا ٱلسَّمَآءُ ٱنشَقَّتۡ ﴿١﴾ وَأَذِنَتۡ لِرَبِّهَا وَحُقَّتۡ ﴿٢﴾ وَإِذَا ٱلۡأَرۡضُ مُدَّتۡ ﴿٣﴾
وَأَلۡقَتۡ مَا فِيهَا وَتَخَلَّتۡ ﴿٤﴾ وَأَذِنَتۡ لِرَبِّهَا وَحُقَّتۡ ﴿٥﴾ يَٰٓأَيُّهَا ٱلۡإِنسَٰنُ إِنَّكَ
كَادِحٌ إِلَىٰ رَبِّكَ كَدۡحٗا فَمُلَٰقِيهِ ﴿٦﴾

1 Дар он ҳангом, ки Осмон шикофта шавад.
2 Ва ба фармони Парвардигораш гӯш диҳад ва ҳақ бувад, ки чунин кунад.
3 Ва дар он ҳангом, ки Замин густурда шавад.
4 Ва (Замин) он чи дар даврон дорад, берун афканда ва холӣ мешавад.
5 Ва ба фармони Парвардигораш гӯш диҳад ва ҳақ бувад, ки чунин кунад.
6 Эй инсон, ту бо талошу ранҷ ба сӯйи Парвардигорат меравӣ ва Ӯро мулоқот хоҳӣ кард.

فَأَمَّا مَنۡ أُوتِيَ كِتَٰبَهُۥ بِيَمِينِهِۦ ٧ فَسَوۡفَ يُحَاسَبُ حِسَابٗا يَسِيرٗا ٨ وَيَنقَلِبُ إِلَىٰٓ
أَهۡلِهِۦ مَسۡرُورٗا ٩ وَأَمَّا مَنۡ أُوتِيَ كِتَٰبَهُۥ وَرَآءَ ظَهۡرِهِۦ ١٠ فَسَوۡفَ يَدۡعُواْ ثُبُورٗا ١١
وَيَصۡلَىٰ سَعِيرًا ١٢ إِنَّهُۥ كَانَ فِيٓ أَهۡلِهِۦ مَسۡرُورًا ١٣ إِنَّهُۥ ظَنَّ أَن لَّن يَحُورَ ١٤ بَلَىٰٓۚ إِنَّ
رَبَّهُۥ كَانَ بِهِۦ بَصِيرٗا ١٥

7 Пас касе, ки номаи аъмолаш ба дасти росташ дода шавад.
8 Ба зудӣ ҳисоби осоне барои ӯ мешавад.
9 ва хушҳол ба аҳл ва хонаводааш бозмегардад.
10 Ва аммо касе, ки номаи аъмолаш ба пушти сараш дода шавад.
11 Ба зудӣ фарёд мезанад: Эй вой бар ман, ки ҳалок шудам.
12 Ва дар шуълаҳои сӯзони оташ месӯзад.
13 Чаро ки ӯ дар миёни хонаводааш пайваста (аз куфру гуноҳи худ) масрур буд.
14 Ӯ гумон мекард ҳаргиз бозгашт намекунад.
15 Оре, Парвардигораш нисбат ба ӯ бино буд.

فَلَآ أُقۡسِمُ بِٱلشَّفَقِ ١٦ وَٱلَّيۡلِ وَمَا وَسَقَ ١٧ وَٱلۡقَمَرِ إِذَا ٱتَّسَقَ ١٨ لَتَرۡكَبُنَّ طَبَقًا
عَن طَبَقٖ ١٩ فَمَا لَهُمۡ لَا يُؤۡمِنُونَ ٢٠ وَإِذَا قُرِئَ عَلَيۡهِمُ ٱلۡقُرۡءَانُ لَا يَسۡجُدُونَۤ۩
٢١ بَلِ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ يُكَذِّبُونَ ٢٢ وَٱللَّهُ أَعۡلَمُ بِمَا يُوعُونَ ٢٣ فَبَشِّرۡهُم بِعَذَابٍ
أَلِيمٍ ٢٤ إِلَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ لَهُمۡ أَجۡرٌ غَيۡرُ مَمۡنُونِۭ ٢٥

16 Савганд ба шафақ.
17 Ва савганд ба шаб ва он чиро (аз умури пароканда) ҷамъоварӣ мекунад.
18 Ва савганд ба Моҳ он гоҳ, ки нураш комил мешавад.
19 Ки ҳамаи шумо пайваста аз ҳоле ба ҳоли дигар мунтақил мешавед.
20 Пас чаро, ҳангоме ки онҳо имон намеоваранд.
21 (Чаро) ҳангоме, ки Қуръон бар онҳо хонда мешавад, саҷда намекунанд?
22 Балки кофирон пайваста оёти илоҳиро дурӯғ мешуморанд.
23 Ва Худованд он чиро дар дил пинҳон медоранд, ба хубӣ

медонад.
24 Пас онҳоро ба азоби дарднок башорат деҳ.
25 магар касоне, ки имон оварда ва аъмоли солеҳ анҷом додаанд, ки барои онҳо подоше қатъ нашуданӣ аст.

## 85-СУРАИ «БУРУҶ»

وَٱلسَّمَآءِ ذَاتِ ٱلۡبُرُوجِ ١ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡمَوۡعُودِ ٢ وَشَاهِدٖ وَمَشۡهُودٖ ٣ قُتِلَ أَصۡحَٰبُ
ٱلۡأُخۡدُودِ ٤ ٱلنَّارِ ذَاتِ ٱلۡوَقُودِ ٥ إِذۡ هُمۡ عَلَيۡهَا قُعُودٞ ٦ وَهُمۡ عَلَىٰ مَا يَفۡعَلُونَ
بِٱلۡمُؤۡمِنِينَ شُهُودٞ ٧ وَمَا نَقَمُواْ مِنۡهُمۡ إِلَّآ أَن يُؤۡمِنُواْ بِٱللَّهِ ٱلۡعَزِيزِ ٱلۡحَمِيدِ ٨ ٱلَّذِي
لَهُۥ مُلۡكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۚ وَٱللَّهُ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ شَهِيدٌ ٩ إِنَّ ٱلَّذِينَ فَتَنُواْ
ٱلۡمُؤۡمِنِينَ وَٱلۡمُؤۡمِنَٰتِ ثُمَّ لَمۡ يَتُوبُواْ فَلَهُمۡ عَذَابُ جَهَنَّمَ وَلَهُمۡ عَذَابُ ٱلۡحَرِيقِ ١٠

1 Савганд ба Осмон, ки дорои бурҷҳои бисёр аст.
2 Ва савганд ба рӯзи қиёмат, ки ваъда додааст, дар он халқро ҷамъ меоварад.
3 Ва қасам ба шаҳодатдиҳанда ва он чӣ ба он шаҳодат диҳанд.
4 Марг ба асҳоби хандақҳо, аз барои он, ки мӯъминонро азоб доданд.
5 Оташе афрӯхта аз ҳезумҳо.
6 Ҳангоме ки дар канори он нишаста буданд.
7 Ва он чиро бо мӯъминон анҷом медоданд (бо хунсардӣ ва сангдилӣ) тамошо мекарданд.
8 Ва ҳеҷ айбе дар онҳо наёфтанд, ҷуз он ки ба Аллоҳи пирӯзманди лоиқи ситоиш, имон оварда буданд,
9 Он Аллоҳе, ки фармонравоии осмонҳову замин аз они ӯст ва Худованд бар ҳамаи чиз гувоҳ аст.
10 Касоне ки мардону занони боимонро шиканҷа доданд, сипас тавба накарданд, барои онҳо азоби дӯзах ва азоби оташи сӯзон аст.

إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ لَهُمۡ جَنَّٰتٞ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُۚ
ذَٰلِكَ ٱلۡفَوۡزُ ٱلۡكَبِيرُ ١١ إِنَّ بَطۡشَ رَبِّكَ لَشَدِيدٌ ١٢ إِنَّهُۥ هُوَ يُبۡدِئُ وَيُعِيدُ ١٣
وَهُوَ ٱلۡغَفُورُ ٱلۡوَدُودُ ١٤ ذُو ٱلۡعَرۡشِ ٱلۡمَجِيدُ ١٥ فَعَّالٞ لِّمَا يُرِيدُ ١٦ هَلۡ أَتَىٰكَ
حَدِيثُ ٱلۡجُنُودِ ١٧ فِرۡعَوۡنَ وَثَمُودَ ١٨ بَلِ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ فِي تَكۡذِيبٖ ١٩
وَٱللَّهُ مِن وَرَآئِهِم مُّحِيطُۢ ٢٠ بَلۡ هُوَ قُرۡءَانٞ مَّجِيدٞ ٢١ فِي لَوۡحٖ مَّحۡفُوظِۭ ٢٢

11 Ва барои касоне, ки имон оварданд ва аъмоли солеҳ анҷом доданд, боғҳое аз биҳишт аст, ки наҳрҳо зери дарахтонаш ҷорӣ аст ва ин наҷот ва пирӯзии бузург аст.
12 Албатта, ба азоб гирифтани Парвардигори ту сахт аст.
13 Ӯст, ки офариниширо оғоз мекунад ва боз мегардонад.
14 Ва Ӯ омӯрзанда ва дӯстдори (мӯъминон) аст.

15 Соҳиби Арш ва дороии маҷду азамат аст.
16 Ва он чиро мехоҳад, анҷом медиҳад.
17 Оё достони лашкарҳо ба ту расидааст?
18 Лашкариёни Фиръавну Самуд?
19 Вале кофирон пайваста дар таквиби ҳақканд.
20 Ва Худованд ба ҳамаи онҳо иҳота дорад.
21 Балки Қуръони боазамат аст.
22 Ки дар Лавҳи маҳфуз ҷой дорад.

## 86-СУРАИ «ТОРИҚ»

وَٱلسَّمَآءِ وَٱلطَّارِقِ ﴿١﴾ وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا ٱلطَّارِقُ ﴿٢﴾ ٱلنَّجۡمُ ٱلثَّاقِبُ ﴿٣﴾ إِن كُلُّ نَفۡسٖ لَّمَّا
عَلَيۡهَا حَافِظٞ ﴿٤﴾ فَلۡيَنظُرِ ٱلۡإِنسَٰنُ مِمَّ خُلِقَ ﴿٥﴾ خُلِقَ مِن مَّآءٖ دَافِقٖ ﴿٦﴾ يَخۡرُجُ مِنۢ
بَيۡنِ ٱلصُّلۡبِ وَٱلتَّرَآئِبِ ﴿٧﴾ إِنَّهُۥ عَلَىٰ رَجۡعِهِۦ لَقَادِرٞ ﴿٨﴾ يَوۡمَ تُبۡلَى ٱلسَّرَآئِرُ ﴿٩﴾ فَمَا لَهُۥ
مِن قُوَّةٖ وَلَا نَاصِرٖ ﴿١٠﴾

1 Савганд ба осмон ва кубандаи шаб.
2 Ва ту намедонӣ кубандаи шаб чист.
3 Ҳамон ситораи дурахшон ва шикофандаи торикиҳост.
4 Мусалламан, ҳар кас муроқиб ва муҳофизе дорад.
5 Инсон бояд бингарад аз чӣ чиз офарида шудааст?
6 Аз як оби ҷаҳанда офарида шудааст.
7 Обе, ки аз миёни пушт ва синаҳо хориҷ мешавад.
8 Мусалламан, (Худое, ки инсонро аз чунин чизи пасте офарид) метавонад ӯро бозгардонад.
9 Дар он рӯз, ки асрори пинҳон ошкор мешавад.
10 Ва барои ӯ ҳеч нерӯ ва ёваре нест.

وَٱلسَّمَآءِ ذَاتِ ٱلرَّجۡعِ ﴿١١﴾ وَٱلۡأَرۡضِ ذَاتِ ٱلصَّدۡعِ ﴿١٢﴾ إِنَّهُۥ لَقَوۡلٞ فَصۡلٞ ﴿١٣﴾ وَمَا
هُوَ بِٱلۡهَزۡلِ ﴿١٤﴾ إِنَّهُمۡ يَكِيدُونَ كَيۡدٗا ﴿١٥﴾ وَأَكِيدُ كَيۡدٗا ﴿١٦﴾ فَمَهِّلِ ٱلۡكَٰفِرِينَ
أَمۡهِلۡهُمۡ رُوَيۡدَۢا ﴿١٧﴾

11 Савганд ба осмони пурборон.
12 Ва савганд ба замини пуршикоф.
13 Ки ин (Қуръон) сухане аст, ки ҳақро аз ботил ҷудо мекунад.
14 Ва ҳаргиз шӯхӣ нест.
15 Онҳо пайваста ҳила мекунанд ва нақшаҳо мерезанд.
16 Ва ман ҳам дар баробари онҳо чора мекунам.
17 Ҳоло ки чунин аст, кофиронро (фақат) андаке мӯҳлат деҳ (то оқибати
кори хешро бинанд).

## 87-СУРАИ «АЪЛО»

سَبِّحِ ٱسۡمَ رَبِّكَ ٱلۡأَعۡلَى ﴿١﴾ ٱلَّذِي خَلَقَ فَسَوَّىٰ ﴿٢﴾ وَٱلَّذِي قَدَّرَ فَهَدَىٰ ﴿٣﴾ وَٱلَّذِي

أَخۡرَجَ ٱلۡمَرۡعَىٰ ﴿٤﴾ فَجَعَلَهُۥ غُثَآءً أَحۡوَىٰ ﴿٥﴾ سَنُقۡرِئُكَ فَلَا تَنسَىٰٓ ﴿٦﴾ إِلَّا مَا شَآءَ
ٱللَّهُۚ إِنَّهُۥ يَعۡلَمُ ٱلۡجَهۡرَ وَمَا يَخۡفَىٰ ﴿٧﴾ وَنُيَسِّرُكَ لِلۡيُسۡرَىٰ ﴿٨﴾ فَذَكِّرۡ إِن نَّفَعَتِ ٱلذِّكۡرَىٰ
﴿٩﴾ سَيَذَّكَّرُ مَن يَخۡشَىٰ ﴿١٠﴾ وَيَتَجَنَّبُهَا ٱلۡأَشۡقَى ﴿١١﴾ ٱلَّذِي يَصۡلَى ٱلنَّارَ ٱلۡكُبۡرَىٰ ﴿١٢﴾ ثُمَّ
لَا يَمُوتُ فِيهَا وَلَا يَحۡيَىٰ ﴿١٣﴾ قَدۡ أَفۡلَحَ مَن تَزَكَّىٰ ﴿١٤﴾ وَذَكَرَ ٱسۡمَ رَبِّهِۦ فَصَلَّىٰ ﴿١٥﴾

1 Номи Парвардигори бузурги хешро ба покӣ ёд кун,
2 Ҳамон Худованде, ки офарид ва дурустандом кард.
3 Ва ҳамон, ки андозагирӣ кард ва ҳидоят намуд.
4 Ва он кас, ки чарогоҳро ба вуҷуд овард.
5 Сипас онро хушку сиёҳ гардонид.
6 Мо ба зудӣ (Қуръонро) бар ту мехонем ва ҳаргиз фаромӯш нахоҳӣ кард.
7 Магар он чиро Худо бихоҳад, ки Ӯ ошкор ва пинҳонро медонад.
8 Ва мо туро барои ҳар кори хайр омода мекунем.
9 Пас агар панд доданат суд кунад, панд деҳ.
10 Ва ба зудӣ касе, ки аз Худо метарсад (ва эҳсоси масъулият мекунад), панд мепазирад.
11 Аммо бадбахттарин афрод аз он дурӣ мегузинад.
12 Ҳамон кас, ки дар оташи бузург ворид мешавад.
13 Сипас дар он оташ (барои ҳамеша мемонад) на мемирад ва на зинда мешавад.
14 Ба яқин касе, ки покӣ ҷуст (ва худро тазкия кард) растагор шуд.
15 Ва (он ки) номи Парвардигорашро ёд кард, сипас намоз хонд.

بَلۡ تُؤۡثِرُونَ ٱلۡحَيَوٰةَ ٱلدُّنۡيَا ﴿١٦﴾ وَٱلۡأٓخِرَةُ خَيۡرٞ وَأَبۡقَىٰٓ ﴿١٧﴾ إِنَّ هَٰذَا لَفِي ٱلصُّحُفِ
ٱلۡأُولَىٰ ﴿١٨﴾ صُحُفِ إِبۡرَٰهِيمَ وَمُوسَىٰ ﴿١٩﴾

16 Вале шумо зиндагии дунёро муқаддам медоред.
17 Дар ҳоле ки охират беҳтар ва пойдортар аст.
18 Ин дастурҳо, (ки гуфта шуд тааллуқ ба ин китоби осмонӣ нест, балки) дар саҳифаҳои осмонии пешин (низ) омадааст.
19 Дар саҳифаҳои Иброҳим ва Мӯсо.

## 88-СУРАИ «ҒОШИЯ»

هَلۡ أَتَىٰكَ حَدِيثُ ٱلۡغَٰشِيَةِ ﴿١﴾ وُجُوهٞ يَوۡمَئِذٍ خَٰشِعَةٌ ﴿٢﴾ عَامِلَةٞ نَّاصِبَةٞ ﴿٣﴾
تَصۡلَىٰ نَارًا حَامِيَةٗ ﴿٤﴾ تُسۡقَىٰ مِنۡ عَيۡنٍ ءَانِيَةٖ ﴿٥﴾ لَّيۡسَ لَهُمۡ طَعَامٌ إِلَّا مِن ضَرِيعٖ
﴿٦﴾ لَّا يُسۡمِنُ وَلَا يُغۡنِي مِن جُوعٖ ﴿٧﴾

1 Оё достони ғошия (рӯзи қиёмат, ки ҳаводиси ваҳшатнок ҳамаро мепӯшонад) ба ту расидааст?
2 Чеҳраҳое дар он рӯз хошеъу зиллатборанд.

3 Онҳо ки пайваста амал карда ва хаста шудаанд.
4 Ва (саранҷом ин заҳматкашон хаста ва беҳудагар) дар оташи сӯзон ворид мегарданд.
5 Аз чашмаҳои бисёр гарм ба онҳо менӯшонанд.
6 Ғизое ҷуз аз зариъ (хори хушки талх ва бадбӯ) надоранд.
7 Ғизое, ки на онҳоро фарбеҳ мекунад ва на аз гуруснагӣ мераҳонад.

وُجُوهٞ يَوۡمَئِذٖ نَّاعِمَةٞ ٨ لِّسَعۡيِهَا رَاضِيَةٞ ٩ فِي جَنَّةٍ عَالِيَةٖ ١٠ لَّا تَسۡمَعُ فِيهَا
لَٰغِيَةٗ ١١ فِيهَا عَيۡنٞ جَارِيَةٞ ١٢ فِيهَا سُرُرٞ مَّرۡفُوعَةٞ ١٣ وَأَكۡوَابٞ مَّوۡضُوعَةٞ ١٤
وَنَمَارِقُ مَصۡفُوفَةٞ ١٥ وَزَرَابِيُّ مَبۡثُوثَةٌ ١٦

8 Чеҳраҳое дар он рӯз шодоб ва ботароватанд.
9 Аз саъю талоши худ хушнуданд.
10 Дар биҳишти олӣ ҷой доранд.
11 Дар он ҷо ҳеҷ сухани лағву беҳудае намешунаванд.
12 Дар он чашмаҳои ҷорӣ аст.
13 Дар он (боғҳои биҳиштӣ) тахтҳои зебои баланд аст.
14 Ва қадаҳҳое (ки дар канори ин чашма) ниҳода.
15 Ва болишҳое дар канори ҳам чида
16 Ва (дар онҷо) фаршҳои фохир густурда шуда.

أَفَلَا يَنظُرُونَ إِلَى ٱلۡإِبِلِ كَيۡفَ خُلِقَتۡ ١٧ وَإِلَى ٱلسَّمَآءِ كَيۡفَ رُفِعَتۡ ١٨ وَإِلَى
ٱلۡجِبَالِ كَيۡفَ نُصِبَتۡ ١٩ وَإِلَى ٱلۡأَرۡضِ كَيۡفَ سُطِحَتۡ ٢٠

17 Оё онон ба шутур наменигаранд, ки чӣ гуна офарида шудааст?
18 Ва ба Осмон нигоҳ намекунанд, ки чӣ гуна барафрошта шуда?
19 Ва (оё) ба кӯҳҳо нигоҳ намекунанд, ки чӣ гуна дар ҷойи худ насб гардида?
20 Ва (оё) ба Замин (нигоҳ намекунанд), ки чӣ гуна густурда ва ҳамвор гаштааст?

فَذَكِّرۡ إِنَّمَآ أَنتَ مُذَكِّرٞ ٢١ لَّسۡتَ عَلَيۡهِم بِمُصَيۡطِرٍ ٢٢ إِلَّا مَن تَوَلَّىٰ وَكَفَرَ ٢٣
فَيُعَذِّبُهُ ٱللَّهُ ٱلۡعَذَابَ ٱلۡأَكۡبَرَ ٢٤ إِنَّ إِلَيۡنَآ إِيَابَهُمۡ ٢٥ ثُمَّ إِنَّ عَلَيۡنَا حِسَابَهُم ٢٦

21 Пас акнун, ки чунин аст, онҳоро панд деҳ, ки ту фақат панддиҳандаӣ.
22 Ту ҳукмрон бар онон нестӣ, ки (бар имон) маҷбурашон кунӣ.
23 Магар касе, ки пушт кунад ва кофир шавад.
24 Ки Худованд ӯро ба азоби бузург азобаш мекунад.
25 Ба яқин, бозгашти (ҳамаи) онҳо ба сӯйи Мо аст.
26 Ва мусалламан ҳисобашон (низ) бо Мост.

## 89-СУРАИ «ФАҶР»

وَٱلۡفَجۡرِ ١ وَلَيَالٍ عَشۡرٖ ٢ وَٱلشَّفۡعِ وَٱلۡوَتۡرِ ٣ وَٱلَّيۡلِ إِذَا يَسۡرِ ٤ هَلۡ فِي ذَٰلِكَ

قَسَمٌ لِّذِى حِجْرٍ ﴿٥﴾ أَلَمْ تَرَ كَيْفَ فَعَلَ رَبُّكَ بِعَادٍ ﴿٦﴾ إِرَمَ ذَاتِ ٱلْعِمَادِ ﴿٧﴾
ٱلَّتِى لَمْ يُخْلَقْ مِثْلُهَا فِى ٱلْبِلَٰدِ ﴿٨﴾ وَثَمُودَ ٱلَّذِينَ جَابُوا۟ ٱلصَّخْرَ بِٱلْوَادِ ﴿٩﴾
وَفِرْعَوْنَ ذِى ٱلْأَوْتَادِ ﴿١٠﴾ ٱلَّذِينَ طَغَوْا۟ فِى ٱلْبِلَٰدِ ﴿١١﴾ فَأَكْثَرُوا۟ فِيهَا ٱلْفَسَادَ ﴿١٢﴾
فَصَبَّ عَلَيْهِمْ رَبُّكَ سَوْطَ عَذَابٍ ﴿١٣﴾ إِنَّ رَبَّكَ لَبِٱلْمِرْصَادِ ﴿١٤﴾

1 Савганд ба сапедаи субҳ

2 Ва ба шабҳои даҳгона (оғози зилҳиҷҷа).

3 Ва ба завҷу фард аз ҳамаи ашё (ба қавле мурод аз завҷ, рӯзи аввал ва дуввуми ташриқ аст, ки хуруҷ аз Мино дар онҳо барои ҳоҷие, ки шитоб дорад равост. Ва мурод аз витр рӯзи савуми ташриқ аст. Дар тафсири он ақволи зиёде нақл шудааст).

4 Ва савганд ба шаб (ҳангоме, ки ба сӯйи рушноии рӯз) ҳаракат мекунад.

5 Оё дар он чи гуфта шуд, савганди муҳиме барои соҳибони хирад нест?

6 Оё надидӣ Парвардигорат бо қавми Од чӣ кард?

7 Ва бо он қабилаи Ирами боқувват ва боҷисмҳои боазамат. (Ирам номи дигари Оди аввал аст. Ба қавле, Ирам номи ҷадди қавми Оди аввал аст. Ба қавли дигар, Ирам исми ҷойи онҳост, ки иборат аз шаҳри Димишқ ё шаҳри дигаре дар аҳқофи миёни Уммон ва Ҳазрамавт (Яман) аст, ки дар ҷануби Ҷазираи Араб воқеъ шудааст).

8 Ҳамон онҳое, ки дар бузургии ҷисм ва нерӯи баданӣ монандаш офарида нашуда буд.

9 Ва қавми Самуд, ки сахраҳои азимро аз (канори) дарра мебуриданд (ва аз он хона ва кох месохтанд).

10 Ва Фиръавне, ки дорои лашкари фаровон ва қудратманд ва шиканҷагар буд.

11 Ҳамон ақвоме, ки дар шаҳрҳо аз ҳад таҷовуз карданд

12 Ва фасоди фаровон дар онҳо ба бор оварданд.

13 Ба ҳамин сабаб, Худованд тозиёнаи азобро бар онҳо фурӯ рехт.

14 Ба яқин, Парвардигори ту дар камингоҳ аст.

فَأَمَّا ٱلْإِنسَٰنُ إِذَا مَا ٱبْتَلَىٰهُ رَبُّهُۥ فَأَكْرَمَهُۥ وَنَعَّمَهُۥ فَيَقُولُ رَبِّىٓ أَكْرَمَنِ ﴿١٥﴾ وَأَمَّآ
إِذَا مَا ٱبْتَلَىٰهُ فَقَدَرَ عَلَيْهِ رِزْقَهُۥ فَيَقُولُ رَبِّىٓ أَهَٰنَنِ ﴿١٦﴾ كَلَّا ۖ بَل لَّا تُكْرِمُونَ ٱلْيَتِيمَ
﴿١٧﴾ وَلَا تَحَٰٓضُّونَ عَلَىٰ طَعَامِ ٱلْمِسْكِينِ ﴿١٨﴾ وَتَأْكُلُونَ ٱلتُّرَاثَ أَكْلًا لَّمًّا ﴿١٩﴾
وَتُحِبُّونَ ٱلْمَالَ حُبًّا جَمًّا ﴿٢٠﴾

15 Аммо инсон, ҳангоме ки Парвардигораш ӯро барои озмоиш икром мекунад ва неъмат мебахшад, (мағрур мешавад ва) мегӯяд: Парвардигорам маро гиромӣ доштааст.

16 Ва аммо, ҳангоме ки барои имтиҳон рӯзияшро бар ӯ танг

мегирад, (маъюс мешавад ва) мегӯяд: Парвардигорам маро хор кардааст.
17 Чунон нест, ки шумо мепиндоред. Шумо ятимонро гиромӣ намедоред.
18 Ва якдигарро ба таъом додани мискин тарғиб намекунед.
19 Ва меросро (аз тариқи машруъ ва номашруъ) ҷамъ карда ва ҳақи дигаронро мехӯред.
20 Ва молу сарватро бисёр дӯст медоред.

كَلَّآ إِذَا دُكَّتِ ٱلۡأَرۡضُ دَكّٗا دَكّٗا ٢١ وَجَآءَ رَبُّكَ وَٱلۡمَلَكُ صَفّٗا صَفّٗا ٢٢ وَجِاْيٓءَ
يَوۡمَئِذِۭ بِجَهَنَّمَۚ يَوۡمَئِذٖ يَتَذَكَّرُ ٱلۡإِنسَٰنُ وَأَنَّىٰ لَهُ ٱلذِّكۡرَىٰ ٢٣ يَقُولُ يَٰلَيۡتَنِي قَدَّمۡتُ لِحَيَاتِي
٢٤ فَيَوۡمَئِذٖ لَّا يُعَذِّبُ عَذَابَهُۥٓ أَحَدٞ ٢٥ وَلَا يُوثِقُ وَثَاقَهُۥٓ أَحَدٞ ٢٦ يَٰٓأَيَّتُهَا ٱلنَّفۡسُ
ٱلۡمُطۡمَئِنَّةُ ٢٧ ٱرۡجِعِيٓ إِلَىٰ رَبِّكِ رَاضِيَةٗ مَّرۡضِيَّةٗ ٢٨ فَٱدۡخُلِي فِي عِبَٰدِي ٢٩ وَٱدۡخُلِي
جَنَّتِي ٣٠

21 Ва чунон нест, ки онҳо мепиндоранд, дар он ҳангом ки замин сахт дар ҳам кубида шавад.
22 Ва Худованд барои фасли қазоват байни халоиқ биёяд ва фариштагон саф дар саф ҳозир шаванд.
23 Ва дар он рӯз ҷаҳаннамро ҳозир мекунанд (оре) дар он рӯз одамӣ панд гирад, аммо ин пандгирӣ чӣ суде барои ӯ дорад?
24 (Инсон) мегӯяд: Эй кош, барои (ин) зиндагиям чизе аз пеш фиристода будам.
25 Дар он рӯз ҳеч кас ҳаммонанди Ӯ азоб намекунад.
26 Ва ҳеч кас ҳамчун Ӯ касеро ба банд намекашад.
27 Ту эй рухи оромёфта!
28 Ба сӯйи Парвардигорат боз гард, дар ҳоле ки ҳам ту аз Ӯ хушнудӣ ва
ҳам Ӯ аз ту хушнуд аст.
29 Ва дар зумраи бандагони (солеҳи) Ман дохил шав
30 Ва ба биҳишти Ман (яъне, қароргоҳи родмардони солеҳ) дарой.

## 90-СУРАИ «БАЛАД»

لَآ أُقۡسِمُ بِهَٰذَا ٱلۡبَلَدِ ١ وَأَنتَ حِلُّۢ بِهَٰذَا ٱلۡبَلَدِ ٢ وَوَالِدٖ وَمَا وَلَدَ ٣ لَقَدۡ خَلَقۡنَا
ٱلۡإِنسَٰنَ فِي كَبَدٍ ٤ أَيَحۡسَبُ أَن لَّن يَقۡدِرَ عَلَيۡهِ أَحَدٞ ٥ يَقُولُ أَهۡلَكۡتُ مَالٗا
لُّبَدًا ٦ أَيَحۡسَبُ أَن لَّمۡ يَرَهُۥٓ أَحَدٌ ٧ أَلَمۡ نَجۡعَل لَّهُۥ عَيۡنَيۡنِ ٨ وَلِسَانٗا وَشَفَتَيۡنِ ٩
وَهَدَيۡنَٰهُ ٱلنَّجۡدَيۡنِ ١٠

1 Қасам ба ин шаҳри муқаддас (Макка).
2 Шаҳре, ки ту дар он сокин ҳастӣ.
3 Ва қасам ба падари башарият (Одам) ва фарзандонаш.

4 Мо инсонро дар ранҷ офаридем.
5 Оё ӯ гумон мекунад, ки ҳеҷ кас наметавонад бар ӯ даст ёбад?
6 Мегӯяд: Ман моли зиёдеро (дар корҳои хайр) нобуд кардаам.
7 Оё гумон мекунад ҳеҷ кас ӯро надида (ки амали хайре анҷом дода) аст?
8 Оё барои ӯ ду чашм қарор надодем?
9 Ва як забону ду лаб.
10 Ва ӯро ба роҳи хайр ҳидоят кардем.

فَلَا ٱقْتَحَمَ ٱلْعَقَبَةَ ﴿١١﴾ وَمَآ أَدْرَىٰكَ مَا ٱلْعَقَبَةُ ﴿١٢﴾ فَكُّ رَقَبَةٍ ﴿١٣﴾ أَوْ إِطْعَٰمٌ فِى يَوْمٍ
ذِى مَسْغَبَةٍ ﴿١٤﴾ يَتِيمًا ذَا مَقْرَبَةٍ ﴿١٥﴾ أَوْ مِسْكِينًا ذَا مَتْرَبَةٍ ﴿١٦﴾ ثُمَّ كَانَ مِنَ ٱلَّذِينَ
ءَامَنُوا۟ وَتَوَاصَوْا۟ بِٱلصَّبْرِ وَتَوَاصَوْا۟ بِٱلْمَرْحَمَةِ ﴿١٧﴾ أُو۟لَٰٓئِكَ أَصْحَٰبُ ٱلْمَيْمَنَةِ ﴿١٨﴾

11 Вале ӯ (инсони носипос) аз он гарданаи муҳим нагузашт.
12 Ту намедонӣ он гардана чист?
13 Озод кардани ғуломе.
14 Ё ғизо додан дар рӯзи гуруснагӣ.
15 Ятиме аз хешовандон.
16 Ё мискине хокнишинро.
17 Сипас аз касоне бошад, ки имон овардаанд ва якдигарро ба сабру раҳмат тавсия мекунанд.
18 Онҳо асҳоби яминанд (ки номаи аъмолашонро ба дасти росташон медиҳанд).

وَٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ بِـَٔايَٰتِنَا هُمْ أَصْحَٰبُ ٱلْمَشْـَٔمَةِ ﴿١٩﴾ عَلَيْهِمْ نَارٌ مُّؤْصَدَةٌۢ ﴿٢٠﴾

19 Ва касоне, ки оёти моро инкор кардаанд, афроди шуманд (ки номаи аъмолашон ба дасти чапашон дода мешавад).
20 Бар онҳо оташе аст фурӯбаста, ки роҳи фироре аз он нест.

## 91-СУРАИ «ШАМС»

وَٱلشَّمْسِ وَضُحَىٰهَا ﴿١﴾ وَٱلْقَمَرِ إِذَا تَلَىٰهَا ﴿٢﴾ وَٱلنَّهَارِ إِذَا جَلَّىٰهَا ﴿٣﴾ وَٱلَّيْلِ إِذَا
يَغْشَىٰهَا ﴿٤﴾ وَٱلسَّمَآءِ وَمَا بَنَىٰهَا ﴿٥﴾ وَٱلْأَرْضِ وَمَا طَحَىٰهَا ﴿٦﴾ وَنَفْسٍ وَمَا سَوَّىٰهَا
﴿٧﴾ فَأَلْهَمَهَا فُجُورَهَا وَتَقْوَىٰهَا ﴿٨﴾ قَدْ أَفْلَحَ مَن زَكَّىٰهَا ﴿٩﴾ وَقَدْ خَابَ مَن دَسَّىٰهَا ﴿١٠﴾

1 Ба Хуршед ва густариши нури он савганд.
2 Ва қасам ба Моҳ, ҳангоме ки баъд аз он (Хуршед) дарояд.
3 Ва ба рӯз, ҳангоме ки сафҳаи заминро равшан созад.
4 Ва ба шаб, он ҳангом ки заминро бипӯшонад.
5 Ва қасам ба осмон ва зоте, ки осмонро бино кард.
6 Ва ба замин ва зоте, ки онро густаронида.
7 Ва қасам ба ҷони одамӣ ва он кас, ки онро (офарида ва) муназзам сохта.
8 Сипас роҳи фуҷур ва тақво (хайру шар)-ро ба ӯ нишон додааст.
9 Ки ҳар кас нафси худро пок ва тазкия карда, растагор

шудааст.
10 Ва он кас, ки нафси хешро бо маъсият ва гуноҳ олуда сохта, навмеду маҳрум гаштааст.

كَذَّبَتْ ثَمُودُ بِطَغْوَىٰهَآ ﴿١١﴾ إِذِ ٱنۢبَعَثَ أَشْقَىٰهَا ﴿١٢﴾ فَقَالَ لَهُمْ رَسُولُ ٱللَّهِ نَاقَةَ
ٱللَّهِ وَسُقْيَٰهَا ﴿١٣﴾ فَكَذَّبُوهُ فَعَقَرُوهَا فَدَمْدَمَ عَلَيْهِمْ رَبُّهُم بِذَنۢبِهِمْ فَسَوَّىٰهَا ﴿١٤﴾
وَلَا يَخَافُ عُقْبَٰهَا ﴿١٥﴾

11 Ва қавми Самуд бар асари туғён (паёмбарашонро) таксиб карданд.
12 Он гоҳ, ки бадбахттаринашон ба по хост.
13 Ва фиристодаи илоҳӣ (паёмбар Солеҳ) ба онон гуфт: Ноқаи Худо (ҳамон шутуре, ки муъҷизаи илоҳӣ буд)-ро фурӯ гузоред ва баҳраи обишхӯрашро дар рӯзи навбаташ низ нашӯед.
14 Пас ӯро дурӯғ шумориданд ва шутурро қатл карданд. Аз ин рӯ Парвардгорашон онҳо (ва сарзаминашон)ро ба хотири гуноҳашон дар ҳам кубид ва бо хок яксону соф кард.
15 Ва (Худованд) ҳаргиз аз фарҷоми ин кор (муҷозоти ситамгорон) бим надорад.

## 92-СУРАИ «ЛАЙЛ»

وَٱلَّيْلِ إِذَا يَغْشَىٰ ﴿١﴾ وَٱلنَّهَارِ إِذَا تَجَلَّىٰ ﴿٢﴾ وَمَا خَلَقَ ٱلذَّكَرَ وَٱلْأُنثَىٰٓ ﴿٣﴾ إِنَّ سَعْيَكُمْ
لَشَتَّىٰ ﴿٤﴾ فَأَمَّا مَنْ أَعْطَىٰ وَٱتَّقَىٰ ﴿٥﴾ وَصَدَّقَ بِٱلْحُسْنَىٰ ﴿٦﴾ فَسَنُيَسِّرُهُۥ لِلْيُسْرَىٰ ﴿٧﴾
وَأَمَّا مَنۢ بَخِلَ وَٱسْتَغْنَىٰ ﴿٨﴾ وَكَذَّبَ بِٱلْحُسْنَىٰ ﴿٩﴾ فَسَنُيَسِّرُهُۥ لِلْعُسْرَىٰ ﴿١٠﴾ وَمَا يُغْنِى
عَنْهُ مَالُهُۥٓ إِذَا تَرَدَّىٰٓ ﴿١١﴾

1 Қасам ба шаб дар он ҳангом, ки (ҷаҳонро) пӯшонад.
2 Ва қасам ба рӯз, ҳангоме ки таҷаллӣ кунад.
3 Ва қасам ба он кас, ки ҷинси музаккару муаннасро офарид.
4 Ки саъю талоши шумо (дар зиндагӣ) мухталиф аст.
5 Аммо он кас, ки (дар роҳи Худо) инфоқ кунад ва парҳезкорӣ пеша гирад.
6 Ва ҷазои неки (илоҳӣ)-ро тасдиқ кунад.
7 Мо ӯро дар масири осонӣ қарор медиҳем.
8 Аммо касе, ки бухл варзад ва (аз ин роҳ) бениёзӣ талабад.
9 Ва подоши нек (илоҳӣ)-ро таксиб кунад.
10 Ба зудӯ ӯро дар масири душворӣ қарор медиҳем.
11 Ва дар он ҳангом ки (дар ҷаҳаннам) меафтад, амволаш ба ҳоли ӯ суде нахоҳад дошт.

إِنَّ عَلَيْنَا لَلْهُدَىٰ ﴿١٢﴾ وَإِنَّ لَنَا لَلْءَاخِرَةَ وَٱلْأُولَىٰ ﴿١٣﴾ فَأَنذَرْتُكُمْ نَارًا تَلَظَّىٰ ﴿١٤﴾
لَا يَصْلَىٰهَآ إِلَّا ٱلْأَشْقَى ﴿١٥﴾ ٱلَّذِى كَذَّبَ وَتَوَلَّىٰ ﴿١٦﴾ وَسَيُجَنَّبُهَا ٱلْأَتْقَى ﴿١٧﴾ ٱلَّذِى
يُؤْتِى مَالَهُۥ يَتَزَكَّىٰ ﴿١٨﴾ وَمَا لِأَحَدٍ عِندَهُۥ مِن نِّعْمَةٍ تُجْزَىٰٓ ﴿١٩﴾ إِلَّا ٱبْتِغَآءَ وَجْهِ

رَبِّهِ ٱلۡأَعۡلَىٰ ٢٠ وَلَسَوۡفَ يَرۡضَىٰ ٢١

12 Ба яқин, ҳидоят кардан бар Мо аст.
13 Ва охирату дунё аз они Мо аст.
14 Ман шуморо аз оташе, ки забона мекашад, бим медиҳам.
15 Касе ҷуз бадбахттарин мардум вориди он намешавад.
16 Ҳамон касе, ки (оёти Худоро) дурӯғ баровард ва ба он пушт намуд.
17 Ба зудӣ ботақвотарин мардум аз он (оташи сӯзон) дур дошта мешавад.
18 Ҳамон касе, ки моли худро (дар роҳи Худо) мебахшад, то пок шавад.
19 Ва ҳеч касро назди ӯ ҳақи неъмате нест, то бихоҳад (ба ин васила) ӯро ҷазо диҳад.
20 Балки танҳо ҳадафаш ҷалби ризои Парвардигори бузурги ӯст.
21 Ва ба зудӣ розӣ ва хушнуд мешавад.

## 93-СУРАИ «ЗУҲО»

وَٱلضُّحَىٰ ١ وَٱلَّيۡلِ إِذَا سَجَىٰ ٢ مَا وَدَّعَكَ رَبُّكَ وَمَا قَلَىٰ ٣ وَلَلۡأٓخِرَةُ خَيۡرٞ
لَّكَ مِنَ ٱلۡأُولَىٰ ٤ وَلَسَوۡفَ يُعۡطِيكَ رَبُّكَ فَتَرۡضَىٰٓ ٥ أَلَمۡ يَجِدۡكَ يَتِيمٗا فَـَٔاوَىٰ
٦ وَوَجَدَكَ ضَآلّٗا فَهَدَىٰ ٧ وَوَجَدَكَ عَآئِلٗا فَأَغۡنَىٰ ٨ فَأَمَّا ٱلۡيَتِيمَ فَلَا تَقۡهَرۡ
٩ وَأَمَّا ٱلسَّآئِلَ فَلَا تَنۡهَرۡ ١٠ وَأَمَّا بِنِعۡمَةِ رَبِّكَ فَحَدِّثۡ ١١

1 Қасам ба рӯзе, дар он ҳангом ки офтоб барояд.
2 Ва савганд ба шаб, дар он ҳангом ки ором гирад.
3 Худованд ҳаргиз туро во нагузошта ва мавриди хашм қарор надодааст.
4 Ва мусалламан, охират барои ту аз дунё беҳтар аст.
5 Ва ба зудӣ Парвардигорат он қадар ба ту ато хоҳад кард, ки хушнуд шавӣ.
6 Оё Ӯ (Худованд) туро ятим наёфт ва паноҳ дод.
7 Ва туро гумшуда ёфт ва ҳидоят кард.
8 Ва туро фақир ёфт ва бениёз кард.
9 Ҳоло ки чунин аст ятимро таҳқир макун.
10 Ва суолкунандаро аз худ марон.
11 Ва неъматҳои Парвардигоратро бозгӯ кун.

## 94-СУРАИ «ШАРҲ»

أَلَمۡ نَشۡرَحۡ لَكَ صَدۡرَكَ ١ وَوَضَعۡنَا عَنكَ وِزۡرَكَ ٢ ٱلَّذِيٓ أَنقَضَ ظَهۡرَكَ ٣
وَرَفَعۡنَا لَكَ ذِكۡرَكَ ٤ فَإِنَّ مَعَ ٱلۡعُسۡرِ يُسۡرًا ٥ إِنَّ مَعَ ٱلۡعُسۡرِ يُسۡرٗا ٦ فَإِذَا
فَرَغۡتَ فَٱنصَبۡ ٧ وَإِلَىٰ رَبِّكَ فَٱرۡغَب ٨

1 Оё мо синаи туро гушода насохтем?

2 Ва (оё) бори сангинро аз ту барнадоштем?
3 Ҳамон боре, ки сахт бар пушти ту сангинӣ мекард.
4 Ва овозаи туро баланд сохтем.
5 Ба яқин, бо (ҳар) сахтӣ осонӣ аст.
6 Мусалламан, бо ҳар сахтӣ осонӣ аст.
7 Пас, ҳангоме ки аз кори муҳиме фориғ мешавӣ, ба муҳими дигар пардоз.
8 Ва ба сӯйи Парвардигорат таваҷҷӯҳ кун.

## 95-СУРАИ «ТИН»

وَٱلتِّينِ وَٱلزَّيْتُونِ ١ وَطُورِ سِينِينَ ٢ وَهَٰذَا ٱلْبَلَدِ ٱلْأَمِينِ ٣ لَقَدْ خَلَقْنَا ٱلْإِنسَٰنَ
فِىٓ أَحْسَنِ تَقْوِيمٍ ٤ ثُمَّ رَدَدْنَٰهُ أَسْفَلَ سَٰفِلِينَ ٥ إِلَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟
ٱلصَّٰلِحَٰتِ فَلَهُمْ أَجْرٌ غَيْرُ مَمْنُونٍ ٦ فَمَا يُكَذِّبُكَ بَعْدُ بِٱلدِّينِ ٧ أَلَيْسَ ٱللَّهُ
بِأَحْكَمِ ٱلْحَٰكِمِينَ ٨

1 Қасам ба анҷиру зайтун.
2 Ва савганд ба Тури синин.
3 Ва қасам ба ин шаҳри амн (шаҳри Макка).
5 Мусалламан, мо инсонро дар беҳтарин сурат ва низом офаридем.
4 Сипас ӯро ба пойинтарин марҳила (марҳилаи заъфу пирӣ ва хирфату нотавонӣ) бозгардонидем.
6 Магар касоне, ки имон оварданд ва аъмоли солеҳ анҷом додаанд, ки барои онҳо подоше тамом нашуданӣ аст.
7 Пас чӣ чиз сабаб мешавад, ки баъд аз ин ҳама (далоили равшан) рӯзи ҷазоро инкор мекунӣ?
8 Оё Худованд беҳтарин ҳукмкунандагон ва доварон нест?!

## 96-СУРАИ «АЛАҚ»

ٱقْرَأْ بِٱسْمِ رَبِّكَ ٱلَّذِى خَلَقَ ١ خَلَقَ ٱلْإِنسَٰنَ مِنْ عَلَقٍ ٢ ٱقْرَأْ وَرَبُّكَ ٱلْأَكْرَمُ ٣
ٱلَّذِى عَلَّمَ بِٱلْقَلَمِ ٤ عَلَّمَ ٱلْإِنسَٰنَ مَا لَمْ يَعْلَمْ ٥

1 Бихон ба номи Парвардигорат, ки офарид.
2 Ҳамон кас, ки инсонро аз хуни бастае халқ кард.
3 Бихон, ки Парвардигорат (аз ҳама) бузургвортар аст.
4 Ҳамон касе, ки ба василаи қалам таълим намуд.
5 Ва ба инсон он чиро намедонист, ёд дод.

كَلَّآ إِنَّ ٱلْإِنسَٰنَ لَيَطْغَىٰٓ ٦ أَن رَّءَاهُ ٱسْتَغْنَىٰٓ ٧ إِنَّ إِلَىٰ رَبِّكَ ٱلرُّجْعَىٰٓ ٨ أَرَءَيْتَ
ٱلَّذِى يَنْهَىٰ ٩ عَبْدًا إِذَا صَلَّىٰٓ ١٠ أَرَءَيْتَ إِن كَانَ عَلَى ٱلْهُدَىٰٓ ١١ أَوْ أَمَرَ
بِٱلتَّقْوَىٰٓ ١٢ أَرَءَيْتَ إِن كَذَّبَ وَتَوَلَّىٰٓ ١٣ أَلَمْ يَعْلَم بِأَنَّ ٱللَّهَ يَرَىٰ ١٤ كَلَّا لَئِن
لَّمْ يَنتَهِ لَنَسْفَعًۢا بِٱلنَّاصِيَةِ ١٥ نَاصِيَةٍ كَٰذِبَةٍ خَاطِئَةٍ ١٦ فَلْيَدْعُ نَادِيَهُۥ ١٧

سَنَدۡعُ ٱلزَّبَانِيَةَ ١٨ كَلَّا لَا تُطِعۡهُ وَٱسۡجُدۡ وَٱقۡتَرِب ۩ ١٩

6 Чунин нест, ба яқин, инсон туғён мекунад.
7 Ва ба хотири ин ки худро бениёз бубинад.
8 Ва ба яқин, бозгашт (ҳама) ба сӯйи Парвардигори ту аст.
9 Ба ман хабар деҳ, оё касе, ки наҳй мекунад.
10 Бандаеро, ба ҳангоме ки намоз мехонад.
11 Ба ман хабар деҳ, агар ин банда (намозгузор) ба роҳи ҳидоят бошад.
12 Ё мардумро ба тақво фармон диҳад.
13 Ба ман хабар деҳ, агар ҳақро инкор кунад ва ба он пушт намояд.
14 Оё ӯ надонист, ки Худованд мебинад (ва ҳамаро барои ҳисоб ва ҷазо сабту забт мекунад)?
15 Чунон нест, агар даст (аз ин ҷаҳлу ғурури худ) бар надорад, носияаш (аз мӯйи пеши сараш)-ро гирифта ва бо зиллату хорӣ ба сӯйи азоб мекашонем.
16 Ҳамон носияи дурӯғгӯи хатокорро.
17 Сипас ҳар киро мехоҳад, садо бизанад, то ёрияш кунад.
18 Мо ҳам ба зудӣ маъмурони дӯзахро садо мезанем, то ӯро ба дӯзах афкананд.
19 Чунин нест, ки он туғёнгар мепиндорад ва исрор бар тарки саҷдаи ту дорад, ҳаргиз ӯро итоъат макун ва саҷда нанамо ва (ба Худо) тақарруб ҷӯй.

## 97-СУРАИ «ҚАДР»

إِنَّآ أَنزَلۡنَٰهُ فِي لَيۡلَةِ ٱلۡقَدۡرِ ١ وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا لَيۡلَةُ ٱلۡقَدۡرِ ٢ لَيۡلَةُ ٱلۡقَدۡرِ خَيۡرٞ
مِّنۡ أَلۡفِ شَهۡرٖ ٣ تَنَزَّلُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ وَٱلرُّوحُ فِيهَا بِإِذۡنِ رَبِّهِم مِّن كُلِّ أَمۡرٖ ٤
سَلَٰمٌ هِيَ حَتَّىٰ مَطۡلَعِ ٱلۡفَجۡرِ ٥

1 Мо он (Қуръон)-ро дар шаби Қадр нозил кардем.
2 Ва ту чӣ медонӣ шаби Қадр чист?
3 Шаби Қадр беҳтар аз ҳазор моҳ аст.
4 Фариштагон ва рӯҳ (Ҷибриил (алайҳиссалом) дар он шаб ба изни Парвардигорашон барои (тақдири) ҳар коре дар он сол нозил мешаванд.
5 Шабе аст саршор аз саломат (ва баракату раҳмат) бидуни ҳеҷ шарр то тулӯъи бомдод.

## 98-СУРАИ «БАЙИНАҲ»

لَمۡ يَكُنِ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِنۡ أَهۡلِ ٱلۡكِتَٰبِ وَٱلۡمُشۡرِكِينَ مُنفَكِّينَ حَتَّىٰ تَأۡتِيَهُمُ
ٱلۡبَيِّنَةُ ١ رَسُولٞ مِّنَ ٱللَّهِ يَتۡلُواْ صُحُفٗا مُّطَهَّرَةٗ ٢ فِيهَا كُتُبٞ قَيِّمَةٞ ٣ وَمَا تَفَرَّقَ
ٱلَّذِينَ أُوتُواْ ٱلۡكِتَٰبَ إِلَّا مِنۢ بَعۡدِ مَا جَآءَتۡهُمُ ٱلۡبَيِّنَةُ ٤ وَمَآ أُمِرُوٓاْ إِلَّا لِيَعۡبُدُواْ ٱللَّهَ

مُخۡلِصِينَ لَهُ ٱلدِّينَ حُنَفَآءَ وَيُقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَيُؤۡتُواْ ٱلزَّكَوٰةَۚ وَذَٰلِكَ دِينُ ٱلۡقَيِّمَةِ ٥

1 Кофирон аз аҳли китоб ва мушрикон (мегуфтанд) даст аз ойини худ бар намедоранд, то далили равшане барои онҳо биёяд.

2 Паёмбаре аз сӯйи Худо (биёяд), ки саҳифаҳои покеро (бар онҳо) бихонад.

3 Дар он навиштаҳои саҳеҳ ва пурарзише аз адлу ростӣ бошад.

4 Ва аҳли китоб ихтилоф накарданд, магар баъд аз он ки далели равшан (ва Паёмбари ростин ва ошкор) барои онҳо омад.

5 Ва дастуре ба онҳо дода нашуда буд, ҷуз ин ки Худоро бипарастанд, дар ҳоле ки дини худро барои ӯ холис кунанд ва аз ширк ба тавҳид бозгарданд. Намозро барпо доранд ва закотро бипардозанд ва ин аст ойин ва дини мустақиму пойдор.

إِنَّ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ مِنۡ أَهۡلِ ٱلۡكِتَٰبِ وَٱلۡمُشۡرِكِينَ فِي نَارِ جَهَنَّمَ خَٰلِدِينَ فِيهَآۚ
أُوْلَٰٓئِكَ هُمۡ شَرُّ ٱلۡبَرِيَّةِ ٦ إِنَّ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ أُوْلَٰٓئِكَ هُمۡ
خَيۡرُ ٱلۡبَرِيَّةِ ٧ جَزَآؤُهُمۡ عِندَ رَبِّهِمۡ جَنَّٰتُ عَدۡنٖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ
خَٰلِدِينَ فِيهَآ أَبَدٗاۖ رَّضِيَ ٱللَّهُ عَنۡهُمۡ وَرَضُواْ عَنۡهُۚ ذَٰلِكَ لِمَنۡ خَشِيَ رَبَّهُۥ ٨

6 Кофирон аз аҳли китоб ва мушрикон (ба ин ойини ҷадид) дар оташи дӯзаханд, ҷовидона дар он мемонанд ва онҳо бадтарин махлуқотанд.

7 Касоне ки имон оварданд ва аъмоли солеҳ анҷом доданд, беҳтарин махлуқоти Худо ҳастанд.

8 Подоши онҳо назди Парвардигорашон боғҳои биҳишти ҷовидон аст, ки наҳрҳо аз зери дарахтонаш ҷорӣ аст, (дар ҳоле ки) ҳамеша дар он мемонанд. Ҳам Худо аз онҳо хушнуд аст ва (ҳам) онҳо аз Худо хушнуданд.

Ва ин (мақоми воло ва подошҳои муҳим ва беназир) барои касе аст, ки аз Парвардигораш битарсад.

## 99-СУРАИ «ЗАЛЗАЛА»

إِذَا زُلۡزِلَتِ ٱلۡأَرۡضُ زِلۡزَالَهَا ١ وَأَخۡرَجَتِ ٱلۡأَرۡضُ أَثۡقَالَهَا ٢ وَقَالَ ٱلۡإِنسَٰنُ مَا لَهَا ٣
يَوۡمَئِذٖ تُحَدِّثُ أَخۡبَارَهَا ٤ بِأَنَّ رَبَّكَ أَوۡحَىٰ لَهَا ٥ يَوۡمَئِذٖ يَصۡدُرُ ٱلنَّاسُ أَشۡتَاتٗا لِّيُرَوۡاْ
أَعۡمَٰلَهُمۡ ٦ فَمَن يَعۡمَلۡ مِثۡقَالَ ذَرَّةٍ خَيۡرٗا يَرَهُۥ ٧ وَمَن يَعۡمَلۡ مِثۡقَالَ ذَرَّةٖ شَرّٗا يَرَهُۥ ٨

1 Ҳангоме ки замин сахт ба ларза дарояд.

2 Ва Замин (чунон зеру рӯ шавад, ки) борҳои сангинашро хориҷ созад.

3 Инсон (аз ин саҳнаи бесобиқа сахт мутаваҳиш мешавад ва) мегӯяд: Заминро чӣ мешавад (ки ин гуна меларзад)?

4 Дар он рӯз (Замин) тамоми хабарҳояшро бозгӯ мекунад.

5 Ин ба хотири он аст, ки Парвардигорат ба ӯ ваҳй кардааст.

6 Дар он рӯз мардум ба сурати гурӯҳҳое пароканда (аз қабрҳо)

хорич мешаванд, то аъмолашон ба онҳо нишон дода шавад.
7 Пас ҳар кас ҳамвазни заррае кори хайр анҷом диҳад, онро мебинад.
8 Ва ҳар кас ҳамвазни заррае кори бад карда, онро мебинад.

## 100-СУРАИ «ЪОДИЁТ»

وَٱلۡعَٰدِيَٰتِ ضَبۡحٗا ١ فَٱلۡمُورِيَٰتِ قَدۡحٗا ٢ فَٱلۡمُغِيرَٰتِ صُبۡحٗا ٣ فَأَثَرۡنَ بِهِۦ
نَقۡعٗا ٤ فَوَسَطۡنَ بِهِۦ جَمۡعًا ٥ إِنَّ ٱلۡإِنسَٰنَ لِرَبِّهِۦ لَكَنُودٞ ٦ وَإِنَّهُۥ عَلَىٰ ذَٰلِكَ
لَشَهِيدٞ ٧ وَإِنَّهُۥ لِحُبِّ ٱلۡخَيۡرِ لَشَدِيدٌ ٨ أَفَلَا يَعۡلَمُ إِذَا بُعۡثِرَ مَا فِي ٱلۡقُبُورِ ٩
وَحُصِّلَ مَا فِي ٱلصُّدُورِ ١٠ إِنَّ رَبَّهُم بِهِمۡ يَوۡمَئِذٖ لَّخَبِيرُۢ ١١

1 Савганд ба асбони даванда, дар ҳоле ки нафасзанон пеш мерафтанд.
2 Ва савганд ба афрӯзандагони ҷурфаи оташ.
3 Ва савганд ба ҳуҷумоварони сапедадам.
4 Ки гарду ғубор ба ҳар сӯ парокананд.
5 Ва (ногаҳон) дар миёни душман зоҳир шуданд.
6 Мусалламан, инсон дар баробари неъматҳои Парвардигораш бисёр носипос ва бахил аст.
7 Ва ӯ худ (низ) бар ин маънӣ гувоҳ аст.
8 Ва ӯ алоқаи сахт ба мол дорад.
9 Оё (ин инсони носипосу бахилу дунёпараст) намедонад дар он рӯз тамоми касоне, ки дар қабрҳо ҳастанд барангехта мешаванд?
10 Ва он чи дар даруни синаҳо (аз куфру имон, ихлосу риё, кибру тавозӯъ, нияти хайру шар) аст, ошкор мегардад.
11 Дар он рӯз Парвардигорашон аз онҳо комилан бохабар аст.

## 101-СУРАИ «ҚОРИЪАҲ»

ٱلۡقَارِعَةُ ١ مَا ٱلۡقَارِعَةُ ٢ وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا ٱلۡقَارِعَةُ ٣ يَوۡمَ يَكُونُ ٱلنَّاسُ كَٱلۡفَرَاشِ
ٱلۡمَبۡثُوثِ ٤ وَتَكُونُ ٱلۡجِبَالُ كَٱلۡعِهۡنِ ٱلۡمَنفُوشِ ٥ فَأَمَّا مَن ثَقُلَتۡ مَوَٰزِينُهُۥ ٦ فَهُوَ
فِي عِيشَةٖ رَّاضِيَةٖ ٧ وَأَمَّا مَنۡ خَفَّتۡ مَوَٰزِينُهُۥ ٨ فَأُمُّهُۥ هَاوِيَةٞ ٩ وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا هِيَهۡ
١٠ نَارٌ حَامِيَةُۢ ١١

1 Он ҳодисаи кубанда (Ал-қориъа – яке аз номҳои қиёмат аст).
2 Ва чист он ҳодисаи кӯбандае?
3 Ва ту чӣ медонӣ, ки ҳодисаи кӯбанда чист?
4 Рӯзе ки мардум монанди парвонаҳои пароканда хоҳанд буд (ки худро дар оташи ҷаҳаннам меафкананд).
5 Ва кӯҳҳо монанди пашми рангин пошхӯрда мегарданд.
6 Аммо касе, ки (дар он рӯз) тарозуҳои аъмолаш сангин аст.
7 Дар як зиндагии хушнудкунанда хоҳад буд.
8 Ва аммо касе ки тарозуҳояш сабук аст.

9 Панохҳгоҳаш ҳовия (дӯзах) аст.
10 Ва ту чӣ медонӣ ҳовия чист?
11 Оташе аст сӯзон (ва баландтар аз тасаввури ҳамаи инсонҳо).

## 102-СУРАИ “ТАКОСУР”

أَلۡهَىٰكُمُ ٱلتَّكَاثُرُ ١ حَتَّىٰ زُرۡتُمُ ٱلۡمَقَابِرَ ٢ كَلَّا سَوۡفَ تَعۡلَمُونَ ٣ ثُمَّ كَلَّا سَوۡفَ
تَعۡلَمُونَ ٤ كَلَّا لَوۡ تَعۡلَمُونَ عِلۡمَ ٱلۡيَقِينِ ٥ لَتَرَوُنَّ ٱلۡجَحِيمَ ٦ ثُمَّ لَتَرَوُنَّهَا عَيۡنَ
ٱلۡيَقِينِ ٧ ثُمَّ لَتُسۡـَٔلُنَّ يَوۡمَئِذٍ عَنِ ٱلنَّعِيمِ ٨

1 (Афзунталабӣ (ва тафохур) шуморо ба худ машғул дошта (ва аз Худо ғофил намуда) аст.
2 То онҷо ки ба қабрҳо рафтед ва дар он дафн шудед.
3 Чунин нест, ки мепиндоред, ба зудӣ (натиҷаи ин тафохурро) хоҳед донист.
4 Боз чунон нест, ки шумо мепиндоред, ба зудӣ хоҳед донист.
5 Чунон нест, (ки шумо хаёл мекунед) агар шумо илму-л-яқин (ба охират) доштед, (афзунталабӣ шуморо аз Худо ғофил намекард).
6 Қатъан, шумо ҷаҳаннамро хоҳед дид.
7 Сипас, албатта онро ба чашми яқин хоҳед дид.
8 Сипас дар он рӯз (ҳамаи шумо) аз неъматҳое, ки доштаед, бозпурсӣ хоҳед шуд.

## 103-СУРАИ «ЪАСР»

وَٱلۡعَصۡرِ ١ إِنَّ ٱلۡإِنسَٰنَ لَفِي خُسۡرٍ ٢ إِلَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ
وَتَوَاصَوۡاْ بِٱلۡحَقِّ وَتَوَاصَوۡاْ بِٱلصَّبۡرِ ٣

1 Ба аср (замон) савганд.
2 Ба яқин инсонҳо ҳама дар зиёнанд.
3 Магар касоне, ки имон оварда ва аъмоли солеҳ анҷом додаанд ва якдигарро ба ҳақ суфориш карда ва якдигарро ба шикебоӣ ва истиқомат тавсия намудаанд.

## 104-СУРАИ «ҲУМАЗАҲ»

وَيۡلٞ لِّكُلِّ هُمَزَةٖ لُّمَزَةٍ ١ ٱلَّذِي جَمَعَ مَالٗا وَعَدَّدَهُۥ ٢ يَحۡسَبُ أَنَّ مَالَهُۥٓ أَخۡلَدَهُۥ
٣ كَلَّا لَيُنۢبَذَنَّ فِي ٱلۡحُطَمَةِ ٤ وَمَآ أَدۡرَىٰكَ مَا ٱلۡحُطَمَةُ ٥ نَارُ ٱللَّهِ ٱلۡمُوقَدَةُ
٦ ٱلَّتِي تَطَّلِعُ عَلَى ٱلۡأَفۡـِٔدَةِ ٧ إِنَّهَا عَلَيۡهِم مُّؤۡصَدَةٞ ٨ فِي عَمَدٖ مُّمَدَّدَةِۭ ٩

1 Вой бар ҳар айбҷӯйи масхаракунандае.
2 Ҳамон касе, ки моли фаровоне ҷамъоварӣ ва шумора кардааст.
3 Гумон мекунад амволаш ӯро ҷовидона месозад.
4 Чунин нест, ба зудӣ дар ҳутама (оташи хурдкунанда) пуртоб мешавад.

5 Ва ту чӣ медонӣ ҳутама чист?
6 Оташи барафрохтаи илоҳӣ аст.
7 Оташе, ки аз дилҳо сар мезанад.
8 Ин оташ бар онҳо фурӯ баста шавад.
9 Дар сутунҳои кашида ва тулонӣ (қарор хоҳанд дошт ва роҳи гурезе надорад).

# 105-СУРАИ «ФИЛ»

أَلَمْ تَرَ كَيْفَ فَعَلَ رَبُّكَ بِأَصْحَٰبِ ٱلْفِيلِ ١ أَلَمْ يَجْعَلْ كَيْدَهُمْ فِى تَضْلِيلٍ ٢ وَأَرْسَلَ
عَلَيْهِمْ طَيْرًا أَبَابِيلَ ٣ تَرْمِيهِم بِحِجَارَةٍ مِّن سِجِّيلٍ ٤ فَجَعَلَهُمْ كَعَصْفٍ مَّأْكُولٍ ٥

1 Оё надидӣ Парвардигорат бо филсаворон (лашкари Абраҳа, ки барои нобуд кардани Каъба омада буданд) чӣ кард?
2 Оё нақшаи онҳоро дар залолат ва табоҳӣ қарор надод?
3 Ва бар сари онҳо парандагонеро гурӯҳ-гурӯҳ фиристод.
4 Ки бо сангҳои хурд ононро ҳадаф қарор медоданд.
5 Саранҷом онҳоро ҳамчун коҳи хурдшуда (ва муталошӣ) қарор дод.

# 106-СУРАИ «ҚУРАЙШ»

لِإِيلَٰفِ قُرَيْشٍ ١ إِۦلَٰفِهِمْ رِحْلَةَ ٱلشِّتَآءِ وَٱلصَّيْفِ ٢ فَلْيَعْبُدُوا۟ رَبَّ هَٰذَا ٱلْبَيْتِ
٣ ٱلَّذِىٓ أَطْعَمَهُم مِّن جُوعٍ وَءَامَنَهُم مِّنْ خَوْفٍۭ ٤

1 Ба хотири ин буд, ки Қурайш (ба ин сарзамини муқаддас) улфат гиранд.
2 Улфати онҳо дар сафарҳои зимистона (ба сӯйи Яман) ва тобистона (ба сӯйи Шом буд).
3 Пас (ба шукронаи ин неъмати бузург) бояд Парвардигори ин хонаро ибодат кунанд.
4 Ҳамон касе, ки онҳоро аз гуруснагӣ наҷот дод ва аз тарсу ноамнӣ эмин сохт.

# 107-СУРАИ «МОЪУН»

أَرَءَيْتَ ٱلَّذِى يُكَذِّبُ بِٱلدِّينِ ١ فَذَٰلِكَ ٱلَّذِى يَدُعُّ ٱلْيَتِيمَ ٢ وَلَا يَحُضُّ عَلَىٰ
طَعَامِ ٱلْمِسْكِينِ ٣ فَوَيْلٌ لِّلْمُصَلِّينَ ٤ ٱلَّذِينَ هُمْ عَن صَلَاتِهِمْ سَاهُونَ ٥
ٱلَّذِينَ هُمْ يُرَآءُونَ ٦ وَيَمْنَعُونَ ٱلْمَاعُونَ ٧

1 Оё касе, ки рӯзи ҷазоро пайваста инкор мекунад, дидӣ?
2 Ӯ ҳамон касе аст, ки ятимро бохушунат меронад.
3 Ва (дигаронро) ба таъом додани мискин ташвиқ намекунад.
4 Пас вой бар намозгузороне, ки.
5 Дар намози худ саҳланкорӣ мекунанд.
6 Ҳамон касоне, ки риё мекунанд.
7 Ва дигаронро аз заруриёти зиндагӣ (намак, гӯгирд, зуруф, об) манъ мекунанд. (Пас на ибодати Худоро бар ваҷҳи аҳсан анҷом

доданд ва на ба бандагони Худо эҳсону некӣ карданд).

## 108-СУРАИ «КАВСАР»

إِنَّآ أَعۡطَيۡنَٰكَ ٱلۡكَوۡثَرَ ١ فَصَلِّ لِرَبِّكَ وَٱنۡحَرۡ ٢ إِنَّ شَانِئَكَ هُوَ ٱلۡأَبۡتَرُ ٣

1 Мо ба ту Кавсар (хайру баракати фаровон ва мин ҷумла наҳр дар биҳишт аст, ки ду лабаи он аз тилло ва бистари он дурру ёқут аст, хоки он покизатар ва хушбӯтар аз мушк ва оби он ширинтар аз асал ва сапедтар аз барф аст).

2 Пас барои Парвардигорат намоз бихону қурбонӣ кун.

3 Ва (бидон) душмани ту қатъан буриданасл ва беақиб аст.

## 109-СУРАИ «КОФИРУН»

قُلۡ يَٰٓأَيُّهَا ٱلۡكَٰفِرُونَ ١ لَآ أَعۡبُدُ مَا تَعۡبُدُونَ ٢
وَلَآ أَنتُمۡ عَٰبِدُونَ مَآ أَعۡبُدُ ٣ وَلَآ أَنَا۠ عَابِدٞ مَّا عَبَدتُّمۡ ٤
وَلَآ أَنتُمۡ عَٰبِدُونَ مَآ أَعۡبُدُ ٥ لَكُمۡ دِينُكُمۡ وَلِيَ دِينِ ٦

1 Бигӯ: Эй кофирон.

2 Он чиро шумо мепарастед, ман намепарастам.

3 Ва на шумо он чиро, ки ман мепарастам, мепарастед.

4 Ва на ман ҳаргиз он чиро шумо парастиш кардаед, мепарастам.

5 Ва на шумо он чиро, ки ман мепарастам, парастиш мекунед.

6 Ойини (дин) шумо барои худатон ва ойини ман барои худам.

## 110-СУРАИ «НАСР»

إِذَا جَآءَ نَصۡرُ ٱللَّهِ وَٱلۡفَتۡحُ ١ وَرَأَيۡتَ ٱلنَّاسَ يَدۡخُلُونَ فِي دِينِ ٱللَّهِ أَفۡوَاجٗا ٢
فَسَبِّحۡ بِحَمۡدِ رَبِّكَ وَٱسۡتَغۡفِرۡهُۚ إِنَّهُۥ كَانَ تَوَّابَۢا ٣

1 Ҳангоме, ки ёрии Худо ва пирӯзӣ (фатҳи Макка) фаро расад.

2 Ва бубинӣ мардум гурӯҳ-гурӯҳ вориди дини Худо мешаванд.

3 Пас (ба шукронаи ин неъмати бузург ва ин пирӯзӣ ва нусрати илоҳӣ) Парвардигоратро тасбеҳу ҳамд кун. Ва аз Ӯ омӯрзиш бихоҳ, ки Ӯ бисёр тавбапазир аст.

## 111-СУРАИ «МАСАД»

تَبَّتۡ يَدَآ أَبِي لَهَبٖ وَتَبَّ ١ مَآ أَغۡنَىٰ عَنۡهُ مَالُهُۥ وَمَا كَسَبَ ٢ سَيَصۡلَىٰ نَارٗا
ذَاتَ لَهَبٖ ٣ وَٱمۡرَأَتُهُۥ حَمَّالَةَ ٱلۡحَطَبِ ٤ فِي جِيدِهَا حَبۡلٞ مِّن مَّسَدِۭ ٥

1 Дастҳои Абулаҳаб (киноя аз худи ӯст) ҳалок бод ва ҳалок бод Абулаҳаб.

2 Ҳаргиз молу сарваташ ва он чиро ба даст оваред, ба ҳолаш суде набахшид.

3 Ва ба зудӣ вориди оташи шӯълавар ва пураланга мешавад.

4 Ва низ ҳамсараш, дар ҳоле ки ҳезумкаши дӯзах аст.

5 Ва дар горданаш танобе аст аз лифи хурмо.

## 112-СУРАИ «ИХЛОС»

قُلۡ هُوَ ٱللَّهُ أَحَدٌ ١ ٱللَّهُ ٱلصَّمَدُ ٢ لَمۡ يَلِدۡ وَلَمۡ يُولَدۡ ٣ وَلَمۡ يَكُن لَّهُۥ كُفُوًا أَحَدُۢ ٤

1 Бигӯ: Худо якто ва ягона аст.
2 Худованде аст, ки ҳамаи ниёзмандон қасди Ӯ мекунанд.
3 (Ҳаргиз) на зод ва зода нашуда.
4 Ва барои Ӯ ҳеҷ гоҳ шабеҳ ва монанде набудааст.

## 113-СУРАИ «ФАЛАҚ»

قُلۡ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلۡفَلَقِ ١ مِن شَرِّ مَا خَلَقَ ٢ وَمِن شَرِّ غَاسِقٍ إِذَا وَقَبَ ٣ وَمِن شَرِّ
ٱلنَّفَّٰثَٰتِ فِي ٱلۡعُقَدِ ٤ وَمِن شَرِّ حَاسِدٍ إِذَا حَسَدَ ٥

1 Бигӯ: Паноҳ мебарам ба Парвардигори сапедаи субҳ.
2 Аз шарри тамоми он чи офаридааст.
3 Ва аз бадиҳое, ки шабона ворид мешавад.
4 Ва аз шарри онҳо, ки дар гиреҳҳо медаманд.
5 Ва аз шарри ҳар ҳасуде, ҳангоме ки ҳасад меварзад.

## 114-СУРАИ «НОС»

قُلۡ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلنَّاسِ ١ مَلِكِ ٱلنَّاسِ ٢ إِلَٰهِ ٱلنَّاسِ ٣ مِن شَرِّ ٱلۡوَسۡوَاسِ
ٱلۡخَنَّاسِ ٤ ٱلَّذِي يُوَسۡوِسُ فِي صُدُورِ ٱلنَّاسِ ٥ مِنَ ٱلۡجِنَّةِ وَٱلنَّاسِ ٦

1 Бигӯ: Паноҳ мебарам ба Парвардигори мардум.
2 Ба молику ҳокими мардум.
3 Ба (Худо ва) маъбуди мардум.
4 Аз шарри васвасагари паноҳкор.
5 Ки даруни синаи инсонҳо васваса мекунад.
6 Хоҳ аз ҷин бошад ё аз инсон.

# СУОЛОТИ МУҲИМ ДАР ЗИНДАГИИ ИНСОНИ МУСУЛМОН

**1. Мусулмонон ақоиди худро аз кадом манбаъҳо мегиранд?** Аз ду манбаъ, яъне, Қуръон ва аҳодиси саҳеҳи Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам), ки ба таъбири Қуръон: **(Ан Наҷм 4)** – *(Он чизе, ки бо худ оварда ва бо шумо дар миён ниҳодааст, ҷуз ваҳӣ чизи дигаре нест, ки бар ӯ фиристода мешавад)*. (Аммо лозим ба зикр аст, ки истинботи мо аз оёт ва аҳодис, бояд бар тибқи фаҳм ва истинботи саҳоба ва салафи солеҳ сурат гирад.

**2. Агар ихтилофе байни мусулмонон рух диҳад ба чӣ манбаъе руҷӯъ хоҳанд кард?** Дар ҳар навъи ихтилофе, бояд ба ҳукм ва дастури шаръиат мӯроҷиат кард, ки ин ҳукм ва дастур аз ду манбаъ: Қуръон ва ҳадис истинбот мешавад. Қуръон дар ин бора мефармояд: “*Ва агар дар чизе ихтилоф доштед (ва дар амре аз умур кашмакаш пайдо кардед) онро ба Худо (бо арза ба Қуръон) ва Паёмбари Ӯ (бо руҷуъ ба суннати набавӣ) баргардонед*” **(Ан Нисо 59).**

**Паёмбари Ислом (саллаллоху алайҳи ва саллам) ҳам дар ин бора аз аҳамияти он ду мефармоянд:** “*Дар миёни шумо ду чизро гузоштам, агар ба он ду мутамассик буда амал кунед, аз гумроҳӣ ва залолат дур хоҳед буд; он ду Қуръон ва суннати ман мебошад*”. **(Аҳмад).**

**3. Гурӯҳе, ки дар рӯзи қиёмат наҷотёфта ва растагоранд, кадом аст? Паёмбари Ислом (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар ин бора фармудаанд:** “*Уммати ман ба ҳафтоду се гурӯҳ тақсим мешаванд ва танҳо як гурӯҳ аз онон растагор мегарданд ва бақия дар оташи дӯзах гирифтор меоянд. Ёрон аз эшон пурсиданд: Ё Расулаллоҳ! Он гурӯҳ кадом аст? Эшон фармуданд: гурӯҳе, ки аз суннати ман ва равиши ёрони ман пайравӣ намоянд*”. **(Аҳмад ва Тирмизӣ).** Бинобар ин ҳадис, мазҳаби барҳақ мазҳабе аст, ки ба суннати Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) ва сирати ёрони он ҳазрат пайравӣ намояд ва аз бидъат дар дин парҳез кунад.

**4. Шартҳои қабули корҳои нек чист? 1.** Имон ба Худо ва эътиқод ба тавҳид, зеро кори неки фарди мушрик пазируфта намешавад. **2.** Ихлос дар амал, ки танҳо ризои

Худо мадди назар бошад. **3.** Дар анҷоми он корҳо аз суннати Паёмбари Ислом (саллаллоху алайҳи ва саллам) пайравӣ шавад, зеро танҳо бар асоси дастӯроти шариъат мебоист Худовандро ибодат намуд. Бинобар риъоя накардани ҳар кадом аз ин шартҳо корҳои неки моро аз миён мебарад. Худованд дар бораи аъмоли неки куффор ва мушрикон чунин фармудааст: ***"Мо ба сӯроғи тамоми аъмоле, ки (ба зоҳир нек буда ва дар дунё) онон анҷом додаанд, меравем ва ҳамаро ҳамчун ғубори парокандае дар ҳаво месозем ва эшонро аз аҷр ва подоши он маҳрум мекунем"*** **(Ал Фурқон 23).**

Чаро ки надоштани имон муҷиби маҳв ва нобудии эҳсон ва беэътибор шудани аъмоли хуби инсон мегардад.

**5. Мартабаҳои дини Ислом кадоманд?** Мартабаҳои ин дин аз рӯи тартиб иборат аз Ислом, имон ва эҳсон аст.

**6. Ислом чист ва аркони он кадомҳоянд?** Ислом, яъне ба ягонагии Худо эътиқод дошта бошем ва таслими он шавем, амрҳои онро **анҷом** диҳем ва аз манҳиёташ иҷтиноб варзем ва аз ширк нисбат ба Парвардигор парҳез намуда, аз ширку мушрикон дурӣ ҷӯем.

**Аркони ислом: Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар ин бора чунин фармудаанд:** ***"Ислом бар панҷ асос бунёд ёфтааст: гуфтани шаҳодатайн, барпо доштани намоз, гирифтани рӯзаи моҳи Рамазон, пардохтани закот ва адои Ҳаҷ "*. (Бухорӣ ва Муслим).**

**7. Имон чист ва аркони он кадоманд?** Имон иборат аст аз қавлу феъли қалб ва забон, ки бо амали ҷавореҳ ҳатман ҳамроҳ бошад. Мизони имон бо анҷоми тоъатҳо ва риъояи тақво афзоиш ёфта бо иртикоби гуноҳ дучори нуқсон шуда коҳиш меёбад.

**Худованд мефармояд:** *Э То ки имонҳояшон зиёда гардад бо имонҳояшонЭ* **(Ал Фатаҳ 4) Ин чунин Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар бораи имон ва ақсоми он чунин фармудаанд:** ***"Дарахти имон шомили ҳафтоду чанд шоха аст ва беҳтарини ӯ қавли: Лоилоҳа иллаллоҳ аст ва пастаринаш дур кардани чизи озор медодагиро аз роҳ ва шарму ҳаё яке аз шохаҳои он мебошанд"*. (Муслим).**

Чӣ басо пеш омада бошад, ки инсон баъд аз анҷоми корҳои нек ва амал ба амрҳои Худованд эҳсоси шоду хурсандиҳо мекунад ва баъд аз иртикоби гуноҳон дучори навъе сустӣ ва танбалӣ дар анҷоми тоъат мегардад. Ин ҳолатҳо танҳо ба далели афзоишу коҳиши мизони имон дар инсон мебошад. Худованд барои ҳифз ва афзоиши мизони имон чунин фармуда аст: "*Ва дар ду тарафи рӯзи аввал ва охири он ва нахустин соъоти шаб намозро барпо дор, зеро хубиҳо бадиҳоро аз миён мебарад*" **(Ҳуд 114).**

**Аркони имон: Паёмбари ислом (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар ин маврид чунин фармудаанд: "*Имон иборат аст: аз имон ба Худованд, ба фариштагон, ба китобҳо, ба паёмбарон, ба зинда шудани пас аз марг ва қазову қадар*". (Бухорӣ ва Муслим).**

**8. Маънои Ло илоҳа иллаллоҳ чист?** Мафҳуми он ин аст, ки убудият ва итоъатро аз ғайри Худо нафӣ карда ва онро танҳо барои Худованд исбот диҳем.

**9. Оё Худованд бо мо ва ҳамроҳи мост?** Бале, Худованд аз тариқи илми худ нисбат ба мо ва ҳифозаташ бар мо ва иҳотааш бар коинот ҳамроҳи мост, вале бояд донист, ки зоти Ӯ бо вуҷуди махлуқоташ омехта намебошад. Ҳеҷ кадом аз офаридаҳояш наметавонанд бар Ӯ иҳота ёфта ва зоти Ӯро дарк кунанд. Дар воқеъ, Ӯ дар айни ҳол, ки наздик аст, дар мартабаи воло қарор дорад ва бо вуҷуде, ки аз мо ва тавони фаҳми мо дур аст, ба мо бисёр наздик аст.

**10. Оё Худовандро метавон бо чашм дид?** Мусулмонони аҳли қибла дар ин масъала бар ин ақида ҳастанд, ки зоти Худовандро наметавон дар дунё мушоҳида кард, аммо бо истинод ба ояти зайл мӯъминон дар рӯзи қиёмат дар саройи маҳшар ва дар биҳишт Худовандро хоҳанд дид. Худованд мефармояд: "*(Оре) дар он рӯз суратҳое шодоб ва масрур аст ва ба Парвардигорашон менигаранд!*"**(Ал Қиёмат 22 то 23)**

**11. Шинохти номҳо ва сифатҳои Худованд чӣ фоида дорад?** Бе тардид, аввалин амре, ки Худованд онро бар бандагонаш воҷиб кардааст, шинохтани Ӯст. Агар мардум

Худоро илман бишносанд, Ӯро ба таври шоиста ибодат мекунанд. Худованд мефармояд: *"Пас бидон, ки маъбуде ба ҳақ ҷуз «Аллоҳ» нест"***(Муҳаммад 19).** Пас ёд кардани раҳматаш боиси бунёди умед мешавад ва ёд кардани интиқоми Ӯ муҷиби тарс мешавад ва ёд кардани неъматаш сабаби шукргузорӣ мешавад.

Манзур аз ибодат кардан ба василаи номҳо ва сифоти Парвардигор иттилоъ пайдо кардан нисбат ба онҳо ва донистани маъонии онҳо ба таври комил ва амал кардан ба онҳост. Теъдоде аз ҷумлаи номҳо ва сифоти Худованд онҳое ҳастанд, ки бандагон ба онҳо васф мешаванд, монанди илм, раҳмату адл. Гурӯҳи дигар аз номҳо ва сифоти Парвардигор онҳое ҳастанд, ки бандагон ба онҳо накӯҳиш мешаванд, монанди улуҳият, ҷабарут ва такаббур. Ҳамчунин бандагон низ сифоте доранд, ки ба василаи онҳо сутуда мешаванд ва ба онҳо дастур дода мешаванд, аммо тавсифи Худованд ба василаи он сифот мамнӯъ мебошад, монанди бандагӣ, ниёзмандӣ, фақр, зиллат, талаб кардан ва ғайра. Пас дӯстдоштатарини мардум назди Парвардигор он касе аст, ки сифоте дошта бошад, ки Худованд онҳоро дӯст дорад. Ва манфуртарин фард назди Парвардигор касе аст, ки дорои сифоте бошад, ки Худованд аз онҳо безор ва мутанаффир аст.

**12. Номҳои неки Худованд кадомҳоянд?** Худованд мефармояд: *"Ва барои Худо номҳои нек аст, Худоро ба он номҳо бихонед"***(Аъроф 180).**

**Ҳамчунин аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят шудааст, ки фармуд:** *"Бе тардид, Худованди баландмартаба 99 ном дорад, касе ки онҳоро бар забон ҷорӣ кунад ва ба онҳо амал кунад, вориди биҳишт мешавад"***. (Бухорӣ ва Муслим).**

**Ва ҳисоб кардани номҳо, яъне:**

**1)** Шумоstatic ридани лафзҳояшон ва ададашон.

**2)** Фаҳмидани маъно ва далолатҳояшонро ва имон овардан ба онҳо ва агар бигӯяд (Ал Ҳаким) яъне, таслим шудан дар муқобили тамоми амрҳои Худованд, чунки тамоми онҳо мувофиқи хостаи ҳикмати Худованд

мебошанд ва агар бигӯяд: (Ал Куддус) пас ба ёд меорад поку муназзаҳ будани Худовандро аз тамоми ноқисиҳо.

**3)** Худовандро бо он номҳо дуо кардан: ва ин бар ду навъ аст:

**А)** Дуъои ҳамду сано ва ибодат. **Б)** Дуъои талабу пурсиш аз Худованд.

Манзур аз «аҳсоҳо» дар ҳадис иборат аз амал кардан ба он аст, вақте ки номи Ҳакимро зикр кардааст, ин бад-он маънӣ аст, ки фард бояд ҳамаи умурашро таслими фармони Худованд кунад, зеро ҳама бар асоси ҳикмати Ӯст. Замоне, ки номи Қуддусро зикр мекунад, поку муназзаҳ будани Худовандро аз ҳамаи нақсҳо ва айбҳо ба хотир оварад. Ҳамчунин аз нишонаҳои амал ба номҳо, бузургдошт ва таъзими онҳо ва хондани Худованд ба василаи онҳост.

## Касе, ки ба пайравӣ аз Қуръон ва суннати саҳеҳ бипардозад, метавонад онҳоро шумориш намояд ва бар забонҳо ҷорӣ кунад, ин номҳо иборатанд аз:

| Ном | Далолаташ |
|---|---|
| الله<br>Аллоҳ | Зоте, ки шоистаи Худоиро дорад ва мустаҳиқи парастиши тамоми бандагонашро дорад ва зоте аст, ки саҷдаву рукуъ ва тамоми намуди ибодатҳо барои Ӯст. |
| الرحمن<br>Ар Раҳмон | Бораҳмтарин ва меҳрубонтарине аст, ки тамоми махлуқот шомили раҳмати Ӯ мебошанд ва ин номро ба ғайр аз Худо касеро номидан ҷоиз нест. |
| الرحيم<br>Ар Раҳим | Раҳмкунандаву бахшандаи муъминон дар дунёву охират аст, онҳоро дар дунё барои ибодаташ муваффақ гардонд ва дар охират онҳоро бо ҷаннаташ икром хоҳад кард |
| العفو<br>Ал Ъафувв | Аз гуноҳ мегузарад ва ӯро аз байн мебарад ва барояш ҷазо намедиҳад, агарчи банда мустаҳиқи ҷазо бошад. |
| الغفور<br>Ал Ғафур | Гуноҳонро мепушонад ва онҳоро ошкор нокарда мебахшад. |
| الغفار<br>Ал Ғаффор | Бисёр мағфираткунанда барои касоне ки талаби мағфират мекунанд. |
| الرءوف | Бо раҳму меҳрубон аст, раҳмаш шомили тамоми |

| | |
|---|---|
| **Ар Рауф** | бандагонаш дар дунё ва барои баъзеашон дар охират аст, ки онҳо авлиёҳояш мебошанд. |
| **الحليم**<br>**Ал Ҳалим** | Азобро бар бандагонаш сари вақт нозил намекунад балки интизор мешавад, то ки агар талаби мағфират кунанд, онҳоро бубахшад. |
| **التواب**<br>**Ат Тавоб** | Мувффақ мегардонад бандаашро барои тавба кардан ва тавбаашро мепазирад. |
| **الستير**<br>**Ас Ситтир** | Гунохи бандаро миёни Халқ ошкор намекунад ва онҳоро мепӯшонад ва дӯст медорад, ки банда ҳам гунохи худаш ва дигаронро бипӯшонад ва авраташро низ бипӯшонад. |
| **الغني**<br>**Ал Ғаний** | Бо дорои камолияту камолияти сифатҳояш ҳеч вақт ба ҳеч кас эхтиёч надорад, балки тамоми халоиқ ба Ӯ эхтиёч доранд. |
| **الكريم**<br>**Ал Карим** | Соҳиби хайру атои зиёд, ба касе чигунае ки хоҳад чизеро хайру ато мекунад, агарчи аз ӯ талаби хайру ато карда шавад, ё на ва гуноҳонро мебахшаду онҳоро панох медорад. |
| **الأكرم**<br>**Ал Акрам** | Бенихоят карим, дар каримӣ ҳамтое надорад тамоми хайрҳо аз чониби ӯст, муъминонро бо карамаш подош медиҳад ва саркашонро мухлат медиҳаду бо адлу инсоф онҳоро ҳукм мекунад· |
| **الوهاب**<br>**Ал Ваҳҳоб** | Хайру атои бебозгашт дорад бе ягон ғараз ато мекунад ва бидуни талаб инъом мекунад. |
| **الجواد**<br>**Ал Чаввод** | Бисёр ато кунандаву меҳрубон аст ва барои муъминон аз меҳрубониву фазлаш насиби зиёдест. |
| **الودود**<br>**Ал Вадуд** | Дӯстдоронашро дӯст медорад ва гуноҳони онҳоро мағфират мекунад ва аз онҳо розӣ мегардад ва амалҳои онҳоро қабул мекунад. |
| **المعطي**<br>**Ал Муътӣ** | Медиҳад барои касе аз халқаш бихоҳад, чизе ки аз хазинаҳояш бихоҳад ва барои авлиёҳояш аз хазинаҳояш насиби зиёдест. |
| **الواسع**<br>**Ал Восеъ** | Соҳиби сифатҳои зиёд касе ҳамду саноашро ҳисоб карда наметавонад, соҳиби мағфирату раҳмат ва фазлу эҳсони бузургу восеъ аст. |
| **المحسن**<br>**Ал Муҳсин** | Дар зебогии зоташ бо камол аст ва дар зебогии номҳову сифатҳову феълҳояш нуқсоне вучуд надорад ва дар офаринишаш хатое надорад |
| **الرازق**<br>**Ар Разоқ** | Тамоми халоикро ризқу рузӣ медиҳад ва миқдори ризқи онҳоро пеш аз ин ки ин оламро |

| | |
|---|---|
| | халқ кунад таъин карда буд ва кафолати ризқу рузии онҳоро бахуд гирифт агарчи баъди муддате ҳам бошад. |
| **الرزاق**<br>**Ар Раззоқ** | Исмест далолат мекунад бар оне ки ризқи беандоза медиҳад барои халқаш ва Ӯ парвардигорест, ки агарчи аз Ӯ талаби ризқ накунанд ба онҳо ризқ медиҳад, балки бо вуҷуди ин ки онҳо гунаҳкоронанд ба онҳо ризқу рузӣ медиҳад. |
| **اللطِيف**<br>**Ал Латиф** | Тамоми чизро бо тамоми нозукияш медонад ва чизе аз Ӯ панох намемонад, ва хайру эҳсонро ба бандаҳояш аз ҷое мерасонад, ки интизор набуданд |
| **الخبير**<br>**Ал Хабир** | Аз ботини тамоми чизҳо бохабар аст чуноне ки аз зоҳирашон бо хабар аст. |
| **الفتاح**<br>**Ал Фаттох** | Боз мекунад дарҳои хазинаҳои раҳмату ризқашро ба касе лозим бидонад ва бихоҳад. |
| **العليم**<br>**Ал Алим** | Илмаш зоҳиру ботин ошкору пинҳон ва ҳозиру гузаштаву ояндаро дар бар гирифта аст ва чизе аз Ӯ пинҳон намемонад. |
| **البر**<br>**Ал Барру** | Дар эҳсон ба халқаш кутоҳие надорад он қадар зиёд медиҳад, ки касе ҳисобашро намеравад ва дар ваъдаҳояш содиқ аст ва аз гуноҳони бандааш мегузарад ва ӯро ҳимоят мекунаду нусрат медиҳад ва ками ӯро қабул мекунаду зиёдаш мегардонад. |
| **الحكم**<br>**Ал Ҳакам** | Миёни бандаҳояш одилона ҳукм мекунад ва касеро зулм намекунад ва китобашро барои он нозил кард, ки миёни бандаҳояш ҳоким бошад. |
| **الحكِيم**<br>**Ал Ҳаким** | Бо ҳикмат ҳукм мекунад ва ҳар чизро дар ҷояш мегузорад ва камбудӣ ё хатое дар ҳукмаш вуҷуд надорад. |
| **الشاكر**<br>**Аш Шокир** | Мадҳу сано мегӯяд бар касе ки Ӯро итоат кунад ва подоши нек медиҳад агарчӣ амал кам бошад ва ҳар ки Ӯро шукргузорӣ кунад дар дунё ӯро неъмати зиёд медиҳад ва дар охират аҷри бисёр. |
| **الشكور**<br>**Аш Шакур** | Амалҳои неки каме, ки бандаҳо анҷом медиҳанд дар назди Ӯ бисёр мегарданд ва аҷру савобашонро чанд баробар ба онҳо медиҳад.<br>Шукри Худованд аз бандааш ин аст, ки ӯро барои шукргузорӣ муваффақ мегардонад ва тоатҳояшро қабул мекунад. |
| **الجميل**<br>**Ал Ҷамил** | Зебост дар зоташ ва дар номҳову сифатҳову феълҳояш ва тамоми зебогие, ки дар махлуқоташ |

| | |
|---|---|
| | дида мешавад аз ҷониби Ӯст. |
| المجيد<br>Ал Маҷид | Дар осмонҳову замин ҳама фахру караму иззату баландмартабагӣ аз ҷониби Ӯст. |
| الولي<br>Ал Валий | Пешбарандаи аҳволи махлуқот ва тартибу танзимгарӣ мулкаш ва нусратдиҳандаву пуштибони дӯстдоронаш мебошад. |
| الحميد<br>Ал Ҳамид | Ӯро дар номҳо ва сифатҳову феълҳояш ҳамду сипос гуфта шудааст ва Ӯ ягонаест, ки дар хушҳоливу сангинӣ ва дар осониву дар сахтӣ ҳамду сипос гуфта мешавад ва Ӯ танҳо мустаҳиқи ҳамду санои беҳисобро дорад чунки дар сифатҳояш бо камол аст. |
| المولى<br>Ал Мавло | Ӯ парвардигору малику сайиду нусратдиҳанда ва кумаккунанда аст барои авлиёҳояш. |
| النصير<br>Ан Насир | Нусрат медиҳад касеро ки хоҳад ва агар касеро нусрат дод пас ӯро касе мағлуб карда наметавонад ва агар касеро шикаст дод пас ӯро касе нусрат дода наметавонад. |
| السميع<br>Ас Самиъ | Шунавоияш тамоми сирру асрорро ва тамоми ошкору эълонро ва балки тамоми садоҳои пастарину баландро шомил аст ва иҷобат мекунад дуъои дуъокунандагонро. |
| البصير<br>Ал Басир | Биноияш тамоми мавҷудотро дар олами ғайбу ошкоро шомил аст, агар чи хурдтарин бошад ё намоёнтарин. |
| الشهيد<br>Аш Шаҳид | Мурoқибаткунандаи махлуқоташ аст ва бар ягонагиву адлаш шаҳодат додааст ва муъминоне, ки Ӯро баягонагӣ мешиносанд, бар сидқу ростии онҳо шаҳодат медиҳад. Инчунин бар ҳақ будани паёмбарону малоикаҳояш шаҳодат медиҳад. |
| الرقيب<br>Ар Рақиб | Аз махлуқоташ бохабар аст, ҳатто аз онҳо як мижа задан ҳам ғофил нест, балки амалҳояшонро ҳисобу китоб мекунад. |
| الرفيق<br>Ар Рафиқ | Дар корҳояш бисёр латифу меҳрубон аст ва бандаҳояшро бисёр бо лутфу меҳрубонӣ муомила мекунад ва онҳоро ба коре маҷбур намекунад, ки тоқаташро надошта бошанд ва дӯст медорад бандаҳоеро, ки латифу меҳрубонанд. |
| القريب<br>Ал Қариб | Қариб аст бо илму қудраташ ба тамоми махлуқоташ ва қариб аст бо лутфу нусраташ ба бандагони муъминаш, бо вуҷуди ин ки дар болои аршаш қарор гирифтааст ва касе аз махлуқоташ |

| | |
|---|---|
| | дар онҷо Ӯро ҳамроҳӣ намекунад. |
| المجيب<br>Ал Муҷиб | Иҷобат мекунад дуъои дуъокунандагонро ва суоли суол кунандагонро, бо он ҷӣ қазоват мекунад бо илму ҳикматаш. |
| المقيت<br>Ал Мукит | Халқ кардааст таъомҳову ризқу рӯзиро ва кафолати расонданашро ба махлуқоташ ба ухдаи худ гирифтааст ва Ӯ ҳифзкунандаи он ва тамоми амалҳои махлуқоташ бе ягон нуқсон мебошад. |
| الحسيب<br>Ал Ҳасиб | Кифояткунанда аст бандагонашро онҷиро ки аз умури дину дунёяшон барояшон муҳим аст ва барои муъмин аз кифояташ насиби зиёдест ва онҷи ки аз амалҳо дар дунё анҷом медиҳанд, онҳоро ҳисобу китобкунанда аст. |
| المؤمن<br>Ал Муъмин | Тасдиққунанда аст бо шаҳодаташ Паёмбарону пайравонашонро ва ҳамаи амну амоние, ки дар дунёву охират аст аз ҷониби Ӯст ва Ӯ муъминонро амон додааст аз он ки онҳоро рузи қиёмат зулм кунад ва азобашон бидиҳад ё онҳоро аз ҳавли қиёмат битарсонад. |
| المنان<br>Ал Маннон | Бисёр атокунандаву инъомдиҳандаи бузург аст. |
| الطيب<br>Ат Тайиб | Тоҳиру солим аст аз ҳар гуна айбу нуқсон ва ҳусну камолияти беҳамто танҳо аз Ӯст ва Ӯ бисёр хайркунанда бар бандагонаш аст ва қабул намекунад аз амалҳо ва садақаҳо, магар поку ҳалолу холисашро. |
| الشافي<br>Аш Шофӣ | Шифодиҳандаи дилҳову баданҳо аз маризиҳост ва давое нест дар дасти бандагон магар ин ки Худо онро ба онҳо арзонӣ доштааст ва шифо танҳо дар дасти Ӯст. |
| الحفيظ<br>Ал Ҳафиз | Ҳифз мекунад бандагони муъминашро бо амалҳояшон ва ҳифзу роҳбарӣ мекунад тамоми махлуқоташро бо қудраташ. |
| الوكيل<br>Ал Вакил | Ӯ касе аст, ки ваколати олам дар дасти Ӯст, ҳомӣ ва сарпарасти онҳост, Ӯ вакили муъминонест, ки ба Ӯ таваккал мекунанд пеш аз ин ки ба коре шуруъ кунанд ва вақте ки ба коре шуруъ кунанд аз Ӯ талаби кумак мекунанд ва вақте ки муваффақ шуданд Худоро шукру сипос мегуянд. |
| الخلاق<br>Ал Халлоқ | Бисёр зебо халққунанда. |
| الخالق | Зоте аст, ки бисёр халқ мекунад ва то ҳозир халқ |

| | |
|---|---|
| Ал Холиқ | карда истодааст ва ин сифати ҳамешаи Ӯст. |
| البارئ<br>Ал Бориъ | Халққунандаи тамоми мавҷудот бо баландтарин маҳорат. |
| المصور<br>Ал Мусввир | Офарид махлуқоташро ба он сурате, ки хост бо ҳикмату илму раҳматаш. |
| الرب<br>Ар Рабб | Халқашро парвариш медиҳад бо неъматҳояш ва онҳоро оҳиста оҳиста нашъу намо медиҳад ва Ӯст ки тарбият мекунад дӯстонашро бо ончи ки дилҳояшонро ислоҳ кунад ва Ӯ Холиқу Малику Сайид аст. |
| العظيم<br>Ал Азим | Бузургтарин зоте аст дар номҳову сифатҳояш ва воҷиб аст бар халоиқ, ки Ӯро баланд мартабатарин бидонанд ва амру наҳяшро низ бузург бишуморанд. |
| القاهر<br>Ал Қоҳир<br>القهار<br>Ал Қаҳҳор | Залилкунандаи бандагонаш ва ғуломкунандаи халқаш ва худро аз ҳамаи махлуқот баланду бузург медонистагӣ ва Ӯ ҳамон ғолибе аст, ки тамоми гарданҳо дар назди Ӯ хам мебошанд ва руйҳо дар наздаш тарсону ларзонанд. |
| المهيمن<br>Ал Муҳаймин | Назораткунанда ва шоҳиду ҳифзкунанда ва дарбаргирандаи ҳамаи чиз. |
| العزيز<br>Ал Азиз | Тамоми иззат аз Ӯст, дар қувват азизест, ки касе бар Ӯ ғолиб намеояд ва чунон азизест, ки ба касе эҳтиёҷ надорад ва чунон азизест ки касе бе иҷозаташ ҳаракат карда наметавонад. |
| الجبار<br>Ал Ҷаббор | Хостааш ҳамеша иҷрост, тамоми махлуқоташ зери қаҳри Ӯ қарор доранд, дар бузургияш ҳама сархаманд, ҳукмаш иҷрошаванда аст ва Ӯ фақирро ғанӣ мегардонад ва мушкилро осон мегардонад ва маризу мусибатзадаро шифо мебахшад. |
| المتكبر<br>Ал Мутакаббир | Ӯ азиму бузургест дар азаматаш айбу нуқсоне нест, Ӯ ба такабуриву кибриё васф шудааст ва ҳар ки бихоҳад ӯро дар ин сифаташ мунозаъа кунад ӯро азоб дода нобуд месозад. |
| الكبير<br>Ал Кабир | Ӯ бузург аст дар зоташ ва дар сифатҳову дар корҳояш ва чизе аз Ӯ бузург нест, балки тамоми мавҷудот ғайри Ӯ дар назди бузургиву азаматаш чизе нестанд. |
| الحيي<br>Ал Ҳайй | Ӯ касе аст, ки ҳаёаш лаёқати ба зоти бузурги ҳадаш аст ва ҳаёи Худованд ҳаёи фазлу карам аст. |
| الحي | Ӯ касе аст, ки ҳаёташ доиму комил аст ва буданаш |

| | |
|---|---|
| Ал Ҳай | на аввал дораду на охир ва тамоми ҳаёту зиндагоние ки дар вуҷуд аст аз ҷониби Ӯст. |
| القيوم Ал Қайюм | Ба зоти худаш қоим аст ва ба касе аз махлуқоташ эҳтиёҷе надорад ва Ӯ сабаби қоим будани тамоми чиз аст, дар осмонҳову замин тамоми чиз вобастагӣ ба Ӯ дорад. |
| الوارث Ал Ворис | Ӯ касе аст, ки баъди фонӣ шудану аз байн рафтани тамоми махлуқот боқӣ хоҳад монд ва тамоми чизҳо баъди фонӣ шудани аҳлашон ба сӯи Ӯ мегарданд ва ҳар дороие ки мо дорем дар дастамон амонатҳое ҳастанд, ки рӯзе ба моликашон хоҳанд баргашт. |
| الديان Ад Дайён | Ӯ касе ҳаст, ки тамоми халқро ба наздаш пеш пеш карда меоранд ва дар наздаш сархам хоҳанд буд ва ҷазодиҳандаву подошдиҳандаи онҳо хоҳад буд, агар бандаҳояш амалҳои нек карда бошанд онҳоро подоши дучанд хоҳад дод ва агар амалҳояшон бад бошад агар бихоҳад онҳоро азоб медиҳад ва агар бихоҳад онҳоро мебахшад. |
| الملك Ал Малик | Ӯ касе аст, ки амру наҳй ва ғалаба аз Ӯст ва Ӯ тасарруф мекунад бар сари халқаш бо амрҳояш ва феълҳояш ва касе бар Ӯ бартарӣ надорад дар анҷоми ҳокимияту раъияташ. |
| المالك А́л Молик | Аз бидояту асолат мустаҳиқ ва молик аст, мулк аз аввали хилақат аз Ӯ буд ва пеш аз Ӯ чизе набуд ва дар ниҳоят баъди фанои халқ низ мулк аз они Ӯ мебошад. |
| المليك Ал Малиик | Номест, ки далолат мекунад бар мулки мутлақ (пурра ва комил), маънояш балиғтар (баландмартабатар) аст аз калимаи «Ал Малик». |
| السبوح Ас Суббух | Ӯ муназзаҳу пок аст аз ҳар айбу нуқсон чунки Ӯ соҳиби сифатҳои камолу (бе айб) ҷамол (зебо) мебошад. |
| القدوس Ал Қуддус | Муназзаҳ аст аз тамоми айбу нуқсон, чунки Ӯ фақат сифат шудааст бо сифатҳои камоли мутлақ (пурра) чунон комил сифат аст, ки бо сифатҳояш масал зада намешавад. |
| السلام Ас Салом | Аз тамоми айбу нуқсон солим аст дар зоташ ва ё ин ки дар сифатҳову номҳову корҳояш ва тамоми салом дар дунё ва охират аз Ӯст. |
| الحق Ал Ҳақ | Ӯ касе аст, ки дар Ӯ на шак ҳасту на шубҳа на дар номҳояш ва на дар сифатҳояш ва на дар Худованд |

| | |
|---|---|
| | буданаш ва Ӯ танҳо маъбуди ҳақиқӣ аст ва касе ҷуз Ӯ мустаҳиқи ибодат нест. |
| **المبين** **Ал Мубин** | Ӯ касе аст, ки дар ваҳдонияту ягонагияш ва ҳикмату раҳматаш чизе пушида нест ва Ӯ барои бандаҳояш роҳи рушду расидан ба сӯяшро нишон додааст, то ки Ӯро мутобиъат кунанд ва роҳи бадро низ ба онҳо нишон додааст, то ки аз Ӯ дурӣ биҷӯянд. |
| **القوي** **Ал авий** | Ӯ касе аст, ки қувату қудрати комил танҳо аз Ӯст ва танҳо Ӯст, ки дархосташ бо камоли хоҳишаш ба ҷо хоҳад омад. |
| **المتين** **Ал Матин** | Қуввату қудрати шадиде дорад дар корҳояш на машақат мебинаду на хастагӣ. |
| **القادر** **Ал Қодир** | Ӯ бар ҳама чиз қодир аст, чизе на дар замин ва на дар осмон Ӯро оҷиз гардонда наметавонад ва Ӯ муъайян кунандаи тақдири тамоми чиз аст. |
| **القدير** **Ал Қадир** | Ӯ ҳам ба маънои «Қодир» аст магар ин ки барои мадҳу санои Худованд балиғтар аст. |
| **المقتدر** **Ал Муқтадир** | Ӯ исмест, ки далолат бар бисёр қудратмандии Худованд мекунад, дар муъайян кардани сарнавиштҳо ва халқ кардани онҳо чигунае ки дар илми собиқай Худовандӣ омадааст. |
| **العلي** **Ал Алий** **الأعلى** **Ал Аъла** | Ӯ касе аст, ки зоташ аз ҳама болост ва инчунин қаҳраш ва шаънаш ва тамоми чиз зери қаҳру султони Ӯ қарор гирифта аст ва чизе ҳеҷгоҳ аз Ӯ боло нест. |
| **المتعال** **Ал Мутаъол** | Ӯ касе аст, ки дар назди баландмартабагияш тамоми чиз залил гаштааст ва аз Ӯ чизе болотар нест, балки тамоми чиз дар зери қудрати Ӯ қарор дорад. |
| **المقدم** **Ал Муқаддим** | Ӯ касест ки тақдим мекунад чизҳоро ва мегузорад онҳоро бо ҳикматаш дар ҷойҳои муносибашон чи гунае ки хоҳад ва баъзе халқашро бар баъзеашон бо илму фазлаш бартарӣ медиҳад. |
| **المؤخر** **Ал Муаххир** | Ӯ касе аст, ки ҳар чизро дар макони муносиби худаш нозил мекунад ва бо ҳикматаш тақдим мекунад чизеро ки хоҳад ва таъхир мекунад чизеро ки хоҳад, чуноне ки азобро батаъхир меандозад, то ки шояд бандагонаш тавба кунанд. |
| **المسعر** **Ал Мусаъир** | Ӯ касест ки зиёд мекунад қимати чизҳоро ва маконату таъсирашонро ё ин ки қимати онҳоро ноқис мегардонад сипас нархҳо ё баланд мешаванд ё ин ки паст мешаванд чигунае ки бо ҳикмату |

| | |
|---|---|
| | илмаш бихоҳад. |
| القابض<br>Ал Қобиз | Ӯ касе аст, ки ҷонҳоро қабз мекунад ва Ӯ касест ки ризкҳоро аз бандаҳо мувофиқи илму қудраташ манъ мекунад то ки онҳоро имтиҳоне бигирад. |
| الباسط<br>Ал Босит | Ӯ касест ки зиёд мегардонад ризқашро барои бандаҳояш аз хубиву раҳматаш ва онҳоро мубтало месозад бо он чи ки ҳикматаш тақозо мекунад ва дасташро дароз мекунад ба сӯи бандагони гунаҳкораш, то ки онҳоро бубахшад. |
| الأول<br>Ал Аввал | Ӯ касе аст, ки пеш аз Ӯ чизе набуд, балки тамоми махлуқотро Ӯ халқ кард, аммо худи Ӯ бошад пайдоишаш саршавӣ надошт. |
| الآخر<br>Ал Охир | Ӯ касе аст, ки баъди Ӯ чизе нест ва танҳо Ӯ аст, ки боқӣ мемонад ва ҳар касе, ки дар замин аст фонӣ хоҳанд шуд, сипас ба сӯи Ӯ хоҳанд баргашт ва вуҷуди Ӯ ниҳоят надорад. |
| الظاهر<br>Аз Зоҳир | Ӯ баландтарине ҳаст, ки аз ҳама болост ва чизе аз Ӯ болотар нест ва тамоми чиз дар зери қаҳри Ӯ қарор дорад ва Ӯ ҳамаи чизро дар бар гирифтааст. |
| الباطن<br>Ал Ботин | Ӯ қарибу дар бар гиранда аст ва дар хашми махлуқоташ дар ин дунё наменамояд. |
| الوتر<br>Ал Витр | Ӯ якка ва ягонаест ки бо худ шарике надорад ва ягонаест, ки монанде надорад. |
| السيد<br>Ас Саййид | Ӯ касе аст, ки сиёдати комилу пурра бар сари халқаш аз Ӯст ва Ӯ молику парвардигори онҳост ва онҳо махлуқоту бандагони Ӯ ҳастанд |
| الصمد<br>Ас Самад | Ӯ саййиде аст, ки сиёдаташ комил аст ва Ӯ касе аст, ки тамоми махлуқот ҳоҷатҳояшонро аз Ӯ талаб мекунанд ба хотири азаматаш ва муҳтоҷияшон ба сӯи Ӯ ва Ӯ касе аст, ки таъом медиҳаду худ ба таом эҳтиёҷ надорад. |
| الواحد<br>Ал Воҳид<br>الأحد<br>Ал Аҳад | Ӯ касе аст, ки дар тамоми камолиёташ ягона аст ва касе Ӯро дар ягонагияш шарик нест. Ва чизе ба Ӯ монанд нест ва ин ягона буданашро воҷиб мегардонад дар мустаҳиқии ибодат ва Ӯ шарике надорад |
| الإله<br>Ал Илоҳ | Фақат Ӯ ҳақ дорад ки ибодат шавад ва фақат Ӯ мӯстаҳиқи ибодат аст. |

**13. Тафовути номҳо ва сифоти Худованд дар чист?**

Номҳои Худованд ва сифоти Ӯ дар ду чиз бо ҳам муштарак ҳастанд, яке дар ҷоиз будани истиъоза (панох ҷӯстан) ба

онҳо ва дигар ҷавози савганд хӯрдан бад-онҳо. Аммо аз чанд ҷиҳат дорои тафовутҳое ҳастанд: Аввал ин ки изҳори убудият нисбат ба номҳо ҷоиз аст, мисли Абдулкарим, ҳамчунин мухотаб қарор додани асмоъи Ӯ дуруст мебошад, мисли гуфтани ё Карим, дар ҳоле ки ин ду амр дар бораи сифот сидқ намекунад ва наметавон масалан гуфт: ё Каррамаллоҳ ё номи касеро Абдулкарам гузошт. Дувум сифот аз исмҳо муштақ мешаванд ба унвони мисоли сифати «раҳмат» аз исми «Раҳмон» иштиқоқ ёфтааст, аммо акси ин амр ҷоиз намебошад. Тафовути севуми он ду ин аст, ки исмҳо аз афъоли Ӯ гирифта намешавад, мисол: аз афъоли Худованд ЭҒазабЭ аст ва мо наметавонем ки бигуем аз номҳои худованд ЭАл ҒозибЭ аст аммо сифатҳояш бошанд мумкин аст, ки аз афъолаш иштикок шаванд: мисли сифати ЭҒазабЭ мо ӯро барои Худованд исбот мекунем чунки ғазаб аз афъоли Худованд аст.

**14. Мафҳуми имон ба фариштагон чист?** Иборат аст аз имон ба вуҷуди онон ва ин ки фариштагон навъи хосе аз офаридаҳои Худованд ҳастанд, ки Худованд онҳоро барои ибодат кардану ба ҷо овардани амрҳояш халк кардааст. Қуръон дар мавриди онон чунин мефармояд: "***Балки бандагони гиромӣ ва мӯҳтараме ҳастанд, ки ба ҳеч ваҷҳ аз итоъату ибодат ва иҷрои фармон сарпечӣ намекунанд. Онон он қадар муаддаб ва фармонбардори Худованданд, ки ҳаргиз дар сухан гуфтан бар Ӯ пешӣ намегиранд ва танҳо ба фармони Ӯ кор мекунанд, на фармони каси дигаре***" **(Ал Анбиё: 27).**

**Имон ба фариштагон аз имон овардан ба чаҳор чиз аст, ки иборатанд аз: 1.** Имон ба вуҷуди онон **2.** Имон ба вуҷуди фариштагоне, ки аз тариқи Қуръон ва ҳадис исми ононро медонем, монанди Ҷибриил **3.** Имон ба хусусиёте, ки аз тариқи Қуръон ва ҳадис дар бораи онҳо ба мо расидааст, мисли азамат ва бузургии зоти онон **4.** Имон ба вазифаҳо ва корҳое, ки ҳар кадом аз фариштагон мукаллаф ба анҷоми он ҳастанд, монанди Малакулмавт.

**15. Қуръон чист?** Қуръон, сухани Худованд аст, ки аз ҷониби Ӯ нозил шуда ва ба сӯи Ӯ боз мегардад. Китобе, ки

Худованд худ ба ҳуруф ва асвоти он такаллум намуда ва Ҷибриил онро ба Муҳаммад расулуллоҳ иблоғ кардааст. Дигар китобҳое, ки Худованд онҳоро бар Паёмбарони худ нозил фармуда ба ҳамин наҳв каломуллоҳ будааст.

**16. Оё метавонем бидуни суннати Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) ба Қуръон мӯроҷиъат кунем?** На, зеро суннат муфассири Қуръон аст ва ҷузиёти дин ба мисли намозро фақат бо суннат метавон шинохт ва Худованд моро амр кардааст, ки ба суннат баргардем ва аз он истифода барем, чуноне ки дар ин оят омадааст: *ЭВа он чиро ки Расул барои шумо овардааст (шариъат) пас ӯро бигиред. (ба ӯ амал кунед)Э* (Алҳашр:7)

**Дар ҳамин робита Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) чунин фармудаанд:** *"Бидонед, ки ду чиз ба ман ато шудааст: Қуръон ва чизе ҳаммонанди он, ки ҳамроҳи он аст (суннати ман). Мебинам рӯзгоре фаро мерасад, ки дар он марди сер бар тахташ такя зада (озманду ҷоҳталаб) ва ба мардум мегӯяд: Танҳо ҳалоли Қуръонро ҳалол бишморед ва танҳо аз ҳароми он бипарҳезед".* (Аҳмад ва Абудовуд).

**17. Мафҳуми имон ба паёмбарон чист?** Мафҳуми он ин аст, ки боварии комил дошта бошем Худованд бар ҳар уммате паёмбаре аз худи он уммат барангехта, то ӯ он қавмро ба парастиш ва ибодати Худованд ва инкори ҳар он чи ғайри Ӯст, даъват кунад.

Бояд имон дошта бошем, ки ҳамаи паёмбарон рост гӯянд ва мавриди таъйиди Худованд бар роҳи рост ҳастанд, парҳезгору бузургвору некӯкоранд ва ҳидоятшудаву ҳидоятгаранд. Мебоист бар ин эътиқод дошта бошем, ки онон рисолати худро тамом ва комил ба қавми худ иблоғ кардаанд ва дар маъмурияти худ кӯтоҳӣ нанамудаанд. Имон ба он мусталзими ин аст, ки яқин дошта бошем, ки онон бартарин ва шарифтарин инсонҳо ҳастанд ва аз таваллуд то замони вафот аз ширк варзидан ба Худованд пок ва муназзаҳ будаанд.

**18. Анвоъи шафоат дар рӯзи қиёмат кадоманд? Аввал** шафоати узмо (бузург) аст, ки он хоси Паёмбари Ислом (саллаллоху алайҳи ва саллам) аст ва мавқеи он замонест, ки мардум дар рӯзи

қиёмат баъд аз панҷоҳ ҳазор сол, мунтазири судури ҳукми илоҳӣ дар бораи сарнавишташон мебошанд. Дар ин вақт аст, ки Паёмбари Ислом (саллаллоху алайҳи ва саллам) аз Худованд барои уммати худ талаби шафоат менамояд. Ин ҳамон мақоми маҳмудест, ки Худованд башорати онро ба Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) додааст.

**Дувум** шафоате аст, ки бо он аз Худованд хоста мешавад то дарҳои биҳишт ба рӯйи мӯъминон кушода шавад.
Аввалин касе, ки шафоати ин корро мекунад Паёмбари Ислом (саллаллоху алайҳи ва саллам) аст ва уммати ӯ аввалин уммате ҳастанд, ки ба биҳишт ворид мешаванд.

**Севум** шафоати яктопарастоне аст, ки маҳкум ба чашидани азоби дӯзах ҳастанд.

Онон шафоат мешаванд, то дучори он азоби ҳавлнок нагарданд. **Чаҳорум** шафоати яктопарастони саркаш ва гуноҳкороне, ки ба азоби ҷаҳаннам дучор шудаанд ва дар оташи он гирифтор омадаанд, онон низ шафоат мешаванд, то аз азоби дӯзах ба дар оянд. **Панҷум** шафоат барои иртиқои мартаба ва ҷойгоҳи аҳли биҳишт аст. **Шашум** шафоати мӯъминоне аст, ки аз Худованд хоста мешавад, то бидуни ҳисобу китоб вориди биҳишт шаванд. Аз ҳамин рӯ Худованд афроди бешумореро, ки танҳо Худ шумори ононро медонад, аз оташи дӯзах раҳонида ва вориди биҳишташон мекунад. **Ҳафтум** шафоате аст, ки аз Худованд хоста мешавад, то дар муҷозот ва азоби дӯзахиён тахфифе қоил шавад. Ин шафоат ҳам ҳаммонанди шафоати навъи аввал хоси Паёмбари Ислом (саллаллоху алайҳи ва саллам) аст, ки эшон онро барои коҳиши азоби амӯяшон Абӯтолиб аз Худованд хостор шуданд. Дар соири анвоъи шафоатҳо, дигар паёмбарон, авлиё, фариштагон ва шуҳадо низ дорои ҳаққи шафоат ҳастанд, аммо ҳаққи тақаддум ба Паёмбари Ислом (саллаллоху алайҳи ва саллам) тааллуқ дорад. **Ҳаштум** ин, ки Худованд бо раҳмату мағфираташ аз оташи дузах мардумеро, ки имон ба тавҳид доштанд локин гунаҳкор буданд, бидуни шафоъати касе берун мекунад ва дохили ҷаннат мекунад ва ҳисоби онҳоро ба ғайр аз Худованд касе намедонад.

**19. Оё кумак хостан ва истиъонат ва талаби шафоат аз зиндагон ҷоиз аст?** Бале, ҷоиз аст ва Худованд мардумро ба кӯмак кардан ба якдигар ташвиқ намуда ва фармудааст: *"Дар роҳи некӣ ва парҳезгорӣ ҳамдигарро ёрӣ ва пуштибонӣ намоед"* (Алмоида: 2).

**Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) ҳамчунин фармудаанд:** *"То замоне, ки бандае дар пай кумаки бандаи дигаре аст, Худованд низ дар пай кумаки Ӯст"* (Муслим).

Аммо шафоъат фазилати бисёр бузург дорад, ки маънояш ЭМиёнарави мебошадЭ, чуноне ки Худованд мефармояд: *Э Ва касе шафоъате бикунад, ки шафоъати нек бошад аз ин шафоъаташ барои ӯ насибе астЭ* (Ан Нисо: 85) **ин чунин Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд:** *"Ба якдигар шафоъат кунед, то подоши нек бибаред"*. (Бухорӣ).

**Ва ин масъала дар сурати фароҳам омадани чаҳор шарт дорад: 1.**Талаби кумак ё шафоъат аз зиндаҳо бошад чунки талаби шафоъат ё кумак аз мурда дуъо номида мешавад ва мурда дуъоро нахоҳад шунид. Худованд мефармояд. *Э Ва агар шумо онҳоро дуъо кунед онҳо шуморо нахоҳанд шунид ва агар бишунаванд бароятон ҷавобе нахоҳанд дод Э* (Фотир: 14)

Пас чигуна аз мурда талаб карда мешавад дар сурате ки худи он мурда эҳтиёҷ ба дуъои зиндаҳо дорад ва ҳангоме ки инсон аз дунё мегузарад амалҳояш катъ мегардад ва ба худ дигар фойдае расонида наметавонад магар он дуъоҳое ки зиндаҳо дар ҳақаш мекунанд савобаш ба ӯ хоҳад расид, чуноне ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: Вакте ки фарзанди Одам аз дунё мегузарад амалҳояшон катъ мегардад магар се чиз фойдааш ба онҳо мерасад, Аввал: Садақаи ҷория (садақае ки баъди мурдан боқи монад), Дувум: илме ки баъди мурдани соҳибаш аз ӯ истифода шавад, Севум: фарзанди солеҳе ки дар ҳакаш дуъо кунад. (Муслим). **2)** Мавриди дархост дар тавони фарди шафиъ бошад **3)** Дар мавриди умури дунявӣ шафоат хоста шавад. **4)** Фарди шафиъ ҳозир бошад **5)** Ибороти талаби шафоат чанд паҳлӯ ва мубҳам набуда ва комилан возеҳ бошанд. **6)** Шафоъат дар коре бошад, ки ҷойз бошаду зараре надошта бошад.

**Шафоате, ки ин шаш шартро дорост аз ачру подоши азиме бархӯрдор аст.**

**20. Анвои тавассул кадоманд?** Тавасул ду навъ аст. Навъи аввал ҷоиз аст ва иборат аст аз: **1.**Тавассул ба исмҳо ва сифоти Худованд. **2.** Бо анҷоми корҳои неке чун муҳаббати Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) ва пайравӣ аз суннати ӯ ба даргоҳи Худованд изҳори итоат ва хушӯъ намудан, мисли қисаи се нафаре, ки дар ғор буданд сипас бо тавассул ба амалҳои некашон наҷот ёфтанд. 3.Инсон аз бародари мусулмон, ки зинда ва ҳозир мебошад бихоҳад, ки ӯ барояш ба даргоҳи Худованд дуъо кунад.

**Навъи дуввуми тавассул, ки ботил ва ҳаром аст иборат аст аз: 1.**Ҷоҳ ва манзалаи паёмбарон ё авлиёро ба унвони воситаи истиҷобати дуъо қарор дода, мисли ин ки бигӯяд: Худовандо! Ба хотири ҷоҳ ва манзалати Паёмбарат ё ҷоҳ ва манзалати Ҳусейн аз ту мехоҳам, ки ин ҳоҷати манро бароварда созӣ…. Ҳар чанд ҷоҳ ва манзалати Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) ва солеҳон назди Худованд дорои арзиши бисёр аст, аммо ёрони он ҳазрат, ки нисбат ба дигар мардумон бештар ҷӯёи хайр ва некӣ буданд, он ҳангом, ки дучори хушксолӣ шуданд, бо вуҷуде, ки қабри Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар канорашон буд, ба ҷоҳу манзалати ӯ мутавасил нашуданд, балки мутавассил ба дуои Аббос (разияллоху анҳу ), амӯи Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) гардиданд.

**2.** Ин ки фард ҳангоми дуо Худовандро ба паёмбарон ва авлиё васила кунад. Масалан бигӯяд: Худоё ба хотири Паёмбарат ё ба хотири ҳаққонияти ӯ фалон чизро ба ман ато фармо. Ин навъ тавасул ҳаром аст, ин чунин банда ҳақ надорад бар болои Худованд магар ин ки ӯро тоату ибодат кунанд.

**21. Мафҳуми имон ба рӯзи қиёмат чист?** Имон доштан ба ин ки рӯзи қиёмат ба таври қатъӣ фаро мерасад.

Дар партави имон ба рӯзи қиёмат, имон ба марг вуҷуди азобу подош дар барзах, нафхаи сур, ҳузури инсонҳо дар рӯзи қиёмат дар баробари Парвардигорашон, дафтари аъмол, мизон ва тарозуи аъмол, сирот, ҳавз шафоат ва сипас рафтан ба сӯйи биҳишт ва ё ба сӯйи дӯзах ҳосил мешавад.

**22. Аломатҳои фаро расидани рӯзи қиёмат кадоманд?**

**Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар ин хусус фармудаанд:** *"Рӯзи қиёмат фаро намерасад, магар ин ки даҳ нишона ва ҳодисаро бубинед: Духону дуд, Даҷҷол, добба, тулуъи хуршед аз мағриб, зуҳури Исо ибни Марям (алайҳис салом), Яъҷуҷу Маъҷуҷ, рух додани се хусуф (моҳгирифтанӣ), ки яке дар машриқ дигаре дар мағриб ва охирӣ дар Ҷазираи араб иттифоқ меафтад ва охирин пешомад оташе аст, ки аз Яман шӯълавар шуда ва мардумро ба сӯйи саҳрои маҳшар суқ медиҳанд"*. (Муслим).

**23. Бузургтарин фитнае, ки мардум дучори он мешаванд кадом аст?** **Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар ин робита фармудаанд:** *"Аз хилқати Одам то фаро расидани рӯзи қиёмат ҳеч фитнае бузургтар аз фитнаи Даҷҷол нест"*. (Муслим). Даҷҷол марде аст, ки дар охири замон зуҳур мекунад. Бар пешонии ӯ се ҳарф **яъне, "куфр" навишта шудааст** (ك ف ر) шудааст ва ҳар мӯъмине метавонад он ҳарфҳоро бубинад. Чашми рости ӯ кӯр аст ва чашми дигараш аз ҳадқа баромада мебошад. Ӯ нахуст, ки назди мардум меояд ва ононро ба пайравӣ аз худ фаро мехонад, бо имтиноъи онон рӯ ба рӯ мешаванд. Аммо бо бурдани ҳамаи амвол ва сарвати онон мардумро пайрав ва дунболарави хеш мегардонад. Ӯ бо қудрати худ аз Осмон борон фурӯд меоварад ва аз Замин гиёҳ мерӯёнад. Ӯро обу оташ аст, ки бар хилофи зоҳирашон оташи ӯ обе аст сард ва обаш оташе аст сӯзон. Даҷҷол нахуст иддаои ислоҳот мекунад, сипас худро паёмбар мехонад ва охиран сирри иддаои худоӣ менамояд. Ӯ чиҳил рӯз бар Замин мемонад, як рӯзи он монанди як сол, рӯзи дувум монанди як моҳ, рӯзи севум монанди як ҳафта ва бақияи рӯзҳо монанди соири рӯзҳои сол.

Барои ҳар як муъмин лозим аст ки аз Даҷҷол пушти ҳар як намозаш ба Худованд паноҳ биҷуяд, ва агар ба ӯ рӯбарӯ шуд бар ӯ фавотиҳи сураи Каҳфро бихонад, ва кушиш кунад ки ба ӯ рӯбарӯ нашавад, то ки дар фитнааш гирифтор нашавад, Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) **мефармояд:** *Ҳар ки аз Даҷҷол шунид кушиш кунад бо ӯ рӯбарӯ нашавад, ба Худо қасам, ки вақте ба назди марде меояд он мард фикр мекунад, ки ӯ*

*мӯъмини ҳақ аст ва дар шаку шубҳаҳои ӯ ғутида ӯро пайравӣ мекунад.*

Ва ҷуз Макка ва Мадина ба ҳама гӯша ва канори замин меравад, то ин ки Исо ибни Марям (алайҳиссалом) зуҳур мекунад ва ӯро ба ҳалокат мерасонад

**24. Оё биҳишт ва дӯзах вуҷуд доранд?** Худованд он дуро қабл аз офариниши инсонҳо падид оварда ва ҳаргиз аз байн намераванд. Худованд бар асоси фазл ва карами худ мардумонеро ба биҳишт мефиристад ва дӯзахро бар асоси адли хеш насиби дӯзахиён мекунад.

**25. Мафҳуми имон ба қазо ва қадар чист?** Эътиқоди росих ба ин ки тамоми хайр ва шарре, ки насиби инсон мешавад, бар асоси қазову қадар ва хосту ҳикмати Худованд мебошад.

**Паёмбари акрам (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар ин бора чунин фармудаанд:** “*Агар Худованд аҳли осмонҳо ва Заминро азоб диҳад, дар ин ҳол азоб додани онҳо дар ҳақи Худо, зулм бар онон башумор намеояд ва агар бар онон раҳм намояд, раҳм ва лутфи Ӯ бар эшон аз тамоми корҳои нек беҳтар аст. Бидон, агар ба андозаи кӯҳи Уҳуд тилло инфоқ намоӣ, то замоне, ки ба қазо ва қадари илоҳӣ имон надошта бошӣ, Худованд онро аз ту намепазирад. Ҳар он чи ба фармони илоҳӣ ба ту мерасад, аз рӯйи хато ва ҳодиса набуда ва ҳар он чи насиби ту намешавад, бар асоси тақдири Худованд ва хости Ӯ ба ту нарасидааст ва агар бидуни эътиқод ба қазо ва қадар аз дунё биравӣ, дар оташи дӯзах хоҳӣ афтод.*” **(Аҳмад ва Абудовуд).**

**Имон ба қазову қадар чаҳор чизро дарбар мегирад:**

**1.** Имон ба ин асл, ки Худованд куллиёт ва ҷузъиёти ҳамаи чизро медонад. **2.** Ҳар он чи пеш меояд, дар азал дар Лавҳи маҳфуз нигошта ва сабт шудааст.

**Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар ин замина фармудаанд:** “*Худованд панҷоҳ ҳазор сол қабл аз офариниши осмонҳо ва Замин қазову қадари махлуқоташро таъйин ва сабт кардааст*”. **(Муслим).**

**3.** Ҳеҷ чиз наметавонад хосту машияти Худовандро тағйир диҳад ва ҳеҷ нерӯеро тавони муқобила бо қудрати Ӯ нест. Ҳар он чи хоҳад, анҷом медиҳад ва ҳар он чиро нахоҳад,

амалӣ намепазирад.
4. Имон ба ин ки Худованд ҳама чизро халқ намуда ва ҳар он чи ғайри Ӯст, офаридаи он зоти бузург аст.

**26. Оё мо дар умури дин ва дунёамон соҳибихтиёр ва озод ҳастем ё асир ва дар банди ҷабр?** Инсон дар зиндагиаш соҳиби хост ва ихтиёр мебошад, аммо ин хост ва майл аз чорчӯби хости Худованд хориҷ нест. **Худованд дар ин бора мефармояд:** *"Ва ҳол ин ки наметавонед бихоҳед ҷуз чизҳоеро, киХудованди ҷаҳониён бихоҳад"* **(Таквир: 29).**

**Ҳамчунин Паёмбари Ислом (саллаллоху алайҳи ва саллам) чунин фармудаанд:** *"Ба умури дунё ва охирататон бипардозед, аммо бидонед ҳар он чи барои шумо муқаддар бошад насибатон мегардад"* **(Муттафақун алайҳ).**

Худованд ба мо ақл, гӯш ва чашм ато фармуда то хубу бадро аз ҳам ҷудо кунем. Оё инсони оқиле вуҷуд дорад, ки даст ба дузди бизанад ва баъд ба унвони узр ва баҳона ин кори нописанди худро тақдири илоҳӣ бидонад? Бидуни тардид мардум ин узру баҳонаро напазируфта ва ӯро муҷозот мекунанд ва дар ҷавоби ӯ хоҳанд гуфт, ин маҷозотро низ Худованд барои ту муқаддар фармудааст. Бинобар ин қазову қадарро наметавон узр ва баҳонаи корҳои худ қарор дод ва дар ин сурат муртакиби дурӯғ шуд. **Қуръон дар ҳамин робита мефармояд:** *"Мушрикон хоҳанд гуфт: агар Худо мехост мо ва падарони мо мушрик намешудем ва чизеро таҳрим намекардем. Касоне, ки пеш аз онон будаанд низ ҳамин гуна таксиб менамуданд"* **(Анъом: 148).**

**27. Эҳсон чист? Паёмбари Ислом (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар ҷавоби ин суол чунин фармудаанд:** *"Эҳсон ин аст, ки чунон аз Худованд битарсӣ ва ӯро ибодат кунӣ ки гӯё Ӯро мебинӣ ва агар чунин эҳсос надорӣ чунон бовар дошта бошӣ, ки Худованд туро мебинад ва нозир ва мӯроқиби туст"* **(Мутафақун алайҳ).**

**Эҳсон болотарин маротиби сегонаи дин аст, ки ҳар мусулмоне метавонад ба он бирасад.**

**28. Ақсоми тавҳид кадоманд? 1.** *Тавҳид дар рабубият* ва он ин аст, ки корҳое чун офариниш, рӯзӣ расондан ва ғайраро танҳо дар тавон ва қудрати Худованд бидонем.

Лозим ба зикр аст, ки қабл аз биъсати Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) куффор ва мушрикон ба ин навъ тавҳид эътиқод доштанд.

**2. *Тавҳид дар улуҳийят*** ва иборат аст аз ин ки корҳое чун намоз, назр ва ғайраро, ки бандагон барои тақарруб ба даргоҳи илоҳӣ анҷом медиҳанд, танҳо барои Худованд анҷом диҳем. Паёмбарон ва китобҳои онон ба хотири исботи ҳамин тавҳид дар миёни инсонҳо фиристода шуданд.

**3. *Тавҳид дар номҳо ва сифоти*** *Худованд* ва он иборат аст аз ин ки танҳо асмои ҳусно ва сифоти улёе, ки Худованд ва Паёмбараш (саллаллоху алайҳи ва саллам) онро баён ва эълон намудаанд барои Худованд зикр кунем ва аз ҳар навъ таҳриф (тағйир дар маъно ва мафҳум), такйиф (пардохтан ба баёни кайфият ва миқдор), таътил (муъаттал кардани асмоъ ва сифоти Худо бидуни ҳеч мафҳум ва маънӣ) ва тамсил (мӯътақид будан ба мислу монандӣ дар асмоъ ва сифоти Худо ба асмоъ ва сифоти махлуқин) барои онҳо парҳез намуд.

**29. Валӣ кист?** Ӯ мӯъминест некӯкор ва парҳезгор ҳамчуноне ки Қуръон мефармояд: ***"Ҳон! Бегумон дӯстони Худованд (субҳон) тарсе бар онон (аз хорӣ дар дунё ва азоб дар охират) нест ва (бар аз даст рафтани дунё) ғамгин намегарданд (чаро, ки дар пешгоҳи Худо чизе бар онон муҳайё аст, ки басе волотар ва беҳтар аз матоҳои дунё аст) тақво пеша карданд"*** **(Юнус: 62 то 63).**

**Ҳамчунин Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар мавриди ӯ фармудаанд: *"Валӣ ва дӯсти ман фақат Худо ва мӯъминони пок ва некӯкор ҳастанд"*. (Бухорӣ ва Муслим).**

**30. Чӣ вазифае нисбат ба саҳоба бар души мост?** Ононро бояд дӯст бидорем, барояшон дуо кунем, қалб ва забони худро аз ҳар навъ иҳонат ба онон пок нигаҳ дорем, ба баён ва бозгӯ кардани фазоил ва хубиҳои онон бипардозем. Аз иштибоҳоти онон сарфи назар карда ва аз ғӯтавар шудан дар илали ихтилофоташон бипарҳезем.

Зеро ки онон маъсум аз гуноҳ ва иштибоҳ набудаанд, аммо бояд донист, ки онон ба дараҷаи иҷтиҳод расида буданд ва муҷтаҳид агар иҷтиҳодаш дуруст бошад, ба аҷри музоъаф ва дучандон мерасад ва дар ғайри он сурат, танҳо

подоши ичтиҳодашро дарёфт мекунад. Иштибоҳоти онон дар баробари он ҳама фазоил ва талошҳои фаровонашон барои Ислом ба сони лаккае начосат аст дар дарёе азиму жарф оё ин лакка метавонад он дарёро олуда кунад?! Ва баъзеи онҳо аз баъзеашон бартарӣ доранд. Беҳтарини онҳо ин даҳ нафар мебошанд: Абубакр сипас Умар сипас Усмон сипас Али сипас Талҳа ва Зубайр ва Абдураҳмон ибни Авф ва Саъд ибни Абуваққос ва Саъид ибни Зайд ва Абуъубайда ибни Чарроҳ сипас оммаи Муҳочирин сипас касоне ки аз Муҳочирин ва Ансор дар чанги Бадр иштирок карда буданд, сипас боқимондаи Ансор сипас тамоми саҳобаҳо.

**Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар мавриди шаъни саҳобаҳои худ чунин мефармояд:** ***"Ёрони маро дашном надиҳед. Ба Худованд савганд агар ҳар кадоми аз шумо ба андозаи кӯҳи Уҳуд тилло инфоқ кунад, наметавонад ҳатто ба ниме аз мартаба ва манзалати онон даст ёбад".*** **(Бухорӣ ва Муслим).**

**31. Оё метавон дар мадҳ, шаън ва манзалати Паёмбар ( саллаллоху алайҳи ва саллам) муболиға кард?** Бидуни шак, Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) ашрафи махлуқот ва беҳтарини онон аст.

Аммо набояд ба монанди масеҳиён, ки дар мавриди Исо ибни Марям (алайҳиссалом)роҳи муболиғаро паймудаанд, мо низ дар мадҳи Паёмбари Ислом (саллаллоху алайҳи ва саллам) роҳи иғроқ ва ғулувро дар пеш гирем.

**Худи Расул (саллаллоху алайҳи ва саллам) низ моро аз ин кор манъ намуда, фармудаанд:** ***"Маро он тавр, ки масеҳиён писари Марямро мадҳи беандоза кардаанд, ситоиш накунед. Ман фақат бандаи Ӯям, пас (дар ҳақи ман) фақат бигӯед: Муҳаммад бандаи Худо ва паёмбари Ӯст".*** **(Бухорӣ).**

**32. Оё аҳли китоб мӯъмин ҳастанд?** Ҳама яҳудиён ва масиҳиён ва пайравони адёни дигар кофиранд ҳарчанд, ки ба дине муътақид бошанд, ки асл ва решаи он дуруст аст, зеро ҳар кас баъд аз биъсати Паёмбари Ислом (саллаллоху алайҳи ва саллам) ба дини ӯ нагаравад, бар тибқи Қуръон, аъмоли ӯ пазируфта нашуда ва дар рӯзи охират дар оташи дӯзах дарафканда мешаванд: ***"Касе, ки ғайр аз (ойин ва шариъати) Ислом,ойине баргузинад аз ӯ пазируфта намешавад ва ӯ***

*дар охират аз зумраи зиёнкорон хоҳад буд"* (Оли Имрон:85).

Ва агар мусулмоне ба кофир будани онон мўътақид набошад ва ё ба ботил будани диншон шак дошта бошад, худи ў низ кофир шудааст.

**Қуръон мефармояд: "*Ҳар кас аз гурўҳҳо ба Қуръон имон наёварад миъодгоҳи ў оташ аст*".**

**Ҳамчунин Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар бораи кофир будани аҳли китоб чунин фармудаанд: "*Савганд ба Худованде, ки ҷони ман ба дасти Ўст, ҳар яҳудӣ ва масеҳие, ки паёми рисолати ман ба ў мерасад, бад он имон наёварад, дучори оташи ҷаҳаннам хоҳад шуд*".** (Муслим).

**33. Оё зулму ситам ба куффор равост? Адолат амрест воҷиб Худованд мефармояд: *ЭХудованд шуморо ба адолату эҳсон амр мекунад Э* (Ан Наҳл: 90) ва Зулму ситам ҳаром аст. Дар як ҳадиси қудсӣ Худованд фармудааст: "*Ман зулму ситам карданро бар худ ҳаром кардаам ва онро низ бар шумо ҳаром гардонидам, пас ба якдигар ситам раво мадоред*"** (Муслим).

**Ва мазлум рузи қиёмат золимашро ба қазоват мекашад, Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: *Оё медонед муфлис кист?*** Гуфтанд муфлис миёни мо касе аст, ки на мол дошта бошаду на дорои, **сипас Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) фармуд: "*муфлисони уммати ман касоне ҳастанд, ки рузи қиёмат меоянд бо намозу руза ва закот лекин касеро дар дунё дашном додаанд ва касеро туҳмат кардаанд ва моли касеро хўрдаанд ва хуни касеро резондаанд ва касеро зарбу лат кардаанд, сипас аз ҳасаноташон мегиранду ба онҳо миқдори мазлумияташон додан мегиранд ва вақте ки ҳасаноташон халос шуду зулмҳои кардагияшонро дар дунё напўшонд аз хатоҳову гуноҳҳои зулмшудагон гирифта бар сари ин золим мезананд сипас ўро гирифта ба оташи дузах хоҳанд партофт*".** (Муслим)

**Балки қасос миёни ҳайвонот низ барпо хоҳад шуд.**

**34. Бидъат чист?** Ибни Раҷаб (раҳматуллоҳи алайҳ ) дар мавриди бидъат чунин гуфта: «Бидъат он чизи ҷадид ва наве аст, кидар дин падид меояд ва ҳеч асл ва решае дар дин надорад. Агар ин

амри ҷадид дар дин реша ва собиқа дошта бошад дигар бидъат нест, агарчи ин ки дар зоҳир онро бидъат номанд.

**35. Оё дар дин бидъати ҳасана ва бидъати саййиа вуҷуд дорад?** Оёт ва аҳодиси мутаъаддиде дар мазаммати бидъат ба мафҳуми шаръӣ он вуҷуд дорад, ҳамон тавре ки баён шуд бидъат аз назари шаръӣ он амри ҷадидест, ки бидуни доштани реша ва собиқае дар дин падид меояд.

**Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар радди бидъат чунин фармудаанд:** *"Ҳар кас (дар ҳайтаи дин) коре анҷом диҳад, ки на дар Қуръон аст ва на дар суннати ман, он кор бидъат ва ғайри қобили қабул аст"*. **(Бухорӣ ва Муслим).**

**Ҳамчунин Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар ҷойи дигар фармудаанд:** *"Ҳар амри ҷадиде (ки дар дин падидояд) бидъат аст ва ҳамаи бидъатҳо боиси гумроҳӣ ва залолат мебошанд"*. **(Муслим).**

Имом Молик (раҳматуллоҳи алайҳ ) дар радди бидъат мефармояд: «Ҳар кас дар Ислом амри ҷадидеро падид оварад ва ба занни хеш онро хуб пиндорад,Муҳаммад (саллаллоху алайҳи ва саллам) ҷро дар иблоғи тамом ва камоли рисолаташ хоин пиндоштааст,зеро Қуръон дар ин хусус мефармояд: *"Имрӯз дини шуморо бароятон комил кардам ва неъмати худро бар шумо такмил намудам"* **(Алмоида:3).**

Аҳодисе ҳам дар мавриди бидъат дар маънои луғавии он омадааст.

Ин навъ бидъат дарвоқеъ ҷузъи дин буда,аммо ба мурури замон ба дасти фаромӯшӣ супурда шудааст ва Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мардумро ба эҳёи муҷаддади он ташвиқ намудаанд. **Чуноне ки дар ҳадиси зайл ин мафҳум аз бидъат истинбот мешавад:** *"Ҳар кас дар Ислом равиши некӯ бунён гузорад,ӯро подоши хос аст ва дар подоши ҳар он кас, кибадқон равиш амал намояд низ шарик аст бидуни он ки аз миқдори ин подош коста шавад"*. **(Муслим).**

Сухани сайидино Умар (разияллоҳу анҳу ) ҳам, кидар мавриди намози таровеҳ фармуданд: *Ин кор аҷиб бидъати некӯе аст*! Ба ҳамин маъност,зеро намози таровеҳ дар дин вуҷуд дошта ва Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мардумро ба барпо доштани он

ташвиқ мефармуд ва худи эшон ҳам се шаб онро иқома фармудаанд,вале ба хотири тарс бар мусулмонон аз ин ки ин намоз бар онон фарз шавад,онро тарк намуданд ва сайидино Умар (разияллоху анҳу) баъд онро бори дигар эҳё намуда ва мардумро ба иқомаи он ба сурати ҷамоъат фаро хонд.

**36. Анвоъ ва ақсоми нифоқ чанд аст? Нифоқ бар ду навъ аст: 1. Нифоқи эътиқодӣ ё нифоқи акбар.** Он нифоқе аст, ки соҳиби он ҳарчанд ба забон имон оварад, аммо дар дарун кофир мебошад. Ӯ аз уммати Ислом хориҷ аст ва он гоҳ, ки бимирад, чун кофире рафтааст.

**Қуръон дар мавриди ин афрод мефармояд:** ***"Бегумон мунофиқон дар аъмоқи дӯзах ва дар пойинтарин макони он ҳастанд"*** **(Ан Нисо: 145).**

**Аз сифоти ин қабил афрод метавон мавориди зайлро баён кард:** (ба хаёли худ) Худо ва мӯъминонро фиреб медиҳанд, мӯъминонро истеҳзо мекунанд, дур аз чашми мӯъминон муҳаррамотро нодида мегиранд, куффорро бар зидди мусулмонон ёрӣ медиҳанд, аз анҷоми корҳои нек танҳо манофеъи моддӣ ва дунявиро меҷӯянд.

**2. Нифоқи амалӣ ё нифоқи асғар аст.** Дар ин навъ нифоқ соҳиби он аз Ислом хориҷ намешавад, аммо соҳиби он дар сурате, ки тавба накунад, мумкин аст дучори нифоқи акбар гардад. Аз сифоти ин қабил афрод мавориди зерро метавон баршумурд: Ҳар гоҳ сухан гӯянд, дар каломашон дурӯғ вуҷуд дорад, он гоҳ ки қавле медиҳанд, ба он вафо накунанд, дар ҳангоми даъво ва мухосима ифрот карда ва дучори гуноҳ мешаванд, ҳар гоҳ паймоне банданд, дар он хиёнат варзанд ва чун ба ӯ итминон шавад ва амонате ба ӯ вогузор гардад, дар он хиёнат кунад. Бинобар ин бар ҳар фарди мусулмон воҷиб аст, ки мӯроқӣ, бошад, то бад он сифоти нописанд олуда нашавад ва худро муҳосаба намояд, барои ҳамин саҳобаҳои Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) аз нифоқи амалӣ бисёр метарсиданд. Ибни Абумулкия мегуяд: зиёда аз си саҳобаи Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) ро дидам, ҳамаи онҳо аз нафсҳояшон метарсиданд, ки гирифтори нифоқ шаванд, ва Иброҳими Таймӣ мегуяд: пеш каш накардам суханамро бар амалам

магар ин ки тарсидам ки дучори амали дуруғ нашуда бошам ва Ҳасани Басрӣ мегӯяд: аз нифоқ фақат муъмин метарсад ва аз ӯ фақат мунофиқ бепарво аст. Ҳазрати Умар (разияллоху анҳу ) аз Ҳузайфа соҳиби сирри Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) пурсид: тӯро ба Худо қасам медиҳам бигӯ ки оё манро Паёмбар аз ҷумлаи мунофиқон номбар накард, Ҳузайфа гуфт на ва ман баъд аз ту каси дигареро тазкия намедиҳам.

**37. Бузургтарин гуноҳон назди Худованд кадом аст?** Ширк нисбат ба Худованди бузург ва баландмартаба, чуноне ки Ӯ мефармояд: Э*Бе шубҳа ширк зулми азимест*Э. **Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар ҷавоби суол, ки бузургтарин гуноҳ кадом аст, фармуд:** ***"Он аст, ки барои Худованд ҳамто ва монанде мутасаввир шавӣ, ҳол он ки танҳо Ӯ тӯро офаридааст"*****.** (Бухорӣ ва Муслим).

**38. Анвои ширк кадом аст? Аввал** *ширки акбар* он ин аст, ки фардро аз Ислом хориҷ мекунад. Худованд соҳибони ин навъ ширкро ҳаргиз намебахшад, зеро дар Қуръон чунин омадааст: ***"Бегумон Худованд ширки ба худро намебахшад, вале гуноҳони ҷуз онро аз ҳар кас, ки худ бихоҳад мебахшад"*** (Ан Нисо: 48 то 116)**.**

**Ин навъ ширк худ анвоъ ва ақсоми мутаъаддиде дорад, ки иборатанд аз: 1.** Ширк дар дуо ва дархост. **2.**Ширк дар нияту қасд. **3.** Ширк дар итоат ва он ин аст, ки аз уламое итоат шавад, ки ҳалолро ҳаром ва ҳаромро ҳалол мекунанд. **4.** Ширк дар ҳуббу ишқ, мисли ин ки фардеро ҳамон тавр, ки Худоро бояд дӯст дошт, дӯст бидорем.

**Дувум *ширки асғар аст.*** Дар ин навъ ширк соҳиби он аз ислом хориҷ намешавад. Ин намуд ширк бар ду навъ аст **1)Зоҳири:** Агарчи бо қавл бошад, мисли касам хӯрдан ба ғайри Худованд, ё ин ки бигуяд: Агар фалонӣ бихоҳад ва Худованд, ё ин ки бигуяд: агар фалонӣ намешуду Худованд. Ё ин ки мутаъалиқ ба феълҳо бошад мисли ҳалқа ё риштаеро дар гардан ё даст кашол кунад ба хотири рафъи бало, ё ин ки тумор кашол кардан ба хотири гирифтори чашм нашудан ва ғайраҳо. **2) Ширки хафия ва пинҳон, мисли:** риёи маҳдуд ва он чи ки ба нияту мақсад вобастагӣ дорад ва ғайраҳо.

**39. фарқи ширки акбар ва ширки асғар дар чист? 1.** Ширки акбар боиси хуруҷи соҳиби он аз доираи Ислом, ҷовидон будани ӯ дар оташи дӯзах ва маҳрумият аз биҳишт мешавад. Бар хилофи ширки асғар, ки соҳиби он аз доираи Ислом хориҷ намешавад ва дар оташи дӯзах ҷовидон нахоҳад буд.
**2.** Ширки акбар тамоми корҳои неки соҳиби худро ботил мекунад, аммо ширки асғар танҳо корҳоеро, ки дар робита бо он аст, зоил мекунад.
Ҳоло ин ҷо як суол матраҳ мешавад, ки ҷавоби он мавриди ихтилофи уламост ва он ин аст, ки оё ширки асғар низ монанди ширки акбар мавриди афв ва бахшоиш қарор намегирад ё ин ки он низ монанди гуноҳони кабира тааллуқ ба хост ва раҳмати Худованд аст? Дар ҳар сурат ширки асғар амрест бисёр ва бояд аз он комилан парҳез кард.
**40. Оё барои риё ва тазвир монеъ ва сипаре вуҷуд дорад? Дар сурати иртикоби онҳо каффораи онҳо чист?** Барои мамониъат аз ибтило ба бемории риё мебоист танҳо ризои Худовандро madди назар дошт. Дар баробари риёҳои кам ва маҳдуд метавон бо дуо ба даргоҳи Худованд худро аз он ҳифз намуд. **Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) фармуданд: "*Ай мардум аз ширк бипарҳезед, ки он аз ҳаракати мӯрчагон низ пинҳонтар ва бе сару садотар аст?*" Эшон фармуданд: "*Бигӯед Худоё аз ин ки чизеро огоҳона шарик қарор диҳем ба Ту паноҳ мебарем ва аз ин ки чизеро ноогоҳона шарики Ту бигардонем аз Ту талаби афв ва бахшоиш дорем*".** (Аҳмад).

**Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар мавриди каффораи савганд ба ғайри Худо фармуданд: "*Ҳар кас ба Лот ва Уззо савганд хӯрд бигӯяд: Ло илоҳа иллаллоҳ*".** (Бухорӣ ва Муслим).

**Ҳамчунин эшон дар бораи фоли бад задан ва бад-он донистан фармудаанд: "*Ҳар кас ба хотири фоли бад задан ва бад-он донистан аз коре, ки қасди анҷомашро дошта имтиноъ намояд, ширк варзидааст*". Ёшон пурсиданд: дар ин сурат каффораи ин кор чист? Эшон фармуданд: "*Бигӯед: Худоё! Танҳо Ту сабаби хайр ва баракат ва танҳо Ту метавонӣ бало ва мусибатеро бар мо нозил фармоӣ, ғайри Ту ҳеҷ Худои дигаре вуҷуд надорад*".** (Аҳмад).

**41. Анвои куфр кадом аст? 1.** Куфри акбар, ки фардро аз доираи Ислом хориҷ мекунад ва иборат аст аз таксзиби Ислом, шак намудан дар ҳақонияти Ислом ва такаббуру саркашӣ аз фармудаҳои Худо, агарчанде шахс худро мўътақид ба Ислом пиндорад. **2.** Куфри асғар, ки ба он куфрони неъмат ҳам гуфта мешавад ва бо анҷом додани гуноҳон ҳосил мегардад, ҳарчанд, ки фардро аз Ислом хориҷ намекунад. Мисоли ин навъ куфр ба қатл расондани як фарди мусулмон аст.

**42. Ҳукми назр чист? Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мардумро аз назр кардан барҳазар дошта ва фармудаанд: “*Назр ҳеч хайр ва баракатеро насиби инсон намекунад*”. (Муслим).**

Лозим ба зикр аст, ки дар ин ҷо манзур аз назр, назр барои Худованд мебошад, зеро назре, ки барои ғайри Худост ҳаром мебошад ва адои он низ ҷоиз нест.

**43. Ҳукми ба назди фолбин ва коҳин рафтан чист?** Ин кор ҳаром аст. Агар касе мўътақид ба кори онон набошад бо вуҷуди ин барои касби манфиъате назди онон биравад, то чиҳил рўз намозаш қабули даргоҳи Худованд воқеъ намешавад. **Дар ҳадис омада: “*Ҳар кас назди фолбине биравад ва дар мавриди чизе аз ў суол кунад, чиҳил шаб намозаш қабул намешавад*”. (Муслим).**

**Агар фарде назди фолбине ё коҳине равад ва ба кори ў бовар дошта бошад, ў кофир шудааст: “*Ҳар кас назди фолбин ё коҳине равад ва ба ў бовар дошта бошад, ба Қуръоне, ки бар Муҳаммад нозил шуда, кофир гашта аст*”. (Абўдовуд).**

**44. Истисқо ва талаби борон кардан аз тариқи ситорагон чӣ вақт ширки акбар аст ва чӣ вақт ширки асғар?** Ҳар кас бовардошта бошад, ки ситорагон бидуни хост ва иродаи Худованд бар бориши борон таъсиргузор ҳастанд, дучори ширки акбар шудааст. Аммо агар фарде мўътақид бошад, ки ситорагон бар асоси дархост ва иродаи Худованд дар бориши борон таъсир мегузоранд ва ба иборати дигар Худованд чунон муқаддар фармудааст, ки масалан бо зуҳури фалон ситорагон борон меборад, ин фард дучори ширки асғар аст, зеро ин фард бидуни ҳеч далели шаръӣ ё ақлӣ ситорагонро сабаби пайдоиши борон пиндоштааст. Аммо истидлол кардан ба ин

ки фаслҳои сол ва вақтҳое, ки бориши борон дар онҳо ҷараён ва бо ҳаракоти ситорагон робита дорад, ҷоиз аст.

**45. Вазифаи мардум нисбат ба валиюламр ва ҳокими худ чист?** Дар ҳар шароите бояд мутиъи онон буд ва аз ҳар навъ қиём ва шӯриш бар зидди онон иҷтиноб кард, ҳарчанд ки муртакиби зулм ва ҷурме шаванд. Мебоист аз Худо ҳидоят ва саломати ононро бихоҳем ва аз лаъну нафрини онон парҳез намоем. Итоати онон то замоне, ки мардумро ба маъсияту гуноҳ амр накардаанд, ҷузъе аз итоати Худованд аст.

**Ва агар ба маъсият амр кунанд пас воҷиб аст ки онҳо итоат нашаванд, Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд:** ***Гуш медиҳӣ ва итоат мекунӣ амиратро агар чи дар пуштат бизанад ва молатро бигирад, бояд ӯро гӯш кунӣ ва аз ӯ итоат кунӣ*.** **(Муслим)**

**46. Оё дар мавриди ҳикмати Худованд аз вазъи авомир ва маноҳият пурсидан дуруст аст ё на?** Ҷоиз аст ба ин шарт, ки амал кардан ба он дастӯрот то фаҳмидани ҳикмати онҳо маҳз барои мушкилтарошӣ набошад, балки ин шинохт ва фаҳм фақат ба ин хотир бояд бошад, ки субот ва яқини фарди мӯъминро афзоиш бахшад. Бояд донист, ки таслими маҳз будан ва адами парастиш аз ҳикмати ин дастӯроти худ баёнгари камол ва авҷи итоат ва убудият нисбат ба Худованд ва ҳикматҳои волои Ӯст, ҳамон тавр ки саҳобагони бузургвор (разияллоҳу анҳум) инчунин буданд.

**47. Манзур аз ояи *«Мо асобака ин ҳасанатин фа миналлоҳи ва мо асобака мин саййиатин фа мин-нафсик»* (Ан Нисо 79) (он чи аз хайр ва хубӣ ба ту мерасад аз Худост ва он чи бало ва бадӣ ба ту мерасад аз худи туст) чист?** Дар ин оят манзур аз ҳасана неъмат аст ва мақсуд аз саййиа бало ва мусибат, ки ҳардуи онҳо аз азал барои ҳар инсоне муқаддар шудааст. Дар ин оят бахшиши ҳасанот ва хубиҳо ба Худованд нисбат дода шудааст, зеро танҳо Ӯст, ки онҳоро ба инсон ато мефармояд. Дар муқобили хубиҳо, масоиб ва мушкилот ҳастанд, ки Худованд бар асоси ҳикмати худ инсонҳоро ба онҳо мубтало мекунад. Худованд ҳеч вақт муртакиби бадие намешавад ва ҳар коре, ки анҷом медиҳад, хубӣ ва неъмат аст. Дар воқеъ, ин балоҳо чун бар

асоси ҳикмат ҳастанд, худ эҳсоне аст аз ҷониби Худованд ба инсон. **Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармоянд:** ***"Худоё, ҳамаи хубиҳо аз тарафи Ту ва дар дасти Туст ва Ту аз ҳар навъ шар ва бадӣ мубарро ҳастӣ".*** **(Муслим).**

Бояд донист, ки афъол ва корҳои мардумон ҳама офаридаи Худоянд ва дарвоқеъ, инсонҳо ҳангоми анҷоми онҳо, онҳоро касб мекунанд. **Худованд мефармояд:** ***"Ва аммо касе ки садақа карду такво кард. Ва садақаашро бо неки дод. Пас бошад ки мо ӯро ба суй осони мебарем"*** **(Ал Лайл: 5 то 6 то 7).**

**48. Оё дуруст аст ба касе бигӯем ӯ шаҳид аст?** Ҳукм додан дар мавриди шаҳидии як инсон мисли ин аст, ки бигӯем ӯ аҳли биҳишт аст. Дар мазҳаби аҳли суннат ҳукм додан, дар мавриди аҳли биҳишт будан ё аҳли дӯзах будани як нафари хос ҷоиз нест, магар ин ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) худ дар бораи як нафар хос чунин хабаре дода бошанд. Зеро ҳақоиқ пинҳон ва махфист ва ин ки инсонҳо дар чӣ ҳолат ва ҳақиқате аз дунё мераванд, чизест, ки танҳо Худо онро медонад ва танҳо Ӯст, ки аз ниёт ва асрори даруни ҳар инсоне мутталеъ аст. Танҳо коре, ки мо метавонем анҷом диҳем, он аст, ки барои фарди некӯкор орзуи аҷр ва подош намоем ва барои оқибати гуноҳкор таассуф хӯрем.

**49. Оё ҷоиз аст фарди мусулмони муайянеро такфир намуд?** Натавон ин корро кард, магар ин ки амале далолаткунанда ба куфр аз ӯ сар занад. Дар ғайри ин сурат бояд мӯъмин будан ё кофир будани ҳар фардеро ба маҳкамаи илоҳӣ супурд.

**50. Оё тавофи макone ғайр аз Каъба дуруст аст?** Танҳо маконе, ки бар рӯйи Замин тавофи он ҷоиз аст, Каъбаи мушаррафа аст, ҷое, ки ҳатто наметавон ҳеч макони дигареро ба он монанд сохт. Агар касе маконе ғайр аз Каъбаро тавоф кунад ва онро макони воло пиндорад аз дастӯроти Худованд сарпечӣ карда аст ва бояд тавба кунад.

# Амалҳои қалб

Худованд қалбро офарид ва онро подшоҳ ва дигар аъзоҳои баданро лашкари ӯ гардонидааст.

Пас ҳаргоҳ подшоҳ нек шавад, лашкариён низ нек мешаванд, Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: ***Бешак дар бадан як пора гуште вуҷуд дорад ки агар он тикаи гушт дурӯст гардад ҳамаи бадан дурӯст мегардад ва агар фосид гардад ҳамай бадан фосид мегардад, пас огоҳ бошед ки он тикай гушт қалб мебошад.*** (Муттафақун алайҳи)

Қалб ё ин ки ҷои имону парҳезгорӣ ё ин ки ҷои куфру ширку нифоқ мебошад. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд: ***Тақво ва парҳезгорӣ дар ин ҷост ва ба синаи худ ишора карда ин суханро се бор такрор кард.*** (Муслим)

Ва имон иборат аз эътиқод (боварӣ доштан) ва қавл ва амал аст, яъне эътиқод бо дилу қавл бо забон ва амали қалб ва ҷаворих (аъзои бадан).

Пас қалб имон меорад ва тасдиқ мекунад ва натиҷааш гуфтани шаҳодат бо забон мешавад, сипас қалб корҳои худро мисли муҳабат ва тарсу умед анҷом медиҳад, онгоҳ забон ба зикр гуфтан ва хондани Қуръони карим ҳаракат мекунад ва дигар аъзои бадан ба саҷда ва рукуъ ва амалҳои неке, ки бандаро ба Худо наздик месозад, кор мекунад.

Хулоса ин ки бадан фармонбардори қалб аст, барои ҳамин чизе нест ки дар қалб мустақир нашаваду натиҷааш дар бадан ҳаргунае, ки набошад зоҳир нагардад.

**Ва мурод аз амалҳои дил:** Амалҳое ҳастанд ки ҷояшон дал қалб мебошад ва иртиботашон бо қалб аст ва бузургтарини ин амалҳо имони ба Худованди бузург мебошад ки ҷояш дар қалб аст ва аз зимни имон тасдиқ кардан ва иқрор намудан аст ва илова бар ин дигар амалҳое дар қалби банда аст нисбат ба Парвардигораш воқеъ мегардад. Мисли муҳабат, тарс, умед, инобат (бозгашт басӯи Худо), таваккал, сабр, яқин ва фурӯтаниву хоксорӣ ва амсоли он, ҳамаи инҳо амалҳои қалбӣ ҳастанд.

Ҳар як амале аз амалҳои дил дар муқобилаш (бар

зидаш) маразе аз маразҳои дил мебошад. Мисли ихлос, ки зиддаш риё мебошад ва зидди яқин шак мебошад ва зиди муҳаббат бадбинӣ мебошад ва ин чунин дигар амалҳои дил низ бо худ зидде доранд.

Пас ҳаргоҳ ки аз ислоҳ намудани қалбҳои хеш ғофил бимонем гуноҳон бар руй он ҷамъ шуда ҳалокаш месозанд, Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: *Албатта банда вақто ки гуноҳеро муртакиб мешавад дар қалби ӯ як нуқтай сиёҳе кубида мешавад пас агар аз он гуноҳ даст кашид ва тавба кард он нуқтаи сиёҳ пок мешавад ва агар ба гуноҳ бозгашт нуқтаи сиёҳи дигаре бар он изофа мешавад ва агар бори дигар ба гуноҳ бозгашт боз нуқтаи дигаре изофа мешавад то ин ки сиёҳӣ қалби ӯро фаро мегирад ва ин ҳамон роон (занге) аст, ки Худованд дар ин оят зикр кардааст: Ҳаргиз чунин нест, ки (кофирон мепиндоранд) балки он чи муртакиб шуданд бар дилҳояшон занг бастааст*. (Ал Мутаффифин: 14). (Тирмизӣ)

Инчунин Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: *Фитнаҳо бар дилҳо ҳамчун шохаҳои бурё арз мешаванд пас ҳар диле, ки онҳоро ошомид (пазируфт ва ҷои дод) дар ӯ нуқтаи сиёҳе кубида мешавад ва ҳар диле ки онро напазируфт дар он нуқтаи сафеде кубида мешавад, дар охир дилҳо бар ду қисм тақсим мешаванд: дили сафеду соф ҳамчун санги софу равшан ва то замоне, ки осмонҳову замин барпо ҳастанд ҳеҷ фитнае дар ин дил зиёне намерасонад ва дили сиёҳи тираранг ҳамчун кузаи сархамида на маъруферо (некиеро) мешиносад ва на мункареро инкор мекунад, магар он ки ҳавову ҳавасаш ба ӯ нишон бидиҳад.* (Муслим)

## Ибодатҳое, ки ҷойгоҳашон қалб аст шинохтану донистанашон фарзтару муҳимтар аст аз шинохтани дигар амалҳои аъзои бадан:

Чунки амалҳои қалб асл ва асос мебошанд ва амалҳои ҷавориҳ (дигар аъзоҳои бадан) шохаҳои ӯ ва комилу пурракунанда ва самараи ӯ мебошанд.

Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: *Худованд ба шаклҳову молҳои шумо назар намекунад балки ба дилҳову амалҳои*

*шумо назар мекунад.* (Муслим)

Дил макони илму дониш ва тадаббуру тафаккур мебошад, ба ҳамин хотир манзилату беҳтари мардум бар ҳамдигар дар назди Худо бамиқдори он чи ки дар дил аз имону ихлосу яқину доранд мебошад.

**Ҳасани Басрӣ мефармояд:** Қасам ба Худо, ки пешқадамии Абубакр аз онҳо (саҳобаҳо) бо сабаби намозу рузааш набуд, балки ба сабаби он имону яқине, ки дар дилаш дошт буд.

**Амалҳои қалб аз чанд ҷиҳат бар амалҳои ҷаворих (амалҳои дигар аъзои бадан) бартарӣ доранд.** 1) Нодуруст шудани ибодатҳои қалб шояд ибодатҳои ҷаворихро (дигар аъзои бадан) вайрон кунад, мисли риёкорӣ ки амали қалб аст сабаб мешавад, ки амали ҷаворих (аъзоҳо) қабул нашавад. 2) Амалҳои қалб асос мебошанд, бо ин далил ки агар аз касе лафзе ё ҳаракате руй диҳад ва мақсадаш он набошад, ӯ дар назди Худо барои ин лафз ё ҳаракаташ ҷавоб нахоҳад гуфт. 3) Амалҳои қалб сабаби мақомҳо ва манзилатҳои баланд дар ҷаннат мебошанд, мисли зоҳидӣ. 4) Амалҳои қалб нисбат ба амалҳои ҷаворих (дигар аъзоҳо) сахтару душвортар ҳастанд, Аллома ибни Ал Мункадир мегӯяд: Чиҳил сол ранҷу заҳмати нафсамро бардошт кардам, то ки бароям гардан хам кард. 5) Асаре ки амали қалб мегузорад зеботар аст, мисли муҳабат барои Худо. 6)Аҷру савоби амали қалб бузургтар аст, Абудардо мегӯяд: Як соат ба фикр ва андеша фурӯ рафтан аз зиндадории як шаб беҳтар аст. 7) Амалҳои қалб ҳаракатдиҳандаи аъзоҳои бадан мебошанд. 8) Амали қалб метавонад, ки аҷру савоби ибодати аъзоҳоро каму зиёд кунад ё аз байн бубарад, мисли хошиъона хондани намоз. 9) Ибодати амали қалб мумкин аст, ки аз ибодати аъзоҳо кифоят кунад, мисли ин ки шахсе мехоҳад садақа кунад вале мол надорад пас ӯ албатта мувофиқи нияташ аҷру савобашро мегирад. 10) Аҷру савоби амали қалб ҳадду каноре надорад, мисли сабр. 11)Аҷру савоби амали

қалб бардавом аст, агар чи аъзоҳо аз амал оҷиз монанд ё заъиф шаванд. 12) Амалҳои қалб аз амалҳои аъзоҳо ё пешқадаманд ё бо ӯ баробаранд.

**Пеш аз ин ки аъзоҳо бакор дароянд, қалб чандин марҳалаҳоро тай мекунад.** 1) Ҳоҷис: Ва он иборат аз чизе аст, ки аввалин шуда дар қалб ворид мешавад.
2) Хотира: Он чизе аст, ки дар қалб собит мемонад.
3) Ҳадиси нафс: Вай тараддуди қалб аст дар бораи кардан ё накардани коре. 4) Ҳамм: Дар ин марҳала кардан ё накардани он кор назди ӯ яқин мегардад. 5) Азм: Вай нияту азми устувор дар бораи анҷом додани он кор аст.
Дар се марҳалаи аввал агар чи дар кори нек бошад ё дар гуноҳ барояшон на савоб навишта мешавад ва на гуноҳ.
Аммо дар марҳалай "Ҳамм" агар мақсадаш некӯӣ кардан бошад барояш як савоб навишта мешавад ва агар мақсадаш бадӣ бошад барояш гуноҳ навишта намешавад, сипас амали дилаш аз марҳалаи "Ҳамм" гузашта ба марҳалаи "Азм" бирасад, пас агар азми ӯ ба кори хайр бошад барояш савоб навишта мешавад ва агар бакори бад бошад гунаҳкор мешавад агар чи он кори бадро анҷом надиҳад, зеро ки иродаи устувор бо қудрату тавонои лозим мегардонад, ки он кори бад сурат гирад.
Худованд мефамояд: *"Ба рости касоне ки дӯст медоранд ки фоҳиша миёни муъминон интишор шавад барояшон азоби дарднок аст".* (Ан Нур: 19)

Ин чунин Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: *Ҳар гоҳ ду фарди мусалмон (ба қасди куштани як дигар) бо шамшер дар баробари ҳамдигар қарор бигиранд кушанда ва кушташуда ҳарду ба дузах хоҳанд рафт, гуфтам: ё Расулуллоҳ далили кушанда маълум аст, аммо кушта шуда чаро дузах меравад: Паёмбар* (саллаллоху алайҳи ва саллам) *фармуд: ба далили ин ки ӯ низ мехост ва кӯшиш мекард ки бародари мусалмонашро бикушад.* (Бухори)

Агар барои анҷом додани гуноҳе азми устувор кунад сипас онро тарк кунад дар ин сурат ӯ дар яке аз ин чаҳор ҳолат қарор мегирад.
1) Гуноҳро ба хотири тарси Худо тарк кунад: дар ин сурат

савоб мегирад.

2) Агар гуноҳро ба хотири тарси мардум тарк кунад: дар ин сурат гунаҳкор мешавад зеро тарк кардани гуноҳ як навъи ибодатест, ки бояд барои Худо бошад.

3) Агар гуноҳро аз рӯи аҷзу нотавонӣ тарк кунад, бидуни он ки асбоб ва васоили расидани ба онро истифода кунад: дар ин сурат низ гунаҳкор мешавад ба сабаби нияти устувораш барои анҷом додан.

4) Агар он гуноҳро аз рӯи оҷизиву нотавонӣ тарк кунад, лекин баъд аз он ки тамоми васоили лозимаро ба он гуноҳ истифода бурда бошад, лекин ба мақсадаш нарасида бошад: дар ин сурат ба монанди он аст, ки гуё гуноҳро бапуррагӣ анҷом додааст, чунки иродаи устувор бо анҷом додани васоили ба гуноҳ расидан соҳиби худро ба мартабаи муртакиби он гуноҳ мерасонад -чуноне ки дар ҳадиси гузашта зикр кардем- барои ҳамин ҳаргоҳ ки амал бо "Ҳамм" якҷо шуд дар муқобили он ҷазо дода мешавад агарчи амалро пеш аз кӯшиш анҷом бидиҳад ё баъд аз он.

Ва ҳар касе ки гуноҳеро анҷом бидиҳад сипас азму кӯшиш кунад, ки ҳарвақте, ки фурсат ёфт ӯро дубора такрор кунад пас ӯ гуё ки дар ин гуноҳи худ пофишор буда дар муқобили ин нияташ ҷазо дода мешавад агарчи нияташ амалӣ нашавад.

## Баъзе аз амалҳои қалб

**Ният:** маънояш ирода ва қасд мебошад ва амал ҳаргиз қабул намегардад ва дуруст намешавад, магар бо ният. Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: *Амалҳо вобастагӣ бaният доранд ва ҳар кас ҳисобу китоб мешавад мувофиқи нияташ мешавад.* (Муттафақун алайҳи).

Ибни Муборак мегӯяд: Ҳастанд амалҳои хурде, ки ният онҳоро бузург мегардонад ва ҳастанд амалҳои бузурге, ки ният онҳоро хурд мегардонад.

Ва имом Фузайл мегӯяд: Худованд аз ту нияту иродаатро мехоҳад пас ҳаргоҳ ки амал барои Худо бошад, ихлос номида

мешавад  ва ихлос ин аст, ки амал барои Худо бошад ва дигаронро дар он насибе набошад  ва агар амал барои каси дигаре бошад пас ӯро риё ва нифоқ номида мешавад.

**Фоида:** Мардум ҳама ҳалоканд магар, улламо ва донишмандон  ва ҳама улламо ҳалоканд магар амалкунандагонашон ва ҳама амалкунандагонашон ҳалоканд магар мухлисонашон, пас вазифаи ҳар як мусулмоне ки мехоҳад тоати Худоро баҷо биёрад омухтани ният аст ва баъд аз он ки ҳақиқати сидқу ихлосро фаҳмид нияташро бо амал кардан дурӯст мекунад. Амали бидуни ният ранҷи бе фоида аст ва ният бидуни ихлос, риё ва худнамоӣ аст ва ихлос бидуни таҳқиқ кардан имони пароканда аст.

Амалҳо бар се қисманд: **1) Гуноҳҳо:** Нияти нек гуноҳро ба тоат табдил намекунад, балки агар болои гуноҳ нияти бад изофа шавад, ҷинояти онро дучанд месозад. **2) Мубоҳҳо:** (Корҳои ҳалол ва ҷоиз): ҳеҷ чизе аз мубоҳҳо нест, магар ин ки дар он ният ё ниятҳо албатта вуҷуд дорад ва банда агар бихоҳад онро ба тоатҳо табдил бидиҳад метавонад. **3) Тоатҳо:** Тоатҳо дар асл барои дуруст будану дучанд шудани савобашон ба ният вобастагӣ доранд.[1]

---

[1] Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: Ҳар кас ки ирода намояд, ки кори неке анҷом бидиҳад, вале онро амалӣ накунад, Худованд дар назди худаш барои ӯ як амали неки комил менависад ва агар нияти анҷомдодани амали некро бикунад ва ба он амал кунад Худованд барои ӯ аз даҳ то ҳафсад некӣ ва балки чандин баробар зиёд менависад. Ва ҳар кас нияти анҷоми амали некро бикунад ва онро амалӣ насозад, Худованд барои ӯ дар наздаш як некии пурра менависад. Ва агар нияти анҷоми амали бадеро кунад ва муртакиби он шавад, Худованд барояш як бадӣ менависад. (Муттафақун алайҳи)

**Ин чунин Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд**: Мисоли ин уммат мисли чаҳор нафараст: Яввал: марде ки Худованд барои ӯ ҳам илму ва ҳам мол додааст. Пас ӯ ба илми худ дар бораи моли худ амал мекунад ва онро дар ҳақаш масраф мекунад.

**Дувум:** марде ки Худованд ӯро илм додаасту мол не. Пас ӯ мегуяд: агар мисли ин шахс мол медоштам, чуноне ки ӯ амал мекунад ҳамон хел амал мекардам. Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) фамуд: ҳардуи ин шахсҳо дар аҷру савоб баробаранд.

**Пас агар нияташ барои риё ва худнамой бошад пас ин кораш гуноҳ ва ширки асғар (хурд) мебошад ва шояд ба ширки акбар (бузург ё калон) бирасад ва ин навъ бар се қисм тақсим мешавад:**

**1)** Агар иллати анҷом додани ибодат дар асосаш риёкорӣ ва худро ба мардум нишон додан бошад, ин гуна амал ширк буда амалро ботил мегардонад.

**2)** Агар ният дар аввал барои Худо бошад сипас дар он ният риё дохил шавад, дар ин ҳолат мебинем, агар ибодат ба аввалаш иртибот надошта бошад, мисли "Садақа" аввали он дуруст аст ва охираш ботил мебошад.

Ва агар охири он бо аввалаш иртибот дошта бошад мисли "Намоз" ин гуна амал бар ду ҳолат мебошад. **А)** Агар амали риёашро аз байн барад: дар ин ҳолат риё дар амалаш асаре намегузорад. **Б)** Агар ба амали риёияш давом диҳад: дар ин ҳолат ҳамаи он ибодат ботил мегардад.

**3)** Риёе, ки баъди анҷоми аввал дохил шавад: ин як намуди васвасаҳоест, ки на дар амал ва на дар амалкунанда асаре

---

Севум: марде ки Худованд барои у мол доду лекин илм не. Пас ин мард молашро дар ҳақаш сарф намекунаду онро дар роҳҳои бад сарфаш мекунад.

Чаҳорум: марде ки Худованд барояш на мол доду на илм. Пас ӯ мегӯяд: агар ман мсисли ин мард мол медоштам мисли ӯ амал мекардам. Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) фармуд ин ҳарду дар гуноҳ баробаранд.

Дар ин ҳадис аз суханони марди дувум ва чаҳорум фаҳмида мешавад, ки онҳо мувофиқи қудраташон он чи ки метавонистанд анҷом доданд, ки он ҳам нияту таманояшон буд ва ин ҳақиқати он чиро ки дар дили онҳо буд баён мекунад: " агар мисли ин шахс мол мебдоштам чуноне ки ӯ амал мекунад ҳамон хел амал мекардам" бинобар ҳамин ҳар яке аз ин ду мард мувофиқи нияташон подошу ҷазо гирифтанд.

Ибни Раҷаб мегӯяд: ин сухани Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар ҳадис " ҳардуи ин шахсҳо дар аҷру савоб баробаранд" далолат бар ин мекунад, ки ҳарду дар аслу асоси подоши амал баробаранд на дар дучанд шудани он, зеро дучанд шудани подош, махсус ба касе аст, ки онро ният кардаасту лекин анҷом надодааст, пас агар ҳарду "ниятқунанда" ва "амалкунанда" аз тамоми ҷиҳатҳо баробар бошанд, пас ин чунин маъно дорад ки агар касе нияту қасди кори некеро кунад барояш даҳ савоб навишта мешавад. Ва ин сухан бо тамоми оятҳову ҳадисҳо мухолиф аст.

намегузорад.

Ва бояд донист, ки дар ин замина роҳҳои зиёд ва пинҳоне барои риё вуҷуд дорад, ки шинохтани он ва парҳез кардан аз он лозим ва воҷиб аст.

Аммо агар қасду нияти ӯ аз амали солиҳаш бадаст овардани чизе аз дунё бошад: дар ин ҳолат аҷру гуноҳаш ба андозаи нияту қасдаш мебошад ва ин гуна амал бар се қисм аст.

**1)** Агар иллат аз анҷоми амали солиҳаш танҳо дунёталабӣ бошад, мисли касе ки мардумро дар намоз ба хотири мол имоматӣ кунад, ин шахс гунаҳкор ва аз аҷру савоб маҳрум мебошад.

Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: *Ҳар касе ки илмеро биомӯзад, ки мақсад аз он илм пайдо кардани хушнудии Худованд бошаду лекин ӯ он илмро наомӯзад, магар барои ба даст овардани матоъи дунё, ин шахс рузи қиёмат бӯи ҷаннатро намеёбад.* **(Абудовуд)**

2) Агар амалашро ҳам барои дунё ва ҳам барои хушнудии Худо анҷом бидиҳад: ин шахс ноқис имон ва ноқис ихлос мебошад ва монанди касе аст, ки Макка меравад, то ки ҳам тиҷорат кунаду ва ҳам ибодати ҳаҷро баҷо биёрад, пас аҷру савоби ин шахс баандозаи ихлосаш мебошад .

3) Агар амалашро холис барои Худо анҷом бидиҳад лекин дар муқобилаш музде бигирад, то ки барои адои он амал кумаке шавад: Аҷру савоби ин шахс комил буда ва ба сабаби он музде, ки гирифтааст аз аҷру савобаш чизе кам намешавад, Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: *Ба таҳқиқ сазовортарин чизе ки дар муқобили он музд мегиред, китоби Худо мебошад.* (Бухорӣ)

Ва бидон, ки амалкунандагони мухлис бар чанд мартаба мебошанд: 1)Мартабаи поёнтарин: Вай иборат аз ин аст, ки ибодатро ба умеди савоб ва тарс анҷом бидиҳад.
2) Мартабаи миёна: Вай иборат аз ин аст, ки ибодатро барои шукргузорӣ ва фармонбардории Худо анҷом бидиҳад.
3) Мартабаи баландтарин: Вай иборат аз ин аст, ки ибодатро барои муҳабат ва таъзиму бузургворӣ ва қадрдонии

Худованд анҷом бидиҳад ва ин мартабамартабаи “Сиддиқин” (Росгуйтаринҳо)[1] аст.

**Тавба:** Ҳамеша ва доимо тавба кардан воҷиб аст, дар асл дучори гуноҳ шудан аз табиъати инсон аст, чуноне ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: *Ҳамаи инсонҳо дучори хато ва гуноҳ мешаванд, лекин беҳтарини хатокорон онҳое ҳастанд, ки тавба мекунанд.* **(Тирмизӣ).**

Ин чунин боз мефармояд: *Агар шумо дучори гуноҳ намешудед Худованд насли шуморо аз байн мебурд ва ба ҷои шумо қавмеро меовард, ки муртакиби гуноҳ мешуданд ва талаби мағфирати гуноҳашон мекарданд ва Худованд онҳоро мағфират мекард.* **(Муслим)**

Мушкили дар таъхир андохтани тавба ва исрор варзидан дар гуноҳ аст, ки ин худ боз як гуноҳи дигар аст. Ва шайтон ҳамеша дар талоши ин аст, ки инсонро дучори ъавойқ роҳҳой сахт ва душвор кунад, ҳаргоҳ ки аз яке аз онҳо оҷиз монд боз инсонро дучори дигараш мекунад ва он роҳҳои сахт ва душвор иборатанд аз:

**1)** Ширк ва куфр. Агар шайтон натавонист инсонро дучори ширку куфр кунад. **2)** Сипас кӯшиш мекунад, ки ӯро дучори бидъату навпайдоиҳо дар ақидааш ва тарки пайравӣ аз Паёмбару асҳобаш кунад. 3) Ва агар ин корро натавонист кӯшиш мекунад, ки ӯро дучори гуноҳи кабира (бузург) кунад. 4) Ва агар боз натавонист кӯшиш мекунад ки ӯро дучори гуноҳи сағира (хурд) кунад. 5) Ва агар боз натавонист

---

[1] **Худованд мефармояд:** “ва ман ба суй ту (эй Парвардигор) шитофтам, то хушнуд шавӣ” Пас Мусо: дар шитобидан барои мулоқоти Худованд кӯшишманд буд, то ки Худованд аз ӯ хушнуд шавад, на танҳо барои ба ҷо овардани фармони Ӯ, ва ин чунин некуи бо Падару модар бар чанд маротиб аст.

**1)** Мартабаи поёнтарин: ба хотири он ба онҳо некуӣ кунад, ки битарсад, ки онҳо ӯро оқ мекунанд ва ба хотири пайдо кардани савоби некуӣ ба онҳо некуӣ кунад.

**2)** Мартабаи миёна: ба хотири фармонбардории Худо ва боз пас гардонидани хубиҳои онҳо, ки дар хурдиаш ӯро тарбият карданд ва сабаби ба вуҷуд омадани ӯ дар дунё буданд, ба онҳо некуӣ кунад.

**3)** Мартабаи баландтарин: Ба хотири бузургдоштани фармони Худо, ки ӯро ба некуӣ кардан ба онҳо фармон дод ва баройӣ дуст доштану гиромӣ доштани Парвардигор ба онҳо некуӣ кардан.

кӯшиш мекунад ки ӯро дар кардани амалҳои мубоҳ ғарқ кунад. 6) Ва агар боз натавонист кӯшиш мекунад ки ӯро ба кардани тоатҳое машғул созад, ки аҷру савобашон камтар бошад, то ки фурсате пайдо накунад, ки ба корҳое ки аҷру савобашон зиёд аст даст бизанад. 7) Ва агар инро ҳам натавонист сипас шайтонҳои инсиву ҷинниро бар ӯ мусаллат месозад.

**Ва гуноҳон бар ду қисманд:**

**1)** Кабоир (гуноҳони бузург) инҳо гуноҳоне ҳастанд, ки муртакибашонро дар дунё ҳад ва муҷозот қарор дода шудааст, ё барояш дар охират ҷазое муъаян шудааст ва ё барояш ғазабу лаънату нафрин аст ва ё нафйи (дур шудани) имони муртакибаш шудааст. 2) Сағоир (гуноҳҳои хурд) ҳамаи гуноҳҳои ғайри кабираро гуноҳҳои сағира мегӯянд.

**Шартҳои қабули тавба аз чанд чиз иборатанд:**

1) Дурӣ ҷӯстан аз гуноҳ. 2) Пушаймонӣ аз гуноҳи гузашта. 3)Тасмим бигирад ки дар оянда боз дучори чунин гуноҳ нашавад. Аммо агар гуноҳ баҳақи мардум иртибот дошта бошад, пас бояд ҳақи онҳоро боз гардонад[1].

**Ва чанд сабабҳое вуҷуд дорад ки гуноҳи сағираро (хурдро) ба гуноҳи кабира (бузург) табдил медиҳад.**

1)Пофишорӣ ва давом додани гуноҳи сағира (хурд).

2)Такрор кардани гуноҳҳой сағира (хурд).

---

[1] Аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят шудааст, ки фармуд: Китобҳои аъмол дар назди Худованд бар се қисманд қисми аввал: Худованд бар ӯ ҳеҷ аҳамияте намедиҳад, қисми дувум: ҳеҷ чизе аз ӯро намегузорад, қисми севум: ӯро мағфират намекунад.

Аммо қисме, ки ӯро мағфират намекунад, ширки ба Худо аст, Худованд мефармояд: Ба таҳқиқ ҳар ки ба Худованд шарик оварад Худованд барояш биҳиштро ҳаром кардааст ва ҷойгоҳи ӯ дар дузах аст.

Ва аммо қисме ки Худованд бар он ҳеҷ аҳамияте намедиҳад, иборат аз зулм ва ситаме аст, ки инсон бо нафси худ мекунад, зулме ки миёни худ ва миёни Парвардигораш анҷом медиҳад, агар Худованд бихоҳад онро мебахшад ва аз он мегузарад.

Аммо қисме, ки Худованд аз он ҳеҷ чизеро намегузорад, иборат аз зулми бандагон бо якдигар аст ки ҳатман дар муқобили он қисос хоҳад шуд. (ривояти имомАҳмад ва дар санади ин ҳадис заъф аст).

3) Хурд шумурдан ва бе аҳамияти кардан дар иртикобаш.
4) Ифтихор кардан дар иртикобаш.
5) Иртикоби он гуноҳ миёни мардум.

Ва тавба дар мавриди ҳамаи гуноҳон пазируфта мешавад. То вақте ки офтоб аз ҷое, ки мешинад, аз он ҷо бароянд ва то вақте ки ҷон ба ғар-ғара бирасад тавба қабул мешавад.

Ва подоши касе ки аз гуноҳаш тавба мекунад мисли ин аст, ки Худованд гуноҳони ӯро ба ҳасанот табдил мекунад, ҳарчанд ки гуноҳонаш зиёд бошанд.

**Мардум аз нигоҳи тавбакардан чаҳор табақа мебошанд:**

**1)** Тавбакунандае, ки дар тавбаи худ то охири умраш собит меистад ва ҳаргиз фикри бозгашт ба гуноҳро намекунад, магар баъзе хатоҳову лағжишҳое, ки касе аз башар наметавонад аз онҳо худдорӣ кунад, ин аст. Истиқомат ва пофишорӣ дар тавба вахунин тавбакунандаро пешқадамтарин инсон басуй корҳой хайр мегуянд ва инро тавбаи насуҳ мегуянд ва нафсе, ки чунин тавба кардааст, нафси мутмаин (нафси ором ва хушнуд) мебошад.

**2)** Тавбакунандае, ки аз гуноҳони бузург худро боз медорад лекин баъзе вақтҳо бидуни қасд муртакиби гуноҳҳои сағирае (хурд) мешавад ки аз онҳо раҳоӣ надорад, лекин ин дучоршавияш ба гуноҳҳо бидуни тасмим гирифтани пешакӣ даст задан ба гуноҳ бошад ва ҳаргоҳ ки дучор шуд пушаймон шаваду худро сарзанишу маломат кунад ва нияти устувор кунад, ки аз сабабҳое, ки ӯро дар ин гуноҳҳо мубтало месозанд, худро дур кунад, нафси чунин шахс нафси маломаткунанда мебошад.

**3)** Шахсе ки тавба кунад ва мудати чанде дар тавбааш пофишорӣ кунаду биистад сипас шаҳавваташ бар ӯ ғолиб биёяду ӯро боз дучори баъзе аз гуноҳонаш гардонад ва бо ин ҳама боз дар тоати Худованд бардавом бошад ва ин чунин чандин гуноҳонро бо вуҷуди ин ки бар карданашон қудрат дорад онҳоро тарк кунад ва танҳо як ё ду шаҳвате бар ӯ ғолиб омада бошад ва ҳар гоҳ ки аз анҷоми гуноҳ фориғ шавад пушаймон шаваду боз тавба кунад ва бо худ аҳд кунад, ки дигар ба сӯи гуноҳ боз нагардад. Нафси ин

шахс нафси масъула (пурсишшаванда) мебошад ва аз нигоҳи ин ки тавбаро батаъхир меандозад, оқибати хатарноке дар пеш дорад, чунки шояд пеш аз тавба кардан бимирад ва амалҳо ба хотима (охирин амал пеш аз мурдан) вобастагӣ доранд.

**4)** Шахсе ки тавба кунад ва мудате дар тавбаи худ биистад сипас боз багуноҳонаш бозгардаду саргарми онон шавад, бидуни ин ки бо худаш аҳд кунад, ки ба тавбааш боз гардад ва бидуни ин ки аз гуноҳонаш пушаймонӣ кунад, нафси ин шахс нафси амморатун биссуи (нафси бисёр ба бадӣ амркунанда) мебошад ва дар бораи ин шахс аз оқибати кораш бояд тарсид, чунки дар хатари бузурге гирифтор аст.

**Сидқ:** **(ростӣ ва дурӯстӣ):** Аслу асоси ҳамаи амалҳо қалб аст. Ва лафзи "Сидқ" дар шаш маъно истифода мешавад: **1)**Ростӣ дар сухан. **2)** Ростӣ дар ирода ва қасд (ихлос). **3)**Ростӣ дар азму тасмим. **4)** Ростӣ дар аҳду вафо ва он чи ки азм кардааст. **5)** Ростӣ дар кору кирдоре, ки зоҳираш ба ботинаш мувофиқ бошад, мисли хушуъ дар намоз. **6)** Ростӣ дар таҳқиқ намудани мақомоти динӣ, ки баландтарин ва арҷумандтарин дараҷаҳо ва манзилатҳо башумор меравад, мисли ростӣ дар тарси Худо ва умед аз Ӯ ва бузург доштани Худованди бузург ва ростӣ дар зоҳидиву дар хушнудӣ ва муҳаббат ва дигар амалҳои қалб. Пас ҳар ки дар ҳама он чизе ки зикр кардем ба сидқу ростӣ сифат шавад, ӯ сиддиқ (бисёр ростгӯву росткор) мебошад, зеро ӯ дар сидқу ростӣ ба баландтарин мартаба расидааст. Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: *"Ба сидқу ростӣ побанд бошед зеро сидқу ростӣ басуйӣ некӯӣ роҳнамоӣ мекунад ва некӯӣ ба сӯи ҷаннат мебарад ва инсон доимо рост мегӯяд ва дар ҷӯстуҷӯи ростгӯӣ мебошад, то ин ки дар назди Худованд ростгӯй навишта мешавад".* **(Муттафақун алайҳи)**

Касе ки ҳақ бар ӯ пӯшида шавад ва дур аз ҳавову ҳавасаш аз сидқу ростӣ ӯро ҷӯстуҷуй кунад, дар ғолиб баҳақ хоҳад расид. Ва агар нарасад ҳам Худованд ӯро маъзур медонад.

Ва зидди ростӣ дуруғ аст, аввалин лаҳзае, ки дурӯғ аз нафси инсон берун мешавад, ба забон мерасад ва ӯро фосид

мекунад, сипас ба дигар аъзои бадан мерасад ва амалҳои онҳоро низ фосид мекунад, чигунае ки сухани дурӯғ забонро фосид карда буд, пас дурӯғ дар бар мегирад суханҳои ӯро ва амалҳову тамоми ҳолатҳояшро ва сипас фасод бар ӯ ҳукмфармо хоҳад шуд.

**Муҳаббат ва дӯсти:** Ҳаловати имонро бо муҳабати Худованду Паёмбару муъминон ҳосил карда мешавад. Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: *"Ҳар касе ки ин се хислатро дошта бошад, лаззати имонро хоҳад чашид: Аввал ин ки Худову Паёмбарашро аз тамоми чиз зиёдтар дӯст бидорад. Дувум ин ки: муҳабату дӯстияш бо ҳар кас фақат ба хотири хушнудии Худо бошад. Севум ин ки: баъд аз он ки имон овард ду бора бакуфр баргаштанашро чунон бад бинад ки гуё дар оташ андохта мешавад"*. **(Муттафақун алайҳи).**

Пас ҳар гоҳ ки дарахти муҳабату дӯстӣ дар дил шинонда шавад ва ӯро аз оби ихлосу пайрави аз Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) сероб карда шавад, онгоҳ муҳабати ӯ бо хости Худованд лаҳза ба лаҳза меваҳои ранги баранг арзонӣ медорад ва ин муҳабат бар чаҳор қисм аст: 1) Муҳаббати Худованд ки аслу асоси имон аст. 2) Дӯст доштан барои Худо ва бад дидан низ барои Худо, ки ин кор бар ҳар бандаи муъмин воҷиб аст[1]. 3) Дар канори муҳабати

---

1 **Мардум аз нигоҳи вало (муҳабат) ва баро (бадбинӣ) бар се қисманд:**

**1)** Онҳое, ки танҳо мавриди муҳабати мухлисона қарор гирифтаанд: инҳо ҳамон муъминони мухлис ва поксиратанд, мисли Паёмбарон ва содиқон ва шаҳидону солиҳон ва махсусан Паёмбарамон (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ва занҳову фарзандону ёронаш мебошанд.

**2)** Онҳое ки бар хилофи гурӯҳи авваланд, яъне, мавриди буғзу бадбинӣ қарор гирифтаанд, онҳо кофирону мункирони ислому Паёмбаронанд, мисли аҳли китоб (Яаҳудиёну Насрониҳо) ва мушрикону мунофиқон мебошанд.

**3)** Ононе ки аз як ҷиҳат мавриди муҳабат қарор мегиранд ва аз дигар ҷиҳат мавриди буғзу ғазаб қарор мегиранд, ва онҳо муъминони гунаҳкоре ҳастанд, ки ба хотири имонашон мавриди муҳаббат қарор мегиранд ва ба хотири гуноҳояшон мавриди хашму бадбинӣ қарор мегиранд.

**1)** Мувололте (дӯстиву пуштибонӣ) ки боиси хориҷ шудан аз ислом мешавад, мисли: муҳабат ба онон ба хотири динашон, ва ёри

Худованд муҳабати ғайри ӯро низ дар дил ҷойгир кард, ин муҳабати дигаронро бо муҳабати Худованд, ки воҷиб аст баробар кардан аст ва ин ҳамонанди муҳаббати мушрикон бо худоёни дуруғинашон буд, мебошад ва ин муҳаббат аслу асоси ширк мебошад. 4) Муҳабати табиъӣ: Мисли муҳаббат аз рӯи эҳтиром, ҳамонанди эҳтироми падару модар ва муҳабати падару модар ба фарзанд ва муҳаббати баъзе таомҳо ва баъзе шахсҳо ва ғайраҳо, ҳамаи инҳо аз навъҳои муҳаббати табиъӣ мебошанд.

Агар мехоҳи тӯро Худованд дӯст бидорад дар дунё зоҳид бош, Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: *"Дар дунё зоҳид бош Худованд дӯстат медорад"*. **(Ривояти ибни Моҷа)**

**Таваккал:** Маънояш эътимоди дил бар Худованд дар ба даст овардани чизи матлуб (хоста шуда) ё ин ки дур шудан аз чизи ногувору макрӯҳ аст, ки он ҳам бо боварии пурра бо Худованд ва анҷом додани сабабҳои машруъ (лозимӣ) мебошад.

---

доданашон бар зидди мусулмонон, ё ин ки кофир надонистани кофирон.

**2)** Муволоте (дӯстиву пуштибонӣ) ки инсонро аз ислом хориҷ намесозад, лекин гуноҳи кабира (бузург) ҳисоб мешавад, ва ин иборат аз муҳабати онҳо дар умури дунявӣ мебошад, мисли: иштирок кардан дар ҷашнҳову идҳояшон.

Ва шояд имкон дорад ки миёни муомилаи нек ва безориву бадбинӣ бо кофироне ки бо мусулмонон дар ҳолати ҷанг нестанд иштибоҳҳое пеш ояд. Дар ин сурат бояд донист, ки Худованд ба муъминон дастур додааст, ки бо кофироне ки бо мусулмонон дар ҳолати ҷанг нестанд муомилаи шоиста бикунанд, Худованд дар Қурони карим дар ин бора мегӯяд: *Худованд шуморо аз некиву адолат кардан нисбат бо касоне ки ба хотири динатон бо шумо дар ҳолати ҷанг нестанд ва шуморо аз хонаҳоятон берун накардаанд наҳӣ намекунад, чунки Худованд адолаткунандагонро дӯст медорад*. **(Мумтаҳина: 8).**

Аммо бароат (безорӣ) аз кофирон амрест, ки Худованд мусулмононро барои иҷрои он фармон дода аст.

Худованд мефармояд: "***Эй касоне ки имон овардаед! Душмани ман ва душмани худатонро дӯст нагиред дар ҳоле ки шумо бо онҳо изҳори муҳаббат мекунед онҳо ба он чи ки аз ҳақ барои шумо омадааст, кофир шудаанд***" **(Мумтаҳина: 1).** Бинобар ин метавон бо ҳифзи адолат дар рафтор ва гуфторамон нисбат ба онон, аз онҳо бароат (безорӣ) ҷуст, ҳамон тавре ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) бо кофирону мушрикони замони хеш рафтор менамуд.

Бинобар ҳамин тарки эътимоди дил ба Худованд таънаву орест бар тавҳиди банда ва тарки сабабҳо оҷизӣ ва ноқисӣ дар ақли банда аст.

Таваккал пеш аз шуруъи кор мебошад ва он натиҷа ва самараи яқин аст.

**Таваккал бар се навъ аст: 1)** Таваккали воҷиб: Ва он таваккал бар Худованд дар корҳоест, ки ба ғайр аз Худованд касе онҳоро иҷро карда наметавонад, мисли шифо додани моризон.

2) Таваккали муҳаррам: Ва он бар ду қисм аст: **А)** Ширки акбар (бузург) ва он иборат аз ин аст, ки банда ба шакли пурра ва куллӣ бар сабабҳо эътимод кунад ва гумон кунад, ки он сабабҳо дар зоти худашон ё фоидае мерасонанд ё зарареро дур мекунанд[1]. **Б)** Ширки асғар (хурд) ва он

---

1 Оё ба ҷо овардани сабабҳо бо таваккал зидду мухолиф мебошанд? Ҷавоб чунин аст, ки сабабҳо бар чанд қисм мебошанд:

**1)** Ҷалб намудани манфиъате ки нопайдо аст ва ин гуна сабабҳо бар се қисманд

**А)** Сабаби яқинӣ, мисли издивоҷ кардан ба хотири ин ки фарзанд ба дунё биёяд, тарк кардани чунин сабаб як навъи девонагӣ ва бефикрӣ аст, ва ба таваккал ягон робитае надорад. **Б)** Сабабҳои номаълум: яъне сабабҳое, ки инсон бидуни онҳо натавонад ба мақсадаш бирасад, мисли тушаи сафар барои мусофире, ки дар биёбон сафар мекунад, тарки ин гуна сабаб низ аз тавакал намебошад, зеро у ба туша гирифтан амр шудааст, ва Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) вақте аз Макка ба Мадина ҳиҷрат кард бо ҳамроҳияш туша гирифту ва ҳам шахсеро роҳнамо.

**В)** Сабабҳое, ки шояд бо тавассути онҳо инсон ба ғаразаш бирасад, магар ин ки натиҷааш ҳатмӣ ва яқинӣ нест, мисли ҷустуҷӯ кардан аз роҳҳои ба даст овардани молу доройӣ, ин кор инсонро аз таваккал берун намесозад, балки тарки касбу кор ҳаргиз аз тавакал нест. Ҳазрати Умар (разияллоху анҳу) мефармояд: таваккалкунанда касе аст, ки тухмияшро мекораду сипас бар Худо таваккал мекунад.

**2)** Нигоҳ доштани манфиъате, ки пайдо аст, ҳар касе ки ризқу рузии ҳалол пайдо кунад, барои ӯ захира кардани он ризқу рӯзияш аз тавакал берунаш намекунад, хусусан агар соҳиби оила бошад, чунки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) хурмоҳое, ки аз бани Назир гирифта буд, баъзеашонро фурӯхту баъзеашро барои оилааш захира кард. **(Муттафақун алайҳи)** .

**3)** Дур кардани зараре, ки ҳануз нозил нашудааст, аз шартҳои тавакал ин нест, ки сабабҳои дур кунандаи зарарро тарк кунад, мисли пӯшидани сипар дар ҳолати ҷанг ва ғайраҳо ва дар ҳамаи

иборат аст аз эътимод бар шахсе дар ба даст омадани ризқу рузӣ лекин ба ин гумон нест, ки он шахс ба зоти худ ва бидуни кумаки касе метавонад ризқу рузи бирасонад лекин эътимоди ӯ ба он шахс далолат ба он мекунад, ки ӯро аз сабаб болотар медонад.

**3) Таваккали дурӯст:** Он иборат аст аз ин ки шахсе касеро аз тарафи худаш дар коре вакил қарор диҳад вабар ӯ дар иҷрой коре ки тавонмандии ӯро дорад мавриди эътимодаш қарор бидиҳад, мисли хариду фуруш, локин дар ин ҳолат ҷойз нест барои ӯ бигуяд ки тавакал баХудо кардам сипас бар ту, балки сухани шойста ва дурӯст дар ҳолат ин аст, ки бигуяд тӯро дар ин корам вакил сохтам.

Шукр (Сипосгузорӣ): Ҳақиқати он намоён шудани асари неъмати Илоҳӣ бар банда аст, дар дилаш ба шакли имон ва дар забонаш ба шакли ҳамду сано ва дар аъзои баданаш ба шакли ибодат ва парастиш. Ва шукр дар зоти худаш чизи матлуб аст, вале сабр василаест ба сӯи чизи дигар ва шукр ба василаи қалбу забон ва дигар аъзоҳои бадан анҷом мегирад ва маънояш ин

аст, ки неъмати Илоҳиро дар тоат ва фармонбардории Ӯ истеъмол кард.

Сабр: Ва ҳақиқати он тарки гилаву шикоят (аз дарду бало) барои ғайри Худо ва анҷом додани он ба сӯи Худо аст. Худованд мефармояд: *“Ба дурустӣ, ки барои сабркунандагон подоши комил ва бе ҳисоб хоҳад шуд”* **(Аз Зумар: 10).** Ин чунин Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: *“Ҳар ки сабру тоқат биҷӯяд*

---

ин ҳолатҳо тавакал бар мусаббиб (Худованд) карда мешавад на бар худи сабаб ва бар он чи ки дар он Худованд файсала мекунад, бояд рози шаваду хушнуд гардад.

4) Дур кардани зараре, ки нозил шудааст: ва он бар се қисм аст, А) Сабабҳое, ки натиҷаашон ҳатмӣ аст, мисли обе, ки ташнагиро дур месозад, ин гуна сабабро тарк кардан ҳаргиз аз тавакал намебошад. Б) Сабабҳое ки натиҷаашон маълумаст, мисли табобат кардан бо ҳиҷома (хунгири бо шох ё чизи дигар) Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) табобат кард ва амр кард, ки табобат кунед, ин гуна сабабҳо бо тавакал зид намебошанд. В) Сабабҳое ки натиҷаашон ваҳми ва гумони ҳастанд, мисли доғ кардани бадан дар ҳолати тандурустӣ ба умеди инки мариз нашавад, анҷоми ин гуна сабаб бар зидди тавакал аст.

*Худованд ӯро сабру тоқат хоҳад бахшид ва ҳеҷ касе бахшиши беҳтар аз сабру тоқат беҳтар*
*дода нашудааст"* **(Муттафақун алайҳи).**

Ва ҳазрати Емар (разияллоҳу анҳу) мегуяд: Ман баҳеҷ балое мубтало нашудам магар ин ки Худованд барояд дар он бало хаҳор фазлу карам бАхшид, аввал ин ки он бало дар динам набуд , дувум ин ки он бало аз гузаштааш бузургтар набуд, севум ин ки аз хушнудиву ризо ба он бало маҳрум нагардидам, чаҳорум ин ки ман бар он бало умеди аҷру савоб дорам.

**Сабр ба чанд дараҷа аст:** Поёнтаринаш тарки гила ва шикоят бо нописанд доштани он мусибат аст ва миёнааш тарки гила ва шикоят бо хушнуди аз он мусибат аст ва баландтарини он ҳамду ситоиш гуфтани Худованд бар он бало аст.

Агар касе зулм шавад ва бар золими худ дуъои бад кунад пас ӯ аз нафсаш интиқом гирифтааст ва ҳақи худро низ гирифта аст ва ба ин кори худ аз доираи сабр берун омадааст.

**Ва сабр бар ду қисм аст:**

1) Сабри бадани: мақсади мо ин намуди сабр нест.

2) Сабри нафсонӣ: Бар хоҳишоти нафсонӣ ва ҳавоу ҳавас.[1]

Ва тамоми он чиро ки банда дар дунё дучор мешавад аз ду навъ берун нест, **А)** Он чи ки мувофиқи ҳаво ва ҳаваси ӯст ва дар ин ҳолат эҳтиёҷ бар сабре дорад, ки ҳақи Худовандро ба ҷо биёрад, ҳамоно шукргузорӣ ва сарф накардани он дар маъсият ва нофармони Худованд аст.

**Б)** Он чи мухолифи ҳаво ва ҳаваси ӯст ва ин навъ бар се қисм аст: 1)Сабр бар тоати Худованд: ва бақадри воҷиби он анҷом додани фарзҳо ва бақадри мӯстаҳаби он анҷом додани нафлҳо аст. 2) Сабр аз нофармонии Худованд: ба қадри

---

[1] Ва ин гуна сабр агар сабр кардан аз шаҳвати шикам ва шармгоҳ бошад онро "Иффат" (Покдомани) номида мешавад ва агар дар боби ҷангу қитол бошад онро "Шуҷоъат" (Далери) номида мешавад ва агар дар бораи худдори аз хашму ғазаб бошад онро "Ҳилм" (Бурдбори) номида мешавад ва агар дар Пинҳон доштани чизе бошад ӯро "Китмони сир" (Паноҳ доштани сиру асрор) номида мешавад ва агар дар бораи тарки дунё бошад онро "Роҳиди" номида мешавад ва агар бар миқдори андаке аз баҳраҳои дунё бошад онро "Қаноат" номида мешавад.

воҷиби он тарк кардани муҳарамот (ҳаромҳо) ва ба қадри мӯстаҳаби он тарк кардани макруҳот аст. **3)** Сабр бар тақдири талхи Худованд: ба қадри воҷиб боз доштани забон аст аз гила кардан ва боз доштани дил аз эътирозу хашм гирифтан бар тақдири Худованд ва боз доштани соири аъзои бадан аз ончи ки Худованд дӯст надорад, мисли нолаву фиғон бардори ва гиребон пора кардан ва руйканиву муйкани кардан ҳангоми мусибат. Ва бақадри мӯстаҳаби он хушнуди кардан ба он тақдире ки Худованд дар насиб гардонидааст.

**Кадоме яке аз инҳо беҳтаранд:** Сарватманду тавонгари шукргузор ё
камбағали сабркунанда агар шахси сарватманду тавонгар молу дорои худро дар тоати Худованд сарф намояд, ё онро барои тоати Худованд захира намояд, дар ин ҳолат ӯ аз шахси камбағал беҳтару бартар мебошад ва агар бештари масрафи ӯ дар корҳои мубоҳ бошад, пас дар ин ҳолат камбағали сабр кунанда аз тавонгари сарватманд беҳтару бартар аст, Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармоянд: *Хурандаи шукргузор дар мартабаи рузадори сабр кунанда аст.* **(Аҳмад)**

**Ризо ва хушнудӣ:** Он иборат аз қаноат бар чизе ва иктифо бар он аст ва ҷои он баъд аз сурат гирифтани феъл аст ва ризову хушнуди бар қазо ва қадари Илоҳӣ аз беҳтарин ва бузургтарин мақому манзилати бандагони наздик шуда ба Худованд аст ва ӯ аз самараҳову асарҳои муҳабат ва тавакал мебошад ва Худовандро дуъо кардан то макруҳеро аз инсоне дур кунад мухолиф бахушнуди ва ризо бақазо ва қадари Илоҳӣ намебошад.

**Хушуъ (Аурутани кардан):** Он иборат аз таъзим ва шикастагиву хорӣ ва зорӣ аст, ҳазрати Ҳузайфа (разияллоҳу анҳу) мефармояд: Аз хушуъи нифоқ бар ҳазар бошед, барояш гуфтанд: Хушуъи нифоқ чист фамуд: он аст, ки тану баданро хошиъ ва фурутан бини дар ҳоле ки дар дил хушуъе вуҷуд надорад.

**Ин чунин фармуд:** Нахӯстин чизе ки аз динатон аз даст медиҳед хушуъ аст. Ва ҳар ибодате ки дар он хушуъ бояд

кард, Аҷраш ба андозаи хушуъаш дар он мебошад: мисли намоз, Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар бораи намозхон фармудааст ки, *"Онро аз Аҷри намозаш нест магар нисфаш, чаҳор якаш, панҷ яки он......даҳ яки он балки ӯро шояд аз Аҷри намозаш чизе боқи намонад ва он дар ҳоле аст, ки дар намозаш хушуъе надошта бошад"*

Раҷо (Умед): Ва ӯ иборат аст аз нигаристан ба паҳноварии раҳмати Худованд вазидди он ноумеди аст ва амал кардан дар асоси умед беҳтараст аз амал кардан дар асоси тарсу ҳарос, зеро "Умед" гумони нек баХудовандро меруёнад, чуноне ки Худованд дар ҳадиси Қудси мефармояд: *"Ман онҷо хоҳам буд, ки бандаам гумон мекунад"* **(Муслим).**

Ва "Раҷо" (Умед) бар ду мартабааст: Мартабаи баланд: Ва ӯ аз насиби касе аст, ки тоатеро анҷом бидиҳад ва аз Худованд савоби онро умед дорад, ҳазрати Оиша аз Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) пурсид: *Эй Расули Худо ояте ки Худованд дар он мефармояд: "Ва ононе ки медиҳанд он чи ки медиҳанд ва дилҳояшон тарсон аст" Оё мурод аз ин оят касе аст, ки дуздӣ мекунад ва шароб менушад ва ӯ аз Худо метарсад. Паёмбар* (саллаллоху алайҳи ва саллам) *фармуд: на эй духтари Сиддиқ (Абубакр) онҳо касонеанд, ки намоз мехонанд ва руза мегиранд ва садақа медиҳанд ва бо вуҷуди он боз метарсанд, ки Худованд оё амалҳояшонро қабул мекунад инҳоянд, ки дар некиҳо бо шитоб мекушанд* **(Тирмизӣ).**

Мартабаи поён: Ва ӯ насиби бандагони гунаҳкоре аст, ки тавба мекунанд ва умед аст, ки Худованд онҳоро бубахшад, аммо гунаҳкоре ки тавба намекунад ва бар гуноҳи худ пофишор аст ва бар умеди раҳмат аст ин кори ӯ "Таманно" аст на "Раҷо" (Умед). ("Таманно" дархости чизи мустаҳилу номумкин мебошад, аммо "Умед" дархости чизи мумкин аст) ин намуди "Умед" нописанд буда намуди аввалаш писанд аст.

**Ҳар бандаи муъмин дар нафси худ ду сифати некиро ҷамъ кардааст:**

Некукорӣ ва тарс аз Худованд. Ва мунофиқ ду сифати бадро дар нафси худ ҷамъ кардааст: бадиро ва худро эмин доштан

аз иқоби Худованд.

Тарс: Иборат аз ғаму андухе аст, ки дар нафси инсон ба сабаби интизори чизе ногувор ҷой мегирад, пас агар вуқуъи он чизи ногувор яқинӣ бошад ӯро "Хашят" меноманд ва зидди он "Амну амонӣ" мебошад ва ҳаргиз "Тарс" зидди "Раҷо" (Умед) намебошад: зеро "Тарс" аз роҳи "Раҳбат" ба вуҷуд меояд, дар ҳоле ки "Раҷо" аз роҳи "Рағбат" ба вуҷуд меояд ва бояд миёни ҳар яке: "Муҳаббат" ва "Тарс" ва "Раҷо" ҷамъ намуд. Ибни Қайим мегуяд: қалб дар роҳи рафтан ба сӯи Худо ба манзилати парандаест ки "Муҳаббат" сари ӯст ва "Тарс" ва "Раҷо" ҳарду болҳои ӯст ва ҳар гоҳ "Тарс" дар дил хона гирифт ҷои шаҳватро дар он месӯзонад ва дунёро аз он мекӯҳонад. Ва тарсе ки ҳукми он воҷиб аст: Тарсе аст, ки бандаро ба анҷоми воҷибот ва тарки муҳаррамот боъис мешавад.

Ва "Тарс" бар чанд навъ аст: 1) Тарси сиррӣ (Тарсе ки аз ҷиҳати ибодат ва парастиш бошад) ин навъ тарс бояд барои Худо бошад ва сарф кардани чизе аз он барои ғайри Худо ширки акбар мебошад, монанди тарс аз худоёни мушрикон мебошад, ки мабодо зараре ё макрӯҳе бирасонанд.

2) Тарси муҳарам (ҳаром): Иборат аз ин аст, ки тарс аз мардум ба хотири ин ки воҷиберо тарк кунанд ё муртакиби ҳароме шаванд. 3) Тарси ҷоиз: он ҳамон тарси табиъиест мисли тарс аз шеру паланг ва ғайраҳо.

Зоҳидӣ: Ва ӯ иборат аст аз бераҳбатӣ ва беэътиноӣ бар чизе ва эҳтимом бар чизе хубтар ва беҳтар аз он ва зоҳидӣ дар дунё қалбу баданро роҳат мебахшад ва рағбат дар он ғаму андӯҳро меафзояд. Ва дӯстдоштани дунё сарманшаъ ва асоси ҳар гуноҳу хатост ва буғзу бадбинии он сабаби ҳар хайру тоат аст ва ҳақиқати зоҳидӣ дар дунё ин аст, ки дунёро аз дилат берун созӣ на он ки ӯро аз дастат берун куни дар ҳоле ки дилат ба у мутаъалиқ бимонад, чунки ин зоҳидии ҷоҳилон аст. Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: *"Моли солиҳ ва шоиста чи моли хубест агар дар ихтиёри марди солеҳу некӯкор бошад"* (Аҳмад).

Инсони фақиру камбағалро бо ҳамроҳии мол ва дорои панҷ аҳвол

аст: 1) Аввал ин ки аз ба даст овардани он фирор кунад ба хотири он ки онро бад мебинад  ва аз бадии он ва машғул шудан ба он худдорӣ мекунад, соҳиби ин ҳолро “Зоҳид” меноманд. **2)** Дувум ин ки ба сабаби ба даст омадани он на хуш шавад ва на ҳам онро то андозае бад бинад, соҳиби ин ҳолро “Рози” (Хушнуд) меноманд. **3)** Севум ин ки вуҷуди мол назди ӯ маҳбубтар аст аз набуданаш зеро ки ӯ ба он мол рағбат дорад, магар ин ки рағбати ӯ то андозае нарасидааст, ки дар талаби он кӯшиш варзад, балки агар ба осонӣ омад ӯро мегираду хушнуд мешавад  ва агар пайдо карданаш эҳтиёҷ ба ранҷ бошад худро дар талабаш машғул насозад  ва соҳиби ин ҳолро “Қаноъатманд” меноманд. 4) Онеки аз ҷиҳати аҷзу нотавонӣ талаби онро тарк кунад, вагарна рағбаташ бамол хело зиёд аст ва агар роҳе барои ҳосил кардани ӯ дарёбад агарчи душвор ҳам бошад, дар талаби он мекӯшад  ва соҳиби ин ҳолро “Ҳарис” (Молдӯст) меноманд. **5)** Онеки аз ҳад зиёд тангдаст буда ва бамол эҳтиёҷ дорад, мисли гурусна ва бараҳна ки на хӯрок дораду на пӯшок  ва соҳиби ин ҳолатро “Музтар” (Бечораву ночор) меноманд.

# ГУФТУГӮИ ОРОМ ВА ДӮСТОНА

Ду мард ба номҳои Абдуллоҳ ва Абдуннабӣ бар ҳасби иттифоқ бо ҳам бархӯрд карда, дар мавриди масоиле чанд ба гуфтугӯ пардохтанд, ки дар зер оварда хоҳад шуд. Нуқтаи оғози ин гуфтугӯ ин буд, ки Абдуллоҳ номи Абдуннабиро хилофи таълими шаръ медонист ва онро убудият нисбат ба ғайри Худо мепиндошт.

Абдуллоҳ: Оё ту ғайри Худоро парастиш ва ибодат мекунӣ?

Абдуннабӣ: Наб ман ғайри Худоро парастиш намекунам, ман мусулмон ҳастам ва танҳо Худоро ибодат ва парастиш мекунам.

Абдуллоҳ: Аммо ин исм мисли Абдулмасиҳ ва амсоли он аст, ки масеҳиён бар худ мегузоранд. Ҳарчанд ин кори масеҳиён ҷойи тааҷҷубе надорад, чун онон Исо (алайҳи саломро)ро мепарастанд. Аммо ҳар кас исми тӯро бишнавад, фикр мекунад ту низ Паёмбари ислом (саллаллоху алайҳи ва саллам)ро парастиш мекунӣ, ҳол он ки дар эътиқодоти мусулмонон Муҳаммад (саллаллоху алайҳи ва саллам) танҳо банда ва паёмбари Худост.

Абдуннабӣ: Муҳаммад (саллаллоху алайҳи ва саллам) беҳтарини инсонҳо ва сарвари ҳамаи паёмбарон аст. Мо бо ин навъ номҳо ба худ исми табаррук меҷӯем аз тариқи ҷо ва манзалати эшон, қасди тақарруб ба даргоҳи илоҳиро дорем ва ба хотири ҳурмат ва шарофати ин исмҳо шафоати эшонро хосторем. Аз тарафи дигар номи бародар ва падарам Абдулҳусайн ва Абдуррасул аст.

Ин номҳо аз қадимулайём дар миёни мардум роиҷ буда, ту ҳам ин қадар сахтгир набош, дини Ислом дине аст саҳлу осонгир.

Абдуллоҳ: Ин амри зишт ва нописанде, киту мегӯӣ, бадтар аз масъалаи номҳост. Дар воқеъб ту аз ғайри Худо чизеро мехоҳӣ, ки дар тавони ӯ нест, фарқ ҳам намекунад, ки ин фард, Муҳаммад (саллаллоху алайҳи ва саллам) бошад ё дигар солеҳоне чун Ҳусайн (раз.), Баҳоуддин (раҳ.) ва амсоли онҳо. Ин бо тавҳиде, ки Худованд онро ба мо амр фармуда ва низ бо мафҳуми Ло илоҳа иллаллоҳ зиддият дорад. Ман барои ин ки аҳамияти ин масъала ва оқибатҳои бади онро барои ту

беҳтар ва возеҳтар баён кунам, чанд суол аз ту мепурсам, албатта, инро бидон, ки ҳадафи ман аз ин кор танҳо расидан ба ҳақиқат ва шинохти ботил аст. Аммо қабл аз ҳар чиз ду оятро ба унвони муқаддимаи баҳсамон зикр мекунам. Аввалин оят ин аст: "*Мўъминон ҳангоме, ки ба сўйи Худо ва Паёмбараш фаро хонда мешаванд то миёни онон доварӣ кунад, суханашон танҳо ин аст, ки мегўянд: Шунидем ва итоат кардем*" **(Ан Нур` 51).**

Ва ояти дигар: "*Агар дар чизе ихтилоф доштед, онро ба Худо (Қуръон) ва Паёмбар (суннати ў) баргардонед*"**(Ан Нисо` 59)**

Абдуллоҳ: Дўсти ман ту муддаъӣ ҳастӣ, ки муваҳҳид ва яктопарастӣ. Бигў маънӣ ва мафҳуми Ло илоҳа иллаллоҳ чист?

Абдуннабӣ: Тавҳид ин аст, ки бовар дошта бошӣ Худованд вуҷуд дорад ва Ўст, ки осмонҳо ва заминро халқ карда, Ўст ки зинда мекунад ва мемиронад ва Ўст, ки умури оламро дар даст дорад ва Ўст рўзидиҳандаи огоҳу доно.

Абдуллоҳ: Агар мафҳуми тавҳид фақат ин бошад дар он сурат Фиръавн, Абўҷаҳл ва дигар куффор ва мушрикон низ яктопараст ҳастанд, зеро ҳеч кас ин масоилеро, ки ту баён намудӣ, инкор намекунад. Ҳатто Фиръавн ҳам ки иддаои худовандӣ мекард, дар дил ба ин мавориад эътиқод дошт. Қуръон ҳам дар ин маврид мефармояд: "*Ситамгорон ва мустакбирон мўъҷизотро инкор карданд , ҳарчанд ки дар дил яқин ва итминон доштанд*" **(Ан Намл` 14).**

Аммо Фиръавн фақат он замон, ки дар дарё ва ҳангоми ғарқ шудан, маргро ба чашм дид, ин боварро бар забон ошкор кард. Дўсти ман, бояд донист, ки ҳақиқати тавҳиде, ки Худованд ба хотири исбот ва баёни он Паёмбаронро дар миёни инсонҳо фиристод, китобҳо бар онон нозил фармуд ва Қурайш ва дигар куффор ба қатл расиданд, ин аст, ки танҳо Худовандро ибодат кунем. Худи ибодат мафҳуме аст, ки ҳар он чиро, ки ба Худо писанд меояд аз он хушнуд бояд шуд, дарбар мегирад ва Илоҳ дар Ло илоҳа иллаллоҳ ба ин маъност, ки ҳеч касро лаёқати ибодат ва итоъат нест, ҷуз Худованди бузург.

Абдуллоҳ: Дўсти ман! Суоли дигаре мепурсам: Оё медонӣ

чаро паёмбарон, ки аввалини онон Нӯҳ (алайҳи саллом) аст дар миёни инсонҳо мабъус шуданд?

Абдуннабӣ: Барои ин ки мушриконро ба парастиши Худои якто фаро хонанд ва ононро аз ширк варзидан боз доранд.

Абдуллоҳ: Хуб, метавонӣ ба ман бигӯӣ чаро қавми Нӯҳ (алайҳи саллом) мушрик буданд ва ширк меоварданд?

Абдуннабӣ: На, намедонам.

Абдуллоҳ: Худованд Нӯҳ (алайҳи салломро) ро дар миёни қавмаш фиристод, чун онон дар мавриди солеҳони худ чун Вадда, Сувоъ, Яғус, Яъуқ ва Наср роҳи муболиға дар пеш гирифта буданд.

Абдуннабӣ: Манзурат ин аст, ки Вадда, Сувоъ ва амсоли онҳо, исми солеҳон ҳастанд ва на номи ҷабборони кофири он қавм?

Абдуллоҳ: Бале, ин исмҳо номи солеҳони он қавм буд, ки мардум ононро ба илоҳҳое мубаддал сохтанд. Араб ҳам ҳамон роҳи ононро тай кард. Ибни Аббос (р) дар ин хусус чунин гуфтааст: «*Бутҳое ки дар миёни қавми Нӯҳ (алайҳи саллом) буд, баъдҳо ба миёни қабоили араб омад ва ҳар қабилае бутеро барои худ баргузид. Бути Вадда калб, ки дар Давматуқлқҷандал сокин буданд ва бути Сувоъ барои Ҳузайл ва бути Яғус барои Бани Мӯрод ва баъдаҳо барои Бани Ғузайф, ки сокини Ҷавфи сабоъ буданд ва бути Яъуқ барои Бани Ҳамдон ва бути Наср барои Ҳумайр оли Зиқлқкилоъ, ки ба тартиб Вадда ,Сувоъ, Яғус, Яъуқ ва Насрро барои худ интихоб карданд. Ин номҳо исми солеҳони қавми Нӯҳ (алайҳи саллом) буд, ки пас аз вафоташон мардум ба таҳрики шайтон барои ёдбуди онон муҷассамаҳое аз онон сохта ва дар маҷолис ва маҳофили худ насб карданд. Пас аз марги наслҳои нахустин наводагони онон бо аз ёд бурдани ҳадафи сохти ин тамсилҳо ба парастиши онҳо рӯй оварданд*». **(Бухорӣ).**

Абдуннабӣ: Ин сухани бисёр аҷибе аст!

Абдуллоҳ: Чизи аҷибтар аз он ин аст, ки Худованд, Паёмбари ислом (саллаллоху алайҳи ва саллам)ро дар миёни қавме фиристод, ки Худоро парастиш мекарданд, ҳаҷ баҷо меоварданд ва инфоқ мекарданд. Мушкили онон дар ин нукта буд, ки онон баъзе аз офаридаҳои Худовандро чун

фариштагон ва Исо (алайҳи саллом) ва дигар солеҳон ва неконро воситаи тақарруб ба Худованд қарор медоданд ва ононро шафиъи худ назди Худо мепиндоштанд. Расули акрам (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар миёни онон мабъус шуд, то онон ро ба дини ҳанифи Иброҳим (алайҳи саллом) бозгардонад ва ба он қавм бифаҳмонад, ки тақарруб ва шафоъат хоси Худост ва ғайри Ӯро ҳақи он мақоми воло нест ва танҳо Ӯ офаридгори ҷаҳониён аст. Танҳо Ӯст, ки офаридаҳояшро рӯзӣ медиҳад ва тамоми осмонҳо ва замин ва ҳар он чи дар онҳост ва ҳатто он маъбудоне, ки парастишашон мекунанд, махлуқ ва фармонбардори Ӯянд ва таҳти тасаллут ва иҳотаи он зоти беҳамто қарор доранд.

Абдуннабӣ: Ин ҳарфи муҳим ва аҷибе аст, ки ту мегӯӣ, оё барои суханат ҳам далеле дорӣ?

Абдуллоҳ: Далоили ҳарфам бисёранд, аз ҷумла ин оят: *“Бигӯ, чӣ касе аз осмону замин ба шумо рӯзӣ медиҳад? Чӣ касе молик ва холиқи гӯшу чашмҳост ва ё чӣ касе зиндаро аз мурда ва мурдаро аз зинда берун меоварад, ё чӣ касе умури ҷаҳонро тадбир мекунад? Хоҳанд гуфт: Худо. Пас бигӯ: Пас чаро тақво пеша намекунед ва аз Худо наметарсед?”* **(Юнус` 31)**

Ё ин оят: *“Бигӯ замин ва касоне, ки дар замин ҳастанд, аз они кистанд агар доно ва фарзонаед? Хоҳанд гуфт: Аз они Худоянд. Бигӯ: Пас чаро намеандешед ва ёдовар намегардед? Бигӯ: Чӣ касе соҳиби осмонҳои ҳафтгона ва соҳиби Арши азим аст? Хоҳанд гуфт: Аз они Худост. Бигӯ: Пас чаро парҳезгорӣ пеш намегиред? Бигӯ: Оё чӣ касе фармондеҳии бузурги ҳама чизро дар даст дорад? Ӯ касест, ки паноҳ медиҳад ва касеро Ӯ паноҳ дод, агар фаҳмида ва огоҳед? Хоҳанд гуфт: Аз они Худост. Бигӯ: Пас чӣ гуна фиреб дода мешавед?”* **(Ал Муъминун` 84 то 89)**

Куффори Қурайш ҳам ҳангоми тавоф лаббайкгӯён мегуфтанд: “Худоё, мо гӯш ба фармони Туем, Тӯро ҳеч шарике нест, магар шарике, ки ҳам худи ӯ ва ҳам ҳар он чи, ки дар ихтиёр ва тасарруфи ӯст, дар мулк ва тасарруфи туст.” Мебинӣ, ки мушрикони Қурайш низ ба ин эътиқод доштанд, ки дунё ва ҳар он чи, ки дар он аст офаридаи Худоянд ва дар ихтиёри Ӯянд ва ин ҳамон тавҳид дар рубубият аст. Аммо ин навъ тавҳид, онон ро ба доираи

Ислом ворид нанамуд, зеро фариштагон ва некон дар эътиқоди онон метавонанд манзалаашонро назди Худованд боло бурда ва шафеъоне назди Худо бошанд. Ҳамин эътиқоди ботил, ҷон ва молашонро ҳалол кард. Бинобар ин мо бояд дуо, назр, забҳу қурбонӣ, истиъонат ва тамоми ибодоти дигарро танҳо мухтас ба Худованд бидонем.

Абдуннабӣ: Пас агар тавҳид ба маънои имон ба вуҷуди Худо нест, ба чи маъност?

Абдуллоҳ: Манзур аз тавҳиде, ки паёмбарон ба хотири он дар миёни мардумон мабъус шуданд, ин аст, ки танҳо Худоро парастиш ва ибодат кунем ва ҳар навъ амале мисли забҳ, дуо, назр, истиъонат ва истиғосаро танҳо дар ҳақи Худованд анҷом диҳем. Ин мафҳуми дурусти *Ло илоҳа иллаллоҳ* аст. Қурайш ин умурро нисбат ба илоҳҳои худ анҷом медоданд, ҳол он ки ин илоҳ, мумкин буд паёмбар бошад ё фаришта, инсон бошад ё ҷин, дарахт бошад, ё қабр. Онон офариниш, тадбири олам ва розиқ буданро танҳо хоси Худо медонистанд. Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар миёни онон мабъус шуд, то ононро ба камоли тавҳид ба мафҳуми дурусти он ва иҷрои он фаро хонад.

Абдуннабӣ: Манзурат ин аст, ки як қурайшии мушрик дар фаҳми маънои *Ло илоҳа иллаллоҳ* аз мусулмонони замони мо донотар будааст?

Абдуллоҳ: Бале, ва ин воқеъияте аст дарднок. Куффори нодон медонистанд, ки манзури Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) аз *Ло илоҳа иллаллоҳ* ин аст, ки бояд убудият ва итоатро танҳо хоси Худо қарор дод ва ибораи ғайр аз Ӯро инкор кунем. Онон дар ҷавоби Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам), ки фармуд бигӯед: «*Ло илоҳа иллаллоҳ*» ба таъбири Қуръон чунин гуфтанд: “*оё у баҷой ҳамаӣ ин Худоён Худои ягонае қарор доданист ин баости чизи аҷибест* ” **(Сод` 5)**

Ҷойи басе тааҷҷуб аст, ки куффори нодон маънои ин иборатро хуб медонистанд, аммо касоне, ки худро мусулмон медонанд, дар ҳадди он куффор ба маънои ин калима воқиф нестанд ва ҳатто ҳастанд касоне, ки мепиндоранд Ислом танҳо бар забон рондани ин иборат астб ҳол он ки қалбан эътиқоде ба маъно ва мафҳуми он

надоранд. Мутаассифона, ононе ки дар дин мутолиоте доранд, аз ин масъала мустасно нестанд ва гумон мебаранд ин калима бадон маъност, ки танҳо Худо холиқ ва розиқи ҷаҳон аст ва танҳо Ӯст, ки ба тадбири умури ҷаҳон мепардозад. Бояд эътироф кард ҳар мусулмоние, ки куффори Қурайш нисбат ба фаҳми дурусти калимаи тавҳид аз онон донотаранд, ҳеч хайр ва манфиъате нест.

Абдуннабӣ: Аммо ман барои Худо шарике қоил нестам, имон дорам, ки ҳеч холиқ ва розиқе ғайр аз Худованди бузург вуҷуд надорад ва ҳар навъ нафъу суд ё зарару мусибате танҳо аз ҷониби Ӯст. Ман бовар дорам, ки Ӯро ҳеч мислу монанде нест ва Муҳаммад (саллаллоху алайҳи ва саллам) паёмбар аст ва ҷуз ба изну хости Худо наметавонад дар мавриди худ тасмиме бигирад, чӣ бирасад ба дигар бузургоне чун Алӣ, Ҳусайн, Абдулқодир ва амсоли онҳо. Он чи ки лозим аст гуфт, ин аст, ки ман ва амсоли ман гуноҳгорем ва онон солеҳон ва неконе ҳастанд, ки назди Парвардигор, соҳиби ҷоҳу манзалатанд. Мо дарвоқеъ, аз онон мехоҳем то ба хотири он ҷоҳу мақомашон назди Худо, шафоъати моро ба даргоҳи Ӯ бикунанд.

Абдуллоҳ: Ҷавоби ман ҳамон аст, ки гуфтам. Куффор ва мушрикон ҳамчунин боварӣ доштанд, онон низ эътиқод доштанд, ки холиқу розиқи ҷаҳон танҳо Худост ва танҳо Ӯст, ки умури оламро тадбир мекунад ва илоҳҳояшонро танҳо ба хотири даст ёфтан ба тақарруб ва шафоаташон ибодат мекарданд. Оётеро, ки дар ин робита ҳастанд низ қаблан баён кардам.

Абдуннабӣ: Аммо оёте, ки дар ин хусус нозил шудаанд дар мавриди бутҳост на дар мавриди паёмбарон ва солеҳон, пас чӣ тавр ононро ба бутон монанд мекунед?

Абдуллоҳ: Ҳамон тавр ки гуфтем, баъзе аз ин бутон дар асл номи солеҳон ва некони ақвом будаанд, ҳамон ки дар миёни қавми Нӯҳ (а) инчунин буд. Куффор ва мушрикон танҳо шафоъати ин бутонро металабанд, зеро ононро соҳиби арҷу қурб назди Худо медонистанд.

Далели мо ин ояи Қуръон аст: «*Касоне, ки ҷуз Худо сарпарастон ва ёварони дигареро бар мегиранд. (Мегӯянд) мо*

*онопро парастиш намекунемб магар бадон хотир, ки моро ба Худованд наздик гардонад»* (Зумар`3).

Аммо дар ҷавоби ин суол, ки чӣ гуна метавон паёмбарон ва авлиёро монанди бутҳо донист, бояд гуфт Паёмбари акрам (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар миёни қавме мабъус шуд, ки гурӯҳе аз онон авлиё ва солеҳонро шафиъи худ мехонданд ва Қуръон дар мавриди инчунин афрод мегӯяд: "*Он касонеро, ки фарёд мехонанд онон, ки аз ҳама муқаррабтаранд барои тақарруб ба парвардигорашон васила меҷӯянд ва ба раҳмати Худо умедвор ва аз азоби Ӯ ҳаросноканд ҷаро ки аз азоби Парвардигорат бояд ҳазар кард*" (асро` 57).

Гурӯҳе дигар Исо ибни Марямро шафиъи худ қарор медоданд, ки Худованд мегӯяд: "*Эй Исо писари Марям! Оё ту ба мардум гуфтаӣ, ки ҷуз Аллоҳ ману модарамро ҳам ду Худои дигар бидонед?*" (Алмоида` 116)

Дастае ҳам фариштагонро воситаи тақарруби худ ба даргоҳи Худованд тасвир мекарданд: "*Рӯзеро, ки Худованд ҷумлагӣ ононро гирд меоварад ва сипас ба фариштагон мегӯяд: Оё инон шуморо парастиш мекарданд*" (Сабаъ` 40).

Бо диққат ва тааммул дар оёти Қуръон дармеёбем, ки Қуръон ҳам касонеро, ки қоил ба мақоми убудияти бутон буданд, такфир мекунад ва ҳам ононеро, ки ҳамин тарз тафаккурро нисбат ба Паёмбар, авлиё ва фариштагон доранд. Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) бо ҳамаи онон ҷангид ва ҳеч тафовуте байни онон қоил набуд.

Абдуннабӣ: Аммо куффор аз бутони худ суду манфаъат мехостанд, ҳол он ки мо имон дорем, ки ҳамаи хайр ва баракатҳо ва зарару зиёнҳо аз ҷониби Худованди доно ва ҳакиме аст, ки тадбири ҳамаи олам дар дасти Ӯст ва солеҳону неконро дар ин кор тавоноӣ нест. Мо танҳо умеди он дорем, ки онон шафиъи мо назди Худованд бошанд, ҳамин асту бас.

Абдуллоҳ: Ин сухани ту дақиқан мисли сухани куффор аст. Қуръон ҳам аз забони онон чунин мефармояд: "Инон ғайр аз Худо чизҳоеро мепарастанд, ки на ба эшон зиён мерасонад ва на суде оидашон месозанд ва мегӯянд: инҳо миёнаҷӯйҳои мо дар назди Худоянд".

Абдуннабӣ: Аммо ман танҳо Худовандро мепарастам ва паноҳ бурдан ба солеҳону некон ва истиъонат аз ононро ибодату парастиши онон намедонам.
Абдуллоҳ: Ман аз ту як суол мекунам: Оё имон дорӣ, ки Худованд бар мо воҷиб фармуда, ки ибодатро холисона ва фақат барои Ӯ анҷом диҳем, ҳамон тавр ки худи Ӯ дар Қуръон чунин фармудаанд: "*Дар ҳоле, ки ҷуз ин ба эшон дастур дода нашудааст, ки мухлисона ва ҳақгароёна Худойро бипарастанд ва танҳо шариъати Ӯро ойин бидонанд*" **(Албайна` 5)**
Абдуннабӣ: Балеб Ӯ ин амрро бар мо воҷиб кардааст.
Абдуллоҳ: Хубб ман аз ту мехоҳам ин ихлос дар ибодатро, ки Худованд бар ту воҷиб карда барои ман тавзеҳ диҳӣ.
Абдуннабӣ: Намефаҳмам манзурат аз ин суол чист?
Абдуллоҳ: Пас ба ман гӯш бидеҳ, то онро бароят тавзеҳ диҳам.
Худованд дар Қуръон фармудааст: "*Парвардигори худро фурӯтанона ва пинҳонӣ ба ёрӣ бихоҳед, Ӯ таҷовузкоронро дӯст намедорад*" **(Ал Аъроф` 55).**
Ҳоло аз ту мепурсам, ки оё дуо кардан ибодате аст хос ба Худо ё на?
Абдуннабӣ: Бале, зеро ҳамон тавр, ки дар ҳадиси Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) омада: "*Дуъо айни ибодат аст*" (Аҳмад ва Абудовуд). Дуо ҷойгоҳи муҳиме дар ибодат дорад.
Абдуллоҳ: Ту ки муътақиди дуо ибодате аст хоси Худо ва барои иҷобати дуоят шабу рӯз ва дар ҳолати тарс ва умед Ӯро мехонӣ ва он вақт дар дуоят фаришта ё Паёмбар ва ё фарди солеҳеро, ки дар қабраш оромидааст, восита қарор медиҳӣ, ба ман бигӯ оё дучори ширк дар ибодат нашудаӣ?
Абдуннабӣ: Бале, дучори ширк шудаам, суханат комилан дуруст аст.
Абдуллоҳ: Ҳоло бароят мисоли дигаре мезанам. Худованд мефармояд: «*Ҳоло ки чунон аст, танҳо барои Парвардигори худ намоз бихон ва қурбонӣ кун*» **(Ал Кавсар` 2).** Оё ту забҳ ва қурбониро ибодат медонӣ ё на?
Абдуннабӣ: Бале, ибодат аст.
Абдуллоҳ: Бинобар ин, агар барои офаридае аз офаридаҳои Худо ин корро анҷом диҳӣ, оё дар ин ибодат нисбат ба

Худованд ширк варзидаӣ ё на?
Абдуннабӣ: Бале, ин кор бидуни шак ширк аст.
Абдуллоҳ: Ман дуо ва забҳро барои ту мисол задам, чаро ки дуо боризтарин ибодати қавлӣ ва забҳ боризтарин ибодати амалӣ аст. Аммо ибодот мунҳасир ба ин ду чиз нест ва масоили дигаре чун назр, савганд, истиъоза ва истиҷобат ва монанди инҳоро дарбар мегирад. Ҳоло аз ту мепурсам: Оё мушрикони Қурайш фариштагон, солеҳон ва Лоту Уззоро ибодат ва парастиш мекарданд?
Абдуннабӣ: Бале, ононро ибодат мекарданд.
Абдуллоҳ: Аммо ибодоти онон танҳо дар дуо, забҳ, истиъоза, истиъонат ва истиҷобатидуо буд ва имон доштанд, ки онон ҳама бандагони Худоянд ва таҳти қудрат ва фармони Ӯ. Онон бовар доштанд танҳо Худост, ки умури оламро дар даст дорад ва бутону илоҳҳоро танҳо барои ин мехонданд, ки шафиъашон назди Худо бошанд.
Абдуннабӣ: Абдуллоҳ! Оё ту шафоъати Паёмбарро инкор мекунӣ?
**Абдуллоҳ:** На, ман онро инкор намекунам, балки баръакс Паёмбари акрам (саллаллоху алайҳи ва саллам), ки падар ва модарам, қурбонаш шаванд, шафиъи уммати худ назди Раббулъоламин аст ва орзӯям ин аст, ки шафоъати эшон шомили ҳоли ман ҳам шавад. Аммо бояд донист ҳама шафоатҳо аз они Худост чунон ки Қуръон мефармояд: "*Бигӯ, ҳар гуна шафоъат аз они Худост*" **(Аз Зумар 44).**
Ҳеч касро наметавон шафоат кард, магар ин ки Худованд изни онро дода бошад: "*Кист он кас, ки ҷуз ба изни Ӯ дар пешгоҳаш шафоат кунад?*" **(Ал Бақара` 255)**
Шафоат низ танҳо касонеро дарбар мегирад, ки Худо аз онон хушнуд бошад: "*Ва онон ҳаргиз барои касе шафоат намекунанд, магар барои он касе, ки Худо аз ӯ хушнуд аст*" **(Ал Анбиё` 28) .**
Ва Худованд аз ҳеч кас хушнуд намешавад ,ҷуз аз тариқи эътиқоди росих ба тавҳид ва Ислом. "*Ва касе, ки ғайр аз Ислом ойине баргузинад, аз ӯ пазируфта намешавад ва ӯ дар охират аз зумраи зиёнкорон хоҳад буд*" **(Ал Емрон` 85).**
Бинобар ин ва бо ин оят бояд шафоъатро фақат аз Ӯ

бихоҳем ва чунин бигӯем: Парвардигоро! Маро аз шафоъати Паёмбарат маҳрум нагардон ва ӯро шафиъи ман соз.
Абдуннабӣ: Мо қаблан дар ин масъала тавофуқ кардем, ки набояд аз ғайри Худо чизе хост, ки тамаллук ва тавони онро надорад, аммо ҳақи шафоат ба Паёмбараш ато фармуда, бинобар ин ӯ молик ва соҳиби ин ҳақ аст ва тавони шафоат намуданро дорад, пас метавон аз ӯ шафоат хост ва ин дигар ширк маҳсуб намешавад.
Абдуллоҳ: Агар Худованд сароҳатан моро аз ин кор манъ намекард ҳарфи ту дуруст буд. Худованд дар Қуръон мефармояд: "*Пас ҳеч касро бо Худо нахонед*" **(Ал Ҷин` 18).**
Талаби шафоат, дуост ва оне ки ҳаққи шафоатро ба Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) ато фармуда, моро аз дуо ва талаби шафоат аз ғайри Ӯ барҳазар доштааст.
Ҳамчунин медонем шафоат имтиёзест, ки Худованд онро ба фариштагон, авлиё ва ҳатто (афрот), он кудаконе, ки қабл аз булуғашон вафот кардаанд, ато фармудааст, ба ин тартиб метавон аз онон талаби шафоат ва тақарруб ба даргоҳи Худованд намуд, ки дар он сурат боз ба ҳамон ибодати солеҳон ва неконе бармегардем, ки мушрикони Қурайш бар он буданд. Ҳоло агар ин масъалаи ибодати солеҳон ва фариштагонро қабул дошта бошед, оёти Қуръонро, ки моро аз ин кор манъ мекунад, нодида гирифтаем ва агар аз ин кор сарфи назар кунем, каломи ту ботил мешавад, ки чун Худованд ба Паёмбар ҳаққи шафоат ато фармуда, пас метавон аз ӯ талаби шафоат намуд.
Абдуннабӣ: Аммо ман ба Худо ширк набастаам ва истиъонат аз солеҳон ва авлиёро ширк намедонам.
Абдуллоҳ: Оё бовар дорӣ, ки Худо ширкро ҳаром намуда ва онро бузургтар ва зишттар аз амали дунё баён карда ва эълон кардааст, ки онро намебахшад?
Абдуннабӣ: Бале, Худованд онро ба таври возеҳ ва ошкор баён кардааст.
Абдуллоҳ: Хуб , ту алон худро аз ширк ба Худо мубарро сохтӣ, оё метавонӣ он ширкеро, ки ту дучори он нашудаӣ ва худро аз он муназзаҳ медонӣ, барои ман тавзеҳ диҳӣ?

Абдуннабӣ: Ширк ин аст, ки бутҳоро парастиш кунем, аз онон чизе бихоҳем ва аз онҳо биму ҳарос дошта бошем.
Абдуллоҳ: Хубб ба ман бигӯ маънои парастиши бутҳо чист? Оё фикр мекунӣ куффори Қурайш ба ин мӯътақид буданд, ки он чӯбу сангҳо меофаринанд, рӯзӣ медиҳанд ва умури ҷаҳонро дар ихтиёр доранд? Ҳамон тавр, ки гуфтам онон чунин эътиқод надоштанд.
Абдуннабӣ: Ман ҳам ба ин бовар ва эътиқод надорам. Ман мегӯям онон, ки чӯбу санг ва биноҳое, ки бар қубур сохтаанд ва амсоли онҳоро малҷаъ ва паноҳгоҳи худ медонанд, барои онҳо забҳ ва қурбонӣ мекунанд ва онҳоро воситае барои тақарруб ба Худо ва дар амон мондан аз хашми Ӯ мепиндоранд, ба Худо ширк бастаанд ва ин ҳамон ибодат ва парастиши бутҳост, ки манзури ман мебошад.
Абдуллоҳ: Аммо ин ҳамон корҳоест, ки шумо дар ҳақи мазорҳо ва зариҳҳои қубур анҷом медиҳед. Ба ман бигӯ бидонам оё манзури ту аз ин ки ибодати бутҳо ширк мебошад ин аст, ки таваккал бар солеҳон ва истиъонат ва талаби иҷобати дуо аз онон ширк маҳсуб намешавад?
Абдуннабӣ: Бале, манзури ман ҳамин аст.
Абдуллоҳ: Пас оёте, ки Худованд дар онҳо таваккал ба паёмбарон ва солеҳон ва изҳори иродот ва хушӯъ ба фариштагон ва амсоли онҳоро ҳаром дониста ва ононеро, ки муртакиби он мешаванд, такфир намудааст, чӣ мешавад?
Абдуннабӣ: Онон, ки фариштагон ва паёмбаронро ба дуо мехонанд танҳо ба ин далел кофир шуданд, ки фариштагонро духтарони Худо ва Исо ва Узайрро писарони Ӯ мехонданд, аммо мо, ки намегӯем масалан Абдулқодир (раҳ) писари худост ё Зайнаб (раҳ) духтари Ӯст.
Абдуллоҳ: Нисбат додани фарзанд ба Худо, худ куфри ҷудогона аст.
Қуръон дар радди ин иддао мефармояд: "*Бигӯ: Худо, ягона ва якто аст. Худо сарвари волои бароварандаи умедҳо ва бартарафкунандаи ниёзмандиҳост. Назода ва зода нашудааст. Ва касе ҳамто ва ҳамгунаи Ӯ намебошад*" **( Ал Ихлос` 1 то 3).**

Ҳар кас низ ин масъаларо ба Худо нисбат диҳад, кофир шудааст.
Ҳамчунин Худо дар ҷойи дигар чунин мефармояд: "*Худо ҳаргиз фарзанде барои худ интихоб накарда ва маъбуди дигаре бо Ӯ нест, ки агар чунин мешуд ҳар як аз худоён махлуқоти худро тадбир ва идора мекарданд ва баъзе бар баъзеи дигар бартарӣ меҷустанд*" **(Ал Муъминун` 91).**
Бинобар ин мебинем, ки Худо байни ин навъ куфр ва байни эътиқод ба илоҳҳои мутаъаддид тафовуте қоил аст. Аз тарафи дигар куффоре, ки Лотро, ки марди солеҳ буд, ибодат мекарданд, ӯро фарзанди Худо намедонистанд. Ҳамчунин касоне, ки ҷинро ибодат мекарданд, ӯро фарзанди Худо намедонистанд. Мазоҳиби арбаъа (чоргона) ҳам дар мавриди ҳукми муртад дар ин иттифоқ назар доранд, ки агар фарде мӯътақид бошад Худоро фарзанде аст, муртад шуда ва агар касе ба Худо шарик бубандад ӯ низ муртад шуда, пас мебинем онҳо ҳам байни ин ду тафаккур тафовут қоиланд.
Абдуннабӣ: Аммо Худованд дар мавриди авлиё ва солеҳон мефармояд: "*Огоҳ бошед (дӯстон ва) авлиёи Худо на тарсе доранд ва на ғамгин мешаванд*" **(Юунус` 62).**
Абдуллоҳ: Мо ҳам ба мақому манзалати онон назди Худо имон дорем. Аммо ин далел намешавад, ки мо ононро ибодат кунем. Мо танҳо инро мегӯем, ки набояд бо истиъонат ва истиғоса аз онон барои Худованди беҳамто шарике қарор дод. Мо ҳам эътиқод дорем, ки мебоист ба онон эҳтиром гузошт ва дунболарави роҳу равиши онон буд. Танҳо аҳли бидъат ҷойгоҳ ва манзалати ононро инкор мекунанд. Дини Худо дине аст миёнарав, дини ҳидоят ва ҳақ дар миёни ду роҳи залолат ва бутлони ифрот ва тафрит.
Абдуннабӣ: Инро бояд дар назар дошт, ки Қуръон дар мавриди афроде нозил шуд, ки асосан калимаи тавҳидро қабул надоштанд, нубуввати Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) ва вуқуъи қиёматро инкор мекарданд ва Қуръонро сеҳр мехонданд. Аммо мо бар хилофи онон калимаи тавҳидро қабулдорем ва ба нубуввати Паёмбари ислом (саллаллоху алайҳи ва саллам), вуқуъи қиёмат ва рӯзи муҳосаба ва ҳаққонияти Қуръон

имон дорем, намоз мехонем, рӯза мегирем ва закот медиҳем, он вақт чӣ гуна моро монанди онон медонед?

Абдуллоҳ: Ҳама уламо ва бузургони дин бар ин асл иттифоқи назар доранд, ки ҳар кас дар як масъала, рисолат ва паёмбарии Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) ро қабул кунад, аммо дар масъалаи дигар паём ва дастури ӯро напазирад, муртад ва кофир шудааст. Ҳамчунин агар ба баъзе аз оёти Қуръон мӯъмин бошад ва ба баъзеи дигар кофир бошад ва монанди касе, ки ба тавҳид иқрор дошта бошад ва мункири намоз бошад, ё ба тавҳиду намоз иқрор дошта бошад ва ба вуҷуби адои закот мункир бошад, ё ба тамоми инҳо иқрор дошта бошад, вале мункири рӯза бошад, ё ба тамоми инҳо иқрор дошта бошад, вале мункири ҳаҷи хонаи Худо бошад, Худованд дар мавриди мардумоне, ки дар замони ҳаёти Паёмбари акрам (саллаллоху алайҳи ва саллам) аз адои фаризаи ҳаҷ саркашӣ мекарданд, чунин фармуд: «*Ва аз тарафи Худо бар мардум муқаррар шуд ҳаҷ кардани хона (Каъба), касеро ки тавони рафтан ба сӯйи онро дошта бошад (яъне тӯша ва маркаби роҳ дошта бошад) ва ҳар, ки куфрони неъмат варзад, яқинан Аллоҳ таъоло аз ҷаҳониён бениёз аст*» **(Ал Емрон` 97).**

Ва ҳар кас рӯзи муҳосабаро инкор кунад ба иттифоқи уламо кофир аст ва Қуръон сароҳатан баён намудааст, ки ҳар кас ба бахше аз Қуръон имон дошта бошад ва бахши дигар аз онро инкор кунад, куфр варзидааст.

Бинобар ин, аҳком ва усули Қуръон ва Ислом бояд ба таври тамом ва камол ва бидуни мустасно ҳифз ва риоят шавад, оё ту ба ин асл мӯътақидӣ ё на?

Абдуннабӣ: Бале, ба ин асл эътиқод дорам, зеро ин амр дар Қуръон комилан возеҳ ва ошкор аст.

Абдуллоҳ: Ҳоло ки ту ба ин асли халалнопазир имон дорӣ, бояд инро ҳам хуб бидонӣ, ки тавҳид бузургтарин фаризае аст, ки Паёмбари акрам (саллаллоху алайҳи ва саллам) онро бар пайравонаш воҷиб кардаанд. Тавҳид масъалаест бисёр муҳим ва бузургтар аз намоз, закот, рӯза ва ҳаҷ, пас чӣ тавр мумкин аст касе бо инкори яке аз ин умур аз Ислом хориҷ шуда ва кофир гардад, агар ҳам ба тамоми он чи Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) овардааст, амал кунад, аммо ба хотири инкори

тавҳид, ки тамоми анбиё барои исботи он мабъус шуданд, кофир нашавад. Ҷаҳли шумо ба ин амри хатир, бисёр тааҷҷубангез аст. Аз тарафи дигар ёрони Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам ) дар Ямома бо Бани Ҳанифа ба набард пардохтанд, ки ба рисолати Паёмбари ислом (саллаллоху алайҳи ва саллам) имон дошта ва калимаи тавҳидро бар забон оварда буданд, намоз мехонданд ва азон мегуфтанд.

Абдуннабӣ: Аммо онон ба иддаои нубуввати Мусайлимаи каззоб имон доштанд ва мо бовар дорем, ки баъд аз Муҳаммад (саллаллоху алайҳи ва саллам) ҳеч паёмбаре зуҳур намекунад.

Абдуллоҳ: Вале шумо чунон дар шаъни Алӣ (р) ва Абдулқодир (раҳ) ва дигар анбиёву фариштагон ва солеҳону авлиё муболиға мекунед, ки ононро дар ҳадди Худованд боло бурдаед. Агар ҳукм ин аст, ки ҳар кас инсонеро то ҳадди Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) боло бибурдб кофир аст ва ҷону молаш мубоҳ ва шаҳодатайн ва намоз хондан ҳам нафъе ба ҳоли ӯ надорад,  пас ин ҳукм нисбат ба касе, ки фардеро то ҳадди Худо боло барад ба тариқи авло ҷорист. Аз сӯйи дигар касонеро, киАлӣ (раз) сӯзонид низ мусулмон буданд ва аз ёрон ва ҳамразмони он ҳазрат ва аз саҳоба илм гирифта буданд, аммо
чун дар шаъни эшон дучори ҳамон пиндорҳои ғалат ва муболиғаомезе шуда буданд, ки шумо дар шаъни Алӣ (р) ва Абдулқодир (раҳ) ва монанди онҳо дучори он шудаед. Пас агар ин куфр нест саҳоба чи гуна ҳамзамони худро такфир карда ва сӯзониданд? Оё гумон мебаред, ки саҳоба ба такфири мусулмонон мепардохтанд ё ин ки эътиқоди муболиғаомез дар шаъни авлиёе чун Абдулқодир (раҳ) эроде надорад? Аммо доштани ҳамин тарз тафаккур дар шаъни Алӣ (раз) куфр аст. Шояд ин эрод матраҳ шавад, ки гузаштагон фақат ба ин далел кофир шуданд, ки илова бар ширк, мункири нубуввати Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам), ҳаққонияти Қуръон ва қиёмат низ буданд.

Дар ҷавоби ин эрод бояд гуфт, ки пас манзур аз мабоҳиси боби ҳукми муртад, ки уламои ҳар мазҳаб ба таври мабсут ба он пардохтаанд, чист? Онон дар ин боб масоили мутаъаддидеро матраҳ кардаанд, ки ҳар кадом сабаби

такфир ва ҳалол шудани ҷону моли фарди муртад мегардад. Онон ҳатто пойро фаротар гузошта ва масоили кӯчаке чун бар забон овардани калимае, ки муҷиби хашми Худованд шавад ҳарчанд қалбан ва аз рӯйи бовар набошад ва ё аз рӯйи мазоҳ ва шӯхӣ бошад, зеро Худованд дар мавриди чунин афроде чунин фармудааст: *"Бигӯ, оё ба Худо ва оёти Ӯ ва паёмбараш метавон бозӣ ва шухӣ кард? Узрхоҳӣ накунед. Шумо пас аз имон овардан кофир шудаед".* (Ат ТавбА` 65 то 66)

*Лозим* ба зикр аст ин оя дар шаъни саҳобае нозил шуд, ки суханеро ба мазоҳ бар забон оварда буд ва он сухан боиси хашми Худованд ва расулаш шуд ва ин ояро нозил фармуд, то эълон намояд, ки он чанд нафар ба хотири гуфтани он сухан кофир шудаанд. Аз дигар сӯ Худо қавми Бани Исроилро бо вуҷуди имонашон ба хотири ин ки аз Мӯсо (Алайҳи саллом) дархост карданд то илоҳҳои малмусро бар эшон таъйин кунад, ононро мавриди сарзаниш қарор дод. Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) низ дар ҷавоби саҳобае, ки аз эшон дархост карда буданд, то бар эшон зоти анвотеро муъайян намояд, фармуданд ин дархост ҳамон дархости Бани Исроил аз Мӯсо (алайҳи саллом) аст, ки гуфтанд: *"Иҷъал лано илоҳан камо лаҳум олиҳатун"* (.Ва он ҳазрат (саллаллоху алайҳи ва саллам) он саҳобаро аз ин навъ дархостҳо барҳазар доштанд.

Абдуннабӣ: Аммо Бани Исроил ва он даста аз саҳоба, ки он дархости носавобро аз Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) карданд, ба хотири дархосташон такфир нашуданд.

Абдуллоҳ: Бале, онон такфир нашуданд чун ба дархости ботили худ амал нанамуданд ва дар сурате, ки аз паёмбарони худ итоат накарда ва ба дунболи фикри нодурусти худ мерафтанд, кофир мешуданд. Ва ҳамчунин ононе ки Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) онҳоро наҳй кард, агар ба итоъати ӯ амал накарда буданд ва баъд аз наҳй он амалро анҷом дода буданд, кофир мешуданд.

Абдуннабӣ: Ман ин ҷо гич шудаам. Аз як тараф вақте ба қиссаи Усома ибни Зайд (раз) ва қатли он шахсе, ки қабл аз кушта шудан *Ло* илоҳа иллаллоҳро гуфта буд, нигоҳ мекунем ва каломи Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) ба Усомаро, ки

фармуд: *Усома! Оё баъд аз ин ки гуфт Ло илоҳа иллаллоҳ ўро куштӣ?* Ва аз тарафи дигар ҳадиси Расули акрам (саллаллоху алайҳи ва саллам )ро ба хотир меоварам, ки фармудаанд: "*Худованд ба ман амр карда ,то бо мардум мубориза кунам, то ин ки калимаи Ло илоҳа иллаллоҳ бигўяд*". Он гоҳ намедонам чӣ тавр ман тавони ин ду қазияро бо суханони ту татбиқ кунам.

Абдуллоҳ: Аммо ҳамон тавр ки медонем, Расуллуллоҳ ( саллаллоху алайҳи ва саллам) бо яҳудиён ҷангид, ёрони он ҳазрат бо Бани Ҳанифа корзоре карданд ва Алӣ (раз) гурўҳе аз ёрони худро дар оташ зинда ба зинда сўзонид, ҳол он ки ҳам яҳудиён ҳам Бани Ҳанифа ва ҳам он ҳамразмони Алӣ (раз), ки дар оташ сўзонида шуданд, калимаи тавҳидро мегуфтанд ва худро муваҳҳид ва яктопараст медонистанд, низ медонем ҳар кас яке аз усули дин ва ё аркони исломро, чун қиёмат ва намоз инкор намояд, ў кофир шуда агарчи калимаи тавҳидро бар забон оварад. Қазияи тавҳид низ ба ҳамин манвол аст ва ҳар кас онро риъоят накунад ва таслими он нашавад, аз Ислом хориҷ ва кофир шудааст. Дар мавриди достони Усома ин тавзеҳро бояд дод, ки ў мардеро кушт, ки иддаои мусулмон будан мекард, аммо Усома гумон бурда, ки он мард фақат ба хотири тарс ва ҳифзи ҷонаш онро гуфтааст ва на аз рўйи бовар ва эътиқод. Бинобарин, ин оя нозил шуд, ки: "*Эй касоне, киимон овардаед! Ҳангоме ки дар роҳи Худо ба мусофират рафтед таҳқиқ кунед*" **(Ан Нисо` 94).**

Мафҳуми оя ин аст, ки ҳар кас калимаи тавҳидро бар забон овард, ҷону молаш дар амон аст, магар ин ки хилофи он собит шавад, ки дар он сурат гуфтани калимаи тавҳид ҳам нафъе ба ҳоли ў надорад ва ин мафҳум «фа табаййану» аст. Агар мусулмон буданро бар забон овардани калимаи тавҳид кифоят менамуд, дигар ниёзе ба таҳқиқ ва таъйини он набуд, дар ҳоле ки Қуръон илова бар зоҳир, ботинро низ меъёри мусулмон будан қарор додааст. Мафҳуми ҳадиси Расули акрам (саллаллоху алайҳи ва саллам) низ, ки фармудаанд: "*Худованд ба эшон амр кардаанд, то замоне, ки мардум Ло илоҳа иллаллоҳро бар забон наёваранд, бояд бо онон биҷангид*» низ ҳамин аст, зеро ҳамон паёмбаре, ки ба Усома чунин гуфтанд дар мавриди хавориҷ чунин фармудаанд: "*Ҳар ҷо ононро ёфтед, ба*

*қатлашон расонед*".

Ҳол он ки онон чунон ғарқ дар ибодоти Худо мешуданд, ки худи саҳоба бо дидани ибодати онон, эҳсоси ҳақорат мекарданд ва худро сарзаниш менамуданд, аммо чун умуре хилофи шаръ ва тавҳид аз онон сар зада буд, гуфтани Ло илоҳа иллаллоҳ ва анҷоми он ҳама ибодат монеъи такфир ва мубоҳ шудани ҷонашон нашуд.

Абдуннабӣ: Аммо ҳадисе аз Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) ривоят шуда, ки мардум дар рӯзи қиёмат барои наҷот аз азоби он рӯз аз паёмбарон (алайҳи саллом) истиъонат ва истиғоса мекунанд, аз Одам (алайҳи саллом) шуруъ мекунанд то ба Исо (алайҳи саллом) мерасанд, ба тартиби зер: Одам, Нӯҳ, Иброҳим, Мӯсо, Исо, Расулуллоҳ (алайҳимуссалом), аммо ҳамаи онон аз ин кор сар боз мезананд ва онро дар тавони худ намедонанд, то ин ки мардум ба ҳузури Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) мерасанд ва аз ӯ истиғоса менамоянд. Далел бар адами ширк аст, ҳоло ба ман бигӯ дар мавриди ин ҳадис чи назаре дорӣ?

Абдуллоҳ: Зоҳиран ту масоилро ба хубӣ дарк накардаӣ ва онҳоро бо ҳам омехта . Ман гуфтам истиғоса ба вуҷуди зинда ва ҳозир он ҳам дар чизе, ки дар ҳитаи тавон ва ихтиёроти ӯст, ишколе надорад, ҳамон тавр ки дар Қуръон ҳам омада: "*Фарде, ки аз қабилаи ӯ буд, алайҳи касе, ки аз душманонаш буд, аз Мӯсо кӯмак хост*" **(Ал _Қасас` 15).**

Ва ҳамон тавр ки инсон дар майдони корзор, дар чизе, ки дар тавон ва қудрати ҳамразмонаш аст аз онон истиғоса ва истиъонат металабад. Мо истиғоса ва истиъонатро аз мурдагон ва ё афроде, ки аз мо ғоиб ҳастанд ва низ истиғосаро дар мавриди чизҳое, ки дар тавони онон нест ва фақат Худо қодир бар анҷоми онҳо мебошад, нодуруст дониста ва онро ҳаром медонем. Мардум ҳам дар рӯзи қиёмат аз паёмбарон (алайҳиму саллом) мехоҳанд, ки дуо ба даргоҳи Худованде баранд, то шояд мардум аз азоби он рӯзи бузург раҳоӣ ёбанд ва ин амр, яъне рафтан ба назди фарди солеҳ ва парҳезгор ва аз ӯ хостани ин ки бар имон ба даргоҳи Худовандӣ дуо намояд, амрест ҷоиз, ҳамон тавр ки саҳоба (раз.) дар замони ҳаёти мубораки Расулуллоҳ (

саллаллоху алайҳи ва саллам) низ ҳамчунин кор мекарданд, аммо баъд аз фавти Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) ҳаргиз бар сари қабри эшон нарафта ва аз ӯ истиғоса нанамуданд ва бар ҳамин асос уламои бузурги гузаштаи Ислом дуо намудан дар ҷавори қубур ва шафиъ қарор додани соҳибони онҳоро ҷоиз надонистаанд.

Абдуннабӣ: Хуб, ҳоло ба достони Иброҳим (алайҳи саллом) нигоҳе бияндозем.

Вақте ки куффор ӯро ба самти анбӯҳи оташ партоб намуданд, дар ҳаво Ҷибриил (алайҳи саллом) ба Ибрҳим (алайҳи саллом) зоҳир шуд ва аз ӯ пурсид, ки оё ниёз ва ҳоҷате дорад, то ӯ онро бароварда намояд. Иброҳим (алайҳи саллом) аз Ҷибриил ҳеч дархосте нанамуд. Пас агар ба эътиқоди шумо истиғоса аз фариштагон ҳаром асту ширк маҳсуб мешавад, чаро Ҷибриил (алайҳи саллом) бар Иброҳим (алайҳи саллом) зоҳир шуд ва ба ӯ он пешниҳодро дод?

**Абдуллоҳ:** Ин ҳарф ҳам мисли ҳамон ҳадиси Усома аст. Аз тарафи дигар ин ривоят чандон дуруст нест ва бар фарзи сиҳҳати ин ривоят, бояд гуфт Ҷибриил (алайҳи саллом) бар Иброҳим (алайҳи саллом) зоҳир шуд то ба ӯ кӯмак кунад, зеро ҳамон тавр ки Қуръон мефармояд ӯ "*Алламаҳу шадидуқлққува*" **(Анаҷм`5)** аст ва дар ин сурат агар Худо ба ӯ иҷоза диҳад, дар тавони ӯ буд, ки оташи Иброҳим ва кӯҳҳо ва даштҳои атрофи онро дар чашм ба ҳам задан ба ҳар сӯ, ки хоҳад бияфканд ва ҳеч чизе наметавонист монеъи ӯ дар ин кор шавад. Ин ҳолат мисли вазъияте аст, ки дар он як марди сарватманд ба марди фақир ва бепаноҳ бархӯрд мекунад ва ба ӯ пешниҳоди кӯмак ва мусоъадат медиҳад. Аммо Иброҳим (алайҳи саллом) пешниҳоди Ҷибриил (алайҳи саллом)ро напазируфт, то фақат зери бори миннати Холиқ равад ва мунтазирӣ хост ва иродаи Парвардигори худ шуд.

**Дӯсти ман матлаби муҳиме, ки бояд ин ҷо матраҳ шавад ин аст, ки ширки пешиниён ба чанд ҷиҳат аз ширки аҳли замони мо хафифтар ва сабуктар буд:**

Аввал, онон фақат дар ҳолати рифоҳ ва осоиш ва қудрату амният ба Худо ширк мебастанд ва дар мавқеъи бало ва

мусибат имонашонро холис ва бидуни ширк мекарданд, танҳо аз Худо кӯмак хоста ва илоҳҳо ва пешвоёни худро аз ёд мебурданд. Худованд дар ин хусус чунин мефармояд: "*Ҳангоме, ки савори киштӣ мешаванд холисона ва содиқона Худоро ба фарёд мехонанд. Пас ҳангоме ки Худо ононро наҷот дод ва солим ба хушкӣ расонд, боз эшон ширк меварзанд*" **(Ал анкабут` 65).**

Ё он ҷо ки мефармояд: "Ва ҳангоме, ки(дар сафари дарё) мавҷе ҳамчун абрҳо ва кӯҳҳо ононро бипӯшонад (ва боло равад ва болои сарашон қарор гирад), Худоро бо ихлос мехонанд. Аммо вақте онҳоро ба хушкӣ расонд ва наҷот дод, баъзе роҳи эътидолро пеш мегиранд (ва ба имони худ вафодор мемонанд, дар ҳоле ки) баъзеи дигар фаромӯш карда, роҳи куфр пеш мегиранд, вале оёти моро ҳеҷ кас ҷуз паймоншиканони носипос инкор намекунанд!"

**Аммо** мушрикони замони мо дар ҳар ҳол, дар рифоҳ ва осоиш ё дар мусибату бало аз ғайри Худо низ мадад меҷӯянд ва ба ӯ истиъонат мекунанд. Масалан, дар ҳангоми ба рӯзи ҳодиса ва мушкилӣ, номи паёмбарон ва солеҳоне чун Паёмбари ислом (саллаллоху алайҳи ва саллам), Ҳусайн (раз) ва … ро бар забон меоваранд.

**Дувум,** мушрикони замони Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) ва қабл аз эшон дар канори ибодати Худованд фақат солеҳону муқаррабони даргоҳ, чун паёмбарон ва фариштагон ва ё ҳадди ақал мавҷудоте чун сангу чӯбро, ки ҳаргиз дар баробари Худованд дучори исён ва гуноҳе нашудаанд, ибодат ва парастиш мекарданд, аммо мушрикони ин замон аз хубу бад, солеҳу фосиқ истиъонату истиғоса меҷӯянд, агарчи бо чашми худ фисқу фуҷури ононро бубинанд.

**Севум,** ширки пешиниён фақат дар улуҳият ва убудият буд ва ҳаргиз ғайри Худоро дар рубубият шарики Ӯ қарор намедоданд, аммо мушрикони ин рӯзгор, ширкро то он ҷо расонидаанд, ки дар рубубият ҳам барои Худованд шарик метарошанд. Масалан, табиатро омили ба дунё омадан ё мурдан медонанд ва амсоли ин тафаккӯроти ширкомез бисёр аст ва ҳеҷ кас диққат ва тааммуле дар ин гуна афкор намекунад, то аз ин навъ лағзишҳо эмин ва масъун

бимонанд. Нуктаи муҳими дигареро, ки бояд ба ту бигӯям ин аст, пас суханро бо он чи гузашт дар масъалаи азиме ба поён мерасонем, он ҳам ин аст, ки ҳеч ихтилофе дар ин ки тавҳид бояд бо гуфтор ва кирдори қалбу забон бошад, пас агар дар яке аз онҳо ихтилоф шавад, он шахс тавҳид ва мафҳуми онро бидонад ва ба он амал накунад, кофири муъонид ва ситезаҷӯ аст чун Фиръавн ва Иблис. Дар ин робита лозим ба зикр аст, ки мардумони бисёре ҳастанд, ки ҳақро мешиносанд, аммо ба далоили гуногуне чун фазои ҳоким бар ҷомеъа ва муҳити онон, касби манофеъ ва ё тарс аз зарару зиён ба ҳақ амал намекунанд, ҳол он ки бояд донист ғолиби санодид ва руасои куфр ва ширк, худ, ҳақро мешиносанд, аммо ба хотири дарёфти манофеи зудгузару фанопазири дунё аз он сарфи назар карда ва роҳи ботилро дар пеш мегиранд ва барои ин амалкарди худ далелҳои гуногуне низ меоваранд. Қуръон дар мавриди ин қабил афрод мегӯяд: "*Онон оёти Худоро ба баҳои андак фурӯхтаанд ва аз роҳи Худо бозмондаанд ва дигаронро низ аз он боздоштаанд. Онон кори бисёр баде кардаанд*" **(Ал Мунофиқун`2).**

Ва ҳар кас зоҳиран ба тавҳид амал кунад, дар ҳоле ки онро дарк намекунад ва мӯътақид ба он нест, ӯ мунофиқ аст. Ва мунофиқ аз кофир бадтар ва шарраш бештар аст, Худованд мефармояд: "*Мунофиқон дар пойинтарин мароҳили дӯзах қарор доранд ва ҳеч гуна ёваре барои онҳо нахоҳӣ ёфт*" **(Ан Нисо` 145).**

Ин масъалаест, кимутаассифона, дар рӯзгори мо дар миёни мардум ривоҷ дорад ва аз гуфтору рафтори онон ошкор мешавад. Гурӯҳе ҳақро медонанд, аммо Қорунвор аз тарси ин ки мабодо мухтамили зиён ва зараре шаванд, бадон амал намекунанд. Гурӯҳи дигар чун Ҳомону Фиръавн ба хотири ҳифзи ҷоҳу мақоми худ аз амал ба ҳақ сар боз мезананд ва гурӯҳе низ ҳақро инкор мекунанд, аммо ба хотири дар амон мондан ва ё даст ёфтан ба суду манфиъате ба сурати сурӣ ва зоҳирӣ бадон амал мекунанд.

**Ҳоло дӯсти ман лозим меояд дар ду оя тааммул ва диққати бештаре намуд.**

Ояи аввал ин аст: "*Узрхоҳӣ накунед. Шумо пас аз имон овардан кофир шудаед*" **(Ат ТавбА` 66).**

Дар ин оя Худованд тане аз чанд саҳобаеро, ки дар ҷанги Табук бо Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) ба корзору майдон омада буд, ба хотири бар забон овардани калимоти куфромез он ҳам ба қасди мазоҳ ва ханда такфир намудааст. Ҳол бояд донист ҳукми онон, ки ба ҷиддият ва аз рӯйи амду ният куфр мегӯянд ё ба хотири суд ва зиёни матои дунё ба куфр рӯй меоваранд, чист? Инон ҳамонҳое ҳастанд, ки фиреби шайтонро мехӯранд ва ба суханони ӯ амал мекунанд: "*Шайтон шуморо (ба ҳангоми инфоқ) ваъдаи фақру тиҳидастӣ медиҳад ва ба фаҳшо (ва зиштиҳо) амр мекунад*" **(Ал Бақара` 268).**

Аз биму ҳаросе, ки ӯ дар дарунашон меафканд ба худ меларзанд: "*Ин фақат шайтон аст, ки пайравони худро метарсонад*" (Ал Емрон`175).

Ононро коре бо лутф ва фазли бемунтаҳои Худовандашон нест: "*Вале Худованд ваъдаи омурзиш ва фузунӣ ба шумо медиҳад*" **(Ал Бақара` 268).**

Он курдилонро аз хашму интиқоми Парвардигорашон боке ба дилҳои сиёҳашон нест: "*Пас аз онон матарсед ва аз ман битарсед*" **(Ал Емрон` 175).**

Ҳоло хуб бияндешем, бо ин авсоф ва аҳвол оё бояд ононро авлиё ва дӯстони Худо хонд, ё дӯстон ва пайравони шайтони лаъин?

Ояи дувуме, ки бояд дар он тадаббур ва тааммули бештар намуд ин аст: "*Касоне, ки баъд аз имон кофир шаванд ба ҷуз онҳо, ки таҳти фишор воқеъ шудаанд, дар ҳоле ки қалбашон ором ва бо имон аст оре, онҳо ки синаи худро барои пазириши куфр гушудаанд, ғазаби Худо бар онҳост ва азоби азиме дар интизорашон!*" **(Ан Наҳл` 106)**

Бинобар ин оя танҳо куфреро, ки соҳиби он маҷбур ба гуфтани он аст, куфр намедонанд, аммо бар забон овардани он дар шароити тарс, тамаъ, мадоро бо мардум, ишқ ба ватан ва қавми хеш, дустии молу мақом ва ё иртикоби он аз рӯйи мазоҳ куфр маҳсуб мешавад. Оя инро баён медорад, ки инсон дар мавриди гуфтори худ мавриди иҷбор ва фишор қарор мегирад ва қалбу эътиқодоташ масун аз ин иҷбор ҳастанд, бинобар ин танҳо мавриди мустасное, ки бар забон овардани куфр, куфр маҳсуб намешавад ҳамон

ҳолати иҷбор ва фишор аст, аммо дигар вазъиятҳое, ки зикр шуд аз ин маврид ҷудо ҳастанд, зеро ҳам гуфтору ҳам пиндори фард дар ихтиёри худи ӯст. Ҳамчунин Қуръон дар ин замина боз мефармояд: "*Ин ба хотири он аст, ки зиндагии дунё (ва пастиро) бар охират тарҷеҳ доранд ва Худованд афроди беимонро (лаҷуҷ)ро ҳидоят намекунад*" **(Ан Наҳл` 107).**

Ин оя ба сароҳат баён мекунад, ки азоб ва иқоби Худованд ба хотири бовар ва эътиқод ,ҷаҳл, нафрат доштан аз дин ва ё дӯст доштани куфр, инсонро дарбар намегирад, балки он чи ки инсонро ба сӯйи хашм ва интиқоми Худо мекашонад, майли ӯ ба дунё ва матои он аст. Ин амре аст, ки инсони заифунафсро водор мекунад онро бар дин ва ҳақ тарҷеҳ диҳад. Ҳоло дӯстам аз ту мепурсам: Оё вақти он нашуда, ки ба даргоҳи Парвардигорат рӯй оварда ва аз кирдору пиндори гузаштаи худ бозгардӣ? Зеро ин масъалае, ки мо дар мавриди он баҳс намудаем, масъалаест бисёр муҳим ва сарнавиштсоз, ки ба тааққул ва таммули зиёде ниёз дорад.

Абдуннабӣ: Тавба мекунам ва аз Худованд истиғфор менамоям, имон меоварам, ки ғайр аз Худованд ҳеч маъбуде, ки лаёқати парастиш ва убудият дошта бошад, вуҷуд надорад ва шаҳодат медиҳам, ки Муҳаммад (саллаллоху алайҳи ва саллам) паёмбар ва паёмовар аст. Аз ҳар он чи ғайри Худост ва онро ибодат ва итоат мекардам, худро мубарро карда, ва аз даргоҳи Худованд бахшоиш ва афви Ӯро хосторам ва аз Ӯ бар шоҳроҳи тавҳид ва бовари ростин собитқадам намояд ва маро аз пиндорҳои носавоби пешин масун дорад.

Аз ин пас ман номи худро ба Абдурраҳмон тағйир медиҳам. Дӯсти ман! Аз Худованди маннон мехоҳам ба хотири ин насоеҳ ва иршодоти содиқона ва дӯстонае, ки бар ман арза доштӣ, ба ту аҷр ва подоши некӯ ато фармояд, ки маро аз он афкор ва пиндорҳои ботил ва муҳлик наҷот додӣ. Дӯсти ман, ба унвони охирин дархост аз ту мехоҳам чанд маврид аз умуреро, ки бояд аз он парҳез намуд, то динамон ҳаниф ва ростин бимонад, феҳриствор бароям боз гӯ.

Абдуллоҳ: Эроде надорад, ба ту хоҳам гуфт. Дӯсти манн, хуб ба ҳарфҳоям гӯш кун.

✸ Аз ин парҳез кун, ки дар доми муташобеҳот ва умуре, ки

беш аз як таъвил ва эҳтимолот доранду дар Қуръон ва суннат дида мешаванд, бияфтӣ ва дар ин навъ масоил аз фитнаангезоне, ки ба қавли худашон қасд ва нияте ҷуз таъвили онҳо надоранд, пайравӣ накун, зеро ҷуз Худо касе донишу ҳикмат ва таъвили муташобеҳотро намедонад. Нисбат ба ин умур бояд ба монанди мӯъминоне, ки имони росих ва ҳалалнопазир доранд, рафтору муомила намуд ва эълон кард: «*Имон овардем ба ин, ки ҳамаи инҳо аз назди Парвардигори мост*» **(Ал Емрон` 7).**

Ҳоло ба чанд ҳадиси Паёмбари акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам), ки бо ин масъала дар иртибот аст, гӯш кун: "*Дар он чи, ки дучори шак ва шубҳаи, худро дур нигаҳ дор ва ба ончи ки ба он яқин дорӣ, бипардоз*". (Аҳмад ва Тирмизӣ).

"*Ҳар кас худро аз шубаҳоти дин ҳифз кунад, имон ва обрӯяшро ҳифз намуда, ва ҳар кас гирифтори шубаҳоти дин гардад, ба муҳаррамот мубтало мешавад*". **(Бухорӣ ва Муслим).**

"*Гуноҳ он аст, ки дар дилат ворид шуда ва бими он дорӣ, ки мардум бадон роз огоҳ шаванд*". **(Муслим).**

"*Аз қалбу нафсат суол кун, зеро некӣ он аст, ки нафсат бадон оромиш ёбад ва бадон шод гардад. Ва гуноҳ он аст, ки дар даруни инсон ҷой гирад ва инсон аз бозгӯ кардани он барои мардум ҳарос дорад*" **(Аҳмад).**

✸ Аз табаъият ва дунболаравии ҳавову ҳавас парҳез кун. Қуръон дар мавриди чунин афроде мегӯяд: "*Ҳеч дидаӣ касеро, ки ҳавову ҳаваси худро ба худоӣ гирифтааст*" **(Ал Фурқон`43).**

✸ Аз таассуб доштан нисбат ба инсонҳо ва афкоре, ки пешиниёни мо бар он пиндорҳо будаанд, бояд парҳез намуд, зеро ин таассуб монеъи расидани фард ба ҳақиқат мешавад. Ҳақиқат гумшудаи мӯъминон аст, ки ҳар ҷо онро ёфтаанд, ононро ба он шоистатар аст, то дигарон: "*Ва ҳангоме ки ба онон гуфта шавад: Аз он чи Худо фурӯ фиристодааст, пайравӣ кунед, мегӯянд: Балки мо аз он чи падарони худро бар он ёфтаем пайравӣ мекунем.Оё агар падаронашон чизе нафаҳмида бошанд ва роҳ набурда бошанд, боз ҳам кӯркӯрона аз эшон тақлид мекунанд?*" **(Ал Бақара` 170)**

Аз ин ки худро монанди куффор намоӣ, бипарҳез зеро он сароғози ҳамаи балоёст: "*Ҳар кас худро ба монанди қавме намояд, чун онон шудааст*". **(Абудовуд).**

✷ Бар ғайри Худованд таваккал ва эътиқод накун: “*Ҳар кас бар Худованд таваккал кунад, Худованд ӯро басанда аст*” **(Ат Талоқ` 3).**
✷ Аз махлуқе, ки тӯро ба маъсияти Холиқ мехонад, итоъат накун.
✷ Аз сӯйии зан (бадгумонӣ) нисбат ба Парвардигор бипарҳез: “*Ман (Худованди мутаъол) нисбат ба бандаам ҳамчунонам, ки ӯ нисбат ба ман меандешад*”. **(Бухорӣ ва Муслим).**
✷ Аз ҳар навъ ҳалқа ва риштае, ки барои дафъи бало ё рафъи он бар даст мебанданд, парҳез кун.
✷ Аз дуоҳо ва навиштаҷот ва ё абзорҳое, ки барои дафъи назар ба кор мебанданд, бипарҳез. “*Ҳар кас чизеро барои дафъи бало ва назар ба худ овезад (аз ҳифозати Худо маҳрум) ва бадон чиз муҳаввал гардад*”. **(Аҳмад ва Тирмизӣ).**
✷ Набояд ба сангҳо, дарахтон ва биноҳо ва сохтмонҳо табаррук ҷуст.
✷ Аз фоли бад задан ва бад донистани чизҳо бипарҳез: “*Фоли бад задан ширк аст, фоли бад задан ширк аст, фоли бад задан ширк аст*”. **(Аҳмад ва Абудовуд).**
✷ Кори соҳирон ва ахтаршиносоне, ки иддао мекунанд ба ғайб огоҳ ва дар рӯзномаҳо бурҷҳои солро чоп мекунанд ва таблиғ мекунанд, ки аз тариқи ин бурҷҳо саодат ва шақовати инсонҳоро медонанд, бовар накун, ки эътиқод ба ин кор ширк аст.
✷ Аз нисбат додани бориши борон ба ситорагони фаслҳо парҳез кун ва онро фақат ба Худо нисбат деҳ, ки дар ғайри ин сурат дучори ширк шудаӣ.
Аз савганд хӯрдан ба ғайри Худо бипарҳез, ки он ширк аст: “*Ҳар кас ба ғайри Худо савганд хӯрад, кофир ё мушрик шудааст. Монанди савганд хӯрдан ба Муҳаммад* (саллаллоху алайҳи ва саллам) *ё ба имонат ё ба номус, ё ба зимат ё ба зиндагӣ*” **(Аҳмад ва Абудовуд).**
Аз дашном додан ба рӯзгор, бод, хуршед, сармо ё гармо бипарҳез, ки он дар воқеъ дашном додан ба Холиқи онҳост.
✷ Ҳар гоҳ дучори бало ва мусибате шудӣ, аз ба кор бурдани калимаи (агар) парҳез кун, ки он роҳро ба рӯйи васвасаҳои шайтон боз мекунад.
✷ Дар иваз инро бигӯ: Ин амри тақдири Худо буд. Ӯ ҳар он чи хоҳад, анҷом диҳад.

✸ Бар сари мазору қабри паёмбарон (алайҳиму саллом) ва солеҳон масҷид бино накун, зеро ки намоз хондан дар чунин масоҷиде раво нест. Дар «Саҳеҳайн» аз Оиша (раз) ривоят шуда, ки Паёмбари акрам (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар ҳоли иҳтизор фармуданд: "*Худованд яҳудиён ва масиҳиёнро лаънат кунад, ки бар қубури паёмбаронашон масҷид сохтанд*". Оиша (раз) фармудааст: *Агар ин сухани Расулуллоҳ* (саллаллоху алайҳи ва саллам) *намебуд, саҳобагон(раз) бар мазори эшон бино ва сохтмон месохтанд ва қабри эшонро барҷаста мекарданд.* (Бухорӣ ва Муслим). Низ дар ҳадиси дигар Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) чунин фармуданд: "*Пайравони адёни қабл аз шумо бар қабр ва мазори паёмбарон ва неконашон масҷид бино мекарданд, аммо шумо ин корро накунед, ки ман шуморо аз ин кор наҳй менамоям*". **(Абуавона).**

✸ Ҳадисҳоеро, ки аз Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар мавриди таъйиди тавассул ба он ҳазрат (саллаллоху алайҳи ва саллам) ва солеҳон ривоят шуда, бовар макун, ки он аҳодисро дигарон вазъ карда ва ба дурӯғ ба Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) нисбат додаанд. Аз ин миён метавон ба аҳодиси зайл ишора намуд: "*Ба ҷоҳу манзалати ман тавасул ҷӯед, ки манзалати ман назди Худо бисёр волост*". "*Ҳаргоҳ мушкилот болои шумо омад, ба дидори аҳли қубур бишитобед*". "*Худованд бар мазори ҳар кадоме аз авлиё фариштаеро масъули баровардa кардани ниёзҳои мардум кардааст*".
"*Ҳар кас нисбат ба санге ҳам ҳусни занн дошта бошад он санг ба ӯ нафъ мерасонад*".

ТАЪКИД: Тамоми ин суханҳо сафсата, бардурӯғ ва бофтаву сохтаи қабрпарстон буда, дар кутуби ҳадис асоси воқеӣ надоранд!!!

✸ Аз барпо кардани маросимоте чун шаби меъроҷ, шаби нимаи шаъбон (яъне шаби Барот) ва амсоли он парҳез кун, зеро ин умури нав ва ҷадиданд ва далели шаръӣ аз тарафи Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) бар онон қарор надорад. Вақте саҳоба (раз), ки бештар аз мо ба Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) ишқ меварзиданд ва фаротар аз мо бар аъмоли нек ва хайр ҳарис буданд, бадин аъмол намепардохтанд, бешак агар ин аъмол хайр буд, онон бар мо пешдастӣ мекарданд.

# ШАҲОДАТ БА ЛО ИЛОҲА ИЛЛАЛЛОҲ

**Ин калима шомили ду рукн аст:**

**Аввал: (Ло илоҳа)** ва маъноям нафӣ (инкори) улуҳияти ҳақиқӣ аз ғайри Худованд.

**Дувум: (Илла ллоҳ)** ва маъноям исботи улуҳияти ҳақиқӣ ба Худованди якка ва ягона, Худованд мефармояд: ***"Ва ҳангоме ки Иброҳим ба падар ва қавмаш гуфт ман безорам аз он чи ки шумо ибодат мекунед. Магар оне ки манро халқ кард ӯ манро ҳидоят хоҳад кард"*** **(Ал Анъом: 74).**

Пас кифоят намекунад фақат ибодати Худованд, балки бояд он ибодат танҳо барои Ӯ бошад ва дуруст намешавад тавҳид магар бо ҷамъ кардан байни ягона донистани Худованд ва байни безори аз ширку мушрикон.

**Дар ривояте омадааст:** ***"Анна мифтоҳал ҷаннати Ло илоҳа иллаллоҳ"***[1]**, яъне** ***"Ло илоҳа иллаллоҳ калиди ҷаннат аст".*** Аммо дар ин ҷо ин пурсиш пеш меояд, ки чунончи ҳар кас онро гуфт, истеҳқоқи онро пайдо мекунад, ки дари биҳишт бар рӯйи вай кушода шавад? Ба Ваҳб ибни Мунаббиҳ гуфта шуд: Магар "Ло илоҳа иллаллоҳ" калиди вуруд ба биҳишт нест? Гуфт: *Чаро? Ҳаст. Аммо ҳеҷ калиде бидуни дандона нест. Агар аз калиди дорои дандона истифода намоӣ, дари он ба рӯят кушода мешавад, дар ғайри ин сурат он дар боз намегардад.*

Аз Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) аҳодиси бисёре ривоят шуда, ки маҷмӯъи дандонаҳои ин калидро мушаххас мекунанд, монанди ин фармудаи эшон, ки***"Ҳар кас содиқона ва мухлисона Ло илоҳа иллаллоҳро бигӯяд... қалбаш бад-он яқин дошта бошад"*** ба ин маъно, ки ин аҳодис ва амсоли онҳо дари вуруд ба биҳишти Худовандро ба шинохти маънои ***"Ло илоҳа иллаллоҳ"*** ва устувору собитқадам боқӣ мондан бар он то дами марг ва таслим дар баробари муқтазои он машрут намудаанд. Уламо аз маҷмӯъи он далоил шартҳоеро бардошт карданд, ки ба ҳади кофӣ бояд вуҷуд дошта бошанд ва дар айни ҳол мавонеъ муртафеъ шаванд, то ***"Ло илоҳа иллаллоҳ"*** калиди биҳишт бигардад ва барои аҳли он судманд воқеъ шавад. Он шартҳо дар воқеъ

---

[1] Ло илоҳа иллаллоҳу калиди биҳишт аст.

дандонаҳои ҳамон калид ҳастанд, ки иборатанд аз:

❶**Илм.** Ҳар калимае дорои маънои хоси хеш аст. Лозими маънои "ло иллоҳа иллаллоҳ" ин аст, ки улуҳиятро аз ғайри Худованд нафй ва онро барои Ӯ исбот менамояд, яъне ҳеҷ маъбуди ҳақиқӣ ва ростине ба ғайри Худованд машруъият надорад. Худованди мутаъол мефармояд: "*Ба ҷуз касоне, ки огоҳона ба ҳақ ва ҳақиқат шаҳодат медиҳанд*" (Аз Зухруф: 86).

**Расулаллоҳ(саллаллоху алайҳи ва саллам) фармудаанд:** "*Касе, ки бидонад ҳеҷ маъбуде ба ҳақ ғайр аз Худованд вуҷуд надорад ва дар он ҳол бимирад, ба биҳишт меравад*" (Муслим).

❷**Яқин.** Бад-ин маънӣ, ки ба маъно ва муқтазои он яқин дошта бошӣ, зеро маънои он ба ҳеҷ ваҷҳ шак ва занну дудилагӣ ва гумонбардорӣ нест, балки бояд бар пояи яқин қотеъ ва ҷозим бошад. Худованди мутаъол дар мақоми баёни авсофи аҳли имон мефармояд: "*Мӯъминони воқеъӣ танҳо касоне ҳастанд, ки ба Худо ва расулаш имон овардаанд, сипас ҳаргиз шак ва тардиде ба худ роҳ надода ва бо амвол ва ҷонҳои худ дар роҳи Худо ҷиҳод кардаанд. Онҳо ростгӯёнанд*." (Ҳуҷӯрот: 15)

Талафуз ба он ба танҳоӣ кофӣ нест, балки бояд яқини қалбӣ вуҷуд дошта бошад, агар яқини қалбӣ ҳосил нашавад, талафуз ба он нифоқи маҳз аст, зеро Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) **фармудаанд:** "*Шаҳодат медиҳам, ки ҳеҷ маъбуде ба ҳақ ғайри Худованд вуҷуд надорад ва ба ҳақиқат ман паёмбари Худовандам.Ҳеҷ кас нест, ки ба ҳузури Худованд бирасад ва дар ин маврид шаку дудилагӣ надошта бошад, магар ин ки ба биҳишт ворид мешавад*" (Муслим)

❸ **Қабул.** Ҳаргоҳ илм ва яқине пайдо кардӣ, бояд он илми яқин пайомади хоси худро дошта бошад ва ин аз роҳи пазириши қалбӣ ва забонӣ муқтазои ин ҷумла ҳосил мешавад, ки ҳар кас нидои тавҳидро рад кунад ва онро пазиро нашавад, кофир аст. Фарқе намекунад, ки он напазируфтан аз рӯйи такаббур, инод ва ҳақнопазирӣ бошад ё ҳасодат.

Худованди мутаъол дар мавриди куффоре, ки аз рӯйи такаббур ва худхоҳӣ ҳозир ба пазируфтани он нашуданд, мефармояд: "*Чаро ки вақте ба онҳо гуфта мешавад маъбуде ба ҳақ ҷуз Худо вуҷуд надорад, такаббур ва саркашӣ мекарданд*" (Софот: 35).

❹ **Побандӣ.** Ба талаботи тавҳид итоат ва побандии комил бояд дошт. Ин маҳак ва меъёри ҳақиқӣ ва мазҳари амалии имон аст ва ин ба василаи амал намудан мувофиқи шариати Худованд ва тарки он чи аз он наҳй фармуда, таҳақуқ пайдо менамояд, ҳамон гуна ки Худованди мутаъол мефармояд: "*Касе, ки рӯйи худро таслими Худо кунад, дар ҳоле ки некӯкор бошад, ба дастгираи маҳкаме чанг зада (ва ба такягоҳи мутмаине такя карда аст) ва оқибати ҳамаи корҳо ба сӯйи Худост*" **(Луқмон: 22)**

**. Ин ба маънои илтизом ва фармонбардории комил аст.**

❺ **Сидқ.** Садоқат дар гуфтани он, садоқате, ки дар нуқтаи муқобили кизб қарор дорад, зеро ҳар кас танҳо онро ба забон биёварад ва аз дил онро дурӯғ бишуморад, мунофиқ маҳсуб мешавад. Далели он ин фармудаи Худованд дар мазаммати мунофиқин аст, ки: "*Чизҳоеро бар забон меоваранд, ки дар дилҳояшон вуҷуд надорад*" **(Ал Аатҳ: 11).**

❻ **Муҳаббат.** Инсони мӯъмин ин калимаро дӯст медорад ва ба амал кардан ба он ишқ меварзад ва касонеро низ, ки ба он амал менамоянд, дӯст медорад. Нишонаи ишқи инсон ба Парвардигори хеш ин аст, ки он чиро Худованд дӯст медорад, муқаддам бидорад, ҳарчанд бо ҳавои дурунаш созгорӣ надошта бошад ва бо дӯстдорони Худованд ва Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) дӯстӣ кунад. Бо душманони онҳо аз дари душманӣ дароядa. Аз Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) **пайравӣ намояд ва бар роҳи ӯ роҳӣ шавад ва масири ҳидояташро дар пеш гирад.**

❼ **Ихлос. Бад-ин сурат, ки ҳадафи ӯ аз гуфтани он танҳо касби ризоияти Худованд бошад ва бас. Худованд мефармояд:** "*Ва ба онҳо дастуре дода нашуда буд, ҷуз ин ки Худоро бипарастанд, дар ҳоле ки дини худро барои Ӯ холис кунанд ва аз ширк ба тавҳид бозгарданд*" **(Ал Байна: 5).**

**Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) низ мефармояд:** "*Касе, ки танҳо ба хотири касби ризоияти Худованд ло илоҳа иллаллоҳро бар забон биёварад, Худованд оташи дӯзахро бар ӯ ҳаром мегардонад*".

**Бо таҳаққуқи комили ин шурут бояд барои иқомаи калимаи тавҳид талош кард ва бар он то поёни умр устувор ва собитқадам монд.**

# ШАҲОДАТ БА РИСОЛАТИ МУҲАММАД (саллаллоху алайҳи ва саллам)

**Мурдагон дар қабри хеш бозхост мешаванд ва дар се маврид аз онон пурсиш мешавад, чунончи ба онҳо посухи саҳеҳ доданд, наҷот пайдо мекунанд ва дар сурате ки натавонанд ба онҳо посух бидиҳанд, ҳалок мегарданд. Яке аз он пурсишҳо ин аст: Паёмбарат кист?**

Танҳо касоне, ки Худованд дар дунё ононро ба таҳқиқи шурути он тавфиқ дода ва эшонро дар қабрашон собитқадам намуда ва илҳомашон фармуда, метавонанд посух бидиҳанд ва дар охират ба эшон суд мерасонад. Он рӯзест, ки на мол ва на фарзандон ба кор нахоҳад омад. Он шартҳо иборатанд аз:

**❶Итоъат аз авомири Паёмбари Худо (саллаллоху алайҳи ва саллам). Зеро Худованди мутаъол моро ба итоъат ва пайравӣ аз ӯ дастур фармуда аст: "*Касе, ки аз Паёмбар итоъат кунад, Худоро итоъат карда ва касе, ки сар боз занад, тӯро нигоҳбон (ва мӯроқиб)-и ӯ нафиристодем (ва дар баробари ӯ масъул нестӣ)*" (Ан Нисо: 80).**

**Ворид шудани комил ба биҳишт бо итоъати комили ӯ дар иртибот аст, зеро мефармояд: "*Ҳамаи умматам вориди биҳишт мешавад ба ҷуз касоне, ки сарпечӣ кунанд*. Асҳоб гуфтанд: Чи касоне сарпечӣ мекунанд?**

**Фармуд: *Ҳар кас маро итоъат кунад, ба биҳишт меравад ва ҳар кас маро нофармонӣ кунад, саркашӣ намуда аст*".**

**Ҳар кас дӯстдори Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) аст, бояд аз ӯ итоъат кунад, зеро итоъат самара ва ҳосили муҳаббат аст ва ҳар кас мудаъии муҳаббати Худованд бошад ва дар айни ҳол аз ӯ итоъат нанамояд, дар иддаои худ дурӯғ мегӯяд.**

**❷Тасдиқи он чи ӯ аз онҳо хабар дода аст.** Ҳар кас бар асари кашиши нафсонӣ ва ҳавои дарунии худ чизеро, ки сиҳати он аз Расули Худо (саллаллоху алайҳи ва саллам) ба исбот расида, инкор кунад, дар воқеъ Худованд ва Паёмбарашро мавриди такзиб қарор дода аст, зеро Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) аз инҳирофу хато ва дурӯғ пок аст. Худованди таборак ва таъоло

фармуда: “*Ӯ аз рӯйи ҳавову ҳавас сухан намегӯяд*” **(Ан Наҷм: 3).**

**❸Иҷтиноб аз он чи ӯ аз онҳо наҳӣ намуда аст.** Аз ширк, ки бузургтарин гуноҳ аст, гирифта то гуноҳони кабира ва нобудкунанда ва гуноҳони сағираи нописанд ба ҳамон мизон, ки касе Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) –ро дӯст медорад бар имонаш афзуда мешавад ва ҳар гоҳ имонаш афзоиш ёбад, Худованд корҳои некро барояш маҳбуб мегардонад ва куфру инҳироф ва нофармониро барояш нописанд мешуморад.

**❹ Ибодат бар пояи суннат.** Бад-ин маъно, ки Худовандро ҳамон гуна ибодат намоед, ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) онро муқаррар намуда аст, зеро ибодат аз тарафи Худованд муайян шуда аст ва иҷтиҳод ва зиёду
кам кардан бидуни далели шаръӣ дар он ҷоиз нест.

**Чуноне ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд:** “*Касе дар чорчубаи шариъат кореро кунад ки дар он амри мо набошад пас он рад ва ғайри мақбул аст*” **(Муслим) .**

Бидон ки муҳабати Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) ва муҳабати онҷиро ки ба мо овардааст воҷиб аст ва ҳар ки чизеро аз онҷи ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) овардааст бад бинад агарчи ба он амал кунад кофир мешавад, танҳо муҳаббат кифоят намекунад балки бояд Паёмбар дар наздат аз тамоми чиз маҳбубтар бошад, балки аз нафсат, пас ҳар ки чизеро дӯст бидорад онро бузург мешуморад ва асараш дар ӯ намоён мешавад, пас инсоне ки дар муҳабати Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) содиқ аст аломатҳои он муҳабат бо иқтидову пайравӣ аз амрҳояш ва дурӣ аз манҳиёташ ва бо одоби кардан ба адабҳояш дар мушкилиҳову осониҳо бо қавлу феъл намоён мешавад, хунки тоату пайрави самарай муҳабат ва тасдиқ кунандай ӯст.

Нишонаҳои муҳаббати Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) иборатанд аз: 1.Зиёди ёд кардани ӯ ва фиристодани салавот бар ӯ, чун ҳар кас, ки чизеро зиёд дӯст дошта бошад, зиёд ба ёди ӯст. 2.Доштани шавқи дидори ӯ, чаро ки ҳар ошиқ муштоқи дидори маъшуқ аст. 3.Таъзиму такрими ӯ ва мӯҳтарам доштани ӯ ҳангоми зикри номаш. Исҳоқ гуфт: Ёрони Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) пас аз ӯ ҳар гоҳ ӯро ёд мекарданд, бо

тавозӯъ ва фурӯтанӣ аз ӯ ёд мекарданд ва (аз фарти муҳаббат танашон меларзид ва мегиристанд). 4. Аз ҳар он чи ки Худо ва Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) зишт ва нописанд медоранд мутанаффир бошад ва бо душманони Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) душман бошад ва аз мухолифат бо суннаташ худдорӣ намояд ва аз бидъат ва нававорӣ дар динаш худдорӣ кунад ва бо кофир ва мушрикин ва бидъатгузорон дар дин душман бошад. 5. Муҳаббат ва дӯст доштани касоне, ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) онҳоро дӯст медошт, аз ҷумла хонавода ва оли байти Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) ва ҳамсаронаш ва асҳобаш аз муҳоҷирин ва ансор ва душманӣ бо касоне, ки бо онон душманӣ меварзиданд ва кина нисбат ба касоне, ки кинаи ононро дар дил доранд ва дашном медиҳанд. 6. Иқтидо бар ӯ дар ахлоқ ва бузургворӣ, чаро ки ӯ аз назари ахлоқ бузургтарин ва гиромитарини мардум буд, то ҷое ки Оиша Умм-ул-мӯъминин (разияллоҳу анҳу) гуфт: *Ахлоқи Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) Қуръоне буд,* яъне, ӯ худро мулзам карда, ки коре накунад, магар он чи мутобиқи Қуръон аст.

Сифатҳои Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам): Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) шуҷоътарини мардум ва дар ҳангоми сахтӣ ва шиддати ҷангҳо диловартарини онҳо буд. Гиромитарин ва бахшандатарини мардум ва дар рамазон бештар аз ҳама вақт аҳли карам ва бахшиш буд. Ӯ аз ҳама дилсӯзтар ва ҳамвора насиҳатгари мардум буд. Бурдбортарин ва шикеботарини мардум буд ва ҳеҷ гоҳ ба хотири худаш аз касе интиқом намегирифт.

Бо ин ҳол дар иҷрои фармонҳои илоҳӣ аз ҳама сахтгиртар буд.

Мутавозеътарин ва бовафотарини инсонҳо буд ва боҳаётар аз дӯшизае буд, ки ҳанӯз издивоҷ накарда. Дар рафтор бо хонаводааш беҳтарин ва меҳрубонтарин буд ва ба меҳрубонӣ ва хушхулқӣ бисёр ҳарис буд.

# ТАҲОРАТ ВА ПОКИЗАГӢ

Намоз дувумин рукни Ислом аст ва он бидуни таҳорат имконпазир намебошад ва таҳорат низ бо об ва (дар ҳолатҳои хосе бо хок) муҳаққақ мегардад.

Анвоъи об: *Оби тоҳир.* Оберо, ки ҳам пок аст ва ҳам поккунанда ва рафъи наҷосат ва бевузуӣ мекунад, оби тоҳир гӯянд.

*Оби наҷис.* Ҳар оберо, ки ба наҷосат ҳарчанд андак оғушта шавад ё ранг, бӯ ва ё маззаи он дар асари наҷосат тағйир ёбад, оби наҷис гӯянд.

**Огоҳӣ:** Оби бисёр зиёд наҷис намешавад, магар ин ки ранг, бӯ ё маззаи он дар асари наҷосат тағйир ёбад. Оби андак (қалил) ба маҳзи оғушта шудан ба наҷосат (ҳарчанд ранг ва … он тағйир накунад) наҷис мегардад. Оберо, ки беш аз қуллатайн (яъне 210 литр) бошад, онро оби касир гӯянд.

**Зуруф.** Истифода аз ҳар зарфе (аз ҳар ҷинс, ки бошад) дар сурати пок будан мубоҳ аст, ҷуз тилло ва нуқра. Таҳорат (вузӯ ё ғусл) аз обе, ки дар зарфи тилло ва нуқра аст, дуруст аст, аммо инсон гуноҳкор мегардад.

Истифода аз ҷома ва зуруфи куффор дар сурати мубҳам будани моҳияти зуруф мубоҳ аст.

**Пӯсти мӯрдор.** Пӯсти мурдор мутлақан ҳаром аст. Ҳайвони мурда бар ду навъ аст:

1. Ҳайвони мурда, ки мутлақан ҳаромгӯшт буда.

2. Мурдоре, киҳалолгӯшт буда аст. Ҳайвони ҳалолгӯшт бидуни забҳи шаръӣ бимирад, дар сурати даббоғӣ кардани пӯсти он метавон аз пӯсти он дар мавриди хушк (яъне мавриде, ки бо рутубат тамос нагирад) истифода кард. Ба унвони мисол метавон аз ин пӯст ба унвони либос истифода кард, вале табдили чунин пӯсте ба машки об ҷоиз намебошад.

Истинҷо. Истинҷо иборат аст аз зоил кардани наҷосате, ки аз пеш ва паси инсон хориҷ мегардад. Чунончӣ ин мавзеъро бо об пок кунем, онро истинҷо ва агар аз санг, қоғаз (хос барои ин амал пешбинишуда) ва монанди он барои пок кардан истифода шавад, онро истиҷмор гӯянд.

Дар истиҷмор зарур аст, ки аз чизи пок, мубоҳ ва ғайри хӯрданӣ истифода шавад ва барои пок кардан бояд се маротиба ин кор бояд анҷом гирад. Бо хориҷ шудани ҳар

гуна наҷосат аз пеш ё паси инсон истинҷо ё истиҷмор воҷиб мегардад.

Муҳаррамоти қазои ҳоҷат. Он ки қазои ҳоҷат мекунад, бар ӯ ҳаром аст, ки беш аз ҳадди ниёз бар ҳолати қазои ҳоҷат боқӣ бимонад, ҳамчунин қазои ҳоҷат ё мадфуъ кардан дар: 1. Оби наҳр ё рӯд. 2.Роҳи мавриди истифодаи мардум. 3. Сояе, ки мардум аз он баҳраманд мегарданд. 4.Зери дарахти мева. 5. Рӯ ё пушт ба қибла қарор гирифтан ҳангоми қазо, ҳаром аст.

Макрӯҳоти қазои ҳоҷат: 1.дохил шудан ба маҳалли қазои ҳоҷат бо китоб ё чизе, ки зикр ё номи Аллоҳ дар он навишта шуда аст: 2.Сухан гуфтан ҳангоми қазои ҳоҷат. 3.Қазои ҳоҷат дар сӯрох ё монанди он. 4.Ламси аврати пеш ё пас бо дасти рост. 5.Қазо ҳоҷат ҳангоми пушт ё рӯ ба қибла дар макони баста (мисли манзил ва …) аз ҷумлаи макрӯҳоти қазои ҳоҷат ба ҳисоб меояд. Дар сурати зарурат ва ниёз мавориди мазкур ҷоиз мегардад.

Мустаҳаботи қазои ҳоҷат: 1.Истинҷо задан бо санг ё монанди он ва сипас шустани ҳамон мавозеъ бо об. 2.Витр ( 3 то 5 маротиб) шустан ё пок кардани мавзеъи наҷосат.

Мисвок задан: Мисвок задан бо чӯби нарме чун чӯби ирок аз суннатҳои Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) мебошад. Мисвок задан дар мавориди зайл мавриди таъкид қарор гирифта аст: қабл аз иқомаи намоз, қабл аз қироъати Қуръон, ҳангоми вузӯ гирифтан ва мазмаза, пас аз бедор шудан аз хоб, ҳангоми дохил шудан ба масҷид ё хона, ҳангоми бадбӯ шудани даҳон ва … Ҳангоми мисвок кардан ва таҳорат суннат аст аз самти рост шурӯъ гардад.

Вузӯ. *Аркон ва фароизи вузӯ.* Фарзҳои вузӯ иборатанд аз: 1.Шустани рӯй аз ҷои дамидани мӯи сар то охири манаҳ ва аз нармии гӯши рост то нармии гӯши чап, ки албатта мазмаза (об дар даҳон кардан) ва истиншоқ (об дар бинӣ кардан) низ чузви он маҳсуб мешавадб. 2.Шустани ду даст аз сари ангуштон то оринҷ. 3.Масҳи чаҳоряки сар. 4.Шустани пойҳо ҳамроҳи каъбайн (буҷилакҳо),

*Суннатҳои вузу.* Суннатҳои вузу иборатанд аз: 1.Бисмиллоҳ гуфтан дар ибтидои вузӯ. 2.Се бор шустани дастҳо то банди

даст. 3.Мисвок намудани дандонҳо. 4.Се бор шустани даҳон (мазмаза). 5.Се бор кашидани об ба дохили бинӣ ва шустани он (истиншоқ). 6.Масҳи тамоми сар ва гӯшҳо бо як об. 7.Хилол намудани ангуштон. 8.Хилол намудани риш ва зери он. 9.Се мартаба шустани ҳар як аъзо.

**Мустаҳаботи вузӯ:** 1.Ният кардан. 2.Ба тартиб анҷом додани амалҳои вузӯ. 3.Аз рост шурӯъ кардан. 4.Муволот, яъне пайи ҳам анҷом додан ва дар байни амалҳои вузӯ фосила наандохтан.

Нукта: Хушк кардани аъзои вузӯ пас аз итмоми вузӯ ҷоиз аст.

Табсира: Зарур аст, ки мазмаза ба гунае бошад, ки об дар даҳон ба ҳаракат дарояд ва дар истиншоқ низ бояд обро бо нафас кашидан то ҳадди муайян ба дохили бинӣ ҷорӣ кард. Бадиҳист, ки танҳо об дар даҳон ё бинӣ кардан кифоят намекунад.

Кайфияти вузӯ гирифтан: Барои вузӯ гирифтан ибтидо бояд дар дил ният кард ва сипас Бисмиллоҳ гуфта, ду дасти хешро то банди даст бишуст. Онгоҳ ба тартиб об дар даҳон ва сипас дар бинӣ карда, берун кард ва пас аз он рӯйро аз болои пешонӣ то зери зақан ва аз нармаи гӯши рост то нармаи гӯши чап бишӯем. Баъд ду дасти худро то оринҷ шуста, сари хешро ба таври комил масҳ мекунем. Барои масҳи сар бояд аз пешонӣ то пушти сар масҳ кунем ва сафедии пушти гӯшҳоро низ масҳ кунем. Барои масҳ кардани дохили гӯшҳо ду ангушти сабобаро дохили гӯш мекунем ва бо ду ангушти ибҳом пушти гӯшҳоро масҳ менамоем. Дар охир ҳар ду поро то буҷилакҳо мешӯем.

Табсира: Чунончӣ андозаи риш кӯтоҳ бошад зарур аст пӯсти рӯй шуста шавад ва ҳатман об онро ламс кунад, аммо агар фард аз риши анбӯҳ бархурдор бошад, масҳ кашидани риш кифоят мекунад.

Масҳ бар маҳсӣ (хуфф): Маҳсӣ иборат аст аз пӯшише барои пойҳо, ки аз пӯст (чарм) ва ғайра таҳия мегардад. Агар ин пӯшиш аз ҷинси пашм ва монанди он бошад, онро ҷӯроб меноманд. Бадеҳӣ аст танҳо дар ҳадаси асғар (бевузуӣ) масҳ бар маҳсӣ ҷоиз аст (ва шахси иҳтиломшуда ё касе, ки бар ӯ ғусл воҷиб аст, ҳаққи масҳ кардан надорад).

Шароити ҷавози масҳ бар маҳсӣ (хуфф): 1. Бояд ҳар ду пои маҳсӣ пас аз таҳорати комил (яъне пас аз шустани пойи чап, ки вузӯ комил мешавад) пӯшида шавад. 2. Ин таҳорат сирфан бояд бо об сурат гирад (дар сурати таҳорат бо хок – таяммум – масҳ ҷоиз нест). 3. Маҳсӣ бояд ба андозае бошад, ки маҳали фарз (яъне маҳалеро, ки дар вузӯ шустанаш фарз аст)-ро ба таври комил бипӯшонад. 4. Маҳсӣ бояд моли мубоҳ бошад, яъне, ғасбӣ ё дуздӣ набошад. 5. Ҷинс (ва зоти) маҳсӣ бояд мубоҳ бошад (яъне дар сурати аз пӯсти хук таҳия шудани маҳсӣ масҳ бар он ҷоиз нест).

Шароити ҷавози масҳ бар аммома: 1.Аммома бояд барои мард бошад. 2.Шаклу андозаи аммома бояд ба ҳадде бошад, ки миқдори маъмуле аз сарро бипӯшонад. 3.Масҳ бояд барои рафъи ҳадаси асғар (бевузуӣ) бошад (на ғусл ё ҳадаси акбар). 4.Дар таҳорати мазкур ҳатман бояд аз об истифода гардад.

Шароити ҷавози масҳ бар рӯсарӣ: 1.Ҳатман бояд рӯсарӣ мутаъаллиқ ба зан бошад. 2.Рӯсарӣ зарур аст ба гунае бошад, ки аз зери гулӯ ба таври доира даври сар баста шуда бошад. 3.Барои рафъи ҳадаси асғар (бевузуӣ) масҳ сурат гирад. 4.Таҳорат сирфан тавассути об сурат гирад. 5. Миқдори маъмули сар тавассути рӯсарӣ пӯшонида шавад.

Муддати замони эътибори масҳ бар маҳсӣ. Барои шахси муқим муддати замони масҳ як шабонарӯз ва барои мусофир се шабонарӯз таъйин гардида аст. Лозим ба зикр аст, ки манзур аз мусофир касе аст, ки қасди паймудани масофаеро дорад, ки дар он намозҳо қаср мегарданд.

Замони ҳисоб гардидани шурӯъи масҳ. Аз вақти аввалин масҳе, ки баъд аз ба вуҷуд омадани бевузуӣ пас аз пӯшидани мӯзаҳо сурат мегирад, то фардои ҳамон рӯз ва ҳамон соат, замони масҳ ҳисобида мешавад. Бинобар ин барои муқим ин муддат 24 соати комил хоҳад буд.

Нукта. Касе, ки дар мусофират маҳсӣ пӯшиду масҳ кард ва онгоҳ муқим гардид, бояд аз ҳукми муқим пайравӣ кунад (яъне замони масҳ барои ӯ аз се шабонарӯз ба як шабонарӯз кам мегардад). Агар шахсе дар маҳалли иқомати худ маҳсӣ пӯшиду масҳ кард ва онгоҳ мусофир гардид, аз ҳукми масҳ

барои мусофир пайравӣ мекунад.

Ҷабира. (гаҷ, гипс) Ҷабира иборат аст аз ду тика чӯби тахт ё монанди он, ки устухон ва ғайраро бо он шикастабандӣ мекунанд. Дар гузашта шикастабандҳо барои собит кардани устухони шикаста аз ҳамин усул истифода мекарданд.

*Шароити ҷавози масҳ бар ҷабира*: 1. Эҳтиёҷ ба ҷабира бастан дошта бошад. 2. Андозаи ҷабира беш аз миқдори ниёз набошад. 3. Масҳ бар ҷабира дар силсилаи маротиби аҳкоми вузӯ қарор гирад (яъне масалан масҳ бар дасте, ки ҷабирабандӣ шуда аст, пас аз шустани рӯй ва дар аснои вузӯ қарор гирад).

✸ Агар ҷабира аз миқдори лозим бузургтар бошадб зарур аст миқдори зоидро зоил кунем ва агар ин кор ба масдум зараре мерасонадб бардоштани миқдори зоид лозим нест ва масҳ бар он ҷоиз хоҳад буд.

Макон ва маҳдудаи масҳ: Маҳдудае, ки аз мӯза бояд масҳ гардад иборат аст аз бештари қисмати фавқони по аз сари ангуштон то ибтидои соқи он. Лозим ба зикр аст масҳ бар мӯзаҳо бояд бо се ангушти миёнаи дасти рост, ки кушода бошанд, сурат гирад.

Нукта. ✸ Беҳтар аст масҳ бар маҳсиҳо ҳар ду ҳамоҳанг, бидуни муқаддам кардани яке бар дигаре сурат гирад. ✸ Масҳ кардани каф ё зери маҳсӣ ё пушти он маснун намебошад ва агар шахсе фақат ин ду мавзеъро масҳ кунад, масҳаш ҷоиз нахоҳад буд (зеро ҳатман бояд қисмати фавқони мӯза масҳ гардад.).

Шиканандаҳои вузӯ: 1.Ҳар он чи, ки аз пас ва пеши инсон хориҷ мешавад. 2.Наҷосате, ки аз бадани инсон хориҷ мешавад ба монанди хун, рим ва зардоб, 3.Қай намудан (агар даҳонро пур кунад). 4.Хобидан (ба паҳлӯ, бар болин, бар пушт ва бар рӯй). 5.Хоби такязада бар чизе, ба гунае, ки агар он чиз гирифта шавад, шахси хобида бияфтад. 6.Беҳушӣ. 7. Девонагӣ. 8.Хандаи баланд (қаҳқаҳа) дар намозе, ки дорои саҷда ва рукӯъ бошад.

Дар мавридҳои зерин ғусл фарз мегардад: 1. Алоқаи ҷинсӣ, ҳарчанд инзол сурат нагирад. 2.Аз хоб бедор шуда дар либоси худ дидани манӣ (сарфи назар аз он, ки он ғафс аст

ё тунук). 3.Хориҷ шудани манӣ бо ҷаҳиш ва шаҳват. 4.Поён ёфтани ҳайз (хунбинии моҳонаи занон) ё нифос (хунбинӣ пас аз таваллуд) барои занон.

*Илова бар ин ғусли воҷибӣ аст, ки* он барои адои намози ҷумъа, идайн, ҳангоми бастани эҳром ва вуқуф дар Арафа суннат аст. Ғусл дар ин рӯзҳо барои риояи покизагӣ мебошад.

Асли муҷиботи ғусл: 1. Пинҳон шудани ҳашфа (қисми аввали закар) дар фарҷи зан ҳарчанд инзол сурат нагирад. 2. Хориҷ шудани манӣ бо ҷаҳиш ва шаҳват аз бадан ё хориҷ шудани он ба ҳангоми хоб бо лаззат ё бидуни он ва ба тариқи истимнои бо даст. 3. Ба поён расидани ҳайзу нифоси зан.

Фарзҳои ғусл: 1. Шустани даҳон (мазмаза). 2. Кашидани об ба дохили бинӣ ва шустани он (истиншоқ). 3. Шустани тамоми бадан.

Суннатҳои ғусл: 1.Шустани дастҳо. 2.Шустани шармгоҳ (узвҳои зери ноф). 3.Дур сохтани наҷосат аз бадан. 4.Вузӯ кардан (ба истисноi шустани пойҳо). 5.Се бор расонидани об ба тамоми бадан. 6.Шустани пойҳо.

Он чи ба дорандаи ҳадаси акбар (шахсе, ки бар вай ғусл воҷиб шудааст, яъне ҷунуб) ҳаром аст: 1) Ламс кардани Қуръон (агар ғилоф надошта бошад). 2) Қуръон хондан ва ё аз ёд қироат кардан. 3) Ба масҷид дохил шудан (ба истисноi ҳолати зарурат).

**Нукта.** Ҳоиз (ҳайзбинанда) ва нуфасо (нифосбинанда) ҳам ҳукми ҷунубро доранд.

**Таяммум.** *Шароити раво будани таяммум:*

1. Душворӣ дар дастрасӣ ба об (Умуман аз набудани об ё кофӣ набудани он ё зарар доштани он барои шахси мариз ва …) ва шиддати сармо.

2.Таяммум кардан бояд бо хоки пок, мубоҳ ва ғайри сӯхта сурат гирад ва зимнан зарур аст, ки хок дорои ғубор низ бошад.

**Аркони (фароизи) таяммум:**

1.Масҳи ду даст то оринҷҳо. 2.Масҳи тамоми рӯй.

**Шикanандаҳои таяммум:** Он чи таяммумро ботил мекунад, иборатанд аз: 1.Ҳар он чи вузӯро ботил мекунад. 2. Ёфтани об дар сурате, китаяммум ба иллати набудани об

сурат гирифта бошад. 3. Зоил шудани душворие, ки таяммумро мубоҳ гардонида аст. Масалан, агар касе ба хотири маризие, ки дошта қодир ба вузӯ гирифтан набуда ва акнун саломат ёфта, таяммумаш ботил мегардад.

Чи гунагии таяммум гирифтан: Барои таяммум кардан ибтидо ният кардан, бисмиллоҳ хондан ва онгоҳ ду дасти худро як мартаба ба хок зада, рӯйро масҳ кардан. Агар таяммумкунанда соҳиби риш бошад ҳамоҳанг бо рӯй бо кафи ду даст ришро ҳам масҳ мекунад. Сипас пушти дасти ростро бо кафи дасти чап ва пушти дасти чапро бо кафи дасти рост масҳ кардан.

Изолаи (Дур кардани)наҷосат: Аносири сегона:

А)Ҳайвонот. Ҳайвонот ба ду навъанд: 1.Ҳайвоноти наҷис, монанди саг, хук ва ҳар он чи аз онҳо ба вуҷуд меояд. Ҳамчунин ҳар парранда ё чаҳорпое, ки аз ҷуссаи бузургтар аз гурба бархӯрдор бошад дар зумраи ин гурӯҳ аз ҳайвонот ба ҳисоб омада идрор, мадфуъ, оби даҳон, арақ, манӣ, шир, қай ва оби бинии онҳо наҷас мебошад. 2. Ҳайвоноти пок, ки худ бар се қисматанд: а) Одамӣ, ки манӣ, арақ, оби даҳон, шир, оби бинӣ, балғам ва рутубати фарҷи зан пок аст. Лозим ба зикр аст, ки ҳар он чи аз одамӣ хориҷ мегардад ҷуз идрор, мадфуъ, мазӣ, вадӣ ва хун низ пок мебошад. б)Ҳайвоноти ҳалолгӯшт: идрор, мадфуъ, манӣ, шир, арақ, оби даҳон, оби бинӣ, қай ва мазии чунин ҳайвонот пок мебошанд. В)Ҳайвоноте, ки (ҳарчанд ҳаромгӯштанд) эҳтироз ва дурӣ ҷустан аз онҳо душвор аст. Илоғ, гурба, муш ва монанди он аз ин қабиланд, ки оби даҳон ва арақи онҳо пок мебошад.

Б) Майита (мурда): Ҳар ҳайвони худмурда ҷуз одамӣ, моҳӣ, малах ва ҳар он чи фоқиди хуни соил (хуне, ки он қадар зиёд бошад, ки ҷараён пайдо кунад) бошад, монанди каждум, мӯрча ва паша наҷис мебошад.

В) Ҷимодот: Ҳар он чи аз ҷимодот аз қабили замин, сангҳо ва монанди онҳо вуҷуд дорад, пок ва тоҳир аст.

Нукта: ✸ Хун, чирк, зардоб ва ғ… наҷисанд, аммо агар он аз ҳайвони пок ҳосил гардида бошад ва дар сурати андак будани миқдори он (намоз хондан бо он ҷоиз аст) ва

мавриди афв қарор гирифта аст. ✷ Хуни моҳӣ ва хуни боқимонда дар гӯшт ва рагҳои ҳайвони забҳшуда пок мебошад. ✷ Ҳар он чи аз ҳайвони ҳалолгӯшт дар ҳоли ҳаёти он (ва қабл аз забҳи шаръӣ) қатъ ё бурида шавад, наҷас аст. Ҳамчунин, чунин ҳайвоне дар сурате, ки ба алақа (хуни баста) ё музға (тикаи гӯште) табдил шуда бошад, наҷис хоҳад буд. ✷ Дар зоил кардан ва аз байн бурдани наҷосат ният шарт намебошад ва агар оби борон наҷосатеро зоил кунад, барои таҳорати он кофӣ аст. ✷ Ламс кардани наҷосат бо даст ё пой вузӯро намешиканад, аммо зарур аст наҷосате, ки ба ҷисм ё ҷомаи инсон раисда аст зоил гардад (пок кардани ҷисм ва либос аз воҷибот аст). ✷ Ҳаргоҳ айни наҷосат тавассути об, хуршед, бод (ҳаво) ва ё тамоси ду чиз (мисли молидани кафш бар рӯи хок) аз байн биравад, покӣ ҳосил мешавад. Аммо наҷосатҳое аз навъи саг ва хук ва ҳар он чи аз онҳо ба вуҷуд меояд, аз ин қоида мустасно аст ва барои пок кардани наҷосатҳое ҳосил аз чунин маворидe мебояд ибтидо онро ҳафт мартаба бо об бишӯем ва сипас онро бо хок шустушӯ диҳем.

**Табсираҳо:** ✷ Агар наҷосати ҳосил бар рӯи замин аз навъи идрор (пешоб) ва монанди он бошад кофӣ аст миқдоре обро бар рӯи он бирезем ба наҳве, ки наҷосат аз байн биравад ва ранг ё бӯй аз он боқӣ намонад. Ин навъ наҷосат бо ҳамин миқдор об пок мегардад. Аммо агар наҷосат аз навъи ғоит (мадфуъ) ва монанди он бошад, ночор бояд ҳам айни наҷосатро аз байн бибарем ва ҳам асари онро (мисли рутубати он аз рӯи замин ва …) маҳв гардонем. ✷ Агар зоил кардани наҷосат ба ҷуз об имконпазир набошад, воҷиб аст, ки бо об шуста шавад. ✷ Агар маҳалли наҷосат бар кас пинҳон (номаълум) бошад бояд маҳаллеро, ки итминон ва яқини бештаре дорад, бишӯяд. ✷ Касе ки барои адои нафле вузу гирифта бошад ҷоиз аст бо ҳамон вузу ба адои фароиз низ бипардозад. ✷ Бар касе, ки бевузуи дар асари хоб ё баромадани бод ҳосил шуда бошад, истинҷо воҷиб намебошад, зеро бод пок аст. Чунин шахс метавонад бидуни истинҷо вузу бигирад ва намоз ё ҳар ибодати дигареро анҷом диҳад.

# АҲКОМИ ХУНҲОЕ, КИ БА ТАВРИ ТАБИӢ АЗ ЗАН ХОРИҶ МЕГАРДАНД

## 1- (ҲАЙЗ ВА ИСТИҲОЗА)

| МАСЪАЛА | ҲУКМ |
|---|---|
| Ҳадди ақал ва ҳадди аксари синни ҳайз | Барои синни ҳайз ҳадде таъйин нашудааст. Ҳангоме ки аз зане хуне бо авсофи хуни ҳайз хориҷ гардад, зан ҳоиз мегардад. |
| Ҳайз чӣ қадар тӯл мекашад? | Ҳайз муддату замони мушаххас надорад. Ҳамин, ки зан хун бубинад (бо авсофи хуни ҳайз) он хун ҳайз аст, ҳарчанд муддаташ бисёр кам бошад. |
| Ҳадди бисёри замоне, ки мумкин аст ҳайз тӯл бикашад | Ҳадди бисёри замоне, ки мумкин аст ҳайз ба тӯл анҷомад, 15 рӯз аст ва аз ин замон бештар агар хуне аз зан хориҷ гардад, он хун истиҳоза хоҳад буд. |
| Муддати замони туҳр (покӣ) байни ду ҳайз | Туҳр мобайни ду ҳайз 13 рӯз тӯл мекашад, ки агар қабл аз тамомшавии ин муддат хуне дида шуд, он хун истиҳоза[1] мебошад. |
| Замони маъмули ҳайз дар занон | Ғолибан занҳо дар ҳар моҳ 6 то 7 рӯз ҳоиз мешаванд. |
| Замони маъмули туҳр (покӣ) дар занон | Аксари занҳо байни 23 то 24 рӯз пок аз ҳайз мебошанд. |
| Ҳукми хуне, ки ҳангоми бордорӣ аз зан хориҷ мегардад | Он чи аз хун, моеъи моил ба ранги зард ва моеъи кадир аз зани ҳомила хориҷ мегардад, истиҳоза буда ва ҳайз ба ҳисоб намеояд. |
| Чӣ гуна зан мефаҳмад, ки аз ҳайз пок шудааст? | Ҳар гоҳ моеъи сафедранг аз маҳбал хориҷ гардид, ё хун ё моеъи зардранг ё хуни кадре аз маҳбал хориҷ нагардид, зан пок гаштааст. Лозим ба зикр аст, ки бо хориҷ шудани моеъи сафедранг вузӯ ботил мегардад. |
| Он чи аз маҳбали зан ба | Ҳар он чи ба шакли моеъ аз зан хориҷ мегардад, агар шаффоф бошад пок аст, вале |

[1] Хуни истиҳоза хуне аст, ки ба иллати навъи бемори аз раги зерини раҳм, ки дар арабӣ бад-он озил гӯянд ҷорӣ мегардад. Хуни ҳайз ва истиҳоза дар масоиле аз якдигар фарқ доранд:

**А).** Хуни ҳайз ранги қирмизи (сурх) мутамойил ба сиёҳ дорад, аммо хуни истиҳоза ранги равшан чун хун хориҷшаванда аз бинӣ дорад.

**Б).** Хуни ҳайз ғализ аст ва гоҳ ҷараёни он қатъ мегардад, аммо хуни истиҳоза рақиқ аст ва ба гунае ҷараён пайдо мекунад, ки гӯи аз захм хун мерезад. **В).** Хуни ҳайз бадбӯй ва зананда аст, аммо хуни истиҳоза ҳамон бӯйи хуни одиро дорад.

| | |
|---|---|
| сурати моеъ хориҷ мегардад | вузӯро ботил мекунад. Аммо чунончи ин гуна моеъот мустамир ва пай дар пай сурат гирад, ҳукми истиҳозаро ба худ мегирад. |
| Чунончи зан хуни кадир ё зардрангеро мушоҳида кунад | Чунончи ин хун (кадр ё зардранг) муттасил ба ҳайзи қабл ё баъди он мушоҳида гардад, ҳайз маҳсуб мешавад, аммо агар ба таври мунфасил ва номанзум мушоҳида гардад, хуни истиҳоза ба ҳисоб меояд. |
| Зане ҳамвора ҳайзаш мураттаб буда, вале ин бор қабл аз инқизои муддати ҳайз ҳамешагӣ пок гаштааст | Чунончи ин зан дигар хун набинад, ба ӯ ҳукми тухр дода мешавад (ҳарчанд ин бор замони ҳайзаш камтар аз муддати маъмули он бошад). |
| **Агар хуни ҳайз қабл ё баъд аз замони маъмул мушоҳида гардад** | Чунончи авсофи хуни ҳайзро доро бошад ва ҳар замон ҳайз ба ҳисоб меоядб вагарна хуни истиҳоза маҳсуб хоҳад гардид. |
| **Агар ҳайз беш ё камтар аз ҳадди маъмул ба тӯл анҷомид** | Ин хун машрут ба ин аст, ки беш аз ҳади аксари замони таъйиншуда барои ҳайз ба тӯл наянҷомад, ҳайз маҳсуб мешавад. |
| Чунончи зане муддати тӯлонироб масаланб як моҳи комил ё бештар хун бубинадб ҳукм чист? Дар чунин мавридҳо чаҳор ҳукм вуҷуд дорад: | 1) Чунончи зан замон ва миқдори айёми ҳайзи худро бидонад ва хуни ҳайзро аз ғайри он ташхис диҳад, ҳамон замон ва миқдори маъмулиро, ки ҳамвора ҳоиз мешуд, ҳайз ба ҳисоб меоварад ва ба сифот ва вижагиҳои хун таваҷҷӯҳ намекунад. 2) Чунончи зан замон ва миқдори айёми ҳайзи худро бидонад, вале хуне, ки аз вай хориҷ мегардад, дорои вижагии яксон бошад (ва ранг ё ғилзати он тағйир накунад), ба миқдоре, ки маъмулан ҳайз мешуд, он муддатро ҷузви айёми ҳайзи худ ба ҳисоб меоварад ва он гоҳ ғусл мекунад. 3) Зане, ки замони ҳайзи худро дар моҳ медонад, вале миқдори айёмеро, ки ҳоиз мешавад ташхис намедиҳад (чун замони мушаххас надошта ё …) замони ғолиб ва маъмули ҳайзро, ки 6 ё 7 рӯз ба тӯл меанҷомад, ба унвони айёми ҳайзи худ ба ҳисоб меоварад. 4) Зане, ки замони ҳайзи худро дар моҳ намедонад, вале ба миқдори айёме, ки дар моҳ ҳайз мешавад, огоҳӣ дорад, ҳамон миқдори маълумро аз аввали ҳар моҳи қамарӣ барои хеш ҳайз ҳисоб мекунад. |

# 2- (НИФОС)

| МАСЪАЛА | ҲУКМ |
|---|---|
| Агар зане пас аз таваллуди фарзанд хуни нифос набинад | Ҳеч як аз аҳкоми хуни нифос бар вай тааллуқ надорад ва на танҳо рӯзаи ӯ ботил намегардад, балки ғусл низ бар вай воҷиб намегардад. |
| Агар зане сирфан нишонаҳои таваллуд карданро мушоҳида кард | Ҳар он чиро, ки зан аз хун ё моеи дигар ба ҳамроҳи эҳсоси дард, қабл аз вилодати фарзанд мушоҳида мекунад, ҳукми хуни нифосро ба худ намегирад, балки истиҳоза аст. |
| Ҳукми хуне, ки зан дар ҳангомивилодати фарзанд ва дар ҳамон асно мушоҳида мекунад, чист? | Хуне, ки дар аснои вилодати фарзанд ҳарчанд ҳанӯз ҳеч як аз аъзои он аз маҳбал хориҷ нагардида бошад ва ё қисмате аз он мушоҳида гардида бошад, хуни нифос аст ва чунончи дар ин замон намозе аз зан фавт гардида бошад, қазои он бар ӯ лозим нахоҳад буд. |
| Шумориши айёми нифос аз кай оғоз мегардад? | Баъд аз хуруҷи комили ҷанин аз шиками модар айёми нифос шурӯъ мегардад. |
| Ҳадди ақали муддати нифос | Барои хуни нифос ҳадди аққале таъйин нагардида ва чунончи билофосила, пас аз вилодати фарзанд хун қатъ гардид, воҷиб аст, ки зан ғусл кунад ва намоз бигзорад. Чунин зане набояд ба интизори такмил шудани 40 рӯз, (ки ҳадди аксари муддати нифос аст) биншинад. |
| Ҳадди аксари муддати нифос | Ҳадди аксари замоне, ки барои нифос таъйин гардида 40 рӯз аст ва чунончи зане беш аз ин муддат хун дид бар вай воҷиб аст, ки бо итмоми 40 рӯз ғусл кунад ва намоз бигзорад. Магар ин ки нифоси ӯ мусодиф бо ҳайзи ӯ гардад ва билофосила пас аз нифос хуни ҳайзи вай шурӯъ гардад, дар ин сурат хуни мозод ҳайз ба ҳисоб хоҳад омад. |
| Агар зане соҳиби ду фарзанд гардад | Зане, ки дар як зоймон ду фарзанд ба дунё оварад, нифоси ӯ билофосила пас аз вилодати аввалин фарзанди вай оғоз мегардад. |

| | |
|---|---|
| Ҳукми хуне, ки пас аз сақти ҷанин аз зан хориҷ мегардад | Чунончи ҷанини сақтшуда 80 рӯз ё камтар дошта бошад, хуни хориҷшаванда пас аз вай истиҳоза маҳсуб мешавад. Ва агар умри ҷанин беш аз 90 рӯз бошад, хуне, ки пас аз он хориҷ мегардад, хуни нифос аст. Аммо чунончи ҷанини сақтшуда мобайни 80 то 90 рӯз умр дошта бошад, ҳукм муаллақ мегардад, яъне чунончи ҷанин мавриди назари мутахаллиқ ба хилқати инсон гашта бошад (яъне шабеҳи инсон шуда бошад), хуни хориҷшаванда паз аз он нифос хоҳад буд ва дар ғайри ин сурат хуни истиҳоза ба ҳисоб хоҳад омад. |
| Чунончи зане дар хилоли 40 рӯзе, (ҳадди аксар) ки барои нифос таъйин шуда пок гардад ва муҷаддадан пас аз чанде хун бубинад, ҳукм чист? | Чунончи зане дар аснои 40 рӯзи таъйиншуда барои нифос пок гардид, ин тухр ба ҳисоб меояд ва бар вай воҷиб аст, ки ғусл кунад ва намозро барпой дорад. Аммо чунончи дар ҳамин асно муҷаддадан хун дид, хуни мазкур қабл аз итмоми 40 рӯз нифос аст ва аҳкоми нифос бар вай дахл надорад. |

**Табсираҳо:**

✸ Зане, ки ҳамвора хуни истиҳоза мебинад, бар вай воҷиб аст, ки намоз бихонад, вале барои ҳар намоз бояд аз нав вузӯ бигирад.

✸ Агар зане қабл аз ғуруби хуршед аз ҳайз ё нифос пок гардид, бар вай лозим аст, ки намози зуҳр ва асри ҳамон рӯзро ба ҷой оварад ва чунончи зане қабл аз тулӯъи субҳи содиқ аз ҳайз ё нифос пок гардад, ба ӯ лозим аст, ки намози мағриб ва хуфтани ҳамон шабро ба ҷой оварад.

✸ Чунончи зане вақт ва замони намозеро дарёбад, вале қабл аз ин ки намоз бихонад, дар ҳамон асно дучори ҳайз ё нифос гардад, қазо овардани чунин намозе бар зиммаи вай нахоҳад буд.

✸ Бар зане, ки бар асари ҳайз ё нифос ғусл мекунад, воҷиб аст, ки мӯйҳои худро (дар сурати бофта шудан ё дар ҳам будан) аз ҳам бигшояд, вале зане ки барои рафъи ҷанобат ғусл мекунад (аз ин қоида озод аст ), ниёз нест мӯйҳои худро бигшояд.

✸ Муҷомиъат бо зане, ки ҳайз ё нифос аст, ҳаром аст, аммо

баҳра бурдан аз зан дар ғайри маҳбал ва мақъад (пасу пеш) ҷоиз мебошад.

✸ Муҷомиъат бо зане, ки хуни истиҳоза мебинад, макруҳ аст, вале дар сурати ниёзи (зарурати) завҷ ҷоиз мебошад.

✸ Мустаҳаб аст, ки зани мустаҳоза (ки хуни истиҳоза мебинад) қабл аз адои ҳар намоз як бор ғусл кунад, вале чунончи аз ин амр ҷоиз шуд, пас намози зуҳр ва асрро бо як ғусл ва намози хуфтанро бо ғусли дигар адо кунад. Барои намози субҳ низ ғусл кунад, ки маҷмӯъан дар шабонарӯз се бор ғусл мекунад. Агар ин амр низ бар вай душвор омад, дар ҳар рӯз як бор ғусл кунад ва барои адои ҳар намоз аз нав вузӯ бигирад. Агар аз анҷоми ин амр низ нотавон монад, пас аз ин ки ғусли ҳайзро анҷом дод, барои ҳар намоз як бор вузӯ бигирад.

✸ Барои зан ҷоиз аст, ки доруи ба таъхирандозандаи ҳайз истифода кунад, то битавонад ба маносики динӣ (шомили ҳаҷ, рӯза ва…) бипардозад. Ҳамчунин агар зане бихоҳад дар рамазон ҳоиз нагардад, то тамоми айёми моҳи рамазонро рӯза бигирад, барои ӯ ҷоиз аст аз чунин доруе истифода кунад. Албатта, шарт ин аст, ки доруи мавриди назар барои ӯ зарарнок набошад.

# Зан дар ислом

Зан дар аҷру фазл ба миқдори имону амал, мисли мард аст дар назди Худованд, чуноне ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: Занҳо ва мардҳо мисли бародару хоҳаре, ки аз як падару модар ҳастанд, мебошанд. Ва зан ҳақ дорад, ки ҳақашро талаб кунад ва зулме, ки болои сараш омадааст рафъ намояд: ин чунин хитобҳои диние ки ба сӯи инсоният аст зану мард дар он баробаранд, магар дар баъзе чизҳое ки фарқ гузошта шудааст ва онҳо ҳам дар баробарии ҳамаи аҳкоми дин баъзе ҳукмҳое андаке мебошанд, чунки шариъат хусусияти марду занро аз нигоҳи хилқат ва қудратманди мӯроъот мекунад. Худованд мефармояд: *Оё намедонад (холиқ) он чиро ки халқ кардааст ва Ӯ бисёр латифасту (аз ҳама чиз) бо хабар аст* **(Ал Мулк: 14).**

Пас зан вазифае дорад, ки махсус барои ӯст ва ҳам чунин мард вазифаи хоси худашро дорад ва ҳар як мудохалае, ки миёни вазифаҳои онҳо мешавад зарараш бар тавозуни ҳаёт хоҳад расид, ин чунин занро дар хонааш ҳамонанди аҷру савоби мард Худованд аҷру савоб таъин кардааст, аз Асмо бинти Язид ривоят аст, ки назди Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) омад дар ҳоле ки ӯ миёни саҳобаҳояш нишаста буд ва гуфт: Падару модарам фидоят бод ман аз тарафи занҳо ба назди шумо омадам ва низ худамро таълим медиҳам: зане вуҷуд надорад на дар шарқу на дар ғарб магар ин ки аз омаданам барои ин масъала ба назди шумо хабар дорад ва агар бохабар ҳам набошад бо ман ҳамфикранд, Худованд шуморо ба сӯи мардҳо ва занҳо фиристод ва мо имон овардем ва ба Худое ки тӯро фиристод, мо маъшари (ҷамоъаи) занҳо муҳосара шудаву аз назар дур мондаем мо занҳо пояҳои хонаҳои шумо мардҳо ҳастем шаҳватҳоятонро бароварда месозем, фарзандонатонро ҳамл мекунем, шумо ҷамоъаи мардҳо аз мо баландмартабашудед бо ба ҷо овардани намози ҷумъаву ҷамоъат ва хабаргирии беморон... маризҳо ва иштирок дар ҷанозаҳо ва ҳаҷҳои пай дар пай ва аз ҳама инҳо беҳтар дар ҷиҳоди дар роҳи Худо ва ин чунин ҳар вақте ки марде аз шумо барои адои ҳаҷ ё умра ё ҷиҳод меравад молҳои шуморо бароятон нигаҳбонӣ мекунем ва либосҳоятонро шӯста омода мекунем ва фарзандонатонро тарбият мекунем, пас барои чи дар савобу аҷр бо шумо баробар нестем эй Расули Худо, сипас Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам)

тамоми руяшро ба сӯи саҳобаҳояш карду гуфт: Оё сухани занеро шунидаед, ки монанди ин зан дар умури динаш ин қадар зебо бипурсад, гуфтанд, эй Расули Худо мо фикр намекардем, ки зан бо ин андоза ҳидоят меёбад, сипас Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) рӯяшро ба сӯи он зан гардонд ва гуфт: Бирав эй зан ва бигу ба занҳое ки тӯро фиристоданд, ҳусни муомилаи неки яке аз шумо бо шавҳараш ва талаби ризояти шавҳараш ва пайравӣ кардани хостаи шавҳараш, аҷру савоби ҳамаи он ибодатҳоро дар бар мегирад, сипас он зан баргашту таҳлилу такбиргуён бо хушхабараш равон шуд. (Байҳақӣ).

Ва занҳое ба назди Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) омаданд ва гуфтанд: Эй Расули Худо мардҳо аҷру фазли ҷиҳод дар роҳи Худоро гирифтанд оё коре ҳаст, ки бикунем ва савоби ҷиҳоди дар роҳи Худоро бигирем. Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) гуфт: касбу кори хонаи яке аз шумо амали муҷоҳидини дар роҳи Худоро дарёфт мекунад. (Ал Байҳақӣ). Балки муомилаи некро бо зани хешованд аз амалҳои пураҷри бузурге гуфтааст, Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мегӯяд: Ҳар ки ду духтар ё ду хоҳар ё ду духтар аз ақрабои худро тарбият кунаду ба онҳо нафақа бидиҳад ва савобашро аз Худо талаб кунад, то ин ки соҳибкифоят шаванд, ё соҳиби дорои шаванд, ин ду зан барои ӯ ҷодаре мешаванд миёни ӯ ва оташи дузах. (Аҳмад ва Табарони).

## Баъзе аҳкомҳо дар мавриди занҳо

✸ Ҷоиз нест барои зану мард якҷо шаванд, магар бо ҳузури маҳрам[1]. Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) **мефармояд:** ***"Ҳеҷ марду зан якҷо нашаванд магар бо маҳрам"*** **(Муттафақун алайҳи).**

✸ Барои зан мубоҳ аст, ки дар масҷид намоз бихонад  ва агар хавфи фитна бошад макрӯҳ аст, ҳазрати Оиша (разияллоҳу анҳу) мегуяд: Агар Паёмбар занҳои ҳозирaро бо ин ҳолашон  медид, онҳоро аз масҷид рафтан манъ мекард, чи гунае ки занҳои бани Исроил аз масҷид рафтан манъ шуданд. (Муттафақун

[1] Маҳрами зан касе шуда метавонад, ки то абад ӯро ба зани гирифта натвонад, мисли: Падар, падаркалон ва аҷдодаш, бародар ва фараздони бародар ва наслашон, фарзанд ва наберагон бо наслашон, фарзандони хоҳар, амак, тағоӣ, ва падари шавҳар ва падаронаш, фарзанди шавҳар ва наслаш, ва падару фарзанду бародари разоъӣ ва шавҳари духтар ва шавҳари модар.

алайҳи). Ва чигунае ки намози мард дар масҷид чанд баробар аҷру савоб дорад, ҳамин хел намози зан дар хонааш чанд баробар аҷру савоб дорад. Зане ба назди Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) **омад ва** гуфт: Эй расули Худо ман мехоҳам ҳамроҳи шумо намоз хонам, Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) **фармуд:** ***"Ман фаҳмидам ки ту намозро ҳамроҳи ман дӯст медорӣ, лекин намозат дар утоқат беҳтараст аз намозат дар хонаат ва намозат дар хонаат беҳтараст аз намозат дар ҳавлият ва намозат дар ҳавлият беҳтараст аз намозат дар масҷиди қаряаат ва намозат дар масҷиди қаряаат беҳтараст аз намозат дар масҷиди ман".*** **(Аҳмад)**

✸ Барои зан воҷиб намешавад адои Ҳаҷу Умра магар ин ки маҳраме пайдо кунад, ки ӯро ҳамроҳӣ кунад ва мубоҳ нест барои зан сафар кардан бидуни маҳрам, чуноне ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) **мефармояд:** ***"Сафар накунад зан аз се шаб зиёд магар бо маҳрам"*** **(Муттафақун алайҳи)**

✸ **Ин чунин ҳаром аст барои зан зиёрати қабристон ва аз пушти ҷаноза рафтан, чуноне ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд:** ***"Худованд лаънат кунад занҳоеро ки қабристонро зиёрат мекунанд"*** **Умм-Атия гуфт: Аз зиёрати қабристон манъ шудем ва .........(Муслим).**

✸Барои зан ҷоиз аст, ки мӯи сарашро бо ҳар намуд ранге ки мехоҳад рангу бор кунад ва макрӯҳ аст бо ранги сиёҳ башарти ин ки хотибро (марде, ки мехоҳад барои дидан занеро базанӣ гирад) фиреб надиҳад. (яъне, муяш сафед бошаду ӯро ранги сиёҳ кунад то ки дар назари зангир муяш сиёҳ намоён шавад).

✸Воҷиб аст, ки меросе ки ҳақи зан аст бау дода шавад ва ҳаром аст, ки ӯро аз мерос манъ кунанд, Аз Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) ривоят аст, ки гуфт: *Ҳар ки мероси ворисашро қатъ кунад Худованд меросашро аз ҷаннат рӯзи қиёмат қатъ хоҳад кард*. **(Ибни Моҷа).**

✸ Воҷиб аст барои шавҳар, ки нафақаи занашро баҷо биёрад ва нафақаи зан ҳар чизест ки ба он эҳтиёҷ дорад аз хӯрданиву пӯшиданиву сукунатгоҳ мувофиқи урфи мардум, Худованд мефармояд: Пас инфоқ кунанд онҳое, ки соҳиби доройӣ ҳастанд аз доройияшон .........

Агар зан соҳиби шавҳар набошад пас нафақааш бар падараш ё бародараш ё фарзандаш воҷиб мегардад ва агар

ягон хешу ақрибо надошта бошад бар тамоми мардум мустаҳаб аст, ки нафақаи ӯро бидиҳанд, чуноне ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: *"Кумаккунандаи зани бешавҳару мискин мисли муҷоҳиде аст, ки дар роҳи Худо ҷиҳод мекунад ё ин ки мисли касест ки шаб намоз мехонаду рӯз руза медорад"* **(Мутафақун алайҳи)**

✸ Ҳақи зан бар тарбияти фарзанди хурдаш зиёдтар аст то замоне ки башавҳар набарояд ва барои падараш лозим аст, ки то замоне ки тифл дар тарбияти модараш аст бар ӯ нафақа бидиҳад.

✸Мустаҳаб нест барои зан ва хосатан зани ҷавон ки аввал шуда салом бидиҳад.

✸Ва мустаҳаб аст тарошидани муй зери ноф ва чидани пашми зери каш ва кутоҳ кардани нохунҳо ҳар рузи ҷумъа ва макруҳ аст, ки онҳоро аз чиҳил руз зиёд тарк кунад.

✸Ва чидани мӯи абруҳо (қошҳо) ҳаром аст, Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: *"Лаънати Худо бар абру чину абру мечиндагӣ"* **(Абудовуд).**

✸ **Мотамгирӣ: Ҳаром аст барои зан ки аз се руз зиёд мотамгирӣ кунад, магар бар шавҳараш, чуноне ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд:** *"Ҷоиз нест бар зане ки имон дораду ба рӯзи қиёмат аз се руз зиёд мотам гирад, магар бар шавҳараш"* **(Муслим).**

Ҷоиз аст барои зан бар шавҳараш чаҳор моҳу даҳ руз мотам бигирад ва воҷиб аст бар вай ки дар ҳолати мотамаш аз зинату хушбӯӣ мисли заъфарон ва ин чунин пӯшидани зару зевар ва либосҳои абрешимиву бо шаклҳои гул зинатдода шуда дӯрӣ биҷӯяд.

Ва ҷоиз аст барояш гирифтани нохунҳо ва чидани муйҳо ва шӯстани бадан ва барояш воҷиб нест ки либосҳои бо ранги муаян пушад мисли ранги сиёҳ ва воҷиб аст, ки иддаашро дар манзиле ки шавҳараш вафот кардаасту дар онҷо сукунат мекунад дар он ҷо бипояд ва аз хонааш берун намеояд, магар барои ҳоҷати зарурӣ ва рузона.

✸ **Ва ҳаром аст барои зан ки сарашро бе ягон зарурат битарошад ва кӯтоҳ карданаш ҷоиз аст бо ин шарт, ки ба мардон монанд нашавад, чуноне Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам)**

**мефармояд:** *"Лаънати Худо бар занҳое, ки худашонро ба мардон монанд мекунанд"* **(Тирмизӣ). ё ин ки худашонро ба кофираҳо ташбиҳу монанд бисозанд, чуноне ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд:** *" Ҳар ки ба кадом қавме худро монанд сохт пас ӯ аз ҳамон қавм аст"* **(Абудовуд).**

✸ Воҷиб аст бар зан ҳангоми хориҷ шудан аз хона худашро бо ҷилбоб (ҳиҷоб) сатр намояд, шартҳои ҷилбоб инҳоянд: 1) Ҳамаи баданро бипӯшонад. 2)Ҳиҷоб зинатдода набошад. 3) Шаффофу тунук набошад. 4) Васеъ бошаду дар бадан часпида набошад. 5) Хушбӯӣ пошида набошад. 6) Ба либоси мардон монанд набошад. 7) Ба либосҳои занони кофира монанд набошад. 8) Либоси шуҳрат (Модда) набошад. Ва ҳаром аст пӯшидани либосҳое, ки дар он сурати инсон ё ҳайвон нақш шудааст, ё ин ки овезон карданаш ё фурӯхтанаш.

**Аврати зан бо дигарон бар се қисм аст: 1)** Шавҳар: метавонад ҳарҷои занашро бихоҳад бубинад. **2)** Занҳо ва маҳрамҳо: барояшон ҷоиз аст, ки бубинанд ҷойҳоеро, ки аксари вақтҳо намоёнанд мисли руй ва ва муйҳо ва дастҳо то банди даст ва пойҳо то буҷулак ё каме болотар. **3)**Боқимондагон: Ҷоиз нест барои онҳо ҷое аз бадани зани номаҳрамро бубинанд, магар барои ҳоҷате мисли ҷавоне ки мехоҳад духтареро ба занӣ бигирад, барояш ҷоиз аст, ки ба ӯ назар кунад, ё ин ки барои табобат низ ҷойз аст, ки ҷои маразро барои табиби номаҳрам кашф кунад агар табиби зан пайдо накунанд . Чунки фитнаи асосии зан дар рӯяш мебошад. Фотима бинти Мунзир (разияллоҳу анҳо) мегӯяд: Руйҳоямонро аз мардҳои бегона мепӯшонидем. (Ҳоким) Ва Оиша (разияллоҳу анҳо) мегуяд: Вақте ки саворaҳо аз назди мо мегузаштанд мо бо Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар либоси эҳром будем вақте ки ба мо наздик мешуданд бо ҷилбоб руйҳоямонро мепӯшонидем ва вақте ки аз наздамон дур мешуданд руйҳоямонро кашф мекардем. (Абудовуд).

✸ **Идда: Навъҳои идда: 1)** Ҳомиладор: Иддаи талоқу вафот, то замон ки таваллуд кунад. **2)** Зане ки шавҳараш аз дунё гузаштааст, иддааш чаҳор моҳу даҳ рӯз аст. **3)** Зане ки дар ҳоли ҳайз талоқ шудааст: иддааш то муддати се ҳайз аст ва иддааш тамом мешавад бо пок шуданаш аз ҳайзи сеюм.

**4)** Зане ки ҳайз намебинад: иддааш се моҳ аст.
Зане ки аз талоқи раҷъӣ идда мебинад воҷиб аст, ки дар аснои иддааш ҳамроҳи шавҳараш бошад ва барои шавҳараш ҷоиз аст, ки ҳар куҷои занашро бихоҳад бубинад ва бо ӯ дар хилват бимонад то замоне ки иддааш тамом шавад шояд ки Худованд байнашон ислоҳ кунад ва никоҳи раҷъа эҳтиёҷ ба розигии зан надорад, (агар зан талоқи раҷъи шуда бошад) ва раҷъа ҳосил мегардад бо қавли мард, мисли ин ки бигуяд "тӯро базани боз гардондам" ё ин ки бо он зан ҷимоъ кунад.

✸ **Зан худашро ба никоҳ доровардa наметавонад, чуноне ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд:** ***"Ҳар зане ки бидуни иҷозати валияш (Падар ё бародарон) худашро ба никоҳ медароварад никоҳаш ботил аст"*** **(Абудовуд)**

✸ Барои зан ҳаром аст, ки муйҳояшро бо мӯй пайванд кунад, ё ин ки ҷое аз баданашро холкубӣ кунад. Ин ду амал аз гуноҳони кабира баҳисоб меравaнд, чуноне ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) **мефармояд:** ***"Худо лаънат кунад зани муй пайвандкуну муй пайванд мекардагиро ва хол кубу хол мекубидагиро"*** **(Муттафақун алайҳи)**

✸ Барои зан ҳаром аст, ки аз шавҳараш бидуни сабАби шаръи талоқ талаб кунад, чуноне ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) **мефармояд:** ***"Ҳар як зане ки аз шавҳараш бе ягон сабАб талаби талоқ кунад, пас барои ӯ буй ҷаннат ҳаром аст"*** **(Абудовуд)**

✸ Барои зан воҷиб аст, ки итоати шавҳарашро кунад то замоне ки ӯро ба маъсият амр накунад ва алалхусус вақто ки ӯро бафирошаш даъват кунад, чуноне ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) **мефармояд:** ***"Агар марде занашро ба сӯи фирошаш даъват кунад ва зан даъвати ӯро рад кунаду мард он шабро то субҳ ғазабнок гузаронад, малоикаҳо ин занро лаънат мегӯянд, то ин ки субҳ дарояд"*** **(Муттафақун алайҳи)**

✸ Барои зан ҳаром аст, ки бар бадани худ хушбӯӣ бипошад дар ҳоле ки медонад ки роҳе ки меравад дар он бо мардони бегона рӯбарӯ мешавад, чуноне ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: ***"Агар зан бар худ хушбӯӣ бипошаду дар роҳе биравад ки дар он мардҳо бошанд, то ки бӯяш бамашоми онҳо бирасад пас ин зан ин чунину он чунон аст, яъне, зани зония (фоҳиша) аст"*** **.(Абудовуд**

# НАМОЗ

**Азон ва иқома:** азон ва иқома суннати муаккада мебошанд. Танҳо барои намозҳои фарз гуфта мешаванд. Он фарз, хоҳ бо ҷамоат баргузор гардад ва хоҳ бо танҳогузорӣ, чӣ намози вақтӣ бошад ва чӣ қазоӣ ва намозгузор хоҳ муқим бошад ва хоҳ мусофир. Зимнан азон ё иқома гуфтан барои мардон суннат ва барои занон макрӯҳ мебошад. Лозим ба зикр аст қабл аз фаро расидани вақти намоз азон ё иқома гуфтан ҷоиз нест.

**Шартҳои намоз:** *шурути намоз иборатан, аз:*

1. Ислом овардан. 2. Ақл доштан.

3. Қудрати ташхис доштан. 4.Покӣ бо доштани тавоноии он.

5. Дохил шудани вақти намоз *Вақти намози зуҳр* аз ҳангоми заволи хуршед (қарор гирифтани хуршед дар васати осмон) оғоз ва то ҳангоме, ки сояи ҳар чиз ба андозаи ду баробари худаш гардад идома пайдо мекунад. *Вақти намози аср,* вақти ихтиёри он (аз поёни вақти зуҳр) ки сояи ҳар чиз ду баробари он гардад, идома дорад, вале вақти зарурӣ (изтирорӣ) то ҳангоми ғуруби хуршед идома меёбад. *Вақти намози мағриб (шом)* то пинҳон шудани шафақи қирмиз (сурхӣ) дар осмон мебошад. *Вақти намози ишо (хуфтан),* вақти ихтиёрии он то поёни нимаи аввали шаб буда ва вақти изтирории он аз ҳамин ҳангом шурӯъ ва то тулуъи субҳ давом мекунад. Гуфтан ба маврид аст, ки намози витр баъд аз адои намози ишо бояд хонда шавад на қабл аз он. *Вақти намози бомдод* аз дамидани субҳ то ҳангоми тулӯъи хуршед аст.

6. Пӯшидани аврат дар ҳадди тавон бо порча ё чизи дигар. Аврати ҷинси музаккари (нар) болиғ аз зери ноф то зонуи вай мебошад. Ва зани болиғи озод дар ҳангоми намоз хондан бояд тамоми баданашро ҷуз рӯй, дастҳо ва пойҳояш бипӯшонад. 7. Пок кардани ҷисм, ҷома ва маҳалли намоз аз ҳар гуна наҷосат.

8. Рӯй ба самти қибла (Каъба) кардан. 9. Ният кардан.

**Фарзҳо ва ё аркони намоз:** намоз 14 рукн дорад, ки иборатанд аз: 1.Такбири таҳрима (дохил шудан ба намоз бо гуфтани «Аллоҳу Акбар»). 2. Қиём (истодан) дар ҳадди

тавон дар намозҳои фарз. 3. Қироат кардан, яъне Қуръон хондан. 4. Рукӯъ кардан дар ҳар ракаат. 5. Суҷуд.
6. Қаъдаи охир ба микдори хондани ташаҳҳуд.
✸ Фарзҳои ё аркони намоз аз чунон ҷойгоҳе дар намоз бархӯрдор аст, ки чунончи яке аз онҳо дар намоз тарк шавад чӣ аз рӯи фаромушӣ ва чӣ амдӣ намоз ботил мегардад. Ба таври куллӣ ҳеч намозе саҳеҳ нахоҳад буд, магар ин ки тамоми аркони мазкур ба таври комил дар он амалӣ гардад.

**Воҷиботи намоз:** 1. Хондани сураи «Фотиҳа» дар ду ракаати аввали намози фарзҳо ва дар тамоми ракаатҳои витр ва намозҳои суннат ва нафл. 2.Зам намудани як сура ба сураи «Фотиҳа» дар ду ракаати аввали фарзҳо ва дар тамоми ракаатҳои витр ва намозҳои суннат ва нафл. 3.Пеш хонадани сураи «Фотиҳа» аз сурае, ки ба он зам мешавад. 4. Қаъдаи аввал ба микдори Аттаҳиёт хондан. 5.Хондани ташаҳҳуд (Аттаҳиёт) ҳам дар қаъдаи аввал ва ҳам дар қаъдаи охир. 6. Бо гуфтани салом хориҷ шудан аз намоз. 7. Хондани дуои «қунут» дар намози витр. 8.Такбироти зоид дар иди Фитр ва ва иди Қурбон ва он се такбирӣ дар ҳар ракаат аст. 9.Таъйини қироат дар ду ракаати авали фарзҳо. 10. Итминон ва оромиш дар аркони намоз. 11. Анҷолм додани саҷдаи дуюм пас аз саҷдаи аввал, бе фосила андохтан дар миёни онҳо. 12.Хестан ба сӯйи ракаати сеюм ба сурати фаврӣ ва бетаъхир, пас аз фориғ шудан аз хондани Аттаҳиёт дар дар қаъдаи якум. 13. Ҷаҳр (баланд) –баланд қироатро хондани имом дар намози субҳ, дар ду ракаати авали намози шом ва хуфтан, дар намози ҷумъа, иддайн таровиҳ ва дар намози витр дар мохи рамазон. 14. Хуфя (пинҳон, паст) хондани қироат дар намозҳои пешин, аср, як ракаати охири намози шом ва ду ракаати охири намози хуфтан. Шахси танҳогузор ва нафлгузори дар шаб дар баланд ва паст хондани қироат дар тамоми мавридҳое, ки баланд хонда мешавад, ихтиёр дорад.

**Таъкид:** Агар яке аз ҳукмҳои воҷиб дар намоз қасдан

тарк шавад, намоз бояд аз сар гузорида шавад ва агар ин амал саҳван ба миён омад, бо адо кардани саҷдаи саҳв ин хаторо метавон ҷуброн намуд.

**Суннатҳои намоз** (қавлӣ ва феълӣ): суннатҳои намоз бар ду навъ қавлӣ ва феълӣ тақсим мешаванд ва чунончи ҳатто амдан касе онро тарк кунад намозаш ботил нахоҳад шуд.

**Суннатҳои қавлӣ иборатанд аз**: 1. Бо хондани дуои ифтитоҳ (*Субҳонакаллоҳума ва..*) оғоз кардани намоз. 2.Хондани "Аъузу биллоҳи минашшайтониррачим". 3.Хондани "*Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим*". 4. Гуфтани омин (пас аз хондани «Фотиҳа»). 5. Такбироти интиқолот, яъне такбири ба рукуъ ва ба суҷуд рафтану аз суҷуд бархостан… 6.«Самъаллоҳу лиман ҳамидаҳ» гуфтани имом вақте аз рукуъ бармехезад ва оҳиста «Раббано лакал ҳамд гуфтани муқтадӣ». Шахси танҳогузор ҳардӯро якҷоя мегӯяд. 7.Хондани сураи «Фотиҳа» дар ракаати охири намозҳои пешин, аср, хуфтан ва дар ракаати сеюми намози шом. 8.Хондани салавотҳо (дурудхо) бар Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пас аз ташаҳҳуди қаъдаи охир. 9. Дуо кардан барои худ, пас аз хондани салавотҳо бо дуоҳои маъсура.

**Суннатҳои феълӣ:** 1) Бардоштани дастҳо ҳангоми такбири таҳрима. 2) Ба сӯйи қибла гардонидани кафи ҳарду даст ва кафи ангуштон дар вақти такбири таҳрима. 3) Қарор додани дасти рост бар болои дасти чап ва ниҳодани онҳо дар зери ноф дар ҳангоми қиём (истодан). 4) Фосила гузоштан дар миёни ду пой дар ҳангоми қиём. 5) Доштани ҳарду зону бо ҳарду даст дар вакти рукӯъ ва кушода гузоштани ангуштони даст дар ин ҳолат. 6)Ҳамвор намудани пушт ва сарро бо он баробар сохтан дар вақти рукӯъ. 7) Дур доштани дастҳо аз паҳлуҳо дар ҳолати рукӯъ. 8) Ҳангоми ба саҷда рафтан аввал бояд ҳарду зону, сипас ҳарду даст ва баъди он пешонӣ ба замин гузошта шавад ва ба вақти аз саҷда бархостан баръакс, яъне аввал пешонӣ, сипас дастҳо ва баъдан зонуҳо аз замин канда шаванд. 9)Дар вақти саҷда рӯй дар миёни кафҳои ҳарду дастҳо гузошта шуда, ҳарду оринҷ аз паҳлуҳо ва ҳарду

соъид (банди дастҳо) аз замин дур нигоҳ дошта мешаванд. 10) Дар саҷда ангуштони даст бо ҳам зич карда шуда, ангуштони пойҳо ба сӯйи қибла гардонида мешаванд. 11)Дар миёни ҳарду саҷда дастҳо бар рӯйи суринҳо (ронҳо) гузошта мешаванд. 12) Дар ҳолати нишастан дар қаъдаи ҳам аввал ва ҳам охир пои чапашро фарш (паҳн) намуда, пои росташро истода гузорад. 13) Дар ҳангоми хондани ташаҳҳуд бо ангушти мусаббиҳа ишора намояд. Ҳангоми гуфтани «ло илоҳа» онро мебардорад ва дар «илаллоҳ» поён мефарорад. Ишора бо ин ангушт тасдиқ бар ваҳдоният ва ягонагии Худованд аст. 14) Ба росту чап салом намудан ва дар саломи тарафи чап садо каме паст карда мешавад. 15)Саломи муқтадӣ бо саломи имомаш пайваста бошад. 16) Масбуқ барои хондани ракаатҳои боқимонда пас аз саломи имомаш бархезад.

Саҷдаи саҳв: чунончи шахсе қавли машруъро дар намоз дар ғайри маҳалли аслии он аз рӯи фаромушӣ бихонад (чун қироати Қуръон дар саҷда) саҷдаи саҳв бар вай суннат аст, аммо суннате аз суннатҳоинамозро тарк карда бошад, саҷдаи саҳв бар вай мубоҳ хоҳад буд.

Мавориде, ки саҷдаи саҳв дар онҳо воҷиб мегардад, иборатанд аз: 1)Зиёда кардани рукуъе ба намоз. 2)Зиёда кардани саҷда. 3) Зиёда кардани қиём дар намоз. 4)Зиёда анҷом додани қаъда дар намоз (яъне аз теъдоди машруъи он аз рӯи фаромӯшӣ бештар анҷом диҳад). 5)Салом додан қабл аз ба поён расидани намоз. 6)Хондани оя ё вожае аз Қуръон бо лаҳне, ки маънои аслии онро тағйир диҳад. 7) Тарк кардани яке аз воҷиботи намоз. 8)Шак кардан дар ин ки рукн ё феълеро аз намоз дар ҳоли анҷоми он зиёда анҷом додааст.

**Дар сурате, ки шахс саҷдаи саҳви воҷиброро амдан тарк кунад, намозаш ботил мегардад, чунин шахс метавонад бо анҷоми ду саҷдаи саҳв қабл аз салом додан ё баъд аз он нуқси намозашро ҷуброн кунад. Агар касе саҷдаи саҳвро фаромӯш кард ва замони қобили мулоҳизае бар он гузашт, саҷда аз вай соқит мегардад.**

Чи гунаги намоз хондан: барои намоз хондан рӯй ба қибла намуда *Аллоҳу акбар* (такбири таҳрима)ро мегӯем. Имом ин такбир ва соири такбироти намозро барои мутаваҷҷеҳ кардани муқтадиҳои худ баланд мегӯяд, вале муқтадиҳо тамоми такбиротро бояд оҳиста бигӯянд. Сипас дастҳои худро ҳангоми гуфтани такбири таҳрима боло мебарем ва ба нармии гӯш мерасонем ва баъд онҳоро фуруд оварда, бо дасти рости худ дасти чапро гирифта онҳоро зери ноф қарор медиҳем. Дар ин бахш аз намоз нигоҳи худро ба саҷдагоҳи хеш мутамарказ мекунем. Баъд ба хондани дуъоҳои маъсур (суннат) мисли "*Субҳонакаллоҳумма ва би ҳамдика ва таборакасмука ва таъоло ҷаддука ва ло илоҳа ғайрук*"[1] мепардозем ва онгоҳ "*Аъузу биллоҳи минашшайтонирраҷим. Бисмиллоҳирраҳмонирраҳим*"ро мехонем (мавориди мазкур набояд баланд хонад шавад) баъд сураи «Фотиҳа»ро мехонем. Мустаҳаб аст вақте муқтадӣ қасди хондани сураи ҳамд пушти сари имом намуда саъй кунад онро дар ҷойҳое, ки имом аз қироат сокит мешавад (вақф мекунад) бихонад. Ин дар сурате аст, ки намози ҷаҳрӣ бошад. Аммо дар намозҳои сиррӣ, ки қироат хуфия (пинҳонӣ) сурат мегирад воҷиб аст, ки муқтадӣ сураи ҳамдро бихонад. Баъд ба мизони мақдур аз дигар оёт ё сураҳои Қуръон (як сура ва ё се оят) қироат мекунем ва мустаҳаб аст, ки дар намози субҳ аз сураҳои тӯлонӣ мисли сураи "Қоф" то сураи "Набаъ" бихонем ва дар намози шом аз сураҳои кӯтоҳ, мисли сураи "Зуҳо" то сураи "Нос" ва дар соири намозҳо аз сураҳои миёна мисли сураи "Набаъ" то "Зуҳо"ро қироат кунем.

Имом дар намозҳои субҳ, шом ва ишо қироатро ҷаҳрӣ (баланд ва ошкоро) мехонад ва дар ду намози дигар қироатро хуфия ва оҳиста мехонад. Баъд такбир мегӯем ва ба рукӯъ меравем, баъд дастҳоро бо ангуштони боз бар зону гузошта, пушти худро соф ва бидуни шиб қарор

---

[1] Бор Худоё пок ва муназзаҳӣ ва ситоиш аз они туст. Номат муборак ва азаматат воло аст ва ҷуз ту Худое вуҷуд надорад.

медиҳем ва сарро низ дар мувозоти ҳамон қарор медиҳем. Сипас “*Субҳона раббиялазим*”ро се мартаба хонда ва он гоҳ бо хондани “*Самиъаллоҳу ли ман ҳамидаҳ*” сарро аз рукӯъ баланд мекунем. Вақте комилан истода шудем “*Раббано лакалҳамд*»”[1] мехонем, баъд такбир гуфта, ба саҷда меравем. Дар саҷда бозуҳои худро аз ду паҳлӯ ва шиками худро аз ду рони худ дур нигоҳ медорем ва дастҳои худро дар мувозоти ду шонаи худ қарор медиҳем. Бояд ба наҳве саҷда кунем, ки ангуштҳои пойҳо ва ҳар ду дасти инсон дар ҷиҳати қибла гушуда шуда бошад. Дар саҷда “*Субҳона раббиялаъло*”ро се мартаба дар саҷда бихонем. Сипас такбиргӯён аз саҷда баланд мешавем ва пойи чапро фарш намуда, бар он менишинем ва пойи ростро қоим (истода) мекунем, ба гунае, ки ангуштони он ба самти қибла бошад.

Баъд такбир гуфта, саҷдаи дувумро монанди саҷдаи аввал анҷом медиҳем ва сипас такбиргӯён сар аз саҷда мебардорем. Баъд аз он бо синаи пойҳо аз ҷо баланд мешавем ва ракъати дуввумро оғоз мекунем. Ракаати дувум ҳам мисли ракаати аввал аст ва дар он сано ва Аъузу биллоҳ хонда намешавад. Пас аз хондани ракъати дувум ва ба саҷда рафтан пойҳоро фарш гардонида барои хондани ташаҳҳуд менишинем ва дасти ростро бар рони рост ва дасти чапро бар рони чап ба тарафи қибла гузошта, ташаҳҳуд мехонем: “*Аттаҳиёту лиллоҳи вассаловоту ваттаййибот, ассалому алайка айюҳаннабийю ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ, ассалому алайно ва ало ибодиллоҳи солиҳин ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳ*”[2].

Баъд дар ракъатҳои севум ва чаҳорум низ такбиргӯён

---

[1] Ту Парвардгори мо ҳастӣ. Ситоиш махсуси туст.

[2] Мулк ва фармонравоӣ азони Худост ва ҳамаи дурудҳо ва некуиҳо, салом бар ту эй Паёмбар ва раҳмати Худо ва баракатҳои вай, салом бар мо ва бар бандагони шоистаи Худованд, гувоҳӣ медиҳам, ки Худое ба ҳақ ҷуз маъбуди ягона нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) банда ва фиристодаи Ӯст.

бармехезем ва намозро идома медиҳем. Дар ду ракъати поён қироати ҷаҳрӣ хонда намешавад ва фақат ҳам сураи ҳамд қироат мегардад. Сипас барои хондани ташаҳҳуди ахир бар замин нишаста пойи чапро фарш мегардонем ва пойи ростро истода (қоим) мекунем. Лозим ба зикр аст ду қаъдаи ахири ҳар намоз бояд ба гунае биншинем, ки сурин бар рӯи замин қарор гирад.

Баъд аз нишастан ташаҳҳуди улоро мехонем ва сипас ба хондани дуруд мепардозем. Наси ин дуруд чунин аст: «*Аллоҳумма салли ало Муҳаммадив ва ало оли Муҳаммад камо саллайта ало Иброҳима ва ало оли Иброҳима иннака ҳамидум маҷид. Аллоҳумма борик ало Муҳаммадив ва ало оли Муҳаммад, камо боракта ало Иброҳима ва ало оли Иброҳима иннака ҳамидум маҷид*»[1] ва суннат аст, ки дар идома бигӯяд: «*Аъузу биллоҳи мин азобиннори ва азобилқабри ва фитнатилмаҳёи ва лмамоти ва фитнатилмасиҳиддаҷҷол*»[2].

Баъд аз ин дуъо ба ду тараф росту чап салом медиҳем ва ибороти "*Ассалому алайкум ва раҳматуллоҳ*"ро ҳар бор мехонем. Дар поён суннат аст, ки дуъои маъсурро бихонем.[3]

---

[1] Бор Худоё! Бар Муҳаммад ва оли Муҳаммад дуруд бифрист, чунонки бар Иброҳим ва оли Иброҳим дуруд фиристод, бегумон ки ту сутудасифот ва дар зоти худ азим (нисбат ба бандагон бисёр иҳсонкунандаӣ). Бор Худоё! Бар Муҳаммад ва оли Муҳаммад баракат неҳ, чунончи баракат ниҳодаӣ бар Иброҳим ва бар оли Иброҳим, бегумон ки ту сутудасифот ва дар зоти худ азим (нисбат ба бандагон бисёр иҳсонкунандаӣ)

[2] Аз азоби ҷаҳаннам ва азоби қабр ва фитнаи зиндагон ва мурдагон ва ҳамчунин аз фитнаи масеҳи даҷҷол ба Худо паноҳ мебарам.

[3] Дуъои маъсур инчунин аст Гуфтани ***астағфируллоҳ*** се мартаба ва сипас хондани «***Аллоҳумма анта салом ва минкас салом таборакта ё залҷалоли вал икром*** **Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдау ло шарика лаҳ, лаҳу-л-мулку ва лаҳу-л-ҳамду ва ҳува ало кулли шайъин қадир**. ***Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ. Ло илоҳа иллаллоҳу ва ло наъбуду илло иёҳу лаҳу-н-ниъмату ва лаҳу-л-фазлу ва лаҳу-с-саноу-л-ҳасан. Ло илоҳа иллаллоҳу мухлисина лаҳу-д-дина ва лав кариҳа-л-кофирун. Аллоҳумма ло мониъа лимо аътайта ва ло муътия лимо манаъта ва ло янфаъу за-л-ҷадди минка-л-ҷад***» **яъне** «Бор худоё! Ту аз ҳар айб пок ва покию саломат аз ту нашъат мегирад. Эй соиҳби шукуҳу каромат ту поку муназзаҳӣ. Ҷуз зоти ягонаи Худованд худое ба ҳақ вуҷуд надорад, бешак Ӯ ҳамтое

**Намози бемор:** чунончи истодан бар бемор маризӣ меафзояд ё беморе қодир ба истодан нест метавон намозро нишаста бихонд. Агар бар нишастан низ қодир набошад бар паҳлӯ бихобад ва намоз бихонад. Агар ин ҳол низ барояш гаронӣ меорад, бар пушт бихобад ва намоз бихонад.
Чунончи бемор тавоноии анҷоми рукӯъу суҷудро надошта бошад, метавонад бо ишора намоз бихонад. Беморе, ки намозаш фавт гардида аст, бар ӯ воҷиб аст, ки қазои онро биёварад. Агар бар беморе хондани намозҳо ҳар кадом дар вақти худаш душвор ояд, метавонад байни намозҳои зуҳру аср бо ҳам ва шому ишо бо ҳам ҷамъ кунад ва ҳар ду намозро дар вақти яке аз онҳо бихонад.

**Намози мусофир:** агар масофатеро, ки мусофир мепаймояд тақрибан беш аз (120 км) бошад ва сафар низ сафари мубоҳ бошад, мусофир метавонад намозҳои чаҳорракъатиро ду ракъат бихонад (қаср кунад).
Чунончи мусофир дар вақти сафар қасди иқомати беш

---

надорад ва подшоҳиҳо ва ситоиш азони Ӯст ва Ӯ бар ҳама чиз қодир ва тавоност. Ҳеч нерӯ ва ҳаракате ҷуз бо иноятӣ Худованд мақдур нест. Ҷуз Ӯ худое ба ҳақ вуҷуд надорад ва ҷуз Ӯро намепарастем. Неъмат азони Ӯст ва фазлу санои нек ба Ӯ ихтисос дорад. Ҷуз Ӯ худое ба ҳақ вуҷуд надорад ва ҳарчанд кофиронро нохуш ояд, бошад ба дини вай вафо дорем. Бор Худоё! Ҳар он чиро, ки бибахшоӣ, касеро маҷоли мамониъати он нашояд ва он чиро, ки набахшоӣ, касе қодир ба атои он набошад. Бе шак ҳеч талошгареро насиб ё баҳрае ҷуз бо иноятӣ ту оид нахоҳад шуд».
**Баъд аз намози субҳу мағриб баъд аз дуои мазкур иборaҳои:** «*Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамду юҳйӣ ва юмиту ва ҳува ало кулли шайъин қадир*»ро даҳ мартаба бихонад.
Тарҷумааш чунин аст: «Ҷуз Ӯ худои ба ҳақ вуҷуд надорад ва ҳамтое барои Ӯ нест. Подшоҳӣ ва ситоиш аз они Ӯст ки зинда мекунад ва мемиронад ва Ӯ бар ҳама чиз товоност». Сипас «***Субҳоналлоҳ***»ро сию се мартаба ва «*Алҳамду лиллоҳ*»ро низ сию се мартаба ва «***Аллоҳу акбар***»ро сию се мартаба мехонем ва онгоҳ бо иборати: «*Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, лаҳул мулку ва лаҳул ҳамду ва ҳува ало кулли шайъин қадир*»ро шумораи сад такмил мекунем ва баъд оятулкурсиро хонда ва онгоҳ сураҳои тавҳид: «**Қул ҳуваллоҳу аҳад**», фалақ «**Қул аъузу би раббил фалақ**» ва нос «**Қул аъузу би раббиннос**»ро ҳар якро як мартаба мехонем. Лозим ба зикр аст баъд аз намози мағриб ва субҳ ҳар як аз ин се employing сураро се мартаба хонда мешавад.

аз 15 рӯз дар маконеро дошта бошад, бар ӯ воҷиб аст, ки намозашро бо расидан ба он макон комил бихонад ва қаср накунад. Агар мусофир ба шахси муқим дар намози ҷамоъат иқтидо кунад ё намозеро, ки дар ҳузур (маҳалли иқомат) қазо карда дар сафар ба ёд оварад ё баракс, дар ҳар сурат бояд намозро ба таври комил бихонад ва қаср накунад.

**Намози ҷумъа:** намози ҷумъа аз фазилати бештаре нисбат ба намози зуҳр бархӯрдор аст ва худ намози мустақил мебошад. Яъне ин гуна нест, ки намози ҷумъа (ки ду ракъат аст) қасри намози зуҳр бошад. Бадиҳист ба ҳеч ваҷҳ хондани намози ҷумъа чаҳор ракъат ҷоиз нест ва (боисти ҳамон ду ракъат хонда шавад) ҳамчунин намози ҷумъа бо нияти намози зуҳр мунъақид намегардад ва ҳатто агар шароити ҷамъ дар дигар намозҳо барои намози ҷумъа муҳаққақ гардад, боз ҳам ҷамъ кардани намози ҷумъа бо аср мутлақан ҷоиз нахоҳад буд.

**Намози витр:** намози витр ҳам монанди намози шом се ракъат буда баъд аз намози хуфтан хонда мешавад. Тарзи хондани он чун намози шом аст бо ҳамин фарқ ки дар ракъати севум баъд аз фотиҳа ва замми сура такбиргӯён ду дасти худро баробари гӯш баланд намуда сипас онҳоро зери ноф баста “дуои қунут” мехонем ва намозро чун дигар намозҳо анҷом медиҳем.

**Намози витр.** Намози витр воҷиб аст ва вақти адои он баъд аз намози хуфтан оғоз шуда, то тулӯъи субҳ давом мекунад. Он мисли намози шом 3 ракаат гузорида мешавад.

**Намози ҷаноза.** Ғусл додан, кафан кардан, намоз хондан, ҳамл (ташйиъи ҷаноза) ва дафн кардани мурдаи мусулмон фарзи кифоя мебошад, аммо касе, ки дар миёни ҷанг ба шаҳодат ноил меояд, бо ҳамон ҳолате, ки ҷон бохтаб бидуни ғусл ва кафан дафн мегардад. Ва ҷоиз аст, ки бар шаҳид намози ҷаноза хонда шавад, чунончи маййит (мурда) мард бошад, дар се лифоф (тикапорча) кафан карда мешавад ва мурдаи зан дар панҷ ҷома шомил

бар шалвор, чодар, пироҳан ва ду лифофӣ кафан мешавад. (Барои хондани намози ҷаноза) суннат аст, ки имом ё шахсе ки ба танҳоӣ қасди намоз хонданро дорад дар сурате, ки мурда мард бошад дар муқобили синаи ӯ дар сурате, ки зан бошад дар васат (ҳудуди ноҳияи камари ӯ) биистад, сипас такбир гуфта, дастҳоро боло бибарад ва "Аъузу биллоҳи минаш шайтонир раҷим Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим"ро бихонад, онгоҳ "Сано" бихонад, такбир гӯяд (дастҳоро боло набурда) дуруд бифиристад, такбир гӯяд барои майит, дуо хонад ва бори чаҳорум такбир гӯяд ва ба ду тараф салом диҳад.

Боло овардани сатҳи қабр беш аз як ваҷаб (шибр), гачкорӣ кардан, бухур додан, нишастан, бӯсидан ва роҳ рафтан бар рӯи қабр ҳаром аст ва ҳамчунин равшан кардан (чароғонӣ кардан), тавоф кардан бар қабр, сохтани масҷид бар рӯи қабр ва ё бинои қабр дар масҷид аз ҷумлаи муҳаррамот ба ҳисоб меояд.

Алфозе, ки дар ҳангоми таъзия додан (таслият гуфтан) бояд гуфта шавад, аз ҷумла ин аст, ки бигӯяд: *"Аъзамаллоҳу аҷрака ва аҳсана азоака ва ғафара ли маййитик"*[1]. Барои тасаллият гуфтан ба кофир бигӯяд: *"Аъзамаллоҳу аҷрака ва аҳсана азоак"*[2].

Чунончи касе медонад, ки агар бимирад, аҳли ӯ бар ӯ навҳасароӣ (доду вой) хоҳанд кард бар ӯ воҷиб аст, ки дар замони ҳаёти худ онҳоро васият кунад, ки ин корро накунанд, дар ғайри ин сурат азоб хоҳад шуд.

Муҳайё кардани ғизо барои аҳли маййит суннат, вале хӯрдан аз ғизои аҳли маййит ва ё муҳайё кардани ғизо барои касоне, ки дар ҷаласаи таъзия гирди ҳам меоянд, макрӯҳ мебошад.

Зиёрати қабри мусулмон машрут бар ин ки сафареро махсус ба ин амр ихтисос надиҳанд, суннат аст. Ва

---

[1] Худованд подоши туро афзун кунад ва азоятро некӯ бигардонад ва мурдаатро биёмурзад.

[2] Худованд подоши туро афзун кунад ва азоятро некӯ гардонад.

зиёрати қабри кофир низ мубоҳ мебошад, чунончи кофире қасди зиёрати қабри мусулмонеро дошта бошад, низ аз ӯ мамониъат ба амал намеояд.

Барои касе, ки ба қабристон ворид мешавад, суннат аст, ки ин дуоро бихонад: "*Ассалому алайкум дора қавми муъминин ё ба ибораи дигар Аҳла ддиёри миналмуъминин – ва инно иншоаллоҳу бикум лоҳиқун.Ярҳамаллоҳу лмустақдимина минно валмустаъхирин, насъалуллоҳа лано ва лакумул ъофията. Аллоҳумма ло туҳримно аҷраҳум вало тафтинно баъдаҳум, ва ғфир лано ва лаҳум*".[1]

Навиштани оёти Қуръон бар рӯи кафан ба далели хавф аз ин ки мумкин аст олуда ва мулаввас гардад ва ҳамчунин ба далели беиҳтиромӣ ба Қуръон, ҳаром аст ва ривояте далолаткунанда бар ҷавози ин кор низ вуҷуд надорад.

Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) ҳар гоҳ қасди дуо хондан бар маййитро дошт ин дуоро мехонд: "*Аллоҳуммағфир лаҳу вақрҳамҳу ва офиҳи вақъфу анҳу ва акрим нузулаҳу ва вассиъ мудхалаҳу вағсилҳу билмоъи вассалҷи валбаради ва наққиҳи миналхатоё камо наққайта ссавбалабяза минадданаси ва абдилҳу доран хайран мин дориҳи ва аҳлан хайран мин аҳлиҳи ва завҷан хайран мин завҷиҳи ва адхилҳулҷанната ва аъизҳу мин азобилққабри ва мин азобиннори*"[2] (Муслим).

---

[1] Ай гурӯҳи мӯъминон (аҳли қабристон). Ба машияти илоҳӣ бе тардид мо низ ба шумо мулҳиқ (пайваст) хоҳем шуд.

Худованд пешиниён ва ояндагони моро раҳмат кунад. Аз Худованд барои шумо ва хештан офият масъалат медорем. Бор Худоё, моро аз подоши онҳо маҳрум магардон ва баъд аз онон моро ба фитна наяндоз ва мо ва ононро мавриди омӯрзиши хеш қарор бидеҳ.

[2] Бор Худоё! Вайро биёмӯрз ва мавриди раҳматат қарор бидеҳ ва ӯро офият ато кун ва аз вай даргузар.

(Худовандо), вайро назди худат гиром дор ва қабри вайро фарох гардон ва ӯро бо обу барф ва ҷола шустушӯ деҳ. (Аз ту мехоҳам) ҳамчунон ки ин либоси сафедро аз олудагӣ пок намудӣ, вайро аз хатову лағзиш пок кун (ва дар охират) хонае беҳтар аз хонаи вай (дар дунё) ва аҳле (хонаводае) беҳтар аз аҳли ӯ (дар дунё) ва ҳамсаре беҳтар аз ҳамсараш (дар дунё) ба вай арзон дор ва дар биҳишти хеш ӯро дохил кун ва аз азоби қабр ва азоби ҷаҳаннам ӯро паноҳ бидеҳ.

**Намози идайн.** Намози идайн (намози рамазон ва қурбон) воҷиб аст.
Вақти намози ид монанди намози зуҳо аст ва чунончи баъд аз завол маълум гардид, ки он рӯз ид аст, фардои ҳамон рӯз қазои намоз адо мешавад. Ва намози ид ду ракаат аст. Барои хондани он дар ракаати аввал баъд аз такбири таҳрима ва қабл аз хондани Аъузу биллоҳи минаш шайтониррачим се мартаба такбир гуфта мешавад, сипас чаҳран сураи фотиҳа мехонад, сипас сураи «Аъло» ва сураи «Ғошия» (дар ракаати дуввум) мехонад. Ва пеш аз рукӯъ се мартаба такбир гуфта, баъдан ба рукӯъ меравад. Пас аз поёни намоз вақте, ки салом дод, чун хутбаи ҷумъа ду хутба хонда мешавад. Лозим ба зикр аст дар хутбаи идайн бояд такбири зиёд гуфта шавад.
**Намози кусуф (гирифтани Офтоб):** намози кусуф суннат аст, азону иқомат надорад ва замони он аз ҳангоми кусуфи хуршед ё хусуфи (гирифтани) моҳ оғоз ва то аз байн рафтани хусуф ё кусуф идома пайдо мекунад. Вақте сабаби он зоил шуд, дигар лозим нест қазои намози он оварда шавад.
**Чи гуна хондани намози кусуф:** ин намоз ду ракаат аст ва дар ракъати аввали он сураи фотиҳа ва як сураи тӯлонӣ (ба ихтиёр) баланд хонда мешавад ва онгоҳ рукӯъи тӯлониро анҷом дода аз рукӯъ баланд мешавад ва «Самиъаллоҳу ли ман ҳамидаҳ» ва «Раббано лакалҳамд»ро мехонем, вале дигар мисли бақияи намозҳо саҷда намекунем, балки муҷаддадан сураи ҳамд ва як сураи тӯлониро хонда ва дубора рукӯъ мекунем ва ин рукӯъро низ тулонӣ мекунем. Баъд аз рукӯъ баланд шуда, он гоҳ ба саҷда меравем ва ду саҷдаи тулонӣ анҷом медиҳем. Ракаати дуввумро низ чун ракаати аввал анҷом дода, сипас ташаҳҳудро мехонем ва салом медиҳем.
Лозим ба зикр аст, ки агар муқтадӣ баъд аз рукӯъи аввал ба намоз мулҳиқ шавад, ракаати аввалро дарнаёфтааст (ва бояд баъд аз имом намозашро такмил кунад).

**Намози истисқо (талаби борон).** Агар хушксолӣ шавад ва борон наборад, суннат аст, ки намози истисқо баргузор шавад. Замони ин намоз ва аҳком ва чигунагии адои он монанди намози идайн аст, вале дар ин намоз такбироти зиёд вуҷуд надорад. Баъди намоз имом рӯ ба мардум намуда, ду хутба мехонад ва ҳама рӯ ба қибла намуда, дуову истиғфор мекунанд. Суннат аст дар охири ин намоз намозгузор либосашро зеру рӯ мекунад ба маънии ин ки Худованд аҳволро бадал (иваз) гардонад ва авзоъро хуб кунад.

**Намозҳои нофила`** Собит шудааст, ки Расулуллоҳ ( саллаллоху алайҳи ва саллам) ғайр аз намозҳои фарзӣ дувоздаҳ ракаат намози суннат низ ба ҷо меовардаанд, ки иборатанд аз: 1.Ду ракаат қабл аз фарзи субҳ. 2.Чаҳор ракаат қабл аз фарзи зуҳр. 3. Ду ракаат баъд аз намози зуҳр. 4. Ду ракаат баъд аз фарзи шом. 5. Ду ракаат баъд аз фарзи хуфтан.

Ҳамчунин ба ривояти саҳеҳ нақл шуда, ки он ҳазрат ( саллаллоху алайҳи ва саллам) илова бар намозҳои суннати боло зикр шуда, ки сунани равоти, (сунатҳои муаккада) ба онҳо мегӯянд инчунин намозҳои нафли дигареро рӯзона мехонданд, ки иборатанд аз: 1.Чаҳор ракаат қабл аз зуҳр. 2.Ду ракаат баъд аз азони мағриб (ва қабл аз фарзи мағриб). 3.Ду ракаат баъд аз адои намози ракъат ба сурати нишаста

Намоз хондан дар авқоте, ки намоз хондан дар он вақтҳо мамнуъ ва наҳй гардида, ҷоиз намебошад. Ин авқот иборатанд аз: 1. Баъд аз субҳ то ҳангоме, ки хуршед ба андозаи як найза барояд (тулӯъи хуршед). 2. Ҳангоми заволи хуршед, яъне замоне, ки хуршед дар миёни осмон қарор мегирад. 3. Баъд аз намози аср то ғуруби хуршед.

**Аҳкоми масоҷид`** Бинои масҷидҳо бо қадри ҳоҷат воҷиб аст ва масҷидҳо дӯстдоштатарин маконҳо дар назди Худованд мебошанд ва дар масҷидҳо мусиқи ва қарсак ва мизмор ҳаром аст, ё ин ки сароидани сурудҳои муҳарам, инчунин ихтилоти (якҷоя шудани) зану мардҳо ва ҳамхобашудан ва хариду фуруш низ ҳаром аст ва суннат аст гуфтани ин сухан баонҳое, ки дар масҷид

хариду фуруш мекунанд “ Худованд тӯро аз тиҷоратат фоидае набахшад” ин чунин эълон кардан аз чизи гумшуда низ ҳаром аст. Ва суннат аст гуфтани ин сухан баонҳое ки аз гумшудаҳо дар масҷид эълон мекунанд “Худованд гум кардаатро бар нагардонад” ва таълими кудаконе, ки зарар намерасонанд дар масҷид мубоҳ аст, инчунин ақди никоҳ ва қазоват ва сароидани сурудҳои мубоҳ ва хоб рафтани муътакифон ва шабгузаронии меҳмоне ё маризе, ё ин ки як соъат ё ду соъат хоб кардан низ мубоҳ аст.

Ва суннат аст, ки масҷидро аз лағв ва ҷанҷолу сухани бисёр ва баланд кардани садо бо суханҳои макруҳ ё ки онро мавриди роҳгузар қарор додан нигоҳ дошта шавад ва истифода кардан аз ҷойнамозҳои масҷид ё чароғҳояш ё барқаш дар туйҳо ва мотамҳову хайротҳо макруҳ аст.

# ЗАКОТ

**Аснофи закот.** Мавориде, ки закот ба онҳо тааллуқ мегирад, чаҳор синфанд, ки иборатанд аз: 1.Чаҳорпоёни хонагӣ (шутур, гов, гӯсфанд, асп ва ғайра). 2.Нархҳо (монанди тиллову нуқраву накдия ва ғайраҳо). 3.Молҳои тиҷортӣ 4. Ҳар он чи аз Замин мерӯяд (зироат ва меваҷот).

**Шароити вуҷуби закот.** То панҷ шарт таҳқиқ напазирад, закот воҷиб намегардад. Онҳо иборатанд аз: 1. Ислом. 2.Озод будан. 3. Расидани моли закот ё он чӣ бадон закот тааллуқ мегирад ба ҳадди нисоб. 4. Тамомияти мулк (яъне комилан соҳиби он мол гардад). 5. Гузаштани як соли комил бар моли закот. Албатта, (синфи чаҳоруми закот) ҳар он чи аз замин бирӯяд аз ин қоида мустасно аст ва гузаштани сол бар он шарт намебошад.

**Закоти чаҳорпоён:** чаҳорпоён ба се гурӯҳ, яъне, шутур, гов ва гӯсфанд тақсим мешаванд.

Шароити вуҷуби закот дар ин се гурӯҳ аз ҳайвонот иборатанд аз: *якум,* ин ки як соли комил ё бештар бар он бигзарад. *Дуюм,* ин ки ин ҳайвонот ба манзури издиёд (зоду валад) ё баҳраварӣ шомили шир додан ва... нигаҳдорӣ шаванд, на ин ки барои кор аз онҳо истифода шавад.

Аммо он чи ин ҳайвонот ба манзури тиҷорат нигаҳдорӣ шаванд, ба унвони матои тиҷорӣ закоти онҳо пардохт мегардад.

**Закоти шутур:**

| Теъдод | 1-4 | 5-9 | 10-14 | 15-19 | 20-24 | 25 - 35 | 36 - 45 | 46 - 60 | 61-75 | 76 -90 | 91қ120 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Теъдод закот | Закот надорад | Як гӯсфанд | Ду гӯсфанд | Се гӯсфанд | Чаҳор гӯсфанд | Як бинти махоз | Як бинти лабун | Як лабун | Як ҷазаъа | Ду бинти лабун | Ду ҳиққа |

Агар теъдоди шутурҳо аз 120 бештар шавадб аз ҳар 50 шутур як ҳиққа ва аз ҳар 40 шутуре, ки афзуда мешавад, як бинти лабун ба унвони закот дода мешавад.

Тазаккур: *Бинти махоз* – шутуреро гӯянд, ки як солаи пурра бошад. *Бинти* лабун – шутуреро гӯянд, ки ду солаи пурра бошад. *Ҳиққа* – шутуреро гӯянд, ки се солаи пурра бошад. *Ҷазаъа* – шутуре аст, ки чаҳор солаи пурра бошад.

нд40-59

як мусинна

| Теъдод | 1-29 | 30-39 | 40-59 |
|---|---|---|---|
| Миқдор и закот | Закот надорад | Як табиъ ё як табиъа | Як мусин ё як мусинна |
| Чунончи теъдоди говҳо ба 60 ё бештар аз он бирасад, аз ҳар 30 гов як табиъ ва аз ҳар 40 гов як мусинна ба унвони закот дода мешавад. *Тазаккур:* Табиъ ё табиъа – гови нар ё модае аст, ки як соли тамом умр дошта бошад. Мусин ё мусинна – гови нар ё модае аст, киду соли тамом бар он гузашта бошад. | | | |

| Теъдод | 1-39 | 40-120 | 121-200 | 201-399 |
|---|---|---|---|---|
| Миқдори закот | Закот надорад | Як гӯсфанд | Ду гӯсфанд | Се гӯсфанд |
| Ҳар гоҳ теъдоди гӯсфандон ба 400 ё бештар расид, аз ҳар 100 гӯсфанд, ки афзуда мешавад, як гӯсфанд ба унвони закот дода мешавад. Барои закоти гӯсфанд ҷоиз нест, ки буз ва гӯсфанде, ки барои таваллуд ва таносул аз он бахра гирифта мешавад, ё гӯсфанде, ки кӯр ё ҳомила ё дар ҳоли шир додани бачаи худ аст ва гӯсфанде, ки пир ва (бедандон) гаштааст, ба унвони закот гирифта шавад. Ҳамчунин набояд беҳтарин ва нафистарин гӯсфанд ба унвони закот гирифта шавад. *Тазаккур:* Ҷизъа – гӯсфанди модае аст, ки шаш моҳ дорад. Сано – гӯсфандест, ки як солро тамом карда бошад. | | | | |

## Закоти гов

**Закоти он чи аз Замин мерӯяд:** ҳар он чи аз гиёҳон шомили ҳубубот ва меваҳо, ки аз замин мерӯяд бад-он закот тааллуқ мегирад. **Аммо шароити вуҷуби закот дар ин синф иборатанд аз: 1)** ин ки аз навъе бошад, ки ҷузви макилот (кайл шуданӣ) маҳсуб шавад ва қобили захира кардан бошад. Дар миёни ҳубубот гандум, ҷав ва …, аз меваҳо ангур ва хурмо ва … аз ин қабил мебошад. **2)**расидани он ба ҳади нисоб, ки нисоби онро **(653 кг)** ё бештар таъйин кардаанд. **3)** ин ки гиёҳи мавриди назар дар ҳангоми вуҷуби закот комилан дар тамлики шахс бошад.

**Вақти вуҷуби закот:** аз ҳангоме ки меваҳо бирасад (сурх ё зард гардад) ва ҳубубот низ сахт ва хушк гардад (ва ба самар расад), закот воҷиб мегардад.

**Вуҷуби ушр:** агар он чи (шомили меваҳо ва ҳабубот, ки) аз Замин мерӯяд, бидуни такаллуф обёрӣ гардад, мисли ин ки тавассути борон ё рӯдхона обёрӣ шавад, воҷиб аст, ки ушри (аз даҳ як) онро (ба фуқаро ва масокин ва…) пардохт кунанд.

**Нисфи ушр:** чунон ки зироатҳо бо машаққат ва душворӣ обёрӣ мешавад, мисли ин ки кишоварз тавассути оби чоҳ маҳсулоташро об диҳад ва … дар ин сурат танҳо нисфи ушр яъне (5%) он ба унвони закот пардохт мешавад. Аммо агар маҳсули кишоварзӣ ба гунае бошад, ки дар миқдоре аз айёми сол ба осонӣ ва бидуни машаққат обёрӣ шавад ва дар миқдори дигар аз сол бо такаллуф ва машаққат обёрӣ гардад, ағлабиятро мадди назар қарор медиҳем. Яъне агар миқдори айёме, ки бо машаққат обёрӣ шуда аст, бештар аз дигар айём буда бошад, ҳамон айёми ғолиб бо машаққатро дар назар мегирем ва дар ғайри ин сурат айёмеро, ки ба роҳатӣ обёрӣ шуда аст, дар назар мегирем ва ҳадди таъйиншуда дар ҳар якро ихтисосан мепардозем.

**Закоти асмон** (тиллову нуқра ва…) асмон бар ду навъ аст:

**1.** Тилло ва ҳадди нисоби тилло барои закот (85 грам) аст ва ба камтар аз ин миқдор закот тааллуқ намегирад.

**2.** Нуқра ва ҳади нисоби нуқра (595 грам) аст ва ба камтар аз ин миқдор закот тааллуқ намегирад.

Ба пул ва коғазҳои қимматнок то замоне, ки дар вақти вуҷуби закот қимати он муодили ҳадди нисоби тило ва нуқра нагардад, ба он закот тааллуқ намегирад.

Миқдори закот дар асмон (тиллову нуқра ва…) рубъи ушр (2.5%) мебошад.

Ба ҷавоҳироте, ки мубоҳ буда ва дар асл барои истеъмол ва истифодаи шахсӣ харидорӣ шуда, закот тааллуқ намегирад, аммо агар ин ҷавоҳирот ба иҷора дода шавад ё захира ва пасандоз гардад, ба он закот тааллуқ мегирад.

Пӯшидан ва ба кор бурдани тилло ва нуқра барои занон ба миқдори маъмул ва урфи замон мубоҳ аст.

Қарор додани тиккаи нуқра бар рӯи зарф (ба гунае, кимасалан барои зинатб дастгираи зарфро аз нуқра бипӯшонад) мубоҳ аст ва пӯшидани он (нуқра) барои мардон ба таври маҳдуд мисли пушидани ангуштар ё айнаки нуқрае ва … низ мубоҳ мебошад. Аммо қарор додани ҳатто тиккаи кӯчаке аз тилло бар рӯи зуруф (ҳарчанд барои тазйин бошад) ҳаром аст. Истифода аз тилло барои мардон машрут ба ин

аст, ки тиллои мавриди истифода худ тобеи чизи дигар бошад, мисли дакмаи (тукмаи) тиллоӣ барои пироҳан ва ё ҳалқаи тиллои даври дандон, ки барои маҳкам нигаҳ доштани он мавриди истифода қарор мегирад, ҷоиз аст ва албатта, дар ин низ бояд ташбеҳ ба занон сурат нагирад.

Агар касе мол ва дороии ӯ (собит нест ва дар тӯли сол) зиёду кам мешавад ва пардохти закоти кулли маблағ дар сол барои ӯ душвор менамояд, бар ӯст ки рӯзеро худ дар сол таъйин кунад ва дар ҳамон рӯз миқдори дороии худро бисанҷад ва (2.5%)-и онро ба унвони закот пардохт кунад, ҳарчанд бар миқдоре аз дороии ӯ ҳанӯз як соли тамом нагузашта бошад.

Чунончи шахсе маош мегирад ё замин ё хонаеро ба иҷора дода ҳар моҳ маблағи иҷора мегирад, агар аз ин даромади худ чизе захира накарда бошад, ҳарчанд мизони ин даромад зиёд бошад, боз ҳам ба он закот тааллуқ мегирад. Агар таъйини закот бар ӯ душвор буд, мисли мавриди қаблӣ як рӯзро худ таъйин мекунад ва дар он рӯз закоти молашро муҳосаба мекунад.

**Закоти дайн.** Агар касе аз шахси сарватманд ва ғанӣ қарздор бошад ё соҳиби моле бошад, ки молигардондани он низ дар тавони ӯ бошад, дар ҳар ду сурат замоне, ки ба молаш даст ёфт ва онро қабз кард, бар ӯ воҷиб аст, ки закоти солҳои гузаштаи моли мазкурро ҳарчанд зиёд бошад ҳам, пардохт кунад. Агар аз касе қарздор бошад, ки муфлис ва фақир бошад, дар ин сурат закот бар вай воҷиб нест, зеро тасарруфи ин дайн барои вай мақдур нест.

**Закоти колоҳои тиҷорӣ.** Чаҳор шарти лозим барои вуҷуби закот дар матоҳои тиҷорӣ лозим аст:

**1.** Молигардонии матоъ. **2.** Қасди тиҷорат доштан бо матоъ.

**3.** Расидани қимати матои тиҷорӣ ба ҳадди нисоби таъйиншуда (ҳадди нисоби матои тиҷорӣ расидани қимати он ба миқдори ҳадди ақали нисоби тилло ва нуқра мебошад).

**4.** Гузаштани як соли комил бар матои тиҷорӣ, бо таҳаққуқ ёфтани шурути мазкур пардохти закот воҷиб мегардад.

Чунончи молики матои тиҷорӣ соҳиби тилло, нуқра ё пули нақд бошад, онро ба қимати матои тиҷорӣ замима мекунад, то нисоби таъйиншуда такмил гардад.

Агар соҳиби колои тиҷорӣ қасди истеъмол ва истифодаи аз

колои тиҷорӣ шомили либосб хона ва мошин ва…ро кардб дигар ба колое, кимавриди истифода қарор гирифта астб закот тааллуқ намегирад. Аммо агар соҳиби ин колоҳо пас аз истифода муҷаддадан қасди тиҷорат бо онро намудб бо гузаштани як сол бар онҳо закот ба он тааллуқ мегирад. (Ҳисобкунии айёми сол аз замоне, ки ба таври муҷаддад барои тиҷорат ният намудааст, сурат мегирад)[1].

**Закоти фитр.** Ҳар мусулмоне, ки дар шаб ё рӯзи ид зиёда бар қути хеш ва хонаводаашро доро бошад, закоти фитр бар вай воҷиб мегардад.

***Миқдори закоти фитр.*** Миқдори закоти фитр дар ҳисоби гандум ва орди гандум ним соъ (баробар бо як килову ҳаштсад грамм) ва дар ҳисоби ҷавб хурмо ва монанди онҳо як соъ (баробар бо се килову шашсад грамм) ду кило ва (2.25) аз таъоми маъмули диёре аст ки шахси закотдиҳанда сокин аст). Агар пули (арзиши) яке аз ҷинсҳои мазкурро барои садақаи фитр бипардозад, кофӣ аст.

Мустаҳаб аст, ки фард закоти фитри шахсеро, ки дар шаби ид ӯҳдадори пардохти махориҷи ӯ гардидааст, низ бипардозад. Ҳамчунин мустаҳаб аст, ки закоти фитр дар рӯзи ид ва қабл аз иқомати намози ид пардохт гардад.

Таъхири закоти фитр ба баъд аз иқомаи намози ид ҷоиз нест, вале чунончи шахс як ё ду рӯз қабл аз рӯзи ид закоти фитрашро пардохт кард ҷоиз аст. Ҳамчунин ҷоиз аст, ки фитрияи чанд нафарро ба як нафар ё фитрияи як нафарро ба чанд нафар (мустаҳиқ) бидиҳад.

**Чигунагии пардохти закоти фитр:** воҷиб аст, ки закот фаврӣ (ва бидуни таъхир) пардохт гардад ва бар валии кӯдак ва шахси девона аст, ки худ закоти фитри ин дӯро бидиҳад.

Суннат аст, ки масъул пардохти закоти фитрро бад-он изҳор кунад ва ба тафкики он бипардозад. Зарур аст ҳар гоҳ мукаллаф қасди пардохти ин навъ закотро дорад, ният кунад ва ҷоиз нест, ки шахс дар пардохти он нияти садақа

[1] Нисоби матоъ –ҳадди нисоби матои тиҷоратӣ он аст, ки қимати он дар замони закот додан муъодили ҳадди ақалли нисоби тилло (85 грам ё ҳадди ақалли нисоби нукра 595 грам) гардад.

бикунад. Агар чунин кард, агар тамоми молашро ҳам бидиҳад, боз фитрияи вай адо намегардад. Беҳтар он аст, ки закоти кулли молашро ба ҳамон фуқарои диёраш бипардозад, аммо агар ба хотири маслиҳате ин закотро ба фуқарои дигар диёр дод, ҷоиз аст.

Пардохти закот зудтар аз фаро расидани мавъиди он дар сурате, ки ба ҳадди нисоб бирасад, ҷоиз аст (масалан, закоти ду солро бо ҳам, дар ҳоле ки ҳанӯз фақат як сол сипарӣ шуда ва соли дигарро пеши рӯ дорем, ҷоиз аст).

**Мустаҳиқони закот.** Ҳашт гурӯҳ мустаҳиқи закотанд, ки иборатанд 1.Фуқаро. 2. Мискинҳо. 3. Касоне, ки барои ҷамъоварии закот фаъолият мекунанд. 4. Муаллафатул қулуб (касоне, ки тоза Ислом овардаанд ва ҳанӯз дар исломи худ росих нагаштаанд). 5. Ғулом ва барда. 6. Қарздорон. 7.Муҷоҳиде, ки дар роҳи Худо ҷиҳод мекунад. 8. Мусофир.

Закот ба миқдори ниёзи ҳар як аз мавориди фавқ ба онҳо пардохт мегардад, ҷуз мавриди севум, ки ба мизони музде, ки барои вай таъйин шуда ба ӯ пардохт мешавад, ҳарчанд ғанӣ ва бениёз (аз закот) бошад.

Пардохти закот ба ситамгарон ва касоне, ки ба диёри ӯ шӯриш бурдаанд ва бар он диёр мусаллат гаштаанд, ҷоиз аст. Ҳамчунин, агар ҳоким золимона ё одилона ва ба ихтиёр ё иҷбор закотро аз вай ахз намояд, ҳамон закоти моли ӯ маҳсуб мешавад (ва ниёзе ба пардохти муҷаддади он намебошад).

Пардохти закот ба кофир, ғулом, сарватманд, Бани Ҳошим ва касе, ки таҳти сарпарастии соҳиби мол аст ва нафақаи ӯ ба ӯҳдаи вай аст, ҷоиз нест. Яъне, додани закот ва садақаи фитр бар зану фарзанд дуруст нест.

Агар касе закоти молашро надониста, ба ғайри мустаҳиқи он пардохт кард ва сипас фаҳмид, ки шахси мавриди назар мустаҳиқи закот набуда, закоташ адо нашудааст ва бояд таҷдиди назар кунад. Аммо агар закоти молашро ба шахсе дод, ки гумони ӯ фақир маҳсуб мешудб вале баъдан маълум шуд, ки шахси мавриди назар фақир набудааст, закоташ адо шуда ва ниёз ба пардохти муҷаддад нест.

# РӮЗА

Гирифтани рӯзаи моҳи рамазон бар ҳамаи мусулмони оқилу болиғ, ки тавоноии рӯза гирифтан дорад воҷиб аст. Албатта, заноне, ки ҳоиз ҳастанд ё хуни нифос (пас аз таваллуд) мебинанд аз ин қоида мустасно мебошанд ва набояд рӯза бигиранд. Лозим ба зикр аст кӯдакон (ки ҳанӯз болиғ нашудаанд) низ бояд ба рӯза гирифтан дастур дода шаванд, то ба он одат кунанд.

**Моҳи рамазон.** Дохил шудани моҳи рамазон ба ду тариқ собит мегардад, ки иборатанд аз:

**1.** Ҳар гоҳ мусулмони одил, чӣ зан бошад ва чӣ мард, бар дидани моҳ гувоҳӣ диҳад, моҳи рамазон собит мешавад (ва бар мардум воҷиб мегардад, ки рӯза бигиранд).

**2.** Агар сӣ рӯзи моҳи шаъбон комил гардад (ва ин амр бар мо собит шуд) шурӯъи моҳи рамазон низ собит мегардад.

**Рӯза гирифтан.** (Бо ҳулули моҳи рамазон) воҷиб мегардад, ки аз ҳангоми тулӯъи субҳи содиқ, то замоне, ки хуршед ғуруб мекунад, рӯза бигирем. Дар рӯзаи моҳи рамазон бояд қабл аз тулӯъи субҳи содиқ нияти рӯза кунем.

**Он чи рӯзаро ботил мекунад.** Муфсидоти рӯза, ки ҷубронаш қазо ва каффора аст, аз ҷимоъ ва ҳамбистарӣ кардан иборат аст, ҳар кас дар моҳи рамазон (ҳангоми рӯза) ҷимоъ кунад, бар ӯст, ки ҳам қазои рӯзаро биёварад ва ҳам каффора бидиҳад. Каффораи рӯза иборат аст аз озод кардани як барда ва агар иститоъати ин корро надошт, ду моҳ рӯза гирифтани пай дар пай ва агар бар ин низ тавоноӣ надошт, таъом додани 60 мискин ва агар бар ин низ қодир набуд, дигар чизе бар вай нахоҳад буд.

**Муфсидоти рӯза, ки ҷубронаш танҳо қазо доштан аст, иборат аст аз:** хориҷ шудани манӣ ба сабаби бӯсидан, ламс кардан ё истимно. Албатта агар касе дар хоб муҳталим шуд ва ба ин сабаб аз вай манӣ хориҷ гардид, ин ҳукм бар вай мутараттиб нахоҳад буд.

Хӯрдан ва нӯшидан ба таври амдӣ. Агар касе ҳангоми рӯза аз рӯи фаромушӣ чизе хӯрад рӯзааш саҳиҳ аст ва ботил нашудааст.

Агар ғуборе ба гулӯи шахсе роҳ ёфтб ё дар ҳангоми мазмаза

(об дар даҳон кард) ва истиншоқ (об дар бинӣ кардан) миқдоре об ба ҳалқи ӯ расид, ё бо фикр кардан аз вай манӣ (инзол шуд) хориҷ гардид ва ё ин ки иҳтилом шуд (дар хоб аз вай манӣ хориҷ шуд) ва ё аз вай хун ё қай (истифроғ) ба ҳар далеле хориҷ гардид, рӯзааш ботил намешавад ва лозим нест онро қазо биёварад. Аммо, чунончи қаблан гуфтем, агар касе бар асари муҷомиъат ва ҳамбистарӣ инзол шавад, ҳам бояд қазо биёварад ва ҳам каффораи рӯзаро адо кунад.

Агар касе ба гумон ин ки акнун шаб аст, чизе бихӯрд ва баъд маълум гардид, ки он замон рӯз будааст бар ӯст, ки қазои он рӯзаро биёварад. Ва агар шахсе ҳангоми шаб ва дар ҳоле ки шак дорад, ки субҳ тулӯъ карда ё не, чизе бихӯрад, рӯзааш ботил намешавад, аммо агар дар рӯз ва дар ҳоле, ки шак дорад, ки офтоб ғуруб карда ё не, чизе бихӯрад бар ӯст, ки қазои он рӯзаро биёварад.

Аҳкоми ифторкунандагон (касоне, ки рӯзаи худро ботил мекунанд). Ифтор кардани (хӯрдан) рӯзаи моҳи рамазон бидуни узр ҳаром мебошад. Аммо бар зани ҳоиз ва зане, ки нифос мебинад ва ҳамчунин касе, ки бихоҳад шахсеро аз ҳалокат наҷот диҳад, воҷиб аст, ки рӯзаашро дар ин замон ифтор кунад. Суннат аст маризе, ки бо рӯза гирифтан бемориаш афзун гардад ва ҳамчунин мусофире, ки қасди паймудани масофатеро дорад, ки дар он масофат намоз қаср хонда мешавадб рӯзаи худро ифтор кунанд.

Хӯрдани (ифтор кардан) рӯза барои шахси муқиме, ки дар аснои рӯз қасди сафар мекунад ё зани ҳомила ва зани ширдеҳе, ки метарсанд бо рӯза гирифтан ба худи онҳо ё фарзандонашон зараре бирасад, мубоҳ аст ва бар ҳамаи онҳо аст, ки танҳо қазои рӯзае, ки ифтор кардаанд, биёваранд ва каффора бар онҳо лозим нест.

Агар касе ба иллати миёнасолӣ ё маризӣ қодир ба рӯза гирифтан набошад ва ҳоли ӯ ба гунае бошад, ки эҳтимоли бозёфтани сиҳат ва саломатӣ барои ӯ набошад, бар ӯст, ки дар қиболи ҳаррӯза аз моҳи рамазон як мискинро таъом диҳад ва дигар қазои рӯза бар вай воҷиб нахоҳад буд.

Агар касе қазои рӯзаи моҳи рамазонро ба ҳадде ба таъхир андозад, ки моҳи рамазони дигар ҳулул кунад, агар таъхири ӯ ба далели узр (шаръӣ) буда ба ӯ, ки танҳо ҳамон қазои рӯзаро биёварад, вале агар ин корро бидуни узр анҷом дод бар вай аст, ки илова бар қазо овардани рӯза дар қиболи ҳар рӯз як мискинро таъом диҳад.

Агар касе қазои рӯзаи моҳи рамазонро ба далели узри шаръӣ ба таъхир андозад ва (дар ҳамин хилол) қабл аз ин ки қазои онро биёварад бимирад, чизе бар зиммаи вай нахоҳад буд. Аммо шахсе ин корро бидуни узри шаръӣ анҷом диҳад, дар қиболи ҳаррӯза пас аз вай ба як мискин таъом дода мешавад (ин корро бозмондагони вай анҷом медиҳанд).

Суннат аст, ки наздикони маййит (мурда) ба итбоъ аз маййит ҳар он чиро назр карда аст, бароварда кунанд ва агар рӯзае назр карда, ба ҷойи ӯ онро ба анҷом расонанд ва агар бар маййит қазои рӯзае лозим гашта ва вай онро анҷом надодааст, ба ҷойи вай онро адо намоянд.

Агар касе ба хотири узре (шаръӣ) рӯзаашро ифтор кард ва дар хилоли ҳамон рӯз узри шаръӣ бартараф гардид, ё агар кофире дар хилоли рӯзаи моҳи рамазон Ислом овард, ё зани ҳоизе пок гардид, ё маризии шахсе бартараф шуд, ё мусофире муқим гашт, ё кӯдаке болиғ гардид, ё девонае оқил гардид, дар тамоми мавориди фавқ бар ҳамагон лозим аст, то қазои рӯзаи он рӯзро биёваранд, ҳамчунин идомаи ҳамон рӯзро бояд рӯза бошанд.

Барои шахсе, ки бар вай ҷоиз шуда, то рӯзаи моҳи рамазонро ифтор кунад, ҷоиз нест, ки рӯзаи ғайри моҳи рамазон (мисли рӯзаи қазоӣ, назрӣ ва … ро) дар ин айём ба ҷо оварад.

**Рӯзаи нафл.** Беҳтарин рӯзаи нафлӣ он аст, ки як рӯз дар миён рӯза гирифта шавад. Пас аз он беҳтарин рӯзаи нафлӣ рӯза гирифтан дар рӯзҳои душанбе ва панҷшанбе аз ҳар ҳафта ва сипас рӯза гирифтани се рӯз аз ҳар моҳ, ки беҳтарини ин рӯзҳо низ айёми сафед (13, 14, 15) аз ҳар моҳи қамарӣ аст, мебошад. Суннат аст, ки бештари айёми моҳи муҳаррам ва шаъбон ва ҳамчунин рӯзаи ошӯро ва рӯзи

арафа ва 6 рӯз аз моҳи шаввол рӯза гирифта шавад.
Макрӯҳ аст, ки моҳи раҷаб ва рӯзи ҷумъа ба рӯзаи нафлӣ ихтисос дода шавад.

**Нуктаҳо.**

✷ Агар зане, ки хуни ҳайз ё нифос мебинад, қабл аз тулӯъи субҳ пок гардад, бар ӯ ҷоиз аст, ки ғуслро то баъд аз азони субҳ ба таъхир андозад ва чунончи қабл аз ғусл суҳурӣ бихӯрад, то рӯза бигирад, рӯзааш саҳиҳ аст ва ишколе бар он мутараттиб нест. Ҳамчунин агар касе аз (навъи дигар ҳадаси акбар яъне) ҷанобат бархӯрдор буд ва то баъд аз азони субҳ ғусл накард, ҷоиз аст ва рӯзааш низ саҳиҳ мебошад.

✷ Бар зан ҷоиз аст барои ин ки дар ибодати муслимин дар моҳи рамазон ҳамоҳанг бо онҳо мушорикат кунад, дар сурате, ки зиёне вайро таҳдид накунад, аз доруҳое, ки ҳайзро ба таъхир меандозанд, истифода намояд.

✷ Хӯрдан ва балъидани балғам ва халте, ки дар гулӯ қарор мегирад, барои рӯзадор ҷоиз аст.

✷ Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд: "*Ҳамвора умматам то замоне, ки дар ифтор аҷала кунанд ва суҳуриро таъхир намоянд (оқибат) бар хайр хоҳад буд*" (Аҳмад).

✷ Дар ҷойи дигар он ҳазрат (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд: "*То замоне, ки мардум (умматам) ифторро таъҷил кунанд, дин ҳамвора ошкор (сарзананда) хоҳад буд, зеро яҳуду насоро ифторро таъхир мекунанд*" (Абудовуд).
(Ва ҳамин боъиси фарқи онҳо аз муслимин мегардад).

✷ Дар ҳангоми ифтор кардан мустаҳаб аст, ки дуо карда шавад, зеро Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар ин маврид мефармояд: "*Дуъои рӯзадоре, ки ҳангоми ифтор дуъо мекунад, рад намешавад*" (Ибни Моҷа).

✷ Аз ҷумла дуое, ки дар ҳангоми ифтор аз он ҳазрат (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят шуда ин аст, ки он ҳазрат ҳангоми ифтор мефармуд: "*Ташнагӣ бартараф шуд ва рагҳо мартуб гардид ва агар Худо бихоҳад аҷру подоши (рӯза) тасбит шуд* (яъне мавриди қабул воқеъ шуд ва...)" (Абудовуд).

✷ Суннат аст, ки бо рутаб (хурмои тар қабл аз ин ки ба

хурмои хушк табдил шавад) ифтор шавад ва агар мавҷуд набуд, пас суннат аст, ки бо теъдоди тамар (хурмои тақрибан хушк) ифтор шавад ва агар ин низ мавҷуд набуд, суннат аст, ки бо об ифтор шавад.

✵ Чун миёни фуқаҳо дар мавриди ин ки оё истифода аз сурма ва … дар ҳангоми рӯза дуруст аст ё не ихтилоф вуҷуд дорад, беҳтар аст барои раҳоӣ аз ин ихтилоф аз сурма ва чакондани қатрае дар чашм ё гӯш парҳез шавад. Аммо агар зарурате пеш омад, ки шахс ночор буд барои муолиҷаи худ аз ин маворид истифода кунад, ҳатто агар таъми қатра ва… ба ҳалқи шахс бирасад, боз ҳам рӯзаи ӯ саҳеҳ аст ва ботил нашудааст.

✵ Мисвок кардан дар ҳар замон барои рӯзадор натанҳо макрӯҳ нест, балки суннат мебошад.

✵ Бар рӯзадор воҷиб аст, ки аз ғайбат, суханчинӣ, дурӯғ ва монанди он иҷтиноб кунад ва агар касе ба ӯ фаҳш ва носазо гуфт, фақат бигӯяд: “*Ман рӯза дорам*”.

✵ Дар сурате рӯзаи рӯзадор комил ва маҳфуз боқӣ хоҳад монд, ки забон ва тамоми аъзои худро аз гуноҳ ҳифз кунад. Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: “*Касе, ки дар сухану кирдор аз гуноҳ иҷтиноб накунад, Худованд ниёзе ба иҷтиноби ӯ аз ғизо ва нӯшиданӣ надорад* (яъе танҳо нахӯрдан ва нанӯшидан кофӣ нест)”. (Аҳмад).

✵ Суннат аст, ки ҳар гоҳ рӯзадорро касе ба таъом фаро хонад, мизбонро аз рӯзаи худ хабар кунад ва барояш дуои хайр кунад ва агар рӯза надошт, даъваташро иҷобат кунад ва аз таъоми ӯ майл намояд.

✵ Шаби қадр бофазилаттарин шаби сол аст ва замони он дар даҳ шаби охири моҳи рамазон маҳсуб шуда ва шабе, ки беш аз дигар шабҳо мавриди таъкид қарор гирифта ва гуфта шуда он шаб, шаби қадр аст, шаби бисту ҳафтуми ин моҳ мебошад. Амали солеҳе, ки дар ин шаб анҷом мегирад, беҳтар аз амали солеҳе аст, ки дар ҳазор моҳ (ғайри ин шаб) анҷом мегирад. Нишонаҳое барои шаби қадр таъйин гашта, ки иборатанд аз ин ки: хуршед дар субҳи он шаб тақрибан моил ба сафед тулӯъ мекунад ва шӯоҳои зиёде надорад ва

ҳавои он шаб низ табиӣ ва мӯътадил мебошад. Чи басо мусулмоне ин шабро боз ёбад, вале ӯ худ ба ин масъала пай набарад. Матлуб он аст, ки шахси мусулмон дар тамоми моҳи рамазон дар ибодат бикӯшад ва бахусус даҳ шаби охири моҳи рамазонро ба ибодат ихтисос диҳад ва мусулмон бояд талош кунад, то сарҳади имкон дар ҳеч як аз шабҳои рамазон ибодат ва намози шабро тарк накунад ва агар намози таровеҳро бо ҷамоат мехонад, то поёни намоз имомро ҳамроҳӣ кунад, то ҳамин барои ӯ дар зумраи намози шаб маҳсуб гардад.

✸ Агар касе нияти рӯзаи нафлӣ намуд, суннат аст, ки он рӯзаро ба поён расонад, вале итмоми он бар вай воҷиб нест ва агар амдан рӯзаашро ботил намуд, бар ӯ ҳараҷе нест ва лозим нест қазои онро биёварад.

**Эътикоф.** Эътикоф иборат аст аз ин ки мусулмони оқил дар масҷид ба манзури ибодат байтута (будубош) кунад ва ба масҷид мултазим (пойбанд) гардад. Шароите, ки барои муътакиф дар назар гирифта шуда иборатанд аз ин ки вай бояд аз ҳадаси акбар (ҷанобат) пок бошад ва ба ҷуз мавоқеъи (вақтҳои) заруратб мисли қазои ҳоҷат (дастшӯи рафтан) ва ғусли воҷиб ва… аз масҷид хориҷ нагардад. Агар муътакифе бидуни зарурат аз масҷид хориҷ гардад ё бо занаш ҳамбистарӣ кунад, эътикофаш ботил мегардад.

Эътикоф дар ҳар замон суннат аст ва дар моҳи рамазон ва ба хусус дар даҳ рӯзи охири моҳи рамазон бадон таъкиди фаровон шудааст. Камтарин муддати таъйиншуда барои эътикоф як соъат аст ва мустаҳаб аст, ки аз як шабонарӯз камтар набошад. Зан ҷуз бо ризоияти ҳамсараш ҳақи эътикоф надорад ва суннат аст, ки ҳар касе муътакиф мешавад, вақти худро дар ибодат ва итоъати фармони илоҳӣ сипарӣ кунад ва аз зиёдаравӣ дар корҳои мубоҳ парҳез намояд ва ҳамин тавр аз корҳои беҳуда ва лағв низ иҷтиноб намояд.

# ҲАҶ ВА УМРА

**Гузаронидани як ҳаҷ ва як умра дар умр воҷиб аст.**
Шурути вуҷуби ҳаҷ ва умра иборатанд аз: **1.**Ислом. **2.**Ақл. **3.**Булуғ (расидан ба синни булуғ). **4.**Озод будан. **5.**Доштани иститоат ва тавоноӣ ба гунае, ки зод ва тӯшаи сафари ҳаҷро доро бошад. Барои зане, ки қасди ҳаҷ рафтан дорад шарти шашуме низ дар назар гирифта шуда ва он ин аст, ки бояд аз маҳорими ӯ касе ӯро дар ин сафар ҳамроҳӣ кунад. Албатта, ҳаҷ кардани зан бидуни маҳрам саҳеҳ аст, вале зан бо ин кор гунаҳгор мешавад. Агар касе дар ҳаҷ кардан он қадар саҳланкорӣ ва кӯтоҳӣ кард, ки қабл аз рафтан ба сафари ҳаҷ аз дунё рафт, ба миқдори ҳазинаи як сафари ҳаҷ ва умра аз моли ӯ, ки боқӣ монда канор гузошта мешавад, то барои ҳаҷ ва умраи ӯ масраф шавад.
Ҳаҷи кофир ва девона дуруст нест, вале агар кӯдак ё ғуломе ҳаҷ кард, ҳаҷи онҳо дуруст аст, аммо ин наметавонад ҷойи ҳаҷу-л-ислом (ҳаҷи фарзӣ) қарор гирад. Ва вақте кӯдак ба синни булуғ расид, бояд ҳаҷи фарзиро баҷо оварад. Агар фақир ва бебизоате буд, пул қарз кард ва бо он ҳаҷ гузорид, ҳаҷаш дуруст аст. Агар шахсе дар ҳоле, ки ҳаҷ бар ӯ фарз шуда, аммо ба адои он напардохтааст, ба ниёбат аз каси дигаре ба ҳаҷ биравад, ҳаҷе, ки гузорида барои худи ӯ маҳсуб мешавад ва (ҳаҷи анҷомшуда ба касе, ки ӯро ноиб қарор дода тааллуқ намегирад).
**Иҳром.** Касе, ки қасди иҳром бастан дорад, суннат аст, ки ғусл кунад ва ба назофат ва хушбӯй кардани худ бипардозад ва аз пӯшидани либоси дӯхташуда парҳез кунад ва бо ду тика порчаи сафед, яке ба унвони шалвор ва дигаре ба унвони ридо ва пироҳан худро бипӯшонад ва онгоҳ иҳром баста бигӯяд: ***Лаббайк аллоҳумма умратан ав ҳаҷан***, ав ҳаҷан ва умратан.[1] Ва ибтидо умра ва баъд ҳаҷ ва ё аввал ҳаҷ ва онгоҳ умраро баҷо оварад. Агар тарс дорад, ки чизе монеъи анҷоми ҳаҷи ӯ шуд, бар ӯст, ки ин иборатро бихонад: Бо хондани ин иборат костҳои кораш ҷуброн мешавад ва ҳарҷо монеъе

[1] Лаббайк ба маънии иҷобат ва посух аст ва вақте ҳоҷи лаббайк мегӯяд, манзур ин аст ки ӯ бо Худои хеш паймон мебандад, тамоми дастурот ва фаромиши илоҳиро анҷом диҳад.

барои вай пеш ояд , ҳамон ҷо таҳлили вай хоҳад буд.

Шахси ҳоҷӣ ихтиёр дорад ҳар як аз маносики сегонаи шомили ҳаҷи таматтуъ, ҳаҷи қирон ва ҳаҷи ифродро, ки хост анҷом диҳад, вале беҳтар он аст, ки қасди ҳаҷи таматтуъ намояд ва он иборат аст аз ин ки дар моҳҳои ҳаҷ барои умра иҳром бандад ва он гоҳ аз иҳроми умра хориҷ гардад ва сипас барои адои ҳаҷи фарз дар ҳамон сол иҳром бандад. Ифрод он аст, ки танҳо барои ҳаҷ иҳром бандад ва навъи қирон он аст, ки барои умра ва ҳаҷ ҳамоҳанг иҳром бандад ё ибтидо барои адои умра иҳром бандад ва қабл аз шуруъ ба тавофи умра ҳаҷро низ дар умраи худ дохил гардонад.

Ҳар гоҳ шахсе, ки иродаи ҳаҷ дорад бар маркаби хеш қарор гирифт, бояд, ки ин иборатро бихонад: "***Лаббайка-л-лоҳумма лаббайк, лаббайка ло шарика лака лаббайк, инна-л-ҳамда ва-н-ниъмата лака ва-л-мулк, ло шарика лак***"[1].

Мустаҳаб аст, ки мардон ин дуоро бо садои баланд бихонанд ва ҳамчунин мустаҳаб аст ҳам марду ҳам зани ҳоҷӣ ба касрат ин дуоро такрор кунанд.

Он чи дар ҳангоми иҳром мамнуъ аст. Нӯҳ чиз дар ҳангоми иҳром мамнуъ аст, ки иборатанд аз: **1.**Тарошидан ё кандани мӯй аз бадан. **2.**Кӯтоҳ кардани нохун. **3.**Пӯшидани либоси дӯхташуда барои мардон. Албатта, агар шахси муҳрим изоре наёфт, то худро бипӯшонад, метавонад аз шалвор истифода кунад. Ва ҳамчунин агар кафш наёфт (кафши махсуси иҳром), метавонад аз мӯза истифода кунад ва фидяе низ бар ӯ воҷиб нахоҳад шуд. **4.**Пӯшидани сар барои мардон. **5.**Истифода аз атр ва хушбӯӣ бар рӯи бадан ё либос. **6.**Шикор кардан ё куштани ҳайвоне, ки ваҳшӣ ва дар айни ҳол мубоҳ аст. **7.**Бастани ақди никоҳ. Албатта, ин амр ҳаром аст, вале фидяе надорад. **8.**Ламс кардани аъзои ҳамсар ғайр аз шармгоҳ аз рӯи шаҳват. Ин амр фидя дорад ва фидяи он як гӯсфанд ё се рӯз рӯза гирифтан ё таъом додан ба шаш

---

[1] Бор Худоё! (Барои иҷобат хостаҳо ва адои фаромини Ту) дар боргоҳи Ту ҳозирам ва ҳеч шарике барои Ту нест, ба даргоҳи Ту ҳозирам, шоистаи тамоми ҳамд ва хубиҳо ҳастӣ ва тамоми ниъматҳо аз они Ту ҳастанд (ва дар тамоми коинот) танҳо Ту фармонравоӣ мекунӣ ва барои Ту ҳеч шарик ва ҳамтое вуҷуд надорад.

мискин мебошад. **9.** Муҷомаъат кардан. Агар ҷимоъ кардан қабл аз таҳлили аввал[1] сурат гирад ҳаҷи шахс фосид шуда ва бар вай воҷиб мегардад онро комил кунад ва дар соли оянда қазои онро биёварад. Дар зимн бояд шутуреро қурбонӣ кунад ва гӯшти онро миёни фуқарои Макка тақсим кунад. Аммо чунончи муҷомаъат пас аз таҳлили аввал сурат гирифт, ҳаҷаш фосид намешавад, вале бар ӯ воҷиб мешавад, ки шутуре қурбонӣ намояд. Агар касе дар умра муҷомаъат кунад, умрааш фосид мегардад ва бар ӯст, ки гӯсфандеро қурбонӣ кунад ва дар зимни қазои он умраро баъдан биёварад. Лозим ба зикр аст ҳаҷу умра бо амале ғайр аз муҷомаъат ботил намегардад. Зан низ дар аҳкоми фавқ чун мард аст ва фақат ваҷҳи тафовути ӯ дар аҳком бо мард он аст, ки ӯ метавонад либоси дӯхташуда бипӯшад, аммо ҳақи пӯшидани дасткаш, ниқоб ва рӯбандро надорад.

**Фидя: фидя бар ду навъ аст:**

**1. Фидяи ихтиёрӣ –** ва он фидяе аст, ки бар асари тарошидан ва кандани мӯй ё истифода аз хушбӯӣ (мисли атру собун …), ё кутоҳ кардани нохун, тарошидани мӯи сар ва ё пӯшидани либоси дӯхта бар зиммаи ҳоҷӣ мегардад, ки дар ин навъ фидя ҳоҷӣ мухтор аст, ё се рӯз рӯза бигирад, ё шаш мискинро таъом диҳад (ва бар ӯст, ки барои ҳар мискин миқдори як кило ва ним ба унвони таъом дар назар гирад) ё гӯсфандеро забҳ кунад.

Ва ҷазои сайд ин аст, ки дар сурати вуҷуди ҳаммонанди он сайд фидя диҳад ва дар сурати набудани ҳаммонанди он қиматашро бипардозад.

**2. Фидяи тартибӣ –** фидяи мутаматтиъ ва қирон (гӯсфанд) ва фидяи ҷимоъ (шутур) мебошад. (Дар ин навъ фидя, бояд ба тартиб фидяи ҳар кадом (мутаматтиъ, қирон ё ҷимоъ) дода шавад ва дар сурати адами тавоноӣ боисти се рӯз дар айёми ҳаҷ ва ҳафт рӯз низ пас аз бозгашт аз сафари ҳаҷро рӯза бигирад.

Ҳадй (қурбонӣ) ё итъом (таомдиҳӣ) фақат барои истифодаи фақирони Ҳарам бояд сурат гирад.

---

[1] Онро таҳлили кӯчак низ номидаанд.

**Пас аз духул дар Макка.** Вақте ҳоҷӣ ба Макка ворид шуд, ҳангоми дохил шудан дар Масҷиду-л-ҳаром дуои маъсурро[1], ки ҳангоми дохил шудан дар масҷид мехонанд, мехонад ва вориди Масҷиду-л-ҳаром мегардад. Сипас агар қасди ҳаҷи таматтуъ намуд, тавофи умраро анҷом медиҳад ва агар қасди ҳаҷи ифрод ё қирон дорад, тавофи қудумро анҷом медиҳад. Онгоҳ ридои (ҷомаи иҳром) худро аз зери дасти росташ гузаронида ду тарафи ридоро бар шонаи чапаш меандозад ва аз муқобили ҳаҷару-л-асвад тавофи худро оғоз карда ва сангро истилом (ламс) мекунад ва мебӯсад ва агар хост танҳо ба ишора кардан ба он иктифо кунад, ҳамзамон бо ишора ба сӯи он бисмиллоҳ ва аллоҳу акбарро мехонад. Ин кор дар ҳар даври тавоф бояд анҷом гирад. Баъд хонаи Худоро самти чапаш қарор медиҳад ва ҳафт мартаба даври он тавоф мекунад. Лозим ба зикр аст се даври аввал аз таввоф ҳатта-л-мақдур бояд бо гомҳои кӯтоҳ, аммо босуръату тундӣ анҷом пазирад, аммо чаҳор даври охири он ҳамчун роҳ рафтани оддӣ анҷом мегирад. Ҳаргоҳ тавофкунанда баробари Рукни Ямонӣ қарор гирифт, бар ӯст, ки агар тавонист (ва маҷол барои ӯ фароҳам шуд) рукнро ламс кунад ва дар миёни ду рукн ин дуоро бихонад: "***Раббано отино фи-д-дунё ҳасанатан ва фиқлқохирати ҳасанатан ва қино азоба-н-нор***"[2].
Тавофкунанда дар ҳар даври тавофе, ки анҷом медиҳад, метавонад ҳар дуоеро, ки худ мехоҳад бикунад ва он гоҳ дар сурати имкон бояд ду ракаат намоз пушти мақоми Иброҳим адо кунад ва дар ракаати аввали он сураи "Кофирун" ва дар ракаати дувум сураи "Ихлос" -ро бихонад. Баъд аз оби Зам-зам ҳар чи бештар бинӯшад ва сипас ба самти ҳаҷару-л-асвад рафта, агар тавонист онро ламс кунад ва онгоҳ агар муяссараш гардид назди мултазим (байни ҳаҷару-л-асвад ва дарби хонаи Худо) дуо мекунад ва баъд ба сӯи кӯҳи Сафо рафта ва бар он боло меравад ва мегӯяд: "*Абдаъу бимо*

[1] «Аллоҳумма-фтаҳ ли абвоба раҳматик» - Бор Худоё, дарҳои раҳматат ба ман бигшо.
[2] Бор Худоё, дар дунё ва охират ба мо хайру некӣ иноят кун ва аз азоби охират моро раҳоӣ бахш.

*бадааллоҳу биҳи*"[1] ва сипас ин ояи Қуръонро қироат мекунад, ки: "*Ҳамоно Сафо ва Марва аз шиъорҳо (парастишгоҳҳои) Худост, пас касе, ки ҳаҷи байт кунад ё умра ба ҷо оварад, бар ӯ боке нест, ки бар онҳо тавоф кунад ва касе, ки хостори некӯӣ шавад, ҳамоно Худо сипосгузору доност*" (Ал БАқара: 158). Он гоҳ такбир гуфта ва "*Ло илоҳа иллаллоҳ*" мегӯяд ва баъд рӯй ба қибла менамояд ва дастҳои худро боло мебардорад ва дуо мекунад ва сипас поён меояд ва ба сӯи парчами сабзранг равона мешавад. Ва байни ду парчами (аломат) сабзранг бо шитобон меравад ва баъд аз он парчам ба қадам задан идома медиҳад,то ба Марва бирасад. Дар Марва ҳар он чиро, ки дар Сафо анҷом дод, анҷом медиҳад ва он гоҳ пойин омада, шурӯъ ба саъй мекунад ва ҳафт маротибро комил мекунад. Ин саъй ба ин наҳв анҷом мегирад, ки саъйкунанда миёни Сафо ва Марва саъйи аввалашро аз Сафо ба самти Марва шурӯъ мекунад ва саъйи дувумро аз самти Марва ба тарафи Сафо анҷом медиҳад ва то комил шудани ҳафт саъй ин корро идома медиҳад. Сипас мӯйҳои худро кӯтоҳ карда ё метарошад. Албатта, тарошидан беҳтар аст, вале дар умраи мутаматтиъ чун ҳаҷеро пас аз умра дар пеш дорад, тарошидан бартарӣ надорад. Касе, ки қасди ҳаҷи Қирон ё Ифрод дорад, то дар рӯзи ид, ҷамраи ақабаро назанад, пас аз тавофи қудум ҳалол намегардад. Ҳукми зан дар аҳкоми мазкур чун мард аст, ҷуз ин ки зан дар тавоф ва саъй байни Сафо ва Марва чун мардон, ки бо ҳолати хос роҳ мераванд, роҳ намеравад. Ҳолате аст байни роҳ рафтан ва давидан.

**Чигунагии ҳаҷ кардан.** Дар рӯзи тарвия (рӯзи ҳаштум) чунончи аз иҳром берун омада бошад, аз манзили худ дар Макка иҳром мебандад ва ба сӯи Мино равона мешавад, то шаби нуҳумро дар онҷо байтута (шаб мондан) кунад ва он гоҳ замоне, ки хуршеди рӯзи нуҳум тулӯъ кард, равонаи Арафот мешавад ва намози зуҳр ва асри худро дар ин макон қаср ва ҷамъ мекунад. Тамоми Арафот мавқиф (истгоҳи ҳоҷиён) маҳсуб мешавад, ҷуз водии Урна. Дар ин

---

[1] Бо ҳамон чи Худо бо он оғоз намуда, оғоз мекунем.

миён бояд мақулаи *“Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳб лаҳу-л-мулку ва лаҳу-л-ҳамду ва ҳува ало кулли шайъин қадир”*[1] -ро ба касрат такрор кунад ва дар дуо ва тавба ва таваҷҷӯҳ ба Худованд бикӯшад. Ҳангоми ғуруби хуршед бояд бо оромӣ ин диёрро ба сӯи Муздалифа тарк гӯяд ва талбиягӯён (лаббайкгӯён) ва дар ҳоле ки ба зикри Худованд машғул аст, масири Арафот то Муздалифаро  бо оромӣ ва виқор паймояд ва замоне, ки ба Муздалифа расид, намози шом ва хуфтанро дар ин макон қаср ва ҷамъ кунад ва ҳамон ҷо байтута намояд. Баъд намози субҳро дар аввали вақт адо кунад ва дар ибодатгоҳи худ машғул гардад, то рӯз ошкор шавад. Сипас қабл аз тулӯъи хуршед он маконро тарк гӯяд ва замоне, ки ба водии Муҳассир расид, дар ҳадди тавон суръат гирад то ба Мино бирасад. Сипас Ҷамараи ақабаро бизанад ба ин тартиб, ки ҳафт сангреза ба андозаи нахуду фундуқро ба самти шайтони Ҷамара партоб кунад. Касе, ки ҷамараи ақаба мезанад, бояд ҳамроҳи ҳар сангреза, ки партоб мекунад такбир бигӯяд ва дастҳои хешро низ дар ҳангоми задан боло бигирад. Зарур аст, ки қитъаи сангҳо дар ҳамон макони махсус, ки ҳавзмонанд аст, бияфтад, ҳарчанд ба санги рамзи шайтон таъйиншуда нарасад. (Он гоҳ, ки рамйи ҷиморот (партоби сангчаҳо) шурӯъ гардид, дигар талбия гуфтан поён меёбад).

Сипас қурбонӣ ва мӯи сарашро кӯтоҳ мекунад ё метарошад ҳарчанд тарошидан афзал ва беҳтар аст. Бо анҷоми рамйи ҷиморот ҳамаи чиз бар ҳоҷӣ ҳалол мегардад ҷуз занон ва ин ҳамон таҳлили аввал[2] аст, ки аз он ёд кардем. Сипас ба Макка рафта ва дар он ҷо ба тавофи изофӣ (тавофи воҷибӣ, ки ҳаҷ бо он поён меёбад) мепардозад ва он гоҳ чунончи ҳаҷи ӯ таматтуъ буда, ба саъй байни Сафову Марва мепардозад. Ҳамчунин агар касе қаблан ҳамроҳи тавофи қудум ба саъйи

---

[1] Нест худое уз Худованди ягона ва барои Ӯ ҳамтое вуҷуд надорад. Подшоҳ ва ситоиш танҳо мухтасси Ӯст ва Ӯ бар ҳама чиз қодир ва тавоност.

[2] Манзур аз таҳлили аввал ҳамон замоне аст, ки ҳама чиз ҷуз ҳамбистарӣ бо занон бар ҳоҷӣ ҳалол мегардад. (Мутарҷим).

Сафо ва Марва напардохтааст, акнун вақти он аст, ки онро анҷом диҳад. Бо анҷоми ин саъй ҳама чиз ҳатто ҳамбистарӣ бо занон низ бар ҳоҷӣ ҳалол мегардад ва инро таҳлили сонӣ (дувум) гӯянд. Сипас ба Мино бармегардад ва вуҷубан (илзоман) шабҳоеро дар он макон байтута мекунад ва дар он ҷо баъд аз заволи ҳар рӯз рамйи ҷиморот (задани сангреза) -ро анҷом медиҳад ва дар ҳар марҳила ҳафт сангрезаро партоб мекунад. Наҳви партоби ҷамарот (сангреза) ба ин тартиб аст, ки ибтидо дар ҷамраи уло ҳафт сангрезаро партоб мекунад ва он гоҳ ҷилавтар рафта ва пас аз бардоштани чанд гом мутаваққиф мешавад ва ба зикри илоҳӣ ва дуо мепардозад. Он гоҳ ба қисмати миёнӣ (вусто) рафта чун ҷамраи уло рамйи ҷамаротро анҷом медиҳад ва пас аз он ба зикри Худо ва дуо мепардозад ва баъд ҷамраи ақабаро анҷом медиҳад ва дигар дар ин марҳала таваққуф намекунад. Рӯзи дувум низ ҳамин корро такрор мекунад. Агар ҳоҷӣ дӯст дошт то дар хуруҷ аз Мино таъҷил кунад, бар ӯст, ки қабл аз ғуруби офтоб аз он макон хориҷ гардад ва агар хуршеди рӯзи дувоздаҳум ғуруб кард ва ӯ ҳанӯз дар Мино буд бар ӯ воҷиб аст, ки дар ҳамон ҷо шабро субҳ кунад ва рамйи ҷамаротро дар фардои он рӯз низ анҷом диҳад. Аммо агар ӯ қасди хуруҷ карда бошад вале издиҳоми мардум монеъи хуруҷи ӯ аз Мино гашта бошад, метавонад пас аз ғуруби офтоб низ он ҷоро тарк гӯяд ва ишколе бар ӯ мутараттиб нахоҳад буд. Ҳукм барои шахсе, ки қасди ҳаҷи қирон дорад, монанди касе аст, ки қасди ҳаҷи ифрод дорад, ҷуз ин ки бар ӯ воҷиб аст, ки чун мутаматтиъ бояд қурбонӣ кунад.

Он гоҳ, ки ҳоҷӣ иродаи сафар ба сӯи аҳл ва аёли худ намуд, бар ӯст, ки то тавофи видоъро анҷом надода аз Макка хориҷ нагардад. Ин тавоф охирин аҳде аст, ки ӯ бо соҳиби хона мебандад.

Лозим ба зикр аст, тавофи видоъ аз зиммаи зани ҳоиз ва нуфасо соқит мегардад. Агар касе пас аз тавофи видоъ ба тиҷорате машғул шуд, бояд дубора ин тавофро аз нав анҷом диҳад. Аммо агар касе қабл аз анҷоми тавофи видоъ аз он макон хориҷ гардид, агар наздик буд бояд баргардад

ва ин тавофро ба ҷо оварадб вале агар аз он ҷо дур буд, бар ӯ воҷиб аст, ки барои ҷуброни он қурбонӣ кунад.

**Аркони чаҳоргонаи ҳаҷ: 1.** Иҳром бастан, ки дар он нияти даромадан дар мансак (рукнҳои ҳаҷ) менамояд. **2.** Вуқуф дар Арафа. **3.** Тафови зиёрат (ё ифоза). **4.** Саъйи ҳаҷ.

**Воҷиботи ҳафттонаи ҳаҷ: 1.** Иҳром бастан аз миқот. **2.**Вуқуф дар Арафа то ҳангоми шаб. **3.**Байтута (хоб кардан) кардан дар Муздалифа ё баъд аз нимаи шаб. **4.**Байтута дар Мино дар шабҳои айёми ташриқ. 5.Рамйи ҷиморот. **6.**Кӯтоҳ кардан ё тарошидани мӯй. **7.** Тавофи видоъ. **8.**Қурбони кардан барои мутатавиъ ва қорин

**Аркони сегонаи умра:**

**1.** Иҳром бастан. **2.** Тавофи умра. **3.** Саъйи умра.

**Воҷиботи умра:**

**1.**Иҳром бастан аз миқот. **2.**Кӯтоҳ кардан ё тарошидани мӯй.

Ҳеч як аз маносики ҳаҷ бидуни анҷоми аркони мазкур комил намегардад (лизо анҷоми ҳар як аз аркон заруриcт). Касе воҷиберо тарк кунад, бояд қурбонӣ кунад (ва дам бар ӯ воҷиб мегардад. Аммо агар сунате аз суннатҳои ҳаҷро тарк гӯяд, чизе бар ӯ нахоҳад буд (ва ҷаримае чун қурбонӣ ва …ро мутаҳаммил нахоҳад гардид.

**Барои сиҳати тавоф ба даври Каъба сездаҳ шарт лозим аст, ин шароит иборатанд аз: 1.**Ислом доштан. **2.**Доро будан. **3.**Нияти мушаххас ва муайян. **4.**Дохил шудани вақти тавоф. **5.**Пӯшидани аврат дар ҳадди тавон. **6.**Покӣ аз бевузуӣ ва ҳадас. Албатта, - кӯдак аз ин қоида мустасно мебошад. **7.**Такмили ҳафт давр ба таври яқинӣ. **8.**Карор додани Каъба дар самти чапи худ. Бадеҳист, ки ҳар иштибоҳ анҷом додаро бояд иъода кунад. **9.**Адами руҷӯъ аз рафтани худ. **10.**Роҳ рафтан барои касе, ки тавоноии онро дорад (маъзур метавонад бар чарх ё … савор шавад). **11.**Пай дар пай анҷом додани даврҳои тавофж **12.**Тавоф бояд дохили масҷиду-л-ҳаром сурат гирад. **13.**Тавоф боисти аз канори ҳаҷару-л-асвад шурӯъ гардад.

Суннатҳои тавоф иборатанд аз: **1.** Ламс кардани ҳаҷару-л-асвад ва бӯсидани он. **2.** Гуфтани такбир дар ҷивори ин санг.

**3.** Истилом ва ламси Рукни Ямонӣ. **4.** Риояти тариқаи роҳ рафтан, ки дар бархе мавозеъ бояд сариъ, аммо бо гомҳои кӯтоҳ ҳаракат кунад ва дар мавоқеи дигар ба сурати оддие роҳ биравад ва… **5.** Дуо кардан ва зикр кардан дар асснои тавоф. **6.** Ҳарчи наздиктар қарор гирифтан нисбат ба хонаи Худо дар асснои тавоф. **7.** Хондани ду ракаат намоз пушти мақоми Иброҳим. Ҳамчунин дар ҳангоми тавоф суннат аст, ки ридои худро аз зери бағали рост бар шонаи чап андозад, ба гунае ки китфи рости ӯ бараҳна бимонад, ин фақат дар тавофи қудум ва тавофи изофа ва тавофи умра мебошад.

Шурути нӯҳгонаи саъй байни Сафову Марва: 1.Ислом. 2.Ақл. 3.Ният. 4.Пайдарпай анҷом додан. 5.Роҳ рафтан барои касе, ки тавоноӣ дорад. 6.Такмили ҳафт мартаба (рафту баргашт миёни Сафову Марва). 7.Истийъоби[1] Сафову Марва. 8.Саъй пас аз тавофи саҳеҳ сурат гирад. 9.Тавре саъйро анҷом диҳад, ки шурӯъи саъй аз Сафо ба сӯи Марва як давр ва шурӯъи он аз Марва ба Сафо даври дувум бошад.

Суннатҳои саъй иборатанд аз: 1.Покӣ аз наҷосат ва бевузуӣ (ҳадас). 2.Пӯшидани аврат. 3.Дуо кардан ва зикр гуфтан дар асснои тавоф. 4.Риояти тариқаи рафтан дар саъй, ки бархе ҷоҳо бояд сариъ ва бархе мавозеъ бояд ором ҳаракат кунад.[2] 5.Боло рафтан бар теппаи Сафо ва Марва. 6. Пай дар пай анҷом додани саъй пас аз тавоф ва риояти тартиб байни ин ду.

Нукта: агар касе рамй (задани санг ба мавзеи мушаххас) рӯзеро ба таъхир андозад, ҳарчанд он рӯз, рӯзи қурбонӣ (наҳр) бошад, тамоми рамйҳоро ба авохири айёми ташриқ мавкул кунад, ҷоиз аст, аммо беҳтар аст ҳар рамз дар ҳамон рӯзе, ки бадон ихтисос ёфтаб анҷом пазирад.

**Қурбонӣ:** қурбонӣ кардан суннати муаккада аст. Ва вақте рӯзи даҳуми зилҳиҷҷаҳ фаро расид касе, ки иродаи қурбонӣ дорад, ҳақи кандани мӯй ё пӯст ё кӯтоҳ кардани нохунро то қурбонӣ накарда, нахоҳад дошт.

---

[1] Истийъоб бад-он маънӣ аст, ки қазо миёни Сафову Марваро ба таври комил бипаймояд. (Мутарҷим).

[2] Дар форсӣ бад-он ҳарвала низ гӯянд. (Мутарҷим).

**Ақиқа:** ақиқа суннат аст ва агар фарзанд писар буд ду гўсфанд ва агар духтар буд як гўсфанд бояд забҳ карда шавад. Мустаҳаб аст, ки ин гуна забҳ рўзи ҳафтум аз вилодати фарзанд сурат гирад. Ҳамчунин суннат аст, ки агар фарзанд писар буд, мўйҳои сарашро битарошад ва ҳамвазни мўйҳояш нуқра садақа бидиҳад. Ва дўстдоштатарин номҳо Абдуллоҳ ва Абдураҳмон аст ва ҳаром аст, ки бо номи Абдунабӣ ё Абдурасул номгузорӣ шавад.

**Қоида:** Ҳар гоҳ касе дар масҷиди паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) (дар Мадина) дохил гардид, бояд, ки ибтидо ду ракаат таҳияи масҷид бихонад ва сипас ба ҷивори оромгоҳи Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) рафта, пушт ба қибла ва рў ба қабри он ҳазрат (саллаллоху алайҳи ва саллам) биистад ва бо чашмони баста ва бо қалби саросар аз хушўъу хузўъ гўё, ки он бузургворро мебинад, бигўяд: *"Ассалому алайка ё Расулуллоҳ"* ва агар зиёда бар ин бигўяд (ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу ва мағфиратуҳу...) беҳтар аст. Онгоҳ ба андозаи як зироъ ба самти рост рафта бигўяд: *"Ассалому алайка ё Абобакрассиддиқ, ассалому алайка ё Умара-л-форуқ аллоҳумма аҷзиҳимо ан набийҳимо ва анил исломи хайро"*.[1] Сипас рў ба қибла карда ва ҳуҷраи (хонаи Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам))ро дар самти чапи худ қарор диҳад ва ҳар он чи худ мехоҳад, дуо кунад.

## Хулосаи силсилаи маротиби аъмоли ҳаҷ:

| Навъи ҳаҷ | Таматтуъ | Қирон | Ифрод |
|---|---|---|---|
| Дар шуруъ иҳром бастан ва талбия гуфтан | Лаббайки умра ва таматтуъи он ба ҳаҷ | Лаббайки умра ва ҳаҷ | Лаббайк барои ҳаҷ |
| Баъд | Тавофи умра | Тавофи қудум | Тавофи қудум |
| Баъд | Саъйи умра (манзур саъй миёни Сафо ва Марва аст) | Саъйи ҳаҷ | Саъйи ҳаҷ |
| Баъд | **Кутоҳ кардани** | Истодан | Истодан кардан дар |

[1] Дуруд бар шумо эй Абубакри сиддиқ ва дуруд бар шумо эй Умари форуқ, бор Худоё, ин дуро аз Ислом ва набийи онҳо подоши хайр арзонӣ кун.

| | | | |
|---|---|---|---|
| | **мӯйи сар (таҳлили комил)** | кардан дар иҳроми худ | иҳроми худ (яъне ҳамчунон бар иҳром бимонад ва хорич нагардад |
| Рӯзи ҳаштӯм қабл аз зуҳр | Иҳром бастан барои ҳаҷ аз Макка ва сипас озими Мино шудан | Рафтан ба Мино | Рафтан ба Мино |
| Рӯзи нуҳум пас аз тулуӯи хуршед | Рафтан ба Арафа ва қаср ва ҷамъ кардаи намози зухр ва аср (ҷамъи тақдим) сипас хилват гузидан барои дуъо  то ҳангоми ғуруб | | |
| Баъд аз ғуруби хуршед | Рафтан ба Муздалифа ва хондани намози ишо ва мағриб ба сурати қаср ва ҳангоми расидан ба ин макон ва байтута кардан дар ончо то нисфи шаб. Мустаҳаб аст, ки ин байтута то баъд аз субҳ ба тул анҷомад | | |
| Рӯзи даҳум ё рӯзи ид баъд аз субҳ ва қабл аз тулӯъи хуршед | Рафтан ба Мино ва задани ҷамраи ақаба, қурбонӣ кардан, кутоҳ кардан ё тарошидани мӯи сар, сипас анҷом додани тавофи ифоза. Бо анҷоми ду амал аз се амал таҳлили аввал сураат мегирад ва б анҷоми амали саввум таҳлилии дуввум сурат мегирад | | |
| Рӯзи ёздаҳум ва дувоздаҳум ва рӯзи сездаҳум барои мутааххир | Рамйи ҷамароти суғро сипас рамй вусто ва онгоҳ рамйи кубро пас аз завол | | |
| Хуруҷ аз Макка ва ҳангоми сафар ба диёри худ | Тавофи видоъ ин тавоф аз зиммаи зани ҳоиз ва нуфасо соқит мегардад | | |

# МУТАФАРРИҚОТ

✸ **Гуноҳон`** ва бадиҳо бо умуре чун тавбаи содиқа, истиғфор, корҳои некӯ анҷом додан, мубтало шудан ба балову масоиб, садақа додан ва дуо барои дигарон маҳв ва зоил мегардад. Аммо агар гуноҳе боқӣ бимонад ва дар дунё мавриди омӯрзиш қарор нагирад, гунаҳкор дар қабр ё рӯзи қиёмат ё дар ҷаҳаннами илоҳӣ муҷозот мешавад, то замоне, ки аз гуноҳ пок гардад. Сипас агар гуноҳкор муваҳҳид ва яктопараст буд , ба биҳишт роҳ пайдо мекунад ва агар кофир, мунофиқ ё мушрик буд, барои ҳамеша дар ҷаҳаннам боқӣ мемонад.

**Осори гуноҳ ва маъсият бар инсон:**

**1.**Эҷоди ваҳшат ва зулмат дар қалб менамояд. **2.**Қалбро мариз ва хор мегардонад. **3.**Миёни дил ва Худованд ҳоил (монеа) мешавад. **Осори он бар дин.** Бар дин низ чунон осоре мегузорад ва боиси маҳрум шудани инсонҳо аз тоъати худовандӣ ва ҳамчунин таври маҳрум шудани инсон аз машмул шудан дар дуои Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) ва фариштагон ва мӯъминон мегардад.

**Осори он бар ризқи инсон.** Боиси маҳрум мондан аз ризқ ва ҳамчунин муҷиби зоил шудани неъмати худовандӣ ва аз байн рафтани баракат дар мол мешавад.

**Осори он бар фард: 1.**Баракати умрро зоил мекунад. **2.**Маишат ва зиндагии сахт ва душвор (бо камбудии ризқ …) оиди ӯ мегардад. **3.**Корҳо бар вай мушкил мегардад.

Осори он бар аъмол. Боиси адами қабули ибодот ва тоъот мегардад.

**Осори он бар ҷомеа: 1.**Боиси аз байн рафтани амният мешавад. **2.**Муҷиби гаронӣ мешавад. **3.**Боиси мусаллат шудани ҳукком (ноодилон) ва душманон мегардад. **4.**Муҷиб мешавад борони раҳмати илоҳӣ қатъ гардад ва…

✸Оромиши дил, шодмонӣ ва аз байн рафтани ғаму андӯҳро ҳамагон орзуманданд ва бетардид бо ҳусули ин маворид аст, ки зиндагии некӯ ва солим муҳаққақ мегардад. Барои ҳусули ин оромиш ва сурур асбоби динӣ, табиӣ ва амалӣ вуҷуд дорад, ки албатта, ҷуз барои шахси мӯъмин ва муваҳҳид мақдур нест. Аз он ҷумла, метавон ба мавориди зайл ишора кард: **1.**Имон ба Худо. **2.**Анҷоми авомири илоҳӣ ва иҷтиноб аз он чи моро наҳӣ фармудаст. **3.**Некӣ кардан бо халқи Худо

(шомили инсон ва …) дар гуфтору кирдор ва анҷоми анвоъи маъруфот (некиҳо). **4.**Иштиғол ба корҳо ё донишҳои судманди динӣ ё дунявӣ. **5.**Адами тафаккур ба корҳое, ки дар оянда анҷом хоҳад гирифт ё корҳое, ки дар гузашта анҷом гирифтааст, балки машғул шудан ба тафкир дар мавриди ҳолу корҳои рӯзона. **6.**Зиёд зикр кардани Худованд (ва машғул шудан ба гуфтани асмоъ ва сифоти ӯ). **7.**Сухан гуфтан ва бозгӯ кардани неъматҳои зоҳирӣ ва ботинии илоҳӣ. **8.**Нигаристан ба касе, ки аз лиҳози дунявӣ дар сатҳи пойинтарин аз мо қарор дорад ва адами нигаристан ба он ки дар умури дунявӣ бар мо сабқат ҷустааст. **9.**Аз байн бурдани он чи барои инсон ғаму андӯҳ меофаринад ва ҳусули асбобе, ки шодию сурурро барои мо ба армуғон меоварад. 10.Илтиҷо ва паноҳ бурдан ба Худо бадон чи Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) бо он барои дурии ғаму андӯҳ истионат меҷуст. Монанди ин фармудаи Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам), ки мефармояд: Ҳар он касеро, ки ғам ё андӯҳе бар вай ворид шавад ва ӯ бигӯяд: " *Бор Худоё, ман бандаи Ту ва фарзанди (зану марде ҳастам, ки) он ду низ бандаи Ту ҳастанд. Мӯи пешониям (сарнавиштам ва …) дар дасти туст ва ҳар он чи ҳукмфармоӣ дар ман нофиз ва ҳар он чи дар мавриди ман қазоват кунӣ, ҷуз адл нахоҳад буд. Тӯро бо тамоми асмое, ки худ хештанро бад он исм номидаӣ ва ҳам он исме, ки онро ба махлуқе аз махлуқоти худ омухтаӣ ё онро дар китоби хеш нозил намудаӣ ва ё исме, ки дар илми ғайбе, ки танҳо Ту бадон воқифӣ барои хеш баргузидаӣ аз Ту мехоҳам, ки Қуръонро баҳори қалб ва нури сина ва ҷилои андӯҳам қарор диҳӣ ва бо он ҳамму ғамамро зоил фармоӣ*". Худованд тамоми ҳузну андуҳи ӯро аз байн мебарад ва дар иваз хурсандиву шодиро бар вай арзонӣ медорад.

**Иброҳими Хаввос (раҳ) мефармояд, ки давои қалб панҷ чиз аст, ки иборатанд аз:**

**1.**Тиловати Қуръон бо тадаббур дар мафҳуму маонии он. **2.**Холӣ нигоҳ доштани шикам (кам хӯрдан). **3.**Шабзиндадорӣ барои ибодат. **4.**Тазарруъу зорӣ ҳангоми саҳар дар боргоҳи Худовандӣ. **5.**Ҳамнишинӣ бо солеҳон ва некӯкорон.

✸ Чунончи қории Қуръон аз ҳифз ба тиловати Қуръон бипардозад ба хотири тадаббур ва тафаккур (барои дуруст

хондан) ва бедории дил ва биноӣ барои хондани Қуръон аз савоби бештаре нисбат ба касе, ки аз рӯи мусҳаф талош мекунад, бархӯрдор мешавад. Аммо чунончи мавориди фавқ (тадаббур, тафаккур ва...) дар тиловаткунандае, ки аз ҳифз Қуръон мехонд бо талошкунандае, ки аз рӯи мусҳаф ба қироати Қуръон мепардозад, баробар бошад, мавриди дувум (тиловаткунанда аз рӯи мусҳаф) аз аҷру фазилати бештаре бархӯрдор мегардад.

**Издивоҷ** кардан барои касе, ки майли ҷинсӣ ва шаҳват дорад, вале хавфи зино аз вай намеравад суннат аст, барои касе, ки майли ҷинсӣ ва шаҳват надорад мубоҳ ва барои касе хавфи зино бар вай меравад, воҷиб ва ҳатто аз рафтани ҳаҷ барои ӯ муқаддамтар аст. Нигоҳ кардан ба зани номаҳрам ва ҳамчунин нигаристан ба зани мусинн (солрафта) ва писарбача бо назари шаҳват ва ҳатто нигоҳ кардан ва хилват гузидан бо ҳайвон бо диди шаҳвонӣ аз муҳаррамот мебошад.

Падару модар ҳақ надорад фарзанди писарашонро маҷбур кунанд, то бо касе, ки ӯ худ намехоҳад издивоҷ кунад. Дар чунин мавридҳо итоъати фарзанд аз падару модар воҷиб нест ва агар дар ин маврид нофармонии падару модарро бикунад, нофармон нахоҳад шуд.

**Барои таҳаққуқи издивоҷи саҳеҳ миёни як зану мард панҷ шарт лозим аст, ки иборатанд аз: 1.Таъйини завҷайн.** Бинобар ин ҷоиз нахоҳад буд, ки валӣ, дар ҳоле ки чанд духтар дорад, бигуяд яке аз духтаронамро ба ҳамсарии ту додам. **2.Ризояти завҷ** (мард)и мукаллаф ва болиғ ва ҳамчунин ризояти завҷа (зан)и озода ва оқил. **3.Валӣ.** Зан ба танҳоӣ наметавонад худро ба ҳамсарии касе дароварда ва то замоне ҳам, ки валии духтар мавҷуд аст, касе дигар наметавонад он духтарро ба издивоҷи касе дароварад. Албатта, агар валӣ аз издивоҷи духтараш бо шахсе, ки куфв (муносиб) ва шоистаи духтари ӯст, мамониъат кунад, қоидаи фавқ тағйир меёбад... **4.Шаҳодат.** Барои сиҳатии издивоҷ ва ақд бояд ду марди болиғ, оқил ва одил ё як марду ду зан гувоҳӣ диҳанд. **5.Набояд** миёни завҷайн (зан ва мард) авомиле, ки боиси мамнӯъияти издивоҷ мешавад

шомили пайванди разоъият ва ширхорагӣ миёни зан ва мард ё қаробати насабӣ ва монанди он вуҷуд дошта бошад.

**Шоистатарин ва мустаҳиқтарин афрод барои тазвиҷи духтар ба тартиб иборатанд аз: 1.**Авлавияти бо падари духтар ва агар набуд бо падари падар (бобо) ва ҷади ҷад ва … аст. **2.**Агар аз авлавияти аввал касе мавҷуд набуд, авлавият бо фарзанди зан аст, агар фарзанд дошта бошад. Баъд аз ӯ авлавият бо писар ва писараш ва ҳамин тавр то аслҳои баъдӣ хоҳад буд. **3.**Сипас авлавият бо бародари танӣ аст. 4.Баъди авлавият бо бародари падарии ӯ (ки падарашон яке ва модарашон мутафовут аст) мебошад. 5.Баъд фарзанди бародар авлавият дорад ва …

**Муҳаррамоти никоҳ.** Заноне, ки издивоҷи онҳо бар як мард ҳаром мегардад, бар ду қисматанд: **А).** Гурӯҳе, ки барои ҳамеша никоҳашон бар вай ҳаром аст ва онҳо иборатанд аз: **1.** Маҳорими насабии вай шомили модар, ҷадда (биби) ва модари ҷадда то охир, духтар ва духтари фарзанд, духтари духтари фарзанд ва то охир, ҳоҳар ва духтари хоҳар ва духтари писари хоҳар ва духтари духтари хоҳар ва духтар духтари хоҳар ва духтари бародар ба таври куллӣ ва духтарҳои онҳо ва духтарҳои писарҳояшон ва духтарҳои духтаронашон то охир ва амма ва хола то охир. **2.**Маҳорими разоии вай, ки ҳукми ҳурмат дар он ҳатто дар нисбати мазоҳара (сабабӣ) низ чун маҳорими насабии вай аст (ва ҳар он чи дар насаб бар вай ҳаром қарор дода шуда дар разоят (хешовандӣ) низ ҳаром мебошад). **3.** Маҳорими сабабии вай, ки иборатанд аз модари зан ва ҷаддаҳои вай ва духтарони зан ва духтарони духтарони зан то охир ва заноне, ки бо падарбузург ва падарони ӯ нисбат доранд.

**Б).** Гурӯҳе, ки то замони мушаххас бар вай ҳаром мебошанд ва онҳо бар ду қисматанд: **1.** Заноне, ки ба хотири адами ҷамъ бар вай ҳаром гаштаанд, мисли хоҳари зан (ки ҷамъи ду хоҳар дар шариъат мамнӯъ қарор дода шуда аст). **2.**Заноне, ки монеаъе барои издивоҷ бо онҳо вуҷуд дорад, мисли зане, ки шавҳар дорад (ва то шавҳараш аз вай ҷудо нагашта издивоҷаш бо дигаре мамнӯъ қарор дода шуда аст).

**Фоида`** Барои падар ҷойз нест ки фарзандашро иҷбори

зане бидиҳад ки аз у хушаш наояд ва барои фарзанд воҷиб нест ки дар ин сурат падарашро итоат кунад ва бо ин кораш оқи падар нахоҳад шуд

**✸Талоқ.** Талоқ додани зан дар ҳангоме, ки зан ҳайз ва нифос аст ё дар тухре, ки мард бо вай муҷомеъат намуда аст, ҳаром аст, аммо талоқ воқеъ мегардад. Талоқ додан бидуни зарурат макрӯҳ ва дар сурати зарурат мубоҳ мебошад, аммо агар касе аз никоҳ мутазарар мегардад (ва аз он ранҷ мебарад) талоқ барои вай суннат мебошад. Итоат аз падару модар барои талоқ додани зан воҷиб намебошад. Агар касе қасди талоқ додани занашро намуд, бар вай ҳаром аст, ки вайро беш аз як талоқ диҳад. Ҳамчунин воҷиб аст талоқ дар тухр (покӣ) анҷом гирад, ки дар он тухр (покӣ) мард бо занаш ҳамбистар нашуда бошад. Вақте марде мехоҳад занашро талоқ диҳад, бояд вайро як талоқ диҳад ва ӯро вогузор кунад то иддаашро гузаронад. Бадеҳист, агар зане талоқи раҷъӣ дода шавад, бар ӯ ҳаром аст, ки аз хонааш хориҷ гардад ё ин ки шавҳараш қабл аз тамом шудани иддааш вайро хориҷ гардонад. Лозим ба зикр аст, ки талоқ танҳо бо нутқ ва алфоз сурат мегирад, ният барои вуқӯъи талоқ кофӣ нест.

**✸ Қасам.** Барои вуҷуби каффора дар қасам чаҳор шарт лозим аст, ки иборатанд аз: **1.** Қасди инқоди (ҷидди) қасам доштан: бинобар ин қасами лағв, мисли ин ки бо забон савганд ёд кунад ва дар дил қасди қасам надошта бошад, каффора нахоҳад дошт. Масалан, дар хилоли суханаш мегӯяд "Оре ба Худо", "На ба Худо". **2.** Қасам ба чизе, ки дар оянда таҳаққуқ хоҳад ёфт ва имкони он вуҷуд дорад, сурат гирад, бинобар ин агар касе аз рӯи нодонӣ бар амре дар гузашта қасам ёд кунад ё ба гумони ин ки фалон чиз, он гуна ки ӯ фикр мекунад аст ва бадон савганд ёд кунад ё дониста ба дурӯғ савганд хӯрад (ва ин ҳамон савганди ғамуса аст, ки аз гуноҳони кабира аст) ё бар амри оянда, ки он гуна ки ӯ мепиндорад аст, савганд ёд кунад ва баъдан хилофи он собит шавад, дар тамоми ин маворид каффора лозим намешавад.

**3.** Ин ки қасамхӯранда аз рӯи ихтиёр ва на аз рӯи иҷбор савганд ёд кунад.

**4.** Ин ки дар он чи қасам ёд карда, ҳонас (қасамгир) шавад.

Масалан, агар қасам хӯрда, фалон корро анҷом медиҳам, анҷом надиҳад ва агар савганд хӯрда фалон корро анҷом нахоҳам дод, вале анҷом диҳад.

**Агар касе савганд ёд кард ва дар савгандаш чизеро истисно кард ба ду шарт бар вай каффора воҷиб намегардад:**

**1.** Ин ки он чи мустасно шуда, мутасил ба савганд истисно шуда бошад. **2.** Ин ки қасамхӯранда қасди таъаллиқи қасам ба истисноро дошта бошад. Мисли ин ки бигӯяд савганд ёд мекунам агар Худо бихоҳад (ё валлоҳ иншоаллаҳ). Агар касе ба анҷоми коре савганд ёд кунад, вале баъдан пай бибарад, ки маслиҳат иқтизо мекунад хилофи онро анҷом диҳад, суннат аст, ки каффораи савгандашро бидиҳад ва он чиро маслиҳат ва некӯст анҷом диҳад.

**Каффораи қасам.** Каффораи қасам иборат аст аз таъом додан ба даҳ мискин ба наҳве, ки барои ҳар як мискин нисфи соъ (яку ним кило) ғизо ихтисос диҳад ё даҳ мискинро либос диҳад (ва бипӯшонад) ё бандаеро озод намояд. Агар касе иститоъати анҷоми ҳеҷ як аз мавориди фавқро надошт бояд, ки се рӯз мутаволӣ (паиҳам) рӯза бигирад. Бадиҳист, ки агар касе иститоъати ғизо додан ё либос пӯшонидани мискинро дошта бошад, бо рӯза гирифтан каффора аз зимааш соқит нахоҳад гардид. Пардохт ва ба анҷом расонидани каффора қабл ва баъд аз ҳонас шудан ҷоиз аст. Агар касе беш аз як бор бар як амр савганд ёд кунад, додани як каффора тамоми савгандҳояшро кифоят мекунад, вале агар бар умури мутаъаддид савганд ёд карда бошад, барои ҳар як савганд бояд як каффора бидиҳад.

✷ **Назр.** Анвоъи назр иборатанд аз: **1. Назри мутлақ.** Мисли ин ки бигӯяд агар аз ин мараз шифо ёбам, назре дар роҳи Худо бар зиммаам бошад. Вале ин ки чи чизеро назр карда муайян накунад. Дар ин сурат агар шифо ёфт, бояд ӯ ба миқдори каффораи қасам (барои адои назри худ) пардохт кунад. **2. Назри ғазаб ва лаҷоҷат.** Он ин аст, ки назрро ба қасди анҷом ё адами анҷоми коре ба шарте муаллақ гардонад, мисли ин ки бигӯяд: Агар бо ту сухан гуфтам, як сол рӯза гирифтан бар зиммаам бошад. Ҳукми чунин назр он аст, ки агар сухан гуфт ё он чиро худ бар

зиммаи худ қарор дод (рӯзаи як сол) анҷом диҳад ё як каффораи қасам (ки миқдори онро дар мабоҳиси қаблӣ муайян намудем) бипардозад. **3.Назри мубоҳ.** Мисли ин ки шахсе бигӯяд: Бо Худо аҳд мебандам (ва назр мекунам), ки либосамро бипӯшам. Ҳукми чунин назр ин аст, ки ё шахс либосро бипӯшад ё каффораи як қасамро бипардозад. **4.Назри макрӯҳ.** Мисли ин ки бигӯяд: Бо Худои хеш назр мекунам, ки занамро талоқ медиҳам. Ҳукми ин гуна назр он аст, ки суннат аст назркунанда як каффораи қасам бипардозад ва аз анҷоми он чи ки худ назр карда иҷтиноб кунад (талоқ надиҳад). Аммо агар талоқ дод, дигар каффорае бар зиммаи ӯ нест. **5. Назр барои анҷоми гуноҳ.** Мисли ин ки бигӯяд: Бо Худои хеш назр мекунам ва (аҳд мекунам), ки дуздӣ кунам. Ҳукми чунин назр ин аст, ки ба феълият расондани ин назр ҳаром аст ва агар назркунанда он чиро назр карда буд,ба анҷом расонад, гунаҳкор шуда, каффорае бар зиммааш нахоҳад буд, вале агар онро анҷом надод, як кафораи қасам бар зиммааш хоҳад буд. **6. Назр барои тоату ибодати Худованд.** Мисли ин ки ҷиҳати тақарруб ба Худованд бигӯяд: Бо Худои хеш назр мекунам (ва аҳд  мекунам) намоз бихонам. Агар назркунанда ин назрро муаллақ ба шарте кунад, мисли ин ки бигӯяд: агар шифо ёбам чунин кунам, дар ин сурат бо ҳусули шарт (шифо ва …) вафо ба назр бар вай воҷиб мегардад, вале агар назрашро мутлақ гуфта бошад ва онро вобаста ба шарте накарда бошад, вафо ба назр бар вай воҷиб мегардад.

✸ **Разоият:** Ҳар он чи дар насаб ҳаром мегардад, дар разоят (ширхӯрӣ) низ ҳаром мегардад (яъне ҳамон аҳкоме, ки бар шир хӯрдан аз модари насабӣ мутараттиб аст, бар шир хӯрдан аз модари разоӣ низ мутараттиб аст). Албатта, барои таҳаққуқи разоият се шарт лозим аст, ки онҳо иборатанд аз: **1.**Ин ки шири мавҷуд ва мавриди истифода бар асари валодат ҳосил шуда бошад, на ғайр аз валодат. **2.** Разоят ва шир хӯрдани тифл дар ду соли аввали умраш таҳаққуқ ёфта бошад. **3.** Ин ки теъдоди шир хӯрдани тифл ба таври яқин чанд мартаба ё беш аз он сурат гирифта бошад. Шир хӯрдан ба ин маънӣ аст, ки тифл пистон дар даҳон бигирад ва пас аз

чанде онро раҳо кунад. Бадиҳист, ки мӯрод аз шир хӯрдан сер шудан ва пур шудани шиками тифл аз шир нахоҳад буд, балки мӯрод сирф макидани миқдоре шир дар ҳар мартаба аст. Бо разоят нафақа ва ирс (мерос) собит намешавад.

✷ **Васият** кардан барои касе, ки бар зиммааш ҳаққе аст ва шоҳиде барои он вуҷуд надорад, воҷиб аст ва бояд васият кунад, то аз наздиконаш касе ҳаққи соҳиби ҳақро ба вай бипардозад. Агар касе дорои моли фаровон бошад, мустаҳаб аст, ки васият кунад аз панҷ як ҳиссаи моли вайро миёни бастагони фақири ӯ, ки аз ӯ ирс (мерос) намебаранд, тақсим намоянд. Агар чунин бастагоне надошт мустаҳаб аст ин миқдорро миёни масокин, уламо ва солеҳон тақсим кунанд. Агар шахси фақире дорои вараса бошад макрӯҳ аст, ки васият кунад молаш ба ғайри варасаи ӯ таъаллуқ гирад. Албатта, агар варасаи ӯ дорои қудрати молӣ шуда бошанд ва бениёз аз моли вай шуда бошанд, дар он сурат васият барои фақир мубоҳ хоҳад буд. Васият кардани беш аз сеяки мол барои шахси аҷнабӣ ҳаром аст ва ҳамчунин васият кардани миқдоре аз мол барои ворис ҳар чанд миқдори он кам бошад ҳам ҳаром аст, магар ин ки вараса баъд аз вафоти васияткунанда иҷоза диҳанд. Агар шахси васияткунанда (муссӣ) бигӯяд аз васият руҷӯъ кардам ё онро ботил кардам, ё онро тағйир додам ва … дар тамоми ин мавporид васият ботил мегардад. Мустаҳаб аст, ки шахси васияткунанда дар муқаддимаи васияти худ ингуна бинависад: *"Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон. Ин васиятномаи фалонӣ аст ва ӯ гувоҳӣ медиҳад, ки ҷуз Худои ягона Худое ба ҳақ вуҷуд надорад ва шарику ҳамтое барои Ӯ нест ва Муҳаммад* (саллаллоху алайҳи ва саллам) *банда ва фиристодаи Ӯст. Ҳамоно биҳишт ҳақ аст ва ба дурустӣ қиёмат омаданӣ аст ва дар вуқӯъи он тардиде нест. Худованд дар он рӯз аҳли қубурро бармеангезад. Аҳлу аёламро суфориш мекунам, ки тақвои илоҳӣ пеша кунанд ва равобити хешро бо ҳамдигар некӯ нигоҳ доранд (ва ислоҳи зоталбайн намоянд) ва ҳамвора то аз неъмати имон бархурдоранд мутеъи фармонҳои Худо ва расули Ӯ бошанд. Ононро ба он чиз суфориш мекунам, ки Иброҳим ва Яъқуб (алайҳимуссалом) фарзандонашонро ба он суфориш карданд. Он ду васият карданд: "Эй фарзандони ман Худованд динро барои шумо интихоб ва*

*баргузида аст, (талош кунед) ҷуз ба дин ва дар ҳоле, ки таслими фармонҳои динӣ ҳастед аз дунё наравед".*

✸ Мустаҳаб аст, ки ҳангоми дуруд фиристодан бар Расулаллоҳ(саллаллоҳу алайҳи ва саллам) байни салавот (дуруд) ва салом ҷамъ кунад ва ба яке аз ин ду иктифо накунад. Масалан, нагӯяд алайҳиссалом ё алайҳиссалот, балки бигӯяд алайҳиссалоту вассалом. Ибтидо кардан ба дуруд (салавот) барои ғайри анбиё макрӯҳи танзиҳӣ аст, яъне масалан набояд бигӯяд Абӯбакр салавотуллоҳи алайҳ ва ..., аммо агар ин бузургонро дар зумра ва гурӯҳи анбиё ба сурати ҷамъ ёд кунем,. дуруд фиристодан бар онон ҷоиз аст. Мисли ин ки бигӯяд: *Аллоҳумма салли ало Муҳаммад ва ало Оли Муҳаммад ва асҳобиҳи ва азвоҷиҳи ва зурриётиҳи,* яъне бор Худоё бар Муҳаммад ва Оли Муҳаммад ва ёрон ва ҳамсарон ва наслу фарзандони вай дуруд фирист. Дар ин гуна дуруд фиристодан ғайри анбиё тобеъ ва зер маҷмӯъи онҳо қарор мегиранд.

Мустаҳаб аст бо зикри номи асҳоб, тобеъин ва сипас уламо ва обидон ва дигар бузургони дин бар онҳо раҳмат бифиристем ва ризоияти Худовандро матолиба кунем. Масалан, бо зикри номи бузургоне чун Абӯҳанифа ва Молик ва Шофеъӣ ва Аҳмад бигӯем разияллоҳу анҳум ё раҳимаҳумуллоҳ.

Агар касе мехоҳад мусибат ё андӯҳе, ки ӯро оид шудааст, кам гардад, бояд ки дар зеҳни хеш андӯҳ ва мусибати бузургтар аз онро тасаввур кунад ва ба ин биёндешад, ки дар қаболи он аз подоши бузург бархурдор хоҳад шуд.

✸ **Забҳи (куштани)** ҳар ҳайвоне, ки дар хушкӣ зиндагӣ мекунад ва гӯшташ мубоҳ ва дастрасӣ ба он мумкин аст, ҷоиз аст. Барои забҳи ҳайвон чаҳор шарт лозим аст, ки иборатанд аз: **1.** Шахси забҳкунанда оқил бошад. **2.**Василаи забҳ чизе ғайр аз нохун ва устухон бошад, зеро забҳ бо ин ду ҷоиз нест. **3.**Буридан ва қатъ кардани ҳалқум ва балъум (маҷрои хӯрок дар ҳалқ) ва ҳамчунин қатъ кардани ҳар ду ё яке аз ду раге, ки дар зери гардан вуҷуд дорад. **4.** Бисмиллоҳ гуфтан ҳангоми ҳаркати даст барои забҳ ва буридани гардани гӯсфанд, албатта, агар ба забони ғайри арабӣ низ ҳангоми забҳ Худоро ёд кунад, ҷоиз аст. Суннат аст, ки бо бисмиллоҳ гуфтан такбир (Аллоҳу Акбар) бигӯяд, яъне ин гуна бигӯяд:

Бисмиллоҳи Аллоҳу Акбар, Бисмиллоҳи Аллоҳу Акбар … Лозим ба зикр аст агар забҳкунанда аз рӯи фаромӯшӣ зикри мазкурро фаромӯш кунад, он зикр соқит мегардад (ва ишколе дар он мутараттиб нест), вале агар аз рӯи нодонӣ ин зикрро тарк кунад, анҷоми он соқит намегардад.

**Сайд ё шикор** иборат аст аз ба дом андохтан ва гирифтани ҳайвони ҳалолгӯшт, ки зотан ваҳшӣ аст ва дар дастрасӣ ва тасарруфи ҳамешагии инсон қарор надорад (аҳлӣ нест). Шикор кардани чунин ҳайвоне мубоҳ аст ва албатта, агар касе ба қасди тафреҳ ва лаҳву лаъаб (бозӣ) ба шикор бипардозад, ин кор макрӯҳ мебошад. Ҳамчунин агар бо дунбола кардани сайд боиси озор расонидани мардум дар мазореъ ва амокини маскунии онҳо гардад, ин гуна шикор кардан ҳаром хоҳад буд.

**✸ Шароити чаҳоргона барои ҷавози сайд иборатанд аз:**

**1.**Шикоркунада шахсе бошад, ки забҳ кардан барои вай ҷоиз бошад (ва салоҳияти забҳро дошта бошад). **2.**Василае, ки ба он сайд мекунад аз ҷумлаи абзор ва василае бошад, ки боиси ҳалол шудани гӯшти мазбуҳа гардад, яъне аз чизи тез чун найза ва тир ва монанди он истифода кунад ва агар қасди шикор кардан бо ҳайвони шикорӣ чун шоҳин ва сагро дорад, аз ҳайвоне, ки барои ин кор таълим дида аст, истифода намояд. **3.**Қасди шикор дошта бошад ва ин ба он маънӣ аст, ки василаеро ба қасди шикор кардан ба тарафи ҳайвон партоб кунад. Бадеҳист, ки шахсе бидуни иродаи шикор ҳайвонеро шикор кунад (ба наҳве, ки масалан тасодуфӣ ҳайвонеро аз пой дароварад), гӯшти ҳайвони шикоршуда ҳалол нахоҳад буд. Зеро нияти шикор надошт. **4.**Ҳангоми ирсоли василаи шикор (найза, тир ва …) бисмиллоҳ бигӯяд. Лозим ба зикр аст, ки агар дар ин маврид бисмиллоҳ фаромӯш шавад дигар гӯшти ҳайвони шикоршуда ҳаром хоҳад буд ва ҳарчанд амдан онро тарк накарда, боз аз зиммаи ӯ соқит намегардад.

**✸Таъом** иборат аст аз он чи хӯрда ва пӯшида мешавад. Асл бар таъом ҳалол будан аст. Ҳар гуна таъом бо доро будани се шарт ҳалол мебошад, ки онҳо иборатанд аз:

**1.**Таъом пок бошад. **2.**Таъом музир ва зиёнбахш набошад.

**3.**Наҷас ва олуда набошад.
Бинобар ин ҳар таъоме чун хун ва мурдор наҷас бошад ва ҳар он чи чун заҳр зиёнбор бошад ва ҳамчунин ҳар чизе, ки чун идрори (пешоби) ҳайвон ва шапуш касиф бошад, хӯрдан ва истифода аз он ҳаром хоҳад буд. Дар миёни ҳайвоноте, ки дар хушкӣ зиндагӣ мекунанд, илоғи аҳл ва ҳар ҳайвоне, ки чун шер, бабр, гург, паланг, саг, маймун, гурба (ҳарчанд аҳл бошанд), рӯбоҳ ва санҷоб, ки бо дандонҳои (неш дар пеши даҳони худ) шикор мекунанд ва сайдашонро медаронанд, ҷуз кафтор ҳаромгӯшт мебошанд. Дар миёни парандагон низ ҳар он парандае, ки чун уқоб, шоҳин, боша, каргас, ҷағд ва монанди онҳо, ки бо чанголи худ шикор мекунанд, ҳаромгӯшт мебошанд. Ҳамчунин парандагоне, ки ҳамчун каргас, лошахӯр ва лаклак мурдорхӯранд ва ҳар он чиро, ки ҳар чанд дар муҳити маскунӣ зиндагӣ мекунанд араб палид баршуморида, чун хафош, муш, занбӯри маъмулӣ, занбӯри асал, шонабасар, чӯҷаи теғо, хорпушт, мор. Дар миёни ҳашарот низ амсоли кирмҳо ва сусакҳо ва ҳамчунин муши саҳроӣ ва вазағҳо ва ҳар он чи ки шариъати муқаддас ба куштани он амр намуда, чун ақраб ва он чиро, ки аз куштани он наҳй намуда, мисли мурча ва ҳар ҳайвоне, ки аз омезиши як ҳайвони ҳалолгӯшт бо як ҳайвони ҳаромгӯшт ба вуҷуд омада бошад, мисли баччаи гург аз кафтор ҳама ва ҳама дар зумраи таъоми ҳаром ба ҳисоб меоянд (ва хӯрдани онҳо ҳаром мебошад).
Лозим ба зикр аст, ки агар ҳайвоне бар асари омезиши ду ҳайвон аз ду гунаи мутафовут ба вуҷуд ояд, ки хӯрдани гӯшти ҳар дуи онҳо мубоҳ бошад, мисли қотрӣ, ки аз омезиши асп бо илоғи ваҳшӣ ба вуҷуд меояд, гӯшташ ҳаром нахоҳад буд. Ҳайвоноте, ки барои араб ношинохтаанд ва дар шариат низ зикре аз онҳо ба миён наёмада аст, онро бояд бо ҳайвоноте, ки моҳияти онҳо (ба лиҳози ҳалолгӯшт будан ё ҳаромгӯшт будан) барои мо маълум аст, муқоиса кунем. Агар ба ҳайвони ҳаромгӯшт шабеҳ бошад, пас ҳаромгӯшт хоҳад буд ва агар ба ҳалолгӯшт шабоҳат дошта бошад, ҳалол хоҳад буд. Аммо агар ҳайвони мавриди назар шабоҳат бо ҳайвони ҳаромгӯшт ва дар айни ҳол бо ҳайвоне, ки ҳукми

мубоҳ ба гӯшти он дода шуда аст, дошта бошад, ҳукми ҳурмат дар ин маврид ғолиб хоҳад буд. Гӯшти ғайр аз ҳайвоноти зикршуда, ки шомили чаҳорпоён, асп ва бақияи ҳайвоноти ваҳшӣ мисли заррофа, харгӯш, ярбуъ (ки навъе ҳайвони шабеҳи муш, ки дасту пои кӯчак ва думи баланд дорад), харгӯши румӣ, гови ваҳшӣ, сусмор ва оҳу мубоҳ мебошанд. Дар миёни паррандагон низ он чи зикр накардем, мисли штурмурғ, мурғи товус, тӯтӣ, кабӯтар (анвоъи мухталифи он), гунҷишкҳо, мурғобӣ ва ғоз ва паррандагони обӣ ба таври куллӣ низ дар зумраи паррандагони мубоҳ қарор доранд. Тамоми ҳайвоноте, ки дар об зиндагӣ мекунанд, ба ҷуз қурбоқа, мори обӣ ва тимсоҳ ҳалоланд. Гиёҳ ва меваҳое, ки бо оби наҷас обёрӣ шудаанд ё чизе наҷас дар пояи онҳо рехта шудааст, хӯрдани самараи онҳо ҷоиз аст, магар ин ки дар самар бӯ ё таъми наҷосат ёфт шавад, ки дар он сурат ҳаром хоҳад буд. Хӯрдани зағоли чӯб, хок, гил ва ҳамчунин пиёз, сир ва тарраи фарангӣ ба сурати хом макрӯҳ аст, аммо агар касе маҷбур шуд ва метарсид, ки аз гуруснагӣ талаф шавад, воҷиб аст, ки ба миқдори лозим аз мавориди мазкур бихӯрад (то аз марг раҳоӣ ёбад).

✸ **Табрик** гуфтани идҳои куффор ва ширкат дар маҷолиси иди онҳо ва ҳамчунин оғоз кардан ба салом ва аввал салом кардан бар онҳо ҳаром аст. Аммо агар кофире бар мусулмоне салом кард, бояд, ки бо лафзи «алайкум» саломашро посух гӯяд. Ба по хестан барои бидъатгузор ва кофир низ ҳаром аст ва мусоҳафа кардан низ бо онон макрӯҳ мебошад. Лозим ба зикр аст ба аёдати куффор рафтан ва ё таъзият ва таслият гуфтан ба онон низ аз ҷумлаи муҳаррамот аст ва фақат дар сурате, ки маслиҳати шаръӣ иқтизо кунад, ин амр ҷоиз хоҳад гардид.

# ТАЪВИЗ (АЗОИМ) ВА НАВИШТАИ МАШРӮЪ

Касе, ки дар иртибот бо суннат ва қавонини Илоҳӣ ба андеша мепардозад, дар меёбад, ки мавриди озмоиш воқеъ шудан ё ибтилои яке аз суннатҳои муқаддари Худованд аст, зеро мефармояд: ﴿وَلَنَبْلُوَنَّكُم بِشَيْءٍ مِّنَ الْخَوْفِ وَالْجُوعِ وَنَقْصٍ مِّنَ الْأَمْوَالِ وَالْأَنفُسِ وَالثَّمَرَاتِ ۗ وَبَشِّرِ الصَّابِرِينَ﴾ "*Қатъан шуморо бо порае аз умур монанди тарс ва гуруснагӣ ва зиёни молӣ ва ҷонӣ ва камбудӣ мева (маводи ғизоӣ) мавриди озмоиш қарор медиҳем ва ба собирон мужда бидеҳ*". **(Ал БАқара: 155)**

Касоне, ки дар гумонанд инсонҳои солеҳ ва парҳезкор аз ибтило дур ва дар ҳифз мемонанд, дар иштибоҳанд, зеро мавриди озмоиш қарор гирифтан нишонаи имон аст, зеро аз Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) суол шуда, ки "Кадом инсонҳо бештар мавриди ибтило қарор мегиранд?" Ӯ посух дод: *"Паёмбарон ва пас аз эшон солеҳон ва пас аз онҳо касоне, ки бештар ба эшон наздиканд".*

Ҳар кас ба андозаи мизони диндориаш мавриди озмоиш қарор мегирад. Агар дар дини ӯ устуворӣ бошад, ба мизони озмоиши ӯ афзуда мегардад ва агар дар диндории ӯ заъф ва нармӣ бошад, аз он коста мешавад. Дар воқеъ, ибтило аломати муҳаббати Худованд дар мавриди бандаи худаш аст.

**Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) фармудаанд: "***Худованд ҳаргоҳ миллатеро дӯст бидорадб ононро мавриди ибтило қарор медиҳад***".**

Ҳамчунин бало ва ибтило нишонаи он аст, ки Худованд ба бандааш иродаи хайр дорад, зеро Расули Худо (саллаллоху алайҳи ва саллам) **фармудаанд: "***Агар Худованд нисбат ба бандааш иродаи хайр дошта бошад, зудтар ӯро дар дунё дучори муҷозот ва уқубат менамояд ва дар сурате, ки нисбат ба ӯ иродаи шарр дошта бошад, ӯро бо гуноҳонаш ба ҳоли худ мегузорад, то дар қиёмат ба тамом ва камол муҷозот кунад***"** **(Ат Тирмизи).**

Бало ва ибтило ҳарчанд андак ва кам бошанд, каффораи гуноҳонанд. Расули гиромии Ислом (саллаллоху алайҳи ва саллам) **мефармояд:** "*Ҳеҷ мусулмоне нест, ки ба хотири фуру рафтани хор ё бештар аз он дучори азият ва дард шавад, магар ин ки Худованд ҳамчун резиши барги дарахтон онҳоро каффораи гуноҳонаш мегардонад*" **(Муттафақун алайҳи).** Ин ба ин хотир аст, ки агар он инсон мусулмон, солеҳ бошад, бало ва ибтило

сабаби пок шудани гуноҳони гузашта ё баланд гардидани мартабааш мешавад ва дар сурате, ки гуноҳкор бошад, каффораи гуноҳонаш мешавад ва ӯро ба аҳамияти он ёдоварӣ менамояд. Ҳамон гуна, ки Худованд мефармояд: ﴿ظَهَرَ ٱلْفَسَادُ فِى ٱلْبَرِّ وَٱلْبَحْرِ بِمَا كَسَبَتْ أَيْدِى ٱلنَّاسِ لِيُذِيقَهُم بَعْضَ ٱلَّذِى عَمِلُوا۟ لَعَلَّهُمْ يَرْجِعُونَ﴾ ***"Фасод ва табоҳӣ дар хушкӣ ва дарё бар асари амалкарди (нописанд) мардум падид омада аст".***

**Бало ва ибтило ду гунаанд:** Яке озмоиш аз тариқи хайр аст, монанди афзоиши сарват ва сармоя. Дувум озмоиш ба василаи шарр ва бадӣ аст, монандӣ гуруснагӣ ва мушкилоти молӣ. Худованди мутаъол мефармояд: ﴿وَنَبْلُوكُم بِٱلشَّرِّ وَٱلْخَيْرِ فِتْنَةً﴾ ***"Мо шуморо ба василаи мубтало кардан ба хайр ва шарр меозмоем".***

Ҳамчунин гоҳе бало ва ибтило аз тариқи беморӣ ва марг аст, ки муҳимтарин омили онҳо чашмзанӣ ва ҷодугарӣ, ки бинои он аз ҳасадварзӣ аст, зеро аз Расулаллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) **ривоят шуда, ки : "*Баъд аз қазо ва қадари Худованд яке аз авомили марги уммати ман чашми бад аст*"** **(Таёлиси).**

**Ҷилавгирӣ (пешгирӣ).** Лозим аст бо васоили ҷилавгирӣ аз чашмзадагӣ ва ҷодугарӣ қабл аз воқеъ шудани онҳо ошно шавем ва онҳоро ба кор бигирем, зеро ҷилавгирӣ аз муолиҷа беҳтар аст. Ҷилавгирӣ аз онҳо ба васоили мухталифи бисёре аст, ки бархе аз онҳо иборатанд аз:

✸Қавияти нафс ба василаи тавҳид ва имон ба ин ҳақиқат, ки дахл ва тасарруф дар низоми ҳастӣ танҳо кори Худованд аст ва ҳамчунин иқдом ба умури нек ва писандида зарурат дорад.

✸ Ҳусни занн (ният) ба Худованд ва таваккал бар Ӯ ва ба хотири ҳар гуна чашми бад ва оризае гумон накунад, ки бемор мегардад, зеро таваҳум ва хаёл худ навъе беморӣ аст[1].

✸ Ҳар гоҳ касе ба ҳасодат ва чашмбад будан шӯҳрат дошт, аз боби парҳез аз асбоб ва васоил бояд аз ӯ парҳез намояд, на аз рӯи тарсу ҳарос.✸ Зикри Худованд ва қудрати Худованд

---

[1] Бештари пизишкон ва мутахассисон бар ин боваранд, ки бештар аз ду савуми амрози чашмӣ аз асбоби нафсӣ ва равонӣ ба гумони ин ки оно бемор ҳастанд, нишот мегирад, дар ҳоле ки аслан чунин беморӣ дар шахс вуҷуд надорад (мутарҷим).

дар мавриде, ки чизи шигифтангезеро мебинад, зарур аст. Зеро Расули Худо (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: “*Ва табрик монанди ин гуфта: Бораккаллоҳу лак, на ин ки бигӯяд: Табораккаллоҳу*”.

✸ Ҳар гоҳ яке аз шумо дар мавриди нафси худ ё дороии бародари диниаш чизеро дид, мошоаллоҳу гуфта, онро табрик гӯяд, зеро захми чашм ҳақиқат дорад, яъне бигӯяд: Худованд онро бароят муборак бигардонад.

✸Яке аз асбоби масуният аз чашми бад оғоз кардани рӯз бо ҳафт дона хурмо (аҷваҳ) аз нахлистонҳои Мадинату-н-набӣ аст.

✸ Рӯйоварӣ ба Худованд ва таваккал ва ҳусни занн ва паноҳ бурдан аз чашми бад ва ҷодугарӣ ва иқдом ба зикр ва паноҳ бурдани таъвиз дар ҳар бомдод ва шомгоҳ[1]. Он зикру дуоҳо ба хости Худованд таъсир доранд.

✸ Имон ба ин ки ҳар чи дар он омада, ҳақ асту ҳақиқат дорад ва бо иродаи Худованд муфид воқеъ мегардад.

✸ Онро ба забон биёварад ё ба он гӯш фаро бидиҳад ва дилро ба он биспорад, зеро онҳо дуо ҳастанд ва бинобар ривоёт дуои дили ғофил пазируфта намешавад.

**Замони зикр ва таъвиз (паноҳ ҷӯстан).** Зикр ва авроди субҳгоҳро баъд аз намози бомдод ва авроди баъд аз зӯҳрро баъд аз намози аср бояд хонд. Ҳар гоҳ мусулмоне онҳоро фаромӯш кард ё ба коре машғул буд, ҳар гоҳ ба ёд овард, онҳоро бигӯяд.

**Аломатҳои мубтало шудан ба чашми бад ва ғайра.** Миёни кори пизишкӣ ва таъвизи шаръӣ таъорузе вуҷуд надорад, зеро Қуръон барои беҳбудии бемориҳои чашмӣ шифо дорад ва ҳам барои бемориҳои рӯҳӣ ва маънавӣ, аммо ҳаргоҳ инсон аз бемориҳои чашмӣ солим бошад, авориз гоҳе ба василаи садо ва сардарди ғайри мутамарказ, зардии чеҳра, арақ ва идрори бисёр, камиштиҳоӣ, беҳолӣ ё таб ва ларза, тапиши қалб, дарду аламе, ки дар қисмати поёнии шонаҳо ва пушт нақлу интиқол меёбад. Андӯҳу ғам, хастагӣ ва кӯфтагии шабона, феъл ва кирдорҳои аз тарс ба вуҷудомада, бепарвоию ғофилии аз ҳад зиёд, афсурдагӣ, гӯшагирӣ, танбалӣ ва афсурдагии алоқа ба хобидан ва мушкилоту авориз дигар, ки аз назари пизишкӣ ғолибан

[1] Нигоҳ Азкор-ус-сабоҳ вал-масои, с. …

асбоби онҳо шинохташуда нест ва гоҳе бо таваҷҷӯҳ ба шиддату заъфи бемории он алоим вуҷуд дорад.

**Инсони мусулмон бояд аз имони устувор ва қалби қавӣ бархӯрдор бошад, ки** васвасаҳо ба он роҳ пайдо накунад ва танҳо бо эҳсоси яке аз авориз (нишонаҳо) худро бемор гумон набарад, зеро муолиҷаи бемории хаёлпардозӣ худ кори бисёр сахт ва печида аст, зеро гоҳе баъзе ашхос дар ҳоле, ки солиманд, яке аз он авориз дар онҳо вуҷуд дорад ва мумкин аст бемории эшон бемории чашмӣ бошад, гоҳе мумкин аворизе монанди афсурдагӣ ва андӯҳ, беҳолӣ нишонаҳои заъфи имон бошад. Дар ин лозим аст чигунагии иртиботи худро бо Худованд мавриди баррасӣ ва бозбинӣ қарор бидиҳад.

**Дар сурате, ки беморӣ аз чашми бад бошад бо хости Худованд аз ду роҳ метавон онро муолиҷа кард:**

1. Агар чашмзананда шинохта шавад, ба ӯ гуфта мешавад, ки ғусл кунад ва чашмзадашуда бо оби он ё бо миқдоре аз он об ғусл кунад. 2. Агар чашмзананда шинохташуда набуд, аз тариқи дуо ва ҳиҷомат бояд ба муолиҷаи он пардохт.

**Аммо агар беморӣ бар асари сеҳр ҳосил шуда бошад,** муолиҷаи он бо хости Худованд аз яке аз роҳҳои зер мумкин хоҳад буд:

**1.** Агар маҳали сеҳрро медонист ва онро ёфт, дар ҳоле ки ду сураи маъузатайн (Фалақ ва Нос)-ро мехонад, гиреҳҳои онро бикушояд ва сипас онро бисӯзонад. **2.** Аз тариқи таъвизи шаръӣ ва оёти Қуръон хос ду сураи маъузатайн ва Бақара ва дуоҳое, ки дар поён хоҳад омад, барои муолиҷаи он талош намояд.

**3. Нашраҳ (ботил кардани сеҳр), ки ду навъ аст:**

**а)** Навъе аз он ки ботил гардонидани сеҳр ба василаи сеҳр ва мӯроҷеъа ба соҳирон барои боз ва ботил намудани он аст, ки ҳаром мебошад.

**б)** Навъи дигар раво мебошад, монанди таҳияи ҳафт адад барг аз дарахти сидр (кӯкнор) ва хурд кардани он дар миёни ду санг ва сипас хондани сураҳои “Алкофирун”, “Алихлос”, “Алфалақ”, ванқ“Нос” се бор ва сипас қарор додани он дар об ва баъд аз он нӯшидан ва ғусл кардан ба василаи он ва ин кор чанд бор то шифо пайдо кардан ба хости Худованд пайдо намояд (Абдурраззоқ дар китоби «Мусанниф»).

**4.** Хориҷ гардонидани сеҳр аз роҳи хӯрдани маводи исҳоловар, агар сеҳр дар шикам қарор дошта бошад ва агар дар қисматҳои дигар бошад аз тариқи ҳиҷомат[1] (навъи хун гирифтан) барои муолиҷаи он иқдом шавад.

**Шартҳои таъвиз (дуои шаръӣ) иборатанд аз:**

**1.** Ба василаи номҳо ва сифатҳои Худованд бошад.

**2.** Ба василаи забони арабӣ ё забони фаҳмо анҷом шавад.

**3.** Ин эътиқод, ки таъвиз дар зоти худ таъсирбахш нест ва шифои ин беморӣ бо хост ва иродаи Худованд аст.

**Шартҳои таъвизкунанда:**

**1.** Мустаҳаб аст, ки таъвизкунанда мусалмони солеҳу парҳезкор бошад, зеро ба ҳар мизоне, ки парҳезкор бошад, таъсири кори ӯ бештар хоҳад буд.

**2.** Ба ҳангоми иқдом ба таъвиз содиқона ба сӯйи Худованд рӯй биоварад, ба гунае ки қалб ва забони ӯ як шаванд. Аммо беҳтар он аст, ки ҳар кас барои худ иқдом ба таъвиз намояд, зеро дигарон ғолибан қалбашон ба чизи дигар машғул аст ва ҳеҷ кас ба андозаи худи ӯ мушкил ва ниёзмандии ӯро эҳсос намекунад ва Худованд худ иҷобати дуои ниёзмандонро ваъда дода аст.

**Шартҳои таъвизшаванда:**

**1.** Мустаҳаб аст, ки муъмин ва солеҳ бошад ва мизони таъсири он ва қуввату заъфи имон ва парҳезкорӣ дар иртибот аст. Худованди мутаъол мефармояд: “Ва аз Қуръон, он чи шифо ва раҳмат аст, барои муъминон нозил мекунем ва ситамгаронро ҷуз хусрон (ва зиён) намеафзояд”. **2.**Рӯй овардани содиқона ба пешгоҳи Худованд ва талаби шифо аз ҷониби Ӯ. **3.** Дар ба таъхир афтодани шифо ва беҳбудӣ изҳори гиламандӣ накунад, зеро таъвиз дуост ва чунончӣ дар мавриди шифо аҷала кунад, мумкин аст ҳеҷ гоҳ дуои ӯ пазируфта нашавад. Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) фармудаанд: “*Чунончӣ аҷала накунед дуъоятон мустаҷоб мешавадб*

---

[1] Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: *Беҳтарин дору барои тадо ҳиҷомат аст*. ҳаводиси бисёре аз ин қабил рух дода, ки сабаби он сеҳр ва чашмгар буда ва ба василаи ҳиҷомат рафъ шуда аст, монанди маразн саратон ва ғайра.

*нагӯед дуъо намудемб аммо мавриди қабул воқеъ нашуд.*"

**Таъвиз дорои равишҳое аст, киибоӣратанд аз:**

**1.** Хондани таъвиз ҳамроҳ бо дамидан.

**2.** Хондани таъвиз бидуни дамидан.

**3.** Гирифтани оби даҳон ба василаи ангушт ва омехтани он бо хок ва сипас молидани он бар рӯи маҳалли дард.

**4.** Хондани таъвиз бо молидан бар рӯи маҳалли дард.

**Оёт ва аҳодисе, ки ба василаи онҳо барои бемор таъвиз мешавад иборатанд аз:** Сураи ФОТИҲА. Сураи КОФИРУН. Сураи ИХЛОС. Сурай Аалақ. Сураи НОС (мардум).

﴿ٱللَّهُ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ ٱلۡحَيُّ ٱلۡقَيُّومُۚ لَا تَأۡخُذُهُۥ سِنَةٞ وَلَا نَوۡمٞۚ لَّهُۥ مَا فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَمَا فِي ٱلۡأَرۡضِۗ مَن
ذَا ٱلَّذِي يَشۡفَعُ عِندَهُۥٓ إِلَّا بِإِذۡنِهِۦۚ يَعۡلَمُ مَا بَيۡنَ أَيۡدِيهِمۡ وَمَا خَلۡفَهُمۡۖ وَلَا يُحِيطُونَ بِشَيۡءٖ مِّنۡ عِلۡمِهِۦٓ
إِلَّا بِمَا شَآءَۚ وَسِعَ كُرۡسِيُّهُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضَۖ وَلَا يَـُٔودُهُۥ حِفۡظُهُمَاۚ وَهُوَ ٱلۡعَلِيُّ ٱلۡعَظِيمُ﴾[1]

﴿ءَامَنَ ٱلرَّسُولُ بِمَآ أُنزِلَ إِلَيۡهِ مِن رَّبِّهِۦ وَٱلۡمُؤۡمِنُونَۚ كُلٌّ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَمَلَٰٓئِكَتِهِۦ وَكُتُبِهِۦ وَرُسُلِهِۦ لَا
نُفَرِّقُ بَيۡنَ أَحَدٖ مِّن رُّسُلِهِۦۚ وَقَالُواْ سَمِعۡنَا وَأَطَعۡنَاۖ غُفۡرَانَكَ رَبَّنَا وَإِلَيۡكَ ٱلۡمَصِيرُ ٢٨٥ لَا
يُكَلِّفُ ٱللَّهُ نَفۡسًا إِلَّا وُسۡعَهَاۚ لَهَا مَا كَسَبَتۡ وَعَلَيۡهَا مَا ٱكۡتَسَبَتۡۗ رَبَّنَا لَا تُؤَاخِذۡنَآ إِن نَّسِينَآ أَوۡ
أَخۡطَأۡنَاۚ رَبَّنَا وَلَا تَحۡمِلۡ عَلَيۡنَآ إِصۡرٗا كَمَا حَمَلۡتَهُۥ عَلَى ٱلَّذِينَ مِن قَبۡلِنَاۚ رَبَّنَا وَلَا تُحَمِّلۡنَا مَا لَا
طَاقَةَ لَنَا بِهِۦۖ وَٱعۡفُ عَنَّا وَٱغۡفِرۡ لَنَا وَٱرۡحَمۡنَآۚ أَنتَ مَوۡلَىٰنَا فَٱنصُرۡنَا عَلَى ٱلۡقَوۡمِ ٱلۡكَٰفِرِينَ﴾[2]

---

[1] Нест маъбуде ҷуз Худо, Худое ки (ҳамеша) зинда аст, тадбир кунандаи олам аст, муназзаҳ аз хобу пинак аст. Ӯрост ончи дар осмону замин аст, кист он ки шафоъат кунад назди Ӯ магар баҳукми Ӯ. Медонад ончиро ки пеш ва пушти мардумон аст.
Ва дарнамегиранд мардумон аз маълумоти ҳақ чизеро магар ба ончи Ӯ хостааст. Фаро гирифтааст подшоҳии ӯ осмонҳо ва заминро ва гарон намешавад базоти вай нигаҳбонии ин ду (осмону замин) ва Ӯ баланд мартабаву бузург қадр аст. 2:255

[2] 285 Паёмбар худ ба он чӣ аз ҷониби Парвардигораш ба Ӯ нозил шуда, имон дорад. Ва ҳамаи мӯъминон ба Худову фариштагонаш ва китобҳояш ва паёмбаронаш имон доранд. Миёни ҳеҷ як паёмбаронаш фарқе намениҳем. Гуфтанд: «Шунидем ва итоъат кардем, эй Парвардигори мо, омурзиши тӯро хосторем, ки бозгашти ҳама ба сӯи туст!» 286 Худо ҳеҷ касро ҷуз ба андозаи тоқаташ амр намекунад. Некиҳои ҳар кас аз они худи ӯст ва бадиҳояш аз они худи ӯст. «Эй Парвардигори мо, агар фаромӯш кардаем ё хатое кар даем, моро бозхост макун! Эй Парвардигори мо, он гуна ки бар умматҳои пеш аз мо таклифи вазнин ниҳодӣ, таклифи вазнин бар мо манеҳ ва он чиро, ки тоқати он надорем, бар мо таклиф макун! Гуноҳи мо

1 ﴿ فَسَيَكْفِيكَهُمُ ٱللَّهُ ۚ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلْعَلِيمُ ﴾

2 ﴿ يَٰقَوْمَنَآ أَجِيبُوا۟ دَاعِىَ ٱللَّهِ وَءَامِنُوا۟ بِهِۦ يَغْفِرْ لَكُم مِّن ذُنُوبِكُمْ وَيُجِرْكُم مِّنْ عَذَابٍ أَلِيمٍ ﴾

3 ﴿ وَنُنَزِّلُ مِنَ ٱلْقُرْءَانِ مَا هُوَ شِفَآءٌ وَرَحْمَةٌ لِّلْمُؤْمِنِينَ وَلَا يَزِيدُ ٱلظَّٰلِمِينَ إِلَّا خَسَارًا ﴾

5 ﴿ وَإِذَا مَرِضْتُ فَهُوَ يَشْفِينِ ﴾ 4 ﴿ أَمْ يَحْسُدُونَ ٱلنَّاسَ عَلَىٰ مَآ ءَاتَىٰهُمُ ٱللَّهُ مِن فَضْلِهِۦ ﴾

7 ﴿ قُلْ هُوَ لِلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ هُدًى وَشِفَآءٌ ﴾ 6 ﴿ وَيَشْفِ صُدُورَ قَوْمٍ مُّؤْمِنِينَ ﴾

8 ﴿ لَوْ أَنزَلْنَا هَٰذَا ٱلْقُرْءَانَ عَلَىٰ جَبَلٍ لَّرَأَيْتَهُۥ خَٰشِعًا مُّتَصَدِّعًا مِّنْ خَشْيَةِ ٱللَّهِ ﴾

9 ﴿ فَٱرْجِعِ ٱلْبَصَرَ هَلْ تَرَىٰ مِن فُطُورٍ ﴾

﴿ وَأَوْحَيْنَآ إِلَىٰ مُوسَىٰٓ أَنْ أَلْقِ عَصَاكَ ۖ فَإِذَا هِىَ تَلْقَفُ مَا يَأْفِكُونَ ﴿١١٧﴾ فَوَقَعَ ٱلْحَقُّ وَبَطَلَ مَا كَانُوا۟

10 يَعْمَلُونَ ﴿١١٨﴾ فَغُلِبُوا۟ هُنَالِكَ وَٱنقَلَبُوا۟ صَٰغِرِينَ ﴾

11 ﴿ وَإِن يَكَادُ ٱلَّذِينَ كَفَرُوا۟ لَيُزْلِقُونَكَ بِأَبْصَٰرِهِمْ لَمَّا سَمِعُوا۟ ٱلذِّكْرَ وَيَقُولُونَ إِنَّهُۥ لَمَجْنُونٌ ﴾

﴿ قَالُوا۟ يَٰمُوسَىٰٓ إِمَّآ أَن تُلْقِىَ وَإِمَّآ أَن نَّكُونَ أَوَّلَ مَنْ أَلْقَىٰ ﴿٦٥﴾ قَالَ بَلْ أَلْقُوا۟ ۖ فَإِذَا حِبَالُهُمْ

---

бубахш ва моро биёмӯрз ва бар мо раҳмат овар! Ту хоҷаи мо хастӣ. Пас моро бар гурӯҳи кофирон ғолиб гардон!» 2:285-286

[1] Пас зуд бошад ки кифоят кунад Худо бо интиқоми ту (эй Муҳаммад) ононро ва ӯст шунавову доно. 2 : 137

[2] Эй қавми мо, ин даъваткунанда ба Худоро қабул кунед ва ба ӯ имон биёваред, то Худо гуноҳонатонро бибахшояд ва шуморо аз азобе дардовар дар амон дорад.

[3] "Ва аз Қуръон он чӣ шифо ва раҳмат аст барои мӯъминон нозил мекунем ва ситамгоронро ҷуз хусрон (ва зиён) намеафзояд".

[4] Оё ҳасад мебаранд бар мардумон (бар Муҳаммад (саллаллоху алайҳи ва саллам) ) бар он паёмбарие ки Худованд баонон додааст аз фазлу карами худ,, 4 :54

[5] Ва ҳар гоҳ ки мариз шудам пас Ӯст ки манро шифо мебахшад.

[6] Ва шифо мебахшад дилҳои муъминонро.

[7] "Бигӯ: "Ин (китоб) барои касоне, ки имон овардаанд, ҳидоят ва дармон аст".

[8] "Агар ин Қуръонро бар кӯҳе нозил мекардем, медидӣ, ки дар баробари он хошеъ мешуд ва аз хавфи Худо мешикофт".

[9] Дубора бингар ба(осмон) оё мебинӣ дар он ҳеҷ рахнае (ё шикастагиро).

[10] "Мо ба Мусо ваҳӣ кардем, ки"Асои худро бияфкан!" Ногаҳон ба сурати мори азиме даромад, ки васоили дурӯғини онҳоро ба суръат бармегирифт. (Дар ин ҳангом) ҳақ ошкор шуд ва он чи онҳо сохта буданд, ботил шуд ва дар он ҷо (ҳамагӣ) мағлуб шуданд ва хору кӯчак гаштанд".

[11] "Наздик аст кофирон ҳангоме, ки оёти Қуръонро мешунаванд, бо чашмзахми худ туро аз байн бибаранд ва мегӯянд: "Ӯ девона аст!".

وَعِصِيُّهُمْ يُخَيَّلُ إِلَيْهِ مِن سِحْرِهِمْ أَنَّهَا تَسْعَىٰ ﴿٦٦﴾ فَأَوْجَسَ فِي نَفْسِهِۦ خِيفَةً مُّوسَىٰ ﴿٦٧﴾ قُلْنَا لَا
تَخَفْ إِنَّكَ أَنتَ ٱلْأَعْلَىٰ ﴿٦٨﴾ وَأَلْقِ مَا فِي يَمِينِكَ تَلْقَفْ مَا صَنَعُوٓا۟ إِنَّمَا صَنَعُوا۟ كَيْدُ سَٰحِرٍ وَلَا
يُفْلِحُ ٱلسَّاحِرُ حَيْثُ أَتَىٰ ﴾[1]

﴿ ثُمَّ أَنزَلَ ٱللَّهُ سَكِينَتَهُۥ عَلَىٰ رَسُولِهِۦ وَعَلَى ٱلْمُؤْمِنِينَ ﴾[2]

﴿ فَأَنزَلَ ٱللَّهُ سَكِينَتَهُۥ عَلَيْهِ وَأَيَّدَهُۥ بِجُنُودٍ لَّمْ تَرَوْهَا ﴾

﴿ فَأَنزَلَ ٱللَّهُ سَكِينَتَهُۥ عَلَىٰ رَسُولِهِۦ وَعَلَى ٱلْمُؤْمِنِينَ وَأَلْزَمَهُمْ كَلِمَةَ ٱلتَّقْوَىٰ ﴾[3]

﴿ لَّقَدْ رَضِيَ ٱللَّهُ عَنِ ٱلْمُؤْمِنِينَ إِذْ يُبَايِعُونَكَ تَحْتَ ٱلشَّجَرَةِ فَعَلِمَ مَا فِي قُلُوبِهِمْ فَأَنزَلَ ٱلسَّكِينَةَ عَلَيْهِمْ
وَأَثَٰبَهُمْ فَتْحًا قَرِيبًا ﴾[4]

﴿ هُوَ ٱلَّذِيٓ أَنزَلَ ٱلسَّكِينَةَ فِي قُلُوبِ ٱلْمُؤْمِنِينَ لِيَزْدَادُوٓا۟ إِيمَٰنًا مَّعَ إِيمَٰنِهِمْ ﴾[5]

## Барои таъвиз аз ривоёти зер истифода мешавад:

**أَسْأَلُ اللهَ العَظِيْمَ ربَّ العَرْشِ العَظِيْمِ أَنْ يَشْفِيكَ** *"Асал-уллоҳа ал-азим рабб-ал-арши аъзими ан яшфияка"* **Аз Худованди аъзим Парвардигори Арши бузург мехоҳам, ки туро шифо диҳад (7 бор)..**

**أُعِيْذُكَ بِكَلِمَاتِ اللهِ التَّامَةِ مِنْ كُلِّ شَيْطَانٍ وَهَامَّةٍ وَمِنْ كُلِّ عَيْنٍ لامَّةٍ** *"Уъизука би калимоти-иллоҳ-иттомммати мин кули шайтони ва ҳомматин ва мин кулли ъайнин ло-амматин"* **(3 бор).**

---

[1] "(Соҳирон) гуфтанд: "Эй Мусо! Оё ту аввал (асои худро) меафканӣ, ё мо касоне бошем, ки аввал бияфканем?!" Дар ин ҳангом танобҳо ва асоҳои онон бар асари сеҳрашон чунон ба назар мерасид, ки ҳаракат мекунанд! Мусо тарси хафифе дар дил эҳсос кард (мабодо мардум гумроҳ шаванд)! Гуфтем: "Натарс! Ту мусалламан (пирӯз ва) бартарӣ! Ва он чиро дар дасти рост дорӣ, бияфкан, тамоми он чиро сохтаанд мебалъид! Он чи сохтаанд танҳо макри соҳир аст ва соҳир ҳар ҷо равад, растагор нахоҳад шуд!".

[2] Боз фиристод Худованд таскину оромии худро бар паёмбари худ ва бар муъминон ва фиристод бамадади шумо лашкарҳоеро ки надидед онҳоро шумо...

[3] Худованд итминону оромиро дар қалби паёмбару муъминон нозил кард ва собит кард бар онҳо сухани пароезгориро (ки калимаи шаҳодат аст) ва онҳо сазовори он калима буданд.

[4] Албатта розӣ шуд Худованд аз муъминон ҳангоме ки бо ту дар зери дарахт байъат карданд, донист Худо он чиро ки дар дилҳой муъминон аст (аз вафову садоқат) пас фуруд овард итминону оромиро дар дилҳояшон ва савоб дод ононро бафатҳу ғалабаи наздик (яъне ғазвай Хайбар).

[5] Худованд зотест ки фуруд овард итминону оромишро дар дилҳой муъминон то зиёд шавад имонашон бо имони собиқ.

*اللَّهمَّ ربَّ النَّاسِ أذْهِبِ البأسِ اشْفِ أنْتَ الشَّافِي لا شِفاءَ إلا شِفَاؤُكَ شِفاءً لايُغَادِرُ سَقَماً "Аллоҳумма раббан-носи азҳибил-баъса ишфи анташ-шофии ло шифоа илло шифоука шифоан ло юғадиру сақаман"* (3 бор)

Бор Худоё! Эй маъбуди мардум ва нобудкунандаи маразҳо, шифо бидеҳ, ки Ту шифодиҳандай. Ҷуз Ту шифодиҳандае нест, шифое, ки маразҳоро боқӣ намегузорад.

*اللَّهُمَّ أَذْهِبْ عَنْه حَرَّهَا وبَرْدَها ووَصَبَها "Аллоҳумма азҳиби анҳу ҳарраҳо ва бардаҳо ва васабаҳа".*

*حَسْبِيَ اللهُ لا إلَهَ إلا هُوَ عَلَيْهِ تَوَكَّلْتُ وهُوَ ربُّ العَرْشِ العَظِيْمِ "Ҳасбияллоҳу ло илоҳа илло ҳува алайҳи таваккалту ва ҳува рабб-ил-арши аъзим" (7 бор)*

*بِسْمِ اللهِ أَرْقِيْكَ مِنْ كُلِّ دَاءٍ يُؤْذِيْكَ وَمِنْ شَرِّ كُلِّ نَفْسٍ أَوْ عَيْنِ حَاسِدٍ، اللهُ يَشْفِيْكَ بِسْمِ اللهِ أَرْقِيْكَ*
*Бисмиллоҳи урқиика мин кулли доин юъзиика ва мин шарри кулли нафсин ав айнин ҳосидин Аллоҳ яшфиика бисмиллоҳи арқиика* (3 бор)

***Ман, шумо ду нафар Ҳасан ва Ҳусайн (разияллоҳу анҳу)-ро ба василаи калимоти комили Аллоҳ аз бадии ҳар шайтон ва ҷонвари заҳрдор ва захми чашм ба ҳифзи Худо месупорам.***

**Дасти худро ба рӯи маҳалли дард қарор диҳад ва се бор бигӯяд "*Бисмиллоҳӣ*" ва ҳафт бор бигӯяд:**

*أَعُوذُ بِعِزَّةِ اللهِ وَقُدْرَتِه مِنْ شَرِّ مَا أَجِدُ وَأُحَاذِرُ "Аъузу биизатиллоҳи ва қудратиҳи мин шарри мо аҷиду ва уҳозиру"*

**Ман ба иззати Худо ва қудраташ паноҳ мебарам аз шарри он чи ба он дучор мешавам ва аз он бим дорам ва метарсам.**

## Чанд ёддошт:

❶ Тасдиқи хӯрофот марбут ба соҳиби чашми бад, монанди хӯрдани идрор аз ӯ, ё ботил шудани чашмгарии ӯ пас аз маргаш ва … ба ҳеҷ ваҷҳ саҳеҳ нест.

❷ Қарор додани мӯҳра ва тилисм ва дастбанд ва гардонидан бар рӯи ҷой ё чизе, ки дар мавриди чашм хӯрдагӣ ҷои нигаронӣ дорад, ҷоиз нест.

Расулаллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд: *"Ҳар касе чизеро бар худ биёвезад сарнавишташ дар ихтиёри он чиз қарор дода мешавад"*. Аммо агар оёте аз Қуръон бошад дар мавриди он ихтилофи назар вуҷуд дорад ва беҳтар он аст, ки тарк шавад.

❸ Навиштани калимаҳое, монанди: мошоаллоҳ, табораколлоҳ ё наққошии шамшер, чоқу, чашм ё қарор

додани Қуръон дар автомобил ё овехтани оёте аз Қуръон дар манзил аз ҳеҷ кадом чашмкунӣ пешгирӣ намекунанд, ҳатто мумкин аст ҷузъи тилисм ва афсуни ҳаром ба шумор биёянд.
❹Шахси мариз бояд ба қабули таъвиз мутмаъин бошад ва аз таъхири беҳбудӣ эҳсоси нигаронӣ накунад, зеро агар гоҳе ба бемор гуфта шавад, ки дар тӯли умр бояд дору масраф кунӣ, изҳори норизоият намекунад, аммо агар натиҷаи таъвиз ба тӯл анҷомад, изҳори норизоият менамояд, дар ҳоле ки дар баробари хондани ҳар ҳарфе аҷру подош дорад ва подоши он даҳ баробар аст. Лозим аст мудом дуъо ва истиғфорашро қатъ накунад ва садақаву эҳсонашро бештар кунад, зеро эҳсон ва садақа ҷузъи умури шифобахш ба шумор меоянд.
❺ Хондани дастаҷамъӣ бар хилофи суннат аст ва асари он заъиф мебошад. Ҳамчунин басанда кардан ба навори косет кофӣ нест, зеро дар мавриди он ният, ки дар таъвиз шарт аст, таҳақуқ пайдо намекунад, ҳарчанд гӯш фаро додан ба он муфид аст. Такрори таъвиз то беҳбудии комил суннат аст, магар ин ки сабаби заҳмат ва машақати мариз шавад, дар ин сурат барои костан аз малол онро кам кунад, аммо такрори оёт ва дуо ба теъдоди мушаххас, ки дар суннат ворид нашуда аст, ҷоиз нест.
❻ Нишонаҳои далолат бар ин ки  таъвизкунандаи бо сеҳр сарукордошта на бо Қуръон вуҷуд дорад, ки ба онҳо ё баъзе аз онҳо истидлол мешавад ва набояд фиреби диндории зоҳирии ӯро хӯрд, зеро гоҳе мумкин аст хондани таъвизро бо оёте аз Қуръон оғоз кунад, аммо билофосила чизҳои дигареро ҷойгузини он кунадб ҳатто мумкин аст барои фиреб додани мардум мураттаб ба масҷид рафтуомад дошта бошад ва гоҳе дар пеши рӯи шумо мудом аҳли зикр ва аврод бошад, бояд ҳушёр буд ва дучори фиреб нашуд.
**Бархе нишонаҳои соҳирон ва фиребгарон иборатанд аз** пурсидани номи бемор ё модари ӯ, зеро донистан ё надонистани ном дар мавриди муолиҷа чизеро тағйир намедиҳад. ✸ Қитъае аз либоси беморро монанди: пероҳан, жакет… талаб кунад. ✸ Мумкин аст аз бемор бихоҳад ҳайвонеро бо вижагиҳои хос таҳия кунад, то ӯ онро барои хабисон забҳ кунад ва шояд хуни онро бар бадани бемор

бимолад. ✷ Хондани вирд ва тилисмҳои номафҳум ва бемаъно. ✷ Додани саҳифаҳое, ки дар он мураббаъҳое, ки дар миёни онҳо ҳуруф ва арқоме навишта шудаанд – ки ҳиҷоб ном доранд – ба бемор. ✷ Беморро ба канорагирӣ аз мардум ва зиндонӣ шудан дар утоқи торик барои муддати мушаххас, ки ҳиҷоба ном дорад – водор кардан. ✷ Амр кардан ба бемор, ки муддате аз истеъмоли об худдорӣ кунад. ✷ Додани чизе ба бемор, то онро дар замине дафн кунад ё қоғазеро ба ӯ бидиҳад, то онро бисӯзонад ва аз дуди он ба унвони бухур истифода намояд. ✷ Хабар додан ба бемор аз сифот ва вижагиҳое, ки дигарон аз он хабар надоранд, ё хабар додан аз исм ва маҳали сукунат ва бемории ӯ пеш аз он ки худи ӯ чизеро ба забон биёварад. ✷ Хабар додан аз навъи бемории ӯ аз тариқи телефон ё почта ва … ё билофосила пас аз ворид шудан ба утоқи ӯ.

❼ Аз назари уламои аҳли суннат ва ҷамоъат ҷинҳо метавонанд худро ба дохили ҷисми инсон дароваранд ва ба ин истидлол менамоянд, ки “Касоне ки рибо мехӯранд, барнамехезанд магар монанди касе, ки шайтон ӯро сахт дучори девонагӣ карда бошад”. Муфассирин дар ин маврид иттифоқи назар доранд, ки манзур аз калимаи масс дар он оят ҷунуни шайтонӣ аст, ки барои одаме, ки ҷинне дар қолаби ӯ рафта аст, пеш меояд.

**Ҳукми сеҳр ва ҷоду чист?** Асоси сеҳр бар ҳақиқат устувор аст ва ҳамон тавр, ки дар Қуръон ва аҳодис зикр шуда, амрест таъсиргузор. Сеҳр аз назари Ислом ҳаром ва гуноҳи кабира аст. Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар мавриди он фармудаанд: «***Аз ҳафт чизе, ки боъиси ҳалокат мешаванд бипарҳезед***. Ёрон бипурсиданд: ***Ё Расулаллоҳ, онҳо кадомҳо ҳастанд? Фармуданд: Ширк нисбат ба Худовандб сеҳр ва ҷоду…***” (Бухорӣ ва Муслим).

Қуръон низ аз забони Ҳорут ва Морут чунин фармудааст: “***Мо василаи озмоиш ҳастемб кофир нашав***”.

Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар мавриди таъйини муҷозоти сеҳр ва ҷодугар мефармояд: “***Муҷозоти соҳир ин аст, ки гарданаш бо шамшер зада шавад***”. (Тирмизӣ).

Бояд мутазаккир шуд аҳодисе чун: “*Сеҳр ва ҷоду фаро гиред, вале бад-он амал накунед*” дурӯғ ҳастанд ва сиҳат надоранд.

# ДУО

Тамоми махлуқот ба Худованд мӯҳтоҷанд ва ба он чӣ Ӯ дорад, ниёз доранд. Аммо Ӯ аз махлуқот бениёз аст. Худованд дуоро бар бандагонаш воҷиб гардонида ва фармуда аст: "*Парвардигори шумо фармуда аст: Маро бихонед, то (дуои) шуморо бипазирам! Касоне, ки аз ибодати ман такаббур меварзанд, ба зуддӣ бо зиллат вориди дӯзах мешаванд*" **(Ғофир: 60).**

Расули Худо (саллаллоху алайҳи ва саллам) фармудаанд: "*Ҳар касе аз Худованд чизе нахоҳад, бар ӯ хашм мегирад*. Бо ин васф, Худованд аз дуо ва дархости инсонҳо дар пешгоҳи Худ шодмон мешавад ва касонеро, ки дар дуои худ илҳоҳ ва исрор меварзанд, дӯст медорад ва ба Худ наздик мекунад. Асҳоби Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) ба ин мавзӯъ пай бурда буданд ва ҳар як аз онҳо ҳеҷ чизеро барои дархост аз Худованд камаҳамият ба шумор намеоварданд ва дуову дархости худро то ҳадде беарзиш намекарданд, ки онҳоро бо ҳеҷ як аз бандагони Худованд матраҳ кунанд. Ин танҳо ба хотири пайвандашон бо Парвардигор ва наздикияшон бо Ӯ буд ва ба ин оят тамассук меҷӯстанд: "*Ва ҳангоме, ки бандагони ман аз ту дар бораи Ман суол кунанд, (бигӯ) Ман наздикам*" **(Ал БАқара: 186).**

Дуо дар пешгоҳи Худованд аз ҷойгоҳи волое бархӯрдор аст ва аз ҳар чизе арзишаш бештар мебошад. Дуо гоҳе аз қазо ҷилавгирӣ (пешгирӣ) мекунад ва дуои инсони мусалмон, агар асбоби он фароҳам шавад ва мавонеъаш муртафеъ гардад, қатъан мустаҷоб хоҳад шуд ва ба дуокунанда яке аз мавориде, ки дар ин фармудаи Расулуллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) **омада ато хоҳад шуд:** "*Ҳеҷ мусалмоне нест, ки дуоеро бинамояд, ки дар он гуноҳе ва қатъи силаи раҳме набошад, магар ин ки Худованд яке аз се умурро ба ӯ ато хоҳад фармуд: Ин ки дар зудтарин вақт дуои ӯро мустаҷоб хоҳад фармуд ё онро тӯшаи охираташ хоҳад гардонид, ё ба мизони он ӯро аз бадӣ ва мушкилот масун хоҳад дошт*". Асҳоб гуфтанд: *Пас то битавонем дуъо хоҳем кард*. **Расулаллоҳ** (саллаллоху алайҳи ва саллам) **фармуданд:** "*Худованд ҳам он умурро бештар хоҳад фармуд*" **(Аҳмад ва Тирмизи).**

**Анвои дуо. Дуо ду навъ аст:**
**1. Дуоҳое, ки ибодатанд, монанди намоз ва рӯза.**
**2. Дуоҳое, ки хостан ва талабидан аст.**
**Дар ин ҷо ин суол пеш меояд, ки** кадом амал беҳтар аст? Оё қироъати Қуръон беҳтар аст ё зикр ва ё дуо ва хостан ва талбидан? Дар посух ба он бояд гуфт, ки қироъати Қуръон қатъан беҳтар аст ва баъд аз он зикру сано ва сипас дуо ва хост аз Худованд қарор дорад.
Ин аз назари куллӣ ба ин сурат аст, аммо гоҳе авомиле боис мешавад, ки он чи дар дараҷаи дувум ва сеюм қарор доранд, аз он чи дар дараҷаи аввал қарор дорад, беҳтар бошад. Барои мисол дуои рӯзи Арафа аз қироъати Қуръон беҳтар аст ва дар назди Худованд авроди пас аз намозҳои воҷиб авлавияташ аз қироъати Қуръон (дар рӯзи Арафа) бештар аст.
**Асбоби иҷобати дуо.** Барои пазирӯфта шудани дуо асбоб ва авомили зоҳирӣ вуҷуд доранд:
***Асбоби зоҳирӣ:*** иродаи аъмоли солеҳа монанди садақа додан, вузӯ ва намозб нишастан рӯ ба қибла ва баланд кардани дастон ва санову ситоиши шоистаи Худованд. Истифода аз асмо ва сифоти Худованд ва асмову сифоте, ки бо мавзӯи дархост ва дуо муносиб бошад. Масалан, агар дуо мутаъаллиқ ба рафтан ба биҳишт аст, дархосту зорӣ ба василаи фазлу раҳмати Худованд бошад, дар сурате, ки алайҳи ситамкоре даст ба дуо бармедорад, аз асмои монанди Ҷаббор, Қаҳҳор ба кор бигирад. Яке дигар аз асбоби зоҳирӣ фиристодани салавот бар Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар оғоз, миёна ва охири он ва эътироф ба гуноҳон ва шукру сипоси неъматҳои Худованд аст.
Барои дуо аз вақтҳои муборак, ки ривоят ва далоиле мабно бар эҳтимоли мақбулияти дуо дар онҳо вуҷуд дорад, истифода намояд.
**Чунин мавридҳо бисёранд. Масалан: 1.** Дар тӯли шабонарӯз як сеюми охири шаб, ки Худованд ба осмони дунё нузул мефармояд, баъд аз вузӯ, миёни азон ва иқома, дар саҷда ва пеш аз салом додани намоз ва пас аз намозҳо, баъд аз хатми Қуръон, ба ҳангоми овози хурӯс, дар тӯли мусофират ва дуои мазлум, дуои касе, ки дар тангно қарор

гирифта аст, дуои волидайн барои фарзандон, дуои пинҳонии инсони мусалмон барои бародари динии худ ва ҳангоми қарор гирифтан дар баробари сафи душман.
**2.** Дар тӯли ҳафта, рӯзи ҷумъа ва махсусан лаҳазоти охири ҳамон рӯз. **3.** Дар тӯли моҳ аз ҷумла, моҳи рамазон ва ҳангоми ифтор ва саҳарӣ ва шабҳои қадр ва рӯзи арафа.
**4.** Дар мавриди маконҳои муборак, ба хоса, ҳамаи масоҷид, хусусан Масҷидулҳаром дар Макка. Дар канори Каъба, наздики Мултазам ва низ дар мақоми Иброҳим (алайҳиссалом) ва ба ҳангоми саъй миёни Сафо ва Марва ва дар Арафот, Муздалифа ва Мино ва айёми ҳаҷ.
***Асбоби пинҳонӣ*:** Ба василаи тавассул ба тавбаи содиқона ва ҷуброни ҳуқуқи мутаъаллиқ ба дигарон ва поку ҳалол гардонидани хӯроку пӯшок ва маскан, касби рӯзӣ аз роҳҳои ҳалол ва бештар гардонидани ибодот ва парҳез аз муҳаррамот ва дурӣ аз шубҳаҳот ва шаҳавот ва ҳузури қалб ба ҳангоми дуо ва итминону умедворӣ ба раҳмати Худованд ва паноҳ бурдан ба Ӯ, зориву тавалло ва супоридани умури худ ба Худованд ва қатъи умед ва таваҷҷӯҳ аз ғайри Ӯ.
**Монеаҳои қабули дуо:** Гоҳе инсон дар пешгоҳи Худованд даст ба дуо бармедорад, аммо дуояш мустаҷоб намешавад ё иҷобати он ба таъхир меафтад. Иллат ва асбоби он бисёранд, ки барои мисол метавон ба мавориди зер ишора намуд: ✸ Дуо ва талаби хостан аз ғайри Худованд ҳамроҳ бо дуо ва хостан аз Худованд. ✸ Тӯл ва тафсил дар дуо, монанди: паноҳ бурдан ба Худованд аз оташ ва сахтиҳову тангноҳо ва торикиҳои дӯзах, дар ҳоле ки паноҳ бурдан ба Худованд аз азоб ё оташи он кифоят мекунад.
✸ Дуои нораво алайҳи худ ё дигарон ва дуое, ки гуноҳ ё қатъи пайванди хешовандиро сабаб шавад. ✸ Муъаллақ намудани дуо ба хост ва агару аммо, мисол ин ки дуо кунад: Худоё агар хостӣ, маро бибахш ва … ✸ Саросемагӣ доштан барои пазирӯфта шудани дуо. Барои мисол бигӯяд: Худовандо! Тӯро хондам ва дар пешгоҳат дуо кардам, аммо онро напазируфтӣ. ✸ Дуо кардан дар ҳолати ғафлати қалб.
✸ Риоя накардани мӯрооти одоб дар ҳузури Худованд.

✸ Рӯзе Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) мутаваҷҷеҳ шуд, ки марде дар намоз дуо мекард, аммо бар Паёмбар салавот нафиристод. Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) **фармуд: *Ин мард аҷала намуда,* - сипас ба ӯ ва дигарон фармуд: "*Ҳар гоҳ яке аз шумо намоз хонад ва хост дуо кунад, ибтидо Худовандро ҳамду ситоиш кунад ва сипас бар Паёмбар салавот фиристад ва пас аз он ҳар дуоеро, ки мехоҳад, бигӯяд*".**

✸ Дуо ва дархости чизе, ки таҳаққуқи он аз зумраи муҳолот бошад, монанди умри ҷовидона дар дунё хостан. Ҳамчунин такаллуф ва тасаннуъ дар бакоргирии калимоти мусаҷҷаъ матлуб нест. Худованди мутаъол мефармояд: "***Парвардигори худро фурӯтанона ва пинҳон ба кӯмак бихоҳед. Ба дурустӣ, Ӯ мутаҷовизони саркашро дӯст намедорад***" **(Ал Аъроф: 55).**

**✸Ибни Аббос (разияллоху анҳу ) мегӯяд: "*Ба саҷаъ* (такаллуф дар бакоргирии калимоти адабӣ) *дар дуъо таваҷҷӯҳ накунед ва аз он худдорӣ намоед! Ман Расулаллоҳ* (саллаллоху алайҳи ва саллам) *ва асҳоби ӯро борҳо дида будам, ки ҳамин корро мекарданд* (яъне дар дуъо аз калимоти мусаҷҷаъ ва такаллуфӣ худдорӣ мекарданд)"(Бухорӣ).**

**✸Зиёдаравӣ дар баланд намудани садо, зеро Худованд мефармояд: "*Намозатро баланд ё оҳиста махон. Балки роҳи васатеро миёни он ду баргузин*" (Исро: 110). Оиша (раз.) мефармояд:** "*Ин оят дар иртибот бо дуо нозил гардида аст*".

**Мустаҳаб аст, ки инсон дуо кунад ва дуояшро ба сурати зер мураттаб намояд: Аввал:** Худовандро ҳамду ситоиш кунад. **Дувум:** Бар Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) дуруду салавот бифиристад. Севум: Таваҷҷӯҳ кунад ва гуноҳи хешро эътироф кунад. **Чаҳорум:** Худовандро ба хотири неъматҳояш сипос гӯяд. **Панҷум:** дуо ва дархосташро бо истифода аз дуоҳои комилу ҷомеъи ривоятшуда аз Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) ва салафи солеҳ баён кунад. **Шашум:** Дуояшро бо фиристодани салавот бар Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) хотима бидиҳад.

# ДУОҲОИ МУҲИМЕ, КИ ҲИФЗ КАРДАНИ ОНҲО ШОИСТА АСТ

| Муносибати дуо | Дуоҳои маъсур аз Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) |
|---|---|
| Қабл ва баъд аз хоб | « بِاسْمِكَ اللّهُمَّ أَمُوتُ وَأَحْيَا » ***Бисмика аллоҳумма амуту ва аҳя, баъд аз хоб*** «الْحَمْدُ لِلَّهِ الَّذِي أَحْيَانَا بَعْدَمَا أَمَاتَنَا وَإِلَيْهِ النُّشُورُ» ***Алҳамдулиллоҳи-л-лазӣ аҳёна баъдамо амотано ва илайҳи нушур*** |
| Касе, ки дар хоб дучори тарс шавад | «أَعُوذُ بِكَلِمَاتِ اللهِ التَّامَّاتِ مِنْ غَضَبِهِ وَعِقَابِهِ وَمِن شَرِّ عِبَادِهِ وَمِنْ هَمَزَاتِ الشَّيَاطِينِ وَأَنْ يَحْضُرُونِ» ***Аъузу бикалимоти-л-лоҳи таммат мин ғазабиҳи ва мин шарри ибодиҳи ва мин ҳамазоти шайотин ва айяҳ яҳзуруни*** |
| Замоне, ки касе хобе бинад | Агар хоби хубе дидед, аз Худованд аст ва Ӯро ситоиш кунед ва онро барои дигарон бигӯед. Агар хоби бад дидед, аз шайтон аст ва аз шарри он ба Худованд паноҳ бибаред ва онро ба касе нагӯед, иншоаллоҳ ба шумо зараре намерасад. |
| Хуруҷ аз манзил | « اللَّهُمَّ إِنِّي أَعوذ بِكَ أنْ أَضِل أوْ أضَل، أوْ أزِل أوْ أزَل، أوْ أظلِمَ أوْ أظلَمَ، أوْ أجْهَل أوْ يُجْهَلَ عَلَيَّ » ***Аллоҳумма инӣ аъузу бика ан азилла ав узалла ав азилла ав узалла, ав азлиму ав узлама, ав аҷҳала ав юҷҳала алайя.*** « بِسْمِ اللهِ تَوَكَّلْتُ عَلَى اللّهِ لا حَوْلَ وَلَا قُوَّةَ إلا بِاللّهِ » ***Бисмиллоҳи таваккалту ъалаллоҳи ло ҳавла вало қуввата илло биллоҳ*** |
| Ворид шудан ба масҷид | **Бо пои рост ба масҷид дохил шавед ва бигӯед:** بِسْمِ اللَّهِ وَالسَّلَامُ عَلَى رَسُولِ اللَّهِ اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي ذُنُوبِي وَافْتَحْ لِي أَبْوَابَ رَحْمَتِكَ ***“Бисмиллоҳи вас-салому ало Расулиллоҳи. Аллоҳуммағфир лӣ зунубий ва фтаҳ лӣ абвоба раҳматика”*** |
| Хуруҷ аз масҷид | **Бо пои чап аз масҷид хориҷ шавед ва бигӯед:** بِسْمِ اللَّهِ وَالسَّلَامُ عَلَى رَسُولِ اللَّهِ اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي ذُنُوبِي وَافْتَحْ لِي أَبْوَابَ فَضْلِكَ ***“Бисмиллоҳи вас-салому ало Расулиллоҳи. Аллоҳумма ғфир лӣ зунубий ва фтаҳ лӣ абвоба фазлика.”*** |
| Табрики арӯсу домод | « بَارَكَ اللَّهُ لَكَ، وَبَارَكَ عَلَيْكَ، وَجَمَعَ بَيْنَكُمَا فِي خَيْرٍ » ***“Боракаллоҳу лака ва борака алайка ва ҷамаъа байнакумо фӣ хайрин”*** |
| Шунидани овози хурӯс, аккоси саг ва овози хар. | Ҳар гоҳ овози хурӯсеро шунидед аз Худованд фазлашро бихоҳед, зеро фариштаеро дида аст ва ҳар гоҳ аккоси саг ва овози хареро дар шаб шунидедб ба Худованд паноҳ бибаред. |

| | |
|---|---|
| Ҳар касе ба шумо бифаҳмонад, ки ӯ шуморо ба хотири Худо дӯст медорад | Аз Анас (разияллоху анху) ривоят шуда, ки марде назди Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) буд ва марде аз он ҷо гузашт, ин мард гуфт: Эй Расулаллоҳ! Ман ин мардро дӯст дорам. Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) фармуд: *Ба ӯ онро фаҳмондаӣ*? Гуфт: На. Фармуд: *Ба ӯ бифаҳмон*. Пас мард ба ӯ расид ва гуфт: “Инни уҳиббука филлаҳ (Ман шуморо ба хотири Худо дӯст дорам) . Он мард гуфт: “*Аҳбакаллазӣ аҳбабтани лаҳу*”. Дӯст бидорад тӯро касеки манро барояш дӯст дошти. |
| Вақте бародари мусалмонат атса мезанад | Ҳар гоҳ атса задед, “Алҳамдулиллоҳ” гӯед, агар бародари мусалмонатон атса зад ва “Алҳамдулиллоҳ” гуфт, “Ярҳамукаллоҳу” ва ҳар гоҳ шахси кофир атса кард ва ҳамди Худовандро намудб “Яҳдиякумуллоҳу” бигӯед. |
| Дъои рафъи мушкил ва сахтӣ | «لا إِلَهَ إِلا اللَّهُ الْعَظِيمُ الْحَلِيمُ لا إِلَهَ إِلا اللَّهُ رَبُّ الْعَرْشِ الْعَظِيمِ لا إِلَهَ إِلا اللَّهُ رَبُّ السَّمَوَاتِ وَرَبُّ الأَرْضِ وَرَبُّ الْعَرْشِ الْكَرِيمِ» ***Ло илоҳа иллаллоҳу-л-аъзиму-л-ҳалим, ло илоҳа иллаллоҳу-л-раббу-л-арши-л-аъзим, ло илоҳа иллаллоҳу рабби-с-самовоти ва раббу-л-арзи ва раббу-л-арши-л-карим*.** « اللَّهُ اللَّهُ رَبِّي، لا أُشْرِكُ بِهِ شَيْئًا » ***Аллоҳу, Аллоҳу раббӣ ло ушрику биҳи шайан*.** « يَا حَيُّ يا قَيُّومُ برحمتك أَسْتَغِيثُ » ***Ё ҳай ё қайюм бираҳматика астағису*.** «سبحَان الله العَظِيم» ***субҳоналлоҳи-л-азим*.** |
| Дуои алайҳи душман | « اللَّهُمَّ مُنزِلَ الْكِتَابِ ومجري السَّحَابِ سَرِيعَ الْحِسَابِ اهْزِمِ الأَحْزَابَ، اللَّهُمَّ اهْزِمْهُمْ وَزَلْزِلْهُمْ » ***Аллоҳумма муҷрияс-саҳаби мунзила-л-китоби сариъал- ҳисоби аҳзама-л- аҳзоба. Аллоҳумма-ҳ-замҳум ва залзилҳум*.** |
| Ҳар гоҳ дар коре мушкиле пеш ояд. | اللَّهُمَّ لا سهل إلا ما جعلته سهلا و أنت تجعل الحزن إذا شئت سهلا **Аллоҳумма ло саҳла ило мо ҷаъалтаҳу саҳло ва анта таҷъалу-л-ҳузна изо шиятъта саҳло.** |
| Дуои пардохти қарз | « اللَّهُمَّ إِنِّي أَعوذ بِكَ مِنَ الْهَمِّ وَالْحَزَنِ وَالْعَجْزِ وَالْكَسَلِ وَالْجُبْنِ وَالْبُخْلِ وَضَلَعِ الدَّيْنِ وَغَلَبَةِ الرِّجَالِ» ***Аллоҳумма инни аъузу бика мина-л-ҳамми ва-л-ҳазани вал- аҷзи вал-касали вал-ҷубни вал-бухли ва залаъид-дини ва ғалабати-р-риҷоли*.** |
| Вориди шудан ба маҳалли қазои ҳоҷат ва ҳаммом. | « اللَّهُمَّ إِنِّي أعوذ بِكَ مِنَ الْخُبْثِ وَالْخَبَائِثِ » ***Аллоҳумма инни аъузу бика мина-л-хубси вал-хабоиси*.** **Ҳаргоҳ хориҷ шудед, бигӯед:** « غُفْرَانَكَ » ***Ғуфронака*.** |

| | |
|---|---|
| **Васваса дар намоз** | Он шайтон аст ва ба ӯ бигӯед: Ханзаб. Замоне, ки онро эҳсос кардед, ба Худованд паноҳ баред ва се маротиба ба тарафи чапи худ тӯф кунед. |
| **Дар саҷда** | « اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي ذَنْبِي كُلَّهُ دِقَّهُ وَجِلَّهُ وَأَوَّلَهُ وَآخِرَهُ وَعَلانِيَتَهُ وَسِرَّهُ » ***Аллоҳумма ғфир ли занбия куллаҳу диққаҳу ва ҷиллаҳу ва авваллаҳу ва охираҳу ва аъло ниятаҳу ва сирраҳу.***<br>« سُبْحَانَكَ رَبِّي وَبِحَمْدِكَ اللَّهُمَّ اغْفِرْ لِي » ***Субҳонака рабби ва биҳамдика аллоҳумма ғфир ли.***<br>« اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِرِضَاكَ مِنْ سَخَطِكَ وَبِمُعَافَاتِكَ مِنْ عُقُوبَتِكَ وَأَعُوذُ بِكَ مِنْكَ لا أُحْصِي ثَنَاءً عَلَيْكَ أَنْتَ كَمَا أَثْنَيْتَ عَلَى نَفْسِكَ » ***Аллоҳумма аъузу биризока мин сахатика ва бимуофотика мин уқубатика ва аъузу бика минка ло уҳсия саноан алайка анта камо аснайта аъло нафсика.*** |
| **Дар саҷдаи тиловат** | « اللَّهُمَّ لَكَ سَجَدْتُ وَبِكَ آمَنْتُ وَلَكَ أَسْلَمْتُ سَجَدَ وَجْهِي لِلَّذِي خَلَقَهُ وَصَوَّرَهُ وَشَقَّ سَمْعَهُ وَبَصَرَهُ تَبَارَكَ اللَّهُ أَحْسَنُ الخَالِقِينَ » ***Аллоҳумма лака саҷадту ва бика оманту ва лака асламту саҷада ваҷҳи лиллазӣ халақаҳу ва суварахy ва шаққа самъаҳу ва басараҳу таборакаллоҳу аҳсану-л- холиқина.*** |
| **Дар оғози намоз** | « اللَّهُمَّ بَاعِدْ بَيْنِيْ وَبَيْنَ خَطَايَايَ كَمَا بَاعَدتَّ بينَ المَشْرِقِ والمَغْرِبِ، اللَّهُمَّ نَقِّنِيْ مِنْ خَطَايَايَ كَمَا يُنَقَّى الثَّوْبُ الأَبْيَضُ مِنَ الدَّنَسِ، اللَّهُمَّ اغْسِلْنِيْ بالْمَاءِ وَالثلْجِ وَالبَرَد » ***Аллоҳумма баъид байни ва байна хатоёя камо баадта байна-л-машриқу вал-мағрибу. Аллоҳумма наққини мин хатоёя камо юнақис-савбу-л-абяза мина-д-данас. Аллоҳу ағсилни би мои вас-салҷи вал-барад***. |
| **Дар охири намоз** | « اللَّهُمَّ إِنِّي ظَلَمْتُ نَفْسِي ظُلْمًا كَثِيرًا وَلا يَغْفِرُ الذُّنُوبَ إِلا أَنْتَ فَاغْفِرْ لِي مَغْفِرَةً مِنْ عِنْدِكَ وَارْحَمْنِي إِنَّك أَنْتَ الْغَفُورُ الرَّحِيمُ »<br>***Аллоҳумма инни заламту нафсий зулман касийро ва ло яғфиру-з-зунуба ило анта фағфирли мағфиратан мин индика ва рҳамни иннака анта-л-ғафуру-р-раҳим***. |
| **Пас аз намоз** | « اللَّهُمَّ أَعِنِّي عَلَى ذِكْرِكَ وَشُكْرِكَ وَحُسْنِ عِبَادَتِكَ » ***Аллоҳумма аъинни аъло зикрик ва шукрик ва ҳусни ибодатик***.<br>« اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ الْكُفْرِ وَالْفَقْرِ وَعَذَابِ الْقَبْرِ » ***Аллоҳумма инни аъузу бика мина-л-куфри вал-фақри ва азоби –л-қабр***. |
| **Касе, ки кори хуберо аз дигарон дид** | Ҳар касе кори хуб ва некиеро аз касе дид ба фоъилаш бигӯяд: “*Ҷазокаллоҳу хайран касиро*”, ки ин беҳтарин сано аст ва ӯ низ дар ҷавоб бигӯяд: “Ва ҷазоака”, ва ё бигӯяд: “*ва иёка*”. |
| **Ба ҳангоми** | « اللَّهُمَّ صَيِّبًا نَافِعًا » ***Аллоҳумма саййибан нафиъан (ду*** |

| | |
|---|---|
| **оғози борон** | *ё се бор).* « مُطِرْنَا بِفَضْلِ اللهِ وَرَحْمَتِهِ » *Мутирно бифазлиллоҳ ва раҳматиҳи.* |
| **Ҳангоми вазидани бод** | « اللّٰهُمَّ إنِّي أَسأَلُكَ خَيْرَهَا وخير مَا فيْها وخير ما أُرسلت به، وأَعوذُ بكَ مِنْ شَرِّهَا وَشَرِّ مَا فيها وشَرِّ ما أُرسلت به » *Аллоҳумма инни асъалука хайраҳо ва хайримо урсилат биҳи ва аъузу бика мин шарриҳо ва шарри мо фиҳо ва шарри мо урсилат биҳи* |
| **Вақте ки ҳилоли моҳро мебинӣ** | *Аллоҳумма аҳиллаҳу алайно бил-имон вал-иймони вас-саломати вал-исломи рабби ва раббукаллоҳу* |
| **Дуъо барои дур кардани ғаму андуҳ** | ((اللّٰهُمَّ إِنِّيْ عَبْدُكَ، ابْنُ عَبْدِكَ، ابْنُ أَمَتِكَ، نَاصِيَتِيْ بِيَدِكَ، مَاضٍ فِيَّ حُكْمُكَ، عَدْلٌ فِيَّ قَضَاؤُكَ، أَسْأَلُكَ بِكُلِّ اسْمٍ هُوَ لَكَ، سَمَّيْتَ بِهِ نَفْسَكَ، أَوْ أَنْزَلْتَهُ فِيْ كِتَابِكَ، أَوْ عَلَّمْتَهُ أَحَداً مِنْ خَلْقِكَ، أَوِ اسْتَأْثَرْتَ بِهِ فِيْ عِلْمِ الْغَيْبِ عِنْدَكَ، أَنْ تَجْعَلَ الْقُرْآنَ رَبِيْعَ قَلْبِيْ، وَنُوْرَ صَدْرِيْ، وَجَلَاءَ حُزْنِيْ، وَذَهَابَ هَمِّيْ)<br>**Ҳарки дучори ғаму андуҳ шавад бигуяд:** “*Худоё ман бандаи ту ва фарзанди банда ва канизи ту ҳастам, пешонии (зимоми) ман дар дасти ту аст фармони ту дар ҳақи ман иҷро шаванда аст файсалаи ту дар ҳақи ман айни адолат аст.*<br>*Худоё тӯро ба василаи ҳар номе ки ба худат гузоштаи ё дар китобат нозил кардаи ё ба яке аз махлуқотат таълим додаи ё ин ки тарҷиҳ додаи ки наздат дар илми ғайбат бимонад, аз ту хоҳонам ки Қуръонро баҳори дил ва нури сина ва бартараф кунандаи ғаму андӯҳи ман гардонӣ”.*<br>**Ҳар ки ин дуъоро бихонад Худованд ғаму андӯҳи ӯро дур сохта ва ба хушҳоливу хурсандӣ табдилаш хоҳад дод** |
| **Касе, ки мусофиреро хуш омадӣ мекунад мусофир ҳам бигӯяд** | « أَسْتَوْدِعُ اللّٰهَ دِينَكَ وَأَمَانَتَكَ وَخَواتِيمَ عَمَلِكَ » *Астаудиъллоҳу динака ва аманатака ва хавотима аъмолика.*<br>**Мусофир чунин ҷавоб медиҳад:**<br>أَسْتَوْدِعُكُمُ اللّٰهَ الَّذِيْ لا تَضِيعُ وَدَائِعُه<br>«*Астаъдиъкумуллоҳу-л-лазӣ ло тазиъу ва доъиъуху* |
| **Ҳаргоҳ ки чизи дӯстдоштаро мебинӣ Агар чизи бад дидаро бубинӣ** | «الحَمْدُ لِلّٰهِ الذي بِنِعْمَتِهِ تَتِمُّ الصَّالحَاتُ» *Алҳамду лиллоҳи аллази биниъамиҳи татиму солиҳот* «الحَمْدُ لِلّٰهِ على كُلِّ حالٍ» *Алҳамду лиллоҳи ала кулли ҳол* |

| | |
|---|---|
| Дуои сафар | «اللّهُ أَكْبَرُ اللّهُ أَكْبَرُ اللّهُ أَكْبَرُ سُبْحانَ الذِي سَخَّرَ لَنَا هَذَا وَمَا كُنَّا لَهُ مُقْرِنِينَ ✹ وَإِنَّا إِلَى رَبِّنَا لَمُنقَلِبُونَ اللَّهُمَّ إِنَّا نَسْأَلُكَ فِي سَفَرِنَا هَذَا الْبِرَّ وَالتَّقْوَى وَمِنْ الْعَمَلِ مَا تَرْضَى، اللَّهُمَّ هَوِّنْ عَلَيْنَا سَفَرَنَا هَذَا وَاطْوِ عَنَّا بُعْدَهُ اللَّهُمَّ أَنْتَ الصَّاحِبُ فِي السَّفَرِ وَالْخَلِيفَةُ فِي الأَهْلِ اللَّهُمَّ إِنِّي أَعُوذُ بِكَ مِنْ وَعْثَاءِ السَّفَرِ وَكَآبَةِ الْمَنْظَرِ وَسُوءِ الْمُنْقَلَبِ فِي الْمَالِ وَالأَهْلِ»<br>*Аллоҳу Акбар, Аллоҳу Акбар, Аллоҳу Акбар*. *“Субҳоналлазӣ саххаралано ҳозо ва мо кунно лаҳу муқринина. Ва инно ило раббино ламунқалибун”. Аллоҳумма инно насъалука фи сафарино ҳозал-бирра ват-тақво ва минал амали мо тарзо. Аллоҳумма ҳавин алайно сафарано ҳозо ватви ъанно буъдаҳу. Аллоҳумма антас-соҳибу фис-сафар вал-халифату фил--аҳли. Аллоҳумма инни аъузу бика мин ваъсоис-сафари ва каобатил- манзар васуил-мунқалаб фил-моли вал-аҳли*. **Ва вақте ки баргашт онҳоро такрор мекунаду ва ин дуоро низ ҳамроҳ мекунад** آيِبُونَ تَائِبُونَ عَابِدُونَ لِرَبِّنَا حَامِدُونَ *тойибуна тоиъбуна обидуна лираббино ҳомидуна*. |
| Қабл аз хобидан | « اللّهُمَّ أَسْلَمْتُ نَفْسِي إِلَيْكَ وَفَوَّضْتُ أَمْرِي إِلَيْكَ وَأَلْجَأْتُ ظَهْرِي إِلَيْكَ رَهْبَةً وَرَغْبَةً إِلَيْكَ لا مَلْجَأَ وَلا مَنْجَا مِنْكَ إِلا إِلَيْكَ آمَنْتُ بِكِتَابِكَ الَّذِي أَنْزَلْتَ وَبِنَبِيِّكَ الَّذِي أَرْسَلْتَ »<br>*Аллоҳумма асламту нафсӣ илайк ва фаввазту амри илайка ва ал-ҷаъту заҳрӣ илайка ва раҳбатан ва рағбатан илайка ло малҷаъа ва ло манҷаъа минка ило илайка оманту бикитобикал-лазӣ анзалта ва бинабийикал-лазӣ арсалта*.<br>« الحَمْدُ لِلَّهِ الَّذِي أَطْعَمَنَا وَسَقَانَا وَكَفَانَا وَآوَانَا فَكَمْ مِمَّنْ لا كَافِيَ لَهُ وَلا مُؤْوِيَ<br>*Алҳамдулиллоҳи-л-лазӣ атъамано ва сақано ва кафано ва аавано факам мимман ло кофия лаҳу ва ло муъвийа.*<br>« اللَّهُمَّ قِنِيْ عَذَابك يَوْمَ تَبْعَثُ عِبَادك » *Аллоҳумма қинӣ азобака явма табъасу ибодика.*<br>« سُبْحَانَكَ اللَّهُمَّ رَبِّي بِكَ وَضَعْتُ جَنْبِي وَبِكَ أَرْفَعُهُ إِنْ أَمْسَكْتَ نَفْسِي فَاغْفِرْ لَهَا وَإِنْ أَرْسَلْتَهَا فَاحْفَظْهَا بِمَا تَحْفَظُ بِهِ عِبَادَكَ الصَّالِحِينَ »<br>*Субҳонака аллоҳумма рабби бика вазаъту ҷанбӣ ва бика арфаъаҳу ин амсакта нафсий фағфирлаҳо ва ин арсалтаҳо фаҳфазҳо бимо таҳфазу биҳи ибодака-с-солиҳин*.<br>**Дар дастонаш суф карда ва сурай “Нос” ва “Аалақ”ро хонда дар баданаш бимолад.**<br>Хоб накунед шабҳо магар ин ки ин сураҳоро бихонед: **(Алиф лом мим) (Ассаҷда), (Таборака-л-мулк).** |

| | |
|---|---|
| Рафтан ба сӯи намоз | « اللهُمَّ اجْعَل فِي قَلبِي نُورًا، وَفِي لِسَانِيْ نُورًا، وَفِي سَمْعِي نُورًا، وَفِي بَصَرِي نُورًا، وَمن فَوْقِي نُورًا، وَمن تحْتِي نُورًا، وَعَنْ يَمِينِي نُورًا، وَعَنْ شِمَالِيْ نُورًا، وَمن أَمَامِي نُورًا، وَمن خَلفِي نُورًا، وَاجْعَلْ في نَفسِيْ نُورًا، وَأَعْظمْ لِيْ نورًا، وَعَظِّمِ لِيْ نُوْرًا، وَاجْعَل لِيْ نورًا، وَاجْعَلْنِيْ نُوْرَا، اَللّٰهُمَّ أَعْطِنِيْ نُوْرَا وَاجْعَلْ فِيْ عَصَبِي نُورَا وَفِيْ لحْمِى نُوْرًا، وَفِيْ دَمِي نُورًا، وَفِيْ شَعَرِي نُوْرًا، وَفِيْ بَشَرِي نُوْرَا »<br>*Аллоҳумма аҷъал фи қалбӣ нуран ва фи лисонӣ нуран ва фи самъӣ нуран ва фи басарӣ нуран ва мин фавқӣ нуран ва мин таҳтӣ нуран ва ъан яминӣ нуран ва ъан шимолӣ нуран ва мин амоми нуран ва мин халфӣ нуран ваҷъал фи нафсӣ нуран ва аъзим лӣ нуран ва аъзим лӣ нуран ваҷаълӣ ли ваҷъалнӣ нуран. Аллоҳумма отини нуран ваҷъал фӣ асабӣ нуран ва фӣ лаҳмӣ нуран ва фи дамӣ нуран ва фӣ шаъарӣ нуран ва фӣ башарӣ нуран*. |
| Дуои истихора | **“Агар ба сари шумо кори азиме пеш биёяд пас ду ракаъат намоз бихонаду сипас ин дуъоро бихонад:**<br>« اللَّهُمَّ إِنِّي أَسْتَخِيرُكَ بِعِلْمِكَ، وَأَسْتَقْدِرُكَ بِقُدْرَتِكَ، وَأَسْأَلُكَ مِنْ فَضْلِكَ، فَإِنَّكَ تَقْدِرُ وَلا أَقْدِرُ، وَتَعْلَمُ وَلاَ أَعْلَمُ، وَأَنْتَ عَلامُ الْغُيُوبِ، اللَّهُمَّ فَإِنْ كُنْتَ تَعْلَمُ هَذَا الأَمْرَ( ثُمَّ تُسَمِّيهِ بِعَيْنِهِ ) خَيْرًا لِي فِي دِينِي وَمَعَاشِي وَعَاقِبَةِ أَمْرِي ـ أو قال: عَاجِلِ أَمْرِي وَآجِلِهِ ـ فَاقْدُرْهُ لِي وَيَسِّرْهُ لِي ثُمَّ بَارِكْ لِي فِيهِ، وَإِنْ كُنْتَ تَعْلَمُ أَنَّ هَذَا الأمر شَرٌّ لِي فِي دِينِي وَمَعَاشِي وَعَاقِبَةِ أَمْرِي ـ أَوْ قَالَ فِي عَاجِلِ أَمْرِي وَآجِلِهِ ـ فَاصْرِفهُ عني واصْرِفْنِي عَنْهُ وَاقْدُرْ لِيَ الْخَيْرَ حَيْثُ كَانَ ثُمَّ رَضِّنِي بِهِ »<br>*Аллоҳумма инни астахирука би илмика ва астақдирука биқудратика ва асъалука мин фазлика фаиннака тақдиру ва ло ақдиру ва таъламу ва ло аъламу ва анта аълому-л-ғуюби. Аллоҳумма фа ин кунта таъламу ҳоза-л-амра* **“сипас он коре ки мехоҳад, номбар кунад”** *хайран л- фи динӣ- ва маъошӣ ва оқибати амрӣ. Ав қола: Оҷил амрӣ ва оҷилҳи фақдурҳу ли ва яссирҳу ли сумма борик ли фиҳ ва ин кунта таъламу анна ҳоза-ламри шарран лӣ фӣ динӣ ва маъошӣ ва оқибатӣ амри. Ав қола: фи оҷил амри ва оҷилиҳи фасрафҳу ъаннӣ васрифнӣ анҳу вақдур ли алхайра ҳайсу кона сумма раззинӣ биҳӣ*”**.** |
| Дуъо барои мурда | ((اللّٰهُمَّ اغْفِرْ لَهُ وَارْحَمْهُ، وَعَافِهِ، وَاعْفُ عَنْهُ، وَأَكْرِمْ نُزُلَهُ، وَوَسِّعْ مُدْخَلَهُ، وَاغْسِلْهُ بِالْمَاءِ وَالثَّلْجِ وَالْبَرَدِ، وَنَقِّهِ مِنَ الْخَطَايَا كَمَا نَقَّيْتَ الثَّوْبَ الأَبْيَضَ مِنَ الدَّنَسِ، وَأَبْدِلْهُ دَاراً خَيْراً مِنْ دَارِهِ، وَأَهْلاً خَيْراً مِنْ أَهْلِهِ، وَزَوْجاً خَيْراً مِنْ زَوْجِهِ، وَأَدْخِلْهُ الجَنّةَ، وَأَعِذْهُ مِنْ عَذَابِ الْقَبْرِ وَعَذَابِ النَّار]))<br>Боро Худоё! ӯро бубахш ва бар ӯ раҳм кун ва офиятро насибаш кун ва аз хатояш гузашт кун. Илоҳо меҳмонии ӯро гироми дор, вақабрашро васеъ гардон ва ӯро бо обу барфу хунукӣ бишуй ва аз либосҳояш хунон покаш гардон ки мисли либоси сафедро аз олудагӣ пок мегардонӣ.<br>Парвардигоро! барои ӯ хонаи беҳтар аз хонааш ва хонаводаи беҳтар аз хонаводааш ва ҳамсари беҳтар аз ҳамсараш иноят фармо ва ӯро вориди биҳишт кун ва аз азоби қабр дузах ва паноҳаш бидеҳ |

# ТИҶОРАТИ СУДМАНД

Худованд инсонро бар дигар офаридаҳояш бартарӣ бахшида, ӯро ба неъмати нутқ ва калом ихтисос додаю забонро ибрози баён гардонида аст. Забон неъмате аст, ки метавон онро ҳам дар хайр ва ҳам дар шарр ба кор гирифт. Ҳар кас онро дар роҳи хайр ба кор гирад, ба саодати дунявӣ ва манзалатҳои волои ухравӣ хоҳад расид, аммо ҳар кас дар ғайри ин роҳ онро ба кор гирад ӯро дар маърази ҳалок ва нобудӣ дар ҳар ду ҷаҳон қарор хоҳад дод. Беҳтарин роҳ барои истифода кардани вақт дар роҳи хайр қироати Қуръон, зикр ва ёди Худованд аст.

Фазилати зикр. Аҳодиси зиёде роҷеъ ба он омада аст, аз ҷумла Расулаллоҳ фармудаанд: *Мехоҳед шуморо ба беҳтарин ва поктарин ва боарзиштарин аъмолатон дар пешгоҳи Парвардигоратон хабар намоям. Аъмоле, ки манзалати шуморо боло мебарад ва аз садақа ва эҳсон ба василаи тилло ва нуқра ва даргир шудан бо душман ва задани гардани онон ва зада шудани гардани шумо беҳтар мебошад? Гуфтанд: Оре, ё Расулаллоҳ. Фармуд: Зикри Худованд.*

Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: *“Касе, ки Худовандро зикр мекунад ва касе, ки Ӯро зикр намекунад, ҳамчун зинда ва мурдаанд”.*

Худованди мутаъол дар ҳадиси қудсӣ мефармояд: *“Ман ба ҳамроҳи гумони бандаам нисбат ба худам ҳастам, ҳар гоҳ маро зикр кунад, бо ӯ ҳастам. Агар Маро дар нафси худ бихонад, ӯро дар нафсам мехонам. Агар Маро дар ҳузури дигарон бихонад, ӯро дар ҳузури дигарон мехонам. Агар як ваҷаб ба ман наздик шавад, як зироъ ба ӯ наздик мегардам”.*

Ҳамчунин Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: *“Яккатозҳо пешӣ гирифтанд”. Аз ӯ пурсиданд: Яккатозҳо кистанд ё Расулаллоҳ? Фармуд: «Мардон ва заноне, ки Худовандро бисёр зикр мекунанд”.*

Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар мақоми тазаккур ба яке аз ёрони худ фармуд: *“Забонат ҳамеша аз ёди Худованд тару тоза аст”.*

Подоши музоъаф. Подоши аъмоли солеҳа – ҳамчун қироъати Қуръон – чандин баробар мегардад ва ин афзоиши аҷр бо таваҷҷӯҳ бо мавориди зер аст: 1.Бо мизони имон, ихлос ва муҳаббати Худованд ва … иртибот дорад. 2.Бо мизони таваҷҷӯҳ ва иштиғоли қалб ба зикр ва фикр иртиботи мустақим дорад, ки зикр набояд фақат бар забон оварда шавад. Агар инро комил кунад, Худованд тамоми гуноҳони

ӯро мебахшояд ва ба ӯ подоши том ва тамом медиҳад, аммо агар нотамом бошад, аҷру подоши ӯ низ нотамом хоҳад буд.

**Фоидаҳои зикр.** ✷ Шайтонро меронад ва ӯро саркӯб карда, биниашро бар хок мемолад. ✷ Хушнудии холиқро сабаб мешавад. ✷ Сабаби муҳаббати Худованд ва наздики ба Ӯ мешавад. ✷ Заминаро барои рӯйоварии ҳарчи бештари Худованд ба банда фароҳам мегардонад. ✷ Инсонро барои итоати бештар аз Худованди манон ёрӣ медиҳад. ✷ Ғаму ғуссаро аз дил мебарад ва суруру шодмониро ба ҳамроҳ меоварад. ✷ Ба қалб қувват ва ҳаёту покӣ ва сафо мебахшад. ✷Дар дил ташнагию ниёзе ҳаст, ки ҳеҷ чиз ба ғайр аз зикри Худованд онро бартараф намекунад. ✷ Дар қалб қувват ва хушунате вуҷуд дорад, ки ҳеҷ чизе ба ғайр аз ёди Худованд онро нарму об намекунад. ✷ Зикр доруи шифобахши дил ва мояи қуввати он аст. ✷ Зикрро лаззате аст, ки бо ҳеҷ лаззате қобили муқоиса нест. ✷ Ғафлат бадтарин беморији дил аст. ✷ Зикри андак нишонаи нифоқ аст ва касрати он аломати қуввати имон ва садоқат дар муҳаббати Худованд аст, зеро ҳар касе чизеро дӯст бидорад, онро ёд мекунад. ✷ Ҳар гоҳ инсон дар шароити шодмонӣ ва осудагӣ Худовандро ёд кунад, Худованд низ ӯро дар шароити сахтӣ монанди марг ва сахтиҳои он, фаромӯш намекунад. ✷Зикри Худованд омили наҷот аз азоби Худованд аст, оромишро ба ҳамроҳ дорад ва инсонро дар зери пӯшиши раҳмати Худованд қарор медиҳад ва талаби мағфират аз ҷониби малоикро барои зокир сабаб мешавад. ✷ Забонро аз ворид шудан ба беҳудагӯи, ғайбат, дурӯғ ва дигар гуноҳон ва маъосӣ бозмедорад. ✷ Аз осонтарин ибодат ва бартарин ва гиромитарини онҳост ва дар воқеъ таъминкунандаи биҳишт аст. ✷ Либоси виқор ва маҳбубият ва дурахшонии чеҳраро, ки нури дунявӣ ва нури қабр ва нури маъод аст, бар тани зикркунанда мепӯшонад. ✷ Зикр сабаби дуруд ва раҳмати Худованд ва фариштагон бар зокир мешавад ва Худованд дар миёни малоик ба инсонҳое, ки Ӯро зикр мекунанд, ифтихор менамояд. ✷ Онҳое, ки беҳтарин аъмолро анҷом медиҳанд, ғолибан касоне ҳастанд, ки ба беҳтарин сурат Худовандро зикр ва ёд менамоянд. ✷Беҳтарин рӯза дар касе ҳаст, ки ба ҳангоми он беш аз дигарон Худовандро зикр ва ёд намояд. ✷ Сахтиҳоро осон, мушкилотро муртафеъ ва

# АВРОДИ РӮЗОНА ДАР ҲАР БОМДОД ВА ШОМ

машаққатҳоро коҳиш медиҳад ва муҷиби ҷалби рузӣ мегардад ва баданро неру ва қувват мебахшад.

| Т | Зикрҳои ҳар руза` бихонед.... | Вақт ва адад | Асар ва фазлаш |
|---|---|---|---|
| 1 | **Оятанкурсӣ[1]:** | Субҳ ва шаб баъд аз намозҳои воҷиб як бор | Шайтонро меронад ва сабаби рафтан ба биҳишт мешавад. |
| 2 | Ду ояи охири сураи «Бақара»[2]: | Шабона ва пеш аз хоб як бор | Ӯро аз тамоми бадиҳо масун медорад. |
| 3 | Сураи «Ихлос» «Алфалақ» ва «Аннос»[3] «Аннос»[3] | Се бор субҳ ва се бор шаб | Ӯро дар ҳама умур кифоят мекунад. |
| 4 | بسم الله الذي لا يضر مع اسمه شيء في الأرض ولا في السماء وهو السميع العليم <br> ***Бисмиллоҳиллазӣ ло язурру маъаисмҳи шайун филарзи ва ло фиссамои ва ҳувассамиъулалим.*** | Се бор шабона ва замони вуруд ба ҷое | Ба балои ногаҳонӣ мубтало намешавад ва ҳеҷ зиёне намебинад. |
| 5 | أعوذ بكلمات الله التامات من شر ما خلق. <br> ***Аъузу бикалимотиллоҳи ттомот мин шарри мо халақ*** | Се бор шабона ва замони вуруд ба ҷое | ҷойҳоро аз тамоми зарарҳо нигоҳ медорад |
| 6 | اللّٰهُمَّ إِنِّيْ أَسْأَلُكَ العافِيَةَ في الدُّنيا والآخرة، اللّٰهُمَّ إِنِّيْ أَسْأَلُكَ العَفْوَ وَالْعَافِيَةَ فِيْ دِيْنِيْ وَدُنْيَايَ، وَأَهْلِيْ وَمَالِيْ، اللّٰهُمَّ اسْتُرْ عَوْرَاتِيْ، وَآمِنْ رَوْعَاتِيْ، اللّٰهُمَّ احْفَظْنِيْ مِنْ بَيْنِ يَدَيَّ، وَمِنْ خَلْفِيْ، وَعَنْ يَمِيْنِيْ، وَعَنْ شَمَالِيْ، وَمِنْ فَوْقِيْ، وَأَعُوْذُ بِعِظْمَتِكَ أَنْ أُغْتَالَ مِنْ تَحْتِيْ <br> ***Боро Худоё афву офият дар дину дунё ва хонаводаву моламро аз ту хоҳонам, боро Худоё айбҳои манро бипушон ва тарси манро баамну амони табдил бидеҳ, боро Худоё манро аз пешу пас ва аз чапу рост ва аз болои сарам муҳофизат кун ва баазамату бузургии ту паноҳ мебарам аз инки бо таври*** | Субҳу шом як бори хонда шавад | Субҳ ё шоме набуд ки Паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам) ин дуоро нахонад. |

[1] Барои хондани Оятул курсӣ бо хати араби ва тафсираш бо тоҷикӣ ба саҳифаи 239 мурочиат кунед.
[2] Барои хондани ду ояти сураи Бақара бо хати арабӣ ва тафсираш бо тоҷикӣ ба саҳифаи 239 мурочиъат кунед.
[3] Барои хондани сураи Ихлос, Фалақ ва Нос бо хати арабӣ ва тафсираш бо тоҷикӣ ба саҳифаи 173 мурочиъат кунед.

| | | | |
|---|---|---|---|
| | *ногаҳони аз тарафи поён ҳалок шавам.* | | |
| 7 | حسبي الله لا إله إلا هو عليه توكلت وهو رب العرش العظيم.<br>*Ҳасбияллоҳу ло илоҳа ило ҳува алайҳи таваккалту ва ҳува раббиларшилаъзим* | Ҳафт бор субҳ ва ҳафт бор шаб | Дар ҳамаи умури дунявӣ ва ухравӣ ўро кифоят мекунад. |
| 8 | رضيت بالله رباً وبالاسلام ديناً وبمحمد ص نبياً.<br>*Разийту биллоҳи раббан ва билисломи динан ва биМуҳаммад набиян* | Се бор субҳ ва се бор шаб | Худованд бар худ ҳақ медонад, ки ўро розӣ гардонад. |
| 9 | اللّهُمَّ بك أصبحنا وبك أمسينا وبك نحيا وبك نموت وإليك النشور<br>*Алоҳумма бика асбаҳно ва бика амсяно ва бика наҳё ва бика намут ва илайкалнушур*<br>وفي المساء: اللّهُمَّ بك أمسينا وبك أصبحنا.... وإليك المصير.<br>**ва филмасои:** *аллоҳумма бика амсяно ва бика асбаҳно... ва илайкалмасир.* | Як бор субҳ ва як бор шаб | барои хонданаш шавқманд карда шудааст. |
| 10 | أصبحنا على فطرة الإسلام، وكلمة الإخلاص، ودين نبينا محمد ﷺ وملة أبينا إبراهيم حنيفاً مسلما وما كان من المشركين.<br>*Асбаҳно ала фатартул ислом ва калиматил ихлоси ва дини набийино Муҳаммадан* (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) *ва миллати абино Иброҳим ҳанифан муслиман ва мо кона миналмушрикин* | Субҳ як бор | Расулаллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар дуоҳояш онро мехонд |
| 11 | اللّٰهُمَّ مَا أَصْبَحَ بِي مِنْ نِعْمَةٍ أَو بأَحَدٍ مِنْ خَلْقِكَ فَمِنْكَ وَحْدَكَ لا شَرِيكَ لَكَ فَلَكَ الْحَمْدُ وَلَكَ الشُّكْرُ.<br>*Аллоҳумма ма асбаҳ би мин неъмати ав биаҳадин мин халқик, фа минк, ваҳдака ла шарика лак, фалакал ҳамду ва шукр .* | Як бор субҳ ва як бор шаб | Гуё ки шукронаи он рузу шабро баҷо овардааст. |
| 12 | اللهُمّ إِنِّيْ أَصْبَحْتُ أَشْهِدُكَ وَأَشْهِدُ حَمَلَةَ عَرْشِكَ وَمَلاَئِكَتِكَ وَأَنْبِيَائِكَ وَجَمِيْعِ خَلْقِكَ بِأَنّكَ أَنتَ اللهُ لاَ إِلٰهَ إِلاَّ أنتَ وَأَنَّ مُحَمَّداً عَبْدُكَ وَرَسُوْلُكَ. (وفي المساء يقُولُ: أَمْسَيْتُ)<br>*Аллоҳумма инни асбаҳту ашҳадука ва ашҳаду ҳамалта аршика ва малоикатика ва анбиёика ва ҷамиъи халқика бианка анта Аллоҳу ло илоҳа илло анта ва анна Муҳаммадан абдука ва расулука* | Субҳ чаҳор бор ва шаб чаҳор бор | Ҳар кас чаҳор бор онро бигўяд Худованд ўро аз оташ ҳифз мегардонад |
| 13 | اللّٰهُمَّ فاطر السموات والأرض عالم الغيب والشهادة رب كل شيء ومليكه أشهد أن لا إلٰه إلا أنت أعوذ بك من شرٍ نفسي ومن شر الشيطان وشركه وأن أقترف على نفسي سوءاً أو أجرَّه إلى مسلم<br>*Аллоҳумма фотируссамовоти валарз олимул ғайби вашшаҳодати рабби кули* | Субҳ ва шаб як бори | Хонандаро аз васвасаи шайтон масун медорад. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | *шайъ ва малики ашҳаду ан ла илоҳа илло анта, аъузу бика мин шарри нафси ва мин шарри шайтони ва ширкиҳи ва ан ақтараф ало нафси суа ав оҷураҳ ило муслим* | | |
| 14 | اللّهُمَّ إني أعوذ بك من الهم والحزن وأعوذ بك من العجز والكسل وأعوذ بك من الجبن والبخل وأعوذ بك من غلبة الدين وقهر الرجال. *Аллоҳумма инни аъузу бика миналҳам валҳузн ва аъузу бика миналаҷзи валкасли ва аъузу бика миналҷабни валбухли ва аъузу бика мин ғалбатаддини ва қаҳрарриҷоли* | Субҳ як бор ва шаб як бор | Ғаму ғусаашро аз байн мебарад ва қарзҳои ӯ пардохта мешавад. |
| 15 | اللَّهُمَّ أَنْتَ رَبِّي لا إِلَهَ إِلا أَنْتَ خَلَقْتَنِي وَأَنَا عَبْدُكَ وَأَنَا عَلَى عَهْدِكَ وَوَعْدِكَ مَا اسْتَطَعْتُ أَعُوذُ بِكَ مِنْ شَرِّ مَا صَنَعْتُ أَبُوءُ لَكَ بِنِعْمَتِكَ عَلَيَّ وَأَبُوءُ لَكَ بِذَنْبِي فَاغْفِرْ لِي فَإِنَّهُ لا يَغْفِرُ الذُّنُوبَ إِلا أَنْتَ. *Аллоҳумма анта рабби ло илоҳо ило анта халақтани ва ано абдука ва ано ало аҳдика ва ваъдика мо статаъту аъузу бика мин шарри мо санаъту абу лака бинеъматика аъл ва абуу лака бизанби фағфирли фаиннаҳу ло яғфируззунуба ило анта.* | Субҳ як бор ва шаб як бор | Ҳар кас бо яқин онро бихонад ва ҳамон рӯз ё шаб бимирад, биҳишти (иншоаллоҳ) мешавад. |
| 16 | ياحي يا قيوم برحمتك أستغيث أصلح لي شأني كله ولا تكلني إلى نفسي طرفة عين *Ё ҳай ё қайюм бика астағису васлаҳли шани кулла ва ло такални ило нафси тарфату аъйн* | Субҳ ва шаб як бори | Расулаллоҳ(саллаллоху алайҳи ва саллам) хондани онро ба духтараш суфориш мефармуд. |
| 17 | اللهُمَّ عافِني في بدني، اللهُمَّ عافني في سمعي، اللهُمَّ عافني في بصري، اللهُمَّ إني أعوذ بك من الكفر والفقر، اللّهُمَّ إني أعوذ بك من عذاب القبر لا إله إلا أنت *Аллоҳумма офни фи самъи, аллоҳумма офни фи басари, аллоҳумма аъузу бика миналкуфри валфақри, аллоҳумма инни аъузу бика мин азобил қабри ло илоҳа ило анта.* | Субҳ ва шаб се бори | Ривоят шуда, ки онро Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар дуояш мефармуд. |
| 18 | (سُبْحَانَ اللهِ وَبِحَمْدِهِ: عَدَدَ خَلْقِهِ، وَرِضَا نَفْسِهِ، وَزِنَةَ عَرْشِهِ وَمِدَادَ كَلِمَاتِهِ) *Тасбиҳу поки бар Худованд ва ситоиш бар Ӯ ба адади халқаш ва ризои нафсаш ва сангинии аршаш ва ҷавҳари суханонаш бод.* | Се бор Субҳона | Савоби у аз нишастан дар зикр аз Бомдод то нимарузи беҳтараст |

# Аҳвол ва аъмоле, ки барои онҳо подош ва аҷр таъйин шуда аст:

| Т | Гуфтор ва рафтор | Подош ва аҷри он аз аҳодиси Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) |
|---|---|---|
| 1 | **Гуфтани: “Ло илоҳа илаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу лаҳулмулк ва лаҳулҳамду ва ҳува аъло кулла шайъин қадир”** | Ҳар касе онро ҳар рӯз сад бор бигӯяд, ба андозаи озод кардани даҳ барда савоб мегирад, сад эҳсон барои ӯ навишта мешавад ва сад гуноҳаш пок мешавад ва ӯ дар он рӯз аз шайтон маҳфуз мегардад ва ҳеҷ кас коре беҳтар аз кори ӯро наметавонад иҷро бидиҳад магар касе, ки онро бештар анҷом дода бошад. |
| 2 | **Талаби биҳишт кардану паноҳ ҷӯстан аз оташи дузах** | Ҳар ки аз Худованд се бор талаби биҳишт кунад, биҳишт мегуяд` Худоё ӯро дохили биҳишт кун ва ҳар ки ба Худованд се бор аз оташи дузах паноҳ биҷуяд, дузах мегуяд` Худоё ӯро аз оташи дузах паноҳ бидеҳ. |
| 3 | **Гуфтани: Субҳоналлоҳи биҳамдиҳи ва Субҳоналлоҳилазим** | Ҳар кас баъди бомдод ва шом сад бор бигӯяд: سُـبْحَانَ اللَّهِ وَبِحَمْـدِهِ “*Субҳоналлоҳи ва биҳамдиҳи*” гуноҳонаш агарчи монанди кафки дарё бошанд, пок мегарданд ва дар рӯзи қиёмат ҳеҷ касе амалеро беҳтар аз ӯ надорад, магар касе ҳамчун ӯ ё бештар аз ӯ гуфта бошад. Ду калима ҳастанд, ки гуфтанашон бар забон осон аст ва дар тарозуи аъмол бештар вазнин ҳастанд ва назди Худованди раҳмон маҳбуб ҳастанд ва он ду калима سُـبْحَانَ اللَّهِ وَبِحَمْـدِهِ سُـبْحَانَ اللَّهِ الْعَظِـيمِ “*Субҳоналлоҳи биҳамдиҳи Субҳоналлоҳилазим*” ҳастанд. |
| 4 | Гуфтани “Субҳоналлоҳи–лазим ва биҳамдиҳи | Ҳар касе бигӯяд سُبْحَانَ اللَّهِ الْعَظِيمِ وَبِحَمْدِهِ “*Субҳоналлоҳилазим ва биҳамдиҳи*” дарахти хурмое дар биҳишт барои ӯ кошта мешавад. |
| 5 | **Гуфтани “Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ”** | Шуморо бо беҳтарин кунҷ аз кунҷҳои биҳишт роҳнамоӣ кунам? Гуфтам: Оре. Фармуд: لا حَوْلَ وَلا قُوَّةَ إلا بِاللَّهِ “*Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ*” |
| 6 | **Каффораи маҷлис** | Касе, ки дар маҷлисе ҳузур дошт ва дар он лағжишаш бисёр буд, пеш аз он ки аз он маҷлис бархезад, бигӯяд: سُبْحَانَكَ اللَّهُمَّ وَبِحَمْدِكَ أَشْهَدُ أَنْ لا إِلَهَ إِلا أَنْتَ أَسْتَغْفِرُكَ وَأَتُوبُ إِلَيْكَ |

| | | |
|---|---|---|
| | | “*Субҳонака аллоҳумма ва биҳамдика ашҳаду ан ло илоҳа ило анта астағфирука ва атубу илайка*” тамоми он чиро, ки дар он маҷлис барои ӯ пеш омада буд, мавриди авф қарор мегирад. |
| 7 | **Салавот бар Паёмбар** (саллаллоху алайҳи ва саллам) | Ҳар касе бар ман танҳо як салавот бифиристад, Худованд бар ӯ даҳ салавот мефиристад ва даҳ гуноҳаш бахшида мешавад ва даҳ дараҷа бар манзалати ӯ изофа мегардад. Дар ривояти дигаре: даҳ дараҷа савоб барои ӯ навишта мешавад. |
| 8 | **Фазли қироъати оёти Қуръони карим** | Ҳар кас дар як шабонарӯз панҷоҳ ояро тиловат намояд. аз зумраи ғофилин нахоҳад буд ва ҳар кас 100 ояро бихонад, аз зумраи порсоён хоҳад буд ва ҳар кас 200 ояро бихонад, Қуръон бар зидди ӯ ҳуҷҷат нахоҳад буд ва ҳар кас 500 ояро тиловат намояд, барои ӯ аҷри беандоза ва ҳангуфте хоҳад буд |
| 9 | **Дуъои дохил шудан ба бозор** | Ҳарки пеш аз дохил шудан ба бозор ин дуъоро бихонад` Худованд барояш ҳазор ҳазор ҳасана навишта мекунад ва ҳазор ҳазор гуноҳашро маҳв мекунад ва мартабаашро ҳазор ҳазор баробар боло мебарад.<br>لاَ إِلَهَ إِلاَّ اللهُ وَحْدَهُ لاَ شَرِيْكَ لَهُ لَهُ الْمُلْكُ وَلَهُ الْحَمْدُ، يُحْيِ وَيُمِيْتُ وَهُوَ حَيٌّ لاَ يَمُوْتُ بِيَدِهِ الْخَيْرُ وَهُوَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيْرٌ<br>Ҳеҷ маъбуде ҷуз Худои якто вуҷуд надорад ва Ӯ шарике надорад. Подшоҳи ва ситойиш азони Ӯст, Ӯст ки зинда мекунад ва мемиронад ва Ӯ зиндааст ва ҳаргиз намемирад, некӣ ва бадӣ дар дасти Ӯст ва Ӯ бар ҳама чиз тавоност. |
| 10 | Фазли ҳифзи ояте аз сураи “Каҳф” | Ҳар кас 10 ояи аввали сураи “Каҳф”ро ҳифз намояд, аз Даҷҷол масун (дар амон) хоҳад буд. |
| 11 | Дуъо касе ки дучори бало шудааст | Ҳар ки шахси дучори бало шударо бубинад ва бигуяд ки`<br>الحمد لله الذي عافانى مماابتلاك به و فضلنى على كثير ممن خلق تفضيلا. |
| 12 | Дуои баъд аз азон | Ҳар касе баъд аз шунидани азон бигӯяд<br>اللَّهُمَّ رَبَّ هَذِهِ الدَّعْوَةِ التَّامَّةِ، وَالصَّلاةِ الْقَائِمَةِ، آتِ مُحَمَّدًا الْوَسِيلَةَ وَالْفَضِيلَةَ، وَابْعَثْهُ مَقَامًا مَحْمُودًا الَّذِي وَعَدْتَهُ<br>“*Аллоҳумма рабби ҳозиҳи даъватит тамматиi вассалотилққоимаҳ. Оти Муҳаммадан ал василата валфазила ва бъасу мақоман маҳмудан аллази ваъдтаҳу*” шафоатам дар рӯзи қиёмат барои ӯ воҷиб мешавад. |
| 13 | Вузуи хуб ва | Ҳар кас ба беҳтарин сурат вузӯ гирад, гуноҳонаш аз бадани ӯ хориҷ мешаванд, ҳатто аз зери нохунҳояш |

| | | |
|---|---|---|
| | комил | берун мерезанд. |
| 14 | Дуои баъд аз вузу | Ҳар як аз шумо, ки вузуи матлуб ва комиле бигирад ва баъд аз он бигӯяд: أَشْهَدُ أَنْ لا إِلَهَ إِلا اللَّهُ وَأَنَّ مُحَمَّدًا عَبْدُ اللَّهِ وَرَسُولُهُ "*Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуллоҳу ва расулуҳу*<br>Ҳашт дари ҷаннат барояш кушода мешавад аз кадоме яки онҳо хоҳад медарояд |
| 15 | Ду ракъат намоз баъд аз вузу | Ҳар мусулмоне, ки вузуи матлубро бигирад ва сипас ду ракаат намозро бар пой дорад ва қалбу дили ӯ мутаваҷҷеҳи он ду ракаат намоз бошад, биҳишт барои ӯ воҷиб мешавад. |
| 16 | Бисёр ба масҷид рафтан | Ҳар касе рӯзу шаб барои ҳузур дар ҷамоъат ба масҷид биравад, ҳар қадаме, ки бармедорад, гунохе аз ӯ пок мешавад, чи қадамҳои рафтан ва чи қадаммҳои баргаштан. |
| 17 | Талаби мағфират аз Худованд | Ҳар ки дар талаби мағфират мудовамат кунад, Худованд барои у аз ҳар гуна мушкилие осони меорад ва аз ҳар гуна ғаму андухе кушоиш меорад ва аз ҷое барояш ризқ мебахшад ки интизорашро надошта бошад. |
| 18 | Омодагӣ барои рӯзи ҷумъа | Ҳар кас рӯзи ҷумъа ғусл кунад ва худро шустушӯ диҳад ва зуд аз хоб бархезад ва пиёда ба ҷумъа биравад ва ба имом наздик шавад ва ба ӯ гӯш фаро диҳад, кори беҳуда накунад ба теъдоди ҳар қадами ӯ подоши рӯза ва намози як сола аҷр хоҳад буд.<br>Ҳар кас, ки рӯзи ҷумъа ғусл кунад ва дар ҳадди тавон худро покиза намояд ва худро ороиш намояд ва хушбӯи ба худ бизанад ва берун биравад ва дар миёни ду кас ҷудоӣ эҷод накунад ва сипас намозеро навофил бихонад ва сипас ба ҳангоми хутбаи имом сокит бимонад, гуноҳони миёни он ҷумъа то ҷумъаи дигараш бахшида мешавад. |
| 19 | Расидан ба Аллоҳу акбари аввали намоз ва такбиратулэхром | Ҳар кас чиҳил рӯз намозҳояшро бо ҳамроҳии ҷамоъат бихонад ва бо такбири аввали имом намозашро оғоз кунад (ба такбири аввалӣ бирасад) аз ду чиз ҳатман эмин мешавад: аз оташи дӯзах ва аз инфоқ. |
| 20 | Намозҳои воҷибро бо ҷамоъат хондан | Намози ҷамоъат 27 бор бартар аз намози фардӣ аст. |
| 21 | Хондани | Ҳар кас намози ишоро бо ҷамоъат бихонад, |

| | | |
|---|---|---|
| | намози субҳ ва ишо бо ҷамоъат | мисли он аст, ки нимае аз шабро намоз хонда ва ҳар кас намози субҳро бо ҷамоъат бихонад, ҳаммонанди он аст, ки тамоми шаб намоз хонда бошад. |
| 22 | Сафи аввали намоз | Агар мардум медонистанд зуд рафтан ба намоз ҳангоми азон ва дар сафи аввал чӣ аҷр ва подоше дорад, барои он азми худро ҷазм мекарданд ва барои ҳузур дар сафи аввал қуръакашӣ мекарданд. |
| 23 | Намози мустаҳаб фаровон хондан | Шуморо ба саҷдаи бисёр амр менамоям, зеро ҳар саҷдаеро, ки мебаред, Худованд дараҷаеро бар манзалати шумо меафзояд ва гуноҳе аз гуноҳони шуморо пок мегардонад. |
| 24 | Хондани намозҳои суннат | Касе, ки дар шабонарӯз дувоздаҳ ракаат намози мустаҳаб бихонад, хонае дар биҳишт барояш сохта мешавад: чаҳор ракаат қабл аз зуҳр ва ду ракаат баъд аз он ва ду ракаат баъд аз мағриб, ду ракаат баъд аз ишо ва ду ракаат баъд аз намози субҳ. |
| 25 | Суннати ротиба (муаккада) қабл аз намози субҳ ва фаризаи субҳ | Ду ракаат намози қабл аз намози субҳ беҳтар аз дунё ва ҳамаи он чи дар он аст. Ҳар касе намози субҳро бихонад, дар сафи ҳимояти Худованд қарор мегирад. |
| 26 | Намози чоштгоҳ | Бар ҳар пайванде аз бадани шумо дар ҳар субҳгоҳ садақае аст, ҳар тасбеҳе садақа аст ва ҳар ҳамде ва “Ло илоҳа илаллоҳ” ва “Аллоҳу акбар” ва амр ба маъруф ва наҳи аз мункар садақа аст ва аммо ду ракаат намози субҳ ба андозаи ҳамаи онҳо аҷр ва савоб дорад. |
| 27 | Зикри Худованд дар маҳали намоз | Бар ҳар як аз шумо то замоне, ки дар маҳали намоз ҳастед ва ҳамчунон вузӯ доред, малоик салавот мефиристанд ва мегӯянд: “Худованд ӯро мавриди мағфират қарор бидеҳ, Худованд бо ӯ меҳрубон бош”. |
| 28 | Зикри Худованд баъд аз намози субҳ то тулӯи офтоб ва хондани ду ракаат баъд аз он | Ҳар кас намози субҳро бо ҷамоат бихонад, баъд бинишинад ва то тулӯъи офтоб Худовандро зикр кунад ва сипас ду ракаат намозро бар ҷой биоварад, ба андозаи савоби як ҳаҷ ва як умраи комил аз они худ месозад. |
| 29 | Ҳар кас барои намози таҳаҷҷуд | Ҳар кас шабонгоҳон бедор шавад ва ҳамсараш низ бо ӯ бархезад, бо ҳамдигар |

| | | |
|---|---|---|
| | бархезад ва ҳамсараш низ бедор шавад | бо ҷамоат ду ракаат намоз бихонанд, Худованд онҳоро аз зумраи мардон ва заноне қарор медиҳад, ки бисёр Худовандро ёд мекунанд. |
| 30 | Касе, ки қасди намози шабро дошта, аммо дар хоб монда бошад | Ҳар кас қасди намози шаб дошта, аммо ӯро хоб бурда бошад, Худованд аҷри намозро барои ӯ дар назар мегирад ва хобаш подоше барои ӯст. |
| 31 | Гуфтани 33 бор Субҳоналлоҳб 33 бор Алҳамдуллиллоҳ ва 33 бор Аллоҳу Акбар ва поён додани он бо “Ло илоҳа илаллоҳу ваҳдаҳу ло … | Ҳар кас баъд аз ҳар намоз 33 бор *Субҳоналлоҳ*, 33 *бор Алҳамдулиллоҳ*, 33 бор *Аллоҳу акбарро* бигӯяд ва дар поён бигӯяд: *Ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳу лаҳулмулку ва лаҳулҳамду ва ҳува аъло кулла шайин қадир*” гуноҳони ӯ агарчи ҳамчун кафки дарё бошанд, бахшида мешаванд. |
| 32 | Хондани «Ояталкурси» баъд аз намозҳои воҷиб | Касе, ки баъд аз намозҳои худ «Ояталкурсӣ» бихонад, фосилаи ӯ то биҳишт фақат марг аст. |
| 33 | Аёдати мариз | Мусулмоне, ки аз мусулмони дигар аёдат мекунад, магар ин ки агар ҳангоми субҳ ба аёдат биравад, ҳафтод ҳазор малоика то шаб бар ӯ дуруд мефиристанд ва агар шаб ба аёдат биравад, ҳафтод ҳазор малоика то субҳ бар ӯ дуруд мефиристанд ва барои ӯ меваҳои чидае дар биҳишт аст. |
| 34 | Таъзия додан ба мусибатдида | Ҳар кас таъзияи мусибатдидаеро бигӯяд, аҷре ҳаммонанди ӯро шомил мешавад. Ҳеҷ мӯъмине нест, ки таъзияи бародари мусалмони мусибатдидаашро мекунад, магар ин ки Худованд ӯро бо либоси кароматмепӯшонад. |
| 35 | Намоз бар майит ва ташийъи ҷаноза то қабристон. | Ҳар касе бар ҷанозае намоз бихонад, як қирот аҷр дорад ва касе, ки бар дафни он ҷаноза низ ҳамроҳ шавад, ду қирот аҷр хоҳад дошт. Аз ӯ савол шуд: Қирот чист? Фармуд: *ду қирот ҳаммонанди ду кӯҳи бузург аст* |
| 36 | Касе, ки барои касби ризоияти Худованд масҷиде месозад | Касе, ки масҷидеро барои Худованд месозад, ҳар чанд ба андозаи лонаи гунҷишке мебошад, Худованд барои ӯ хонаеро дар биҳишт месозад |
| 37 | Инфоқ | Ҳеҷ сабоҳе бар мардум намегузарад, магар ки ду |

| | | |
|---|---|---|
| | (Нафақа) | фаришта нозил мешавад ва яке аз онон мегӯяд: Худовандо моли аҳли инфоқро ҷойгузин кун ва моли худдорикунанда аз эҳсонро талаф намо. |
| 38 | Қарз додан бидуни суд | Ҳар гоҳ мусулмоне ба бародари мусулмони худ (пул ё молро) ду бор қарз диҳад (то гиреҳе аз кори ӯро бикушояд), савоби баробар бо савоби садақа додани ҳамон мол оиди ӯ хоҳад шуд. |
| 39 | Садақа | Садақа ба ҳеҷ ваҷҳ аз мизони дорой намекоҳад ва афву бахшиши бахшандаро иззат мебахшад ва инсони мутавозеъро сарбаланд мегардонад. Як дирҳам аз сад ҳазор дирҳам бартар аст. Гуфтанд: Ё Расулаллоҳ чӣ гуна? Фармуд: Марде дорои ду дирҳам аст, яке аз онҳоро садақа дод ва марде дорои доронии бисёре аст ва аз он мол сад ҳазор дирҳамро садақа дода аст. |
| 40 | Рӯза гирифтан дар роҳи Худо | Ҳар кас дар роҳи Худо як рӯзро рӯза гирад, Худованд вайро ба андозаи ҳафтод сол аз оташ дур мегардонад. |
| 41 | Руза гирифтани се рӯз дар як моҳ, рузаи рӯзи арафа, рузаи рӯзи ошуро | Ҳар кас ҳар моҳ се рӯз руза бигирад, чунон аст, ки тамоми солро руза гирифта бошад. Аз Расулаллоҳ аз рузаи рӯзи арафа суол шуд. Эшон фармуданд: "Ин руза каффораи гуноҳони ҳамон сол ва соли гузаштаи рузагиранда мешавад". Ҳазрат дар бораи рузаи рӯзи ошуро фармуданд: "Каффораи гуноҳони соли гузашта мебошад". |
| 42 | Дар гузар кардан аз муъсир[1] | Марде ба марди дигар қарз медод ва ба писари ҷавонаш суфориш мекард, ки чунончи (дармонда) ва муъсире назди ту омад, аз ӯ гузар кун (ва ба хотири талабат ӯро ба машаққат маяндоз) бошад, ки Худованди мутаъол аз мо даргузарад (ва гуноҳони моро маъоф гардонад). Гӯянд: Он мард Худовандро мулоқот кард, дар ҳоле ки аз гуноҳонаш дар гузашта буд. |
| 43 | Рузаи шаш рӯзи моҳи шавол | Ҳар кас тамоми моҳи рамазонро руза гирад ва сипас шаш рӯз аз моҳи шаввол руза бигирад, гӯё ҳама рӯзгор (умр)ро рӯза гирифта аст |
| 44 | Комил хондани | Марде, ки барои хондани намози таровеҳ |

[1] Касе, ки қарзеро гирифта ва қодир ба пардохти он нест ва ё ба наҳви дигар бадеҳкори дорад ва ...ро муъсир гӯянд.

| | | |
|---|---|---|
| | намози таровеҳ бо ҳамроҳии имоми ҷамоъат | ба имом иқтидо мекунад ва то поёни намоз имомро ҳамроҳӣ мекунад, (аз савоби баробар бо) ибодати як шаби комил бархурдор мешавад. |
| 45 | Ҳаҷи мабрур | Касе, ки барои ризои Худо ҳаҷ кунад (ва дар айёми ҳаҷ) аз фиск ва гуноҳ (шаҳвати нафс, фаҳш ва сухани бад) парҳез кунад, пас аз итмоми ҳаҷ (аз гуноҳон пок мегардад), ҳамон гуна ки ҳангоми зода шудан аз модар пок буда аст ва ҳаҷи мабрурро подоше ҷуз биҳишти (Худовандӣ) шоиста нест. |
| 46 | Умра рафтан дар моҳи Рамазон | Умра рафтан дар моҳи Рамазон (дар аҷр ва савоб) бо як ҳаҷи комил баробарӣ мекунад. |
| 47 | Анҷоми аъмоли солеҳ дар даҳ рӯзи авали моҳи зулҳиҷҷа | Дар ҳеҷ як аз айёми (сол) амали неку анҷом додан дӯстдоштанитар аз аъмоли солеҳ дар (даҳ рӯзи аввали) моҳи зулҳиҷҷа назди Худованд намебошад. Асҳоб (р) арз карданд: Ё Расулаллоҳ! Ҳатто ҷиҳод дар роҳи Худо? Он ҳазрат фармуд: Ҳатто ҷиҳод дар роҳи Худо, магар ин ки шахс бо молу ҷони худ дар роҳи Худо хуруҷ кунад ва боз нагардад. |
| 49 | Фазилати олим | Фазилати олим бар обид чун фазилати ман (Паёмбар) бар пойинтарини шумо аз лиҳози манзалат аст. Сипас Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) фармуд: Ҳамоно Худованд ва фариштагони Ӯ ва тамоми аҳли осмонҳо ва замин, ҳатто мӯрча дар лонааш ва моҳӣ (дар дарё) бар муаллиме, ки ба мардум илми некӯ ва муфид меомӯзонад, дуруд мефиристонанд. |
| 50 | Орзуи шаҳодат | Ҳар кас (самимона) бо содиқати комил аз Худованд тақозои шаҳодат (дар роҳи Ӯро) бикунад, Худованд ҷойгоҳ ва манзалати шуҳадоро ба ӯ арзонӣ медорад, ҳар чанд (шаҳид нашуда) ва дар хонааш бар фаршаш бимирад. |
| 51 | Гиряву зорӣ аз тарси Худо | Ду чашмро оташи дузах насӯзонад. Чашме, ки аз тарси Худованд гирён буда ва дигар чашме, ки дар роҳи Худованд посбонӣ намуда аст (манзур чашми нигоҳбон ё муҷоҳиде аст, ки бо вуҷуди ғалабаи хоб барои ҳафозат аз ислом ва муслимин бедор монда аст). |
| 52 | Парҳез | Тамоми умматҳо дар хоб бар Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) |

| | | |
|---|---|---|
| | аз доғ кардан ва таъвиз ва фол | арза шуданд. Он ҳазрат (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) дар миёни уммати хеш ҳафтод ҳазор (нафар)ро мушоҳида намуд, ки бидуни ҳисобу китоб ва бидуни ҳеҷ дағдаға ба биҳишт дохил гардиданд. Онҳо касоне буданд, ки худро доғ (барои шифо аз беморӣ) намекунанд ва талаби хондани таъвиз аз касе намекунанд ва аз таъфил (фолгирӣ) парҳез мекарданд ва (ҳамвора) барои Худои хеш таваккал менамуданд. |
| 53 | Касе, ки фарзандони кӯчакашро аз даст дода | Ҳар мусулмоне, ки се тан аз фарзандони ӯ қабл аз булуғ (ва қабл аз он ки ба синни гуноҳ бирасанд) аз дунё бираванд, бетардид, Худованд вайро (дар муқобили чунин мусибате, ки таҳаммул намуда) биҳишти хеш арзонӣ хоҳад кард. |
| 54 | Касе, ки бинояшро аз даст дода | Худованди мутаъол мефармояд: Чунончи бандаамро бо аз байн бурдани биноии ӯ биозмоям ва ӯ дар муқобил сабр пеша созад, дар ивази ду чашми ӯ биҳиштро ба ӯ хоҳам бахшид. |
| 55 | Тарки чизе ҷиҳати ҷалби ризои Худо | Ҳеҷ гоҳ ту чизеро сирфан ба хотири тарс ва тақвои илоҳӣ тарк намекунӣ, магар ин ки Худованд беҳтар аз онро оиди ту мегардонад. |
| 56 | Ҳифозати забон ва шармгоҳ | Расулаллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: Ҳар касе забон ва шармгоҳи хешро ҳифз кунад, биҳиштро барои ӯ замонат мекунам. |
| 57 | Одоби дохил шудан ба манзил ва одоби ғизо хӯрдан | Ҳар гоҳ касе ҳангоми дохил шудан ба манзил ва ҳангоми шурӯъи ғизо Худойро ёд кунад (Бисмиллоҳ бигӯяд) шайтон (ба ёрони худ) гӯяд: На хонае барои шумо боқӣ монд, на ғизое, вале чунончи бидуни зикр ва ёди илоҳӣ дар хона дохил шавад ё шурӯъ ба ғизо хӯрдан кунад, шайтон (ба ёрони худ) гӯяд: Ҳам манзил ва ҳам ғизо ёфтед. |
| 58 | Касе, ки аз пайи хӯрдан, нӯшидан ва пӯшидан шукри Худоро мекунад | Ҳар кас пас аз хӯрдани ғизо бигӯяд: “*Ситоиш махсуси Худованде аст, ки чунин ғизоеро арзонӣ дошта ва (бетардид) даст ёфтан ба чунин ғизое манут ба неру ва қувваи ман набуд*” тамоми гуноҳони гузаштааш омурзида мешавад. Пас аз нӯшидани об ба ҷои «атъамани» (маро ғизо дод) «сақонӣ» (маро об дод)ро ба кор мебарем ва ба ҷои ин ду лафз пас аз пӯшидани либоси нав вожаи «касонӣ» (маро пӯшонид)ро ба кор мебарем. |

| | | |
|---|---|---|
| 69 | Касе, ки мехоҳад аз машаққат и манзил ва ... раҳоӣ ёбад. | Фотима (раз.) (аз падари бузургвораш) Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) тақозои ходим намуд. Он ҳазрат (саллаллоху алайҳи ва саллам) хитоб ба ӯ ва ҳамсараш Алӣ (раз) фармуд: Оё дӯст доред чизе ба шумо биомӯзам, ки аз матлубатон (ходим) арзишмандтар бошад? Ҳар гоҳ равонаи бистари хоб шудед, 34 мартаба *Аллоҳу Акбар*, 33 мартаба *Субҳоналлоҳ*, 33 мартаба *Алҳамдулиллоҳ* бихонед, бетардид, ин зикр аз ходим барои шумо судмандтар хоҳад буд. |
| 60 | Дуои қабл аз ҳамсарӣ | Агар шахсе қасди ҳамсарӣ бо ҳамсараш дошта ва ин дуоро хонад: اللّٰهُمَّ جنبنا الشيطان و جنب الشيطان مما رزقتنا *Ба номи Худо! Бор Худоё, моро аз шарри шайтон дур бигардон ва шайтонро аз он чи насиби мо мекунӣ* (фарзандон), *дур бигардон*. Чунончи ҳосили ин ҳамсарӣ (ки дуои мазкур дар он хонда шуда) фарзанде гардад, ҳеҷ гоҳ шайтон қодир ба зарар расонидан ба ӯ нахоҳад буд. |
| 61 | Ҳамсарашро розӣ кардани зан | Агар зане ба намозҳои панҷгона ва рӯзаи моҳи муборaки Рамазон пойбанд бошад ва шармгоҳи хеш ҳифз кунад ва дар дунё мутеъи шавҳараш бошад, дар рӯзи ҷазо ӯро ихтиёр мегузоранд, ки аз ҳар даре аз дарҳои биҳишт, ки худ мехоҳад, вориди биҳишт гардад. Дар ривояти дигар омада аст: Ҳар зане аз дунё биравад, дар ҳоле ки шавҳараш аз ӯ розӣ буда, биҳиштӣ (иншоаллоҳ) хоҳад буд. |
| 62 | Некӣ бо падару модар ва силаи раҳмро баҷо овардан | “Ризогии Худованд дар ризогии падар аст” “Ҳар кас дӯст дорад ки ризқаш зиёда ва умраш дароз шавад пас силаи раҳмро баҷо биёрад” |
| 63 | Кафолати ятим | Ман ва оне, ки кафолати ятимро ба ӯхда мегирад, дар биҳишт ҳамчун ду ангушти сабоба ва васат (миёна), ки ба ҳам наздиканд, ба ҳам наздик ва ҳамҷавор хоҳем буд. |
| 64 | Хушахлоқӣ | Ҳамоно, мӯъмин бо хушахлоқӣ аз ҷойгоҳ ва манзалати рӯзадоре, ки шабро то субҳ ибодат мекунад, бархурдор мегардад. Дар ривояти дигаре омада аст, ки Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) фармуда аст: Барои инсон хушахлоқӣ дар болотарин (табақоти) биҳишт хонаеро замонат мекунад. |
| 65 | Меҳрубонӣ бо | Ҳамоно, Худованд бар бандагони раҳмкунанда ва меҳрварзи худ тараҳҳум мекунад. Бар аҳли |

| | | |
|---|---|---|
| | махлуқоти Худо | замин тараҳҳум кунед, то аҳли осмон шуморо тараҳҳум кунанд |
| 66 | Хайрхоҳӣ барои мусулмон | Ҳеҷ як аз шумо имонаш комил нахоҳад шуд, магар ин ки ҳар он чи барои хеш меписандед, барои бародари (мусулмони) худ низ биписандед. |
| 67 | Ҳаё | Ҳаё ҷуз ба хайр мунҷар намешавад. Ҳаё (нишонае) аз имон аст. Чаҳор чиз аз сираи фиристодагони илоҳӣ иборатанд аз ҳаё, хушбӯӣ, мисвок, издивоҷ. |
| 68 | Оғоз кардан ба салом | Марде ба маҳзари Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) омад ва арз кард: *Ассалому алайкум*. Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) фармуд: *Даҳ* (некӣ). Сипас шахси дигар ворид шуд ва арз кард: *Ассалому алейкум ва раҳматуллоҳ*. Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) фармуд: *Бист* (некӣ). Он гоҳ фарди дигар ворид шуд ва арз кард: *Ассаломуалейкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу*. Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) фармуд: Сӣ (некӣ). (манзури Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) аз зикри аъдоди мутафовит дар мавриди сегонаи фавқ ин буд, ки ҳар як аз алфози салом шомили Ассаломуалейкум ва … ба нисбати алфози худ аз фазоили гуногуне бархурдор аст. |
| 69 | Мусофаҳа (салом) | Ду мусулмон, ки бо ҳам мулоқот карда, бо ҳамдигар мусофаҳа мекунанд, ҳанӯз аз ҳам ҷудо нашудаанд, ки мавриди омурзиш қарор мегиранд. |
| 70 | Ҳифзи обрӯи дигарон | Ҳар кас монеъи обрӯрезии бародар (и мусулмонаш) гардад, Худованд дар рӯзи ҷазо ӯро аз оташи ҷаҳаннам маҳфуз нигоҳ медорад. |
| 71 | Ҳамнишинӣ бо солеҳон | *Дар қиёмат ту бо дӯсти худ* (ҳамрадиф хоҳӣ шуд). Анас (р) мефармояд: Саҳоба (р) аз ҳеҷ чиз ба андозаи шунидани ин сухан аз Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) хушҳол нашуда буданд. |
| 72 | Дӯстӣ ба хотири Худо | Худованди мутаъол мефармояд: Барои онон, ки ба хотири ҷалол ва азамати Ман бо ҳамдигар дӯстӣ мекунанд, минбарҳое аз нур аст, ки шуҳадо ва анбиё бадон ғибта мехӯранд. |
| 73 | Дуъо кардан барои мусулмон | Ҳар кас бародари (мусулмонаш)ро дар ғайби ӯ дуо (и хайр) кунад, фариштаи муаккал барои ӯ "омин" мегӯяд ва ҳамон дуоро барои худи ӯ низ аз Худо масъалат медорад |
| 74 | Талаби мағфират | Ҳар кас барои занон ва мардони мӯъмин (аз Худованд) талаби мағфират кунад, Худои |

| | | |
|---|---|---|
| | бароии мўъминон | мутаъол ба теъдоди занону мардони мусулмон бар некиҳои ў меафзояд. |
| 75 | Ҳамвор кардани роҳ (барои суҳулати убур) | Мардеро дидам, ки чун дарахтеро, ки боиси азият ва озори мардум дар роҳи онон буд, қатъ карда буд, дар биҳишт гардиш мекард. |
| 76 | Тарки дуруғ ва ҷидол | Ҳар он кас, ки дар ҳоле, ки ҳақќ бо ўст боз ҳам аз ҷидол ва пайкор бипарҳезад, хонаеро дар канори биҳишт барои ў замонат мекунам ва ҳар кас ҳар чанд аз рўи мазоҳ ва шўхӣ аз дурўғ бипарҳезад, хонаеро дар васати биҳишт барои ў замонат менамоям. |
| 77 | Фурў хўрдани хашм | Ҳар кас дар ҳоле, ки метавонад хашми худро нофиз кунад, онро фурў хўрад (ва бар зердасти худ бибахшад) Худованд дар рўзи қиёмат фарорўи тамоми халоиқ ўро мухтор мекунад, то ҳар он ҳуреро, ки меписандад, барои хеш баргузинад. |
| 78 | Зикри хайри дигарон | Ҳар касро, ки зикри хайри ў намудед, биҳишт бар ў воҷиб ва лозим мегардад ва ҳар он касро, ки ба бадӣ аз ў ёд кардед, ҷаҳаннам бар ў воҷиб мегардад. Шумоён гувоҳон ва шоҳидони илоҳӣ бар рўи замин ҳастед. Шумо гувоҳед … |
| 79 | Таъовун ва осонгирӣ бо бародари мусулмон | Ҳар кас дар дунё гиреҳе аз мушкили (бародари) мўъминаш бикушояд, Худованд дар рўзи қиёмат мушкилеро аз ў мекушояд ва ҳар он кас, ки бар муъсир (касе, ки дучори мушкил шуда ва қодир ба раҳоӣ аз он нест) осонгирӣ кунад, Худованд дар дунё ва охират кори вайро осон мекунад ва ҳар кас пардапўшии бародари мусулмонашро кунад, Худованд дар дунё ва охират пардапўшии вай хоҳад намуд. Худованд модоме, ки банда дар фикри ҳамкории бародараш бошад, вайро ёрӣ мерасонад. Ҳар он кас, ки барои касби илм дар роҳе қадам бардорад, Худованд роҳе барояш ба сўи биҳишт ҳамвор мекунад ва ҳар гоҳ гурўҳе дар хонае аз хонаҳои илоҳӣ (масоҷид) гирди ҳам оянд, то китоби Худоро тиловат кунанд ё ба таълим ва таъаллуми он бипардозанд, сакина (оромиш) бар онҳо нозил шуда, раҳмати илоҳӣ онҳоро дарбар мегирад ва фариштагон онҳоро иҳота мекунанд. Худованд аз чунин гурўҳе дар миёни онон, ки дар маҳзари Ўянд (фариштагон ва … ба хубӣ) ёд мекунад ва (бетардид) он ки илмаш андак бошад, насабаш (ўро ёрӣ нахоҳад кард) ва боиси афзунии илмаш нахоҳад шуд. |

| | | |
|---|---|---|
| 80 | Талаби охират | Касе, ки ҳамм ва ғамаш охират бошад (ва танҳо барои ободии охирати хеш талош кунад). Худованд ба вай ғинои дил иноят мекунад ва корашро бароварда месозад ва дунё ба зиллат ва хорӣ ба назди ӯ меояд. |
| 81 | Адли ҳоким, ҷавони солеҳ, таъаллуқ ба масоҷид, дӯстӣ ба хотири Худо, иффат, садақаи махфиёна | Ҳафт гурӯҳанд, ки Худованд дар рӯзе, ки ҳеҷ соее ҷуз сояи Ӯ вуҷуд надорад, онҳоро дар сояи (Арши)и худ қарор медиҳад: 1.Имом ва подшоҳи одил. 2. Ҷавоне, ки ҷавониашро дар ибодати Парвардигораш сипари карда. 3. Марде, ки бо масоҷид унс гирифта (ва ҳамвора дар масҷид аст). 4. Ду марде, ки дӯстӣ ё душмании онҳо бо ҳам сирфан ба хотири ризои Худост ва фақат ба хотири Ӯ бо ҳам мегароянд, ё аз ҳам мегусиланд. 5.Марде, ки зани соҳибмансаб ва зебое ӯро (ҷиҳати амали қабеҳи зино) фаро хонад ва ӯ дар посух бигӯяд: Ман аз Худо метарсам. 6.Касе, ки ончунон пинҳонӣ садақа медиҳад, ки дасти чапаш бар инфоқи дасти росташ воқиф намегардад (киноя аз ниҳояти махфиёна будани амр). 7.Касе, ки дар хилват зикри Худоро мегӯяд ва чашмонаш (аз тарси Худо) ашколуд мегардад. |
| 82 | Аҷру подоши муазин | Намешунавад садои муазинро аз ҷинҳо ва инсонҳо ва ҳар хизе ки набошад магар ин ки рузи қиёмат барояш шаҳодат медиҳанд. |
| 83 | Садақаи татавуъ (ихтиёри)` | “Ончи ки фоидаву савобаш барои муъмин баъди вафоташ мерасад аз амалҳову некиҳояш, инҳоянд` илме ки ӯро таълим додаву нашр карда бошад ва фарзанди солеҳе, ки тарбият карда бошад ва ё қӯронеро мерос гузошта бошад, ё масҷидеро бино карда бошад, ё барои роҳгузарон хонае сохта бошад, ё наҳре ҷори карда бошад, ё садақае ки аз молаш дар ҳолати тандурӯстияш бароварда бошад, савоби ҳамаи инҳо баъди вафоташ ба у мерасанд”. |

# БАЪЗЕ УМУРЕ, КИ РАСУЛАЛЛОҲ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) АЗ ОНҲО НАҲӢ ФАРМУДА АСТ:

| Т | Авомир ва навоҳӣ | Далели он аз ҳадиси Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) |
|---|---|---|
| 1 | **Кибр** | Ҳар кас ба андозаи заррае кибр дар дилаш вуҷуд дошта бошад, аз биҳишт маҳрум хоҳад шуд. Кибр иборат аст аз пушти по задан ва поймол кардани ҳақ ва ҳақир шумоpидани мардум. |
| 2 | **Рибо** | Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) рибохӯр ва муаккали онро лаънат фармуд. Қабоҳати як дирҳам дида ва дониста рибо хӯрдан аз сиву шаш зино (бештар ва ) бадтар аст. |
| 3 | **Фаҳш ва носазо** | Дар рӯзи қиёмат ҳамоно бадтарини мардум аз назари ҷойгоҳ ва манзалат дар назди Худованд касе аст, ки дигар мардум аз тарси носазогӯии ӯ аз вай канорагирӣ кунанд. |
| 4 | **Дурӯғ** | Вой бар касе, ки барои хандаи дигарон ба дурӯғ сухaнпардозӣ мекунад, вой бар ӯ, вой бар ӯ |
| 5 | **Таҷассас** | Касе, ки ба суханони мардум гӯш фаро медиҳад, дар ҳоле ки онҳо норозианд, дар рӯзи қиёмат дар гӯшҳои вай сурб хоҳанд рехт. |
| 6 | **Суханчинӣ** | *Суханчин ба биҳишт ворид намешавад.* Суханчинӣ, яъне нақл ва интиқоли сухан миёни мардум ба манзури эҷоди фасод (ва табоҳӣ) |
| 7 | **Ғайбат** | *Оё медонед ғайбат чист?* Асҳоб арз карданд: Худо ва расулаш донотаранд. Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) фармуд: *Ин ки бародаратро ба он чи написанд медонад ёд кунӣ.* Гуфтанд: Моро хабар бидеҳ ё Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) агар он чӣ (аз бадӣ) ёд мекунем дар бародарамон вуҷуд дошта бошад боз ҳам (ғайбат маҳсуб мешавад)? Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) фармуд: *Агар он чи* (аз бадӣ) *дар бораи ӯ мегӯӣ, дар ӯ вуҷуд дошта бошад, ту ӯро ғайбат кардаӣ ва агар аз он чӣ мегӯӣ, мубарро бошад, ба ӯ тӯҳмат раво доштаӣ.* |
| 8 | **Лаън кардан** | Ин ки муъминро лаън кунӣ, гӯё ӯро куштаӣ.<br>Шамолро лаънат накунед чунки у маъмур аст.<br>Ҳар ки чизеро лаънат кунаду у сазовори лаънат набошад лаънати кардагияш бахудаш бармегардад. |
| 9 | **Ифшои сир** | Ҳамоно бадтарини мардум аз назари ҷойгоҳ дар рӯзи қиёмат марде аст, ки бо ҳамсараш ҳамбистарӣ мекунад ва онгоҳ (ки дар миёни мардум меравад) асрори вайро ҳувайдо мекунад. |
| 10 | **Ислоҳи зоҳири** | Мардумеро рузи қиёмат хоҳам донист ки меоянд ва ҳасаноташон баандозаи куҳҳо бузург аст ва Худованд |

| | | |
|---|---|---|
| | ва фасоди ботини | онҳоро дар ҳаво мисли ғубор пароканда месозад, Савбон (р) пурсид` эй Расули Худо! Дар борай ҷинҳо бароямон равшани андоз онҳоро бароямон сифат кун, то ки аз руй нодони аз гуруҳи онҳо нагардем, Паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфт` бидонед ки онҳо бародарони шумоянд аз қавми шумо чуноне ки шумо дар шаб намоз мехонед онҳо низ намоз мехонанд, локин онҳо қавме ҳастанд ки вакто бахилватгоҳ дароянд корҳоеро ки Худованд ҳаром гардонидааст анҷом медиҳанд. |
| 11 | Мутаҳам кардани мусулмон ба куфр | Ҳар кас бародари мусулмонашро кофир хитоб кунад, агар шахс (мухотаб) он гуна бошад (яъне кофир бошад), мушкиле пеш намеояд, аммо агар мухотаб аз куфр дур бошад, сифати куфр ба худи ӯ боз мегардад. |
| 12 | Интисоб ба ғайри падар | Касе, дар ҳоле ки медонад мансуб ба падараш аст, аммо инро мункир шавад, биҳишт бар ӯ ҳаром мегардад. Аз падарҳоятон руй нагардонед ҳар ки аз падараш руй гардонад пас ин кори у куфр аст. |
| 13 | Тарсонидани мусулмон | Барои мусулмон ҷоиз нест, ки (бародари) мусулмонашро дучори тарс ва ваҳшат кунад. Касе, ки бо оҳане (шамшер, найза ва ғайра) ба сӯи бародараш ишора кунад (ба гунае ки ӯро битарсонад), то он замон, ки аз ин кор даст барнадорад фариштагон ӯро лаънат мекунанд. |
| 14 | Бузург шуморидани мунофиқ | Мунофиқро бузургвор хитоб накунед, зеро ҳар чанд ӯ бузургвор бошад (боз ҳам ин гуна хитоб) Парвардигори шуморо хашмгин мекунад. |
| 15 | Дароз кардани похай шим ё изор аз буҷулак поён | Дароз кардани похай изор ё шим ё курта ё салла аз буҷулак поён` ҳар ки чизе аз инҳоро такаббӯрона аз буҷулак дароз кунад Худованд рузи қиёмат басуяш назар нахоҳад кард. |
| 16 | Хиёнат ба раъият | Ҳар он бандае, ки Худованд сарпарастии гурӯҳ ва раъиятеро ба вай супорид ва ӯ, дар ҳоле ки (ба ҳилагарӣ) ба онҳо хиёнат карда ҷон бозад, Худованд биҳишти хеш бар вай ҳаром мегардонад. |
| 17 | Фатво бидуни илм ва огоҳӣ | Ҳар касе бидуни илм фатво содир кунад, гуноҳи анҷомдиҳандаи он ба содиркунандаи фатво бар мегардад. |
| 18 | Суратка ши | Сахтарин азоб рузи қиёмат бар сураткашон аст. Малоикаҳо дохили хонае намешаванд ки дар он сурат ё саге бошад. |
| 19 | Овезон | Гурӯҳеро, ки саг ё зангула ҳамроҳашон |

| | | |
|---|---|---|
| | кардани занг ба чаҳорпоён | бошад, фариштагон ҳамроҳӣ намекунанд. Зангула аз адавоти мусиқии шайтон аст. |
| 20 | Тарки намози ҷумъа бо саҳлангорӣ Ва Тарки намози аср | Касе, ки дар се ҷумъа (пай дар пай) аз рӯи саҳлангорӣ намози ҷумъаро тарк кунад, Худованд қалби ӯро мӯҳр мезанад. Ҳар кас намози асрро тарк кунад, (тамоми) аъмолаш набуд мегардад |
| 21 | Ғасби замин | Касе, ки ваҷабе аз заминро ғасб (тасарруф) кунад, Худованд дар рӯзи қиёмат ҳалқае аз ҳафт (қабати) замин ба гардани ӯ монанди гарданбанд қарор медиҳад. |
| 22 | Сухане, ки боиси ғазаби илоҳӣ мешавад | Ҳамоно, банда баногоҳ суханеро ба забон меорад, ки муҷиби хашму ғазаби илоҳӣ шуда, боис мешавад, ки ҳафтод сол дар ҷаҳаннам афтад. |
| 23 | Зиёдагӯӣ дар ғайри зикри илоҳӣ | Дар ғайри зикри Худованд зиёдагӯӣ накунед. Ҳамоно зиёдагӯӣ дар ғайри зикри илоҳӣ боиси қасовати қалб (ва сангдилӣ) мешавад. |
| 24 | Кӯтоҳӣ дар намоз | Намоз паймоне аст, ки миёни мо инсонҳо ва Худованд мунаъқад гардида аст, лизо ҳар кас онро тарк гӯяд, ба таҳқиқ, ки кофир мегардад. Фарқ байни шахси мусалмон ва кофир намоз аст. |
| 25 | Қахр кардан | Барои мўъмин чоиз нест, ки беш аз се рўз аз бародараш (мусулмонаш) қахр бошад. Касе, ки аз се руз зиёд бо бародари мусалмонаш қахр кунад дохили дузах шудааст. |
| 26 | Дур мондан аз зикри Худованд | Маҷлисе барпо намекунанд мардуме сипас Худовандро дар он зикр намекунанд ва бар Паёмбараш салавот намеаиристанд магар ин ки агар Худованд бихоҳад онҳоро мебАхшад агар нахоҳад азобашон медиҳад. |
| 27 | Пушаймонй аз ҳадя | Он ки ҳадяеро мебахшад ва сипас пушаймон мешавад, чун саге аст, ки қай (истифроъ) карда, он гоҳ майли хўрдани қай мекунад. Чоиз нест, ки шахс чизеро бибахшад ва онгоҳ пушаймон шавад. |
| 28 | Изҳори ноумеди бар мусалмон | Изҳори ноумеди макун бар бародарат ва ӯро ноумед насоз шояд Худованд ӯро раҳм мекунаду тӯро мубтало месозад. Ҳарки бародарашро бахотири гуноҳаш ъайбчуи кунаду таънасор кунад у намемирад магар ки он гуноҳро анҷом медиҳад. |
| 29 | Нигоҳ кардан ба | Ҳар инсоне, ки насибе аз зино барои вай муқаддар шуда ҳатман онро анҷом хоҳад дод, пас |

| | | |
|---|---|---|
| | **номаҳрам** | зинои чашмон нигоҳ кардан (ба номаҳрамон) аст ва зинои гӯшҳо гӯш кардан (ба номаҳрамон) аст ва зинои забон сухан (ва каломи нораво) аст ва зинои дастон (ахзи ҳаром аст) ва … ҳамвора дил ҳавас мекунад ва орзуи чизеро дар худ мепарварад ва чи басо шармгоҳ онро таъйид мекунад ё таксибаш менамояд. |
| 30 | **Ошкор анҷом додани гуноҳон** | Ҳамай умматонам афв шудаву дар амонанд магар онҳое ки гуноҳонашонро намепушонанд. |
| 31 | **Ахлоқи бад** | Чигунае ки хал (уксуз) асалро вайрон мекунад ҳамон хел ахлоқи бад амалҳоро. |
| 32 | **Никоҳи шағор** | Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) аз никоҳи шағор наҳй карда аст. (Никоҳи шағор иборат аст аз ин ки як мард духтарашро ба издивоҷи марди дигаре дар мавриди машрут ба ин ки ӯ низ духтарашро дар иваз ба издивоҷи вай диҳад, зимнан дар ин навъ никоҳ маҳрия (барои ҳеҷ як аз ду духтар) таъйин намегардад). |
| 33 | **Зулми ҳамсоя** | Зино кардани марде бо даҳ зан осонтар аст аз зинояш бо зани ҳамсоя, агар марде аз хонаи даҳ кас дузди кунад барояш осонтар аст аз дуздии хонаи ҳамсояаш. |
| 34 | **Даст задани мард базани номаҳрамаш** | Агар бар сари марде бо сузани оҳнин бизананд (бишкоаанд) барояш беҳтараст аз ин ки зани номаҳрамеро даст бизанад.<br>Ман бо занон мусофаҳа (бо дастонам салом) намекунам. |
| 35 | **Навҳасарой** | Касе, ки барояш навҳасарой (доду вой) шавад, дар рӯзи қиёмат азоб мегирад. Мурда басабаби навҳасарои дар қабраш азоб дода мешавад. |
| 36 | **Дохил шудан ба масҷид бо бӯи бад** | Ҳар кас (чизи бадбӯе чун) пиёз, сир ва карос (тарраи фарангӣ) бихӯрад, набояд дар масҷид дохил гардад, зеро ҳар он чи ки инсонро озурда мекунад, фариштагон низ аз он озурда мешаванд. |
| 37 | **Савганд ба ғайри Худо** | Ҳар он кас, ки ба ғайри Худо савганд ёд кунад, ба таҳқиқ, ки кофир ё мушрик аст. Ҳар кас қасди савганд хӯрдан дорад, (ё сирфан) ба Худо савганд ёд кунад, ё сокит бошад. |
| 38 | **Савганди дуруғ** | Ҳар кас золимона барои соҳибшудани моли мусулмоне савганд ёд кунад дар ҳоле Худовандро мулоқот хоҳад кард, ки аз вай хашмгин аст. |

| | | |
|---|---|---|
| 39 | **Қасам хӯрдан дар хариду фуруш** | Аз зиёда савганд хӯрдан дар хариду фурӯш (байъ) бипарҳезед. Ҳамоно савганд нобудкунанда ва аз байнбаранда аст. Савганд хӯрдан (ба дурӯғ) колоро нобуд кунад ва баракатро аз байн бибарад. |
| 40 | **Ташбеҳ кардани худ ба дигарон** | Ҳар кас худро ба қавме ташбеҳ кунад, аз он қавм ба ҳисоб хоҳад омад. Ҳар кас ба ғайри мо хештанро ташбеҳ кунад, аз мо нест. |
| 41 | **Ҳасад** | Аз ҳасад барҳазар бошед. Ҳамоно, ҳамон гуна ки оташ ҳезумро нобуд мекунад, ҳасад некиҳои (инсонро) аз байн мебарад. |
| 42 | **Гачкори и қабр** | Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) аз гачкорӣ кардан, нишастан бар рӯи қабр ва ҳамчунин аз сохтани бино бар рӯи он наҳй карда аст. |
| 43 | **Аҳдшиканӣ ва хиёнат** | Замоне, ки Худованд (ҳамагонро) аввалин ва охиринро дар рӯзи қиёмат гирди ҳам оварад, барои ҳар хоин ва паймоншикан парчаме афрошта мегардад ва гуфта мешавад: Ин хиёнати фалон фарзанди фалон аст. |
| 44 | **Нишастан бар рӯи қабр** | Ин ки яке аз шумо бар рӯи гудозаҳои оташ бинишинад, ба гунае, ки либоси ӯ сӯхта пӯсташро оташ ламс кунад, беҳтар аст аз он ки бар қабре бинишинад. |
| 45 | **Наҳи аз чанд намуд нушидан** | Паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам) аз нушидани об аз обдон наҳи кардааст( яъне инсон бояд бавоситаи чизе аз обдон об бинушад на аз дохилаш).<br>Паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам) аз нушидан бо таври истода манъ кард.<br>Паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам) аз пуф кардани об наҳи кард. |
| 46 | **Гадоӣ кардан бидуни ҳочат** | Ҳар он бандае, ки дарвозаи гадоиро бикушояд, Худованд дарвозаҳои фақрро бар вай мекушояд. Ҳар ки мардумро зиёд бипурсад (гадои кунад) дар ҳақиқат у аз онҳо лаххаи оташ мепурсад пас ё зиёд бипурсад ё кам. |
| 47 | **Хиёнат дар** | Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) аз ин ки шахси муқим (шаҳрнишин) колои шахси бодиянишинро бифурӯшад, |

| | | |
|---|---|---|
| | **тиҷорат** | наҳй фармуд. (Расулаллоҳ (саллаллоху алайҳи ва саллам) ҳамчунин мефармояд:) *Дар байъ таноҷиш*[1] *накунед ва бар байъи бародаратон байъ анҷом надиҳед* (агар мусулмоне муомилаеро анҷом дод, шумо дар он дахолат накунед). |
| 48 | **Ҷустуҷӯ и гумшуда дар масҷид** | Ҳар касе, ки садои мардеро, ки дар масҷид барои ҷустуҷӯи гумшудаи худ эълон мекунад, бишнавад, бояд бигӯяд: Худованд гумшудаатро ҳеҷгоҳ ба ту барнагардонад. Масоҷид барои ин кор бино нашудаанд. |
| 49 | **Убур аз ҷилави намозгузор** | Агар касе, ки аз муқобили намозгузор убур мекунад, медонист, ки чӣ (азоби сахте) дар интизори ӯст тарҷеҳ медод чиҳил сол ҳамон ҷо биистаду аз муқобили (намозгузор) убур накунад. |
| 50 | **Ҳар ки дӯст бидорад ки мардум барояш аз ҷояшон бихезанд** | Ҳар ки дӯст бидорад ки мардум барояш аз ҷояшон бихезанд пас нишастгоҳашро аз оташи дузах ихтиёр кардааст. |
| 51 | **Дашноми шайтон** | Шайтонро дашном надиҳед балки аз шарру бадияш ба Худованд паноҳ ҷуед.<br>Яке аз саҳобаҳо пушти Паёмбар (салаллоҳу алайҳи ва саллам) балои ҳайвон нишаста буд ногаҳон ҳайвон лағжид, саҳоба гуфт` Шайтон лағжид, Паёмбар (с) гуфт` «Нагуи ки шайтон лағжид чун ки вақте ки ту ин хел мегуи ин кори азиме баназараш мерасад то ин ки мисли хона худашро ҳис мекунад ва мегуяд` бо қувватам` балки бигу Бисмиллоҳ ва шайтон вақто ки инро мешунавад худашро хурд фикр мекунад ва мисли пашша мешавад» (калимаи «лағжид» дар ин ҳадис чанд маъно дорад` 1) Ҳалок шуд, 2) аз пой афтод, 3) Пешипо хурд, 4) Шарру бадиро ҳамроҳ шуд. |
| 52 | **Дашноми мараз (касали)** | Маразро дашном надиҳед чунки у хатоҳои бани Одамро мерезонад чуноне ,ки нажд занги оҳанро мерезонад. |
| 53 | **Қатъ кунандаи силаи раҳм** | Дохили ҷаннат намешавад касе ,ки силаи раҳмро баҷо наорад. |
| 54 | **Нӯшидани об дар зарфи тилло ё** | Дар зарфи тилло ё нуқра об нанӯшед ва аз пӯшидани либоси абрешим ва дебо бипарҳезед, зеро ин шоистаи онҳо |

[1] Таноҷиш дар байъ он аст, ки масалан яке мегӯяд: Ман ин колоро даҳ сомон мехарам, вале дигаре, ки бо фурӯшанда созиш дорад ва қасди хариди молро ҳам надорад, мегӯяд: Ман онро ба бист сомон мехарам, то коло бо қимати бештаре фурӯхта шавад.

| | | |
|---|---|---|
| | **нуқра** | (дунёпарастон, дунёталаб ва кофирон) аст ва шуморо дар охират насибе аз он беҳтар аст. |
| 55 | **Хӯрдан ва нӯшидан бо дасти чап** | Аз хӯрдану нӯшидан бо дасти чап бипарҳезед, ҳамоно шайтон бо дасти чапаш мехӯрад ва меошомад. |
| 56 | **Бухл дар дуруд фиристодан бар Паёмбар** | Худованд хор кунад касеро, ки номи ман назди ӯ бурда шавад, вале ӯ бар ман дуруд нафиристад. Касе, ки дар назди ӯ номам бурда мешавад, вале ӯ бар ман дуруд намефиристад, бахил аст. |
| 57 | **Сухани ношоиста** | Ҳамоно манфуртарин ва дуртарини шумо нисбат ба ман дар рӯзи қиёмат аз назари мақом ёвагӯён ва пургӯён ва мутакабиронанд. |
| 58 | **Нигоҳдории саг** | Ҳар кас ба ҷуз саги шикорӣ ё саги махсуси гала, сагеро нигоҳдорӣ кунад, рӯзона ба миқдори ду қирот аз аҷри ӯ коста мешавад. |
| 59 | **Озор расонидан ба ҳайвонот** | Зане гурбаеро зиндонӣ кард ва гурба (аз шиддати гуруснагӣ ва …) ҷон бохт. Он зан (ба хотири ин кор) мустаҳиқи дӯзах гардид. Ба ҷонварон "сӯиқасд" накунед. |
| 60 | **Интишор кардани чизҳои ҳаром ва даъват ба суяш** | Ҳар ки ба суӣ гумроҳие даъват кунад гуноҳаш баробари касе аст, ки басуи гумроҳи меравад ва аз гуноҳи у гуноҳаш ками ё ноқисие надорад. |
| 61 | **Одат ба шароб** | Дохил намешавад шаробхури муътод баҷаннат ва касе ки ҷодугарро бовар кунад, ва касе ки қатъи силаи раҳм кунад.<br>Ҳар ки шароб бихурад то чиҳил шаб намозаш қабул намегардад |
| 62 | **Душманӣ ба дустони Худо** | Худованди мутаъол мефармояд: Ҳар касе бо валӣ (ва дӯсти) ман душманӣ кунад, ӯро ба ҷанг фаро мехонам. |
| 63 | **Куштани зиммӣ ё паноҳанда дар диёри Исломӣ** | Ҳар касе шахси зиммӣ (ё касе, ки ба билоди Ислом паноҳандашуда)ро ба ноҳақ бикушад дар ҳоле, ки бӯи биҳишт аз масофати ба андозаи сад сол (роҳпаймоӣ) эҳсос мешавад, ба машоми вай нахоҳад расид. |
| 64 | **Ирода ва ҳадаф дар амал** | Худованди мутаъол мефармояд: Ман бениёзтарин аз ширкам. Ҳар касе амалеро анҷом диҳад, ки дар он ғайри Манро барои Ман шарик қарор диҳад, ӯро ҳамроҳи ширкаш раҳо хоҳам кард. |

# САФАРИ ҶОВИДОНАГИИ МАСИРИ ТУ БА

## СӮИ БИҲИШТ Ё ҶАҲАННАМ

### Қабр.

аввалин манзил аз манозили охират ва барои кофир ва мунофиқ ҳафраи (чуқури) оташу барои мӯъмин бӯстон аст. Теъдоде аз аъмоле, ки муҷиби азоби қабр мешаванд, иборатанд аз: пок накардани бадан аз идрор (пешоб) суханчинӣ, тамаъ доштан ба ғаноим, дурӯғгӯӣ, хобидан дар ҳангоми намоз, тарки Қуръон, зино, лавота, рибо, пардохт накардани амонат ва… Аъмоли зер муҷиби наҷоти инсон аз азоби қабр мешаванд: амали солеҳи холисона барои Худо, паноҳ бурдан ба Худо аз азоби қабр, хондани сураи «Мулк» ва… Афроди зер аз азоби он дар амон мемонанд: шаҳид, муҷоҳид, касе, ки дар рӯзи ҷумъа аз дунё биравад, касе, ки ба дарди шикам бимирад ва …

### Дамидан дар Сур.

Сур шохи бузурге аст, ки Исрофил онро ба даҳон гирифта аст ва мунтазири замоне аст, ки ба ӯ дастур дода шавад, то дар он бидамад. Дамидани аввалро нафхатулфазаъ[1] мегӯянд. Худованд мегӯяд: *“Ва дар сур дамида мешавад ва ҳамаи касоне, ки дар осмонҳо ва замин ҳастанд, мемиранд, магар касоне, ки Худо бихоҳад!”* **(Аз Зумар` 68).** Сипас ҳама дунё хароб ва вайрон мешавад. Пас аз чиҳил (Абӯҳурайра дар таъйини он, ки рӯз, ҳафта, моҳ ё сол бошад, имтиноъ варзиданд, чунончӣ дар ҳадис омадааст) дубора дар сур дамида хоҳад шуд, ки ба ин дамидан нафхатулбаъс[2] мегӯянд. Худованд мефармояд: *“Сипас бори дигар дар сур дамида мешавад. Ногаҳон ҳамагӣ ба по мехезанд ва менигаранд ва дар интизори ҳисоб ва ҷазо ҳастанд”*.**(Аз Зумар`48)**

### Растохез.

---

[1] Дамидани ҳарос
[2] Дамидан, зинда шудан (растохез)

Сипас Худованд боронеро фурӯ мефиристад, ки ба василаи он аҷсоди мурдагон (аз устухоне, ки уҷбуззанаб ном дорад, рӯида ва зинда) мешаванд ва онон табдил ба махлуқоти ҷадид, урён, побараҳна ва хатнанашуда мешаванд, ки фариштагон ва ҷиниёнро мебинанд. Онон бар асоси аъмолашон барангехта мешаванд: яъне муҳрим (шахси иҳромбаста) лаббайкгӯён, шаҳид дар ҳоле, ки хуни ӯ ҷорӣ аст, инсони ғофил, дар ҳоле ки ба лаҳву лаъаб машғул аст, зинда мешаванд. Зеро Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд: ***Ҳар бандае дар ҳамон ҳоле, ки аз дунё меравад, барангехта мешавад.***

## Ҳашр.

Сипас Худованд махлуқотро барои ҳисоби (аъмол) ҷамъ мекунад. Онҳо дар рӯзи азиме, ки муддати он 50 ҳазор сол аст, ҳаросон ва ҳаммонанди мастҳо ҳастанд. Мондани онҳо дар дунё ҳаммонанди соате аст. Хуршед ба фосилаи як мил наздик мешавад. Мардум ба таносуби аъмолашон ғарқ ба арақ мешаванд. Дар он рӯз заифон ва мутакаббирон бо ҳамдигар баҳс ва ҷадал мекунанд. Инсони кофир бо дӯсташ шайтон ва аъзои баданаш баҳсу ҷадал мекунад. Гурӯҳе гурӯҳи дигарро лаън мекунад. Шахси золим аз шиддати пушаймонӣ дасти худро мегазад ва мегӯяд: ***“Эй кош, ман фалониро ба дӯстӣ намегирифтам”*** **(Ал Фурқон` 28).**

Ҷаҳаннам бо 70000 ресмон кашида мешавад ва ҳар ресмонро 70000 фаришта мекашад. Замоне ки кофир онро бибинад, орзу мекунад, ки худро фидо кунад (то аз азоби он раҳоӣ ёбад) ё ин ки табдил ба хок шавад. Аммо афроде, ки аз фармони Худо сарпечӣ карданд, иборатанд аз: Аз молҳои касе, ки закоташро намедод, табдил ба оташ мешавад, ки ба василаи он доғ карда мешаванд. Афроди мутакаббир дар ҳоле, ки монанди мӯрча ҳастанд, маҳшур мешаванд. Инсони ҳилагар, кинатуз ва ғосиб расво мешавад. Дузд ба ҳамроҳии он чи дуздида аст, оварда мешавад. Ҳақоиқ ва ниҳон бармало мешавад.

Аммо дар ин рӯз парҳезгорон бим ва хавфе надоранд, балки ин рӯз ҳаммонанди намози зӯҳр сипарӣ мешавад. *“Ҳароси бузург (рӯзи растохез) онҳоро ғамгин намесозад”* **(Ал Анбиё` 103)**

## Шафоати бузург, ки.

дар рӯзи маҳшар барои рафъи бало ва мусибат аз мардум ва расидагӣ ба ҳисоб аз миёни махлуқот махсуси Паёмбари мо (саллаллоху алайҳи ва саллам) аст. Шафоатҳои дигар дар ғайр аз рӯзи қиёмат як амри ом миёни паёмбарон ва дигарон ҳастанд. Ҳаммонанди шафоат барои берун овардани мӯъминоне, ки вориди оташ шудаанд, аз он ва боло бурдани дараҷоти мӯъминон.

## Ҳисоб.

Дар рӯзи қиёмат мардум дар дастаҳое дар хидмати Парвардигорашон мешитобанд. Худованд аъмолашонро ба онҳо нишон медиҳад ва аз онҳо дар бораи он аъмол суол мекунад. Ҳамчунин аз онҳо дар бораи умр, ҷавонӣ, амвол, илм, аҳду паймон, неъматҳо, чашму гӯш ва қалб суол мешавад. Кофир ва мунофиқ ба иллати тавбихи махлуқот ва иқомаи ҳуҷҷат бар онон дар баробари дидагони махлуқот муҳосиба мешаванд ва мардум, замин, рӯзҳо ва шабҳо, амвол, фариштагон ва аъзои бадан алайҳи онон шаҳодат медиҳанд, то аъмоли онҳо собит шавад ва ба он эътироф кунанд. Худованд бо шахси мӯъмин хилват мекунад ва ӯро водор ба иқрор ба гунохонаш мекунад, то ин ки мебинад, ки ӯ дар ҳоли ҳалок аст. Дар ин ҳангом ба ӯ мегӯяд: “Ман дар дунё гуноҳони тӯро пӯшонидам ва имрӯз Ман онҳоро мавриди афв қарор медиҳам”. Аввалин касоне, ки дар ҳисоби онҳо расидагӣ мешавад, уммати Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) ҳастанд. Аввалин амале, ки ба ҳисоби он расидагӣ мешавад, намоз ва хунҳо (куштаҳо) аст.

## Парвози номаҳои аъмол.

Сипас номаҳои аъмол ба парвоз дармеоянд. Онҳо номаҳоеро мегиранд, ки ***“Ҳеҷ аъмоли кӯчак ва бузургеро раҳо накарда аст ва ҳамаро баршуморида аст”*** **(Ал Каҳф` 49).** Фарди мӯъмин номаро ба дасти рост ва фарди кофир ва мунофиқ онро ба дасти чап ва аз пушти сар мегирад.

## Тарозу.

Сипас аъмоли мардум бо тарозуи ҳақиқӣ, ки ду кафа дорад, вазн (санҷида) мешавад, то Худованд дар асоси он аъмол ба онон подош диҳад. Аъмоли мувофиқи шарр ва холисона барои Худо боиси сангинии кафаи он мешавад. Аз аъмоле, ки муҷиби сангинии кафаи он мешавад: (Ло илоҳа илаллоҳ ...), ахлоқи нек, зикри Худованд бо ибороте монанди Алҳамдулиллоҳ, Субҳоналлоҳи биҳамдиҳи ва субҳоналлоҳилазим. Мардум дар асоси аъмоли нек ва бадашон мавриди доварӣ қарор мегиранд.

## Ҳавз.

Сипас мӯъминон вориди ҳавз мешаванд ва касе, ки аз он бинӯшад ҳаргиз ташна намешавад. Ҳар паёмбар як ҳавз дорад, ки ҳавзи Муҳаммад (саллаллоху алайҳи ва саллам) аз ҳамаи онҳо бузургтар аст. Оби он сафедтар аз шир, ширинтар аз асал ва хушбӯтар аз мушк аст. Зарфҳои тилло ва нуқра ба теъдоди ситорагон аст. Тӯли он аз Айла дар Урдун то Адан дар Яман бештар аст. Оби он аз наҳри Кавсар ҷорӣ аст.

## Озмоиши мӯъминон.

Дар поёни рӯзи қиёмат куффор ба дунболи худоёне, ки мепарастиданд, ба роҳ меафтанд. (Худоён) онҳоро ҳаммонанди рамаҳои чаҳорпоён бар рӯи пойҳояшон ё суратҳояшон ба сӯи оташ мебаранд ва ҷуз мунофиқон ва мӯъминон касе боқӣ намемонад. Худованд ба сӯи онон меояд ва мепурсад: Мунтазири чӣ чизе ҳастед? Онҳо мегӯянд: Мунтазири Парвардигорамон ҳастем. Худованд соқи худро ошкор мекунад ва мӯъминон Худои худро мешиносанд. Ба ҷуз мунофиқон ҳамагӣ ба саҷда меафтанд. Худованди таъоло мефармояд:***“Рӯзеро, ки***

*Худованд соқи худро бараҳна мекунад ва даъват ба суҷуд мешаванд, аммо наметавонанд суҷуд кунанд”* **(Ал Қалам` 42)** (соқе, ки ба ҷалол ва камоли Ӯ лоиқ аст ва ба ҳеҷ чиз шабоҳате надорад). Сипас ба дунболи Ӯ ба роҳ меафтанд. Сипас Худованд сиротро бар по мекунад ва ба мӯъминон нур ато мекунад ва нури мунофиқонро хомӯш мекунад.

## Сирот.

Он пуле аст, ки бар рӯи ҷаҳаннам кашида шудааст, то мӯъминон аз рӯи он ба сӯи биҳишт убур кунанд. Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) онро чунин тавсиф карда аст: “*Суст ва лағжанда аст. Дорои қалобҳо ва ҷангалҳое монанди хори саъдон … аз мӯй бориктар ва аз шамшер бурандатар аст*”. Ба ривоят аз «Саҳеҳ»қи Муслим: *Бар рӯи он ба мӯъминон ба андозаи аъмолашон нур дода мешавад. Бештарини он ба андозаи равшан кардани кӯҳҳо ва камтарин онҳо ҷиҳати равшан кардан то фосилаи ангушти шасти пои шахс аст.* Сипас ин нур роҳро барои онҳо равшан мекунад. Онон мутаносиб бо аъмолашон аз рӯи он убур мекунанд. Фарди мӯъмин дар як чашм ба ҳам задан монанди барқ, бод, паранда, беҳтарини аспҳо аз рӯи он убур мекунад. (Аз миёни мардум гурӯҳе бетардид наҷот меёбанд. Гурӯҳе зарба мебинанд ва овезон мешаванд ва гурӯҳе низ ба дохили ҷаҳаннам меафтанд). Аммо мунофиқон, ки ҳеҷ нуре надоранд, бармегарданд. Пас миёни онҳо ва мӯъминон деворе кашида мешавад. Сипас талош мекунанд аз рӯи пули сирот убур кунанд, аммо наметавонанд ва дар оташ фуру меафтанд.

## Оташ.

Аввал куффор, сипас мӯъминони саркаш ва туғёнгар ва дар поён мунофиқон ба дохили он фуру меафтанд. Ҷаҳаннам дорои 8 дар (дарвоза) аст. Оташи он 70 баробар аз оташи дунё сахтар аст. Бадани инсони кофир дар он бузург мешавад, то азоби бештареро бичашад. Фосилаи байни ду шонааш роҳи се рӯза ва дандонҳояш

монанди кӯҳи Уҳуд аст. Пӯсташ хашин ва дурушт мешавад. Нӯшидании онҳо оби доғе аст, ки рӯдаҳояшонро тикатика мекунад. Хӯроки онҳо меваи дарахти заққум, зардоба ва хуноба аст.., осонтарин азоби он иборат аст аз ин ки кафи пои гуноҳкорро рӯи ду тика ахгар мегузоранд. Шиддати гармои он ба ҳаде аст, ки мағзи ӯ ба ҷӯш меояд, умқи он ба ҳаде аст, ки агар навзоде дар он андохта шавад, қабл аз он ки ба қаъри он бирасад, 70 сола мешавад. Маводи сӯхтании он куффор ва сангҳо ҳастанд. Ҳавои он боди гарм ва сӯзони (самум) ва сояи он бисёр доғ (яҳмум) аст. Ҳама чизро фуру мебарад ва ҳеҷ чизро боқӣ намегузорад. Пӯстҳоро месӯзонад ва ба устухон мерасад ва бар қалбҳо чира мешавад ва афродро ба сутӯҳ ва шукӯҳ водор месозад, аз 1000 нафар 999 нафар вориди он мешаванд. Пӯшиши он аз оташ аст. Намунаҳое аз азоби он иборатанд аз варами пӯсти бадан, зуб кардан, сӯзондан, кашидан ва куштан аст.

## Қантара (пул).

Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) фармуд: Мӯъминон аз оташи ҷаҳаннам раҳоӣ меёбанд ва дар пуле (фосилае) байни биҳишт ва ҷаҳаннам нигоҳ дошта мешаванд ва ба хотири баъзе аз зулмҳое, ки дар дунё кардаанд, танбеҳ ва муохаза мешаванд, то ин ки пок ва муҳазаб шаванд. Дар ин ҳангом ба онҳо иҷозаи ворид ба биҳишт дода мешавад. Қасам ба касе, ки ҷони Муҳаммад (саллаллоху алайҳи ва саллам) дар дасти Ӯст, ҳар кадоме аз онҳо манзили худашонро дар биҳишт осонтар аз он чи дар дунё ба сӯи манозилашон мерафтанд, пайдо мекунанд. (Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят карда аст).

## Биҳишт.

ҷойгоҳи мӯъминон аст. Сохтмони он аз тиллову нуқра ва малоти он аз мушк аст. Шан ва реги он аз ёқут ва марворид ва хоки он аз заъфарон аст. Ҳафт дарвоза дорад, ки арзи ҳар дар масири се рӯза роҳи пиёдагард

аст, аммо ин дарҳо пур аз ҷамъият ҳастанд. Дар он сад дарича вуҷуд дорад, ки фарқи байни онҳо мисли фарқи замину осмон аст. Болотарин ва беҳтарин қисмати Фирдавс аст, ки наҳрҳои биҳишт аз он сарчашма мегиранд. Сақфи он Арши Парвардигор аст. Ҷӯйҳои он бидуни шикоф ҷорӣ мешаванд. Фарди мӯъмин ҳар тавре, ки хоҳад, онҳоро ба ҷараён меоварад. Ҷӯйҳои он аз асал, шир, шароб ва об пур ҳастанд. Хӯрданиҳои он ҳамешагӣ, наздик ва дастрасанд. Дар он замимае сохта шуда аст аз марворид, ки паҳнои он шаст мил аст. Дар ҳар гӯшае аз он хонаводае вуҷуд дорад. Сокинони он бемӯ, дорои чашмони сурмакашида ҳастанд. Ҷавонии онон заволнопазир аст. Либосҳои онон низ ҳаргиз нобуд ва хароб намешавад. Дар он идрор (пешоб), мадфуъ (ахлот) ва ҳеҷ ифлосие нест. Шонаҳои мӯи онон аз ҷинси тилло аст. Арақи онҳо мушк аст. Занҳои онон зеборӯ, бокира, дорои аслу насаб ва ҳамсон ҳастанд. Аввалин касе, ки вориди он мешавад Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) ва паёмбарони дигаранд. Ҳадди аққали мартаба он аст, ки шахс дархости чизеро кунад, дар муқобил ба ӯ даҳ баробари дархосташ бидиҳанд. Ходимони биҳишт навҷавонони ҷовидона мисли марвориди пароканда ҳастанд. Бузургтарин неъматҳои он иборатанд аз руъяти Худованд, ризоияти Ӯ ва ҷовидонагӣ.

# Чигунагии таҳорат кардан



**Намоз бе таҳорат ҷоиз намешавад, пас бояд бо оби тоза вузу (таҳорат) баҷо биорад.**
**Мулоҳиза:** Оби андак бо наҷосат омехта шавад (ҳарчанд ранг ва бӯи он тағир наёбад) наҷас мегардад. Оби бисёр зиёд наҷосат намешавад магар ин ки ранг, бӯй ё мазаи он дар асари наҷосат тағир ёбад. Оберо ки беш аз қуллатайн (яъне 210 литр) бошад, онро оби касир мегӯянд.



**1. 1. Бисмиллоҳ гуфтан дар ибтидои вузӯ;**
**2.Се бор шустани дастҳо то банди даст.**
**Мулоҳиза:** аз се бор зиёд шустани узвҳои таҳорат макрӯҳ аст.



**2. Се бор шустани даҳон бо ҳаракат додани об дар дохили даҳон (мазмаза) ва як бор шустан воҷиб аст. Аммо мисвок намудани дандонҳо ҳангоми шустани даҳон суннат аст.**



**3. Се бор кашидани об ба дохили бинӣ ва шустани он (истиншоқ) ва берун карданаш бо нафас на бо даст ва як бор шустанаш воҷиб аст.**



**4.** Шустани рӯй аз ҷои дамидани мӯи сар то охири манаҳ ва аз нармии гӯши рост то нармии гӯши чап, ки албатта мазмаза (об дар даҳон кардан) ва истиншоқ (об дар бинӣ кардан) низ ҷузви он маҳсуб мешавад ва агар инсони ришдор бошад болои риш ва зери онро хилол намудан.
***Мулоҳиза:*** шустанаш як бор воҷиб аст ва себор суннат аст.



**5. Шустани ду даст аз сари ангуштон то оринҷ ва мустаҳаб аст, ки дасти ростро пеш аз дасти чап бишӯяд.**
***Мулоҳиза:*** шустанаш як бор воҷиб аст ва себор суннат аст.



**6. Масҳи чаҳоряки сар як бор.**

**7. Шустани пойҳо ҳамроҳи каъбайн (буҷулакҳо)**
***Мулоҳиза:*** шустанаш як бор воҷиб



**Огоҳӣ:** 1); Аъзоҳои вузу (таҳорат) чаҳорто мебошанд; **А)** Мазмазаву истиншоқ ва шустани рӯй. **Б)** шустани ду даст. **В)** Масҳ кашидан бар сару гушҳо. **Г)** Шустани пойҳо бо буҷулак. Пай дар пай шустани ин аъзоҳо воҷиб аст.
**2)** Шустани ин аъзоҳо бояд дар як вақт бошад, агар аъзоеро бишӯяду дигарашро тарк кунад то ин ки хушк гардад таҳоратро ботил мегардонад.
**3)** Суннат аст, ки баъди таҳорат бигӯяд; ***Ашҳаду аллоилоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарикалаҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу.***

# НАМОЗ



1. Барои намоз хондан рӯй ба қибла намуда *Аллоҳу акбар* (такбири таҳрима)-ро мегӯем. Имом ин такбир ва соири такбироти намозро барои мутаваҷҷеҳ кардани муқтадиҳои худ баланд мегӯяд, вале муқтадиҳо тамоми такбиротро бояд оҳиста бигӯянд. Сипас дастҳои худро ҳангоми гуфтани такбири таҳрима боло мебарем ва ба нармии гӯш мерасонем



2. Баъдӣ такбири таҳрима дастҳоро фуруд оварда, бо дасти рости худ дасти чапро гирифта онҳоро зери ноф қарор медиҳем. Дар ин бахш аз намоз нигоҳи худро ба саҷдагоҳи хеш назар мекунем. Баъд ба хондани дуъоҳои маъсур (суннат) мисли "*Субҳонакаллоҳумма ва би ҳамдика ва таборака-смука ва таъоло ҷаддука ва ло илоҳа ғайрук*" мепардозем ва онгоҳ "*Аъузу биллоҳи мина-ш-шайтони-р-раҷим*. *Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим*"-ро мехонем (мавориди мазкур набояд баланд хонда шавад) баъд сураи «Фотиҳа»-ро мехонем. Мустаҳаб аст, ки муқтадӣ азпаси имом истода сураи фотиҳаро дар ҷойҳое, ки имом аз қироат сокит мешавад (вақф мекунад), бихонад. Ин дар сурате аст, ки намози ҷаҳрӣ бошад. Аммо дар намозҳои сиррӣ, ки қироат хуфия (пинҳонӣ) сурат мегирад воҷиб аст, ки муқтадӣ сураи ҳамдро бихонад. Пас аз сураи фотиҳа як сура ва ё се оят қироат мекунем. Имом дар намозҳои субҳ, шом ва ишо қироатро ҷаҳрӣ (баланд ва ошкоро) мехонад ва дар ду намози дигар қироатро хуфия ва оҳиста мехонад.



3. Баъд такбир мегӯем ва ба рукӯъ меравем, баъд дастҳоро бо ангуштони боз бар зону гузошта, пушти худ ва сарро соф ва бидуни каҷ қарор медиҳем. Сипас "*Субҳона раббия-л-азим*"-ро се мартаба мехонем.



4. Сипас бо хондани "*Самиъаллоҳу ли ман ҳамидаҳ*" сарро аз рукӯъ баланд мекунем. Вақте комилан рост истода шудем "*Раббано лака-л-ҳамд*»" мехонем.



5. Баъд такбир гуфта, ба саҷда меравем. Дар натиҷа бозуҳои худро аз ду паҳлӯ ва шиками худро аз ду рони худ дур нигоҳ медорем ва дастҳои худро дар баробари ду шонаи худ қарор медиҳем. Бояд чунон саҷда кунем, ки ангуштҳои пойҳо ва ҳар ду дасти инсон ба ҷиҳати қибла шуда бошанд. Дар саҷда "*Субҳона раббиял аъло*"ро се маротиба мехонем.



**6. Сипас такбиргӯён аз саҷда баланд мешавем ва пойи чапро фарш намуда, бар он менишинем ва пойи ростро қоим (истода) мекунем, ба гунае, ки ангуштони он ба самти қибла бошад.**
**Баъд такбир гуфта, саҷдаи дувумро монанди саҷдаи аввал анҷом медиҳем Баъд аз он бо синаи пойҳо аз ҷо баланд мешавем ва ракъати дуввумро оғоз мекунем. Ракаати дувум ҳам мисли ракаати аввал аст ва дар он сано ва Аъузу биллоҳ хонда намешавад.**



**7. Пас аз хондани ракъати дувум ва ба саҷда рафтан пойҳоро фарш гардонида барои хондани ташаҳҳуд менишинем ва дасти ростро бар рони рост ва дасти чапро бар рони чап ба тарафи қибла гузошта, ташаҳҳуд мехонем: “*Ат-таҳиёту лиллоҳи ва-с-саловоту ва-т-таййибот, ас-салому алайка айюҳа-н-набийю ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳ, ас-салому алайно ва ало ибодиллоҳи солиҳин, ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳ*”.**
Баъд дар ракъатҳои севум ва чаҳорум низ такбиргӯён бармехезем ва намозро идома медиҳем. Дар ду ракъати поён қироати ҷаҳрӣ хонда намешавад ва фақат ҳам сураи ҳамд қироат мегардад.




**8. Сипас барои хондани ташаҳҳуди ахир бар замин нишаста пойи чапро фарш мегардонем ва пойи ростро истода (қоим) мекунем. Лозим ба зикр аст, ду қаъдаи ахири ҳар намоз бояд ба гунае биншинем, ки сурин бар рӯи замин қарор гирад.**
**Баъд аз нишастан ташаҳҳуди улоро мехонем ва сипас ба хондани дуруд мепардозем. Наси ин дуруд чунин аст: «*Аллоҳумма салли ало Муҳаммадив ва ало оли Муҳаммад, камо саллайта ало Иброҳима ва ало оли Иброҳима иннака ҳамидум маҷид. Аллоҳумма борик ало Муҳаммадив ва ало оли Муҳаммад, камо боракта ало Иброҳима ва ало оли Иброҳима иннака ҳамидум маҷид*» ва суннат аст, ки дар идома бигӯяд: «*Аъузу биллоҳи мин азоби-н-нори ва азоби-л-қабри ва фитнати-л-маҳёи ва-л-мамоти ва фитнати-л-масиҳи-д-даҷҷол*»**



9. Баъд аз ин дуъо ба ду тараф - росту чап салом медиҳем ва ибороти “*Ас-салому алайкум ва раҳматуллоҳ*”-ро ҳар бор мехонем. Дар поён суннат аст, ки дуъои маъсурро бихонем

# Муқтазои илм амал кардан аст

(Илми беамалро Худованду паёмбару муъминон баду мазмум гуфтаанд, Худованд мефармояд: "*Эй касоне, ки имон овардаед! чаро суханоне мегӯед, ки иҷро намекунед? Худованд сахт ба хашм меояд, ки чизе бигӯеду ба ҷой наёваред*".

Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) мегуяд: Илме ки ба он амал намешавад, ҳамонанди ганҷе аст, ки дар роҳи Худо инфоқ намешавад.

Фузайл (раҳматуллоҳи алайҳ) мегуяд: Олим ҳамчунон ҷоҳил мемонад, то замоне ки ба он чи ки таълим гирифтааст, амал намояд.

Молик ибни Динор (раҳматуллоҳи алайҳ) мегуяд: Фардеро мебинӣ, ки дар сухан гуфтан ҳеҷ хатое надорад, аммо дар амалаш ҳама хато ва иштибоҳ аст.

## Бародар ва хоҳари мусалмон;

Худованд барои шумо хондани ин китоби судманду фоиданокро осон гардонад, ва натиҷаву самараи хондани онро ки амал ба он чи ки дар ин китоб омадааст, мебошад, барои шумо муяссар гардонад.

Дар ин китоб миқдоре аз сураҳои Қуръони карим ва тарҷумаи маъноҳои он барои шумо оварда шудааст. Пас дар амал кардан ба онҷи аз маъонии ин оятҳо ёд гирифтед, кӯшишманд бошед. Чунки ёрони Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) вақте аз Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) талаб мекарданд, ки ба онҳо даҳ оят таълим бидиҳад то замоне ки ба он даҳ оят амал намекарданд аз ӯ дархост намекарданд, ки боз ба онҳо даҳ ояти дигар таълим бидиҳад, то ин ки илм ва амали он даҳ оятро дарк намоянд.

Ва мегуфтанд; "Мо илм ва амалро ёд гирифтем" , ҳамчунин шариъат низ аз мо чунин корро тақозо дорад.

Ибни Аббос дар тафсири ин оят; Мегуяд; " Онро чуноне ки шойстаи он аст, мехонанд", Фузайл (раҳматуллоҳи алайҳ) мегуяд; Қуръон фақат барои амал кардан нозил шудааст, Дар ҳоле ки мардум хондани онро амал медонанд.

Ҳамчунин дар ин китоб миқдоре аз суннатҳои Паёмбар

(саллаллоху алайҳи ва саллам) зикр шудааст; пас бархез, суханони Паёмбаратро қабул куну ба он амал кун.

Некӯкорони гузаштаи ин уммат чизеро таълим намегирифтанд, магар ин ки дар амал кардану татбиқаш ва даъват ба суяш пешқадамӣ мекарданд. Чуноне ки Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд; *"Ҳаргоҳ ки шуморо ба чизе амр мекунам, то ҳади имкон ва тавоноиятон онро иҷро намоед ва агар шуморо аз чизе наҳӣ (манъ) кардам пас аз анҷоми он бозистед ва дурӣ биҷӯед"* (Бухорӣ ва Муслим).

Ва Худованд мефармояд; ***"Пас ононе ки фармони ӯро (Паёмбарро) мухолифат мекунанд,бояд битарсанд аз он фитнае, ки доманашонро бигирад, ё азоби дардноке ба онҳо бирасад."***

## Ва яке аз ин намунаҳо;

Аз модари муъминон Умми Ҳабиба (разияллоҳу анҳо) ривоят аст ки; "Ҳар кас ки дар як шабонарӯз дувоздаҳ ракаъат намоз ба ҷо биёрад, подошаш ин аст, ки барояш дар биҳишт хонае сохта мешавад". Умми Ҳабиба (разияллоҳу анҳо) мегуяд; аз замоне ки ин суханро аз Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) шунидам ҳаргиз онро тарк накардам.

Ибни Умар (разияллоҳу анҳумо) ҳадисеро ривоят мекунад ки дар он чунин омадааст" ***Барои ҳеҷ мусалмоне шойиста нест, ки агар чизе барои васият кардан дошта бошад, ду шаб бигузараду васияташ дар зери сараш набошад "***.(Ривояти Муслим) Сипас ибни Умар гуфт; Аз рузе ки ин суханро аз Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) шунидам доимо васиятам ҳамроҳам буд.

Имом Аҳмад (раҳматуллоҳи алайҳ) мегуяд; "Ҳар ҳадисеро ки навиштам ба он амал кардам ҳатто он дадисеро ки шунидам Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) Ҳиҷомат (хунгирӣ) кард ва ба Аботиб як динор дод, ман ҳам ҳангоме ки ҳиҷомат кардам ба шахсе ки ин корро бароям анҷом дод, як динор додам.

Имом Бухорӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) мегуяд; аз замоне ки шунидам ғайбат кардан ҳаром аст, ҳаргиз ғайбат накардам ва ман умедворам, ки дар ҳоле бо Парвардигорам рӯбару шавам ки манро барои ғайбат сарзанишу муҳосаба накунад.

Дар ҳадисе омада аст ки; “ Касе ки баъд аз ҳар намоз Оятул курсиро бихонад, то замони марг уро чизи дигаре аз дохил шудан дар биҳишт манъ намекунад” (Байҳақи Сунани Кубро).

Ибни Қаййм мегуяд; шунидам ки Шайхул ислом гуфт; Хондани Оятул курсиро баъд аз ҳар намоз тарк накардам магар ин ки агар фаромуш карда бошам.

Баъд аз илму амал бояд мардумро ба суй ончи ки Худованд бароятон арзони доштааст даъват кард, ва набояд худро аз аҷру савоб ва дигаронро аз неки ва хайр маҳрум намой. Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд; “Ҳар ки ба сӯи хайру некие даъват ё раҳнамоӣ кунад аҷру савоби ӯ ҳамонанди аҷру савоби анҷом диҳандаи он кори хайр аст” (Муслим). Ин чунин мефармояд; “Беҳтарини шумо касе аст ки Қуръонро таълим бигирад ва ба дигарон таълим бидиҳад” (Бухорӣ)

Ва инчунин боз мефармояд; “Бирасонед аз ман (ба дигарон) агар чӣ як оят ҳам бошад” (Бухорӣ ва Муслим)
Ва бо афзоишу интишор кардани хайру некӣ аҷру савоби шумо низ бештар мешавад ва некиҳое, ки дар дунё анҷом медиҳед, савобашон баъд аз вафотатон бо истимрор давом хоҳад ёфт. Паёмбар (саллаллоху алайҳи ва саллам) мефармояд; “Ҳаргоҳ инсон аз дунё бигузарад амалҳояш бурида мешавад, магар се чиз; Садақаи ҷория, илми нофеъ (манфиъатдор), ки манфиъаташ ба дигарон бирасад ва фарзанди солеҳе, ки барояш дуо кунад” (Муслим).

Равшанӣ; Ҳар руз беш аз ҳафтдаҳ бор сураи Фотиҳаро мехонем ва дар он аз шарру бадии касоне ки гирифтори хашму ғазаби Худованд шудаанд ва аз гумроҳон (ба Худо) паноҳ мебарем, зеро ки амал кардан монанди онҳо боиси хашму ғазаби Худованд мешавем. Пас касе донист ва ба он амал накард, мушобиҳат ба яҳудиён кард ва касе ки надонист ва амалеро анҷом дод, мушобиҳат ба насрониҳо кард.

Аз Худованд мехоҳем ки барои мо ва шумо илми судманду нофеъ ва амали солеҳ ато фармояд.

**Ҳаққи чопи ин китоб ё ягон ҷузъаш ҳаққи ҳар як мусалмон мебошад, ба шарте, ки дар он чизеро тағйир надиҳад.**